ДОНИШГОҲИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

МАКТАБИ ОЛИИ РУШД

Барномаи «Инсоншиносӣ»-и Оғохон

# МУҚАДДИМАИ ИНСОНШИНОСӢ



ДОНИШГОҲИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

# МУҚАДДИМАИ ИНСОНШИНОСӢ

Барномаи «Инсоншиносӣ»-и Оғохон

Бишкек, Душанбе, Алмато

2023

УДК
ББК
М

Кешавҷӣ Рафиқ *Антропология (ИМА)*
Алибой Шероз *Меъморӣ (ИМА)*
Абдуллоев Камол *Таърих (Тоҷикистон)*
Авербуш Брайн *Забон ва тамаддунҳои Шарқи Наздик (ИМА)*
Алимардонов Амрияздон *Шарқшиносӣ (ИМА)*
Алимбоев Абдураҳмон *Адабиёт (Қирғизистон)*
Аҳтамова Мунира *Филология (Тоҷикистон)*
Аюпов Нурмагамбет *Фалсафа (Қазоқистон)*
Бекер Норма Ҷо *Илмҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ (ИМА)*
Бекзода Комил *Фалсафа (Тоҷикистон)*
Билялова Гулмира *Фалсафа, дин (Қазоқистон)*
Биман Виллиам *Антропология (ИМА)*
Ваташоев Олимшо *Таҳсилоти байналмилалӣ ва рушд (Тоҷикистон)*
Гиёев Қурбон *Илмҳои ҷамъиятӣ (Тоҷикистон)*
Ҷонбобоев Сунатулло *Фалсафа (Тоҷикистон)*
Ҷӯраев Абдураҳим *Фарҳангшиносӣ (Тоҷикистон)*
Диноршоев Мӯсо *Мушовир, фалсафа (Тоҷикистон)*
Доолбекова Жилдиз *Сиёсатшиносӣ (Қирғизистон)*
Зиёев Хуршед *Таърихи фалсафа (Тоҷикистон)*
Иваненко Виктория *Омӯзгори забони англисӣ (Тоҷикистон)*
Идиев Хайриддин *Илмҳои ҷамъиятӣ (Тоҷикистон)*
Имомов Шарофиддин *Таърих ва муносибатҳои байналмилалӣ (Тоҷикистон)*
Кармалӣ Сакина *Этика (Британияи Кабир)*
Киш Аннамария *Антропологияи иҷтимоӣ (Маҷористон)*
Қурбонхонов Обидхон *Ҷамъиятшиносиї (Тоҷикистон)*
Лоди Ясмин *Фалсафаи сиёсӣ (Ҳиндустон)*
Мамадамбарова Шарофат *Адабиёт ва арзёбӣ (Тоҷикистон)*
Махкамова Светлана *Адабаиёт (Тоҷикистон)*
Маҳмадҷонова Фирӯза *Фалсафа (Тоҷикистон)*
Маҳмадходжаев Аҳмадҷон *Фалсафа (Тоҷикистон)*
Межуев Вадим *Мушовир, Фалсафаи фарҳанг (Россия)*
Миршакар Акмал *Санъат – рассомӣ (Тоҷикистон)*
Музаффар Муҳаммад Алӣ *Антропология ва психология (Тоҷикистон)*
Муҳаматқулов Акрам *Улуми сиёсӣ (Ӯзбекистон)*
Наботов Зайниддин *Илоҳиёт (Тоҷикистон)*
Назариев Рамазон *Таърихи фалсафа (Тоҷикистон)*
О'Коннел Джон *Мусиқишиносӣ (Великобритания)*
Олимов Кароматулло *Анъанаҳои фалсафии Шарқ (Тоҷикистон)*
Паринова Олга *Филология (Тоҷикистон)*
Пауел Шарон *Таҳсилоти байналмилалӣ (ИМА)*
Пӯлодова Лола *Санъат – мусиқӣ (Тоҷикистон)*
Раҳимов Муҳсин *Фалсафа ва психология (Тоҷикистон)*
Раҳимов Саъдулло *Киношиносӣ (Тоҷикистон)*
Рӯзадоров Муҳаббатшо *Ҷамъиятшиносӣ (Тоҷикистон)*
Саъдуллоев Мадисо *Фалсафа (Тоҷикистон)*
Содатсайров Эраҷ *Улуми сиёсӣ (Тоҷикистон)*
Спектор Александра *Филология (Тоҷикистон)*
Степанянс Мариэтта *Мушовир, Анъанахои фалсафии Шарқ (Россия)*
Сулаймонов Жоомарт *Фалсафа ва экология (Қирғизистон)*
Тоҷиматов Санҷарбек *Этнология ва этнография (Қирғизистон)*
Томсон Чад *Улуми ҷамъиятӣ ва сиёсӣ (Канада)*
Турсунзода Фирӯза *Эстетика (Тоҷикистон)*
Файзуллоева Моҳира *Улуми сиёсӣ (Тоҷикистон)*
Халилов Мердан *Иқтисод ва тиҷорат (Туркманистон)*
Ҳамон Макс *Таърих (Канада)*
Ҳафизова Наталя *Улуми сиёсӣ (Тоҷикистон)*
Ҳилолӣ Абдул Муҳаммад *муаррих, шарқшинос (Тоҷикистон)*
Ҳолл Майкл *Исломшиносӣ (ИМА)*
Шамолов Абдувоҳид *Фалсафа (Тоҷикистон)*
Шарипов Меҳмоншо *Исломшиносӣ (Тоҷикистон)*
Шозимов Пӯлод *Улуми ҷамъиятӣ (Тоҷикистон)*
Шоисматуллоев Шоназар *Ҷамъиятшиносӣ (Тоҷикистон)*
Элбоев Ҳамза *Фарҳангшиносӣ (Тоҷикистон)*
Раҳимова Самира *Ҳуқуқҳои инсон (Тоҷикистон)*
Душанбиева Мавҷигул *Антропология ва фарҳанг (Тоҷикистон)*
Алифбекова Маърифат *Маориф (Тоҷикистон)*
Калонов Аҷамшо *Улуми сиёсӣ (Тоҷикистон)*
Ибодов Маҳмадулло *Фалсафа (Тоҷикистон)*

*Тасвири муқова: «Наврӯз» (рассом Раҳим Сафаров)*
*Тарроҳо: Айгул Алдашева*
*Тарҷумаи Барномаи Инсоншиносии Оғохон*

*Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дар нашри китоби дарсӣ барои ғояҳо масъулиятро ба уҳда намегирад, масъулияти ғояҳо ба дӯши муаллифон аст.*

*Бознашр ва интиқоли ҳама гуна маводи чопшуда тавассути системаи автоматии ҷустуҷӯи иттилоотӣ ё бо роҳи дигар, бидуни иҷозати соҳиби ҳуқуқи нашр, манъ аст.*

ISBN

© UCA-AKHP

# МУНДАРИҶА


Пешгуфтор ........ 3
Муқаддима ........ 7

БОБИ I
4 **ХУДШИНОСӢ: МАФҲУМИ ТАФОВУТ ВА ИДРОК ........ 11**

**Кейс-стади**
Фланнери О’Коннор. Одамони хуби деҳотӣ ........ 13

**Рушди малакаи тафаккури интиқодӣ**
Эҷоди харитаҳои консептуалӣ ........ 31

**Масал**
Ҷалолуддини Румӣ. Баҳс дар бораи фил ........ 33

**Матнҳо**
Амин Маалуф. Саёҳати Балтасар ........ 35
Халида Адиб Адивар. Туркия Ғарбро пешвоз мегирад ........ 39
Вирҷиния Вулф. Ҳуҷраи худ ........ 45
Маша Гессен. Бибии ман сензор ........ 51
Тимур Зулфиқоров. Китоби ваҳйи (рози) Умари Хайём ........ 57
Саволҳо барои таҳлил ........ 62

БОБИ II
**ФАҲМИШИ «ДИГАРОН» АЗ НУҚТАИ НАЗАРИ ФАРҲАНГ, СИЁСАТ ВА ҶИНС ........ 63**

**Кейс-стади**
Филми Владимир Мотил «Офтоби сафеди биёбон» ........ 65

**Арзёбии мундариҷаи матн**
Арзёбии муҳтавои филми Мотил ........ 66

**Масал**
Ҷалолуддини Румӣ. Дар бораи ангур ........ 68

**Матнҳо**
Эдвард Саид. Ориентализм ........ 71
Лео Африканус. Тасвири Тимбукту аз «Тасвирҳои африқо» (1526) ........ 77
Усома ибн Мунқиз. Тарҷумаи ҳол (иқтибосҳо дар бораи франкҳо) ........ 81
Редярд Киплинг. Бори сангини марди сафед ........ 85
Княз Горчаков. Экспансияи империяи Русия ........ 87
Жусуп Баласағун. Дониши бофарҳа ........ 91
Олжас Сулаймонов. Бо чӣ дилро хурсанд бояд кард? (1962) ........ 97
Президент Носир. Маҳкум намудани пешниҳод оид ба ассосатсияи истифодабарандагони канал ........ 101
Иван Клима. Дар бораи Амрико мо чӣ фикр дорем ........ 105
Мурод Калом. Он ҷо ........ 109
Саволҳо барои таҳлил ........ 113

БОБИ III
**ТАФСИРИ МАТНҲО ..... 115**

**Кейс-стади**
Муҳаммад Аркун. Исломи муосир: дар рӯёрӯи суннатҳои хеша ..... 117

**Рушди малакаи тафаккури интиқодӣ**
Хониши интиқодӣ ..... 127
Тафаккури интиқодӣ ..... 128

**Матнҳо**
Мартин Лютер. Пешгуфтор ба осори лотинӣ ..... 131
Михаил Бакунин. Озодӣ, марксизм ва давлатдорӣ ..... 137
Шӯрои умумии калисои Ватикан қарор дар бораи маъсумияти Папа ..... 141
Владимир Илич Ленин. Чӣ бояд кард? ..... 145
Абдулло Бубӣ. Оё замони иҷтиҳод гузаштааст? ..... 149
Азим Нанҷӣ. Қонунҳои илоҳӣ / ваҳйи илоҳӣ: асоси ахлоқ дар суннатҳои ғарбӣ: назари мусалмонӣ ..... 153
Саволҳо барои таҳлил ..... 162

БОБИ IV
**ТАФСИРИ ФАЗО ..... 163**

**Кейс-стади**
Рӯнамоии «Саҳнҳои империя» ..... 165

**Рушди малакаи интиқодӣ**
Тавсеа ва созмондиҳии ғояҳо ..... 167

**Матнҳо**
Чарлз Корреа. Сохтмони манзилҳои шаҳрӣ дар кишварҳои ҷаҳони сеюм: нақши меъмор ..... 169
Ҷон Ф.Ч. Тернер. Таъмини манзил: бахше аз он дар раванди дигари пешрафт ..... 173
Ле Корбюзе. Ба сӯи меъмории нав ..... 195
Билл Брайсон. Ёдоштҳо аз ҷазираи хурд ..... 199
Азиз Несин. Бомбаи нейтронӣ тамаддунро наҷот медиҳад ..... 203
Марта Колбурн. Манзили кӯчиёни афғон ..... 205
Ҷейсон Ф. Макленнан. Маҳсулнокӣ ва некуаҳволӣ ..... 207
Саволҳо барои таҳлил ..... 218

БОБИ V
**ТАФСИРИ ФАЗОИ ҶАМЪИЯТӢ ..... 219**

**Кейс-стади**
Славенка Дракулич. Дар бораи сифати ранги деворҳо дар Аврупои Шарқӣ ..... 221

**Рушди малакаи тафаккури интиқодӣ**
Рушди малакаи тафаккури ..... 229

**Матнҳо**
Анри Лефевр. Истеҳсоли фазо ..... 231
Арасту. Сиёсат ..... 235
Халили Иналчик. Империяи усмонӣ: асри классикӣ ..... 237
Орхан Памук. Номи ман Сурх ..... 241
Алексис де Токвил. Демократия дар Амрико ..... 243
Филипп Мансел. Константинопол ..... 247
Ҷорҷ Оруэлл. 1984 ..... 251
Саволҳо барои таҳлил: ..... 254

БОБИ VI

**ТАФСИРИ ТАЪРИХ ............ 255**

**Кейс-стади**
Азиз Исмоил. Чаро маҳз таърих? ............ 257
Жан-Жак Руссо. Мулоҳизаҳо оид ба илм ва санъат ............ 267

**Рушди малакаи интиқодӣ**
Таҳияи эссеи асоснок ............ 289
Машқ оид ба таҳияи тезис ............ 291
Плагиат ............ 295

**Матнҳо**
Боэтсий. Тасаллои фалсафа (порча) ............ 299
Огюст Конт. Шарҳи умумии позитивизм ............ 303
Чолпан. Доктор Муҳаммадёр ............ 307
Томас Элиот. Мардуми холо ............ 317
Саволҳо барои муҳокима ............ 319

**МИННАТДОРӢ АЗ ИСТИФОДАИ АКСУ РАСМҲО ............ 320**

# МУҚАДДИМА



**Банӣ-одам аъзои якдигаранд,**
**Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.**
**Чу узве ба дард оварад рӯзгор,**
**Дигар узвҳоро намонад қарор.**
**Ту, к-аз меҳнати дигарон беғамӣ,**
**Нашояд, ки номат ниҳанд одамӣ!**

*Саъдии Шерозӣ[1] «Гулистон»*

Омӯзиши худ ва дигарон ончунон табиӣ аст, ки мисли зарурати нафаскашӣ. Кӯшишҳои мо барои шинохти худ, дигарон ва инсоният давоми қарнҳо мавриди таваҷҷуҳи на танҳо мутафаккирони бузург, балки одамони одӣ низ қарор дошт. Ин кӯшишҳо дар шакл ва мавзӯъҳои аҷиби худ "Илми инсоншиносӣ" номида мешаванд. «Инсоншиносӣ» як фанни махсус не, балки бисёр фанҳо: фалсафа ва кино,омӯзиши илм, дин, ҷомеа, адабиёт ва эҷодиёт, таърих ва фарҳангро дар бар мегирад. Рӯйхати пешниҳодшудаи ин фанҳо чандин маротиба дарозтар аст ва ба бениҳоят гуногунии самтҳо ва фаъолиятҳое дахл дорад, ки моро инсон месозанд.

Бешубҳа, шумо дар ҳайрат хоҳед монд, чун вақти хондан мебинед, ки он шубҳаҳо ва саволҳое, ки борҳо дар фикратон ба вуҷуд омада буданд, дар матн инъикос ёфтаанд. Ин шуморо бояд мутмаин созад, вақте ки аз ҳар гуна шакку саволҳо, мубоҳисаҳо ва, ҳатто, ихтилофот дар худ ва бо атрофиён хавотир ҳастед, он гоҳ шуморо ритми анъанаи шарифи илми инсоншиносӣ фаро мегирад. Инчунин, ин маънои онро дорад, ки бисёре аз шубҳаҳо ва саволҳои шумо танҳо аз они шумо нестанд, балки бешубҳа "башарӣ"-анд. Ҳатто, вақте ки таҷрибаи ҳамарӯза шуморо ногузир ба хулосаҳои муайян дар бораи ҳаёт, ҷомеа ё фарҳанг оварда мерасонад, шумо, инчунин, ба дарки инсоншиносӣ таваҷҷуҳ доред.

Минбаъд дар роҳи шинохти ҷиддӣ ва муназзами афкор, дар ҷодаи шак ва тафаккур қарор доштан, бешубҳа, ба омӯзиши инсоншиносӣ машғул мешавед. Бо дарназардошти ин, мо шумо ва дигаронро даъват менамоем, ки ба гузашта ва оянда назар андозед ва тавассути сайри матни «Муқаддимаи инсоншиносӣ» ба шуғли беназири инсонӣ рӯй оред. Як китоб наметавонад шуморо бо ҳама мавзӯъҳо ва саволҳои имконпазир, ки дар доираи ин категорияи васеи илми инсоншиносӣ ҷойгиранд, шинос кунад. Аммо мо умедворем, ки маводи дар саҳифаҳои китоб манзуршуда шуморо ба омӯхтани ғояҳои худ такон медиҳад ва шуморо ташвиқ мекунад, ки ин таҳқиқотро берун аз синф идома диҳед.

Китоб аз шаш боб иборат аст. Ҳар як боб бо "омӯзиши мисоли алоҳида" оғоз ёфта – очерк, филм, ҳикоя ё муаррифии слайдҳо – пас аз он як силсила ёддошт ё матнҳои кӯтоҳ меоянд. Матнҳо тамоми гуногунрангии нуқтаи назари имконпазирро оид ба мавзӯи асосии боб ифода мекунанд. Матнҳо аз анъанаҳои фарҳангие, ки Осиёи Марказӣ аз ҷумла, адибони аврупоӣ, исломӣ, коммунистӣ ва пасокоммунистиро ташаккул додаанд, интихоб шудаанд. Аммо як чизи умумие, ки шумо метавонед кашф кунед, он аст, ки "анъанаҳо" шояд он қадар одӣ набошанд, ки мо баъзан фикр мекунем. Дар байни ҳар кадоми онҳо шумо мавҷудияти дурнамои гуногунро хоҳед

[1] Саъдии Шерозӣ шоири асри 13, мутафаккир, намояндаи тасаввуф, яке аз бузургтарин чеҳраҳои адабиёти классикии тоҷик мебошад. Ҷавҳари аслии эҷодиёти ӯ тарғиби гуманизм – инсондӯстӣ мебошад.

ёфт. Дарвоқеъ, баъзан маълум нест, ки нависанда ба кадом «анъана» мансуб аст. Омӯзишҳои минбаъдаи БИО сарчашмаҳои фарҳангҳои дигар, Осиёи Шарқӣ ва Ҷанубиро дар бар мегиранд, ки ба ташаккули Осиёи Марказӣ дар маҷмӯъ таъсир расондаанд.

Дар ҷараёни хондан оид ба "фарҳангҳо" дар шакли ҷамъ фикр кунед, на балки танҳо. Танҳо фарҳанги исломӣ ё фарҳанги аврупоӣ вуҷуд надорад. Дар ин дастур шумо ба фарҳангҳои гузашта, ҳозира ва хаёлӣ, ғайривоқеӣ муроҷиат хоҳед кард. Кӯшиш кунед, то муайян созед, ки онҳо дар вақт, фазо, байни одамон чи гуна тағйир ёфта ё бетағйир мондаанд. Аз шумо пурсида мешавад, ки доимо дар бораи ин муқоисаҳо мулоҳиза карда, дар таҳқиқот ва омӯзиш ҳолатҳо ва матнҳои умумият ва фарқиятдоштаро ҷустуҷӯ намоед. Ба ҷои фақат гӯш кардани муқоисаҳои пешниҳодшуда, фикр кунед, ки чаро ин монандӣ ва фарқиятҳо вуҷуд доранд ва онҳо чи маъно доранд. Дар охир, пас аз омӯзиши ҳар як ҳолат, матн ва боб, саволҳои мухталиф дода мешаванд, то ба шумо барои гузарондани ин муқоисаҳо, ташаккули фаҳмиши шахсии шумо дар бораи эҳтимоли гуногунии масъалаҳо кумак расонанд.

Вақте ки шумо дар бораи маънои истилоҳи "тафсир" фикр мекунед, ин, аллакай, калиди дарки он аст. Ҳеҷ яке аз таҳқиқот ё матнҳои дар китоб овардашуда танҳо як маънои имконпазирро надоранд. Ҳамаи онҳо метавонанд барои одамони гуногун, дар замонҳои гуногун, чизҳои гуногунро ифода кунанд. Ҳангоми хондан, шумо бояд ҳамеша дар бораи ҳама гуна тафсирҳои имконпазир фикр кунед: Чӣ гуна хондагиатонро мефаҳмед? Одамони дигар онро чӣ тавр метавонанд фаҳманд? Шумо ба ин ё он фаҳмиш чӣ гуна баҳо медиҳед? Аз ин рӯ, боби аввал ба мавзӯи тафсир бахшида шудааст. Ҳангоми хондани китоби дарсӣ, бояд дар бораи он фикр кунед, ки шумо ва дигарон матнҳо ва мисолҳои алоҳидаро чи гуна тафсир ва дарк мекунед.

Баъзе вожаҳое, ки метавонанд дар ин масъала ба шумо кумак кунанд, инҳо таърифҳои "айнӣ", "ортодоксалӣ", "озод" ва "радикалӣ" мебошанд; ин калимаҳо мавриди тавсифи тафсир истифода мешаванд. Калимаҳоро омӯхта, муайян созед, ки кай ин ё дигарашро метавон истифода бурд. Умуман, тафсири айнан нишон медиҳад, ки маъно ба ҳадди ақал маҳдуд аст, ортодоксалӣ бошад, истифодаи маънои анъанавиро пешниҳод мекунад. Тафсири озод дар назар дорад, ки маъно аз доираи маъмулӣ берун аст; радикалӣ дар асоси маҷмӯи гуногуни арзишҳо тағйир додани маъно ва мафҳуми аввалан тафсиршударо пешниҳод мекунад.

Биёед якчанд мисоли ҳар яке аз ин ибораҳоро дида бароем. Намунаи хуби тафсири айнии як мусавввараи рассом Рене Магритт бо тасвири най хоҳад буд. Магритт дар он навишта буд: «Ин най нест». Он чизе, ки ӯ пешниҳод мекунад, найи кашидааш аст, на худи най. Мусаввир аз тамошобинонаш хоҳиш мекунад, ки барои фаҳмидани расми ӯ тафсири айниро истифода баранд.

Тафсири ортодоксалиро аксар вақт динҳои давлатӣ истифода мебаранд. Дар ислом тафсири шариат (қонун) бо чаҳор мактаб маҳдуд буд. Дар муддати тулонӣ кишварҳои исломӣ дигар тафсирҳоро иҷозат намедоданд. Ин чаҳор мактаб дорои ҳуқуқи тафсири ортодоксалии ҳуқуқи исломӣ мебошанд. Мудернсозони афкори исломӣ даъво доранд, ки ин чаҳор тафсири ортодоксалии қонуни исломӣ хеле маҳдуданд, аз ин рӯ, бояд барои тафсир фазои озод дод. Бисёре аз кишварҳои исломӣ тафсири тағйирёфтаи шариатро ҷорӣ кардаанд, вале дигарон ҳамоно дар доираи тафсирҳои ортодоксалӣ боқӣ мондаанд.

Тафсири озод, одатан, ҳатталимкон ба ғоя, бидуни таҳриф, маънои васеъ медиҳанд. «Дусад сол пеш тафсиргарони озоди Эъломияи ҳуқуқи инсон дар Фаронса изҳор доштанд, ки мантиқан занҳо низ бояд чунин ҳуқуқҳо дошта бошанд». Имрӯз ин тафсири ортодоксалӣ маҳсуб мeёбад.

Тафсирҳои радикалӣ метавонанд мухталиф, яъне беҳад консервативӣ ва беҳад пешрафта бошанд. Яке аз чунин мисолҳо истифодаи фаранҷӣ мебошад. Қуръон мусалмононро ба пӯшидани либоси хоксорона даъват мекунад, яъне, аз камар то банди пой ва ҳамчунон, сари онҳо бояд пӯшида бошад. Бархе аз занони мусалмони ортодоксӣ ин изҳоротро ҳамчун пӯшидани

ҳиҷоб маънидод мекунанд, ки рӯяш пӯшида нест, вале радикал/фундаменталистҳо инро ба таври дигар шарҳ медиҳад, яъне, зан бо пӯшидани фаранҷӣ бояд тамоми тани худ, аз ҷумла рӯяшро пинҳон кунад.

Барои ёрӣ расондан ба шумо дар ин омӯзиш, ҳар як боб қисмат оид ба рушди малакаҳои интиқодӣ дорад: вазифаҳои мухталиф қобилияти савол додан, хонишу фикрронии интиқодӣ, дар матн муайян намудани далелҳо ва шаклёбии фикрҳоятонро ташаккул дода, аз шумо талаб мекунад, ки далелатонро хаттӣ баён созед. Ҳамаи ин малакаҳо метавонанд барои инкишоф додани фаҳмиши шумо оид ба масъалаҳои гуногун – ҳам масъалаҳои дар китоб баррасишуда ва ҳам онҳое, ки ҳамарӯза дар ҳаёти худ дучор мешавед, мусоидат намоянд. Курсҳои дигари БИО ба шумо имконият медиҳанд, ки дар доираи инсоншиносӣ фаҳмишатонро доир ба мавзӯъҳои махсус, аз ҷумла шахс ва ҷомеа, анъана ва тағйирот, санъат, мусиқӣ ва таърих, табиати инсон, адолати иҷтимоӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ рушд диҳед.

Ҳамаи курсҳо ва матнҳо имконияти дигареро барои дарки худ, дигарон ва ҷаҳоне, ки шумо дар он зиндагӣ мекунед, фароҳам меоранд. Ҳамаи расму ойинҳо ва асарҳо ба ҳамаи забонҳо ва ҳамаи ғояҳое, ки аз ҷониби фарҳангҳои гуногуну одамон аз тамоми таърихи башарият пешниҳод шудаанд, мероси зеҳнии шумоянд. Ҳеҷ яке аз инҳо барои таҷрибаи ҳаётии шумо бегона буда наметавонад. Ҳар муаллиф бо шумо суҳбат мекунад ва дар бораи нигоҳи дигарон ба ҳаёт бароятон маълумоти мухтасар медиҳад. Баъзе аз ин ғояҳо ҳамонанд бо фикри шумо хоҳанд буд, вале бархе аз онҳо метавонанд аз фикри шумо фарқ кунанд. Бо вуҷуди ин, онҳо ҳама барои возеҳ намудани фикр ва таҷрибаи шумо ҳамчун роҳнамо буда, агар шумо онҳоро муваффақона истифода бареду аз нуқтаи назари интиқодӣ тафтиш кунед, онҳо барои шумо ганҷинаи дониши аҷиберо ошкор месозанд.

Агар шумо ба ҳар саволи душвори ин китоб ҷавоби "дуруст"-ро ҷустуҷӯ кунед, дилсард хоҳед шуд. Зеро ҳеҷ яке аз бобҳо ба ягон саволи ба миён гузошташуда, ҷавоби ягона пешниҳод намекунад. Вазифаи шумо аз он иборат аст, ки доир ба гуногунии имкониятҳои дар дохили фарҳангҳо ва байни фарҳангҳо пешниҳодшуда фикр ронда, хулосаҳои худро бароред. Ин яке аз ҷиҳатҳои бузурги инсоншиносӣ аст – гуногунии зиёди посуххое, ки одамон дар тули таърих таҳия кардаанд. Фаҳмидани ин гуногунрангӣ қадами аввал дар рушди фаҳмиши шахсии шумо вобаста ба имкониятҳои имрӯзаи Осиёи Миёна мебошад.



**САРИ СУҚРОТ.**
Нусхаи румии асри II, ки дар асоси пайкараи аслии чоряки сеюми асир IV-и пеш аз мелод аз тарафи ҳайкалтарош Лисиппи сохта шудааст. Эрмитажи давлатӣ, Санкт-Петербург

# БОБИ I
# ХУДШИНОСӢ: ФАҲМИШИ ТАФОВУТ ВА ИДРОК

## САРСУХАН

Боби аввал моро бо мавзӯи тафсир (интерпретатсия) шинос мекунад. Мақсади таҳқиқи мо маърифати шахс аз ҷониби худи ӯ аст. Мо муносибати худро ба одамоне, ки ба мо монанд ҳастанд, аз нуқтаи назари ҷинсият, дин ва дар асосҳои умумӣ баррасӣ мекунем. Оё фаҳмиши мо ҳамчун одамони як гурӯҳи муайяни баррасишаванда аз фаҳмиши вазъ аз ҷониби «одамони берунӣ» дақиқтар аст? Оё мо омода ҳастем, ки бештар хайрхоҳона дигаронро, ки ба мо монанд ҳастанд, дарку қабул созем, истиқбол кунем ва муҳофизат намоем?

Дар боби аввал таълифоти муаллифони гуногун (ҳам занону ҳам мардон) пешниҳод шудаанд. Ин матнҳо ба хонандагон имкон медиҳанд, ки ба моҳияти фаҳмиши зан аз ҷониби фарҳанг ва замонҳои гуногун сарфаҳм раванд. Фикр кунед, ки оё нуқтаи назари зан одатан қобили дарк ва пазируфта мешавад ё рад мегардад? Фикр кунед, ки муносибати худи шумо ё ҷомеае, ки дар он зиндагӣ мекунед, нисбат ба мардҳо ва занон чӣ гуна аст ва мардону занон дар китобҳое, ки шумо мутолиа мекунед, чӣ гуна тасвир шудаанд? То кадом андоза ин нуқтаҳои назар аз ҳамдигар фарқ доранду то кадом андоза онҳо дақиқанд ва тасаввури шумо нисбат ба ин фарқият ва монандиҳо чӣ гуна аст?

Дар боби аввал мо аз адабиёти бадеӣ истифода мебарем. Хонанда бояд ба назар гирад, ки асарҳои бадеӣ барои дарки олами воқеӣ ба мо кумак мекунанд. Фикр кунед, ки қаҳрамонҳои ин асарҳо чӣ гуна ба мо кӯмак мекунанд, ки мушкилоти дар зиндагии ҳаррӯза бо онҳо дучор мегаштаро фаҳмем ва чаро ба мо бояд шавқовар бошад, ки онҳоро, новобаста аз он, ки худи ҳодисаи нақлшуда ба мо маъқул ҳаст ё не, мутолиа кунем?

Барои дарки маълумоти дар ин қисмати боби аввали китоби дарсӣ машқи таълимӣ оид ба таҳияи харитаи консептуалӣ – «Рушди малакаҳои тафаккури интиқодӣ» пешниҳод шудааст. Онро истифода намуда, кӯшиш намоед, ки ҳар як қисмеро, ки мутолиа менамоед, фаҳмед. Оё ин барои фаҳмидани ғояи асосӣ ва онҳоро бо ғояҳои дигар алоқаманд сохтан, ба шумо кумак мекунад?



**ГРАНТ ВУД.** ГОТИКАИ АМРИКОЙ

# ФЛАННЕРИ О'КОННОР
# ОДАМОНИ ХУБИ ДЕҲОТӢ





Фланнери О'Коннор (1925-1964) дар шаҳри Саванна (иёлати Ҷорҷия, ИМА) дар оилаи католик таваллуд шуда, дар хонадонашон фарзанди ягона буд. Ин минтақаи ҷанубии тавротию инҷилӣ бо анъанаҳои готикии саршор аз руҳияи Исои Масеҳ машҳур аст. Ҳикояҳои О'Коннор мазҳакаро бо фоҷиа ва бераҳмӣ пайваста, ба барқароршавии ин анъана дар адабиёт мусоидат намуд. Унсурҳои готикӣ дар ҳикояҳои О'Коннор ба ҳаёти харобшаванда ва бадбахтона дахл дошта, ҷанбаҳои мистикӣ ва даҳшатовари онро таъкид месозанд. Осори О'Коннор чандон зиёд набуда, аз сиву як ҳикоя, ду повест ва якчанд суханрониву мактубҳо иборат аст. Дар ҳикояи «Одамони хуби деҳотӣ», ки порчае аз он дар поён оварда шудааст, қаҳрамони асосӣ Ҷой Хоупвел – зани ҷавон бо эҳсоси баланди афзалияти ахлоқию зеҳнӣ, бо мушаввашиҳои аз сар гузаронидаи худ мебошад. Ҷой дар натиҷаи ҳодисаи нохуше ҳангоми шикор як пойи худро аз даст дода, бо пойи сунъӣ (протез) мегардад. Ӯ берӯёна ба ҳар гуна зебоӣ муносибат намуда, дар бораи ҳар гуна беморихо ва нафраткориҳо фикр карданро авлотар медонад. Ӯ соҳиби дараҷаи доктори илми фалсафа гардида, номи худро аз Ҷой ба Хулга иваз намуд (ба фикри ӯ ин ном камтар зебо аст). Ҷой-Хулга кӯшиш мекунад, ки фурӯшандаи Библияро мафтун карда аз роҳ занад ва бо ин роҳ навҷавони одии деҳотиро ахлоқан фосид кунад. Аммо ин навҷавон худ фиребгар баромада, ҳангоми вохӯрӣ бо Ҷой-Хулга, протези ӯро дуздида ғайб мезанад. О'Коннор тавонистааст ба таври равшан нишон диҳад, ки то кадом андоза одамон атрофиёнашонро дуруст мешиносанд ва то кадом дараҷа тасаввури онҳо метавонад барғалат бошад.

Дар лаҳзаҳои танҳоӣ ба ҷузъ аз бетафовутӣ, дар қиёфаи хонум Фриман, боз ду ифодаи дигар – якравӣ ва зидди он, таҷассум меёфт, ки хар лаҳза мавриди муошират бо мардум истифода мебурд. Ифодаи чеҳраи устувору бетағйираш, ҳаракати мошини азими боркашро мемонд. Чашмони ӯ ҳеҷ гоҳ ба чап ё рост намегашт, танҳо, вақте табдил меёфт, ки нақли асосӣ самташ тағйир меёфт ва чунин ба назар мерасид, ки чашмонаш ҳамеша хати сафедеро, ки маркази роҳро тақсим мекунад, мушоҳида мекард. Ӯ хеле кам ифодаи чеҳраи дигарро истифода мебурд, зеро дарки маъно барояш аҳамият надошт, аммо, вақте он муҳим мешуд, тамоми чеҳрааш якбора бозмеистод ва чашмони сиёҳаш ба ҳаракати ноаён медаромаданду гӯё танг шудан мегирифтанд. Хонум Хоупэлл ҳамаи умедашро барои муътақид сохтани духтараш аз даст дода буд. Ин кор барои ӯ баробари сарашро ба девор задан буд. Барои хонум Фриман ноҳақ буданашро исбот кардан ғайри имкон буд. Вай метавонист ҳар чизе ба фикраш меомадаро бигӯяду тасдиқ кунад. Баъзан чунин садо медод: «Ман намегуфтам, ки ин ҳамин тавр аст, аммо ман тасдиқ ҳам намекардам, ки ин ҳамин тавр нест». Вақте аз ӯ хоҳиш мекарданд, ки рафи болои ошхонаро бо зарфҳои чанголуду ҳар гуна чизи дигар тоза кунад, вай метавонист иброз кунад: «Ман мебинам, ки шумо аз анҷирҳои консервакардаи тобистони соли гузашта бисёр нахӯрдаед.»

Ҳангоми субҳона (ноштоӣ) онҳо корҳои аз ҳама асосиро мулоҳиза мекарданд. Ҳар саҳар хонум Хоупвел соати ҳафт аз хоб хеста, плитаи газии худ ва плитаеро, ки аз они Ҷой буд, дармегиронд. Ҷой фарзанди Хоупвел буд. Ӯдухтари калонҷуссаи зардина буда, як як пойи сунъӣ дошт. Ба он

нигоҳ накарда, ки Ҷой сивудусола ва таҳсилкарда буд, хонум Хоупвел дар симои ӯ кӯдакро медид,. Ҷой аз хоб вақте мехест, ки модараш наҳорӣ мехӯрд. Лангон-лангон ба сӯи ҳаммом рафта, дарро аз пушт бо садои баланд мепӯшид. Дере нагузашта, аз дари пушт хонум Фриман медаромад. Ҷой мешунид, ки модараш мегуфт: «Даро». Онҳо чунон паст гуфтугӯ мекарданд, ки сӯҳбаташонро аз ҳаммом шунида намешуд. Вақти баромадани Ҷой аз ҳаммом, онҳо, одатан, мулоҳизаи вазъи обуҳаворо тамом карда, гуфтугӯро дар бораи яке аз ду духтарони хонум Фриман – Глинез ё Карамая сар карданд. Ҷой онҳоро Глитсерину Карамел ном мегирифт. Глинез ҳаждаҳсола буда, ҳаводорони зиёде дошт. Карамаяи зардинамӯй ҳамагӣ понздаҳсола буд, вале, аллакай, шавҳардору ҳомила буд. Ӯ ҳеч чизро дар меъдааш нигоҳ дошта наметавонист. Ҳар саҳар хонум Фриман нақл мекард, ки духтараш чанд бор аз лаҳзаи вохӯрию гуфтугӯи охирин то ин дам таоми хӯрдаашро партофтааст.

Хонум Хоупвел дӯст медошт, ки ба шиносон дар бораи духтарҳои хуб будани Глинез ва Карамая ва дар бораи бонуи ҳақиқӣ будани хонум Фриман ба ҳама нақл кунад. Инчунин, дар бораи он, ки ӯ аз он шарм намекунад, ки ин хонумро ҳамеша бо худ гирад ва бо ҳамаи онҳое, ки вомехӯрад, ӯро шинос кунад. Ҳамчунин, нақл мекард, ки чи тавр бори аввал Фриманҳоро чун коргари кироя қабул кард, чи гуна Худо онҳоро ба ӯ фиристодааст ва чи хел онҳо давоми чор сол ба ӯ хизмат кардаанд. Сабаби ин қадар бисёр нигоҳ доштани онҳоро дар хонаи худ ӯ чунин шарҳ дод, ки онҳо хидматкорони ғуломтабиат набуда, балки одамони хуби деҳотианд. Ӯ ба як нафаре телефон кард, ки ба гуфти худашон метавонист онҳоро тавсия намояд. Ин нафар ба хонум Хоупвел гуфт, ки ҷаноби Фриман фермери хуб аст, аммо завҷааш кунҷковтарин занест, ки ягон замоне дар сайёра зистаанд. «Ӯ бояд ҳатман, ҳама чизро дар бораи ҳама донад, – изҳор дошт ӯ, – Ту метавонӣ шарт кунӣ, ки ӯ мурдааст, вале то нишастани гарду чанги роҳ ӯ ҳатман омада мерасад. Занаш мехоҳад, ки дар бораи шумо ҳама чизро донад. Ҷаноби Фриман ба ман хеле маъқул аст, – гуфт он нафар, – вале на ман, на завҷаам дигар тоби як дақиқа ҳам нигоҳ доштани ин занро дар хонаамон надорем». Ин хонум Хоупвелро барои якчанд рӯз мушавваш сохт.

Дар ниҳояти кор, каси дигареро барои ин кор пайдо накарда, хонум Хоупвел онҳоро барои кор кироя намуд. Аммо дар бораи он ки ӯ чи гуна метавонад ин занро саришта кунад, қаблан хуб андеша кард. Бо сабаби он ки хонум Фриман чунин одамест, ки бояд ба ҳама корҳо бе истисно ҷалб бошад, хонум Хоупвел ба чунин қарор омад, ки на танҳо иҷозат медиҳад, ки ин зан ҳама корҳои ӯро донаду дар онҳо иштирок кунад, балки ӯро масъули ҳамаи он таъйин месозад. Худи хонум Хоупвел ягон хислати баде надошт, вале ӯ метавонист чунин хислатҳоро дар ботини дигарон моҳирона истифода намояд ва ин имкон дод, ки коргарони кирояашро бе ягон душворие давоми чор сол нигоҳ дорад.

«Ягон чиз идеалӣ нест». Ин яке аз суханҳои дӯстдоштаи хонум Хоупвел буд. Сухани дигараш чунин буд: «Ҳаёт ҳамин хел аст!». Вале аз ҳама сухани муҳимтараш ин буд, ки «Мардуми дигар ҳам фикри худро доранд». Ӯ, одатан, ин суханҳоро дар пушти миз бо лаҳни нарм, вале боисрор такрор мекард, чунонки гӯё дигарон инҳоро намедониста бошанд; Ҷойи калонҷусса ва лаванд, ки доимо норозигии ӯ ҳар гуна ифодаи қиёфаашро нест мекард, ба ӯ аз як тараф бо чашмони чун ях кабудаш бо назораи одаме нигоҳ мекард, ки гӯё ихтиёран нобино шудааст ва мехоҳад ҳамин хел нобино бимонад. Вақте хонум Хоупвел мегуфт, ки ҳаёт ҳамин хел аст, хонум Фриман ҷавоб медод: «Ман низ айнан ҳаминро мегӯям». Чизе ба сари каси дигаре

намеомад, то он даме, ки ин ба сари хонум Фриман наояд. Хонум Хоупвел аз хонум Фриман чаққонтар буд. Ҳар гоҳе ки онҳо ба ҷойи мерафтаашон мерасиданд, хонум Хоупвел ба ӯ мегуфт: «Медонӣ чи, ту монанди як чарх аз пушти чархи дигар ҳастӣ» ва чашмак мезад, хонум Фриман ҷавоб медод: «Медонам. Ман ҳамеша чаққон будам. Аммо фақат ҳамин, ки баъзе одамон аз дигарон табиатан чаққонтаранд».

«Ҳама одамон гуногунанд», – гуфт хонум Хоупвел.

«Бале, асосан, ҳама», – ҷавоб дод хонум Фриман.

«Олам ба ҳар яки мо муҳтоҷ аст».

«Ман ҳам ҳаминро мегӯям».

Духтар ба чунин муколамаҳо ҳангоми хӯрдани наҳорӣ ё хӯроки нисфирӯзӣ одат карда буд; баъзан, ин гуна муколамаҳо ҳангоми хӯроки бегоҳирӯзӣ низ идома меёфтанд. Ҳангоме ки меҳмонон набошанд, онҳо дар ошхона хӯрок мехӯрданд, зеро ин ҷо бароҳаттар буд. Хонум Фриман метавонист густохона ҳангоми таомхӯрӣ биёяд ва назора кунад, ки чи тавр онҳо хӯрокхӯриро ба анҷом мерасонанд. Тобистон ӯ дар остона, зимистон бошад ё ба яхдон такя карда, ё дар назди гармкунаки газӣ истода ва домони юбкаашро аз қафо каме бардошта, ба онҳо аз баландии қадаш назора мекард. Баъзан, дар назди девор истода, сарашро ин тарафу он тараф меҷунбонд. Ӯ ҳеч гоҳ барои рафтан саросемагӣ намекард. Ҳамаи ин ба хонум Хопвел маъқул набуд, вале ӯ як зане буд, ки сабру таҳаммули бузург дошт. Ӯ мефаҳмид, ки ягон кас идеалӣ нест ва Фриманҳо аз ҷумлаи одамони хуби деҳотӣ буданд ва агар дар ин рӯзҳо ту бо одамони хуби деҳотӣ дучор омадӣ, онҳоро бояд ҳатман нигаҳ дорӣ.

Хонум Хопвел таҷрибаи зиёди муошират бо хидматкоронро дошт. То Фриманҳо ӯ ба ҳисоби миёна ҳар сол як бор оилаи навро кироя мекард. Завҷаҳои ин фермерҳо аз шумули одамоне буданд, ки хоҳиши дар паҳлуи онҳо то дер монданро пайдо намекунӣ. Хонум Хоупвел, ки кайҳо аз шавҳараш ҷудо шуда буд, эҳтиёҷ дошт, ки ҳамроҳи ӯ касе дар киштзор гаштугузор кунад. Вақте ки аз Ҷой инро хоҳиш мекард, ӯ, одатан, бо хашмгинӣ ҷавоб медод ва қиёфааш чунон турш мешуд, ки хонум Хоупвел мегуфт: «Агар ту хоҳиши рафтан надошта бошӣ, пас ман намехоҳам, ки туро умуман бубинам». Ҷой дар ҷавоб ба ин қоматашро росту китфонашро паҳн карда, сарашро ба пушт партофта, мегуфт: «Агар мехоҳӣ, ки ман ҳамроҳи ту равам, пас, ана ман, ҳамин ҷоям – он чуноне ки ман ҳастам».

Хонум Хоупвел ин рафторҳои духтарашро бо сабаби маъюбии пояш мебахшид (Ҷой наздики даҳсолагиаш ҳангоми шикор, тасодуфан, аз пояш тир хӯрда буд). Барои хонум Хоупвел қабул кардани далели он ки фарзанди ӯ, аллакай, сивудусола асту зиёда аз бист сол боз пой надорад, мушкил буд. Ӯ то ҳоло дар бораи духтараш ҳамчун дар бораи кӯдак фикр мекард, зеро дилаш аз фикри оне ки ин духтари бадбахту фарбеҳ, ки боре рақс накардаву ягон дилхушие надорад, мекафид. Номи аслии ӯ Ҷой буд, вале баъди бистсолагиро пур кардан, ӯ аз хона баромада, номашро расман иваз кард. Хонум Хоупвел бовар дошт, ки духтараш зиёд фикр кардааст, то без-

ебтарин номро дар ҳамаи забонҳо пайдо кунад ва номи зебои худ – Ҷойро ба модараш чизе нагуфта, иваз намояд. Расман, акнун, номи ӯ Хулга буд.

Ҳангоме ки хонум Хоупвел дар бораи номи Хулга фикр мекард, ҳамеша киштии паҳну холии ҳарбиро пеши назар меовард. Ӯ духтарашро то ҳол Ҷой ном мегирифт ва духтар ҳамчун одат ҷавоб медод.

Хулга таҳаммулу бардошт кардани хонум Фриманро, ки ӯро аз сайругашт бо модараш наҷот дода буд, ёд гирифта буд. Ҳатто, Глинез ва Карамая низ барои ӯ фоидавовар буданд, зеро таваҷҷуҳеро, ки дар ҳолати дигар метавонист ба ӯ равона шавад, ба худашон ҷалб мекарданд. Дар ибтидо ӯ фикр мекард, ки хонум Фриманро бардошт карда наметавонад, зеро бо ӯ дағал будан ғайриимкон буд. Ӯ хеле табъи нозук дошта, аксар вақт зуд-зуд меранҷид ва давоми якчанд рӯз метавонист туршрӯй бошад, вале сабаби ин норозигияшро пинҳон медошт. На ҳуҷуми рӯирост, на нигоҳи каҷ, на беэътиноии аён нисбати ӯ ба иззати нафсаш намерасиданд. Ва боре ин зан тамоман ғайричашмдошт ба Ҷой бо номи Хулга муроҷиатро сар кард.

Хонум Фриман духтарро дар ҳузури модараш ҳеч гоҳ Хулга ном намегирифт, то хашми ӯро наорад, вале ҳангоме ки ӯ бо духтар берун аз хона дар танҳоӣ мемонданд, номи Хулгаро дар охири ҳар як ҷумлааш истифода мекард. Аз ин ҳолат абрӯвони Ҷой-Хулгаи калонҷуссаи айнакдор чин мешуду рӯяш суп-сурх. Гӯё ки ин танҳоии ӯро халалдор месохта бошад. Ин ном барои духтар як чизи хеле шахсӣ ва махсус буд. Дар ибтидо ин ном таваҷҷуҳи ӯро бо сабаби безеб садо доданаш ҷалб мекард, вале пас аз чанд муддат то кадом андоза ин ном ба ӯ мувофиқ меояд, ӯро моту мабҳут сохт. Ӯ ин номро бо саг-Вулкани безебу араққарда, ки доимо дар назди оташдон буд шабеҳ медонист, – назди ӯ шояд олиҳа буд, ҳар гоҳе ки ӯро даъват накунад, меомад. Дар ин ном ӯ як рафтори аз ҳама моҳиронаи худро медид. Ғалабаи бузург барои духтар ин шуд, ки модараш наметавонист фарзандашро Ҷой ном гирад ва гузашта аз ин, ӯ тавонист, ки худашро ба Хулга табдил диҳад. Вале оне ки чи гуна бо завқ хонум Фриман ӯро Хулга ном мегирад, хашмашро меовард. Ӯ чунин таассуроте пайдо карда буд, ки хонум Фриман бо чашмони қатрамонанду беҳаракати худ ба ботини ӯ хеле чуқур нигоҳ мекунад, ба чуқурии аз ҳама нуҳуфтатарини сирру асрораш. Ӯ медонист чизе дар вай хонум Фриманро ҷалб месозад. Боре Хулга фаҳмид, ки маҳз пойи чӯбинаш ӯро ҷалб намудааст. Хонум Фриман дуст медошт, ки бештар аз ҳама дар бораи ҷузъиёти бемориҳои сироятӣ, ахбори махфӣ оид ба ҳамла ба кӯдаконро донад. Мехост, ки дар бораи бемориҳое, ки ба марг оварда мерасонанд ва ё муолиҷанашавандаанд, бештар донад. Хулга мешунид, ки чи тавр модараш ба хонум Фриман ҷузъиёти ҳодисаи нохушро дар бораи воқеаяти тир хурдан ва чи гуна аз ҳуш нарафтани Ҷойро ҳангоми шикор нақл мекард, дар бораи он, ки ба пой чи гуна, ба маънии аслияш, тир зада шуд ва чи тавр духтар ягон лаҳзае аз ҳуш нарафт. Хонум Фриман дар бораи ин метавонист дар дилхоҳ вақт гӯш диҳад, гӯё ки ин танҳо як соат пеш рӯй дода бошад.

Субҳ вақте Хулга ба ошхона медаромад (ӯ метавонист, ки бо пояш садои баланд набароварда роҳ равад, вале барқасдона бо чунин зарби даҳшатнок роҳ мегашт ва хонум Хоупвел медонист, ки духтараш қасдан овози даҳшатноки пояшро мебаровард). Ӯ ба ин як чашм медӯхт, вале чизе намегуфт. Хонум Хоупвел кимонои сурхи худро пӯшида, мӯйҳояшро дар болои сар бо лентачае ҷамъ оварда, дар пушти миз нишаста наҳорхӯриро ба итмом мерасонд. Хонум Фриман бошад, ба яхдон такя карда, чашмонашро аз рӯи миз намеканд. Хулга ҳамеша дар болои оташдон зарфро бо тухмҳои

ҷӯшонда гузошта, баъди он дар назди миз бе ягон карруфаре дастонашро болои шикам бо ҳам мепечониду меистод. Модараш чашмонашро аз ӯ канда ба тарафи хонум Фриман нигоҳ намуда фикр мекард, ки агар духтараш худро каме нигоҳубин мекард, ин қадар безеб наметофт. Духтараш чеҳраи безеб надошт. Дар рухсораи ӯ ягон чизи безеб набуд, ки он дар ҳолати ифодаи гуворои қиёфааш вайрон шавад. «Одамоне, ки ҳамеша ба ҳама чиз бо нигоҳи зебо нигаранд, зебо метобанд-агарчи чунин ҳам набошанд», – мегуфт хонум Хоупвел.

Ҳар дафъа ба Ҷой менигаристу фикр мекард, ки барои фарзандаш гирифтани дараҷаи илмии докторӣ ҳеҷ лозим набуд. Ин дараҷа ба ӯ ягон кумаке накард ва ҳоло ягон сабабе набуд, ки аз нав ба муассисаи таълимӣ барои таҳсил равад. Ба андешаи хонум Хоупвел, машғулиятҳо дар муассисаҳои таълимӣ барои духтарон хубанд, вале Ҷой, аллакай, ҳамаи ин марҳилаҳоро гузашта буд. Гузашта аз ин, саломатиаш ҳам он қадар хуб набуд, ки аз нав ба таҳсил шуруъ кунад. Дилаш сусту дардманд буд. Табибон ба хонум Хоупвел гуфта буданд, ки бо нигоҳбунии хуб духтараш метавонад, ки то чилу панҷсолагӣ бизияд. Ҷой ошкоро нишон медод, ки агар чунин шароит намебуд, ӯ кайҳо аз миёни ин теппаҳои гулобирангу одамони хуби деҳотӣ дур буд. Ӯ дар донишгоҳ мебуд ва ба одамоне дарс мегуфт, ки медонистанд ӯ дар бораи чи сухан мегӯяд. Хонум Хоупвел хуб тасаввур мекард, ки чи тавр Ҷой ба мисли хӯса тобида, ҳар дафъа оид ба ҳамон як мавзуъ лексия мехонад. Инҷо ӯ қариб ҳар рӯз бо ҳамон як домани шашсола ва куртаи нимтанаи зард, ки сурати ковбой дар он фарсуда шудааст, мегашт. Ин ба ӯ аҷиб метофт; барои хонум Хоупвел ин аҳмақона ба назар мерасид ва далели он буд, ки ӯ то ҳоло ҳам мисли кӯдак аст. Ӯ хеле доно буд, вале дар вай ягон қатрае аз маънињои ақлонӣ вуҷуд надошт. Модараш мушоҳида мекард, ки сол ба сол аз дигарон фарқтар мекарду ба худаш монанд мешавад: бисёр паҳну фарбеҳ, дағал ва чашмолус. Ҳамчунин, хеле суханони ғариб мегуфт! Боре ҳангоми тановули хӯроки нисфирӯзи аз курсӣ ҷаҳида, бо рӯи камтар сиёҳгашта ва даҳони пур аз хӯрок ба модараш бе узрхоҳӣ гуфт: «Эй занак! Ту боре кӯшиш мекунӣ, ки ба ботин назар андозӣ? Ту ягон вақт ба асли чизҳо назар ва андеша мекунӣ, ки чӣ ҳастӣ?». Баъдан, гиря карда, аз нав ба курсияш нишаст ва ба табақчаи худ назар андохт. «**Малбранш** ҳақ буд: мо худ барои худ равшаноӣ нестем. Мо худ барои худ равшаноӣ нестем!». То ҳол хонум Хоупвел наметавонад фаҳмад, ки чи духтарашро ба ин ҳолат овард. Ӯ танҳо як сарзанише кард, ки табассум ҳеч гоҳ ба ҳеч кас зарар наовардааст ва умед дошт, ки Ҷой ба ӯ гӯш медиҳад. Духтар дараҷаи докторӣ аз фалсафа гирифта буд, ки ин хонум Хоупвелро қатъан раҳгум сохта буд. Метавонӣ гӯӣ: «Духтари ман ба ҳайси ҳамшираи тиббӣ кор мекунад», ё худ «Духтари ман муаллима аст», ё, ҳатто, «Духтари ман муҳандис-химик аст». Охир намегӯӣ, ки «Духтари ман файласуф аст». Ин як чизест, ки якҷо бо юнониёну римиёни қадим мурдааст. Рӯзҳои дароз Ҷой дар курсии мулоими чуқури худ нишаста, китоб мехонд. Баъзан ӯ ба сайругашт мебаромад, вале ӯ на сагу гурбаву паранда ва на гулҳову табиат

**Мальбранш, Никола** (1638-1715) – файласуфи фаронсавӣ.

ва на ҷавонони дилкашро дӯст медошт. Ҷой ба ҷавонон тавре менигарист, ки гӯё аз онҳо бӯи аблаҳӣ меомада бошад.

Боре хонум Хоупвел китоберо, ки духтараш худи ҳозир як тараф гузошта буд, гирифта, дар саҳифаи аввали кушодашудааш инро хонд: «Илм, аз ҷониби дигар, бояд ҳар дафъа аз нав ҳушёр будан ва ҷиддияти худро исбот кунад ва бозгӯӣ кунад, ки чӣ чизе дар мақсадҳои он хобидааст. Ҳеч – ин ҳеч чӣ, чизе ба ғайр аз даҳшат ва чизи бофтае барои илм буда метавонад? Агар илм ҳақ бошад, як чиз доимӣ аст: илм мехоҳад, ки ҳечро ва ҳечро дар бораи ҳеч донад. Дар ниҳояти кор муносибати қатъии илмӣ ба ҳеч ҳамин гуна аст. Мо инро медонем, зеро мехоҳем, ки ҳечро дар бораи ҳеч бидонем». Ин суханон бо қалами кабуд ҷудо карда шуда буданд ва онҳо ба хонум Хоупвел ҳамчун азоимхонии бад, ки аз чизҳои беҳуда иборат аст, таъсир гузоштанд. Ӯ китобро тез пӯшонда аз ҳуҷра баромад, гӯё ки он ҷо ӯ хунук хӯрда бошад.

Ин саҳаргоҳ, вақте ки Ҷой ба ошхона даромад, хонум Фриман дар бораи Карамая нақл мекард: «Ӯ чор маротиба таоми хӯрдаашро баъд аз хӯроки бегоҳирӯзӣ партофт, – гуфт ӯ, – ду маротиба шаб ва пас аз соати сеи пагоҳирӯзӣ. Дирӯз ӯ ҳеч коре ба ғайр аз такурӯ кардани ҷевонаш накард. Ин буд ҳама коре, ки ӯ дирӯз анҷом дод. Он ҷо истода буду мунтазир буд, ки боз кай мепартояд».

«Ӯ бояд хӯрок хӯрад», – оҳиста гуфт хонум Хоупвел ва қаҳва нӯшида, ҳамзамон Ҷойро, ки дар назди плита буд, мушоҳида мекард. Барои ӯ шавқовару ҷолиб буд, то донад духтараш ба фурӯшандаи Библия чи гуфта бошад. Ӯ тасаввур ҳам намекард, ки онҳо дар бораи чи бо ҳамдигар гуфтугӯ карда метавонистанд.

Ин як ҷавони қоматбаланди лоғар буд, ки дирӯз назди онҳо бо мақсади фурӯхтани Библия омада буд. Ӯ дар назди даромадгоҳ бо як ҷомадони калони сиёҳ пайдо шуд. Вазни ҷомадонаш ӯро чунон сахт ба як тараф кашида буд, ки ӯро лозим омад, ки бо паҳлуи дигари баданаш ба дар такя кунад. Ба назар мерасид, ки ҷавон худи ҳозир аз пой меафтад, вале ӯ бо хурсандӣ изҳор кард: «Субҳ ба хайр, хонум Сидарс!», – ва ҷомадони худро болои қолинчаи остона гузошт. Ба он нигоҳ накарда, ки дар бар костюми кабуди катакчадор ва ҷуробҳои зарди то охир набардошта дошт, симояш чандон бад набуд. Ситорагарм буд ва як қабзаи муйҳои нофармони хурмоияш ба пешонияш мерехт.

«Ман хонум Хоупвел», – гуфт ӯ.

«Эҳ! – ҷавоб дод ҷавон, худро ҳайратзада вонамуд сохта, вале чун пештара бо чашмонаш нур пошида. – Дар қуттии почта «Сидарс» навишта шуда буд, барои ҳамин ман гумон кардам, ки шумо хонум Сидарс ҳастед». Ва ҷавон хеле гуворо хандид. Пас ҷомадонашро бардошта ва нафас бароварда, дар даҳлез ба пеш рафт. Ба назар мерасид, ки гӯё ҷомадон пеш-пеш рафта, соҳибашро аз қафояш мекашад. «Хонум Хоупвел! – садо кард ӯ ва дасти занро дошта, – Ман умед дорам, ки комилан сиҳатманд ҳастед». Пас табассум намуд, вале ногаҳон рӯяш карахт шуд. Ӯ истод ва ба зан ҷиддан нигоҳ карда, гуфт: «Бону, ман омадаам, ки бо шумо чизҳои ҷиддиро мулоҳиза намоям».

«Майлаш»- ғурросе кард зан, зеро чандон аз ин хурсанд набуд, чунки хӯроки нисфирӯзиаш қариб тайёр буд. Ҷавон ба меҳмонхона даромада, дар як кунҷи мизи нишасту ҷомадонашро дар мобайни пойҳояш гузошта, ҳуҷраро назора кард, гӯё ки мехост аз намуди ин ҳуҷра дар бораи соҳибаш тасаввурот пайдо кунад. Чизҳои нуқрагин дар ду ҷевон

барқ мезаданд; зан фикр кард, ки ӯ шояд ҳеч гоҳ дар чунин ҳуҷраи зебо набудааст.

«Хонум Хоупвел», – номро бо овози қариб ки шахсию сиррӣ талаффуз карда, сар кард ӯ: «Ман медонам, ки шумо ба расму ойини масеҳӣ бовар доред» (*Муаллиф бесаводии қаҳрамонро таъкид месозад. шарҳи редаксия).*

«Бале, ҳа», – ғуррос кард ӯ.

«Ман медонам», – гуфт ӯ баъди лаҳзае таваққуф кардан ва бо нигоҳи оқилона сарашро ба китфаш тоб додан, – «ки шумо зани шуҷоъ ҳастед. Ба ман инро дӯстонам гуфтанд».

Ба хонум Хоупвел маъқул набуд, ки ӯро ҳамчун сода қабул намоянд. «Ту чи мефурӯшӣ?», – пурсид зан.

«Библия», – ҷавоб дод ҷавон ва бо чашмонаш боз ба ҳуҷра назар андохт. – «Мебинам, ки дар меҳмонхонаи шумо Библияи оилавӣ нест. Фикр мекунам, ки ба шумо маҳз ҳамин намерасад».

Хонум наметавонист гӯяд: «Духтари ман атеист ҳаст ва аз ин рӯ намегузорад, ки дар меҳмонхона Библия дошта бошам». Бо ҳамин сабаб каме дарозо кашида гуфт: «Ман Библияро дар назди катам нигоҳ медорам». Ин гап дурӯғ буд. Библия ким-куҷое дар болохона буд.

«Бону, каломи Худо бояд, ки дар меҳмонхона бошад», – гуфт ӯ.

«Ман фикр мекунам, ки ин интихоби ҳар як шахс аст, – сар кард хонум Хоупвел. – Ман фикр мекунам, ки…».

«Бону, – суханашро бурид ӯ, – барои зани масеҳӣ каломи Худо бояд, ки дар ҳар як ҳуҷра бошад, на танҳо дар дилаш. Ман медонам, ки шумо зани масеҳӣ ҳастед, зеро инро аз чеҳраатон мехонам».

Хонум Хоупвел аз ҷояш хеста, гуфт: «Хайр, ҷавонмард, ба ман Библияи нав даркор нест, ғайр аз ин, ба машомам бӯи сӯхтагии хӯроки нисфирӯзӣ меояд».

Ҷавон аз ҷояш наҷунбид. Ба ҷойи ин ӯ ангуштҳои дастонашро бо ҳам тоб дода, ба онҳо назар карду гуфт: «Аз рӯи виҷдон гӯям, бону, имрӯзҳо на он қадар одамони зиёд Библия мехаранд. Ба ғайр аз ин, медонам, ки ман одами одиям. Ман намедонам дар бораи чизҳо сухан нагуфта, чи тавр сухан гӯям. Ман – ҷавони одии деҳотиям». Ӯ ба қиёфаи бадқаҳри зан назар намуд. «Одамоне чун шумо дӯст намедоранд, ки бо касоне чун ман муошират кунанд».

«Чаро не! – иброз дошт зан. – Одамони хуби деҳотӣ намаки олам ҳастанд! Ба ғайр аз ин, ҳамаи мо аз ҳамдигар фарқ дорем ва барои мавҷудияти олам ҳамаи мо лозимем. Ҳаёт ҳамин тавр аст!».

«Бо ин шумо чизи хеле зиёдеро қайд кардед», – ҷавоб дод ҷавон.

«Чаро, ман фикр мекунам, ки дар олам одамони хуби деҳотӣ хеле кам мондаанд, – гуфт зан, каме ноҳинҷору андармон шуда. – Маҳз барои ҳамин, ба фикри ман, ҳамаи мушкилоти одамон марбут аст».

Чеҳраи ҷавон равшантар шуд. «Ман худамро муаррифӣ накардам, – гуфт ӯ, – Ман Манли Пойнтер аз деҳае, ки дар назди Вилохоби

аст – аз худи Вилохоби не, аз мавзеъчае, ки дар паҳлуи он воқеъ аст, мебошам».

«Як дақиқа сабр кун, – гуфт зан, – ман бояд бинам, ки хӯроки нисфирӯзиям чи шуд». Ба сӯи ошхона рафта, дид, ки Ҷой дар назди дар истода, ҳамаи ин гуфтугӯро гӯш кардааст.

«Аз ин намаки замин худро халос куну, – гуфт ӯ, – биё хӯроки нисфирӯзӣ хӯрем».

Хонум Хоупвел ба духтараш бо як хастагие чашм андӯхта, оташи таги сабзавотро паст намуд. «Ман наметавонам бо касе набошад ҳам, дағалӣ кунам», – ғуррос зад ӯ ва ба меҳмонхона рафт.

Ҷавон ҷомадонашро кушода, нишаста буд ва болои ҳар зонуяш яктогӣ Библияро гузошта буд.

«Ман поквиҷдонии шуморо қадр мекунам, – гуфт ҷавон, – имрӯзҳо берун аз деҳа одамони поквиҷдонро пайдо кардан душвор аст».

«Ман медонам, – ҷавоб дод зан, – Воқеан ҳам, халқи нобиғаанд». Аз пушти дари нимкушода зан як нолишро шунид.

«Ман фикр мекунам, ки назди шумо ҷавонон зиёд меоянд, то барои гирифтани таҳсилоташон пул кор кунанд, – давом дод ҷавон, – вале ман дар бораи ин ба шумо гуфтанӣ нестам. Намедонам аз чи сабаб бошад, ки ба коллеҷ рафтан намехоҳам. Ман мехоҳам ҳаётамро ба ойини масеҳӣ бубахшам. Мефаҳмед, – овозашро паст карда гуфт ӯ, – дили ман бемор аст ва шояд ман дер намезиям. Агар шумо донед, ки бо шумо чизе номаълуме рух медиҳад ва шояд баъди чанде мемиред, он вақт, хонум…», – ӯ барои чанд сонияе аз сухангӯӣ бозистод ва бо даҳони кушода ба зан нигарист.

Ин ҷавон ва Ҷой дар ҳолати якхелаанд. Зан ҳис кард, ки дар чашмонаш ашк пури мешаванд, вале тез худро ба даст гирифта, ғуррос кард: «Намехоҳӣ, ки барои хӯроки нисфирӯзӣ хӯрдан бимонӣ? Мо хеле хушҳол мешудем», – вале ин суханонро талаффуз накарда, кайҳо пушаймон гашта буд.

«Бале, хонум, – гуфт ӯ бо овози хиҷил. – Ман бо дилу ҷон розӣ».

Ҷой ба ин ҷавон ҳангоме ки ба ӯ муаррфӣ шуд, як бор назар кард, вале давоми хӯроки нисфирӯзӣ ба ӯ дигар нигоҳе ҳам накард. Ҷавон чанд маротиба ба ӯ муроҷиат намуд, вале духтар вонамуд мекард, ки гӯё ӯро намешунавад. Хонум Хоупвел, агарчи бо Ҷой якҷоя зиндагӣ мекард, вале дағалии барқасдонаи духтарашро дарк кардан наметавонист ва кӯшиш мекард, ки бояд ба тарзи махсус меҳмоннавоз бошад, то рафтори дағалонаи духтарашро ҷуброн кунад. Зан аз ҷавон хоҳиш намуд, ки дар бораи худаш нақл кунад. Ҷавон гуфт, ки миёни дувоздаҳ фарзанд ҳафтумӣ аст. Ҳангоми ҳаштсола будани ӯ падараш зери дарахт монда, ба ҳалокат мерасад. Дарахт падарашро чунон зер карда буд, ки танаш ду тақсим шуда, чеҳраашро шинохтан намешуд. Модараш зиёд кор мекард, ин имкон медод, то вазъро саришта кунад. Ҳамзамон, доимо назорат мекард, ки ҳамаи фарзандонаш ба мактаби якшанбегӣ раванд ва ҳамаашон бегоҳирӯзӣ Библияро қироат кунанд. Ҳоло ҷавон нуздаҳсола буда, чор моҳ боз ба фурӯши Библия машғул аст. Дар ин муддат ӯ ҳафтоду ҳафт адад Библия фурӯхтааст ва боз нафаре ваъда додааст, ки дутои дигар мехарад. Ҷавон мехост, ки мубаллиғ шавад, зеро ба андешаи ӯ ин ягона роҳи кумак расондан ба одамон аст. «Ҳар касе ки ҳаёти худро аз даст медиҳад, онро аз нав меёбад», – ба тарзи одӣ изҳор намуд ва ин ҳарфҳо чунон рӯирост, нобиғона ва самимона буданд, ки хонум Хоупвел ҳеч наметавонист табассум кунад.

Бо як пора нон ҷавон афтидани донаҳоро аз табақча ба рӯи миз бозмедошт ва баъдтар, бо ҳамин пораи нон табақчаро лесида пок кард. Зан мушоҳида кард, ки Ҷой бо кунҷи чашмонаш саришта кардани корду чанголро аз тарафи ҷавон мушоҳида мекунад ва медид, ки сари ҳар чанд дақиқа ҷавон ба духтар нигоҳи буранда, бошиддат ва пуршавқ дорад, гӯё мехоҳад диққати ӯро ба худ ҷалб созад.

Баъди хӯроки нисфирӯзӣ, Ҷой аз рӯи миз зарфҳоро бардошта, ғайб зад ва хонум Хоупвелро бо ҷавон танҳо гузошт. Ҷавон боз як бори дигар дар бораи даврони бачагияш ва ҳодисаи нохуш, ки бо падараш рух дода буд, инчунин, саргузаштҳои дигаре, ки аз сар гузаронидааст, ба зан нақл кард. Ҳар як панҷ дақиқа зан маҷбур мешуд, ки хамёзаашро нишонад. Ҷавон қариб ду соат истод, то он даме, ки зан ба ӯ дар ниҳояти кор фаҳмонд, ки ӯ бояд равад, зеро дар шаҳр вохӯрӣ таъин кардааст. Ҷавон ба зан ташаккур гуфта, Библияҳояшро ҷамъ кард, дар тараддуди рафтан шуд. Вале дар назди дар бозистода, дасти занро фишурд ва илова кард, ки ӯ ҳеч гоҳ чунин зани накуро дучор нашудааст ва пурсид, ки оё метавонад бори дигар низ хонаашон биёояд. Зан ҷавоб дод, ки шод хоҳад буд, то бори дигар ӯро бубинад.

Ҳангоме ки ҷавон аз зинаҳо бо ҷомадони вазнин поён мефуромад, Ҷой дар роҳи ӯ рост истода ба дурие назар мекард. Ҷавон бозистода, ба рӯи ӯ нигоҳ кард. Хонум Хоупвел нашунид, ки ҷавон ба духтар чи гуфт, вале фикри он, ки Ҷой ба ӯ чи метавонист гӯяд, ӯро ба таҳлука овард. Зан дид, ки баъди як дақиқаи чизеро ба ҷавон ҷавоб гуфтани Ҷой, ҷавон аз нав сухан гуфта, бошиддат бо дасти озодбудааш ишораҳо мекард. Баъдан хонум Хоупвел ба ҳайрат афтод, ки онҳо якҷоя ба сӯи дарвоза равон шуданд. Ҷой ҳамроҳи ҷавон то назди дарвоза рафт. Хонум Хоупвел тасаввур карда наметавонист, ки онҳо бо ҳам дар бораи чи гуфтугӯ карданд, аммо барои пурсидан ҳам ҷуръат намекард.

Хонум Фриман ин лаҳза ба худ таваҷҷуҳро ҷалб мекард. Ӯ аз назди яхдон ба тарафи гармкунак гузашт, то ки хонум Хоупвел ба тарафи ӯ нигоҳ кунад, агар ба садояш гӯш дода бошад. «Глинез боз дирӯз бегоҳӣ ҳамроҳи Харви Хил буд, – гуфт ӯ. –Дар чашмаш боз гавмиҷа пайдо шуд».

«Хил, – бо овози паст такрор кард хонум Хоупвел,– ин ҳамон марде нест, ки дар устохонаи мошинҳо кор мекунад?».

«Не. Ин нафарест, ки дар мактаби **кайропрактика** таҳсил мекунад», – ҷавоб дод хонум Фриман. «Хуллас, дар чашми ӯ гавмижа пайдо шуд. Ду рӯз пештар. Вақте дирӯз ба хона баргашт, ӯ ба ман нақл кард, ки ин мард ба ӯ чи гуфтааст: «Иҷозат деҳ ман ин гавмиҷаро муолиҷа кунам». Духтар гуфт: «Чи тавр?». Мард ҷавоб дод: «Дар ҷойи нишасти пушти мошин хоб рав, ман нишон медиҳам, ки чи тавр». Духтар хоҳишашро иҷро кард. Мард чанд маротиба ба гардани ӯ бо даст то он даме тап-тап зад, ки духтар ӯро бозистонд. Ин саҳар, – идома дод хонум Фриман, – духтар на гавмиҷа дошту на нишоне аз он».

**Кайропрактика**
Табибе, ки сутунмуҳраро муолиҷа мекунад

«Ман то ин дам дар бораи ин усул чизе нашунидаам», – гуфт хонум Хоупвел.

«Мард аз духтарам хоҳиш кардааст, ки ба ӯ бо никоҳи шаҳрвандӣ ба шавҳар барояд, – давом дод хонум Фриман, – лекин духтарам ба ӯ ҷавоб додааст, ки ба шавҳар баромадан, дар ким-кадом идорае намехоҳад».

«Ҳа, Глинез духтари аҷоиб ҳаст, – гуфт хонум Хоупвел, – Глинез ва Карамая ҳар ду духтарони ҷолибанд».

«Карамая нақл кард, ки ҳангоми ба шавҳар баромаданаш, Лиман ба вай гуфтааст, ки худро хушбахт ҳис намудааст. Ӯ боз духтарамро гуфтааст, ки, ҳатто, бо панҷсад доллар ҳам имконияти аз ҷониби роҳиб никоҳ карданро рад намекард».

«Набошад бо чанд доллар рад мекард?», – пурсид Ҷой аз боло.

«Ӯ гуфтааст, ки, ҳатто, бо панҷсад доллар ҳам рад намекард», – такрор намуд хонум Фриман.

«Хайр, ҳамаамон бояд ба кор шуруъ кунем», – гуфт хонум Хоупвел.

«Лиман гуфт, ки барои ӯ ин кори муқаддастарин буд, – гуфт хонум Фриман. – Табиб мехоҳад, ки Карамея ба ҷойи дору сиёҳолӯ хӯрад. Бемориаш бо сабаби фишори хун аст. Медонед, ки ба фикри ман ин бемори дар куҷост?».

«Баъди чанд ҳафта ӯ беҳтар мешавад», – ҷавоб дод хонум Хоупвел.

«Дар рӯдаҳо, – давом дод хонум Фриман. – Набошад ӯ чунин дардҳоро намедошт».

Хулга болои табақчаи шишагин ду тухми обпази тозакарда ва болои миз финҷони пур аз қаҳваро гузошт. Ӯ эҳтиёткорона нишаста, хӯрданро сар кард ва умед дошт, ки саволҳои ӯ хонум Фриманро, ки рафтанӣ буд, бозмедоронад. Ҷой нигоҳи андӯхтаи модарашро ба худ ҳис кард. Даври аввали саволҳо ба фурӯшандаи Библия равона шуда буд, вале Ҷой ба ин саволҳо ҷавоб додан намехост. Бинобар ин, худаш савол дод: «Ӯ чи тавр ба гардани духтарат тап-тап мезад?».

Хонум Фриман онеро, ки ӯ чи тавр ба гарданаш тап-тап мезад, шарҳ дод. Ӯ муътақид месохт, ки ин мард **«Меркурий»- и тамғаи 55** дорад, лекин Глинез гуфт, ки ба марди соҳиби **«Плимут»-и тамғаи 36**, ки барои никоҳ кардан дар калисо розӣ ҳаст, издивоҷ мекунад. Ҷой пурсид, ки чи мешуд, агар мард «Плимут»-и тамғаи 32 медошт? Хонум Фриман ба ин ҷавоб дод, ки Глинез фақат тамғаи 36-ро мехоҳад.

Хонум Хоупвел қайд кард, ки шумори ками духтарон чун Глинез солимона фикр меронанд. Ӯ иброз намуд, ки аз хиради солими ин духтарон мутаассир аст. Ба гуфти хонум Хоупвел, онҳо ҳамон меҳмони аҷибро ба ёд меоранд, ки дирӯз ба хонаи онҳо омада буд- ҷавонмарде, ки Библия мефурӯшад. «Худоё, – гуфт хонум Хоупвел, – барои ман бо ӯ будан дилгиркунанда буд, лекин ҷавон он чунон самимӣ ва нобиға буд, ки наметавонистам бо ӯ дағалӣ кунам». «Медонед, одӣ карда гӯем, вай ҷавони хуби деҳотӣ аст, – давом дод хонум Хоупвел – намаки замин».

«Ман чи тавр рафтани ӯро дидам, – қайд кард хонум Фриман, – баъдтар боз дидам, ки чи хел аз дар дур мешуд», – ва Хулга каме тағйир ёфтани овози ӯро ҳис намуд, ин ишора ба он буд, ки ҷавон танҳо намерафт, ҳамин тавр не? Дар рӯи Ҷой чизе инъикос наёфт, вале гарданаш сурх шуд, гӯё ки бо як қошуқи пур аз тухми обпаз гулӯгир шуда бошад. Хонум Фриман ба ӯ чунон нигоҳ мекард, ки гӯё ҳардуяшон ягон сирру асрореро медониста бошанд.

«Чи мекунӣ, барои олам ҳама гуна инсонҳо даркоранд, – гуфт хонум Хоупвел, – Хуб аст, ки мо ҳама ба якдигар монанд нестем».

**«Меркурий»-и тамғаи 55 –** автомобили амрикоӣ, истеҳсоли соли 1955.

**«Плимут»-и тамға 36 –** автомобили амрикоӣ, истеҳсоли соли 1936.

«Баъзе одамон аз дигарон дида, бисёртар ба ҳам монананд», – изҳор кард хонум Фриман.

Хулга бархоста, бо садои ба маротиб баланде, ки барқасдона бароварда мешуд, ба сӯи ҳуҷраи худ рафта, дарро аз пушт маҳкам кард. Соати даҳ ӯ бояд дар назди дарвоза бо фурӯшандаи Библия вомехӯрд. Ними шабро ӯ бо фикр дар бораи ҳамин вохӯрӣ рӯз карда буд. Ҳамаи ин дар аввал як шӯхие метофт, вале Ҷой зуд ба ин вохӯрӣ аҳамияти зиёд дод. Ӯ дар кат хобида, муколамаҳояшонро ба ёд меовард, ки дар мадди аввал девонаранг ба назар метофт, вале дар асл ба чунон амиқиҳо мерасиданд, ки ягон фурӯшандаи Библия ба фаҳми онҳо намерасид. Гуфтугӯи дирӯзаи онҳо ҳамин хусусиятро дошт.

Ҷавон таваққуф кард ва дар муқобили духтар рост истод. Рӯи ӯ устухондор, арақин, вале нӯронӣ буд, бинияш каме тез ва нигоҳаш аз он нигоҳе, ки ҳангоми тановули хӯроки нисфирӯзӣ дошт, тамоман фарқ дошт. Ӯ ба духтар бо як кунҷковии кушода нигоҳ мекард, бо ваҷд, ҳамчун кӯдаке, ки ҳайвони фантастикиро дар боғи ҳайвонот назора мекунад ва он чунон нафас мекашид, ки гӯё масофаи тулониеро давидааст, то ба ин духтар расад. Нигоҳаш барои Ҷой шинос буд, вале ба ёд оварда наметавонист, ки дар куҷо ӯро то ин дам дидааст. Қариби як дақиқаи пурра ҷавон хомӯш истод. Сипас, синаашро пур аз ҳаво карда, пичирроскунон гуфт: «Шумо ягон бор чӯҷаи дурӯзаро хӯрдаед?».

Духтар бо таври пурасроре ба ӯ нигоҳ кард. Ин саволи ӯро барои баррасӣ дар ассотсиатсияи файласуфон пешниҳод кардан мумкин буд. «Ҳа», баъд аз чанд лаҳзае ҷавоб дод духтар, гӯё ки ин ҷавобро ҳаматарафа баррасӣ карда бошад.

«Он мебоист хеле хурд бошад», бо тантана изҳор дошт ва аз хандаи асабонии хурд ларзида, сахт сурх шуд; дар нигоҳаш мафтунии комил аён гардида ва ин дар ҳоле ки чеҳраи духтар бетағйир боқӣ мемонд.

«Шумо чандсолаед?»,– пурсид ҷавон.

Ҷой лаҳзае, пеш аз он ки ба саволи ӯ ҷавоб гӯяд, таваққуф кард. Баъдан оромона гуфт: «Ҳабдаҳсола».

Таркиши хандаҳои ҷавон ҳамчун мавҷҳои дар сатҳи кӯли хурде бархеста ҳеч хомӯш намешуд. «Ман мулоҳиза кардам, ки як поятон чӯбӣ аст, – гуфт ӯ. -Фикр мекунам, ки шумо хеле далеред. Фикр мекунам, ки шумо хеле дилкашед».

Духтар хомӯш, ором буд ва ба суханҳои ӯ аксуламале нишон намедод. «То дарвоза рафтан маро ҳамраҳӣ кунед, – гуфт ӯ. – шумо хеле дилчаспу малеҳед ва баробари аз дар даромаданатон, ба ман маъқул шудед.

Хулга ба пеш ҳаракат кард.

«Номатон чист?», – пурсид ҷавон, ба сӯи духтар табассум намуда.

«Хулга», – ҷавоб дод ӯ.

«Хулга», – пичиррос кард ҷавон, – Хулга. Хулга. Ман ягон вақт касеро бо номи Хулга вонахӯрдаам. Шумо шарм медоред, ҳамин тавр не, Хулга?».

Вай дастони калони сурхи ӯро дар дастаки ҷомадон мушоҳида карда, сар ҷунбонд.

«Ба ман духтарони айнакдор маъқуланд, – гуфт ҷавон. – Ман хеле зиёд фикр мекунам. Ман аз зумраи онҳое нестам, ки ба сарашон ягон фикри дуруст намеояд. Сабабаш ин аст, ки ман метавонам ба зудӣ бимирам».

«Ман ҳам метавонам бимирам», – гуфт вай ногаҳон ва ба ӯ нигарист.. Чашмони ҷавон хеле хурду қаҳваранг буда, ошуфтаҳолона ҷило медоданд.

«Гӯш кунед, – гуфт ҷавон, – фикр намекунед, ки барои баъзе одамон, дар асоси он умумиятҳои зиёде, ки доранд тақдир шудааст, то ба ҳам биоянд? Масалан, агар ҳардуи онҳо дар бораи ягон чизи ҷиддӣ фикр мекунанд?». Ӯ ҷомадонро ба дасти дигараш гирифт, то дасти ба духтар наздикбудааш озод бошад. «Ман рӯзҳои шанбе кор намекунам, – гуфт ӯ, – ба ман дар ҷангалҳо овора гаштан, аз болои модар-табиат мушоҳида кардан ва ба дуриҳо, ба пушти теппаҳо назора кардан маъқул аст. Пикник – сайри саҳро ва монанди онҳо. Метавонем мо пагоҳ ба сайри саҳро равем? Розӣ шавед, Хулга», – гуфт ӯ ва нигоҳи муҳтазару мирандае ба сӯи духтар кард, гӯё ҳис кард, ки ҳама чиз дар ботинаш такурӯ шуд. Ба назар мерасид, ки ӯ, ҳатто, як қадар ба сӯи духтар хам шуд.

Шабона духтар мепиндошт, ки ҷавонро мафтун кардаю аз роҳ зада-аст ва ҳамин ки ба анбори пушти ду киштаи охирин расиданд, он ҷо ҳам тасаввур кард, ки ҳама чиз ҳамон тавр мешавад, ки ӯ ҷавонро ба осонӣ аз роҳ мезанад ва албатта, пасонтар ба тавба кардани ӯ розӣ мешавад. Нобиғаи ҳақиқӣ, ғояҳоро, ҳатто, дар шуури инкишофнаёфта ҳам ҷой мекунад. Духтар тасаввур кард, ки чи тавр тавбаи ӯро ба дастонаш гирифт ва ба фаҳмиши амиқи зиндагӣ табдил дод. Ӯ тамоми шарми ҷавонро ҷамъ карда, ба чизи фоидаовар табдил дод.

Расо соати даҳ Ҷой ба сӯи дарвоза равона шуд ва умед дошт, ки диққати хонум Хоупвелро ҷалб намекунад. Ӯ ягон хӯрдание бо худ нагирифт, зеро фаромӯш карда буд, ки ҳангоми сайри саҳро, одатан, бо худ хӯрокворӣ мегиранд. Дар бар шим ва куртаи сафеди чиркине дошт ва барои мабодо дар зери гиребонаш каме Валекс гузошта буд, чунки ягон хел атриёт надошт. Вақти ба дарвоза наздик шуданаш, он ҷо касе набуд.

Ҷой дарозои роҳи холиро назар кард ва ба сараш омад, ки ӯро фиреб додаанд, ҷавон фақат мехост, ки ӯ ҳамроҳаш то назди дарича равад, фикр кард дар борааш. Вале, ногаҳон, ҷавон, ки қоматбаланд буд, аз пушти буттаҳои тарафи дигари хоктӯда пайдо шуд. Хандида, ҷавон кулоҳи навашро каме бардошт ва барои Хулга мароқовар шуд, ки оё ин кулоҳро маҳз ба ҳамин муносибат харида бошад. Кулоҳ ранги нони бирёншуда дошт, дар гирди теппааш тасмачаҳои сурху сафед буданд ва андозааш барои ҷавон каме калон буд. Ҷавон аз даруни буттаҳо баромад, дар дасташ боз ҳамон ҷомадони сиёҳ буд. Дар бар ҳамон костюм ва ҷуробҳоро дошт, ки даруни пойафзолаш аз роҳ рафтан тоб хӯрда буданд. Ҷавон роҳро гузашта гуфт: «Ман медонистам, ки шумо меоед!».

Духтар бо як нешзание қайд кард, ки ӯ инро метавонист надонад. Ҷой ба ҷомадон ишора карда, пурсид: «Шумо чаро Библияатонро бо худ овардед?».

Ҷавон ӯро аз оринҷаш дошта, аз боло хандиданашро ба сӯяш давом дода, гӯё ки онро наметавонист қатъ кунад. «Ҳеч гоҳ намедонӣ, ки каломи Худо кай даркор мешавад, Хулга», – ҷавоб дод ӯ. Як лаҳзае ба назари духтар чунин расид, ки ин ҳама дар асл рух надодааст, вале баъди чанде, аллакай, болои хоктӯда қадам мезад. Онҳо аз чарогоҳ ба сӯи ҷангал рафтанд. Ҷавон дар паҳлуи ӯ, каме ҷаҳида роҳ мерафт. Ҷомадон имрӯз барои ҷавон он қадар вазнинӣ намекард, ӯ, ҳатто, онро алвонҷ медод. Онҳо ними

чарогоҳро чизе ба ҳамдигар нагуфта гузаштанд, лекин чанде нагузашта, ҷавон духтарро аз миёнаш ба оғӯш гирифта, пурсид: «Пойи чӯбинат дар кадом ҷой маҳкам карда шудааст?».

Духтар беҳад сурх шуда, бераҳмона ба ҷавон назар кард, аз ин ҷавон чанд муддат дар ҳолати хиҷолат қарор гирифт. «Ман намехостам шуморо ранҷонам, – гуфт ӯ. – Ман танҳо инро дар назар доштам, ки шумо хеле ҷасуред ва дигару дигар. Ман гумон мекунам, ки Худо шуморо нигаҳбон аст».

«Не, – изҳор кард духтар ва ба пеш нигоҳ карда, тезтар қадам зад. – Ман, ҳатто, ба Худо бовар надорам».

Ин ҷо ҷавон таваққуф намуд ва ҳуштак кашид. «Не!», – хитоб кард ҷавон ва чунон ба тааҷҷуб омад, ки, ҳатто, чизе гуфтанашро намедонист.

Духтар рафтанро давом дод, баъди чанд сония ҷавон боз ҳам кӯшиш кард, ки кулоҳашро албонҷ дода, дар паҳлуяш бошад. «Ин барои духтар хеле ҳам ғайримуқаррарӣ аст», – қайд кард ҷавон, ба духтар бо кунҷи чашмонаш нигоҳ карда. Вақте ки онҳо ба канори ҷангал расиданд, ҷавон боз камари духтарро ба оғӯш гирифта, ба сӯи худаш кашид ва чизе нагуфта, ӯро бӯса кард.

Бӯсае, ки дар он аз эҳсос дида, фишор бештар буд, ба саршоршавии ботини духтар бо адреналини иловагӣ оварда расонд, ки ба одамон он қадар неру медиҳад, ки қобилияти сандуқи пури ашёро аз оташ берун карданро пайдо мекунанд, вале дар ҳолати духтар неру ба майнаи сар рафт. Ҳатто, то он лаҳзае, ки ҷавон ӯро сар дод, майнаи бе ин ҳам равшан, яктарафа ва тамасхуромези ӯ ҷавонро аз дурии бузург бо писханд ва ҳам таассуф таҳлил кард. Духтарро то ин дам касе набӯсида буд ва барояш хуш буд равшан созад, ки ин амал предмети комилан муқаррарии қобили назорати мағзӣ будааст. Баъзе одамон метавонанд аз оби равон ҳаловат баранд, агар ба онҳо гӯянд, ки ин арақ аст. Вақте ки ҷавон гӯё беҳуда интизор будани чизеро ҳис кард, духтарро бо нармӣ сар дод, духтар пас гашта, ҳеч чизе нагуфта, роҳ рафтанашро идома дод, гӯё ки ҳамаи ин барои ӯ як кори комилан муқаррарӣ буд.

Фашшасзанон ҷавон худро ба духтар расонид ва вақте решаи дарахтеро дид, ки ӯ метавонист ба он пешпой хӯрад, духтарро хост дорад. Ҷавон шохаҳои дарози ангури даштиро ба дастон гирифта, то гузаштани духтар онҳоро дошт. Духтар пеш-пеш мерафт, ҷавон нафаси вазнин кашида, ӯро дунболагирӣ мекард. Баъдтар, онҳо ба теғаи бо офтоб равшаншудаи теппа, ки ба таври мувозин ба теппаи дигари хурдтар мегузашт, расиданд. Дар пушти ин теппаҳо онҳо боми зангзадаи анбори фарсударо диданд, ки дар он каҳ нигоҳдорӣ мешуд.

Теппа бо садбаргҳои гулобии хурд гулкорӣ шуда буд. «Пас ту наҷот нахоҳӣ ёфт?», – пурсид ҷавон ногаҳонӣ дар ҷояш таваққуф карда.

Духтар табассум кард. Ин бори аввал буд, ки дар ҳузури ҷавон ӯ табассум кард. «Ба шарофати арзишҳоям, – гуфт ӯ, – ман ҳифзшудаам, ту бошӣ лаънатшуда ҳастӣ, вале чунонки, аллакай, ба ту гуфтам, ман ба Худо бовар надорам».

Ба назар мерасид, ки ҳеҷ чиз нигоҳи пурваҷди ҷавонро халладор намекард. Акнун, ӯ ба духтар ҳамчунон нигоҳ мекард, ки гӯё ҳайвони муъҷизавие аз боғи ҳайвонот кафи дастони худро аз пушти панҷара дароз карда, бо як муҳаббате ӯро такон дод. Ба назари духтар расид, ки ҷавон гӯё боз мехоҳад ӯро бӯса кунад, аз ин рӯ, ӯ боз ҳаракат карда, ҷавонро аз ин имконият маҳрум сохт.

«Наход инҷо ягон ҷое нест, ки мо каме бишинем?», – ғур-ғур кард ҷавон, овозашро дар охири ҷумла нарм карда.

«Дар ҳамон анбор», – ҷавоб дод духтар.

Онҳо бошитоб ба анбор наздик шуданд, гӯё ки он метавонист аз онҳо ҳамчун поезд дур шавад. Ин анбори бузург, дуошёна ва аз дарун торик буд. Ҷавон ба зинапояе, ки ба болохона мебурд, ишора карда гуфт: «Афсӯс, ки мо ба боло баромада наметавонем».

«Чаро наметавонем?», – пурсид духтар.

«Пойи шумо», – гуфт ӯ боэҳтиромона.

Духтар ба ӯ як нигоҳи тунд андохт ва бо ҳарду даст зинапояро дошта, бо он баромадан гирифт, дар ин вақт ҷавон дар поён истода, гӯё ки ба таври хеле форам мутаассир шуда буд. Духтар моҳирона ба сӯрохии дарича даромад, ба ҷавон аз боло назар андохта гуфт: «Ин ҷо биё, агарки ҳоло ҳам инро мехоҳӣ».

Ҷавон ҷомадонашро лавандона аз пушташ кашола карда, ба зинапоя баромадан гирифт.

«Ба мо Библия даркор намешавад», – қайд кард духтар.

«Кӣ медонад», – гуфт ӯ нафасаш гирифта. Ба болохона баромада, ҷавон чанд сонияе нафасашро рост кард. Духтар ба тӯдаи коҳ нишаст. Нури васеи офтоб, ки бо донаҳои гарду чанг пур шуда буд, уреб ба ӯ расид. Духтар ба дарзаи коҳ бо оринҷаш такя кард ва рӯи худро тоб дода, ба сӯрохии даромадгоҳи анбор, ки коҳро аз он ҷо ба болохона кашида баровардаанд, нигоҳ кард. Ду теппаи хамиҳояшон бо ранги гулобӣ гулкоришуда, дар муқобили шонаи торики ҷангал истода буданд. Осмон соф ва нилгуни хунук буд. Ҷавон дар паҳлуи ӯ нишаст, як дасташро ба таги духтар дароз карда ва бо дасти дигараш ӯро аз боло оғӯш кард ва ба пайдарапай бӯса кардани рӯйи ӯ хомӯшона чун моҳӣ сар кард. Кулоҳашро аз сараш нагирифта, онро ба пушти сар такон дод, то ба ӯ халал нарасонад. Вақте ки ба ӯ айнакҳои духтар халал расониданд, ҷавон онҳоро гирифта, ба ҷайбаш монд.

Духтар дар аввал ба бӯсаҳои ҷавон ҷавоб надод, вале чанде нагузашта ҷавобан ба бӯса кардани ӯ сар кард ва пас аз чанд бор бӯсидани рухсораш, лабҳояшро ёфта, ба онҳо лабони худро часпонда, такрор ба такрор бӯсидан гирифт, гӯё ки мехост тамоми нафаси ӯро кашида гирад. Нафаси ҷавон ҳамчун нафаси кӯдак тозаву ширин буд, бӯсаҳояш ҳам мисли бӯсаи кӯдак часпак буданд. Ҷавон ким-чизе дар бораи муҳаббат ба ӯ пичир-пичир кард, вале ин ба ғур-ғури хоболудонаи кӯдаки инҷиқ монанд буд, ки болои кати модар хоб рафтааст. Дар ин муддат майнаи духтар барои як сония ҳам бекор нашуд ва ҳиссиёташ гум нагардид. «Ту нагуфтӣ, ки маро дӯст медорӣ, – дар ниҳояти кор пичиррос зад ҷавон каме духтарро аз худ такон карда. – Бигӯ инро».

Духтар аз байни ӯ ба осмон, теғаи сиёҳи баландӣ, ки дар поён хобида буд ва баъдан, ба ду кӯли сабзи боз ҳам поёнтар, ки дам шуда буданд, нигоҳ мекард. Ҷой намефаҳмид, ки ҷавон айнакҳои ӯро кашидааст, вале дар ҳар сурат ин манзара ба ӯ махсус наметофт, зеро ӯ хеле кам ба он чи, ки ӯро иҳота кардааст, диққат медод.

«Бигӯ инро, – такрор кард ҷавон. – Бигӯ, ки дӯстам медорӣ».

Духтар доим дар ифодаи садоқат ба ҳар як чиз эҳтиёткор буд. «Ба навъе, – сар кард ӯ, – агар ин калимаро ба маънии васеаш истифода кунем, пас чунин ҳам гуфтан мумкин аст. Аммо ман ин калимаро истифода намебарам, ман ягон хаёли хом надорам. Ман ба чунин навъи одамон мансубам, ки ҳеч чиро намебинанд».

Ҷавон абру чин кард. «Ту бояд инро гӯӣ. Ман инро гуфтам, ту ҳам бояд инро гӯӣ», – истодагарӣ кард ӯ.

Духтар ба ӯ бо як меҳрубоние нигоҳ мекард. «Бечора кӯдак, – гуфт духтар. – Ин аз он сабаб аст, ки ту намефаҳмӣ», – ва ҷавонро аз гарданаш кашида, сари ӯро ба китфи худ гузошт. «Мо ҳама лаънатзадаем, – гуфт духтар, – вале баъзе аз мо метавонистанд, ки аз чашмбандҳои моро нобинокунанда халос шуда, бубинанд, ки ҳеч чизе вуҷуд надорад, то онро тавонӣ бубинӣ. Ин як навъи наҷот аст».

Чашмони ба ҳайратзадаи ҷавон аз байни дастаи мӯйҳои духтар бе ягон маъние назар мекарданд. «Хуб, – қариб ки гиря карда розӣ шуд ҷавон, – вале ту маро дӯст медорӣ ё не?».

«Ҳа», – ҷавоб дод духтар ва изофа кард, – ба як навъе. Аммо ман бояд ба ту як чизро бигӯям. Байни мо бояд ягон чизи беинсофона набошад». Духтар сари ҷавонро боло карда, ба чашмонаш нигарист. «Ман сисолаам, – гуфт ӯ, – ва ман чанд унвони илмӣ дорам».

Нигоҳи ҷавон ранҷида, вале самимӣ буд. «Барои ман фарқ надорад, – ҷавоб дод ҷавон. – Барои ман фарқ надорад, ки ту ба чи машғулӣ. Ман фақат мехоҳам донам, ки ту маро дӯст медорӣ?». Ҷавон духтарро ба сӯи худ кашида, бо як шаҳвате рухсори ӯро бӯсидан гирифт, то он даме, ки духтар гуфт, ки «Ҳа, ҳа».

«Хуб, – гуфт ҷавон, духтарро сар дода. – Набошад инро исбот кун».

Духтар табассум намуда, дар фикр ба манзараи ҷилвакунанда назар кард. Ӯ ҷавонро, аллакай, аз роҳ задааст, ҳатто, дар бораи ин пурра фикр накарда. «Чи тавр?», – пурсид духтар, ҳис карда, ки барои дақиқае ӯро доштан зарур аст.

Ҷавон хам шуда, дар гӯши ӯ пичиррос зад: «Нишон деҳ, ки пойи чӯбини ту дар куҷо ба танат мечаспад».

Духтар каме дод зад, рӯяш ранг гирифт. Ӯро на беодобона будани ин пешниҳод хиҷил карда буд. Ҳангоме ки ӯ кӯдак буд, ӯро аксар вақт шарм азоб медод, вале гирифтани таҳсилот ӯро аз охирин асарҳои ин шарм халос карда буд, чунонки ҷарроҳи хуб варами саратонро тоза мекунад; хоҳиши ҷавон ва ҳамчунони дигар боварии ӯ ба Библия духтарро сахт наранҷонд. Вале ӯ ба пойи чӯбини худ чунон бо эҳсос муносибат мекард, ки товус ба пари худ. Ба ин пой ҳеч кас, ҳеч гоҳ ба ғайр аз худи ӯ нарасида буд. Ӯ ба ин пой чунон ғамхорӣ мекард, ки каси дигаре ба руҳи худ, дар танҳоӣ ва бо чашмони қариб ки пӯшида ғамхорӣ мекунад. «Не», – ҷавоб дод духтар.

«Ман инро медонистам, – нишаста пичиррос зад ҷавон. – Барои шумо ман фақат як ширхораам!».

«Оҳ, не, не!»- дод зад духтар. – Он дар зону ба тан часпонида шудааст. Чаро ту мехоҳӣ, ки онро бубинӣ?».

Ҷавон ба духтар нигоҳи дарозу бошиддате кард. «Чунки, – гуфт ҷавон, – ин чизест, ки туро аз ҳамаи дигарон фарқ мекунонад. Ту чунон нестӣ, ки дигарон ҳастанд».

Духтар нишаста, ба ҷавон нигоҳ мекард. Дар рӯи духтар ва дар чашмони кабуди яхмонандаш ҳеҷ чизе набуд, ки ба он, ки ин суханон ба ӯ сахт таъсир карда бошанд, далолат кунад. Аммо дар ботинаш ӯ худро чунон ҳис кард, ки гӯё дилаш аз кор бозмонда, ба майнаи сар муяссар шуд, ки ҳама хуни онро кашад. Духтар ба қароре омад, ки дар умри худ бори аввал бо бегуноҳии ҳақиқӣ рӯ ба рӯ гардид. Ин ҷавон бо ғаризае, ки аз хирад сарчашма мегирифт, тавонист, ки ӯро ҳақиқатан бифаҳмад. Вақте ки духтар баъди як дақиқа бо овози хирросӣ гуфт, ки «Хуб!»- ин ба он монанд буд, ки ҷавон пурра ба ӯ таслим шудааст. Гӯё духтар ҳаёти худро гум карда, онро аз нав бо як тарзи асроромез дар ин ҷавон дарёфт.

Духтар бо як меҳрубоние пойи дардмандашро кушод. Пойи сунъӣ бо ҷуроби сафед ва пойафзоли ҳамвори қаҳваранг аз маводи хеле мустаҳкам, ки ба матои карбосӣ монанд буд, тайёр шуда, ба тарзи хеле баднамо ба пойи буридаи ӯ часпонида шуда буд. Рӯйи ҷавон ва овози ӯ, вақте ки духтар пояшро кушод, пур аз эҳтиром буданд ва ӯ гуфт: «Акнун, нишон деҳ, ки ту чи хел онро мекашӣ ва ба поят мечаспонӣ».

Духтар барои ҷавон шуда, протезро кашид ва боз ба ҷояш часпонид, пас ҷавон худаш онро кашид ва бо он чунон рафтор мекард, ки гӯё пойи ҳақиқӣ бошад. «Нигоҳ кун!– гуфт ҷавон бо чеҳраи хурсанд. – Акнун, ман худам ин корро карда метавонам!».

«Пойро бозчаспон!», – гуфт духтар. Духтар тасаввур намуд, ки чи тавр ӯ аз хона бо ин ҷавон мегурезад ва ҳар шаб ӯ протезро аз пояш мекашаду саҳаргоҳон онро боз мечаспонад. «Пойро бозчаспон!» – такрор кард духтар.

«Ҳоло не», – ғуррос зад ҷавон, пойро аз духтар дуртар монда. «Бигзор чанд дақиқае он ҷо бошад. Ба ҷойи он ман бо ту ҳастам».

Духтар фарёд карда, ба ҷавон бо як шубҳае нигарист, аммо ҷавон ӯро такон карда, боз ба бӯсидани духтар сар кард. Бе пой духтар худро пурра аз ин ҷавон вобаста ҳис мекард. Майнаи сараш гӯё тамоман аз фикр кардан бозмонд ва ба иҷрои нақши дигаре сар кард, ки дар иҷрои он на он қадар моҳир буд. Қиёфаи духтар мунтазам дигар мешуд. Чашмони ҷавон ҳамчун ду сихи оҳанин мунтазам ба қафо, ки пой он ҷо истода буд, менигаристанд. Ниҳоят, духтар ҷавонро такон дода, гуфт: «Онро бозчаспон, фавран!».

«Интизор бош», – ҷавоб дод ӯ. Ҷавон ба дигар тараф хам шуда, ҷомадонро ба сӯяш кашид ва онро кушод. Дар даруни ҷомадон болои астари кабуди камранг ҳамагӣ дуто Библия мехобид. Ҷавон яке аз онҳоро гирифта, муқоваашро кушод. Библия аз дарун холӣ буд ва даруни он обдони киссагӣ барои виски, як қуттӣ қартаҳои бозӣ ва қуттичаи кабуди суратдор мехобид. Ҷавон ҳамаи онҳоро як ба як бонавбат дар пеши духтар қатор монд, гӯё ки ба маъбади олиҳае назар мекарда бошад. Ӯ ба дасти духтар қуттичаи кабудро гузошт. «***Ин маҳсулот бояд танҳо барои пешгирии бемориҳо истифода шавад***», – хонд духтар ва қуттичаро аз дасташ ғалтонд.

Дар ин ҳангом ҷавон сарпӯши обдонро тоб дода мекушод. Ӯ бозистода, табассум кард ва ба қартаҳо ишора кард. Ин колодаи ғайримуқаррарӣ бо суратҳои бешармона дар пушти қартаҳо буд. «Як қатра

бинӯш», – гуфт ҷавон ва якум шуда обдони худро ба духтар пешниҳод кард. Ҷавон ба духтар обдонро дароз кард, вале ӯ гӯё гипноз шуда бошад, ҳатто, наҷунбид.

Ҳангоме ки духтар ба сухан гуфтан сар кард, дар овози ӯ лаҳнҳои қариб ки таваллокунанда пайдо шуданд. «Ту-ку… ту-ку фақат яке аз одамони хуби деҳотӣ ҳастӣ?».

Ҷавон қоматашро рост кард. Ӯ чунон ба назар мерасид, ки гуё нав фаҳмидааст, ки духтар шояд ӯро таҳқир карданӣ буд. «Ҳа, – ҷавоб дод ҷавон каме лабҳояшро даврашакл намуда, – вале ин заррае ҳам маро боздоштан наметавонад. Ман ҳам чун ту ҳар як рӯзи ҳафта хубам».

«Поямро ба ман бидеҳ», – гуфт духтар.

Ҷавон бо пояш протезро аз ӯ дуртар такон дод. «Охир чи, биё шодӣ кунем, гуфт ҷавон ба тарзи боваркунанда. – Мо ҳоло ҳам бисёр чизҳоро дар бораи ҳамдигар надонистаем».

«Поямро ба ман бидеҳ», – дод зад духтар ва кӯшиш кард, ки то протез дасташро расонад, вале ҷавон ба осонӣ онро ба қафо такон дод.

«Ба ту яку якбора чи шуд?» – абрувонашро чин карда пурсид ҷавон, ҳамзамон сарпӯши обдони вискиро тоб дода, зуд онро даруни Библия монда. «Навакак ту гуфта будӣ, ки ба ҳеч чиз бовар надорӣ. Ман гумон кардам, ки ту духтараки махсус ҳастӣ».

Рӯйи духтар сурх шуд. «Ту масеҳӣ», – пичиррос зад духтар. – Ту масеҳии аҷиб ҳастӣ. Ту мисли ҳамаи дигарон аз онҳоӣ, чун ҳамаи онҳо як чиз мегӯӣ ва тамоман чизи дигаре мекунӣ. Ту беҳтарин намунаи масеҳиёнӣ, ту …».

Даҳони ҷавон бадхашмона кақ шуд: «Умед дорам, ки ту гумон намекунӣ, – гуфт ӯ бо овози баланд, – ки ман ба ҳамаи ин ахлот бовар дошта бошам?! Агарчи Библия мефурӯхта бошам ҳам, ман сода нестам, ман дирӯз таваллуд нашудаам ва медонам, ки чи ба даст оварданӣ ҳастам!».

«Поямро ба ман бидеҳ», – чиррос зад духтар. Ҷавон ҳамчунон тез бархост, ки чи тавр қартаҳо ва қуттичаи кабудро ҷамъ карда, даруни Библия мондан ва ба ҷомадон партофтани онҳоро духтар қариб ки надид. Ӯ дид, ки протезро гирифта, дар як лаҳза онро боэҳтиётона ҷамъ карда, якпаҳлу ба ҷомадон гузошт, ду Библияро бошад, ба ду канори протез монд. Ҷавон ҷомадонро маҳкам кард ва онро ба даст гирифта, ба сӯрохии дарича даровард ва пасон худаш ҳам аз он ҷо ба поён фуромадан гирифт. Вақте ки танҳо сараш метофт, ӯ ба тарафи духтар гашта, ба ӯ нигоҳе кард, ки дар он дигар ягон ваҷде набуд.

«Ман чизҳои аҷиб хеле зиёд дорам, – гуфт ҷавон, – Як дафъа ба ҳамин монанд, ман як чашми шишагии занеро гирифта будам. Ҳатто фикр ҳам накун, ки ту маро дошта метавонӣ, чунки номи ман Пойтнер нест. Ман дар ҳар як хонае, ки он ҷо меравам, номҳои гуногунро истифода мебарам ва ҳеч гоҳ он ҷо дер намеистам. Ва ҳамчунин, Хулга, – гуфт ӯ, ин номро чунон талаффуз карда, ки гӯё ба ӯ писанд нест, – ту на он қадар доноӣ. Ман ба ҳеҷ чиз аз лаҳзаи таваллуд шуданам бовар надо-

рам!». Сипас кулоҳи ранги нони бирёншуда дошта дар чуқурӣ нопадид гашт ва духтар дар болои тӯдаи коҳ, ки ба он нури гардолуди офтоб мерасид, нишаста монд. Вақте ки духтар ба сӯи ҷавон аз сӯрохии анбор рӯяшро гардонд, қаду қомати кабудрангашро дид, ки аз миёни сабзазорон ба сӯи холдонаи кӯл мешитобид.

Хонум Хоупвел ва хонум Фриман, ки ин вақт дар марғзор машғул буда, пиёз меканданд, диданд, ки ҷавон аз даруни ҷангал пайдо шуда, аз болои марғзорон ба сӯи роҳ ҳаракат намуд. «Ин ҳамон ҷавонмарди дилписанду дилгиркунанда нест, ки дирӯз мехост ба ман Библия фурӯшад?»,– пурсид хонум Хоупвел, чашмонашро танг карда. «Шояд ӯ китобро ба зангиҳо мефурӯхта бошад. Ӯ чунон сода буд, – гуфт зан, – вале шояд хеле хубтар мебуд, агар мо то ин дараҷа сода намебудем».

Нигоҳи бодиққати хонум Фриман ба дуриҳо нигаронида шуда, ҷавонро дарёфт, вале ӯ дарҳол дар паси пушта ноаён шуд. Сипас, хонум Фриман диққаташро боз ба сӯи пиёзи бадбӯи наврасида, ки онро аз замин меканд, равона кард. «На ҳама метавонанд, ки чунин сода бошанд. – гуфт ӯ. – Ман ку бошам, аниқ наметавонистам».

**Манбаъ:** O'Connor, Flannery. *The Complete Stories.* New York, Farrar, Straus and Giroux, 971, pp. 271- 291.

**САВОЛҲО БАРОИ МУҲОКИМА:**

1. Ҳикояи «Одамони хуби деҳотӣ» бо якчанд абзатсҳои дароз сар мешавад, вале, баъдан нақл, асосан, шакли муколамаро мегирад. Чаро муаллиф ҳикояро бо чунин тарз оғоз кардааст?
2. Бо нигоҳи кӣ мо ба хонум Фриман назар мекунем? Ба хонум Хоупвел чӣ? Ба ақидаи шумо, муносибати нақлкунанда ба ин қаҳрамонҳо чӣ гуна аст?
3. Оё Хулга бо ягон хайрхоҳӣ тасвир шудааст? Аз нуқтаи назари кӣ?
4. Оё байни он ки, чӣ гуна қаҳрамонони дигари асар ба ӯ муносибат доранд ва оне ки мо ҳамчун хонанда маҷбурем ӯро қабул намоем, ягон фарқияте вуҷуд дорад? Оё вақте ки Пойтнер ба ӯ часпида ва протези ӯро аз анбор медуздад, ин саҳна мазҳакавӣ аст?
5. Ҳикоя бо он анҷом меёбад, ки хонум Хоупвел ва хонум Фриман мулоҳизаҳои мухтасари худро дар бораи «одӣ будани дигарон» баён мекунанд. Оё онҳо бо дарки худ дар бораи «ҷавонмарди ситорагарм, дилгиркунанда» ҳаққанд? Онҳо дар идроки худ оё ҳаққанд? Чаро О'Коннор ҳикояашро бо суханони ин ду зан анҷом бахшидааст?

**САВОЛҲО БАРОИ ТАКРОР**

1. Дар охири ҳикоя Хулга дар мисоли Пойтнер инро мушоҳида карда, ба ҳайрат меафтад, ки на ҳамаи масеҳиён ва мардуми деҳотӣ самимиву ботамизанд. Чунин дарк ва тааҷҷуб «тавассути дигарон» аз таҷрибаи шахсии шумо мавриди мулоқот бо «дигарон» чӣ гуна шабоҳат ё тафовут дорад?

## ТАҲИЯИ ХАРИТАИ КОНСЕПТУАЛӢ



**Аксарияти мо дар шакли схема тасаввур кардани иттилоотро аз натиҷаи таҳқиқоти худ бо чунин тарз ёд гирифтаем:**

I. Мавзӯи аввал

II. Мавзӯи дуюм

  А) зермавзӯъ

  Б) зермавзӯъ

    1. зермавзӯъ

    2. зермавзӯъ

III. Мавзӯи сеюм

Ҷойгузин барои тасвири схемавӣ таҳияи харитаи **консептуалӣ** мебошад.

**Ман чи гуна метавонам харита созам?**

- Аввалан, схема ё параграфҳоеро, ки ҷумлаҳои аз матн гирифтаро истифода мебаранд, фаромӯш созед;
- танҳо дар доираи калидвожаҳо ё рамзҳои калидӣ фикр намоед.

**Барои ин ба шумо зарур аст:**

- қалам (зеро шуморо зарур меояд, ки чизҳои зиёдеро, ки менависед, пок кунед) ва варақи тозаи (берах) калон;
- тахтаи синф, бӯр ё маркерҳои ранга.

**Намунаи таҳияи харитаи консептуалӣ ба ҳикояи «Одамони хуби деҳотӣ"**

**Дар маркази варақ калима ё ибораи асосиро нависед:**

**«Одамони хуби деҳотӣ»**

Дар атрофи калимаи аз ҳама асосӣ номҳо, ғояҳо ва ақидаҳои дигарро нависед. Ба таври амиқ муносибати ин истилоҳотро ба истилоҳи аз ҳама асосӣ дар марказ муайян созед. Ғояҳое, ки бо ҳамдигар алоқа доранд, муттаҳид созед.




Харита онро инъикос менамояд, ки чи тавр хонум Хоупвел «одамони хуби деҳотиро» дарку қабул мекард. Кӯшиш намоед, ки харитаи худро бо ғояи маркази дигар, масалан, Хулга таҳия намоед ва дар бораи калимаҳое, ки дар доираҳо дар гирди ин ном ҳастанд, фикррониӣ кунед.

# ҶАЛОЛУДДИНИ РУМӢ



## БАҲС ДАР БОРАИ ФИЛ

Пил андар хонае торик буд,
Арзаро оварда будандаш ҳануд.

Аз барои диданаш мардум басе,
Андар он зулмат ҳамешуд ҳар касе.

Диданаш бо чашм чун мумкин набуд,
Андар он торикиаш каф мебисуд.

Он якеро каф ба хартум уфтод,
Гуфт: «Ҳамчун новадон аст ин ниҳод».

Он якеро даст бар гӯшаш расид,
Он бар ӯ чун бодбизан шуд падид.

Он якеро каф чу бар пояш бисуд,
Гуфт: «Шакли пил дидам чун амуд».

Он яке бар пушти ӯ бинҳод даст,
Гуфт: «Худ ин пил чун тахте будаст».

Ҳамчунин ҳар як ба ҷузве, ки расид,
Фаҳми он мекард, ҳар ҷо мешунид.

Аз назаргаҳ гуфташон шуд мухталиф,
Он яке «дол»-аш лақаб дод, ин «алиф».

Дар кафи ҳар кас агар шамъе будӣ,
Ихтилоф аз гуфташон берун шудӣ.

**МАНБАЪ:** Румӣ Ҷалолуддин. Маснавии маънавӣ. – Теҳрон, 2001. – 728 с.



**«Саёҳати Балтасар»**

# АМИН МАЪЛУФ
# САЁҲАТИ БАЛТАСАР

Амин Мааллуф соли 1949 дар Бейрут (Лубнон) таваллуд шудааст. Ҳамчун араби католик ӯ ба мактаби иезуитӣ дар Бейрут мерафт. Баъд аз омӯзиши сотсиология ва иқтисодиёт, ӯ рӯзноманигор шуд. Соли 1975 ҷанги шаҳрвандӣ сулҳу оромиро дар Лубнон вайрон сохт ва ӯ бо оилааш ба Фаронса муҳоҷират кард. Китоби якуми Мааллуф – «Юришҳои салибӣ аз нигоҳи араб» (1983) мавзӯи низои байни фарҳанги Шарқу Ғарбро аз асри XI то XIV дар бар гирифта, назари нав ба мавзӯи куҳнаро таҷассум намудааст. Китобҳои Мааллуф, ки ҳикоягӯи хеле ҷолиб ва таърихнигори касбӣ аст, бо зиёда аз бист забони олам тарҷума шудаанд. Дар «Саёҳати Балтасар» ӯ ҳаёти Балтасар Эмбриако, фурӯшандаи итолиёвии китобҳо дар асри XVII- ро тавсиф намудааст. Балтасар католик аст, вале ба ҳар як дини муташаккил бо шакку шубҳа нигариста, бо мушоҳида ва ақидаҳои худ зиёии муосирро ба ёд меорад. Бо пешниҳоди таърихи гузашта, Мааллуф кӯшиш мекунад, ки ҷаҳони муосирро беҳтар фаҳмад, ӯ хоссатан ба мулоҳизаи решаҳо, фарқият ва қабулу дарки тафовутҳо байни Шарқу Ғарб мароқ зоҳир кардааст.

Ман ҳамеша фикр мекардам, ки **Генуяро** бори аввал дида, гирён мешавам, вале шароити ба он ҷо омадани ман аз он чизе ки тасаввур мекардам, зиёд фарқ мекард. Дарвоқеъ, ман дар ҳамин шаҳр, ҳатто, пеш аз ба дунё омаданам таваллуд шудаам ва далели он ки ман онро ҳеч гоҳ надидаам, ин шаҳрро барои қалби ман боз ҳам азизтар кард, гӯё ки ман онро тарк кардаам ва зарур аст, ки онро зиёдтар дӯст дорам, то ки маро бубахшад.

Ҳеч кас ба **Генуя** муталлиқтар нест, ба мисле, ки генуягиҳо аз Шарқ ба он мутааллиқанд. Ҳеч кас онро зиёдтар аз онҳо дӯст намедорад. Агар шаҳр афтад ҳам, барои генуягиҳои шарқӣ он боз ҳам рост меистод. Агар он бенур ҳам мешуд, вале барои онҳо, боз ҳам шаҳри зеботарин боқӣ мемонд. Ҳатто, агар онро ба харобазор табдил медоданду ғорат мекарданд, дар ин сурат ҳам генуягиҳои шарқӣ дар он шукуфоӣ ва ифтихорро медиданд. Ҳеч чиз ба империяи худ мутааллиқ нест, чунонки **Корсика** ва ҷумҳурии хурди назди соҳил, ки дар он ҳар як хоҷагӣ аз дигараш рӯй мегардонад, ҳар як оила ба дигарон ваборо дуо мекунад ва ҳамаи аҳолӣ шоҳи католикро лаънату нафрин мехонанд ва ҳамзамон, қабулгоҳи намояндагоншро дар ҷустуҷӯи майлу рағбат ва таъсири ӯ муҳосира мекунанд. Аммо дар осмони болои рондашудагони генуягӣ чунин номҳо **Каффа**, Тана ва **Ялта** дар баробари номҳои Мавотсастро, Фамагуста, Тенедос Фосея, Перанда Галата, Самотраса ва Кассандрия, Лесбос, Лемнос, Самос, Икария, Хиос ва Гибелет ҳамчун ахтарони зиёд аз самои роҳи Каҳкашон нурпошии худро идома медиҳанд.

Падарам ба ман ҳамеша мегуфт, ки ватани мо на Генуяи муосир, балки Генуяи собиқ буд. Вале зуд илова мекард, ки ба хотири Генуяи гузашта ман бояд Генуяи муосирро ҳамду сано гӯям, новобаста аз он ки ин шаҳр хеле паст афтодааст. Ман, ҳатто бояд онро ба қадри бадбахтиҳояш ҳамчун модари пиршудаю беҳол дӯст дорам. Ба ғайр аз чизҳои дигар, падарам ба

**Генуя –**
шаҳр дар қисмати шимолӣ-ғарбии Италия, ки ба бандар дар баҳри Миёназамин мебарад.

**Корсика –**
ҷазира, як минтақае дар Фаронсаи ҷануб-шарқӣ, дар баҳри Миёназамин.

**Каффа –**
дар замони ҳозира шаҳри Феодосия, ки дар соҳили баҳри Сиёҳ қарор дорад.

**Ялта –**
шаҳр дар соҳили баҳри Сиёҳ

36

ман мегуфт, ки аз он ба хашм наоям, агар ягон вақт ман ба ин шаҳри зодгоҳам баргардаму он маро нашиносад. Он вақт ман хеле ҷавон будам ва нафаҳмидам, ки падарам чиро дар назар дошт. Чи тавр Генуя метавонист маро шиносад ё нашиносад? Аммо вақте ки субҳидами рӯзи охирини шино карданамон ман аз дур шаҳрро, ки миёни теппаҳояш бо бурҷҳои нӯктез, бомҳои тезатеғ, тирезаҳои танг, махсусан бо манораҳои дандонадори чоркунҷа ё доирашакл, ки яке аз онҳо, чунонки ман медонистам, то ҳол бо номи оилаи мо буд, хобида дидам, ман фикр карда наметавонистам, ки Генуя ба ман нигоҳ мекунад. Барои ман мароқовар буд, ки оё шаҳр маро мешинохта бошад.

Капитан Доменико маро нашинохт. Вақте ки ман худро ба ӯ муаррифӣ кардам, ӯ ҳеч гуна аксуламале нишон надод. Ӯ возеҳан ҳеч гоҳ дар бораи Эмбриако, нақши онҳо дар юришҳои салибӣ ё дар бораи сенйор будани онҳо дар Гибелет нашунида буд. Агар ӯ ба ман то ҳадде бовар дошт, ки дар бораи корнамоии қочоқбарии худ нақл мекард, танҳо барои он, ки ман аз Генуя буда, ба он муяссар шудаам, ки маро аз Хиос ронда, ки ба гумони ӯ, ман дигар ба он ҷо пой гузошта наметавонам. Лекин бо шарики ҳамкораш усто Грегорио Мангиавача, ки омода буд, то бори овардашударо қабул кунад, ӯ тамоман бо тарзи дигар муносибат мекард. Ин марди бузургҷусса ва ришзард бо либоси зарду сурх монанди тӯтӣ буд, ки ман ҳеч гоҳ аксуламали ӯро ба шунидани номи худ фаромӯш намекунам. Чун ман ин лаҳзаро ба ёд меорам, дастонам то ҳол меларзанд ва дар чашмонам ашк пайдо мешавад.

Мо то ҳол ба соҳил набаромада будем, ки Мангиавача ба саҳни киштӣ бо якчанд мизоҷонаш омад. Ман ҳамчун Балтасар Эмбриако аз Гибелет худро муаррифӣ карда, хостам чи тавр дар киштӣ пайдо шудани худро фаҳмонам, вале ӯ сухани маро бурида, китфонамро дошта ларзонд, гӯё ки бо ман ҷанг карданӣ буд.

«Балтасар Эмбриако, писари кистӣ?».

«Писари Томмасо Эмбриако».

«Томмасо Эмбриако писари кист?».

«Писари Бартоломео», – ҷавоб додам бо овози паст.

«Писари Бартоломео Эмбриако, писари Уго, писари Бартоломео, писари Анзалдо, писари Петро, писари...».

Ӯ аз хотирааш ба номбаркунии шаҷараи аҷдоди ман то насли нуҳум идома дод. Ман худам инро такрор карда наметавонистам.

«Аз куҷо ту дар бораи ҳама ниёгони ман медонӣ?», – пурсидам ман. Ба ҷойи ин ӯ аз дастам гирифта гуфт:

«Шумо лутф намекунед, то шабро дар хонаи ман гузаронед?».

Аз он ки ман пул надоштаму ҷое, ки ба назди ягон генуягӣ ё усмонӣ биравам, ин даъват як туҳфаи тақдир буд. Ман дар бораи қоидаҳои қабулшудаи одоб, ифодаи рад кардан ва шарму ҳаё фаромӯш кардам; маълум буд, ки ман дар хонаи усто Грегорио меҳмони дилхоҳ будам. Маро, ҳатто, ҳиссиёти аҷибе фаро гирифт, ки ӯ гӯё асрҳо дар бандаргоҳи Генуя истода, интизори баргаштани ман буд.

Грегорио ду нафар аз одамони худро даъват карда, маро бо онҳо шинос намуд ва номамро махсусан таъкид кард. Онҳо кулоҳҳояшонро аз сар гирифта, пешам таъзим карда, хоҳиш намуданд, ки ба онҳо боғочи худро нишон диҳам, то ки онро назорат кунанд. Капитан Доменико, ки ба му-

**Яничарҳо** – қӯшунҳои олии ҳарбӣ дар империяи Усмонӣ.

шоҳидаи ҳамаи ин идома дода, ифтихор аз он дошт, ки дар киштии ӯ чунин мусофири олиқадр буд, вале каме хиҷил аз он буд, ки номи ман ба ӯ чизе намегуфт, ӯ бо овози паст шарҳ дод, ки бинобар сабаи аз ҷониби **яничарҳои** туркӣ бадарға намуданам, ягон бағоче надоштам.

Мастер Грегорио инро бо тарзи худ шарҳ дода, аз хуни воломақом, ки дар рагҳои ман шарён дорад, эҳсоси ифтихор намуд. Ӯ ба одамони худ ва ба ҳамаи онҳое, ки дар радиуси чанд сад қадам буданд, гуфт, ки ман қаҳрамонеам, ки ба қонунҳои султони ноодил муқовимат нишон дода, бар дарвозаҳои сангини маҳбаси ӯ ғолиб баромадам. Қаҳрамононе чун ман дар киштӣ мисли фурӯшандагони одии антиквариат бо бағоч шино намекунанд.

**Манбаъ:** Маалуф Амин. Странствие Бальтасара / Тарҷума аз фаронсавӣ Барбарой Брей. Харвил Пресс: Лондон, с.2000 (ба забони англисӣ).

### САВОЛҲО БАРОИ МУҲОКИМА:

1. Дар бораи таъкиди Балтасар, ки «Ҳеч кас ба Генуя мутааллиқ нест, чуноне ки генуягиҳои аз Шарқ ба он мутааллиқанд» чӣ андеша доред? Чиро ӯ воқеан дар назар дорад?
2. Дарки Генуя аз ҷониби генуягиҳои аз Шарқ чӣ гуна аст? Оё ҳиссиёту муносибати онҳо ба ватанашон аз замоне, ки чанд аср берун аз марзҳои он зистаанд, тағйир ёфтааст ё на?
3. Балтасарро ҳангоми бозгашт ба Генуя чӣ интизор буд? Чаро ин шаҳр барояш ин қадар азиз буд, ҳарчанд ӯ ҳеч гоҳ дар ин ҷо набудааст?
4. Чаро Грегорио Мангиавачаи генуягӣ ба Балтасар бо чунин эҳтиром муроҷиат мекунад? [Ёдовар мешавем, ки ӯ худ ба юришҳои салибӣ сарварӣ накардааст ва танҳо фурӯшандаи антиквариат буд]. Чӣ Балтасарро меҳмони махсус мекунад? Чиро дар бораи оилаи Эмбриако аз муколамаи мухтасари Балтасар ва Мангиавача донистан мумкин аст?
5. Усто Грегорио дар бораи туркони усмонӣ ва генуягиҳо, ки бар зидди онҳо мубориза бурдаанд, чӣ фикр дорад?

### САВОЛҲО БАРОИ ТАКРОР:

1. Шумо метавонед тасаввуроти генуягиҳо аз худи Генуя ва генуягиҳои аз Шарқро муқоиса намуда, фарқиятҳоро нишон диҳед?
2. Чӣ гуна дарки «дигарон» дар ҳикояҳои «Одамони хуби деҳотӣ» ва «Саёҳати Балтасар» як навъи муносибати одамонро ба бегонагон ифода мекунад?



**Занони мусалмон бо либоси суннатӣ ҳангоми таҳсил дар донишгоҳи Қоҳира**

# ХОЛИДА ЭДИП АДИВАР
# ТУРКИЯ ҒАРБРО ИСТИҚБОЛ МЕГИРАД

Холида Эдип Адивар (1882-1964) дар Истанбул(Туркия) таваллуд шудааст. Ӯ таҳсилоти ибтидоии анъанавӣ гирифта, баъдан аз аввалин шогирдони мусулмон дар коллеҷи амрикоӣ барои духтарон – мактаби мубаллиғон дар Истанбул ба шумор мерафт. Ин ҷо ӯ бо муаллифони зиёди аврупоӣ ошноӣ пайдо намуда, баъдан романҳои зиёдеро ба туркӣ тарҷума кардааст. Замоне ки шонздаҳсол дошт, Холида китоби баҳсие бар зидди пурдаҳ (ё парда) – анъанаи исломие, ки занонро барои аз мардон пинҳон шудан дастур медод, таълиф намуд. Соли 1921 ӯ гурӯҳи занонро ташкил карда, ҳамчун аввалин зани адиб ва зани фаъоли олами ислом шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо кард. Ӯ ба мавҷи миллатгароӣ ва ислоҳоти либералӣ мароқ зоҳир намуда, дар ҳаракати пантуркистӣ бо тарғиби адабиёт ва ҷомеаи туркӣ нақши мондагоре ба ҷо гузошт. Бар зидди ақидаҳои барғалати аврупоӣ дар муносибат ба ислом баромада, миллатгарои ашаддӣ буд. Аммо муносибати манфаш ба омадани Ататурк (Мустафо Кемал, 1881-1938) ба мансаби президентӣ ӯро маҷбур кард, ки Туркияро тарк карда, аз соли 1924 то соли 1939 дар хориҷи кишвар умр ба сар барад. Дар ин давра ӯ ба забони англисӣ лексияҳо дар Аврупо, Ҳиндустон ва Амрико мехонд. Ба Туркия баргашта, факултаи адабиёти англисиро дар Донишгоҳи Истанбул сарварӣ намуд. Дар поён порае аз лексияи ӯ оварда мешавад, ки Эдип онро дар Ҳиндустон хонда, оид ба нуқтаи назаре, ки ҷудосозии дин ва давлат ҳам Туркия ва ҳам исломро ҷавон месозад, даъват ба амал меорад. Нақши занон, ки онро ҳамчун намунаи «дигарон» дар ҷомеае баррасӣ мекунанд, ки дар он мардон афзалият доранд, дар зерматни ҷомеаи динӣ ва дунявӣ ба доираи баҳс кашида шудааст. Ӯ ақидаи худро дар бораи он ки чи тавр нақши зан ташаккул мeёбад ва то кадом андоза он барои рушди пешқадамонаи ҷомеаи либералӣ муҳим аст, баён намудааст.

Турк, яқинан, ҳеч гоҳ дар сиёсати худ миллатгаро набуд. Созандагони империя аҳёнан миллатгароянд. Ғояи ниҳоӣ ва олии онҳо ногузир ягон шакли демократия ҳаст. Вақте ки турк мусулмон шуд, ҷанбаи демократии табиати ӯ устувор шуд, зеро демократия ин ҷанбаи бартаридоштаи ислом аст. Он қисмати идеализми ғарбӣ, ки баробариро байни одамон талқин мекунад, хеле зуд ба ақли усмонӣ ғолиб омад. Сокинони империяи усмонӣ натавонистанд, ки паҳлуҳои милатгароии онро, бахусус тақсимшавӣ ба гурӯҳҳои хурдро, ки минбаъд ба ташаккули давлатҳои мустақил меовард, дарк намоянд. Бо сабаби ноқисиии фаҳмиш дар ин соҳа, онҳо аз ҳар гуна миллат, ки аз ҳамлаи идеалҳои ғарбӣ ба Шарқи Наздик ранҷ кашиданд, зиёдтар ранҷ диданд. Ҳанӯз дар даврони **Танзимот** [ислоҳоти маъмурии усмонӣ дар асри XIX] туркони усмонӣ бовар доштанд, ки мусулмонон метавонанд аз лиҳози сиёсӣ баробар бошанд. Бо оғози Танзимот онҳо бовар ҳосил карданд, ки ҳамаи одамон метавонанд ва бояд, ки аз лиҳози сиёсӣ баробар бошанд, вале ҳангоме ки ин принсип дар ҷомеаи одамони омехта татбиқ гардид, онҳо наметавонистанд сабабҳои ҷудошавии сиёсии одамонро фаҳманд. Ин ноқисии дохилии фаҳмиши онҳо буд.

Бо пайдоиши идеалҳои ғарбӣ масъалаи боз ҳам муҳимтаре бархост. Ҷомеаи исломӣ бо чизе аз ҷомеаи ғарбӣ фарқ мекард. Оё интишори васеи идеалҳои ғарбӣ бе тағйири табиати худи ҷомеаи исломӣ имкон дошт?

**Танзимот** – ислоҳоти маъмурӣ дар Империяи Усмонӣ, асри XIX

Давлати мусулмонӣ метавонад, ки дар артиши худ дар мувофиқа бо стандартҳои муосир ислоҳот гузаронад, он метавонад ҷанбаҳои механикии тамаддунро дар муносибат ба нақлиёт қабул кунад, вай метавонад мактабҳои махсусро ҷихати омода сохтани мутахассисони касбҳои муайян ва санъат ифтитоҳ намояд, ҳатто, метавонад, ки баробарии мусулмонон ва ғайримусулмоноро эълон кунад, зеро ислом ҳанӯз ҳазорсолаҳо пештар дар бораи ҳуқуқҳои гуногуни одамон эълом доштааст. Аммо оё имкон дорад, ки табиати ҷомеаи исломӣ бе тағйири табиати худи ислом тағйир дода шавад? Инчунин, тафовути афзалӣ миёни ҷомеаҳои исломӣ ва ғарбӣ аз чӣ иборат буд, ки ба «вестернизатсия» (ғарбикунонӣ)- и дохилӣ имкон намедод? Ин фарқият дар шариати ислом буд. Ба он наметавон тағйирот даровард. Қонуни муқаддас, ки риояи онро дар ҷомеаи исломӣ **уламо** назорат мекарданд, ба тағйирот роҳ намедод. Аз ин рӯ дар мадди аввал ба назар мерасид, туркҳо бо лаёқати эҷодиву интиқодии хеш аз мардуми ғарб қафо мондаанд. Вале оё ҷомеаи мусулмонии туркҳо то ҳамон андоза беҳаракат ва дар рукуд буд, ки ҷомеаҳои дигари мусулмонӣ астанд? Оё психологияи объективии ноаёне, ки кӯшиш мекард бар он чизе ки монеаи рушд мешуд, ғолиб ояд ё бартараф кунад, вуҷуд надошт? Мо метавонем ба саволи дигаргунихои Туркияи муосир, тавассути омузиши руҳи туркӣ, ки мавриди кушиши тулонӣ барои ифодаи худ, дар мубориза и миёни ортодоксали динӣ ва инстинкти озодтару муҳимтари миллӣ мемонад, чавоби дуруст пайдо кунем. Ҳамоно, ки мо ба умқи беҳаракатии сатҳӣ ворид шуда, мушоҳида мекунем, ки чи тавр онҳо аз ратсионализми тезутунди асри миёнагии исломӣ раҳо ёфта ва чи гуна ба истибдоди руҳияи форсие, ки ба такрори шаклҳои тафакури қадим ва руҳан бегонаро ба онҳо водор менамуд, муқовимат нишон дода, ба таври возеҳ фарқият миёни мусулмонони турк ва дигар мусулмонони оламро мебинем.

Аз ҳама ҷанбаи статикии (истодатарин)- и ҳаёт дар ислом ин қонуни дин аст ва ин қонуни динӣ хислат ва шакли худро ба ҷомеаи исломии туркӣ додааст. Аммо аз ҳамон лаҳзае, ки туркҳо исломро пазируфтанд ва як табақаи уламоеро созмон доданд, ки бояд аз чаҳорчӯби шариати илоҳӣ берун набаромаданашонро бояд назорат мебурд, беихтиёр ба сӯи таҳаввулот қадам гузоштанд. Аз нуқтаи назари кулли олам Туркияи муосир танҳо ба қарибӣ давлати дунявӣ шуд ва ба назари ҳар як мушоҳидакунанда чунин менамояд, ки тағйирот дар натиҷаи қабули як фармон, дар як шаб ба вуқуъ пайваста, ба сари туркҳо аз ҷониби ҳокимони ҳукумати террористӣ бор карда шуд. Аммо Туркия аз давлати теократӣ ба дунявӣ дар як лаҳза табдил наёфт. Гузариш кулминатсияи мантиқӣ ва натиҷаи тағйирот батадриҷ дар раванди рушд шуд. Вале то ҳоло ба анҷом нарасидааст. Давраи ниҳоӣ ва анҷомёбии **секуляризатсияро** метавон, танҳо [дар контексти тағйирот] дар империяи Усмонӣ фаҳмид, ки дар тулии асрҳо ба вуқуъ пайвастааст.

Дар даврони Сулаймон мафҳуми «қонун» (қонуни инсонӣ) ба ҳуқуқшиносии туркӣ якҷо бо калимаи «шариат» (қонуни илоҳӣ) ворид гардид. Қонун дар ибтидо мақоми камтар муҳимро ишғол карда буд, вале тадриҷан худро мустаҳкам карда, чандон қувват гирифт, ки ба дастболо шудан аз болои шариат сар кард. Худи номи мафҳуми «қонун» муқобилияти рӯирост ба принсипҳои ортодоксалӣ буд ва он рӯзҳо миёни ҳамаи давлатҳои исломӣ танҳо дар империяи Усмонӣ вуҷуд дошт.

**Уламо** – олимони динӣ ва фиқҳӣ-ҳуқуқӣ.

**Секуляризатсия** (аз лотинӣ: saecularis – дунявӣ) – озодшавӣ аз таъсири калисо

Қабули кодекси швейтсарӣ, ки қонуни исломии оиларо соли 1926 иваз кард, як ислоҳоти хеле ҷиддитаре гардид. Чунин тағйирот метавонист бе маҷбуркунӣ ҳам гузаронида шавад, ба он нигоҳ накарда, ки метавонист интиқоди шадидро низ ба вуҷуд оварад.

Баъди як соли парокандагии ҳукумати султонӣ дар Константинопол (Истанбул) (соли 1922), муҳокимаи масъалаи ҷиддӣ оид ба зарурати барқароркунии қонуни таҷдидшудаи соли 1919 дар бораи оила, ки онро соли 1916 султон бекор карда буд, оғоз гардид. Соли 1924 Ассамблеяи миллӣ баррасии ин масъаларо шуруъ кард, ки таваҷҷуҳи зиёд, махсусан миёни занҳои шаҳрнишин, аз ҷумла Константинополро ба вуҷуд овард. Дар як ҷаласаи бузурги занон, дар як маҳфили миллӣ кумитаи занон интихоб шуд, ки бояд вазъиятро омӯхта, ба Ассамблеяи миллӣ петитсия ирсол мекард. Кумитаи мазкур аз қонунҳои Швейтсария, Фаронса, Англия ва Русия дар бораи оила қонуни швейтсариро ҳамчун намунаи беҳтарин интихоб намуда, нусхаи тарҷумашудаи онро якҷо бо петитсия ба Ассамблеяи Миллӣ ирсол намуд. Он замон петитсия ягон натиҷаи мушаххасе наовард. Аммо ҳамзамон як гурӯҳи вакилони ҷавонони манфиатдор вуҷуд доштанд, ки тарафдори қабули кодекси ғарбӣ ба ҷойи барқарор сохтани қонуни таҷдидшуда оид ба оила аз соли 1916 буданд. Маҳмуд Асад Бой (Бозкурт, 1892-1943) – вакили ҷавон аз Смирна (Измир), ки соли 1925 вазири адлия шуд, яке аз сарварони ин ҳаракат буд. Соли 1926 қонун дар бораи ҳуқуқи оилавӣ қабул гардид, ки ба кодекси швейтсарӣ мутобиқат мекард. Ин воқеаро метавон ҳамчун яке аз ду тағйироти муҳим ва аҳамиятнок дар даврони диктатура шумурд. Маҳз ҳамин қонун рамзи муттаҳидшавии туркҳо бо оилаи миллатҳои аврупоӣ гашта, ба оилаи туркӣ имкон дод, ки он устувориеро, ки идеали ғарбии оиладорӣ маҳсуб буд, соҳиб гардад.

Қабули қонуни швейтсарӣ, ки пурра қонуни ғарбӣ буд, ба ҷойи бозбинӣ ва тағйири ҳуқуқи оилавии исломӣ, имконият фароҳам сохт, ки никоҳ озодтар ва ё ниҳоди камустувортар бошад ва ба қонуни русӣ дар бораи оила шабоҳат дошта, боз як ғалабаи идеалҳои ғарбӣ аз болои идеалҳои шарқӣ дар ҳудуди Туркия гашт ва инчунин трансформатсияи дарозмуҳлаттарро аз он, ки имрӯз фаҳмида мешавад, собит менамояд.

Ҳуқуқ ба таҳсилот, ки занони туркӣ пайдо карданд, дигар аз ҷониби, ҳатто, гурӯҳҳои хурди сиёсӣ, зери шубҳа гузошта намешавад ва соҳаҳое, ки занон метавонанд дар онҳо кор кунанд, васеъ мешуд. Далеле, ки он вақт занон ҳуқуқ ба интихоботро пайдо накарданд, як навъ кори хайр шуд. Зеро занон аз хатари бо ҳизбҳои сиёсӣ ассостсиатсия шудан эмин монданд ва фаъолиятҳои онҳо берун аз олами сиёсӣ наметавонистанд бо сабабҳои сиёсӣ қатъ гардад.

Дар хонаҳои туркон занон то ҳол ҳамчун ҳифзкунандаи оташдонанд, зеро дар баробари чизҳои дигар, аксарияти онҳо бо меҳнати худ дар таъ-

мини оила саҳм мегузоранд. Ҳоло идораҳо, заводҳо ва дуконҳо дар шаҳрҳо пур аз коргарзанонанд; илова бар он ки занон оилаҳои худро нигоҳубин мекунанд, ҳамчунин ба некуаҳволии кӯдакон дар ҷомеа, беҳдошти онҳо, ташкили ассотсиатсияҳои хурде, ки дар онҳо занони камбизоатро дӯхтан, попур задан, бофтан ва амсоли инҳоро меомӯзонанд, мароқ зоҳир мекунанд. То имрӯз соҳаи дӯстдоштаи фаъолияти занони туркӣ, баъд аз омӯзгорӣ, тиб ба ҳисоб меравад. Албатта, ҳамаи ин ҷанбаи шаҳрии вазъият мебошад. Дар мавзеъҳои деҳотӣ занон то ҳол бо тарзи ҳаёти пешина зиндагӣ карданро бо он ҳама меҳнати вазнину якмароми худ идома медиҳанд ва дар чунин шароит, то он даме, ки низоми муосири кишоварзӣ татбиқ нашавад ва таҳсилоти одитарин дар ин минтақаҳо пешниҳод нагардад, зиндагӣ хоҳанд кард. Муболиға нахоҳад буд, агар гӯем, ки қариб 90 фоизи занони туркӣ меҳнатдӯстанд. Гап сари он нест, ки онхоро чӣ тавр бо кор таъмин кардан мумкин аст, балки онхоро чӣ тавр бехтар ба кор тайёр кардан ва ба онхо бештар вакти холӣ додан, аст. Танҳо фоизи хеле ками сарватмандони бефаъолият (дар Туркия нисбат ба ҷойҳои дигар хеле камтар) ба сарватмандони бекорахӯҷаи мамлакатҳои дигар тақлид мекунанд. Мутаассифона, дар бораи Туркия аз рӯи тарзи ҳаёт ва ақидаҳои ин бойҳо, ки ба чашми сайёҳон мерасанд, муҳокимаронӣ мекунанд, на дар асоси ҳаёти аксарият, ки ба меҳнати вазнин машғуланд.

Дар маҷмуъ бист соли охир аз занон дида дар Туркия, ҳамчунон ки дар тамоми ҷойҳои дигар аст, аз тағйирот бештар мардҳо манфиат диданд. Хушбахтона, дар Туркия **эмансипатсияи** занон натиҷаи барномаҳои ҳизбҳои сиёсӣ мебошад, на натиҷаи муборизa байни ҷинсҳои гуногун. Саҳми ҷумҳурӣ дар эмансипатсияи иҷтимоии занон, ки дар пешниҳоди кодекси нави гражданӣ ифода ёфт, ҳаракатро ба марҳилаи аз ҳама олӣ ва таърихан аҳамиятноки он оварда расонд. Аммо зарур аст, ки лоақал як насл иваз гардад, то самараи он аён шавад. Танқиди ҷамъиятӣ, ки бо «вестернизатсия» қисмати калони бадӣ ва бадахлоқии ғарбии ба расму ойини туркҳо ворид гаштаро, ки тасдиқ менамояд, он қадар ҷиддӣ нест. Ин бадиҳо танҳо ба гурӯҳи хурди сарватмандони бекорхӯҷа таъсир мерасонанд, ҳол он ки сифатҳои нек, албатта оҳистатар ҳам бошад, ба оммаи мардум ворид мегарданд…

Ҳоло ки давлат пурра худро аз назорати динӣ барканор сохтааст, давлат ҳам дар навбати худ бояд исломро ором гузорад. Давлат бояд на танҳо эълом дорад, ки «ҳар як шаҳрванди Туркия (мард, зан) метавонад он динеро, ки мехоҳад, интихоб намояд, балки ба ҷомеаи мусулмонӣ иҷозат диҳад, ки ба ҷавонони худ динро биомӯзонад. Ҳоло ки дар мактабҳо асосҳои диниро дигар таълим намедиҳанд ва муассисаҳои динӣ мамнуъ шудаанд, ҷомеаи исломӣ, агар ҷомеаи мазҳабӣ боқӣ монад, бояд шеваҳои таълимии динӣ ва муҷозоти (санксия) ахлоқӣ ва маънавии худро эҷод кунад.. Зиёда аз ин, дар мувофиқат бо асосҳо ва расму ойини динӣ миёни мусулмонҳои туркӣ, яқинан, тағйирот ба вуҷуд меояд. Ин гуна тағйирот бояд бе дахолати давлат татбиқ карда шавад.

Пешниҳодҳое, ки гоҳ-гоҳ аз ҷониби устодони донишгоҳҳо дар бораи ҷорӣ кардани шаклҳои нави расму ойинҳо дар ислом, аз қабили иваз кардани мусиқии арғунун ба мусиқии овозӣ, ворид шудан ба масҷид бидуни кашидани пойафзол, насб кардани курсиҳо, то мӯъминон нишаста намоз

**Эмансипатсия –** озодшавии зан аз вобаста будан ва зулм кардан ба ӯ

гузоранд, ва дар бораи бекор кардани бисьёр ҳаракатҳои мураккаб дар вакти намоз, манзур мегардид,бо хашму ғазаби шадид пешвоз гирифтанд. Хамаи ин дигаргуниҳо бо ризояти мардум ба амал омада метавонанд, аммо дахолати ҳукумат ба ин мукаддастарин ҳуқуқҳои инсон, метавонад пайомадҳои хатарноке ба вучуд орад. Ин метавонад ҳаёти динии туркҳоро маҳдуд созад ва сиёсатро ба дин ворид намояд. Маънии асосии марҳилаҳои тулонӣ ва аз ҳама мароқовари секуляризатсия дар он ифода меёбад, ки психологияи туркӣ ин дунёро аз он дунё ҷудо мекунад. Аз сиёсат дур кардани дин, дар ҳоле ки қудрати давлатӣ бар дин нигоҳ дошта мешавад, як паҳлуи баҳсбарангези марҳалаи ахир аст, ки бояд ислоҳ шавад.

На танҳо дар Туркия, балки дар ҳама ҷойе, ки дин бо ҳокимият мепайвандад, монеа дар роҳи сулҳ ва ҳамдигарфаҳмӣ мегардад. Аммо таълимоти бунёдии ҳар як дин дар ғояи сулҳ ва бародарӣ ифода меёбад. Агар динҳоро метавонистем аз таъсири сиёсӣ дар олам озод намоем, монеаҳо байни одамони дину эътиқоди гуногун, ҳар чи зудтар аз он ки онро мо интизор ҳастем, бардошта мешуданд.

**Манбаъ**: Адивар, Холида Эдип. Туркия Ғарбро истиқбол мекунад: нигоҳи туркӣ ба тағйироти ба наздикӣ воридшуда ва пайдоиши онҳо. – Нью-Хевен, Конн: Пресс, Донишгоҳи Ейл, соли 1930, С. 76-82, 226-232 / Маърузаи Сукру Ханиоглу аз китоби «Исломи модернистӣ, 1840-1940», муҳаррир Чарлз Куртсман. – Оксфорд: Оксфорд Юниверсити Пресс, 2002, С. 215-219 (ба забони англисӣ).

**САВОЛҲО БАРОИ МУҲОКИМА:**

1. Шумо дар бораи тасдиқи Адивар оид ба он ки «демократия ин ҷанбаи бартаридоштаи ислом аст», чӣ фикр доред?
2. Мусулмонони туркӣ аз дигар мусулмонони олам бо чӣ фарқ мекунанд?
3. Кадом фарқияти туркҳо [аз мусулмонони дигар], ба гуфти Адивар, ба онҳо имкон дод, ки бо як руҳбаландии бузурге ислоҳоти ҳуқуқӣ ва диниро истиқбол кунанд? Адивар дар бораи дигар мусулмонон чӣ андеша дорад?
4. Чӣ ба ақидаи Адивар, империяи Усмониро дар олами исломӣ беназир гардондааст? Чӣ туркони усмониро маҷбур кард, ки тағйироти радикалиро дар қонуни мусулмонии ортодоксалӣ ва шариат қабул намоянд? Оё ин маънии онро дорад, ки туркҳо мусулмони ҳақиқӣ нестанд?

5. Чаро аз нуқтаи назари Адивар, туркҳо, махсусан занон мехостанд қонунро дар бораи оила бозбинӣ кунанд? Чӣ чизе онҳоро ба кодексҳои қонунгузории аврупоӣ, аз нигоҳи шумо, ба худ ҷалб сохт?
6. Занони туркӣ чӣ фоида аз ислоҳоти ҳуқуқӣ бардоштанд? Муносибати Адивар ба идеалҳои оилаи ғарбӣ ва ба он ки он чӣ тавр ба занон дар он ҷо муносибат мекунанд, чӣ гуна аст?
7. Адивар доир ба нақши дин дар давлат чӣ андеша дорад? Чӣ тавр ислом метавонад бе дахолати ҳукумат ҳаётӣ боқӣ монад? Чӣ то ҳол дар корҳои давлатию динии Туркия ҳалталаб боқӣ мондааст?



**САВОЛҲО БАРОИ ТАКРОР:**

1. Дар ҳикояи «Одамони хуби деҳотӣ» хонум Хоупвел духтари худро танҳо ҳамчун профессор дар донишгоҳ тасаввур мекунад. Адивар низ дар бораи таълим додан ҳамчун касби дӯстдоштаи занон дар Туркия сухан мегӯяд. Ин тасодуфро шарҳ диҳед.
2. Аз нуқтаи назари шумо оё ғояҳои Адивар дар бораи фарқият байни туркони мусулмон аз дигар мусулмонони қисматҳои олам оид ба ғояи фарқиятҳо, ки Мааллуф Калом гуфтааст, шабоҳат доранд? Фаҳмонед, ки чаро.

# ВИРҶИНИЯ ВУЛФ
# ҲУҶРАИ ХУД



Дар байни муҳофизони аз ҳама пурғайрати ҳаракати феминистӣ, ки дар Англия дар ибтидои асри XX хеле пеш рафта буд, романнавис Вирҷиния Вулф (1882-1941) қарор дошт. Вулф бовар мекунонд, ки дастрасии баробар ба таҳсилот ва пешравии иқтисодӣ аз ҳуқуқ ба интихобот муҳимтар мебошад. Дар романҳо ва эссеҳои худ Вулф нишон медиҳад, ки занон танҳо тавассути озодии молиявӣ ва психологӣ аз мардон метавонанд ҳокимият ба даст оранд. Озодӣ, исбот мекард Вулф, заминаи неруи эҷодӣ аст, барои озодии эҷодии худро ҳифз кардан, занро зарур аст, ки маблағи кофӣ ва «ҳуҷраи худ»- ро дошта бошад. Дар эссеи феминистӣ «Ҳуҷраи худ» (соли 1929) Вулф ба ёддошти як руҳонӣ дар бораи он ки ягон зан наметавонад дар нобиғагӣ ба Уилям Шекспир баробар бошад, ҷавоб гуфтааст. Дар порчаи дар поён овардашуда, Вулф хоҳари тахайюлии Шекспир – Юдитро дар шароити асри XVI тасвир намудааст. Ӯ ин персонажи бадеиро истифода мекунад, то якчанд саволҳои душворро оид ба ҷанбаи психологии неруи эҷодии зан диҳад.

… Ба ман иҷозат диҳед, ки тахайюл кунам, зеро далелҳои воқеиро дар ин мавзуъ пайдо кардан душвор аст: чӣ рух медод, агар Шекспир хоҳари боистеъдод, гӯем бо номи Юдит медошт? Худи Шекспир, эҳтимолан (зеро модари ӯ меросбар буд), ба мактаб рафтааст, ки он ҷо забони лотинӣ, **Овидий**, **Вергилий** ва **Горатсий**, инчунин қоидаҳои сарфу наҳву ва мантиқро омӯхтааст. Хеле хуб маълум аст, ки ӯ кӯдаки ёбоитабиат буда, харгӯш шикор мекард, эҳтимолан, гавазнҳоро ҳам паронда аст ва барвақттар аз он ки бояд ин корро ӯ мекард, ба зане издивоҷ кард, ки дар ҳамсоягии ӯ зиста, зудтар аз он ки муқаррар шудааст, аз ӯ кӯдак таваллуд кард. Ин кирдор ӯро маҷбур намуд, ки ба Лондон дар ҷустуҷӯи барор равона гардад. Ба назар мерасад, ки ӯ ба театр завқ дошт; ӯ ба нигоҳубини аспҳо дар назди дарҳои театр шуруъ кард. Хеле зуд дар худи театр ба кор қабул шуд, актёри бомаҳорат гардид ва дар маркази олам зиндагӣ карда, бо ҳама вомехӯрд, ҳамаро мешинохт, санъати худро дар театр таҷриба менамуд, дар кӯча аксиягӯиро машқ мекард ва, ҳатто, ба дарбори малика роҳ ёфт.

Дар худи ҳамин давра, биёед тахайюл кунем, ки хоҳари боистеъдоди ӯ дар хонаашон монд. Ӯ низ далер, соҳиби нерую тахайюли баланд, завқи дидани олам ҳамчун бародараш дошт. Вале духтарро ба мактаб равон накарданд. Ӯ имкон надошт, ки сарфу наҳву ё мантиқро биомӯзад, ногуфта аз он, ки Горатсий ё Вергилийро мутолиа кунад. Ӯ гоҳ-гоҳ китоб ба даст мегирифт, ки эҳтимолан, аз бародараш буд ва якчанд саҳифаи онро мутолиа мекард. Аммо баъдан падару модараш меомаданд ва аз ӯ хоҳиш мекарданд, ки ҷуробро ямоқ кунад ё гӯшти ҷӯшида истодаро назорат барад, на ин ки вақташро барои хондани китоб ва коғазҳои дигар сарф кунад. Онҳо, эҳтимолан, бо духтарашон бо овози ҷиддӣ, вале нек муносибат мекарданд, зеро онҳо одамони муътабар буданд, шароити ҳаёти занонро медонистанд ва духтарашонро дӯст медоштанд, зиёда аз ин, ӯ шояд духта-

**Овидий**
(соли 43 то милод – тахминан соли 18- и милодӣ) – шоири румӣ.

**Вергилий**
(соли 70 то милод – соли 19- и милодӣ) – шоири румӣ.

**Горатсий**
(соли 65 то милод – соли 8- и милодӣ) – шоири румӣ.



**ВЕРҶИНИЯ ВУЛФ**
Ваннесса Белл, тасвири рангравған, 1911-1912



ри дӯстдоштаи падар буд. Эҳтимолан, ӯ пинҳонӣ дар болохона чанд саҳифаеро ҳам пур карда бошад, вале боэҳтиётона онҳоро пинҳон мекард ё месӯзонд. Дере нагузашта, бистсолагиро пур накарда, ӯро ба писари ҳамсоя, ки ресандаи пашм буд, номзад карданд. Ӯ гиря карда мегуфт, ки шавҳар кардан намехоҳад ва барои ин падараш ӯро латукӯб намуд. Баъдан падар таҳқир кардани духтарашро бас кард. Ӯ аз духтараш илтиҷо мекард, ки ба ӯ зарар наоварад ва маҷбур насозад, ки ӯ шарманда шавад. Ба духтараш ваъда кард, ки ба ӯ муҳра ва домани таҳпӯши зебо мехарад ва ин ҳангом дар чашмони падар ашк ҳалқа мезад. Чӣ тавр духтар метавонист, ки ба падар гӯш надиҳад? Ӯ чӣ тавр дили падарро шикаста метавонист?

Танҳо неруи истеъдод духтарро ба ин кирдор водор сохт. Ӯ кулбори хурди ашёи худро ҷамъ оварда, тавассути банд ба поён фуромад ва шаби тобистон ба сӯи Лондон раҳсипор шуд. Ӯ ҳоло ҳабдаҳсолагиро ҳам пур накарда буд. Парандагоне, ки дар болои панҷара суруд мехонданд, дар фаҳмиши мусиқӣ аз сатҳи ӯ пасттар буданд. Тахайюли ӯ тез буд, истеъдодаш дар таҳияи оҳангҳо ба истеъдоди бародараш монанд буд. Ӯро ҳамчун бародараш театр ба худ мекашид.

Духтар дар назди дари театр истода буд; ӯ мехоҳад, ки бозӣ кунад, мегуфт ӯ. Мардҳо ба рӯи ӯ механдиданд. Мудир – марди фарбеҳи лабкалон – қаҳҳос зада, ханда мекард. Ин мард чизе дар бораи рақси сагҳои пудел ва нақшофарии занон дар театр маос зад. «Ягон зан, – гуфт ӯ, – наметавонад, ки нақшофаранда бошад». Мард ба духтар киноя гуфт ва худатон метавонед тасаввур кунед, ки дар бораи чи.

Духтар наметавонист, ки касб омӯзад. Оё ӯ ақаллан метавонист, ки дар майхона хӯрок ҷӯяд ё дар кӯчаҳои шаҳр шабона оворагардӣ кунад? Вале нобиғагии духтар дар адабиёт ифода меёфт ва ӯ ташнаи дониш дар бораи мардону занон ва ҳаёти онҳо буд. Дар ниҳояти кор, барои он ки ӯ хеле ҷавон ва бо ҳамон чашмони хокистарранг ва абрувони хамзада хеле ба Шекспир монанд буд, Ник Грин, актёр ва мудир ба ӯ раҳм кард. Духтар аз ин ҷаноб ҳомила шуд, аз ин рӯ (зеро кӣ метавонад он шавқу зӯровариро, ки дар қалби шоир ҷой дорад, андоза кунад, хосса, агар он дар бадани зан маҳбус ва гулӯгир бошад) як шаби зимистон бо худкушӣ умрашро ба поён расонд ва ҳоло дар чорроҳае мехобад, ки имрӯз дар он автобус таваққуф мекунад.

Ҳар як зане, ки дар асри XVI бо истеъдоди бузург таваллуд мешуд, аз ақл бегона мегардид, худро мепаронд ё дар хоначаи танҳое дар деҳа ҳамчун зани ҷодугар ё нимаҷодугар, ки аз ӯ ҳама метарсиданд ва ӯро масхара мекарданд, ҳаёташро ба охир мерасонд. Донишҳои махсуси психологӣ даркор нестанд, то бо эътимод тасдиқ кунӣ, ки духтари соҳиби лаёқати баланд, ки кӯшиш мекард истеъдоди худро дар шоирӣ истифода кунад, то андозае пушаймон, хаста ва пора-пораю нооором гардида, бо ғаризаҳои худ бо он миқдори монеаҳо дучор меомад, ки ҳатман бемор мешуд ва аз ақл бегона мегардид. Ягон духтар наметавонист, ки ба Лондон биёяд, дар назди саҳна истода, кӯшиш кунад, то диққати мудирро ба худ, ҳамчун ба актриса ҷалб созад ва дар ин зимн худро ба хавфу хатар рӯ ба рӯ насозад ва худро ба чунин азобҳое гирифтор накунад, ки метавонистанд комилан

**Фетиш –**
объекти ибодат.

ғайриақлонӣ бошанд, чунки ӯ метавонист **фетиш** шавад, ки дар як қатор ҷомеаҳо бо сабабҳои номаълум, вале ҳатман ногузир фикр карда баровар-да шудаанд. Дар он даврон бокирагӣ, ҳамчунон ки имрӯз ҳаст, дар ҳаёти зан аҳаммияти динӣ дошт ва ин чунон ба асабу ғаризаҳо ворид шуда буд, ки озод гаштан аз онҳо дар ҳаёт чунин ҷасоратеро талаб мекард, ки онро танҳо баъзеҳо доштанд. Барои зане, ки шоиру драматург буд, зиндагии озод дар Лондон дар асри шонздаҳ маънии стресси асабҳо ва дилеммаро дошт, ки метавонистанд ӯро ба марг расонанд. Агар ӯ метавонист зинда бимонад, ҳар он чи ки ӯ менавишт, таҳриф шуда, шакли дигар мегирифт, зеро аз тахайюли ниҳоят дар зери фишори баланд ва беморӣ мебаромаданд. Бешубҳа, ман фикр кардам ба рафи бе пйесаҳо, ки аз ҷониби занҳо таълиф шудаанд, назар андохта, асари ӯ гумном боқӣ мемонд. Хурофот дар бораи ҳамон ҳисси бокирагӣ ба занҳо гумном буданро, ҳатто, дар асри XIX амр мекард. Каррер **Белл**, **Ҷорҷ Элиот**, **Ҷорҷ Санд** – ҳама, чунонки асарҳояшон нишон медиҳанд, қурбонии муборизаҳои ботинии худ буданд, онҳо номуваффақона мехостанд, ки пушти номҳои мардона пинҳон шаванд. Бо ин роҳ занон ба он одоби машрут эҳтиром мегузоштанд, ки агар аз тарафи ҷинси муқобил сохта намешуд, аз ҷониби худи онҳо ба таври кушода қабул карда мешуд («номуси зан дар он ифода меёбад, ки дар бораи ӯ сухан намегӯянд», гуфтааст Перикл, ки номи худаш вирди забони ҳама буд); оммавияти зан нафратовар аст. Гумном мондан дар хуни онҳост.

Ҳамин тавр, ин зан, ки дар асри XVI бо истеъдоди шоирӣ таваллуд шудааст, бадбахт буд, зане буд, ки худ бо худ мубориза мебурд. Ҳамаи шароити зиндагии ӯ, ҳама ғаризаҳои табии ӯ барои он ҳолати фикрҳояш, ки ҷиҳати озодсозии ҳама он чизе ки дар майнаи сараш ғун шудаанд, зарур аст, бегона буданд. Аммо кадом аст он ҳолати фикрҳо, ки ба фаъолияти эҷодии ӯ мувофиқ бошад, пурсидам ман. Оё ягон кас метавонад ба фаҳми он ҳолате бирасад, ки ба пеш ҳаракат медиҳад ва ин ҳолати руҳии аҷибу ғариби эҷодсозиро имконпазир мегардонад? Бо ин андеша ман ҷилди фоҷиаҳои Шекспирро кушодам. Ҳолати руҳии Шекспир, масалан, ҳангоми навиштани «Лир», «Антоний ва Клеопатра» чӣ гуна буд? Табиист, ки ин ҳолат мувофиқтарин ҳолате буд, ки ягон замоне барои навиштани беҳтарин ашъор вуҷуд доштааст. Аммо худи Шекспир дар бораи ин чизе нагуфтааст. Он чизе, ки мо одатан медонем, ё тасодуфан маълум месозем, ҳама он аст, ки ӯ «ҳеч гоҳ ягон сатреро кӯр накардааст». Зиёда аз ин, ягон шоир, эҳтимол, то асри XVII, дар бораи ҳолати руҳӣ сухан нагуфтааст. Шояд **Руссо** якумин шуда дар бораи ин сухан гуфтанро сар кардааст. Дар ҳар сурат, то асри XIX худшиносӣ ончунон рушд ёфт, ки тавсифи фикру андешаҳои худ дар рӯзнома ва ҳолномаҳои шахсии худ барои адибон одат гардид. Зиндагиномаи онҳо низ тавсиф шуда, номаҳояшон бошад, баъди вафоташон нашр мегардиданд. Аз ин рӯ, ба он нигоҳ накарда, ки мо чизе дар бораи

**Белл Каррер**
(1816-1855) – нависанда ва шоираи англис.

**Љорљ Элиот**
(1818-1880) – номи аслияш Мэри Анн Эванс, нависандаи англис.

**Жорж Санд**
(1804-1876) – номи аслияш Аврора Дюпен, романнависи фаронсавӣ

**Руссо Жан Жак**
(1712-1778) – файласуфи фаронсавӣ

**Карлейл Томас**
(1795-1881) – нависандаи англис.

**Китс Љон**
(1795 – 1821) – шоири англис.

он ки Шекспир чи ташвишеро ҳангоми навиштани «Лир» аз сар мегузаронд, намедонем, вале **Карлейлро** медонем, ки чи ташвишеро ҳангоми навиштани «Инқилоби Фаронса» аз сар мегузаронд; Флобер чи ташвишеро ҳангоми навиштани «Мадам Бовари» аз сар мегузаронд; мо медонем, ки бо **Китс**, ҳангоме ки кӯшиш мекард шеър бар зидди марги омадаистода ва бетафовутӣ нисбат ба ҷанг таълиф кунад, чи рух медод.

Дар ин маҷрои бузурги адабиёти муосир оид ба эътироф ва худтаҳлилкунӣ метавон тасдиқи онро пайдо кард, ки навиштани асари нобиғавӣ ҳамеша ғолибият бар душвориҳои ниҳоят зиёд мебошад. Ҳама чиз ба зидди эҳтимолияти он равона шудааст, ки ҳамаи ин аз ақли адиб берун мебошад. Шароити асосии моддӣ бар зидди ин аст. Сагҳо аккос мезананд; одамон суханро мебуранд; бояд кор карда пул ҷамъ намуд; саломатӣ вайрон мешавад. Гузашта аз ин, бетафовутии олам дар мураккабшавии ин душвориҳо ва ба миён омадани мушкилоти нави аз ин ҳам мураккабтар ифода меёфт. Олам одамонро намепурсад, ки достонҳо, романҳо ва таъриххо нависанд, чун ба онҳо муҳтоҷ нест. Олам бетафовут аст, ки оё Флобер мафҳуми дурустро интихоб мекунад, ё Карлейл дақиқии ин ё он далелро тафтиш мекунад, ё не. Яқин он аст, ки олам барои он чизе ки худ намехоҳад, маблағ намедиҳад. Аз ин рӯ, Китс, Флобер, Карлейл ва ҳар як нависандаи дигар, махсусан ҳангоми авҷи неруи эҷодӣ, дар овони ҷавонӣ аз ҷалб будан ба корҳои дигару ноумедиҳо азоб мекашиданд. Лаънату нафрин, фарёду ҷонканиҳо аз ин гуна китобҳои таҳлилу эътироф бар меояд. «Шоирони бузург дар азобҳояшон мурдаанд», – ин бори гарони офаридаҳои онҳо хоҳад буд. Агар ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, ягон чизе муяссар гардад, пас ин муъҷиза аст ва шояд ягон китобе бо тамоми комилияти худ, ки дар ибтидои таълифаш ба нақша гирифта шуда буд, ба дунё наомадааст.

Аммо барои занон, фикр кардам ман ба рафи холӣ нигоҳ карда, ин душвориҳо беҳад таҳдидкунанда буданд. Аввалан, тасаввур кардан ҳам ғайриимкон аст, ки то ибтидои асри XIX зан «ҳуҷраи худ»- ро дошт, аз он нагуфта, ки ин ҳуҷра хомӯш ва садоногузар буд, ба ҷуз аз он ҳолате, ки агар волидонаш хеле бою маъруф набошанд. Зеро пулҳои зан, ки миқдорашон аз иродаи падараш вобаста буд, ба зӯр барои либос мерасиданд, зан, ҳатто, аз он шароите, ки Китс, Теннисон ё Карлейл дар он зиндагӣ мекарданд (ҳамаи онҳо хеле камбизоат буданд), маҳрум буд. Занҳо ба сайругашт мерафтанд, ба саёҳатҳои кӯтоҳ ба Фаронса равон мешуданд ва манзили шахсии худро, ки ба ҳамаи камбизоатӣ нигоҳ накарда, метавонист онҳоро аз даъвоҳо ва зулмҳои оилаҳояшон ҳифз кунад, надоштанд. Ин душвориҳои моддӣ таҳдидкунанда буданд, вале душвориҳои ғайримоддӣ боз ҳам мудҳиштар. Бетафовутии олам, ки онро Китс, Флобер ва дигар мардони нобиға бо душворӣ таҳаммул мекарданд, дар ҳолати занҳо ба адовату душманӣ табдил меёфт. Олам ба зан ҳамчун ба мардон намегуфт: «Навис, агар мехоҳӣ, – барои ман фарқе надорад». Олам ба зан қаҳҳос ханда карда, мегуфт: «Навиштан? Чи чизи хубе аз ин навиштани ту мебарояд?».

**Манбаъ**: Woolf, Virginia. “A room of one’s own.” *In The Humanistic Tradition*, edited by Gloria A. Fiero, third edition. New York: McGraw-Hill, 1998, pp. 114–116.

**САВОЛҲО БАРОИ МУҲОКИМА:**

1. Бо чӣ Юдит – хоҳари тахайюлии Шекспир аз худи ӯ фарқ мекунад? Кадом фарқиятҳоро Вулф дар тарбияи онҳо қайд мекунад? Бо таъ-рих дар бораи Юдит Вулф чӣ гуфтан мехоҳад?
2. Чиро бояд духтарон пушти сар кунанд, то мақоми худро дар зин-дагӣ пайдо кунанд? Чаро, бо гуфти Вулф, занони истеъдоди шоирӣ дошта ба чунин фишори равонӣ ва таҳқири ҷисмонӣ рӯ ба рӯ ме-шуданд?
3. Дар бораи сатрҳои зерин шумо чӣ андеша доред: «...оммавияти зан нафратовар аст. Гумном мондан дар хуни онҳост»? Чаро шоираҳои бузург маҷбур буданд, ки пушти номи мардон пинҳон шаванд?
4. Чӣ тавр, ба гуфти Вулф, ҳолати фикрии шахс ашъор ё осори насрии ӯро муайян мекунад?
5. Чаро Вулф фикр мекунад, ки адибаҳо ва шоираҳо нисбат ба ади-бону шоирон бо душвориҳои зиёдтар рӯ ба рӯ мешуданд? Чӣ тавр «олам» ба адиб-занҳо муносибат мекунад? Барои адиба, ба анде-шаи Вулф, чӣ зарур аст, то озодона ва бароҳат эҷод кунад?

**САВОЛҲО БАРОИ ТАКРОР:**

1. Кадом мувозиҳоро метавон байни фарҳангҳои гуногун дар муноси-бат бо занҳо, дар асоси асарҳои Адивар ва Вулф бурд? Ақидаҳои Адивар дар бораи эмансипатсия ва ҳаёти занон бо ақидаҳои Вирҷи-ния Вулф чӣ шабоҳат доранд? Чаро онҳо пешниҳод мекунанд, ки афкори ҷомеа дар бораи занон бояд тағйир ёбад?
2. Оё Хулга (аз ҳикояи О'Коннор «Одамони хуби деҳотӣ») «ҳуҷраи худ»- ро дошт? Талабот ба занҳони тахайюли хонум Хоупвел ба та-лаботи ҷомеа дар мисоли хоҳари тахайюлии Шекспир чӣ монандие доранд?




**Муқоваи китоби Маши Гессен «Эстер ва Рузя»**

# МАША ГЕССЕН
# БИБИИ МАН СЕНЗОР

Соли 1967 дар Русия таваллуд шуда, Маша Гессен соли 1981 якҷо бо оилааш, аз антисемитизми давлатӣ фирор карда, ба Иёлоти Муттаҳидаи Амрико муҳоҷират намудааст. Соли 1991 ба Москва баргашта, он ҷо ба ҳайси рӯзноманигор дар нашриёҳои русӣ ва англисзабон фаъолият кардааст. Ҳамчун нависандае, ки ба фарҳанг ва ҷомеаи шуравӣ ва пасошуравӣ таваҷҷуҳ дорад, Гессен чанд китоб навиштааст, аз ҷумла «Ҳуқуқҳои ҳамҷинсгароён дар Федератсияи Русия» (1993), «Боз мурда: Зиёиёни рус пас аз коммунизм» (1993). Ҳикояи «Бибии ман – сензор », ки аз китобхонаи интернетии «Гранта» гирифта шудааст, дар бораи модаркалони муаллиф – Рузя, «зани солхӯрдаву дилкаши яҳудӣ» нақл мекунад, ки ба ҳайси сензор (сензор)- и шуравӣ тули ёздаҳ сол дар даврони баъдиҷангӣ кор кардааст, замоне ки барои муваффақият пайдо кардану зинда мондан барои одамон, аъзои ҳизби коммунистӣ будан, аҳамияти калон дошт.



Ман шикоят дорам. Ман худи ҳозир ба Москва, баъди маърӯза аз Балкан омадам. Ҳоло соли 1993 аст. Ман рӯзноманигори амрикоиям, вале чанд соли охир ҳар чи бештару зиёдтар вақти худро дар Москва мегузаронам, дар шаҳре, ки ман он ҷо таваллуд шудаам. Ман модаркалонҳои худро баъди муҳоҷирати оилаи мо ба Иёлоти Муттаҳида соли 1981, вақти чордаҳсола буданам, ки ин ҷо монданд, ҳарчи хубтар дониста истодаам…

Ман медонистам, ки модаркалонам Розалия, барои ман – бибӣ Рузя, аъзои ҳизби коммунистӣ буд. Вақте қариб даҳсола будам ва маро байни эстетикаи дилбеҳузуркунанда, вале қобили таваҷҷуҳ, ки дар мактаб таълим дода мешуд ва ҳусни таваҷҷуҳи боварибахшу диссидентии волидони ман ба низоъ бо худ оварда буд, модарам ба ман гуфт, ки момаи Рузя аъзои ҳизби коммунистӣ мебошад.

Вақте ки ман тақрибан даҳсола будам ва дар байни эстетикаи дилбеҳузуркунанда, вале ҷолибе, ки дар мактаб таълим дода мешуд, ва ҳусни таваҷҷуҳи боварибахши дигарандешонаи волидайнам пора-пора будам, модарам ба ман гуфт, ки бибӣ Рузя аъзои ҳизб аст. Дар доираи хурди зиёиёни яҳудӣ ба воя расида, ман каси дигареро, ки аъзои ҳизб бошад, намедонистам.

«Бибӣ, – боре пурсидам ман, – ту чаро аъзои ҳизб шудӣ?».

«Чунки ман ба ҳадаф ва ормонҳои ҳизб бовар доштам», – оҳиста ва боэҳтиётона ҷавоб дод модаркалонам. Ман ба истифодаи феъли замони гузашта ё эҳтиёткорӣ дар ҷавоби ӯ диққати махсус надода пас гаштам ва аз ҷавобе, ки гӯё аз китоби дарсӣ гирифта шуда бошад, маъюс гардида, баромада рафтам. Он чизеро, ки воқеан мехостам донам, ягон умумияте бо ин ҷавоб надошт. Ман мехостам донам, ки чаро он рӯзе, ки ман соҳиби галстуки сурхи пионерӣ шудам, хурсандтарин рӯз дар ҳаёти ман буд. Ин дар ҳоле буд, ки ман кайҳо **Солженитсинро** хонда будам. Аммо ин як масъалаи мансубият буд, вале ҳикояҳои бибиҳоям дар бораи чизи дигаре буданд, на дар бораи ин.

Ман боз як чизи дигарро медонистам. Тахминан охири соли 1970 модарам нусхаи китоби **Ҷорҷ Оруэлл** «1984»- ро бо душворие пайдо кард. Ӯ аз ин китоб хеле зиёд иқтибос меовард. Лаҳзаҳову ҳодисаҳоро аз ин китоб чунон нақл мекард, ки гӯё аз ҳаёт гирифта шудаанд. Боре дар гирди

**Солженитсин Александр** (1918-2008) – нависандаи рус.

**Оруэл Ҷорҷ** (1903-1950) – номи аслияш Эрик Блэр, нависандаи англис



**СТАЛИН**

мизи ошхона баланд-баланд хандида, ӯ дар бораи Вазорати ҳақиқат сухан гуфт – акнун худатон тасаввур кунед! Ҷоеро тасаввур кунед, ки дар он ахбор чунон аз нав навишта мешавад, ки ба равиши иделогӣ мутобиқат кунад.

«Ту фикр кун, ки ман дар Главлит чи кор мекардам?», – пурсид момои Рузя боз ҳам оҳиста ва эҳтиёткорона.

Главлит. «глав» – асосӣ. «лит» – адабиёт. Чунин маънӣ дорад: раёсати асосӣ ё сарраёсат оид ба адабиёт. Ҳангоми гаштугузорамон, пас аз автобус фуромадан, момои Рузя ба ман дар бораи он ки ӯ он ҷо чи кор мекард, нақл намуд. Дар оғоз, давоми се сол, ӯ дар шуъбачае кор мекард, ки бо номи шуъбачаи назорат аз болои воситаҳои ахбори оммаи хориҷӣ маъруф буд. Назорат ҳамон лаҳзае сар мешуд, ки китоб, маҷалла ва ҳама чизи дар коғаз чопшуда аз сарҳад мегузашт. Почта чунин бастаҳоро ба Главлит мефиристод, ки он ҷо артиши бузурги хонандагон, ки бо номи «муҳаррирони сиёсӣ» маъруф буданд ва баъдтар дар дафтарчаи нафақаашон одӣ «сензор» навишта шуда буд, китобҳоро ҷиҳати вуҷуд доштани аломату ёддоштҳои зиддишуравӣ дар онҳо тафтиш мекарданд.

«Баъзан мо дар онҳо муҳри «иҷозат дода шудааст» мегузоштем ва танҳо баъд аз ин, онҳо ба китобхона ва дуконҳо фиристода мешуданд», – гуфт модаркалонам, – вале ин тавр хеле кам рӯй медод. Мо асосан муҳри «барои истифодаи дохилӣ» мегузоштем. Яъне, баъзан имкон буд, ки танҳо якчанд саҳифа канда шавад, вале мо асосан онҳоро одиякак манъ мекардем. Зеро танҳо ягон маҷалла ва ё китобе аҳён-аҳён ёфт мешуд, ки дар он ягон чизе набошад, ки метавонист Иттиҳоди Шуравиро бадном созад,. Чунки одамон охир Шекспир ё **Диккенсро** аз сарҳад намегузаронданд. Онҳо адабиёти муосирро ирсол мекарданд. Танҳо як иборае лозим буд, ки «ҳатто, чунин як ҷомеаи ғайридемократӣ ба мисли Иттиҳоди Шуравӣ» ба китобхонаи махсус маҳкум карда шавад.

Ҳар дафъа чун хабарнигоре аз мамлакати нав, ки аз аккредитатсия мегузашт, модаркалонам бояд фавран забони ӯро меомӯхт. Забонҳои олмонӣ, фаронсавӣ ва англисиро ӯ аллакай медонист. Итолиёвӣ, чехӣ, руминӣ ва лаҳистонӣ низ мушкилоте надоштанд. Аммо забони маҷористонӣ – ҳарчанд ки ӯ аз болои ин заҳмат кашид, аз доираи луғат берун баромада натавонист…

Баъзе чизҳоро модаркалонам хеле хуб дар хотир дорад. Баъзе рӯзноманигоронро ҳам. Валтер Кронкайт аз **ЮПИ** – ӯ ҳикояи зиёд менавишт, вале ҳамаи онҳо муқаррарӣ, хушк ва дилгиркунанда, «ба таври тааҷҷубовар дилгиркунанда» буданд. Аммо Макс Франкел аз «Ню-Йорк Таймс» нависанда бо як завқи хос буд. «Мефаҳмӣ, ӯ ақидаи худро дошт ва онро ҷасурона, чи тавре ки худ мехост, баён мекард». Модаркалонам пурра мақолаҳои ӯро дар бораи Сталин тарҷума карда, ба воситаи масъули муросилот ба котиби Сталин равон мекард. Дар давоми якчанд соат нусхаи аз ҷониби Франкел «ислоҳшуда» ба Ню-Йорк бо телеграф ирсол мешуд. Ҳар рӯз баъди тамом шудани басти кории худ, ки одатан пагоҳӣ ба анҷом мерасид, азбаски қисмати асосии муросилот шабона фиристода мешуд, модаркалонам хулосаи мухтасари ахбори ҳаррӯзаро барои утоқи Сталин омода мекард, ки одатан машқи бонавбати тарҷума ба забони русӣ буд; тарҷумаи он маводе, ки хабарнигорони хориҷӣ аз рӯзномаҳои шуравӣ интихоб мекарданд – асосан азнавнақлкунии ҳодисаҳо дар кишвари шуравӣ иҷозат дода мешуд. «Дар маҷмуъ, ман дар Главлит тахминан понздаҳ сол фаъолият доштам ва боре дар ин понздаҳ сол, ягон хатое дар тарҷума накардам». Ман ба модаркалонам бовар кардам. Дар ҳар сурат ӯ, агар,

**Диккенс Чарлз**
(1812-187) – романнависи англис

**ЮПИ –**
“Юнайтед Пресс Интернешнл”, агентии иттилоот.

ҳатто, як хатое содир карда бошад ҳам, метавонист инро донад. Зеро хато кардан оқибати марговар дошт.

Баъзе лаҳзаҳоро модаркалонам хуб дар хотир дорад. «Парвандаи табибон». «Парвандаи табибон» соли 1952 шуруъ гардид. Модаркалони ман бори аввал дар бораи ин аз котиба-ҳуруфчин дар утоқи корӣ шунид. Аммо бояд шумо донед, ки он вақт момои Рузя барои аз даст додани ҷойи кориаш чи қадар сахт метарсид. Соли панҷуми маъракаи зиддикосмополитӣ шуруъ шуда буд, панҷ соли **антисемитизми** расмии девонавор, панҷ сол боз яҳудиён наметавонистанд, ки ҷойи кор ёбанд ё дар ҷойи худ, дар донишгоҳҳо бимонанд. Бе ҷойи кории ӯ, момои Рузя ва кӯдакаш ба ҳолати маъюсию навмедӣ гирифтор мешуданд. Ба назар гиред, ки ӯ ягона яҳудӣ дар тамоми шуъбачае буд, ки хабарнигорони хориҷиро назорат мекард ва ӯ ягона аъзои ғайриҳизбӣ дар коллектив буд. То ин дам тарси ӯ бинобар аз даст додани ҷойи корияш чунон бузург шуда буд, ки метавонист аъзои ҳизб ҳам шавад, аммо ин корро ӯ карда наметавонист, зеро яҳудӣ буд. Котиба-ҳуруфчин гуфт: «Медонӣ, онҳо мехоҳанд яҳудиёнро ба Сибир бадарға кунанд».

Баъд аз ин, хабарнигорон ба навиштани мақолаҳое сар карданд, ки дар онҳо худи ҳамин далел тасдиқ мешуд. Дар ҳақиқат ҳам ин аёну ошкор буд. Гурӯҳҳои этникии дигарро Сталин пурра бадарға карда буд: чеченҳо ва ингушҳоро аз Кавказ ба қисмати сибирии Қазоқистон, тоторҳоро аз Қрим ва олмониҳоро аз Волга; вале акнун яҳудиҳо «гӯсфанди қурбонӣ» барои миллат шуда буданд, Сталин онҳоро ҳам, бешубҳа, бадарға мекард. Фоҷеаи зидди космополитӣ ба авҷи худ расида буд, дар ҳамаи рӯзномаҳо дар бораи «Парвандаи табибон» нақл карда мешуд – нақлҳои даҳшатовар дар бораи сӯиқасди табибони яҳудӣ, ки забон як кардаанд, то шаҳрвандони бегуноҳи шӯравиро бикушанд. Онҳоро «қотил дар хилъати сафед» меномиданд. Чи гунае ки таърих тасдиқ кард, бояд ҷаласаҳои намоишии судӣ ва ҷазоҳои қатли ибратшаванда, дар Майдони Сурх ва қатлу ғорату саркӯбиҳо дар тамоми қаламрави кишвар гузаронида мешуданд. Баъдан, ҳамчун нишонаи наҷоти яҳудиҳо, ҳукумати олиҳиммат ҳамаи онҳоро ба Сибир бадарға мекард.

Хабарнигорон дар бораи имконияти чунин пайдарпайии ҳодисаҳо навиштанро идома медоданд, модаркалонам бошад, хат задани онҳоро давом додан гирифт. Ба ӯ аён буд, ки навиштаҳо ба ҳақиқат мутобиқат доштанд, вале он ҳам аён буд, ки бояд ба гардиши ин хабарҳо роҳ надиҳад, чун ҳар рӯзе, ки ӯ корашро хеле хуб иҷро мекард, ин боз як рӯзе мешуд, ки ӯро наметавонистанд бадарға кунанд. Гӯё ин хабарнигорон ба як навъе барои ӯ менавиштанд ва ӯро дар бораиояндааш якчанд маротиба, ҳар шаб хотиррасон мекарданд.

Ба сензорҳо иҷозат набуд, ки бо хабарнигорони хориҷӣ муошират дошта бошанд, гарчи модаркалони маро ҳамаи онҳо чандин маротиба дида буданд. Ҳамчун зани ҷавони ягона дар тамоми шуъбача, илова бар ин, ҳамчун зани зебо, ӯро ҳамеша ба конференсияҳои матбуотӣ ба сифати хабарнигори шуравӣ мефиристоданд…

Хабарнигоронро доимо савол оид ба шахсияти сензор ҷалб мекард (бо кадом сабабе ҳамаи онҳо гумон доштанд, ки муросилоти онҳоро ҳамон як

**Антисемитизм –**
бадбинии яҳудиён ва муносибати ноодилона ба онҳо

**Патриарх –** (аз калимаи юнонии «patriarches» – бунёдгузор), ин ҷо ба маънии “куҳантарин намояндаи ягон намуди фаъолият”.

**Си-Би-Эс –** канали телевизионии амрикоӣ.



нафар мехонад). Онҳо, ҳатто, дар бораи ин масъала баҳсҳо мекарданд. Дар кадом як лаҳзае онҳо сензорро ҳамчун марди бузургҷуссае, ки бо ҳарфҳои калон ва бо қалами одӣ қайдҳо мекунад, тасаввур намуданд.

Соли 1997 ман як санадро оид ба чилсолагии Фестивали ҷавонон ва донишҷӯён дар Москва омӯхта, маълумот пайдо намудам, ки Даниел Шор, шореҳ-**патриархи** радиои амрикоӣ солҳои 1956-1957 дар Москва хабарнигори **Си-Би-Эс** будааст.

«Шояд шумо хеле ҷавон ҳастед, то инро донед, – гуфт ба ман Шор тавассути телефон, – вале он рӯзҳо дар Иттиҳоди Шуравӣ барои хабарнигорони хориҷӣ сензор (сензура) вуҷуд дошт».

Инро медонам, гуфтам ман. Чандон ҷавон ҳам нестам, ман набераи сензорам. Ба ӯ гуфтам, ки сензор зани калонсолу зебои яҳудӣ аст. Ман, ҳатто, пешниҳод мекунам, ки шумо, агар ба Москва биёед, бо ҳам вохӯред. Вале Шор маро даъват намуд, ки бо ӯ хӯроки нисфирӯзӣ хӯрам.

Як бартарии фаъолияти рӯзноманигории мустақил ҳамин аст, ки шумо ба худ имкон медиҳед дар бораи оне бигӯед, ки мехостед дар борааш гуфтан, вале бо сабабҳои номаълуме инро накардед, аммо онро ба ёд оварда, ин иттилоотро ба рӯзноманигори дигар мерасонед. Вақте ки мо тахминан баъди як ҳафта дар Вашингтон, дар тарабхона вохӯрдем, Даниел Шор ба ман матни суҳбаташро тавассути радиои ҷамъиятии миллӣ нишон дод, ки дар он гуфтугӯ бо манро ҳамчун «вохӯрӣ бо ҷаллоди ниқобпӯши худ» монанд мекунад. Дар рафти суҳбатамон пешниҳод кардам, ки бо модаркалони ман вохӯрад, ба ин ӯ чунин ҷавоб дод, ки наметавонад баъд аз оне ки дар давоми чил сол ба як марди бузургҷуссае нафрат доштааст, ба рӯи кампири хурдҷуссаву дилкаши яҳудӣ нигоҳ кунад. «Ба ӯ салом расонед, – гуфт Шор, – ва бигӯед, ки муросилоти боқимондаи худро ман тоза кардам».

Ман ин суханони ӯро ба модаркалонам расонда, дар ташвиш будам, вале ӯ хандид. Шумо бояд ҳатман бишнавед, ки момои Рузя чи гуна механдад ва хандаи ӯ чи тавр садо дода, дар он ҳарфи «р»- и забони русӣ ҷило медиҳад.

«Ман, аллакай, ба баъзе бачаҳо телефон карда, инро нақл кардам, – гуфт ба ман Даниел Шор ҳангоми тановули хӯроки нисфирӯзӣ. – Умед дорам, ки шумо зид нестед». Шор ҳаштоду ҳафтсола аст.

Тахминан баъди як сол, яке аз «бачаҳо» ба ман занг зад. Мартин Калб – сардори маркази иттилооти оммавӣ дар Гарвард – ӯ ба Москва рафтанӣ аст, ки соли 1956 он ҷо хизмат карддааст ва мехоҳад бо модаркалони ман вохӯрад. Бубахшед, гуфтам ман, ӯ шуморо сензор накардааст, он вақт ӯ аллакай аз кор рафта буд. Вале Калб дар ҳар сурат мехост, ки бо модаркалонам вохӯрад.

Модаркалонам дар интизории ин вохӯрӣ хеле ба ташвиш омада буд. Оё ин мард мехоҳад, ки асрорро бидонад? Ин дуруст нест: модаркалонам ваъда додааст, ки сирҳоро фош накунад. Оё ӯ мехоҳад, ки дар бораи худи зан бештар бидонад? Ин ба ӯ чӣ даркор аст?

Модаркалонам фақат гап мезад ва таърихҳои худро нақл мекард, то он даме, ки Калб ва занаш сухани ӯро набуриданд, зеро автобус онҳоро бояд ба як қабуле дар Кремл барад. Модаркалонам ба ман гуфт, ки коре карда, ин таърихро то охир нақл кардан даркор аст, ба Калб дар бораи он нақл кардан даркор аст, ки чи тавр ман Главлитро тарк кардам. «Калб чунон дилкаш аст, ки…»- механдад модаркалонам.

Як ҳафта нагузашта, ман аз Калб мактуб гирифтам, ки дар он ӯ ба ман изҳори сипос карда, пешниҳод намудааст, ки барои гирифтани стипендияи маркази ӯ дархост кунам. Андеша дар бораи он ки кори сензории модаркалонам метавонад ба ман, ҷиҳати гирифтани стипендия барои таҳсил дар Гарвард кумак кунад, ба назари ман хеле аҷиб намуд, вале ман ба мактуби ӯ ҷавоб надодам, зеро одами танбалам.

Таърихи тарк кардани Главлит аз ҷониби модаркалонам чандон таърихи ҷолибе ҳам нест. Баъди анҷоми «Парвандаи табибон» модаркалонам дар ниҳояти кор тавонист, ки аъзои ҳизб шавад. Баъдан бо сар шудани муборизаи Хрушёв бо парастиши шахсияти Сталин, соли 1956 роҳбарияти Главлит иваз шуд, дар сафҳои он тозакуниҳо гузаронида шуданд ва ӯро барои машғулӣ бофтан дар рафти ҷаласаи иттифоқи касаба, аз кор ронданд. Модаркалонам дар тамоми умри худ ягон бор чизе набофтааст: танҳо ҳамин, ки касе мехост аз ӯ қасос гирад.

Бо гузашти чанд замоне модаркалонам ба тарҷумонӣ сар кард: дар бораи саёҳатҳо ва таҳқиқоти Руал **Амундсен** ва **Жак Кусто**. Ҳоло ки ӯ ҳафтоду ҳаштсола аст, барои зиндагияш бо тарҷумаи романҳои ишқӣ пул кор мекунад. Ӯ бо ман оид ба номи баъзе қисмҳои мошинҳо ва гоҳ-гоҳ дар бораи истилоҳоти камтар қабеҳ машварат мекунад.

**Амундсен Руал** (1872-1928) – сайёҳи норвежӣ ба Қутби Шимолӣ ва муҳаққиқи ин қутб.

**Кусто Жак Ив** (1910-1997) – уқёнусшиноси фаронсавӣ.

**Манбаъ**: Гессен, Маша. Моя бабушка – цензор // Интернет. Гранта 64: Русия: Дикий Восток. URL: [www.granta.com/extracts/655], санаи мурочиат 28 майи соли 2004 (ба забони русӣ).

**САВОЛҲО БАРОИ МУҲОКИМА:**

1. Аслу насаби ҳикоякунанда аз куҷо аст? Ин бо мавзуи ҳикояшаванда чӣ алоқамандие дорад?
2. Чӣ тавр волидайни муаллиф «дигарандеш» шуданд, ҳангоме ки модаркалони ӯ аъзои ҳизби коммунистӣ буд? Кадом нақшеро идеологияи коммунистӣ дар ҳаёти модаркалон Рузя иҷро намуд? Дар бораи дарку қабули ҳокимияти шуравӣ аз ҷониби момои Рузя фикрронӣ кунед. Чӣ тавр фаъолияти ӯ дар Главлит ақидаҳои сиёсии ӯро дигаргун сохт?
3. Оё сензори давлатӣ буда, момои Рузя барои фарзандони худ ҳам сензори ҳақиқӣ буд? Чаро волидайни Маша аз Русия муҳоҷират намуданд? Бо хондани кадом китобҳо волидайни Маша ба камол расиданд?
4. Модаркалон Рузя дар бораи кори худ чи андеша дошт? Оё ӯ меҳисобид, ки кори сазовору қобили эҳтиромро интихоб намудааст?
5. Дар Русияи сталинӣ ба яҳудиён чӣ гуна муносибат доштанд? Модаркалон Рузя аз чӣ метарсид?

**САВОЛҲО БАРОИ ТАКРОР:**

1. Андешаи рӯзноманигорони амрикоӣ дар бораи шахсияти сензор аз андешаи «одамони хуби деҳотӣ» бо чӣ фарқ мекунад?
2. Чаро яке аз рӯзноманигорони амрикоӣ, вақте фаҳмид, ки зан сензор будааст, ба ҳайрат афтод? Ин чӣ бо талабот ва шаклҳои муносибат ба занҳо, ки оид ба он Адивар ва Вулф муҳокимаронӣ кардаанд, чи таносубе дорад?



**«РАФТАНД БА ШАБИ ТОР»** Рассом Бобур Исмоилов (Узбекистон)

# ТИМУР ЗУЛФИҚОРОВ: КИТОБИ ВАҲЙИ (РОЗИ) УМАРИ ХАЙЁМ

Тимур Қосимович Зулфиқоров – шоир, насрнавис, сенарист ва драматург.
Соли 1936 дар шаҳри Душанбе таваллуд шудааст. Донишкадаи адабиёти ба  номи М. Горкий (Москва, Россия)-ро хатм кардааст. Муаллифи 30 китоби «насру назми нотакрор ва бесобиқа», ки теъдоди онҳо беш аз як миллион нусха мебошад. Романҳои ӯ дар бораи чеҳраи достонзеб Хоҷа Насриддин, Умари Хайём, Иван Грозний, Темур ва ёддоштҳои оворагардиҳои шоири муосир – «Оворагардиҳои заминию осмонии шоир» шуҳрати зиёд пайдо намуданд.



Ман – имом Ғиёсиддин Абулфаттоҳ Умар ибни Иброҳим,

ман китоби ваҳйро мегӯям.

Ба китоби ҳаёти ман мегӯям.

Худованд ёриву раҳмат кун!

Пеш аз рафтанам, дасти заифамро боз дор!

Забони сарду хомӯши маро нигоҳ дор!

Забонамро, ки чун манораҳои масҷидҳои бостонии Хуросон меафтад, нигоҳ дор! Каҷу ноустувор афтанда чун манораи бузурги масҷиди Ҷомеи ал-Хулафои Бағдод!

Забони моиламро чун манораи бузурги масҷиди Укоили Нишопур, ки дар иҳотаи салҷуқиёни бегона аст, нигоҳ дор...

Кӯрона аҷала карда, деворҳои масҷидро бо шамшерҳои Макка мебуранд! Ва масҷидҳоро бо шамшер мебуранд!..

Худо ёрӣ бидеҳ!

Ҳа?...

Худоё, мисли хурӯси субҳидам бо гулӯи бурида ман месурудам.

Хашин. Канда. Махфӣ...

Аммо месурудам.

Аммо бо ваҷд месурудам, бо хуни рехтаам буғӣ шуда...

Месурудам дар салтанати гунгу асирон... Месурудам дар салтанати салҷуқҳои навбаромад...

Месурудам. Парвардигоро!..

Аммо!..

…Ва даврони салҷуқиён фаро расид (ва даври салҷуқиён меояд).

Ва даврони муаззинҳои гунг фаро расид (ва даври муаззинҳои гунг фаро мерасад).

Ва фаро расид даврони хурӯсҳои гулӯшикаста, кӯр, кар ва кақ шитобкунанда (ва ин даврон ҳам меояд).

Ва фаро расид даврони лабони гунг... даврони гунгҳо... даврони сурудани даҳонҳое, ки тири марговар мехонанд... даврони гулӯҳои кақу кар, ҳашангу чанда (расид!).

...Пас, он тирро фаромӯш кардед, падар?

Пас, он тир фаромӯш шуд, падар?

Пас, он тирро дар салтанати хилофати даҳони хомӯш фаромӯш кардед?

Пас, шумо он манораи охиринро фаромӯш кардед? Ҳа, падар?

Ҳа?

Аммо!

...Падар падар падар бедор шавед, падар бедор шавед, бедор шавед, бархезед!..

Манам, писаратон Умар Умар, бедор шавед падар!..

Бархезед падар! … ман Умар Умар Умарам... писаратон, падар...

Умари шумо... навраси бо сари тарошида, бо чашмони сиёҳи мисли шумо, чун олуи калони обдори ҳиротӣ... бо чашмони пур аз ашк...

бархезед, бедор ҳушёр шавед падар падар падар... азизам... муаззин... гунг, кабки кабуди бо гулӯи шикаставу ҳашанг нағмасаро!..

Падар бедор шавед…

Писарам Умар Умар шоир... чаро... чаро... чаро хурӯс дар шаби тор дар шаби хомушӣ, чаро шоир дар салтанати тири ғалабаи марг дар салтанати тири ғалабаи марг?

Писарам писарам Умарҷон Умарҷон, ман ин ҷо бо ту ҳастам, ман миёни рамаҳои мурда ҳастам, ин фариштаи Азроил бо чашмони гӯсфандиаш остини ҷомаи чандаи сабзи беқасаби бухороиамро хоидан дорад...

Аммо писарам Умарҷон, рафта ҳамсояат Очкун-Мирзоро бигӯ (ӯ заҳмат мекашад мубориза мебарад, писарам!) Ба Очкун-Мирзо бигӯ, бахшидам он тири муборакеро, ки қаблан бахшида будам, дар манора...

Бирав, бигӯ Умар!

Паёмбар (с) дар рӯзҳои охирини худ аз минбар фармуд: Эй мусалмонон, агар касе аз шумоёнро зада будам, марҳамат, пушти ман, бигзор ӯ низ маро бизанад...

Агар касе аз ман ранҷида бошад, бигзор барои озурдагиаш маро низ ранҷонад...

Агар хубии касеро рабудаам, бигзор аз ман бозпас биситонад...

Натарсед, ки ба ғазаби ман гирифтор мешавед – бадӣ хоси табиати ман нест...

...Аммо дар охирин тахтаи нокӣ, дар охирин тахтаи ҷаноза, ман Хоҷа имом Умар ибни Иброҳим ба шумо мегӯям, ки боқимонда дӯстони нодири аз болоям сар вуруд овардаи азизам... Музаффари Исфазорӣ, Қорӣ -Мансури кулолгар, Абулҳасан Ал-Байҳақӣ дӯсти қадимии сари хони алафҳои рӯдии нобиноиям... Муҳаммад Ал-Бағдодии риёзидон, шавҳари хоҳари дури ман Мунифа-апа...

...Мунифа-апа, хоҳар, ту аз он ҷо аз он ҷо аз коҳи ноустувори алафҳои алафҳои алафҳои тирамоҳӣ даст меафшонӣ

Ту даст меафшонӣ? Ишора намекунӣ? … апа... бо дастонат ҳаракат мекунӣ...

Ба ту гармӣ мекунад апа? Гарм?.. Апа, дар кафи дастат самбӯсаи варақии пешопеши деги тафсони ҳисорӣ...

Ва ту ӯро ба ман медиҳӣ?.. Апа, хоҳар ва ту самбӯсаро ба ман медиҳӣ... чун замони кӯдакӣ...

Ту ишора мекунӣ? Меафшонӣ? Фарёд мекунӣ

Ман зуд меоям! Ман зуд…

Ба зудӣ меоям, апа... ҳанӯз самбӯса сард намешавад дар кафи ороми дастонат... ҳанӯз самбӯса вайрон намешавад дар дастони борики ғимчамонанди беди февралӣ… ҳанӯз хунук намешавад, азизам… ва дастони ту намесӯзанду захм намешаванд…

Ман зуд меоям! Ман зуд… ман зуд… азизам… апа…

Аммо чи қадар дуранд дастони ту!... Даст меафшонӣ… даст меафшонӣ… ишора намекунӣ… ишора намекунӣ… аз он ҷо… аз он ҷо…

Аз он ҷо!..

Мана дастонат аллакай наздик…

Аммо дар охирин тахтаи нокии ҷаноза (ва ӯро аллакай бадани мумиёшудаам намешунавад? Ва руҳам аз парвоз кардан ба наздаш мегурезад?) ман ба шумо мегӯям охирин одамони ман наздам сар фурудоварда, азизони ман… мардҳои андуҳгини хирадманди ман…

Ман мегӯям!..

Дар хилофати гилҳои мурда, дар салтанати гилҳои мурда мегӯям!.. Дар салтанати бегонагон, дар хилофати салҷуқиён, дар салтанати сайёдон, дар салтанати саворагон, дар салтанати тир ман мегӯям...

Ман мегӯям...

**Ветла –** ақ тал

Наздик! Наздик наздик замоне, ки поктинатон намедонанд, ки худ поктинатанд ва гуноҳкорон – гуноҳкоранд...

Худо дар қалби одамони бешафқат нахоҳад монд... озодагон…

Ва сарҳадҳо нахоҳанд монд ва бисёриҳо берун аз марзҳои руҳ хоҳанд рафт...

Ва мерасад вақти рамаҳои дар торикӣ саргардон аз ҷаҳаннам ба биҳишт, аз биҳишт ба ҷаҳаннам!..

Ин гуна айём наздик аст! Ва чунин вақтҳо наздиканд! Чун тахтаи ҷанозаи ман мисли кӯза – хуми димишқии Ато Иброҳим бо оби қабристон… мана ин дар болои болини ман меистад… омода мешавад…

Ана, бинед, – ҳоло дар ҳамин хуми май базӯр истода рақсида, аммо аллакай оби ҷаноза… оби қабристон… гунг!... А?...

...Аммо ҳамаи шумо мегӯед, ки ин замонаҳо наздиканд, вале ба чизи дигаре умед мебандед, аммо онҳо аллакай фаро расиданд!.. Фаро расиданд...

Онҳо аллакай фаро расиданд... боз ҳам вазнинтарашон меоянд...

Ва дарё равон аст равон равон равон...

Аммо вай намеравад... намеравад... намеравад…

Худоё!..

Ба номи Худои бахшояндаи меҳрубон!

Худованд раҳмату мағфират кунад Муҳаммади моро!

Ла-иллаҳа иллаллоҳу Муҳаммад Расулуллоҳ!

Ла-иллаҳа иллаллоҳу Муҳаммад Расулуллоҳ!..

Ҳеҷ маъбуде ҷуз Худо нест ва Муҳаммад паёмбари Ӯст!.. Оре!..

Ман ба Фотиҳ гуфтам!

Ман имом Ғиёсиддин Абулфатҳ Умар ибни Иброҳим ҳастам ба Китоби ваҳй гуфтам.

Ба Китоби зиндагиам гуфтам.

Ба Китоби зиндагиам гуфтам…

Марав марав марав мавҷ мавҷ мавҷи саодат саодат саодат!...

Марав мавҷи саодат!...

Вай намеравад…

Меравад меравад меравад…

Худоё!..

Соли 1973

[**Манбаъ:** Зульфикаров Т. Книга откровений Омара Хайяма / Цари небесные и земные. – М.: Худож. лит., 2009. С. 335-464.

**САВОЛҲО БАРОИ МУҲОКИМА:**

1. Дар эҷодиёти Тимур Зулфиқоров шоир Умари Хайёмро чӣ бештар ба ташвиш меорад?
2. Розҳои таърихии Умари Хайём то чӣ андоза бо замони муосир мувофиқанд?
3. Аз нигоҳи шумо, розҳои Умари Хайёмро чӣ асос шудаанд: огоҳии таърихӣ, интиқом, инсондӯстӣ, ҳамдардӣ ё чизи дигар?
4. Дар давраҳои буҳрони таърихӣ шоир кадом масъулиятро бар уҳда дорад?
5. Кадом арзиш дар дидгоҳи Умари Хайём болотар аз зарурати таърихӣ меистад?

## САВОЛҲО БАРОИ ТАҲЛИЛ:



1. Мафҳумҳои фарқият ва дарку қабул аз ҳам бо чӣ тафовут доранд? Дарку қабули «дигарон»- ро дар асарҳои О'Коннор, Вулф, Гессен ва Адивар ба ёд оред. Шумо киро дар ҷомеа ё ҷамоаи худ «дигарон» меномидед? Шумо дар бораи дарку қабул ва муносибатҳо чиро аз ин боби таълимӣ донистед?
2. Дар ин боб мо ақидаҳои гуногунро дар бораи зан муҳокима намудем. Дар ҷомеаи шумо муносибат ба зан чӣ гуна аст? Шумо чӣ фикр доред, оё дар ҷомеаи шумо нақши зан ба нақши мардон баробар фаҳмида мешавад? Чаро ҳа? Чаро не?
3. Оё мо дар бораи дигарон дар доираи «мо» ва «онҳо» фикр карда, ҳамеша ҳаққем? Чӣ гуна талабот ба дигарон, вобаста ба он ки онҳо бо гуруҳҳои муайян чӣ тавр муносибат мекунанд, таъсир мерасонад? Муносибати хонум Хоупвел ва хонум Фриманро ба одамони хуби деҳотӣ ба ёд оред. «Одамони хуби деҳотӣ»- ро бо асари Вирҷиния Вулф «Ҳуҷраи худ» муқоиса намоед.
4. Чӣ тавр фаҳмиши «дигарон» ҳаётро барои гурӯҳҳои муайян дар ҷомеа душвору мураккаб мегардонад? Дар асоси нақли Гессен дар бораи муносибат ба яҳудиён, дар Русияи даврони сталинӣ ва асари Вулф дар бораи занҳое, ки менависанд, фикрронӣ намоед. Ташвиши ин адибҳоро нисбат ба ҷудо шудани «дигарон» аз гурӯҳ муқоиса намоед.
5. Муколамаи маънавии шоир бо худ ва «дигарон» дар осори Темур Зулфиқоров дар заминаи равобити арзишҳои фардӣ ва умумии башарӣ чӣ гуна сурат мегирад? Кадом муаллифони ин бахш бо андешаҳои Тимур Зулфиқоров мувофиқанд?

# БОБИ II
# ФАХМИШИ «ДИГАРОН» АЗ НАЗАРИ СИЁСАТ ВА ГЕНДЕР

## САРСУХАН

Дар боби дуюм мо аз тафсири матн ё объектҳо, ба тафсири одамон мегузарем. Ба самъи хонанда чунин тасаввурот пешниҳҳод мегардад, ки одамон аксар вақт ба ҷаҳон аз нуқтаи назари "мо" ва "дигарон" нигоҳ мекунанд. «Мо»- ро на дар контексти мутлақ, балки дар заминаи муносибат ва тафовути мо аз «дигарон», ки аксаран дар асоси мафҳуми бартарӣ ва қафомондагӣ асос ёфтааст, мо муоина мекунем. Хонанда бояд, ба он ки чунин фарқандозӣ чи гуна ба тафсири ният, амал, арзиш, сухан ва хизматҳои дигарон ва чунин идрок дар муошират бо ҳамдигар чи гуна таъсир мерасонад, таваҷҷуҳ кунад.   Инчунин хонанда бояд дар бораи он фикр кунад, ки дарки мо метавонад аниқ қ набошад, зеро он на ба таҷрибаи воқеии муошироти мо бо шахсони дигар, балки метавонад ба хулосаҳои гуруҳи одамон, асос ёфта бошад.

Ин мавзӯъ, асосан, дар доираи баҳси ориентализм (шарқшиносӣ) баррасӣ мешавад. Истилоҳи мазкур, маъмулан, барои истинод ба шарқшиносӣ истифода мешавад. Бо вуҷуди ин, дар солҳои охир, ин калима шарҳи васеътар пайдо кард. Имрӯз «ориентализм»- ро аксар вақт ҳамчун шакли муқарраршудаи муносибат ба Шарқ мефаҳманд, ки бештар ба таассуб ва мафтунӣӣ, на ба тасвири воқеият асос ёфтааст. Эдвард Саид, донишманди барҷастаи ин соҳҳа, аз ин бархӯрд ба Шарқ бо далели муболиға кардани тафовут ва эҷоди тафриқаҳои нолозиму бардурӯғ миёни фарҳангҳои ҷаҳон интиқод мекунад. Филми «Офтоби сафеди биёбон»- и Мотил мисоли нозукеро, ки чи гуна Ғарб Шарқро тасвир мекунад, меорад.

Ҳангоми хондани ин асарҳо ва тамошои ин филм муайян намоед, ки ҳар як муаллиф ё коргардон бо гурӯҳе, ки дар бораи он, филм менависад ё таҳия менамояд, чи робита дорад. Муайян кунед, ки таасуби нависандагон марбут ба миллат, ҷинсият ва дини худашон ба фаҳмиши “дигарон” чӣ гуна таъсир расондааст. Аз худ бипурсед, ки оё яке аз ин адибон, ҳатто, алорағми таассуби худ тавонистааст ба «дигарон» на ҳамчун ақибмонда, шигифтовар ва на он қадар фарққунанда аз мо, назар карда бошад? Ҳамчунин фикр кунед, ки ин нависандаҳо аз нигоҳи "дигарон" ба дарки беҳтари худ муваффақ шудаанд?

Бахши рушди тафаккури интиқодӣ дар боби дуюм барои кумак ба донишҷӯён ҷиҳати арзёбии мундариҷаи манбаъҳои иттилоот пешбинӣ шудааст. Воқеият ва эътимоднокии иттилооти матнро чӣ тавр муайян кардан мумкин аст? Машқе, ки дар ин боб ба шумо дода шудааст, нишон медиҳад, ки ба ин савол чӣ гуна ҷавоб додан мумкин аст.



**АСКАРИ СУРХ СУХОВ**
Қаҳрамони асосии филми "Офтоби сафеди биёбон" (саҳ.56)

# ФИЛМИ ВЛАДИМИР МОТИЛ «ОФТОБИ САФЕДИ БИЁБОН»

Филми Владимир Мотил «Офтоби сафеди биёбон» (1969) яке аз шоҳасарҳои саноати кинои шуравӣ мебошад. Актёрҳо–Анатолий Кузнецов, Павел Луспекаев, Спартак Мишулин дар шароити душвор кор мекунанд, зеро филм дар биёбони Осиёи Миёна, дар наздикии баҳри Арал ба навор гирифта шудааст.
Аскар Сухов, ки орзуи ба Ватан баргаштанро дорад, дар Туркистон, дар сафи Армияи сурх хизмат намуда, бо босмачиён ҷанг мекунад. Сухов вазифаи инкишоф додан ва ҳифзи ҷумҳурии шуравиро, ки ба зиммааш дошт, иҷро намуда, ҳарами занони Шарқро аз дасти сардори босмачиён наҷот медиҳад.
Сарфи назар аз он ки филми «Офтоби сафеди биёбон» дар байни мардум хеле машҳур буд, ҳокимияти шуравӣ Мотилро дӯст намедошт ва Мотил бо амри тақдир, то замони бозсозӣ дар Иттиҳоди Шӯравӣэътирофи расмӣ нагирифт.
Ҳангоми тамошои филм, фикр кунед, ки кадом персонажҳо мусбату кадомашон манфӣ ва кадоме аз онҳо нисбатан бомаданиятанд ва кадомаш не, кадоме аз онҳо қаҳрамони асосӣ ва кадомаш дуюмдараҷа маҳсуб меёбад.

**САВОЛҲО БАРОИ МУҲОКИМА:**

1. Иқтибоси «Шарқ масъалаи нозук аст»- ро чӣ гуна мефаҳмед?
2. Сухов дар суҳбатҳои тахаюлии пешакии худ бо занаш қайд мекунад, ки дар айёми озодӣ зиндагӣ мекунад. Сухов сокинони Осиёи Миёнаро аз чӣ озод мекунад?
3. Симои сардори босмачиён Абдулло ва тарафдорони ӯ аз симои Сухов, Петруха ва Вершагин дар филм чӣ фарқ доранд?
   Ба фикри шумо, Мотил нисбат ба кӣ мехоҳад меҳри шуморо пайдо кунад?
4. Образхое, ки ҳангоми суҳбатҳои хаёлии Сухов бо завҷааш пайдо мешаванд, ба кадом вижагиҳои занон дар Осиё ва Русия ишора мекунанд?
5. Суҳбати Абдулло ва Саидро ба ёд оред. Мақсад аз исёни Абдулло чист? Босмачиён киҳо буданд? Оё Мотил дар тасвири персонажҳои филм воқеъбинона муносибат намудааст ё ғаразнок? Ҷавобҳои худро асоснок кунед.
6. Сухов нисбат ба занони Осиёи Миёна чӣ гуна муносибат мекунад? Мотил дар бораи муносибат ба занони Осиёи Миёна то давраи ҳокимияти шуравӣ чӣ мехоҳад гуфтан? Дар бораи "ҳамзистии занони озоди Шарқ" ва эпизоде, ки Абдулло боз ҳарамашро бармегардонад, ба ёд оред.
   Оё муомилаи Абдулло бо занонаш мисли Сухов ва Вершагин инсондӯстона ва маданӣ аст?
7. В. Вулф ба тасвири занҳои Осиёи Миёна дар фильми Мотил «Офтоби сафеди биёбон» чӣ гуна муносибат мекард?

8. Хислати Вершагинро чӣ тавр мефаҳмед? Асли пайдоиши ӯ. Чаро ба Сухов ёрӣ расондан ва исёнгаронро торумор кардан, кори дуруст мешуморад? Верешагинро чӣ ба ин амал водор менамуд? Тасвирҳо, суратҳо ва расмҳои дар девори хонааш бударо ба ёд оред.
9. Тассавуроти умумии симои Осиёи Миёна дар филми Мотил чӣ гуна аст? Ба назари шумо, тамоми Осиёи Миёна ҳамин тавр буд? Оё Мотил образи ҷамъбастиро дар фаҳмиши Шарқ истифода мебарад? Ҷавоби худро асоснок кунед.
10. Баъзе сокинони маҳаллӣ, масалан, Саид тайёр буд, ки ба Сухов дар мубориза ба муқобили Абдулло ёрӣ расонад. Ба фикри шумо, ин нишонаи дӯстӣ аст? Чаро ҳа, ё чаро не?
11. Бисёр одамони шуравӣ боварӣ доштанд, ки «Офтоби сафеди биёбон» мушкилотро дур мекунад, бемориҳоро шифо мебахшад, саломатиро беҳтар мекунад ва рӯҳияҳи касро баланд мебардорад. Ба фикри шумо, чаро ин филм ин қадар шуҳрат пайдо кард, ки шабакаҳои телевизиони шуравӣ дар рӯзҳои ид намоиш медоданд?

## АРЗЁБИИ МУНДАРИҶАИ МАТН

СТРАТЕГИЯҲО БАРОИ АРЗЁБИИ МУНДАРИҶАИ МАТН:

1. Сарсуханро хонед. Муаллиф ба чӣ ноил шудан мехоҳад? Оё ӯ кӯшиш мекунад, ки шуморо ба чизе мутаъқид созад, чизеро равшан ё тасдиқ кунад, ё ҳисси ҳамдардии шуморо бедор кунад?
2. Асли муаллиф ва таассуби имконпазири ӯро ба назар гиред.
3. Барои тасдиқи дурустии маълумоти пешниҳодшуда, манбаъҳои дигарро тафтиш кунед.
4. Аудиторияи филмро муайян кунед. Оё шумо ба он таааллуқ доред?
5. Оҳанг, услуб, сатҳи сохтакорӣ ва вақти интишори манбаъро дида бароед.



**Абдуллоҳ – сардори босмачиён**

**Арзёбии мазмуни филм**

**1. Инҳоро муайян кунед:**

а) Ба фикри шумо, мазмуни филми Мотил далелу андешаҳои воқеиро ифода мекунад ё таблиғот аст?

б) Оё Мотил далелҳои кофӣ манзур мекунад? Оё дар он симои фарогири Осиёи Миёнаро пешниҳод мекунад?

в) Забони персонаже, ки Мотил истифода мебарад, объективӣ ё эҳсосӣ аст? Оё дар ин филм тасвирҳои умумии одамон ва фарҳанг истифода мешаванд?

г) Оё муаллиф, коргардони филми шуравӣ, Владимир Мотил, дар баёни мазмуни филм боэътимод ва воқеъбинона муносибат мекунад?

**2. Дақиқиятро санҷед:**

а) Ин филм то чӣ андоза муосир аст? Оё ӯ 30 сол дер карда буд? Баъзе маълумот, баробари пайдо шудани маълумоти нав, куҳна мешаванд, вале дигар манбаъҳои иттилоот метавонанд солҳои зиёд, пас аз пайдоиши онҳо хеле муфид бошанд.

б) Оё шумо дар бораи Осиёи Марказӣ ягон маълумоти дигаре пайдо карда метавонед, ки ин диди Мотилро тасдиқ ё рад кунад?

в) Ин филм то чӣ андоза боварибахш аст? Шумо дар бораи киностудияе, ки дар он ин филм сохта шудааст, чӣ медонед? Оё киностудияҳо дар Иттиҳоди шуравӣ мустақил буданд? Дар Иттиҳоди шуравӣ вуҷуд доштани киностудияҳои мустақил имконпазир буд ва вобаста ба он онҳо чӣ оқибатҳои эҳтимолӣ вуҷуд дошта метавонист?

г) Оё дар филм хулосаҳои хурд ё калон вуҷуд доранд, ки асоснок нашудаанд?

д) Оё далелҳои филм яктарафаанд? Оё онҳо мавҷудияти нуқтаи назари дигарро эътироф мекунанд? Агар ҳа, он далелҳо чианд ва онҳо ба мундариҷаи филм чӣ гуна таъсир мерасонанд? (саҳ.59)

# ҶАЛОЛУДДИДИН РУМӢ

## ДАР БОРАИ АНГУР

Чор касро дод марде як дирам,
Он яке гуфт: «Ин ба ангуре[1] диҳам».

Он яке дигар араб буд, гуфт «Ло,
Ман инаб хоҳам на ангур, эй дағо!»

Он яке турке буду гуфт: «Ин банум,
Ман намехоҳам инаб, хоҳам узум».

Он яке румӣ бигуфт: «Ин қилро
Тарк кун, хоҳем истофилро».

Дар танозӯъ он нафар ҷангӣ шуданд,
Ки зи сирри номҳо ғофил буданд.

Пур буданд аз ҷаҳлу аз дониш тиҳӣ.

Соҳиби сирре, азизе, садзабон,
Гар будӣ он ҷо, бидодӣ сулҳашон.

Пас бигуфтӣ ӯ ки ман з-ин як дирам
Орзуи ҷумлатонро медиҳам.

Чунки биспоред дилро бедағал,
Ин дирамтон мекунад чандин амал.

Як дирамтон мешавад чор, алмурод
Чор душман мешавад як з-иттиҳод.

---

[1] Дар ин масал баҳсгарон ангурро ба забони модариашон (эйнаб– арабӣ; узум– туркӣ; стафил– юнонӣ) ном мебаранд.

Гуфт: «Ҳар яктон диҳад ҷангу фироқ,
Гуфти ман орад шуморо иттифоқ.

Пас шумо хомӯш бошед, инситу,
То забонтон ман шавам дар гуфту гӯ».

Гар сухантон менамояд як намат,
Дар асар мойай низоъ асту сахат.

**Манбаъ:** Ситораҳои шеър. Душанбе, «Адиб», 1988, с. саҳ 249




**ЗАНИ АРАБ**

"Чунин расмҳо аксар вақт рӯҳияи ҳавасро ифода мекунанд...", ба мисли Алмеҳ, зани араб, ки аз ҷониби рассоми фаронсавӣ Жан-Леон Жером тасвир шудааст (1824-1904). Нигоҳи ғарбӣ нисбати занони шарқӣ ва маҳкум кардани онҳо аз мавқеи «Ориентализм»

# ЭДВАРД САИД
# ОРИЕНТАЛИЗМ



Эдвард Саид (1937-2003) дар замони ишғоли Фаластин аз тарафи Британияи Кабир, дар Ерусалим ба дунё омадааст. Ӯ дар донишгоҳҳои бонуфузи Иёлоти муттаҳида таҳсил кардааст. То маргаш – соли 2003, ӯ ба ҳайси профессори донишгоҳ ва декани барномаҳои доктории адабиёти муқоисавӣ дар Донишгоҳи Колумбия дар Ню Йорк кор кардааст. Асарҳои ӯ дар кишварҳои гуногун ба нуздаҳ забон тарҷума шудаанд. Ӯ муаллифи мақолаҳои сершуморе мебошад, ки дар нашрияҳо ба монанди “The New York Times», «The Wall Street Journal», «Le Monde Diplomatique», «The Times», «The Observer», «El Pais» чоп шудаанд. Саид бо тарафдории Фаластин ва муқобил буданаш ба сиёсати берунии Америко, дар Шарқи наздик машҳур аст, ки ин душманонашро зиёд гардонд. «Ориентализм» аз ҳама китоби машҳураш (1978) буда, андешаи эҷоди «ориентализмро» ба миён гузоштааст, ки дар он аз ҳақиқат дида, бештар дар бораи мустамликадорон ва майлу хоҳиши бешууронаи онҳо, сухан ронда мешвад, на воқеият ё табиати мустамликадорӣ.

Ман ба чунин хулосае омадам, ки Шарқ омили табии ғайрифаъол нест. Вай ба тариқи оддӣ вуҷуд надорад, чунон ки Ғарб худ аз худ вуҷуд надорад. Мо бояд мушоҳидаи оличаноби **Викоро** дар бораи он ки одамон таърих ва дониши худро месозанд, ба таври ҷиддӣ баррасӣ кунем ва ин мушоҳидаро дар ҷуғрофиё татбиқ кунем: ҳамчун мероси ҷуғрофӣ ва фарҳангӣ – мероси таърихии ҷойҳо, минтақаҳо ва бахшҳои ҷуғрофӣ, аз қабили Шарқ ва Ғарб, ки аз ҷониби одам офарида шудааст. Аз ин рӯ, ба мисли Ғарб, Шарқ ғояе мебошад, ки бо таърих ва суннати андешаи хеш, тахайюлот ва луғати хоси худ ҳузурашро дар Ғарб воқеят бахшидааст. Ин ду унсури ҷуғрофӣ ҳамдигарро дастгирӣ мекунанд ва то андозае як навъ якдигарро инъикос мекунанд.

Пас аз чунин изҳорот бояд далелҳои оқилона пешниҳод шаванд. Аввалан, чунин хулоса баровардан нодуруст мебуд, ки «Шарқ» дар моҳияти худ ғояиофаридае мебошад, ки бо воқеият мувофиқ аст. Вақте **Дизраэли** дар романи «Танкред» навишта буд, ки Шарқ мансаб аст, дар назар дошт, ки барои ҷавонони боақл ҷолибияти Шарқ ба Ғарб, ба як ҳаваси фарогиранда табдил ёфта буд. Дизраэлиро набояд, ҳамчун касе фаҳмид ки Шарқро танҳо чун ҷои машғулият барои мардуми Ғарб тасвир кардааст. Фарҳангҳо ва миллатҳое дар Шарқ арзи ҳастӣ доштанду доранд, ки зиндагӣ, таърих ва анъана, воқеияти бузургтаре нисбат ба он ки дар бораашон дар Ғарб гуфтаанд, соҳибанд. Ин таҳқии шарқшиносӣ ба ҷуз эътирофи пинҳҳонӣ, чизе ба ин ҳақиқат илова намекунад.

Аммо падидаи ориентализм (шарқшиносӣ), чунон ки ман дар ин асар мефаҳмам, на сатҳи ба ҳам мутобиқати шарқшиносӣ ва Шарқро, балки устувории дохилии шарқшиносӣ ва андешаҳои онро дар бораи Шарқ (Шарқ ҳамчун касб), сарфи назар аз муносиб ва ё номувофиқиаш бо Шарқи «воқеӣ», ифода мекунад. Ба назари ман, изҳороти Дисраэли маҷмӯи хоси

**Вико, Ҷамбаттиста** (1668-1744) – файласуф ва таърихшиноси итолиёвӣ

**Дизраэли, Бенҷамин** (1804-1881) – сенатор ва нависандаи англис

ғояҳои устувори сохташуда, дар бораи Шарқи барҷаста буда, ба мавҷудияти воқеиаш, он чунон ки **Уоллес Стивенс** дар ин бора гуфта буд, муносиб нест.

Тасдиқи дуюми асосноккунии оқилонаи он, ин буд, ки ғояҳо, фарҳанг ва таърихҳоро бе омӯхтани қудратҳо, аниқтараш, ҷобаҷогузории қудрат дарк кардан ва таҳқиқ кардан мумкин нест. Эътимод ба офариниши Шарқ ё ки шарқикунонӣ – ҳамчун зарурияти хаёли ғайрисамимӣ аст. Муносибатҳои байни Ғарб ва Шарқ дар асоси муносибатҳои қудрат, ҳукмронӣ ва дараҷаҳои гуногуни гегемонияи микдорӣ мебошад, ҳамчунон ки дар сарсухани асари классикии **К.М Паниккар** «Осиё ва ҳукмронии Ғарб»[1] хеле дуруст қайд шудааст. Шарқ шарк гардид, на аз он сабаб ки дар асри XIX шаҳрванди миёнаи Аврупо дар он ҳама чизи шарқиёнаро медид, балки аз он чунин Шарқ сохтан имконпазир гардид. Ихтилофи зиёде мавҷуд аст, масалан, дар бораи он ки мулоқоти **Флобер** бо **куртизани** мисрӣ образи васеи зани шарқиро ба вуҷуд овард, зан ҳеҷ гоҳ дар бораи худ сухан намегуфт, эҳсосот, ҳузури худ, таърихи худро баён намекард. Мардба ҷои ӯ сухан мегуфт ва ӯро муаррифӣ мекард. Вай одами бегона, мутаносибан сарватманд ва далели таърихии қудрат аст, ки ба ӯ имкон медиҳадт хонумро на танҳо ҷисмонӣ аз худ кунад, балки ба ҷояш сухан гӯяд, инчунин ба нишон диҳад, ки ҳар чи дар ӯ буд, «маъмулан шарқӣ» буд, ки дар ӯ « хоси шарқӣ» ҳаст. Ман бовар дорам, ки мисоли ҳокимяти Флобер бар Кучукхонум тасодуфӣ нест. Ин муносибати нисбатан устувори байни Шарқу Ғарбро нишон дода, имкон медиҳад, ки дар бораи Шарқ ҳамин гуна андешаронӣ намоем.

Ин моро ба тасдиқи оқилонаи сеюм мерасонад. Гумон кардан нодуруст мебуд, ки сохтори ориентализмро бо як сохтори дурӯғ ё афсонаҳо, ки ба зудӣ аз байн хоҳанд рафт, мувофиқ донем. Ман боварӣ дорам, ки арзиши ориентализм дар будани рамзи қудрати евроатлантикӣ бар Шарқ аст, на дар андешаронии ҳақиқии он дар бораи Шарқ (чунон ки онро дар шакли академӣ ё илмии он фаҳмидан мумкин аст). Аммо мо бояд шиддати ба назар намоёни мулоҳизаҳои шарқшиносӣ, таъсири он ба ташкилотҳои ҷамъиятию иқтисодӣ ва сиёсиро эҳтиром кунем ва фаҳмем. Ҳама гуна системаи ғояҳое, ки метавонанд ҳамчун унсури хирад бетағйир боқӣ монанд (дар ҷаҳони академӣ, китобҳо, конвенсияҳо, донишгоҳҳо, ташкилотҳои хориҷӣ) аз замони **Эрнест Ренан** охири солҳои 1840 то ҳоло дар Иёлоти муттаҳида, бояд чизи бештаре бошанд, назар ба маҷмуаи дурӯғҳои таъсирбахш. Аз ин рӯ, ориентализм фантазияи ҳавоии Аврупо дар бораи Шарқ нест, балки назарияи эҷодкардаи организм ва амалия, ки ба он миқдори зиёди масолеҳ дар тӯли наслҳои зиёд гузошта шудааст.

Саҳми доимӣ ориентализмро ба низоми донишҳои филтршудаи дар бораи Шарқ дар шуури аврупоӣ табдил додааст

Бо зиёд шудани шумораи саҳм ва смаранокиашон таъкидҳо, на танҳо дар мавриди ориентализм истифода мешуданд, ҳамчунин фарҳанги умумиро низ дахл дошт.

**Грамши** дар бораи фарқи байни ҷомеаи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ ба як хулосаи муҳим омад, ки аввалӣ аз ниҳодҳои ихтиёрӣ (ё ҳадди аққал оқилона ва ғайримаҷбурӣ) ба монанди мактаб, оила ва иттифоқҳо; дуюмӣ аз таш-

**Волес Стивенс**
(1879 - 1955) – шоири амрикоӣ

**Паниккар, Кавалам**
(1895 -1963) – муаррих, арбоби давлатии Ҳиндустон

**Флобер, Густав**
(1821-1880) – нависандаи фаронсавӣ

**куртизан -**
раққоса, фоҳишаҳои дарборӣ

**Ренан, Эрнест**
(1823-1892)- муаррих ва нависандаи фаронсавӣ

**Антонио Грамши**
(1891-1937) – пешвои сиёсӣ ва назарияшиноси итолиёвӣ

**Ҳей, Денис**
(1915-1994) – муаррихи британиёӣ

[1] K. M. Panikkar, *Asia and Western Dominance* (London: George Allen & Urwin, 1959).

килотҳои давлатӣ (артиш, полис, бюрократияи марказӣ) иборат буда, ки нақши ҳукмронии мустақимро давлат дорад.

Фарҳанг, албатта, дар ҷомеаи шаҳрвандӣ нақши калон мебозад, ки таъсири ғояҳо, муассисаҳо ва осори дигарон на бо зӯрӣ, балки ба гуфтаи Грамши, дар асоси ризоияти умумӣ амалӣ карда мешавад. Ҳамин тариқ, дар ҳар ҷомеае, ки тоталитарӣ нест, бартарияти як шакли фарҳангӣ бар дигараш вуҷуд дорад. Грамши чунин шакли ҳукмронии фарҳангиро гегемония, калимаи ивазнашаванда барои фаҳмидани ҳаёти фарҳангии Ғарби саноатӣ, номид. Гегемонизм, дурусттараш натиҷаи гегемонизми фарҳангӣ ба ориентализм матонат ва қуввае мебахшад, ки ман дар бораи он гуфта будам. Ориентализм аз он чизе, ки **Денис Ҳей** идеяи Аврупо номидааст, [2]аз мафҳуми дастаҷамъие, ки «мо»- аврупоиҳоро аз «онҳо»- ғайриаврупоиҳо ҷудо мекунад, ба ҳеҷ куҷо нарафтааст. Гузашта аз ин, метавон гуфт, ки ҷузъи асосии фарҳанги аврупоӣ маҳз он чизест, ки ин фарҳангро ҳам дар Аврупо ва ҳам дар берун аз ҳудуди он ҳукмронӣ мекард – ин ғояи бартарияти шахсияти аврупоӣ аз ҳамаи дигарон, ғайриаврупоӣ, миллатҳо ва маданиятҳо аст. Дар ҷанбаи доимӣ ориентализм ба стратегияи худ, бартарии мавқеият такя мекунад, ки одами Ғарбро дар як силсила муносибатҳои эҳтимолӣ бо Шарқ ва инчунин бидуни талафот ба бартарии худ мегузорад. Чаро он бо таври дигар бошад, бахсус дар замони таъсири фавқулодаву пурқудрати аврупоӣ, шуруъ аз Ренессеанси охир, то замони ҳозир? Олим, шахси бомаърифат, мубаллиғ, тоҷир ва ё сарбоз дар бораи Шарқ фикр мекард ва дар зери чатри гегемонияи Ғарб бар Шарқ, аз охири асри XVIII маҷмааи Шарқ ба вуҷуд меояд, ки мувофиқ барои омӯзиш дар академия, барои намоиш дар осорхона, барои барқарорсозӣ дар идораи мустамлика, назария дар бораи рушд, шахсияти фарҳангӣ, бо характери миллӣ ё динӣ. Дар илова ба он, тадқиқоти хаёлии Шарқ, бештар ё камтар, ба шуури комилан мустақили Ғарбӣ асос ёфтааст, ки дунёи шарқӣ берун аз он, дар аввал аз рӯи ақидаҳои асосӣ ва ё шарқӣ буд, баъд, мувофиқи мантиқи муфассали идоракунӣ, на танҳо воқеияти эмпирикӣ, балки дар заминаи маҷмӯи хоҳишҳо, пахшкарданҳо, саҳмҳо ва лоиҳаҳо, ба вуҷуд меояд. Агар ба асарҳои бузурги ориенталистии олими барҷаста Сильвестр де Сацю «Хрестоматияи арабӣ» ё одоб ва урфу одатҳои муосири мисриён»- и Эдвард Вилям Лейн ишора карда тавонем, мо бояд Ренан ва ҳам Гобинoро низ қайд кунем, чун ғояҳои нажодии онхо аз як сарчашма об гирифтаанд, мисли романҳои зиёди порнографии давраи Виктория (нигаред ба таҳқиқоти асари Стивен Маркус «Турки шаҳватомез»).

Бо вуҷуди ин, кас бояд борҳо аз худ бипурсад: баъзе саволҳои ориентализм, ин гурӯҳи асосии ақидаҳо, ки маводи сершумор ба эътибор ги-

[2] *Denys Hay, Europe: The Emergence of an Idea*, 2nd ed. (Edinburgh: Edinburgh University Press, 1968) [author]

рифта намешаванд – нисбати онҳо, ки метавонанд дар онҳо инкор кунанд, ки доктринаҳои бартарии Европа дар навъҳои гуногун- нажодпарастӣ, империализм ҳаматарафа паҳн нашудаанд ва ба нуқтаҳои догматикӣ нисбат ба «Шарқ» ҳамчун як навъ абстраксияи идеалӣ ва тағйирнаёбанда нигоҳ кардан? Ё асарҳои бешумори адибони алоҳида эҷод кардаанд, ки онҳоро метавон талаботи инфиродии муаллифони бо Шарқ алоқаманд фахмид.



Ба маънои муайян, ду алтернатива: умумӣ ва муфассал – ду дурнамои воқеӣ дар ҳамон мавод вуҷуд дорад. Дар ҳарду талабот, касе бояд бо пешсафон ба монанди Вилям Ҷонс, бо эҷодкорони бузург сару кор дошта бошад, ба мисли Нерваль ва Флобер. Ва чаро ҳар ду дурнаморо якҷо ё яке паси дигар қабул кардан мумкин набуд ? Оё равшан нест хатари таҳриф (навъи дақиқи ориентализми академӣ, ҳамеша майл ба чизе), ин ё он ба таври мунтазам дастгирӣ карда мешавад, инчунин сатҳи асосӣ ё инчунин мушаххаси тавсиф?

Ман аз таҳриф ва носаҳеҳӣ, дурусттараш, аз носаҳеҳии он метарсам, ки аз ҳад зиёд догматикӣ ва бо мақсади аз ҳад мусбисозии маҳаллӣ сохта шудааст. Дар мубориза бо ин мушкилот, ман маҷбур будам бо се ҷиҳати асосии воқеияти имрӯза, ки ба назари ман, роҳи халос шудан аз душвориҳои методологӣ ё дурнамое, ки ман дар бораи он гуфта будам, далолат мекунанд. Дар аввал ин мушкилот метавонад боиси навиштани баҳси дағал дар сатҳи ғайри қобили қабули ҷамъбастӣ гардад ва ин гуна кор сазовори бо саъю кӯшиш хондани он намегардад. Лаҳзаи дигари ин душвориҳо боиси навиштани чунин силсилаи таҳлилҳои муфассалу хурд мегардад, ки дар онҳо бо назардошти боварибахшии онҳо, хусусиятҳои умумии иттилооти маҷбурӣ дар ин соҳаи дониш аз даст меравад.

Пас чӣ гуна мо метавонем бо ғайрифаъол ё диктаторӣ, ё гегемонӣ ҷамъбастии контексти фардиятро ба зеҳният оштӣ кунем?

**Сарчашма:** Said, Edward W. *Orientalism*. New York: Vintage Books Edition, 1979, p. 4-9.

**САВОЛҲО БАРОИ МУҲОКИМА:**

1. Бо суханони худ фаҳмонед, ки Эдвард Саид Шарқро чи гуна мефаҳмад.
2. Оё Саид даъво дорад, ки ақидаҳои мавҷуда, дар бораи ориентализм ва ғояҳои шарқӣ тағйирёбандаанд? Чӣ махсусан диқати Саидро ба худ ҷалб менамояд?
3. Ба гуфтаи Саид, ориентализм аз чӣ сарчашма мегирад? Чӣ гуна
4. истилоҳи «ориентализм » ба вуҷуд омадааст? Чӣ тавр Шарқ «шарқӣ» шуд?
5. Чаро Саид ориентализмро падидаи офаридашуда мешуморад? Чаро ӯ мулоҳизаҳои шарқиро беасос мешуморад?
6. Ба қавли Саид, оё ориентализмро чун организми дониш ва илм дар бораи Шарқ, қабул кардан мумкин аст? Чаро ҳа, ё чаро не?

**САВОЛҲО БАРОИ ТАКРОР:**

1. Саид дар китоби худ равобити Шарқу Ғарбро гегемонияи мураккаб ё ҳукмронии Ғарб номидааст. Оё он дар филми Мотил дида мешавад? Оё Мотил муносибати байни осиёиҳо ва сержанти рус, Суховро дар фильми «Офтоби сафеди биёбон» дар шакли гегемония ва ҳукмрон тасвир мекунад? Барои асоснок кардани ҷавоби худ аз филм мисолҳоро биоред.
2. Эдвард Саид, инчунин дар бораи ақибмонии Шарқ ва бартарии маданияти Аврупо сухан меронад. Оё он дар филми Мотил мушоҳида мешавад? Оё муносибати Сухов бо занҳо доир ба қафомонии Шарқ мисол шуда метавонад?

   Ба назари шумо, оё тафовути ин филм дар фаҳмиши «мо» ҳамчун аврупоиҳо ва «онҳо» ҳамчун осиёиҳо, дар заминаи бартарии фарҳанги Аврупо тасвир мешавад?
3. Саид бо истифода аз достони Флобер, куртизани мисрӣ кучакхонумро дар бораи ҳукмронӣ мисол меорад. Ба фикри шумо, симои занони Осиёи Миёна дар филми «Офтоби сафеди биёбон» чун «маъмулан шарқӣ» ба тасвири занони Флобер шабоҳат дорад?



МАСҶИДИ ҶИНГАРЕЙБЕР ДАР ТИМБУКТУ

# ЛЕО АФРИКАНУС ТАВСИФИ ТИМБУКТУ АЗ «ТАСВИРҲОИ АФРИҚО» (1526)

Лео Африканус – Ҳасан ибни Муҳаммад ал- Вазан ал- Фасӣ (1485-1554) дар Гренада (Испания) таваллуд шудааст. Вақте ки ӯ ҳафтсола буд,бо падару модараш аз ҷониби шоҳ Фердинанд ва малика Изабелла ҳамроҳи ҳазор нафар мусулмонони дигар, аз он зодгоҳаш ронда шуданд. Дар Африқои шимолӣ ҷойгир шуда, ӯ дар Фес таҳсил кард ва ба зудӣ амакашро бо ҳадафҳои дипломатӣ дар Африқои шимолӣ ва подшоҳии Гана ҳамроҳӣ кард. Баъдтар, аз ҷониби роҳзанҳои масеҳӣ ба асирӣ афтида, ба Папаи бузурги Эҳёи Леои X ҳамчун ғуломи бениҳоят донишманд пешниҳод карда шуд. Леои X ӯро озод карда, номи нав – Йоханис Лео де Медичиро ба ӯ монда, дастур дод, ки шарҳи муфассали Африқоро нависад, ки маҳзин кораш ӯро бо тахаллуси Лео Африканус маъруф намуд. Барои аврупоиҳо ин тавсифи ягона ва манбаи маълумот дар бораи Африқо, дар давоми якчанд аср буд. Дар порчаи зерин шаҳри Тимбуктуи Гана тасвир шудааст. Тимбукту дар Аврупо ҳамчун рамзи дастнорастарин шаҳр маҳсуб меёфт, аммо вақте ки Лео Африканус ба ин шаҳр ташриф овард, он маркази зиндаи савдои мол ва китобҳои Африко буд. Фикр кунед, ки чӣ гуна ин тавсифи "дигар" ба мавқеи Лео Африканус ҳамчун ба одами бегона таъсир расондааст.

Номи ин салтанат замонавӣ буда, ба шарафи шаҳре интихоб шудааст, ки шоҳ **Мансо Сулаймон** дар соли 610-и **ҳиҷрӣ** (1232) (сол аз рӯи тақвими шарқӣ), дар масофаи тақрибан дувоздаҳ мил аз шохаҳои дарёи **Нигер** бунёд шудааст.

Мардуми Тимбукту дар кулбаҳое зиндагӣ мекунанд, ки аз тасмаҳои гилин сохта шуда ва бомҳояшон бо пӯшол (хас) пӯшонда шудаанд. Дар маркази шаҳр маъбаде мавҷуд аст, ки бо роҳбарии меъмор **Гарнати** аз сангу қир сохта шудааст. Илова бар ин, дар он ҷо як қасри бузург аз ҷониби ҳамон меъморе тарҳрезӣ шудааст, ки шоҳ дар он ҷо зиндагӣ мекунад. Бисьёр дӯконҳои косибон, савдогарон ва, пахтатозакунӣ ҳастанд. Масолеҳ аз Аврупо ба Тимбукту, аз ҷониби тоҷирони **барбарӣ** ворид мегардид.

Ба ғайр аз он, ғуломзаноне, ки ғизо мефурӯшанд, занони шаҳр анъанаи махкам намудани рӯяшонро риоя менамоянд. Мардум, махсусан, муҳоҷироне, ки дар ин кишвар маскан гирифтанд, хеле сарватманданд, то андозае, ки худи подшоҳ ду духтарашро ба бародарони тоҷир ба занӣ дод, зеро онҳо хеле бой буданд. Дар Тимбукту чоҳҳои зиёде мавҷуданд, ки оби ширин доранд ва зиёда аз он, вақте ки Нигер дар сели баланд аст, об ба воситаи шабакаҳо ба шаҳр интиқол дода мешавад. Ғалла ва чорво низ фаровон аст, аз ин рӯ, сокинон шири зиёд ва равғанҳо истеҳсолу истеъмол мекунанд. Аммо, истеъмоли намак хеле маҳдуд аст, зеро он аз Тегаз, тақрибан 500 мил аз Тимбукту оварда мешавад. Замони дар Тимбукту буданам, як каф намак ба 80 **дукат** фурӯхта мешуд. Подшоҳ соҳиби ганҷи-

**Мансо Сулаймон –** солҳои 1336-1359 дар салтанати Тимбукту ҳукмронӣ кардааст.

**ҳиҷрат –** ҳиҷрати Муҳаммад ва пайравонаш аз Макка ба Мадина соли 622. Дар замони халифа Умари I (634-344) соли ҳиҷрӣ оғози хронологияи мусулмонӣ эълон шудааст

**дарёи Нигер-** дарёест дар Африқои Ғарбӣ

**Гарнати –** Исҳоқ ас Соҳили ал-Гарнати, ки Манса Сулаймон ба Тимбукту овардааст

**барбариҳо –** мардуми бумии Африқои Шимолӣ, ки исломро қабул кардаанд

**Дукат–** асъор дар Гана мебошад

наҳои бой аст, ки аз танга ва сабикаи тилло иборат аст. Яке аз ин сабикаҳо 970[1] килограмм вазн дорад.

Дарбори шоҳо аҷиб ва хеле хуб созмон дода шудааст. Вақте ки подшоҳ бо аҳли дарбораш аз як шаҳр ба дигараш мекӯчад, ӯ ба шутур шишта, хизматгоронаш аспҳоро аз паси ӯ бо ҷилав мебаранд. Дар ҷангҳо хизматгорон ба шутур ва аскарон ба асп савор мешаванд. Агар касе хоҳад бо подшоҳ сухан гӯяд, бояд дар назди подшоҳ ба зону зада саҷда кунад. Аммо, ин қоида ба сафирон ва онҳое ки ҳеҷ гоҳ бо подшоҳ суҳбат накардаанд, дахл дошт. Подшоҳ қариб 3000 аскари савора дорад ва аскарони бешумори пиёда, ки бо камонҳои фенхел мусаллаҳ буданд, тирҳои заҳролудро барои тирандозӣ истифода мебаранд.



Подшоҳ танҳо бо ҳамсояҳои душман ва ё бо онҳое, ки ба ӯ хироҷ додан намехоҳанд, ҷанг мекунад. Вақте ки ӯ ғолиб меояд, ҳамаи онхоеро, ки ба асирӣ гирифтааст, мефурӯшад, ҳатто, бачагонро дар бозори Тимбукту.

Дар ин кишвар танҳо аспҳои хурд ва оддӣ таваллуд мешаванд. Тоҷирон онҳоро барои саёҳат ва дарбориён барои ҳаракат кардан дар шаҳр истифода мебаранд.



Тимбуктуи ҳозира. Мали

Аспҳои хубро тариқи корвон аз **Барбария** меоварданд. ва ба ҳоким пешниҳод меакрданд ӯ аспро интихоб намуда, ҳар қадар, ки мехост, нарх мемонд. Подшоҳ душмани эътирофшудаи яҳудиён аст. Ӯ иҷозат намедиҳад, ки яҳудиҳо дар шаҳр зиндагӣ кунанд, агар фаҳмад, ки як тоҷири бербер ба назди онҳо зуд-зуд меояд ё бо онҳо тиҷорат мекунад, тамоми моли ин савдогарро мусодира мекунад. Дар Тимбукту доварон, муаллимон ва коҳинони зиёде мавҷуданд, ки аз ҷониби подшоҳ таъин мешаванд. Аҳли маориф хеле қадр мешуд, ва китобҳои зиёди дастнависӣ аз барбариҳо харидорӣ мешуданд. Фоидае, ки аз ин тиҷорат гирифта мешавад, аз савдои дигар молҳо зиёдтар аст.

Ба ҷои тангаҳои сиккашуда, тиллои холис ва барои хариди хурд одамон **каурае** ки аз Форс оварда мешуд, истифода мебаранд, ки 400-тоаш ба як дукат баробар аст. Шаш ва аз се ду ҳиссаи дукати онҳо ба як унсияи римӣ баробар аст.

**Барбарӣ –** минтақаи шимолу ғарбии Африқо дар байни соҳили баҳри Миёназамин ва Сахара

**Каури –** ҷойгузини пул дар қисматҳои Осиё ва Африқо

Мардуми Тимбукту сулҳпарваранд. Онҳо аз рӯи анъана аз соати 10-и бегоҳ то 1-и шаб дар атрофи шаҳр сайру гашти тӯлонӣ бо навохтани асбобҳои мусиқӣ ва рақс мегузаронанд. Ба ҳар як сокин хизматгорони зиёди зану мард хизмат мекунанд.

Шаҳр ба осонӣ ба оташ мувоҷеҳ аст. Ҳангоми сафари дуюми ман дар Тимбукту, (эҳтимолан тақрибан соли 1512), шаҳр дар гирифта ба зудӣ ба коми оташ рафт ва ҳамагӣ дар панҷ соат нисфи шаҳр сӯхтааст.Он рӯз шамол чунон сахт мевазид, ки сокинони қисмати дигари шаҳр аз тарси сӯхтор ба кучонидани амволи худ шуруъ карданд.

**Манбаъ:** Leo Africanus. “Description of Timbuktu.” *In Reading About the World*, vol. 2, edited by Paul Brians, et al. HarperCollinsCustomBooks. Online text Internet History Sourcebook.

URL: http://www.fordham.edu/halsall/med/ leo_afri.html.

[1] Чунин сабикаҳои аҷоибро нависандагони араб дар бораи Африқо аксар вақт қайд мекунанд. Лекин, андозаи онҳо хеле муболиға шудааст.

**САВОЛҲО БАРОИ МУҲОКИМА:**

1. Тавсифи Лео Африканус ба мо дар бораи сохтори сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии Тимбукту чӣ мегӯяд? Устувории иқтисодии Тимбуктуро чӣ мусоидат мекунад?
2. Тавсифи Лео Африканус то чӣ андоза фарқ мекард, агар худи ӯ аз Африка намебуд?
3. Оё шумо бо ягон тавсифи шаҳри Осиёи марказӣ ошно ҳастед, ки онро бо тавсифи Тимбукту муқоиса кардан мумкин аст?

**САВОЛҲО БАРОИ ТАКРОР:**

1. Чӣ гуна метавон «Тавсифи Тимбукту»- ро ҳангоми бозбинии фаҳмиши шарқӣ, ки Саид дар китоби худ дар бораи он сухан меронад, истифода кард?
2. Ориентализм, аз нигоҳи Саид, ақидаи бартарии аврупоиро аз ақибмонии Шарқ ҷорӣ мекунад. Шаҳри Тимбуктуро дар асоси донише, ки оид ба савдо, инкишоф ва маорифи он пайдо кардем, чӣ гуна онро метавон намунаи тамаддуни Шарқи муваффақ арзёбӣ кард?



**ТАЙЁР КАРДАНИ ДОРУ АЗ АСАЛА**з дастнависи арабӣ. Педаниус Диоскорид (асри I).

# УСОМА ибн МУНКИЗ.
# ТАРҶУМАИ ҲОЛ (иқтибосҳо дар бораи франкҳо)

Усома ибни Мункиз (1095-1188), дипломат ва сарбози араб, дар замони юришҳои салибӣ (як қатор ҷангҳо дар асрҳои XI-XV), вақте ки масеҳиёни аврупоӣ кӯшиш карданд, ки Замини муқаддасро забт кунанд, навиштааст. Ӯ аз хонаводаи ашрофзодаи Шайзира, шаҳре дар шимоли Сурия буд. Бинобар сабаби таҳдид ба ҳукумати махаллӣ, ӯро соли 1138 аз Шайзир бадарға карданд ва ӯ дар империяи Фотимиён дар Миср паноҳ ёфт. Даҳ сол дар он ҷо зиндагӣ кард, то даме ки ба қасди куштани сарпарасташ гунаҳкор нанамуданд ва ин боз ӯро маҷбур кард гурезад. Соли 1174 дар тарафи Саладин, бар зидди насрониён ҷангид, алоқаҳои ӯ бо насрониҳо ва ё бо франкҳо, чунон ки Усома онҳоро номид, ба ӯ имкон доданд, ки анъана ва фарҳанги онҳоро бубинад. Франкҳо ба ӯ аҷиб менамуданд ва ӯ дар бораи тарзи зиндагии ваҳшиёнаи онҳо бо тамасхур ва даҳшат сухан мегуфт. Ягона чизе ки ӯро ба ҳайрат меовард, далерии сарбозони масеҳӣ буд. Дар порчаи зерин аз тарҷумаи ҳоли ӯ равшан мегардад, ки чӣ тавр яке аз мусулмонон фарҳанги масеҳиро қабул мекунад.

Асроромез аст осори Офаридгор, Офаридгори ҳама чизхо! Дар бораи франк гуфтан, имкон надорад, ки Худоро ҳамду сано нагӯем ва ба ӯ қурбонӣ накунем, зеро ӯ дар онҳо чизе намебинад ба ғайр аз ҳайвонҳои боҷасорату шуҷоъ дар мубориза, зеро ҳайвонот танҳо шуҷоат дар кашонидани бор доранд. Ман ба шумо мисоли ҳаракатҳо ва хислатҳои кунҷковона аз ҷаҳонбинии онҳо мегӯям.

Дар лашкари писари шоҳ **Фулк**, як ашрофи афсари франк хизмат мекард, ки барои иҷрои маросими муқаддас зиёрат карда, ба хона бармегардад.Мо чунон муносибатҳои наздик доштем, ки ӯ маро бародараш хонд. Дар байни мо ҳисси дӯстӣ ва ҳамфикрии якдигар вуҷуд дошт. Вақте ӯ тасмим гирифт, ки ба хона биёяд аз канори баҳр, ба ман гуфт:

*Бародарам, ман ба кишвари худ бармегардам ва мехоҳам, ки ту писаратро бо ман фиристони (писари ман, ки он вақт чордахсола буд, дар ҳамин лаҳза дар паҳлӯи ман буд) дар кишвари ман метавонад сипоҳиҳо (рыарҳо)-ро бинад, малакаи ҷангиро омӯзад, хирад пайдо кунадвақте бармегардад, вай алакай хирадманди асил мешавад.*

Ҳамин гуна суханоне ба сарам афтоданд, ки ҳеҷ гоҳ аз ҷониби шахси оқил гуфта намешуд, зеро, ҳатто, ба асирӣ гирифтани вай ин қадар зарар намерасонад, нисбат ба он ки сафар ба мамлакати франкҳо дошта бошад.

Бо вуҷуди ин, ба ин мард гуфтам:

«Ба хотири ҳаёти шумо, ман ҳам чунин фикр доштам. Аммо ягона чизе маро аз амалӣ кардани ин андеша бозмедорад, ки бибиаш, модарам, ӯро чунон дӯст медорад, ки, ҳатто, имрӯз ӯро ҳамроҳӣ бо ман иҷозат надод, то он даме ки қасам хӯрам, ки онро ба вай бармегардонам.

**Ҷангҳои салибӣ –** Силсилаи ҷангҳои мазҳабие, ки масеҳиёни аврупоӣ дар асарҳои XI-XV ба муқобили муслумонон барои «озод» кардани заминҳои муқаддас роҳандозӣ карда буданд.

**Шоҳ Фулк –** Подшоҳи Ерусалим (1131-1143)

Пас ӯ аз ман пурсид:

– Модарат ҳанӯз зинда аст?

– Бале, – ҷавоб додам ман.

– Хайр, – гуфт ӯ, – нофармонӣ накунед.

Ин аст мисоле, ки табобати онҳоро нишон медиҳад.

Лорд ал- Муноятира ба амакам нома навишт ва хоҳиш кард, ки барои чанд нафар беморонаш духтур фиристад. Амакам ба ӯ табиби насронӣ, бо номи Табиб фиристод. Табиб танҳо даҳ рӯз набуд. Мо тааҷҷубамонро ба ӯ баён кардем: «Чӣ тавр ин қадар зуд беморонатро табобат кардӣ!»



Ба ин ӯ ҷавоб дод:

«Онҳо ба ман сипоҳиеро, ки дар пояш яра дошт ва зани камақлро оварданд. Ман ба пои сипоҳӣ марҳам бастам, то он даме ки аз байн нарафт ва занро дар парҳез шинонда, табъи болидаи ӯро нигоҳ доштам. Баъд назди онҳо духтури франкӣ омад ва ба онҳо гуфт: «Ин одам дар бораи ин ки одамонро чӣ гуна шифо медиҳед, чизе намедонад. Баъд ба сипоҳӣ рӯ оварда гуфт: – Кадомро авлотар медонӣ, зиндагӣ бо як по, ё марг бо ду по? Ҷанговар ҷавоб дод: – Ҳаёт бо як по. Духтур фармуд: «Ба ман як сипоҳии пурқувват бо табари тез биёред»

Сипоҳӣ бо табараш тез омад. Духтур пои беморро болои тахта гузошта, ба ритсар фармон дод, ки бо як зарбаи табар он пойро бурад. Сипоҳӣ як зарба зад – ман инро тамошо кардам – аммо по ҳанӯз ба тан часпида буд. Бори дуюм зад ва чун пои бурида ба паҳлӯ афтид, бемор ҷо ба ҷо ҷон дод. Баъд духтур занро муоина карда гуфт: – «Дар сари ин зан иблис ҷой гирифтааст. Мӯи сари ӯро тарошед.»

Онҳо сари занро тарошида, ба танҳо хӯроки камғизо ки дар таркибаш сир ва хардал буд, сер мекарданд. Аҳволаш бад шудан гирифт. Духтур ба ин чавоб дод: «Шайтон аз сари ӯ ворид шуд». Ҳамин тавр, ӯ риштарошро гирифт, дар сари вай шакли салибро бурид ва буриш пӯстро то косахонаи сар давом дода, бо намак молидан гирифт. Зан ҳамон лаҳза ҷон дод. Пас аз он, ман аз онҳо пурсидам, ки оё онҳо ба кӯмаки ман эҳтиёҷ доранд ва баъди ҷавоби манфӣ гирифтан, ба хона баргаштам, аз тибби онҳо бохабар шудам, бо он ки то ин дам ман намедонистам.

Бо вуҷуди ин, ман маҷбур будам, ки ба мисоли дигари тиб гувоҳ диҳам, ки аз пештара фарқ мекунад.

Подшоҳи Франкҳо хазинадор – сипоҳӣ Бернард (Худо ӯро лаънат кунад!) яке аз франкҳои лаънатӣ ва бадтарин буд. Як рӯз асп ба пои ӯ лағад зад, ки боиси сармохурдагии он шуд ва чордаҳ маротиба дар ҷойҳои гуногун захмҳо кушода шуданд. Ҳар боре ки як захм баста мешуд, захми нав пайдо мешуд. Ҳамаи ин дар ҳоле рӯй медод, ки ман дуои лаънати ӯро мегуфтам. Вақте ки як табиби франкӣ ба назди ӯ омад, пештар малҳам молида, бо сиркои сахт шустани захмҳоро сар кард, ӯ ҳама чизро аз пои ӯ гирифт. Вақте табиби франкӣ наздаш омад малҳамҳои пешинаро гирифта, захмҳоро бо сиркои сахттаъсир шуст. Ин усули муолиҷа ҳамаи захмҳоро сиҳат намуда, бемор шифо ёфт.

Вай боз шайтонмонанд шуд. Мисоли дигаре, ки тибби ҷолиби онҳоро нишон медихад, чунин аст: дар Шайзар ҳунарманд Абул-Фас зиндагӣ мекард,писаре дошт, ки боре гирифтори бемории сурхча шуда буд. Ҳар дафъае, ки як қисмати захми скрофул сиҳат мешуд, қисми дигараш аз нав

кушода мешуд. Ин ҳунарманд бо писараш бо коре ба Антиёхия рафта буд. Як франк аз бемории писарбачаро пай бурда, аз падараш пурсид. Абул-Фас ҷавоб дод: «Ин писари ман аст». Он гоҳ Франк ба ӯ гуфт: «Метавони ба дини худ қасам хӯри, ки агар ба ту ресепти омода кардани доруеро, ки писаратро табобат кунад диҳам, ту худат ба фурӯши он шурӯъ намекуни?.» Усто қасам хӯрд ва франк гуфт: «Баргҳои канданашудаи **солеросро** сӯзонда, хокистари онро дар равғани зайтун ва сиркои сахт тар кун. Ба захм онро гузор, то нопадид шудани он. Сипас сӯхтаро аввал гирифта, дар равған тар кун ва дар ҷои захм молиданро давом деҳ. Ин дору ӯро шифо хоҳад дод». Ман худам аз ин дорухат барои муолиҷаи ин беморӣ истифода кардам ва ҳамеша кумак мекард.

Падар аз ин дастурҳо истифода карда, захмҳо баста шуда ва писар шифо ёфт. Боре ҳамроҳи Амир Муъиниддин (рӯҳаш раҳматаш бод!) ба Ерусалим рафтам. Мо дар Наблус истодем. Он ҷо марди нобиное – ҷавони мусалмон назди Ал-Амир пайдо шуд ва ба Ал-Амир мева овард ва аз ӯ иҷозат пурсид, дар Димишқ ба сафи хамроҳони худ ӯро гирад. Амир розӣ шуд. Дар бораи ин мард аз мардум фаҳмид, ки модараш ба франке оиладор шуда ва ӯро куштааст. Писараш ба муқобили ҳоҷиёни франк ҳар гуна найрангҳо месохт ва ба модараш барои куштани онҳо ёрдам мекард. Дар ниҳоят, франкҳо алайҳи ӯро гуноҳгор эълон карданд ва мувофиқи расмиёти судии франкҳо ҷазо доданд.

Зарфи азими пур аз обро берун карда, дар муқобили вай тахтаи чубин гузоштанд. Баъд дастони маҳкумро баста, ба китфаш ресмон баста, ба зарфи обдор андохтанд. Онҳо ба ин бовар мекарданд, ки агар гунаҳкор бошад, ғарқ намешавад, агар бегуноҳ бошад, пас танаш ба ба зери об меравад ва бо ресмон ӯро аз об мебароранд, то ки намирад. Ин одам бисьёр ҷидду ҷаҳд кард, то ки танаш ғарқ шавад, аммо ин тавр нашуд. Бинобар ин ба ӯ ба фармони онҳо итоат кардан лозим омад. Чашмони ӯро бо гавҳари сурх канда гирифтанд.

Баъдтар ин мард ба Димишқ расид. Ал-Амир Муинуддин ба ӯ маблағе ҷӯдо намуд, ки тамоми хароҷоти худро пушонад ва ба ғуломаш гуфт: «Ӯро ба назди Бурҳониддини Балқӣ баред ва аз номи ман аз ӯ хохиш кунед, ки ягон нафареро пайдо кунад, ки ба ин мард Қуръон ва шариати исломро омӯзад».

«Ту фикр мекардӣ, ки ман барои ту чӣ кор мекунам?» – пурсид Муиниддин.

Нобино дар ҷавоб гуфт: «Гумон кардам, ки ба ман аспу хачир ва зиреҳ дода, маро ҷанговар месозӣ!»

Ба ин, Муиниддин гуфтааст: «Ман ҳеҷ гоҳ фикр намекардам, ки нобино метавонад ҷанговар шавад».

**Селорос –** гиёҳи яксолаест, ки баргҳояшро барои шиша сохтан истифода мебаранд

**Манбаъ:** Ibn Munqidh, Usamah. “Excerpts on the Franks.” *Autobiography*. Fordham: Internet Medieval Sourcebook, 1998.

URL : http://www.fordham. edu/halsall/source/usamah2.html.

URL: [http://www.forham.edu/halsall/source/usamah2.html], охирин дастрасии 31 май 2004



**САВОЛҲО БАРОИ МУҲОКИМА:**

1. Қиссаҳои Мункиз дар бораи муносибати мусулмонон ва салибдорон чӣ нақл мекунанд?
2. Бо назардошти қиссаҳои манфӣ дар бораи тибби франкҳо, тассуроти умумии Мункиз дар бораи санъати ин тибб чӣ гуна буд? Мусулмонони маҳаллӣ аз тибби франкҳо чӣ фоидае бардоштанд?
3. Кадом унсурҳои ғайри одии тарзи ҳаёти франкҳо Мункизро ба ҳайрат оварданд? Чаро Мункиз расмиёти маҳкум ва ҷазо додани франкҳоро масхара мекунад?
4. Чаро муносибати мусулмонон ба франкҳое, ки дертар омада буданд, фарқ мекунад, нисбат ба франкҳое, ки аз юришхои аввала боқӣ монда буданд?
5. Ба назари шумо таассуроти умумии Ибни Мункиз дар бораи салибдорон чӣ гуна аст?

**САВОЛҲО БАРОИ ТАКРОР:**

1. Лео Африканус ва Ибни Мункизро муқоиса кунед. Фарқи байни дарки аврупоиҳо аз Шарқ ва дарки франкиҳо аз ҷониби мусулмонон чӣ гуна аст? Ин тафовутҳо ба баҳси Эдвард Саид дар бораи ориентализм чӣ иртибот доранд?
2. Дар филми Мотил дӯстии байни осиёгиҳои маҳаллӣ ва бегонагонро дидан мумкин аст, ки онро сержанти рус Сухов муаррифӣ мекунад. Фарқи ин дӯстӣ ва дӯстии франкҳо ва мусулмонон аз тасвири Ибни Мункиз дар чист?

# РИДЯРД КИПЛИНГ
# БОРИ САНГИНИ МАРДИ САФЕД



Ридярд Киплинг (1865-1936) дар Ҳиндустони Британия Кабир таваллуд шудааст. Вай дар Англия таҳсил карда, соли 1882 ба Ҳиндустон баргашт. Гарчанде вай намояндаи империализми Британия буд, маданияти Ҳиндустон чуқур ворид шуда буд. «**Империализм** ин ташкил ва идора кардани империя, сиёсатест, ки имрӯз аз муд баромадааст, зеро бартарии ҳарбӣ ва мадании як миллатро бар миллати дигар пешбинӣ менамояд», меҳисобад Киплинг. То охири соли 1890 Ридярд қариб 80 ҳикояро ба забони англисӣ ва балладаҳое, ки пештар берун аз Ҳиндустон номаълум буданд чоп мекунад. Аз соли 1892 то соли 1896 дар Иёлоти Муттаҳида зиндагӣ карда, дар он ҷо «Китоби ҷангалҳо»- ро навиштаст. Пас аз бозгашт ба Англия, дар соли 1899, ӯ «Бори сангини марди Сафед»- ро нашр кард, ки муроҷиат ба Иёлоти Муттаҳида оид ба масъул буданашон барои тараққиёти ояндаи Филиппин, ки баъди ҷанги Испания ва Амрико азхуд намудаанд, мебошад. Ин шеър дар бораи муносибати мағруронаи империалистон чи дар Амрико ва чи дар Авропа муҳокимаи калонро ба миён овард.

Тақдири шумо – бори сангини Сафедҳост!
Чун дар ғарибӣ, фиристон
Писарони худро ба хизмат
Ба писарони сиёҳи замин;
Барои меҳнати вазнин -
Даҳшатовар аз он нест, -
Бар издиҳоми беақл ҳукмронӣ кардан
Ё ба шайтонҳо, ё кӯдакон.

Тақдири шумо – бори сангини Сафедҳост!
Тоқат кун
таҳдид ва таҳқирро
Иззатро талаб накун.
Тоқатпазир ва ростқавл бош
Сад бор танбал нашав -
То фаҳманд ҳар як
Такрор кун фармони хешро.

Тақдири шумо – бори сангини Сафедҳост!
Сулҳ аз ҷанг душвортар аст:
Ба гуруснагон ғизо деҳ
Ваборо аз кишвар берун кун;
Аммо ҳатто пас аз расидан ба ҳадаф,
Ҳамеша омода бош:
Мефурӯшад ва ё фиреб медиҳад
Лашкари бутпарастон?

Тақдири шумо- бори сангини Сафедҳост!
Аммо ин тахт нест, балки кор:
либосҳои равғанӣ,
Ва дард, ва хориш.
Роҳҳо ва пастиҳо
Наслҳоро мута қид кун
Ҳаёти худро ба он гузор
Ва дар мулки бегона бихоб.

Тақдири шумо- бори сангини Сафедҳост!
Мукофоти мукофотҳо -
Нафрат аз давлати худ
Ва хашми рамаҳои чарида.
Ту (оҳ, чи шамол!)
Нур ақлро равшан кунад
Барои гӯш кардан: "Барои мо хуштараст
Торикии Миср!
Тақдири шумо- бори сангини Сафедҳост!
Онро тарк кардан ҳақ надорӣ!
Бо сафсатаи озодӣ
Заифии бозуҳои худро нишон надеҳ!
хастагӣ баҳона нест
Охир, халқи бегона
Аз он чи кардаӣ
Худоёни туро хоҳад шинохт.

Тақдири шумо- бори сангини Сафедҳост!
Фаромӯш кун, ки чи гуна тасмим гирифтӣ
Ба шуҳрати зуд ноил шавӣ -
Он гоҳ ту кӯдак будӣ.
Дар замони бераҳмӣ
Дар як қатор солҳои ношунаво
Вақти мард омад
Чу мардон ҳукм кунанд!

**империализм –** мустамликадорӣ, назорати сиёсӣ, иқтисодии як мамлакат аз болои мамлакати дигар



**«Бори сангини марди сафед».**
Танқиди империализм аз ҷониби Киплинг

**Манбаъ:** Киплинг Р. Избранное/ Пер. с английского В. Топорова. – Л. Худож. лит., 1980.С. 469–470.

## САВОЛҲО БАРОИ МУҲОКИМА

1. «Бори сангини марди сафед»- ро чӣ тавр мефаҳмед?
2. Ба гуфтаи Киплинг, сафедпӯстон ба кадом мақсад хизмат мекунанд?
3. Киплинг барои илҳом бахшидан ба сафедпӯстон кадом далелҳоро барои бо ҷаҳони ғайри Ғарб муносибатҳои мутамаддин доштанро пешниҳод мекунад ? Оё ба онҳо иҷозат дода шудааст?
   Киплинг кадом далелҳоро барои ташвиқи муносибатҳои мутамаддин бо ҷаҳони ғайри Ғарб, ба сафедпустон пешниҳод мекунад? Оё онҳо қобили қабуланд?
4. Аз нуқтаи назари Киплинг, дар бораи одамони ғайрисафед чӣ хулоса баровардан мумкин аст?
5. Чаро шеъри Киплинг гимни империализм ҳисобида мешавад?

## САВОЛҲО БАРОИ ТАКРОР:

1. Эдвард Саид дар китоби худ дар бораи ориентализм ва Шарқ ҳамчун мансаб сухан мегӯяд. Ба фикри шумо, метавон шеъри «Бори сангини марди сафед»- и Киплингро ҳамчун мансаб шарҳ дод? Ин чӣ гуна мансаб аст? Ҷавоби худро асоснок кунед.
2. Дар филми Мотил кӣ "сафед" асту кӣ "асир", гуфтаҳои Киплингро истифода баред? Ҷавоби худро шарҳ диҳед. Оё мо барои чунин муқоиса ҳак дорем?
3. Чӣ гуна тавсифи Тимбукту бо фаҳмиши Шарқ дар китоби Саид «Ориентализм» ва дар шеъри Киплинг «Бори сангини марди сафед» мутобиқат дорад?

# КНЯЗ ГОРЧАКОВ ЭКСПАНСИЯИ ИМПЕРИЯИ РУСИЯ



Александр Михайлович Горчаков (1798-1883), дар замони шоҳон Николай I ва Александри II, аз соли 1856 то соли 1882 вазири корҳои хориҷии Русия буд. Горчаков дар бисьёр муборизаҳои сиёсии Европа ва ҷаҳон ҷалб мешуд., Соли 1870, муносибатҳое, ки тибқи Шартномаи сулхи Париж оид ба хотимаи ҷанги Қрим муқаррар гардид буд ва ҳамчунин моддаи ин шартнома дар бораи Баҳри сиёҳ аз ҷониби ӯ барҳам дода шуд. Вазири корҳои хориҷӣ дар замони «Бозии бузург» нақши бориз дошт. Бозингарони он- Русия ва Британияи Кабир кӯшиш мекарданд, ки қаламрави худро, ки аз Қавкоз то Хитой тӯл мекашид, назорат баранд. Сарвати Осиё дар зери хатар буд. Бо васеъ шудани империяи Русия то сарҳадҳои Ҳиндустони Бритонияи Англия ба ҷустуҷӯи роҳҳои нави мустамликадории ҳудудҳоишимолтар аз Ҳиндустон шурӯъ кард. Тахти ҳадаф сарвати Осиё қарор дошт. Бо васеъшавии империяи Русия то ҳудуди Ҳундустони Бритониё, Англия роҳҳои нави мустамликасозии ҳудудҳои шимолии ҷониби Ҳиндустонро ҷустуҷӯ мекард. Гузориши дар зер оварда шуда аз ҷониби княз Горчаков навишта ва аз тарафи сафирони Русия дар ҳудудҳоихориҷӣ паҳн шудааст. Он нишон медиҳад, ки вазири корҳои хориҷӣ масъулияти империяи Русияро чи тавр мефахмид. Муносибати Горчаковро нисбат ба «дигарон», Осиёи Миёна ба назар гиред ва сабаби навиштани чунин паёмро ба ҳукуматҳоиАврупо муайян кунед.

...Мавқеи Русия дар Осиёи Миёна мавқеи ҳамаи давлатҳои мутамаддинро ба хотир меорад, ки бояд бо халқхои нимваҳшӣ, кӯчманчӣ, ки ташкилоти устувори чамъиятӣ надоранд, ҳамкорӣ кунад.

Дар чунин мавридҳо ба манфиати амнияти марзҳои худ ва бо сабабҳои тиҷоратӣ давлатҳои мутамаддин бояд ҳамеша қудратро нисбат ба онхое, ки тарзи ноороми зиндагиашон онҳоро ба ҳамсояҳои номатлуб табдил медихад, амалӣ созанд. Дар ин гуна мавридҳо давлатҳои мутамаддин ба хотири амнияти марзҳои худ ва ба далоили тиҷоратӣ ҳамеша маҷбур мешаванд, ки бар онҳое, ки шеваи зиндагии бетартибона онҳоро ба ҳамсояҳои номатлуб табдил медиҳанд, қудрат бигиранд.

Аввалан, мо бояд юришҳо ва ғоратгариро пахш кунем. Барои хотима додани ин, кабилаҳое, ки дар сарҳад зиндагӣ мекунанд, бояд ба ҳайати давлате, ки каму беш системаи тобеияти муҳарраршуда дорад, дохил карда шаванд. Бо иҷро шуданаш, ин қабилаҳо амнтар мешаванд, вале дар навбати худ, ба хатари бештари ҳамлаҳои мардуми дурдаст, дучор хоҳанд шуд.

Давлат вазифадор аст, ки онҳоро аз ин гуна ғоратгарӣ муҳофизат кунад ва бояд онҳоеро, ки ин корро содир мекунанд, ҷазо диҳад. Аз ин ҷост, зарурати экспедитсияҳои дур, гарон ва мунтазам, бар зиди душмане, ки созмони ҷамъиятиаш онро дастнорас месозад. Агар ғоратгарон ҷазо гиранд, экспедитсияҳо бас мешаванд ва сабақи гирифташуда зуд фаромӯш мешавад. Пас, қатъ кардани экспедитсияҳо боиси сустии мо мегардад. Бо вуҷуди ин, вижагии хислати осиёгиҳо ин аст ки онҳо бе ҳокимят чизеро эҳтиром намекунанд. Далелҳои боварибахши ақл ва манфиатҳои мутамад-

дин ҳоло ҳам ба онҳо таъсир намерасонад. Бинобар ин, мо бояд аз ин ҷо корро аз нав оғоз кунемБарои барҳам додани ин ҳолати бесарусомонии доимӣ, маркази ҳар як қабилаҳои душман, қалъаҳои мустаҳкам, ки ба ин қабилаҳо таъсири назаррас мерасонад ва боиси зӯроварии камтари мақомот мегардад, бояд барпо гардад. Барои хотима додан ба ин ҳолати бетартибии доимӣ дар маркази ҳар як қабилаҳои даргир, қалъаҳои мустаҳкаме сохта шудаанд, ки ба ин қабилаҳо таъсири назаррас дошта, торафт тобеияти тавассути зӯроварӣ ва қудратро коҳиш медиҳад.



Аммо дере нагузашта қабилаҳои боз ҳам дуртар таҳдид мекунанд, ин хати дуюми мудофиа ва бо ҳамин диққати моро зарурати худи ҳамон усулҳои ором кардани онҳо ба худ ҷалб мекунанд.

Бинобар ин, давлат бояд интихоб кунад: ё бас кардани ин заҳмати беандоза, ин сарҳадро дар ҳолати нооромиҳои абадӣ тарк кардан, аз тамоми муваффакиятҳо, бехатарӣ ва мутамаддинӣ даст кашидан, ё аз тарафи дигар, чуқуртар ва ва амиқтар ба сарзаминҳои ваҳшӣ, ки дар он ҷо душвориҳо ва хароҷот пас аз ҳар қадам ба пеш афзун мегарданд шуруъ кардан.

Чунин аст тақдири ҳар як давлате, ки ба чунин вазъият дучор мешавад. Иёлоти Муттахида дар Амрико, Франция дар Алҷазоир, Нидерланд дар мустамликаҳои худ, Англия дар Ҳиндустон – ҳамаи онҳо бояд на аз рӯи шӯҳратмандӣ, балки аз рӯи эҳтиёҷоти зарурӣ дар ин ҳаракат ба пеш, ки он ҷо мушкилтаринаш донистани он аст, ки кай бояд боз истад аст.

Дар натиҷа, принсипҳои зерин муқаррар шуданд:

1. Қарор дода шуд, ки ду хати сарҳадии мустаҳками моро якҷоя кардан лозим – яке аз Чин тул мекашад ба кӯли Иссиқ-кӯл ва дигаре – аз баҳри Арал қад- қади соҳили Сирдарё – бо нуқтаҳои махсус мустаҳкам карда шуда, то ки мавкеъҳои мо дар вазъияти дастгирии ҳамдигар бошанд, то дар ҷое барои кӯчманчиён ягон фазои холӣ нагузоранд, то ки тохтутозҳо ва ғоратгариҳо кунанд.
2. Зарур аст, ки хати канданашудаи қалъаҳои мустаҳками мо дар майдони хеле ҳосилхез ҷойгир шуда бошад, на танҳо, барои таъмини амнияти озуқаворӣ, балки инчунин ба ҷараёни мустамликадории доимӣ ҳисса гузошта тавонад, ин ягона омиле, ки метавонад ба суботу шукуфоии ояндаи кишвари ишғолшуда, ба роҳи ба ҳаёти мутамаддин овардани халқҳои ҳамсоя мусоидат менамояд.
3. Ва ниҳоят, муқаррар кардани сарҳади ниҳоии фаврӣ зарур аст, то аз хатари дар рафти чораҳои ҷазодиҳиҳо– ва ин ногузир аст – дар ҳудуди беканор.

Барои ноил шудан ин низомро ташкил кардан лозим аст, ки бояд на танҳо ба асоси чандирӣ бошад, балки аз шароити ҷуғрофию сиёсӣ, доимӣ ва бетағйир бошад.

Ин низом бо як далели хеле оддӣ пешниҳод шуда, натиҷаи таҷрибаи тӯлонӣ аст, яъне қабилаҳои бодиянишинро на дастгир кардан, на ҷазо додан ва на дар тартибот нигоҳ доштан мумкин аст, ки ҳамсояи но қулайтарини мо мебошанд,

Одамоне, ки ба кишоварзӣ ва тиҷорат машғул буда, ба як қаламрави муайян вобаста ва созмони ҷамъиятии пешрафта доранд, ба мо имкон медиҳанд, ки ҳамсояҳо пайдо кунем, ки бо онҳо муносибатҳои зичро инкишоф диҳем.

Ҳамин тавр, хатти сарҳаддии мо бояд аввалин ва дар наздикии ҳудуди дуюм истад. Ин се принсип барои амалиёти охирини низомии мо дар Осиёи Марказӣ тавзеҳи равшан, табиӣ ва мантиқӣ аст.

Дар ин ҷо таъкид кардан лозим нест, ки манфиати Русия на дар васеъ кардани ҳудуди худ мебошад, балки аз ҷумла, дар канорагирӣ аз шиддати афзоянда дар марзҳояш, ки метавонад ба рушди дохилии он халал расонад ва боздорад. Барномае, ки ман пешниҳод кардам, ба ҳамин манфиатҳо мувофиқ мебошад.

Давоми чанд соли охир тамаддуни ин давлатҳо, ки ҳамсояҳои Русия дар қитъаи Осиё мебошанд, аксар вақт ҳамчун рисолати махсуси Русия муоина карда мешавад.

Идораи подшоҳӣ ин вазифаро ба дӯши худ гирифта, манфиатҳои Русияро ба асос мегирад. Бо вуҷуди ин, инчунин бовар дорад, ки ҳамзамон ба инкишофи инсоният ва тамаддун саҳм мегузорад.Ва аз ин рӯ, ӯ ҳама асосҳоро дорад, ки ба тактика ва принсипҳои интихобкардааш одилона ва самимона баҳо дода мешавад.

**Манбаъ:** Prince Gortchakoff. “Circular Despatch to Russian Representatives Abroad.” Nations and Empires: *Documents on the History of Europe and on Its Relations with the World,* edited by R. C. Bridges et al. London: Macmillan, St. Martin’s Press, 1969, pp.168-170. Available at Mosaic

URL: http://college.hmco.com/history/west/ mosaic/chapter14/source424.html.

**САВОЛҲО БАРОИ МУҲОКИМА:**

1. Князь Горчаков дар бораи «халқҳои мутамаддин» гуфта, чиро дар назар дорад?
2. Ба ақидаи Горчаков, чӣ аврупоиҳоро нисбат ба осиёгиҳо мутамаддинтар мегардонад? Чаро Горчаков мегӯяд, ки мардуми Осиё ғайр аз қувва чизеро намефаҳманд?
3. Горчаков тассаввуроти худро дар бораи Шарқ чӣ гуна асоснок мекунад?
4. Оё шумо ба андешаи Горчаков розӣ ҳастед, ки то омадани русҳо дар Осиёи Миёна тамаддун вуҷуд надошт? 5. Принсипҳои Горчаков забти Осиёи Миёнаро аз тарафи Русия асоснок мекунанд? Чаро ҳа, ё чаро не?
5. Ба фикри шумо ҳуҷуми русҳо инсонпарвар ва мутамаддин буд?
6. Ба гуфтаҳои Горчаков бовар доред, ки тасарруфи қаламрави Осиёи Миёна на бо хоҳиши империяи Русия баҳри васеъ кардани ҳудуди он, балки ба хотири нигоҳ доштани амну субот дар сарҳадоти худ буд?

**САВОЛҲО БАРОИ ТАКРОР:**

1. Ба фикри шумо, филми Мотил ба идеяҳои ба миён гузоштаи княз Горчаков мувофиқ аст? Ҷавоби худро шарҳ диҳед.
2. Фикри Киплингро дар бораи империализм, мақсадхои княз Горчаков ва фильми «Офтоби сафеди биёбон» чӣ гуна муқоиса кардан мумкин аст?
3. Ба фикри шумо, идеяҳои Горчаков ба андешаҳои Киплинг монанданд? Чаро ҳа, ё барои чӣ не?
   Ба фикри шумо, бархӯрди Саид ва княз Горчаков ба филм ва идеяҳо чӣ гуна хоҳад буд?
4. Ба фикри шумо, ҳадафҳои Горчаков бо ҳадафҳои Киплинг монанданд ва ё аз онҳо фарқ доранд? Чаро ҳардуи онҳо бовар доранд, ки "Одами сафед» бояд халқҳои ваҳшии Шарқро « бомаданият» кунад?

# ЖУСУП БАЛАСАҒУН
# ДОНИШИ БОФАРҲА

Жусуп (Юсуф) Баласағун аз минтақаи муайяни фарҳангӣ ва сиёсӣ, ки як вақтҳо Отрар (Фороб), Шош (Тошкент), Тараз, водии Чуй, назди Иссиққӯл, Фарғона, Кошғарро фаро гирифта буд, мебошад.
Юсуф Баласағун дар марказҳои фарҳангии эътирофшудаи он замон – Фороб, Кошғар, Бухоро таҳсил кардааст. Забонҳои арабӣ ва форсиро хуб медонист, дар бахшҳои гуногуни дониш осори фалсафӣ ва илмӣ таълиф намудааст. Мардуми дунявии он замон бо таваҷҷуҳи гуногунҷанбаи худ оид ба фалсафа ва илм, шеъру сиёсат ва шоҳмотбозӣ фарқ мекарданд. Юсуф Баласағун бо дониши мукаммалу таҷрибаи зиёди зиндагӣ ба Кошғар омада, дар ин ҷо, тули ҳаждаҳ моҳи заҳмати пурмашаққат, асари бузурги назмиро эҷод намуд.
Дар порчаи пешниҳодшуда аз достони «Қутадғу билиғ» муаллиф ҷаҳонбинии исломиро дар қаринаи таърихӣ-фарҳангии маҳал шарҳ додааст. Нигоштаи Юсуф Баласағун ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки бо тафсири маҳаллии дини ислом ошно шаванд.



***Ба номи Худованди бахшояндаву меҳрубон***

## *Ҳамду сано ба Худованди бузург, ки яккаву ягона аст.*

Бо ситоиши Офаридгор сухан оғоз мекунам –
Ба ифтихори ҷалолу бузургии Ӯ.

Ӯст, ки лоиқи ҳамду ситоиши беинтиҳост –
Зеро Офаридгори бузург бемунтаҳост.

Ӯ Замину осмон ва Офтобу Моҳ ва тамоми махлуқот
ва замону маконро офарид.

Чу хост, ки биофарад тамоми мавҷудот,
Амр намуд: «Бишав» ва дарҳол ҳама чиз пайдо шуд.

Ҳамаи махлуқоти коинот ғарқи ғаманд,
Вале танҳо Ӯ беғам аст,
зеро ба худ ҳамто надорад!

Ту ҷовидонӣ, беғамӣ, тавоноӣ,
Ин номҳо фақат хоси Туанд!

Бузургӣ сифати Туст:
Ба мисли Ту набуд ва нест!

Ҳеч кас ба Ту баробар намешавад,
Ту яккаву ягонаӣ, аввал Туӣ, охир Туӣ!

Дар тавсифи ягонагии Ту оҷизем,
Зеро ҳама зиндаем ба шарофати марҳамату саховати Ту.

Барҳақ, Ту Падари ҷовидонӣ,
Ту яккаву ягонаӣ ва ба худ ҳамто надорӣ!..

Паёмбари маҳбуб!
Худованди бузург барои умматон туро расул баргузид.

Ва шаби тор бо нур равшан шуд,
Ва туро бо нури дурахшон равшан кард.



## *Дар бораи фазилатҳои чор ёри Паёмбар, Худо раҳмату мағфират кунад онҳоро*

Ва чаҳор дӯсти содиқи Ӯ
Ҳаммаслаки Ӯ дар корҳои бузургаш буданд.

Барои падарарӯси арзанда, барои домоди маҳбуб –
Ҳама мардони баландиҳои бемисл буданд.

Бузургтари онҳо, аввал Отиқ аст,
Марди имондор, бо руҳу сухани бузург.

Ҳама неъматҳо, чи руҳонӣ ва чи ҷисмониро сарфи назар кард,
Комилан бо муҳаббати Расул зиндагӣ мекард.

Дигаре Фаррух буд, марди бесобиқа,
Бо руҳи қавӣ ва суханварии бемисл.

Ба роҳи ҳақ ба мураббӣ дода шуд,
Аз пешонии шариат парда бардоштанд

Ва саввум Усмон буд. Хирадманд ва бовафо,
Бо саховатмандии бемисл маъруф буд.

Ҳама неъматҳоро сарфи назар кард,
Ду духтар ба ӯ Паёмбар дода буд.

Ворисӣ шуҷоат Алӣ буд,
Хираду ҷасораташ аз ҳад зиёд буд.

Кушодаву саховатманд руҳи шарифаш буд,
Барои хираду дониш шуҳратро сарфароз буд.

Турнаҳо овоз бароварда, дар корвон,
Чун уштурҳои дар қатор роҳмерафта, парвоз мекунанд.

Онҳо, сарварро пичирросӣ фарёд намуда,
Гӯё духтаре дӯстдорашро мехонад.

Чи хуни сурхминқор,
Чи хокистари сиёҳабру.

Кабк фарёд мезанад – мағрурона механдад,
Ва зоғ минқорашро бардошта, фарёд мекунад.

Ғозҳо чир-чир карда, ними гарданашонро хам намуда,
Булбулҳо месароянд дар миёни буттаҳои садбарг.

Садо мекунад шаб ва рӯз бо навои дилкаш,
Гулҳои настаран дар доманаи гулпӯш ҳаракат мекунанд.

Бозӣ мекунанд гулҳои лола дар доманаҳои ранга,
Осмон абрӣ, фиғон мекашад.

Аммо водии шодмонӣ рангоранг ҷило медиҳад.
Тамоми олам дар ин вақт ба худ менигарад:

Ҳама хурсанд, якдигарро дӯст дошта дар ин айём.

## Доир ба ҳафт сайёра ва дувоздаҳ аломати зодиак

Дар ситоиши Офаридгор сухан оғоз кардам,
Сано бод ба Офаридагори неруи накуӣ.

Бо амри худ оламро офарид,
Барафрӯхт бар олам Офтобу Моҳро.

Даврзада кайҳон офарид,
Чархи гардунро офарид,

Фармуд дар осмони нилгун ситораҳо ҷило диҳанд,
Ва шаби торро нурафшон кунанд.

Баъзе ситораҳо дар осмон мисли нақшу нигоранд,
Дигарон аз баландиҳо посбонанд.

Бархеро барои ҳидояти мардум офарид,
Дигаронро роҳнамо таъйин намуд.

Баланду паст- торикии оташи ситораҳо,

Яке пурҷило, дигаре ториктар.

Зуҳалро дар ҳама аломат баланд мебояд будан,
Ду солу ҳашт моҳ муҳлат дода шуд.

Муштарӣ дуюм ситора дар бурҷ,
Ӯ даҳ солу боз ду моҳ дар бурҷ.

Миррих сеюм аз рӯи ҳисоб,
Аз нигоҳаш олами шукуфон мемурад.

Офтоб ситораи чаҳорум аст,
Оламро бо зебоӣ нурафшонӣ мекунад.

Панҷум Зуҳра буда, ки бо лиқояш,
Таскинат мебахшад, ҳатто, дар андуҳи гарон.

Дигараш Аторуд. Куҷое намоён бошад,
Он ҷо умеду орзуҳо амалӣ мешаванд.

Пас аз ин сайёраҳо Моҳ дар пай аст,
Ки аз истиқболи Офтоб дар ҷило аст.

Дувоздаҳ ситора дар даври Бурҷ,
Ҷояшон ягона аст ё дугона дар Бурҷ.

Ҳамал – аломати баҳор аст, Савр дар бараш,
Баъдан Ҷавзо: ҳамчунин Саратонро дармеёбем (мебинем).

Дар он ҷо Асад ва Сунбула, Мизон аз паяшон,
Қавс бо Ақраб ҳамсояи наздик.

Пас аз он ҷилваи Ҷадӣ, Далв, Ҳут,
Ба осмон ҷило мебахшанд.

Се аломати баҳорӣ, се – алоқаманд ба тобистон,
Се аломат – тирамоҳӣ, се – аломати зимистон.

**САВОЛҲО БАРОИ МУҲОКИМА:**

1. Кадом арзишҳо ва асосҳои дини Ислом дар матни Ю.Баласағун инъикос ёфтаанд?
2. Оё ин матн тарҷумаи Қуръон ё тафсири маҳаллии он мебошад?
3. Кадом хусусиятҳои Офаридагор дар матн инъкос ёфтаанд?
4. Чӣ умумият дар матн аст?
5. Мафҳумҳои « файз» ва «яккахудоӣ» аз диди Ю.Баласағун чӣ алоқамандӣ доранд?
6. Тафсири анъанавии матнҳои муқаддас дар Осиёи Марказӣ ва ҷаҳон то чӣ андоза муҳим аст? Ин маврид дар мисоли Қуръон?



олжас сулейменов

АЗ и Я

Книга благонамеренного читателя

# ОЛЖАС СУЛАЙМОНОВ
# БО ЧӢ ДИЛРО ХУРСАНД БОЯД КАРД? (1962)

Олжас Сулаймонов (1936), шоир ва нависандаи қазоқ, ходими ҷамъиятиву сиёсӣ буда, дар ватан аз ӯ мутафаккири сатҳи ҷаҳонӣ ном мебаранд.
Ин маводи адабӣ, таърихӣ-фалсафӣ ба шумо дарки таносуби масъалаи бодиянишинӣ ва бумиро дар хотираи таърихии ҷомеаи қазоқӣ ва мавҷудияти ҷароҳати фарҳангии дар нимаи дуюми қарни XX аз сар гузарондаро имкон медиҳад.
Усули бартараф кардани ин ҷароҳат боиси дарк ва азхудкунии мероси фарҳангии шаҳрии асримиёнагии ҷанубу шарқи Қазоқистон ва Осиёи Марказӣ гашт, таҳқиқоти фаъоли бостоншиносон, ки дар Қазоқистон ин солҳо оғоз мёбанд ва изофанависии субъекти таърихӣ дар тамаддуни таърихии ҷаҳонӣ, хомӯшии таърихи бодянишинон дар хотираи таърихӣ.



*Таърихи мо – як чанд шарорае дар шаби теппаҳо.*
*Шаҳрҳо ҳамчун таҳдид ба табиати ҳамвор арзи ҳастӣ намуда,*
*дар танҳоӣ фавтиданд.*
*Ман писари шаҳр, ман бо теппаҳо дар ҷангам. Мӯйсафедон,*
*мехоҳам бидонам, шаҳрҳои ман чӣ гуна фавтидаанд?*

…Сирдарё мавҷҳои зарди танбалро дарёб мекунад.
Шаҳри сафеди Ортар, куҷост деворҳои баланди ту?
Ин деворҳо ним сол аз раъду барқ месӯхтанд,
Дусад рӯзу шаб ин ҷо набард идома дошт.
Шабакаҳо махкам.

На нон, на равған, на тухмӣ,
Одамон мурдаҳоро мехӯрданд
Ва хуни гармашонро менӯшиданд.
Ҳисоби шумораи шабҳои муҳосираро хиёнат халалдор сохт,
Ва хандақи пурпечутоби тулонӣ аз наъш пур шуд.
Танҳо ба занҳои муътабар,
Азобдидаву мағрур раҳм мекарданд.
Онҳоро дар лойи хунолуд ҳавола додаанд
Назди ҷасади кӯдакон,
Ва онҳо аз дарди ҷонкоҳ печутоб хӯрда,
Ба гулӯи муғулон бо ханҷари кунд неш мезаданд.

Китобҳо!
Китобҳо сӯхтанд!
Аввалин китобҳои гаронарзиш!
Ки баъдан онҳоро Шарқи сӯхта ёд мекунад!

На аз барои онҳо буд
Фиғону шевани ҷонхароши занон.
Дар решаҳои сӯхта навдаи кач пинҳон буд
Кӯлҳо хушк шуданд. Хонаҳо зери хокистар монданд.
Метавон то дер боз ба ёд овард
Теппаҳои сӯхтаро.
Аммо дили бад намехоҳад
Ва ба ман халал мерасонад!
Бо чӣ туро таскин дод?
Шод кард, туро, эй дил?
… Бо чӣ?

Меистод садсолаҳо бо нигоҳи сойида санг,
Сурудҳои хуби ман бо қамчин сут (ҳуштак) мезад,
Кӯҳҳоро зин зада савор мешуданд,
Кӯҳҳо ба рег табдил меёфтанд,
Мана Пушкин меистад!
О қипчоқҳои ман!..

Ман дар қабри қадимии ҷавони қоматбаланд меистам,
Набераи Африқо,
Писари зани нилгунчашм.
Ҳамқадаҳи Порис
Ва бародари тафсидаи Испания,
Ӯ дар теппаҳои москавӣ
Ҳамчун решаи мардумгиёҳ меистад.
Ман ин гуна ҳам будам,
Ман Дагори ҳиндӣ мебошам!
… Ҳамин гуна ман меистам, дастонамро пинҳон намуда,
Назди қабри бародарон…
Ман Чокан мебошам!
Конфутсий, Блок,
Тагор!
… Ҳамин гуна ман меистам, дандонҳоро пинҳон намуда,
Дар назди қабри бародарон…
Ман розиам Буддо бошам,
Сессю ва Савли бедин!
Ҳамин гуна ман дар назди қабри бародарон хомӯш меистам…

**Манбаъ:** Сулейменов О. Избранное: Стихотворения и поэмы / Сост. и автор предисловия С.Абдулло. – Алматы: Раритет, 2006.

## САВОЛҲО БАРОИ МУҲОКИМА:

1. Доир ба фоҷиаи Отрор, ки шеър ба онҳо бахшида шудааст, чиро медонед?
2. Шеърро ба чанд қисм ва аз рӯи кадом сифат тақсим кардан мумкин аст?
3. Чаро дар матн образи Пушкин пайдо мешавад ва он чӣ гуна нақшро иҷро мекунад?
4. Аз миёни этос ва этнос шоир чиро интихоб мекунад? Ҷавоби муфассал диҳед. Кадом мафҳуми Олжас Сулаймонов ба тавсиф ва тавзеҳи ин интихоб наздиктар аст?



**КАНАЛИ СУЭТС, 1869**
Ҷашн ба муносибати кушода шудани канали Суэтс, ки онро ширкати франсавӣ соли 1869 сохта буд. Миср дар аввал назорати онро дар ихтиёр дошт, аммо пас аз дучори мушкилоти молӣ маҷбур шуд, ки саҳмияҳоро ба Бритониё бидиҳад. Додани назорат «ҳукмронии мустамликавии» қувваҳои ғарбиро боз ҳам тезу тунд кард.

# ПРЕЗИДЕНТ НОСИР МАҲКУМ НАМУДАНИ ПЕШНИҲОД ОИД БА АССОСАТСИЯИ ИСТИФОДАБАРАНДАГОНИ КАНАЛ

**Нутқи президенти Шоҳигарии Муттахидаи Араб, 15 сентябри соли 1956.**

Ҷамол Абдулносир (1918-1970) дар Миср таваллуд шудааст ва дар он ҷо академияи ҳарбии Шоҳигариро хатм кардааст. Вай яке аз фаъолони гурӯҳе буд, ки муқобили дахолати хориҷӣ баромад мекарданд. Пас аз хизмати ҳарбӣ дар ҷанги соли 1948 бо Исроил, ӯ ба сафи «Афсарони озод», ки фаъолияти онҳо барои аз байн бурдани кӯшишҳои империалистони англис равона шуда буд, дохил мешавад. Соли 1949 дар натиҷаи табаддулоти ҳарбӣ шоҳи Миср Фаррухи I, ки ӯро британиягиҳо дастгирӣ мекарданд, аз тахт ронда шуд. Баъди муборизаҳои шадид бо президент Нагиб, Носир соли 1956 ягона номзад ба мансаби президентӣ буд, ки баъдан дар натиҷаи интихобот дуюмин президенти Миср интихоб шуд. Дурнамои сиёсии Носир барои амали намудани социализми араб ва ҳамчунин бетарафии панарабизм ва милликунонии захираҳою ҳокимият равона шуда буд. Ӯ ба ҳукмронии 72-солаи империалистони Британиё хотима дода, ширкати канали Суэсро миллӣ кунонд, ки ин боиси ҳуҷуми қувваҳои инглисию фаронсавӣ ва исроилиҳо гардид. Аммо зери таъсири Созмони Миллали Муттаҳид истилогарон маҷбур шуданд, ки ақибнишинӣ кунанд.



Оё Носир қаҳрамон буд, ки табаддулоти давлатиро гузаронда ғурури милии арабҳоро барқарор намуд, ё ки миллатпарасти оташин, ки Мисрро ба мағлубиятҳо ва талафотҳои ҷиддӣ овард, на ба сулҳу тараққиёт? Дар борои он фикр кунед, ки Носир миллати мисриён, сарвату бойигарӣ ва ҳукмронии аҷнабиёнро чи хел тасаввур мекард.

Дар ин рӯзҳои ҳалкунандаи таърихи инсоният, ки дар тули он ҳақиқат барои шинохти худ ба муқобили қуваҳои бади ҳукмрон ва империализм мубориза мебарад, Миср баҳри нигоҳ доштани истиқлолияти худ устувор истодааст. Мамлакати шумо баҳри ҳифзи шаъну шараф дар назди нақшаҳои империалистонаи бисьёр миллатхое, ки мехоҳанд ҳукмронӣ намоянду абарқудратии худро аз болои дигарон намоиш диҳанд мустаҳкам ва содиқ мондааст.

Дар ин рӯзҳо ва дар чунин шароит Миср тасмим гирифтааст, ки ба ҷаҳониён нишон диҳад, вакте ки миллатҳо ва давлатҳои хурд барои нигоҳ доштани истиқлолияти худ қарор қабул мекунанд, онҳо ба он муваффақ мешаванд ва вақте ки ин миллатҳо барои ҳифзи ҳуқуқ ва нигоҳ доштани шаъну шарафи худ азму иродаи қавӣ доранд, онҳо бешубҳа, ба мақсадҳои худ ноил хоҳанд шуд...

Ман аз номи ҳар як араби Миср, аз номи тамоми кишварҳои озодихоҳ ва ҳамаи онҳое, ки ба озодӣ бовар доранду ба муҳофизати он тайёранд, сухан меронам. Ман аз нуқтаи назари принсипҳое сухан мегӯям, ки ин мамлакатҳо дар оинномаи Атлантика эълон кардаанд. Бисёрии ин мамлакатҳо, имрӯз ин принсипҳоро вайрон мекунанд ва аз ин рӯ бори дигар ба дӯши мо тасдиқ ва таъсиси он масъулиятҳо вогузор гардид...

Мо бо ҳар роҳ кӯшиш намудем, ки бо он кишварҳое ҳамкорӣ намоем, ки мехоҳанд ба миллатҳои хурд кумак намоянд ва онҳо барои чунин ҳамкорӣ барои мо ваъда дода, қаблан талаботи маблағии худро пешниҳод намуданд. Мо пардохти маблағҳоро рад кардем ва онҳо бо мо ҷангро сар карданд. Онҳо гуфтанд, ки барои сохтани сарбанди баланд маблағ медиҳанд, вале баъдан аз ин таклиф даст кашиданд ва бо ин васила ба зарфияти иқтисодии Миср нобоварӣ изҳор намуданд. Оё мо метавонем ҳуқуқи худро барои соҳибихтиёрӣ таъмин намоем? Миср исрор мекунад, ки соҳибихтиёрии кишвар бояд бетағйир монад ва ягон қисмати ин соҳибихтиёририро бо пул иваз намекунад.



Миср канали Суэтсро миллӣ кард. Вақте ки Миср консессияи Де Лессепсро эълон намуд, дар он ҳукумати Миср ва роҳбарияти ширкат ба мувофиқа омада буданд, ки ширкати канали Суэс мисрӣ мебошад. Миср ин ширкатро миллӣ кунонида, ҳифзи озодии ҳаракатро эълон кард. ( Консессияи Де Лессепс- вобастагӣ дорад бо номи дипломат, сиёсатмадор ва соҳибкори фаронсавӣ Ферденант Мари де Лессепс, ки соли 1884 бо ҳокими Миср шартномаро барои сохтмони канали Суэтс ба имзо расонида буд)

Аммо империалистон аз ин амали мо ба хашму ғазаб омадаанд. Англия ва Фаронса арз намуданд, ки Миср канали Суэтсро мусодира намудааст, гуё он аз онҳо бошад. Вазири корҳои хориҷии Англия фаромӯш кардааст, ки ду сол пеш,дар шартнома имзо карда буд, ки мутобиқи он канали Суэтс қисми таркибии Миср мебошад.

Миср барои гуфтушунид тайёр буданашро эълон намуд, аммо аз оғози гуфтушунид таҳдиду таҳқир мушоҳида мешуд...

Дар Палатаи обшинаҳо Иден изҳор кард, ки байни мамлакатҳое, ки каналро истифода мебаранд, набояд ягон маҳдудкунии ҳуқуқ бошад. Аз ҷониби худ мо изҳор ва тасдиқ менамоем, ки нисбати истифодабарандагони канал ҳеҷ гуна маҳдудкунӣ вуҷуд надорад. Ӯ инчунин таъкид намуд, ки ба ғалабаи Миср роҳ додан мумкин нест, зеро ин гуна ғалаба муваффақияти миллатчигии арабҳоро тасдиқ мекунад ва ба сиёсати дастгирии Исроил мухолиф хоҳад буд.

Имрӯз дар бораи иттиҳодияи нав сухан мерононанд, ки мақсади асосии он ғорат кардани канали Суэтс ва маҳрум кардани Миср аз ҳиссагузории молиявӣ барои истифодаи канал аст, ки мисриён ба он ҳуқуқи пурра доранд. Пешниҳодҳое, ки Иден дар палатаи обшинаҳо изҳор кардаасту аз тарафи Фаронса ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дастгирӣ шудааст, бешубҳа конвенсияи соли 1888-ро вайрон мекунад, зеро ки вуҷуди ду муассисаи ташкили киштиронӣ дар канал имконнопазир аст.

Бо даъвое, ки гӯё муваффақияти Абдулносир, мавқеи Британияро муқобили миллатгароиии арабҳо суст мегардонад, Иден иқрор шуд, ки мақсади аслии ӯ худи Абдулносир нест, балки ғалаба бар миллатчигии арабҳо ва нест кардани сабабҳои он мебошад. Иден дар баромадҳои худ ҷавоброба саволҳои худ пайдо мекунад. Як моҳ пеш вай бо овози баланд эълон карда буд,ки ҳадафаш Абдулносир аст. Имрӯз мисриён комилан ҳуқуқи худро барои истиқлолият дарк мекунанд ва миллатгароёни араб ба сарнавишти нави хеш, пурра омодаанд...

Ҳар касе, ки ба Миср ҳамла мекунад, зинда барнамегардад. Мо мубориза мебарем дар ҷанги муқаррарӣ, дар ҷанги умумӣ, дар ҷанги партизанӣ. Касе ки ба Миср ҳуҷум мекунад, ба зудӣ мефаҳмад, ки ба сари худ фалокати бузург овардааст. Ҳар ки ба Миср ҳамла кунад, ба тамоми ҷаҳони араб

ҳамла мекунад. Дар маърузаи худ онҳо қайд менамоянд, ки «ҳама чиз дар зарфи чилу ҳашт соат анҷом меёбад». Онҳо намедонанд, ки мо дар асл то чи андоза қавӣ ҳастем.

Мо ба ҳуқуқи байналхалқӣ боварӣ дорем. Аммо мо ҳеҷ гоҳ таслим намешавем. Ба тамоми ҷаҳониён нишон медиҳем, ки чи гуна як кишвари хурд ба қувваҳои бузурги дорои аслиҳаи пуриқтидор муқобилат карда метавонад. Бо вуҷуди он, ки Миср на он қадар иқтидори калон дорад, вай бузург аст, то даме ки дар он бовар ба қувваю эътиқоди худ зинда аст. Ман итминон дорам, ки ҳамаи мисриён фикру андешаи маро пайгирӣ мекунанд ва ба ҳар чизе ки ман ҳозир изҳор намудам, боварӣ доранд.

Озодӣ ва истиқлолияти худро то қатраи охирини хунамон ҳифзмекунем. Ин ҳиссиёти ҳақиқии ҳамаи мисриён мебошад. Тамоми миллати араб моро дар мубориза ба муқобили таҷовуз ва хукмфармоӣ тарафдорӣ мекунанд. Мардумони озод – одамоне, ки ҳақиқатан озоданд, низ ба тарафдории мо мебароянд ва моро дар мубориза ба муқобили қувваҳои истибдод дастгирӣ мекунанд...

**Сарчашма:** *The Suez Canal Problem*, 26 July-22 September 1956,U. S. Department of State Publication No. 6392 (Washington: G. P.O., 1956), pp. 345–351. Online version. Internet Sourcebooks, 1998. URL: http://www. fordham. edu/halsall/mod/1956Nassersuez1.html.

### САВОЛҲО БАРОИ МУҲОКИМА

1. Ин нутқ дар кадом қарина навишта шудааст? Дар кадом давраи таърихи Африкаи Шимолӣ / Шарқи Наздик ин суханҳо гуфта шудаанд?
2. Оҳанги нутқи Носирро чӣ тавр тавсиф мекардед?
3. Муносибати Носир ба Англия ва Фаронса чӣ гуна аст?
4. Ба фикри шумо оё амали Миср дар миллӣ кунондани канали Суэс дуруст аст? Чаро ҳа, ё чаро не?
5. Чӣ гуна Носир дастгирии дигар миллатҳои арабро дар мубориза ба муқобили қувваҳои ғарб, ҷустуҷӯ менамояд?

### САВОЛҲО БАРОИ ТАКРОР:

1. Носир ва Саидро муқоиса кунед. Монандӣ ва фарқияти фаҳмиши онҳо оид ба ҳокимият ва волоият чӣ гуна аст?
2. Муносибати Носир ба шеъри Киплинг чӣ тавр бояд собит мешуд? Ба фикри шумо, чаро фаҳмиши онҳо дар бораи империализм як хела аст ( ё ки аз якдигар фарқ доранд)



**МУҶАССАМАИ ОЗОДӢ**

# ИВАН КЛИМА. ДАР БОРАИ АМРИКО МО ЧӢ ФИКР ДОРЕМ



Иван Клима (тав. 1931) – дорои пайдоиши ҷолибе буда, ки дар романҳо ва ҳикояҳои ӯ инъикос ёфта ва саволҳои зиёдеро дар бораи айният, ки дар ҷаҳони муосир ба он дучор мешаванд, ба миён меорад.
Ӯ дар Прага таваллуд шудааст. Падараш яҳудӣ буд, вале ӯ ҳамчун протестант ба воя расидааст, лекин сарфи назар ин ӯ се сол дар лагери фашистӣ асир буд. Пас аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ дар Прага риштаи адабиётро омӯхта, муовини мудири рӯзномаи бонуфузи интеллектуалии "Литература новини" шуд. Вай зуд нависанда ва драматурги муваффақ гашт, аммо кори ӯ радикалӣ дониста шуда, аз ҷониби режими коммунистӣ диссидент эълон карданд ваӯ аз кор маҳрум шуд. Асарҳояшро дар Чехословакия манъ карданд. Вале ин овози ӯро хомӯш накард ва дар давраи баҳори Прага шунидани онро зараре ҳам пахш накард, гарчанде ки шуравӣ мухолифонро пахш мекард. Соли 1969 Клима ба Донишгоҳи Мичиган ба Анн Арбор (ИМА), даъват шуд, вале дере нагузашта вай ба Прага баргашт. Соли 1990 мамнуъ будани асарҳояшро бекор намудандва алъон китобҳои ӯ дар Чехословакия озод нашр мешаванд. То ин дам китобҳояш танҳо дар хориҷа чоп мешуданд. Романҳои ӯ "Романтикаи тобистона", «Ишқ ва ахлот», «Судья дар суд», «Ҳунарҳои тиллоии ман», «Интизори зулмот, мунтазири равшанӣ» ва «Раҳми ниҳоӣ», инчунин асари публисистии «Руҳи Прага». Дар зер иқтибос аз китоби ӯ «Чӣ мо дар бораи Амрико фикр мекунем», ки дар он озодиҳои Амрикоро аз сарват муҳимтар нишон медиҳад.

Ман ба гурӯҳи одамони микдорашон камшаванда тааллуқ дорам, ки Ҷанги дуюми ҷаҳонро дар хотир доранд. Ба назари ман, ин як бозии тасодуфӣ буд, ки он рӯз маро ба лагери консентратсионӣ бурданд (ман дар он вакт даҳсола будам). Германияи фашистӣ бо Иёлоти Муттаҳида ба ҷанг даромад. Аҷиб, бо ҳама ноумедӣ, нодида аз он чизе ки бо мо рӯй дод, одамони гирду атрофам ҳамдигарро ба оғӯш мегирифтанд. Онҳо боварӣ доштанд, ки дахолати Америка дар ин задухӯрд ҳалкунанда буд ва ҷанг ба наздикӣ хотима меёбад Мубориза бо тезӣ ба охир нарасид, чунон ки мо тасаввур карда будем, вале ман эскадрилияҳои қалъаҳои парвозкунандаро дар болои шаҳре, ки лагери ман ҷойгир буд, дар соли охирини ҷанг, хуб дар хотир дорам. Дар ҳавлии казарма истода, ман бо даҳшат ва ҳамзамон, шодӣ, мушоҳида мекардам, зеро парвози беташвишу ороми онҳо дар бораи мағлубияти наздики немисҳо равшан шаҳодат медод.

Бар хилофи ҳамватанони худ аз Чехияи ғарбӣ, ман америкоиҳоро ҳамчун озодкунанда намедонистам. **Лагери Терезинро** ва ҳамчунин Прагаро Армияи сурх, озод кардааст, ки ман баъди озод шудан ба он ҷо баргаштам. Ман тамошои филмҳои ҷангии америкоиро дӯст медоштам, гарчанде мюзиклҳои ҳаррӯзаи дилгиркунандаро бароям писанд набуданд– онҳо ба дунёи дигаре, ки ман намедонистам таалуқ доштанд. Баъдтар фаҳмидам, ки мюзиклҳо ва филмҳо ду нуқтаи ифротии муносибати Амрикоро ба ҳаёт ифода мекард.

Дере нагузашта пас аз ҷанг ҳамаи филмҳои америкоӣ аз Чехословакия ва баробари онҳо филмҳо дар бораи ҷанг ва мюзиклҳо нопадид шуданд – ин ибтидои давраи коммунизм буд. Якҷоя бо онҳо, китобҳои тамоми Амри-

**Бохемияи ғарбӣ –** Бахше аз Чехияи ғарбӣ

**Лагери Терезин –** лагери консентрасионии фашистӣ дар шахри Терезин

кои муосир, ба истисноии китобҳои коммунист Ҳовард Фаст гум шуданд. Бо вуҷуди ин, дар наздики боғи ботаникии Прага ба як чизи ба худ хос, мағозаи канселярӣ ва китобдӯзӣ дучор омадам, ки то ҳол дар моликияти хусусӣ боқӣ мондааст. Ман зуд-зуд бо соҳиби ин мағоза суҳбат мекардам ва дар як рӯз ӯ ҳайратовар гуфт, ки мехоҳад ба ман чизе нишон диҳад. Аз қаъри мағозааш ду роман овард, яке аз **Стейнбек** ва дигаре **Ҳемингуэй**. Дар он рӯзҳо ин гуна китобҳо мисли қочоқ буданд. Ман ба ӯ барои ин ду ганҷ пул додаму бо худ бурдам. Ман ба онҳо ошиқ будам.

Баъдтар, вақте ки сензура сабук шуд, ман тавонистам асарҳои **Дос Пассос, Фолкнер, Уайлдер, Ҳеллер , Мейлер, Рот** ва дигаронро мутолиа кунам. Онҳо ба тамоми ҳаёти ман таъсир расонданд. Ман инро медонам, ки барои бисёр одамон фарҳанги Амрикоро дар шакли филмҳои Ҳолливуд ва сериалҳои беохири телевизионӣ тасаввур мекунанд. Барои ман, фарҳанги Амрико, чизҳои дигар, аз ҷумла, адабиёти он аст, ки бешубҳа, яке аз муҳимтарин дар асри гузашта буд.

Бори аввал соли 1968 ба ИМА сафар карда будам, то дар нахуст намоиши спектакли худ «Қалъа» иштирок кунам. Дар ёд дорам, ки Ню Йорк маро ба тасхир расонид, он ба назари ман шаҳре аз сайёраи дигар ва фарҳанги дигар менамуд. (Бинобар ин ман ин шаҳрро дӯст намедоштам: ба ман чунин менамуд, ки дар ин агломератсияи азими цементу асфалт одамон ва махсусан кӯдакон ё девона шудаанд ё аз маҳрумият азоб мекашиданд). Дар ёд дорам, ки чи гуна аз Ню Йорк дар тааҷҷуб будам, шаҳре, ки ба назарам аз дигар саёра ва аз дигар фарҳанг менамуд. (Маҳз, барои ин натавонистам Ню- Йоркро дӯст доштан, дар назарам чунин менамуд, ки дар ин агломератсияи киру асфалт одамонаш, махсусан, кӯдакон ё девона шудаанд, ё аз маҳрумият азоб мекашиданд)

Баъди як сол ба ман вазифаи профессориро дар Донишгоҳи Мичигани Анн Арбор пешниҳод карданд. Дар он вақт армияи истилогари советӣ дар Чехословакия хеле мустаҳкам ҷойгир шуд. Тозакунӣ, сензураи қатъӣ аз нав ҷорӣ гардид, маданият пинҳонӣ шуд.

Як рӯз пеш аз баста шудани марзҳо, кишварро тарк кардам. Дар он вақт ман дар бораи ИМА, асосан, сарзамини озодӣ фикр мекардам. (Дар пуле, ки ҳар рӯз дар роҳ ба сӯи коргоҳам убур мекардам, касе досу болғаи бузурги сурх кашида буд, ки барои онҳое, ки муддате аз сарзамини рамзҳои коммунистӣ баромада тавонистаанд, як парадокс менамуд). Ман инчунин ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунам, ки чи гуна пас аз барномаи телевизионӣ, ки дар он президент **Никсон ҷанги Вйетнамро** ба таври возеҳ ҳимоя мекард, дар экран шореҳе пайдо шуд, ки Никсонро чунон танқид кард, ки ба ман бовар кардан душвор буд. Ин ҳама қисми демократия ва озодии амрикоиҳо буд, ки ман то ҳол аз он фахр мекунам.

Ба ман борҳо гуфтаанд, ки муносибатҳои Амрико то чи андоза сунъӣ ҳастанд – ҳамвор, зеро онҳо танҳо меъёрҳои иҷтимоӣ мебошанд. Ба назари ман, ин тавр нест. Амрикоиҳо асосан дар сулҳ зиндагӣ мекунанд, аммо дар лаҳзаҳои фалокат ва фоҷиаҳо амал мекунанд. Ман дар ин ҷо, танҳо дар бораи ҳамлаҳои террористӣ ҳарф намезанам. Боре ҳангоми боридани барф аз роҳ ба ҷӯйбор даромадам ва мошинам дар тӯдаи барф монд. Тақрибан 20 дараҷа хунук буд ва чунон шамоли тезу тунд мевазид, ки агар касе дар кӯча мебуд, ях мекард. Аммо сарфи назар аз ин, пас аз чанд сония мошини боркаш омад, ки ронандаи он ба сӯи мошин давид, то боварӣ ҳосил кунад, ки касе дар мошин осеб надидааст ва аз мо пурсид, оё ба мо

**Стейнбек, Ҷон**
(1902-1968) – нависандаи амрикоӣ

**Хемингуэй, Эрнест**
(1899-1961), нависандаи амрикоӣ, барандаи ҷоизаи Нобел

**Дос Пассос, Ҷон Родериго**
(1896-1970) – нависандаи амрикоӣ

**Фолкнер, Вилям**
(1897-1962) – нависандаи амрикоӣ, барандаи ҷоизаи Нобел

**Торнтон, Уойлдер**
(1897-1975) драматург ва эссенависи амрикоӣ

**Ҳеллер, Ҷозеф**
(1923-1999) – нависандаи амрикоӣ

**Мейлер, Норман**
(1923-2007) – нависанда, журналисти амрикоӣ

**Рот, Йозеф**
(1894-1939) – нависандаи австриягӣ, журналист

**Президент Никсон –**
президенти Иёлоти Муттаҳида Амрико дар солҳои 1969-1974

**Ҷанги Ветнам**
(1955-1975) – ҷанги байни ИМА ва Ветнам

ёрии ӯ лозим аст. Ӯ ба кашондани мошини моёрдам кард. Ронандаи мошини навбатӣ, ки пас аз чанд дақиқа аз назди мо гузашт, кӯшиш кард, ки моро аз тӯдаи барф бо занҷир берун кунад. Ман фикр намекунам, ки ронандагони мошинҳои мамлакати мо ин қадар ғамхорӣ карда, дар чунин вазъият худро қурбон мекарданд. Мо аз Амрико, баъд аз шаш моҳ, баргаштем, ки давраи нави сталинистии Чехословакия дар авҷ буд. Амрико барои ҳамаи мо таҷассумгари озодии мо гардид: аз он ҷо ба мо хабарҳои сензурнашуда мерасиданд, журналистони онҳо ба воқеаҳое, ки дар мамлакати мо рӯй медиҳанд, мароқи зиёд зоҳир менамуданд ва хабар дар бораи вазъияти мамлакатамон медоданд ва ба мо ёрӣ мерасонданд, то ки режими коммунистиро барои нест кардани ҳамаи онҳое, ки ба онҳо муқобил мебароянд, паст намоем.

Баъзан мо, ҳатто, аз қаламрави озоди қароргоҳи сафири Амрико дидан мекардем. Ман руҳбаланд будам, аз донистани он, ки як қитъае вуҷуд дорад, ки дар он озодона зиндагӣ кардан имкон дорад, дар он ҷое ки одамон барои муқобиляташон ба режим зиндонӣ намешуданд, дар он ҷо нашри китобҳо мамнуъ набуданд, ҷое ки профессорҳо танҳо барои он, ки онҳо идеологияи тоталитариро рад мекунанд, аз донишгоҳҳо хориҷ намешуданд.

Давоми қариб як аср, як навъ орзуи амрикоӣ вуҷуд дошт. Барои баъзеҳо он дар сарвати номаҳдуд, барои дигарон дар озодӣ, таҷассум ёфтааст. Ман мухлиси дуконҳои азим ва қасрҳои боҳашамат бо даҳҳо хонаҳое, ки дар онҳо ду-се кас ва якчанд сагҳои зотӣ ва гурбаҳо зиндагӣ мекунанд, нестам.

Ман ҳеҷ гоҳ зиёда аз як мошин, ҳавопаймои хусусии реактивӣ ё дигар муҳаррики махсусро орзу накардаам. Дар ниҳоди ман бадбинӣ нисбат ба исрофкорӣ вуҷуд дорад, аммо ман ҷонибдори ақида оиди мавҷудияти алоқаи бевоситаи сарватҳои Амрико ва қашшоқии ҷаҳони сеюм, нестам. Бе идеализатсияи сиёсати **монополияҳои** калон (амрикоиҳо ва инчунин аврупоиҳо), ман бовар дорам, ки сарвати Амрико, дар натиҷаи меҳнати чандин наслҳо ҷамъ оварда шудааст, дар асл натиҷаи фаъолияти эҷодии сокинони озод аст. Амрикоиҳо набояд барои камбизоатии **ҷаҳони сеюм** айбдор карда шаванд. Вазъияти мавҷуда дар кишварҳои ҷаҳони сеюм дар набудани озодӣ аст, ки сокинонашро руҳафтода ва зиқ намудааст.

Ҳангоми сафарҳои худ ба Иёлоти Муттаҳида тайи даҳ соли охир ман фаҳмидам, ки озодӣ дар он ҷо то ба ҳол тантана мекунад Ин амният иғвогариро дар ҷаҳони ҳозира ба вуҷуд меорад. Хеле беҳтар мебуд, агар амрикоиҳо ва мо аврупоиҳо худро маҳдуд мекардем.

Озодиро низ аз нуқтаи назари мухталиф баррасӣ мекунанд. Барои баъзеҳо озодии рӯҳ ва вобаста набудан аз ҳокимят мебошад, барои дигарон он фасод, фасодии маънавӣ ва ахлоқиро ифода мекунад.. Дар воқеъ, озодӣ ба оқибатҳои парадоксӣ оварда мерасонад. Яке аз онҳо парастиши

**монополия –** назорати бозор аз ҷониби як ширкат

**ҷаҳони сеюм –** кишварҳои сусттараққикарда асосан дар нимкураи ҷанубӣ ҷойгиранд

бениҳояти сархушӣ аст, ки имрӯз зуд зуд ба арзиши асосии ҷамъиятӣ табдил меёбад: масалан, ба маблағи астрономии пул диққат диҳед, ки ба хоккеистон, баскетболбозон, сароядагон ва ситораҳои экран ва кино дода мешавад. Шиддати зӯроварӣ, даҳшат ва таҳриф, ки ба майли ғаризаҳои одитарин иртибот доранд ва маълумот дар бораи онҳо ки аз ҷуйборҳои матбуот, кино ва телевизион ҷорӣ мешаванд, ба назари ман, на ифодаи озодӣ, балки зуҳуроти таназзули ахлоқӣ, ки дар ниҳояти кор ба озодии шаҳрвандон таҳдид мекунад, мебошанд. Аз ин нуқтаи назар, ман бо паёми филми машҳури Формон **«Ларри Флинт»** розӣ нестам.

Бо вуҷуди ҳамаи ин чизҳо, ин ҳамлаҳои мутаассибонро бар зидди Нью-Йорк, ё ягон ҷои дигари ҷаҳон, ҳамла бар озодиҳои шаҳрвандӣ, ки Амрико таҷассум кардааст меҳисобам.

Ҳама гуна дарки дигари ин ҳамлаҳо маънои созиш бо қувваҳои реаксионии тоталитарӣ, мебошад, ки демократия, қонуни шаҳрвандӣ, баробарии нажодӣ ва гендерӣ, озодии зиндагӣ мувофиқи эътиқоди худ ва боварӣ (ё набудани ) ҳар гуна эътиқодро инкор мекунад.

**Ларри Флинт –** ношири маҷаллаи порнографии ''Hustler''

**Манбаъ:** Klima, Ivan. “What we Think of America.” Translated by Gerald Turner. Granta 77.

URL: http://www.granta.com/extracts/1644.

**САВОЛҲО БАРОИ МУҲОКИМА:**

1. Таҷрибаи шахсии Клим то чӣ андоза ба диди ӯ дар бораи Амрико таъсир расонд? Диди вай объективӣ ё субъективӣ аст?
2. Режими коммунистӣ ба Чехословакия, баъд аз Ҷанги дуюми ҷаҳон чӣ гуна дигаргуниҳо овард?
3. Клима дар бораи Америка чӣ фикр дорад: оид ба адабиёти он, шаҳрҳо, одамон ва муносибатҳои иҷтимоӣ? Америка Климаро бо чӣ ҷалб мекунад? Чӣ ӯро аз вай дур мекунад?
4. Оё Шумо бо а қидаи Клима, ки Амрикоро ба камбизоатии ҷаҳони сеюм айбдор кардан мумкин нест, розиед?
5. Кадом намудҳои озодиро Клима баррасӣ мекунад? Чаро Клима биниши духураи ҷомеаи Амрикоро дорад?

**САВОЛҲО БАРОИ ТАКРОР:**

1. Фаҳмиши «дигарон»- ро дар асари ибни Мункиз «Китоби насиҳат» ва асари Клима «Дар бораи Амрико чӣ фикр мекунем» муқоиса кунед.
2. Имрӯз бисёриҳо Амрикоро барои ахлоқ надоштанаш интиқод мекунанд. Ин гуна фаҳмиши Амрикоро дар чаҳорчӯби «дигарҳо»- ҳои хаёлӣ, ки Саид дар «Ориентализм» тасвир мекунад, баррасӣ кардан мумкин аст? (Ба андешаи таърихи сохта дар мақолаи Саид нигаред.)
3. Оё Клима идеяи давлати озоди Мисрро дастгирӣ мекунад? Чаро ҳа, ё чаро не?

# МУРОД КАЛОМ.
# ОН ҶО

Мурод Калом соли 1973 дар Сиэтл (Вашингтон, ИМА) таваллуд шудааст, соли 2002 соҳиби ҷоизаи О. Ҳенри ва соли 2001 сазовори стипендияи Фулбрайт гашт ва ҳоло шореҳи радиои ҷамъиятии миллӣ мебошад.
Соли 2002 мактаби ҳуқуқшиносии Донишгоҳи Гарвардро хатм намуда, дар Вашингтон бо ҳамсараш зиндагӣ дошта фаъолияти адвокатиро пеш мебарад. Ӯ хатмкардаи Ҳарвард, соли 2002 дар мактаби ҳуқуқшиносӣ таҳсил карда, дар Вашингтон бо ҳамсараш зиндагӣ мекунад ва дар он ҷо ба ҳайси адвокат кор мекунад. Калом паҳлуҳои фаромӯшшудаи ҳаёти америкоиҳои африкотаборро меомӯзад. Вай даққиқии хоса дар инъикоси ҷузъиёти визуалӣ нишон дод, дарки амиқро дар муколамаҳо ва қобилияти аҷоиби тасвири воқеаҳои драмавиро зуҳур намуд, ки хонандаро мафтун мегардонад. Ҳоло дар Вашингтон ба навиштани повести дуюм машғул аст, ки амалиёти он дар Қоҳира сурат мегирад. Дар зер иқтибоси он оварда шудааст, ки дар он Калом оид ба таҷрибаи зиндагӣ дар Миср ва чи гуна воқеияти кашфкардааш аз тасаввуроти ӯ фарқ мекард, нақл мекунад.



Давоми шаш моҳи пеш аз ҷанги Ироқ дар **Қоҳира** зиндагӣ мекардам. Ба наздикӣ ман дини исломро қабул кардам. Ҳамчун баптист тарбия гирифта, аммо бо мурури замон атеист шудам. Бо вуҷуди ин, дар коллеҷ, вақте ки бо тарҷумаи Қуръон дучор шудам, аз қудрати паёмаш, инчунин қувваи адабии он, чунон дар ҳайрат мондам, ки майнушӣ, беҳудагардиро бас карда, номамро тағйир додам.

Ҳамчун як мусалмон дар Амрико ба муносибати ҷоҳилона ва шубҳанок нисбатам одат кардаам ва акнун фикри дурнамои ҷанги беақлона, вале ногузир бо Ироқ маро ба дард меорад. Албатта ман пештар то дараҷаи имконнопазир содалавҳ будам : барои ман Шарқи Наздик мисли ҳамаи дигар унсурҳои Ислом, дар шакли мафтункунандаи экзотикии шарқӣ вуҷуд дошт, ки дар зани чодарпӯш, Каъба ва бокираи биҳишт таҷассум ёфтааст.

Ман ба Миср рафта, боварӣ доштам, ки бар хилофи Амрико, дар ҷаҳони мусулмонии араб, на фасод ва на риёкорӣ ҳаст Ва ин дунё барои шароити мудҳиши мавҷудияти он ҷавобгар нест.

Мардум маро муътақид месохтанд, ки дар Миср мисли ҳамсояҳои мусулмонаш диктатураи бераҳмона аст, аммо то даме ки ман худам дар он ҷо зиндагӣ карданро сар накардам, ман ба ин гуфтаҳо бовар намекардам. Фақат чизе ки ман мехостам, романисти муҳоҷиршуда, аксуландеш бошам ва аз лаззати шуҳрати як нафари исломгаро дар як кишвари мусалмонӣ баҳравар гардам.

Давоми як ҳафта ман хушбахт будам, ки дар кишвари политсияи бераҳм зиндагӣ намекунам. Вақте ки ман як таксии ваҳшӣ ва садои печидаи **«Пежо»**- ро дар соҳили дарёи Нил киро кардам, ронандаи ман ба шиорҳои интихоботии президентии Миср, ки дар болои дарёи Нил овехта буданд, дар ҳар гӯша бо шиори бемаъни: «Муборак: Оре! Ҳа!» дашном медод ва бо овози баланд механдид.

**Қоҳира –** пойтахти Миср

**Пежо –** тамғаи мошини фаронсавӣ

Бо вуҷуди он ки ман ба ҳама чиз бо чашмони бино назар мекардам, дар ҳамон вақт пай набурдам, ки уфуқи манораҳо дар ҷанги Қоҳира пинҳон шуда буданд.

Ҳамаи одамоне, ки бо ман вомехӯрданд – фаррош, профессор, духтур, бачаи чойкаш ва боваб – ба назар хушбахт менамуданд, бо вуҷуди бад-бахтии Қоҳира. Ин далели хурд кофӣ буд, то ба хулосае оям, ки олимони америкоие, ки Ховари Миёнаро барои истибдоди густурдаи он танқид ме-кунанд, комилан хато буданд: ҷаҳони ислом демократияро танҳо барои он намехост, ки ӯ мехост онро ба ҳоли худ гузоранд.



Ҳафтаи дигар маро бо як судяи пешқадами сисолаи Миср шинос кар-данд, ки дар Фаронса ҳуқуқи инсонро меомӯзад. Дар тарабхонаи боҳа-шамати мисрӣ ӯ ба ман пичиррос зад: «Бахту саодати мисриҳоро ин гуна қабул нанамоед, ки онҳо мехоҳанд. Хушбахт будан чузъи маданияти мост. Дар ин ҷо бисьёр вайронкуниҳои ҳуқуқи инсон, зӯроварӣ ба вуқуъ меоянд. Агар касе, ки гапи маро, ки набояд шунавад, моро бишнавад, зуд дар бо-раи мо ба ҳукумат хабар медиҳад»



Бозори кӯчагӣ дар Миср

Табъи ман дигар шудан гирифт. Дар Интернет ман ба пайгирии парван-даи Доктор Саъдиддин Иброҳим, ҳомии маъруфи мисрӣ аз демократия, ки барои интиқод аз ҳукумат дар маҳбаси пурғубори Қоҳира зиндонӣ шуда буд, шурӯъ кардам.

Ман дар ҳар гӯша ба мушоҳидаи як гурӯҳи аскарҳои мисриҳои абрупӯш бо кулоҳи сиёҳ, ки автомати Калашникови фарсуда дар китфашон овезон буд, сар кардам.

Дар рӯ ба рӯи хонаам, дар кӯчаи маркази Қоҳира, дар қаҳвахонаи Рише ман ҳар рӯз **шиша** дуд карда, бо ҳамаи дӯстони нави мисрии худ қаҳва менӯшидам. Ин қаҳвахонаи маъруф буд, ки Саддом Ҳусейн ҳангоми таҳсил дар донишгоҳи Қоҳира ин ҷо омада меистод. Дӯстони мисрӣ ба гуфтаи ман бовар накарданд, ки дар аввали соли оянда ҷанг сар мешавад. Онҳо ҳам маро бовар кунондан мехостанд, ки Фаронса ё СММҷангро пешгирӣ мекунанд, гарчанде эътимодноки он кам ба назар мерасид. Бо вуҷуди ин, дӯстони ман, ки аксари онҳо ба ҳайси роҳбалад кор мекарданд ва ба муфт-хӯрони кӯчагӣ, тақлидкорони рэперҳои амрикоӣ монандӣ доштанд, ба на-зар чунин мерасид, ки онҳоро ҳеч ягон муаммо ба ташвиш намеовард на ҷанги барва қтӣ, на афтодани қурби фунти Миср, на кӯчаҳои серодам, на нокомии умумии ҳукумат, ба ҷуз саркӯб кардани мухолифат. Ҷанг меша-вад ё не? Дар бораи он фақат Аллоҳ медонад. Политсия ваҳшиёна амал мекард, вазирон пули мардуми одиро медуздиданд, ҳар кас ки набошед, духтур, адвокат, боваб, имом, бюрократ, ҳамин ки аз ӯ рӯ гардондед, шу-моро ғорат карда метавонанд. Албатта, дар Қоҳира ҳеҷ чиз он тавре, ки мо мехостем, амал накард. Аммо онҳо чӣ карда метавонистанд?

**Шиша –** як намуди калян

Ҳар боре ки бо онҳо дар бораи демократия суҳбат мекардам, онҳо ҳа-меша суҳбатро ба мавзуи алоқаи ҷинсӣ мебурданд, аз ман мепурсиданд, ки оё ҳамаи духтарони амрикоӣ воқеан нимфа буданд, ки онҳо дар фил-мҳои ҷангӣтасвир шуда буданд, ва рафиқони ман онҳоро дӯст медоштанд. Ҳадди ақал суҳбатҳо бо дӯстони сергапи ман оид ба ягон мавзӯи муҳим – дар бораи президент, дар бораи ҳукумат, дар бораи чизе ғайр аз яҳудиён, ба қавли рафиқонам, ки дар ҳама, аз ҷумла, ҳатто, дар вазъияти фалока-товари и қтисодиёти Миср ҳам онҳо гунаҳкор буданд, ғайриимкон буданд.

Баъзан ба худ савол медодам, ки агар фаластиниҳо мамлакати онҳоро ғасб мекарданд, рафиқони ман дар бораи чӣ гап мезаданд, чун барои он яҳудиҳоро айбдор кардан имконнопазир мешуд.

Ман раҳсипор шудам барои адои ҳаҷ ба Арабистони Саудӣ. Вақте ки ман мехостам барои парвоз ба Макка чипта фармоиш диҳам, як зани мисрии рӯсарпӯше, ки дар ширкати Egypt Airlines кор мекард, маро маҷбур кард, ки андози мавҷуднабудаи «бронкунӣ»- ро пардохт кунам – кӯшиши вай барои фиреби ман ҳамагӣ чанд дақиқа пас аз азони нисфирӯзӣ сурат гирифт.

Дар Макка ба ҳамон омехтаи бенизомӣ, ҳукмронӣ ва бепарвоие, ки ман гумон мекардам дар қафо дар Миср мондаам, боз дучор шудам. Чунон ки дар Миср ҳеҷ чиз кор намекард, ҳатто, дар маркази ҳаҷи муборак, чун мо на ба давлати исломӣ, балки ба як **клептократияи** беҳаёонаи араб, ки танҳо вонамуд мекард, ки ба идеалҳои воқеии исломӣ риоя мекунанд, ташриф овардем.



Маросими сангзанӣ

Мардуми Арабистони Саудӣ, ҳатто, натавонистанд амнияти ҳаҷро ташкил кунанд. Ҳар рӯзи иҷрои маросими ҳаҷ, ман ҷузъи оммаи мусулмононе, ки аз тамоми ҷаҳон ба ин ҷо омадаанд: туркҳо, покистониҳо, малайзиягиҳо, араб ва нигерияихо, будам. Мо бе низом ҳаракат мекардем, на ба самти муайян, бо таҳдид ба ҳаёти занони афтода, лангу пирон, ки шитоб доштанд, то аз як маросим ба маросими дигар гузаранд. Як рӯз худро дар кӯчае дидам, ки пур аз ҳоҷиён, чунон серодам ва ман, ҳатто, як қадам ҳам пеш рафта натавонистам ва маҷбур будам ба бордони мошин бароям, то дар издиҳом пахш нашавам.

Шабона дар миёни ҳоҷиёне, ки шабнишинӣ мекарданд ва аз чеҳраи ифлоси онҳое, ки танҳо аз хоб дар кӯчаи ифлос хушҳолӣ мекарданд, нафрат доштам. Саҳар кӯчаҳо боз серодам шуданд ва занони рӯсарпӯш, ки танҳо аз сабаби кам баромадан аз хона иҷозат доданашон роҳ гаштан барояшон душвор буд, оҳиста-оҳиста аз як по ба пои дигар қадам зада, аз ман пеш гузаштанд. Дар он ҷое ки маросими сангпартоӣ сурат мегирифт, тасодуфан дидам, ки духтарони хурдсол дар байни анбӯҳи ҳоҷиён афтодаанд; туркҳо арабҳоро тела медоданд, африқоиён ҳиндуҳоро, ҳамингуна ҳар рӯз миқдори муайяни зиёратгарон то ба марг пахш карда мешуданд. Рӯзи дигар ман мақолаҳоро дар рӯзномаи « Вақти саудӣ» оид ба ин ҳодисаҳо хондам, («Чордаҳ нафар ҳоҷиён пахш карда шуданд, дар зери таъсири ваҳм»), ки ба мақомотҳои масъул иқтибос овардааст, вале ҳеҷ кас масъулияти ҳодисаи рӯйдодаро ба дӯш нагирифтааст, ё ягон ваъдаи кам кардани шумораи зиёраткунандагон, клептократия – ҳокимяти duздон ё назорат кардани шумораи зиёди одамон, барои пешгирии марг набуд.

**Клептократия –** ҳокимияти дуздон

Мутаван- политсияи мазҳабии Саудӣ мебошад, пайравӣ ба **исломи ваҳҳобиро** назорат мекард, дар кӯчаҳо посбонӣ карда, лату кӯб мекард, ё бо боздошти касе ки намозро тарк кардааст, машғул буд. Гуфтан душвор буд, ки аҳолии маҳаллӣ аз садоқати ҳақиқӣ намоз мехонданд ё аз тарси латукӯб шудан.

Як саҳар пас аз адои намоз дар Масҷидул-Аъзам ошкор намудам, ки пойафзоли маро дуздиданд. Моҳи феврал ба Қоҳира баргаштам. То он вақт, ҳатто, он мисриҳо, ки мехостанд тамоми нохушиҳоро фаромӯш кунанд, ногузирии ҷангро фаҳмиданд. Роҳбаладе сайёҳии Миср ба мо гуфт, ки бомбаборони шабона оғоз шуд ва аз ин рӯ, набояд, ки дигар ба забони англисӣ дар поездҳои серодам муошират кунем ва хонаҳоямонро дар Қоҳира тарк намоем. Ман дар хона маҳкам шуда, мунтазири хабари сафоратхонаи Америка будам. Рӯзи ҷумъаи дигар ман чоряк миллион мисриҳо-эътирозгаронро аз болохона тамошо мекардам. Дар поён мардон ва писарони ҷавон суруд мехонданд, тирезаҳоро мешикастанд, ба сӯи аскарон санг мепартофтанд. Як танки азим дар кӯча ба мардум тӯпҳои обӣ мепартофт, дар ҳоле ки акарҳо издиҳоми эътирозгаронро бо калтакҳо ба қафо тела медоданд.

Пас аз як ҳафта ман тамоми тасаввуроти худро дар бораи олами арабӣ дар Қоҳира партофта, ба хона баргаштам. Ман интизор шуда наметавонистам, ки лаҳзае фаро мерасад, ки ман боз дар Амрико хоҳам буд. Дар парвози дуру дароз ба сӯи хона ваъда додам, ки ман ҳеҷ гоҳ чизе камтар аз демократияро барои ҳамватанони мусалмон дар ҷаҳони араб, ва худ қабул намекунам, зулму ситамро намебахшам, ки онро ҳоло бо ниқоби ислом мепӯшонанд.

Аммо, сарфи назар аз риёкорӣ ва азобҳое, ки замони дар Миср буданам шоҳиди он будам, ошкорбаёнии фақиру солеҳ ва умқи имони бисёре аз мусалмонон ва **коптҳоро** фаромӯш кардан бароям ғайриимкон буд. Ман бо як шайх аз деҳаи Гиза исломро омӯхтам; ман дидам, ки дукондорон шабҳои **Рамазон** ба бегонагон ғизо медиҳанд; Гадоёни маҳаллӣ дар болои картони парешон рӯзе нагузошта, намоз мехонданд. Ман танҳо тавассути ифодаи руҳонии ҳақиқи имонамро гум накардам. Ҳоло ҳам тарси ҷонро дар чеҳраи дӯстонам– мисриён ба ёдам меорам.

Оё фашизме, ки замоне Аврупоро ба ларза оварда буд, акнун Ховари миёнаро ба тасарруфи худ гирифтааст ва ҳама умед ба арзиши аслии исломӣ – озодӣ, замонавӣ ва баробарӣ дар ҷаҳони мусулмонӣ акнун на дар Шарқ, балки дар Ғарб аст?

**Исломи ваҳҳобӣ –** ҷунбиши ислоҳталаб дар ислом буда, риояи қатъии Қуръонро тақозо мекунад. Онро Абдулваҳҳоб (1703-1792) таъсис дода, дар Арабистон паҳн шудааст.

**Коптҳо –** насронихо, ахолии Миср

**Рамазон –** моҳи фарзи рӯза барои мусалмонон

**Манбаъ:** Kalam, Murad. “Over There.” *Granta* 84.
URL**:** http://www.granta.com/extracts/2103.

**САВОЛҲО БАРОИ МУҲОКИМА:**

1. Пайдоиши Калом дар чист? Чӣ шавқи ӯро ба омӯзиши Ховари Миёна ба вуҷуд овард?
2. Назари аввалини ӯ дар бораи Миср чӣ гуна буд? Барои чӣ назарҳои ӯ тағйир ёфтанд? Шумо маҳаки тағироти дарки Каломро доир ба воқеияти Ховари Миёна дар чӣ мебинед?

3. Ба назари шумо, дарки ҷаҳони арабии ӯ дуруст буд ё хаёлӣ? Чиро ӯ дар назар дошт, вақте ки мегуфт Ховари Миёна «эфири экзотикии шарқӣ» буд?
4. Чаро Калом интизор дошт, ки Миср аз Амрико беҳтар аст? Калом аз дӯстони мусалмонаш дар Миср чӣ фарқ дошт? Барои чӣ ӯ мехост ба Амрико баргардад?

**САВОЛҲО БАРОИ ТАКРОР:**

1. Эдвард Саид дар порчае аз «Ориентализм» бартарии фарҳанги Аврупоро аз фарҳанги Шарқ баррасӣ мекунад.
   Оё суоле, ки Калом дар охири достони худ мегузорад, ба далели Саид мувофиқ аст?
2. Оё шумо фикр мекунед, ки ба туфайли таҷрибаи худ дар Миср, ба Калом дидани Шарқи воқеӣ муяссар гашт, ё худ дар бораи Шарқ як ғалати нав пайдо кард?
3. Тасвири Каломро дар бораи Шарқ бо тавсифи Лео Африканус чӣ гуна метавон муқоиса кард

## САВОЛҲО БАРОИ ТАҲЛИЛ:

1. Агар шумо сокини як қаламрави мустамлика мебудед, чӣ тавр ба асарҳои Киплинг ва Горчаков ҷавоб медодед?
2. «Тасвири Тимбукту» бо тафсири «Ориентализм» ва махсусан бо тасвири Осиёи Миёна аз ҷониби Мотил ва Горчаков чӣ гуна робита дорад?
3. Муносибати байни франкҳо ва мусулмононро дар ҳикояҳои Ибни Мункиз дар давраи салибӣ, бо муносибати Сухов ва Саид дар филми Мотил баррасӣ ва муқоиса кунед.
4. Вақте ки одамон ба кишварҳои дигар меоянд, одатан чӣ рух медиҳад, онҳо пурасрор ва экзотикӣ ба назар мерасанд? Танқиди Саид, мисолҳоро аз филми «Офтоби сафеди биёбон» ва асарҳои Лео Африканус, Мункиз, Клима ва Калом ба назар гиред.
5. Мафҳуми «дигарон» бо баҳсҳои муосир дар бораи миллатгароӣ чӣ гуна алоқамандӣ дорад? Мисолҳои Киплинг, Горчаков, Носирро дар кишвари худатон дида бароед.
6. То кадом андоза андешаҳои Баласағин ва Сулаймонов бо ғояҳои муаллифони дигари ин боб, ки на танҳо дар заминаи тафсир дар сохтори Ғарбу Шарқ, балки дар заминаи тафсирҳои мухталиф дар дохили худи Шарқ дар сохтори дискурси марказӣ ва периферӣ, ҳамоҳанг мебошанд?



**ҚУРЪОН**
Саҳифаҳои Қуръон, ки бо медалонҳо ва ҳунари хаттотӣ дар пӯст оро ёфтаанд.
Асри XVII (Китобхонаи санъати рассомӣ, Бриҷмен, Лондон)

# БОБИ III
ТАФСИРИ МАТНҲО

## САРСУХАН

Боби сеюм хонандаро бо ғоя дар бораи он шинос мекунад, ки ҳар гуна матнро бо роҳҳои гуногун, баъзан, ҳатто, бар хилофи ҳамдигар шарҳ додан мумкин аст. Якчанд матнҳои минбаъд ба миён омада, муҳокимаи баҳсҳои шабеҳи онҳоро дар бораи тафсири Библия ва нуфузи Папа дар суннатҳои динии масеҳӣ идома медоданд. Баъдтар, матнҳои динӣ бо асарҳое иваз карда мешаванд, ки ба масъалаҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ бахшида шуда буданд. Ҳангоми мутолиаи онҳо таваҷҷуҳ намоед, ки чи гуна қудрати тафсир метавонад нуқтаи назари ҳукмронро дар дин, сиёсат ва ҷомеа ташаккул бидиҳад ва маҷбур мекунад, ки онро қабул бояд кард ё зери шубҳа гузошт.

Дар ин боб ба саволҳои консептуалӣ, ки Муҳаммад Аркун ба миён мегузорад, таваҷҷуҳ бояд кард, махсусан: ташаккули «суннати ислом»-и бузург чӣ гуна сурат мегирад ва суннатҳои маҳаллии пеш аз ислом ва баъд аз он дар он чӣ ҷойгоҳро ишғол мекунанд? Дар бораи ташаккули «суннати ислом»- и бузург берун аз доираи анъанаҳои маҳаллӣ, ки иддао доранд саҳми онҳо дар рушди суннати муштараки исломию мусулмонӣ ва инчунин дар ташаккули гуфтушуниди умумӣ дар атрофи масъалахои принсипиалӣ, ки ба муносибати байни анъанаҳои «зинда»- и маҳаллӣ ва ислом алоқамананд, назаррас мебошад, то чӣ андоза бояд мавриди зикр бошад? Чаҳор равиши Аркун дар тафсири матнҳо, суннатҳо ва амалияи умумии исломӣ то кадом андоза метавонад моҳияти ин гуфторҳоро бар асоси далелҳои асотирӣ, воқеиятҳои таърихӣ, равишҳои интиқодӣ ба донишҳои башардӯстона, усулҳои пажӯҳиши семиотикӣ ва антропологӣ ошкор созад.

Масалан, матни Азим Нанҷӣ муҳокима мекунад, ки чӣ гуна ҷамоаҳои гуногуни динӣ, мусулмонон, насрониҳо ва яҳудиён метавонанд зимни ҳалли мушкилоти гуногуни ҳаётӣ ба арзишҳои муштараки ахлоқӣ мурочиат кунанд.

Ҳангоми корбарӣ дар ин бахш, инчунин, андеша намоед, ки худи шумо ин гуна матнҳоро чӣ гуна шарҳ дода метавонед ва тафсири шумо аз дигарон чӣ гуна фарқ дошта метавонад? Ба ғайр аз ин, ба робитаи тарафайни ин матнҳо диққат диҳед. Байни динҳо ва он ки оё пайравони ин динҳо кадом усулҳои тафсири навиштаҳои муқаддасро истифода мебаранд ва инчунин, дар боби он ки оё онҳо эътиқодот ва расму одатҳои суннатии диниашонро меомӯзанд ё не, чӣ гуна шабоҳатҳо ва тафовутҳо вуҷуд доранд? Чӣ тавр ҳокимияти сиёсӣ талош меварзад, ки одамонро барои зери шубҳа гузоштани тартиботи мавҷуда ташвиқ намояд ва ё баръакс, монеа

шавад? Дар баъзе мавридҳо робитаи тарафайни матнҳоро муайян кардан хеле осон хоҳад буд ва дар ҳолатҳои дигар бошад, барои барқарор кардани чунин робита шумо бояд таҳлили дақиқтаре анҷом диҳед.

Боби сеюм ба рушди малакаҳои тафаккури интиқодӣ бахшида шудааст. Тафаккури интиқодӣ маънои онро надорад, ки шумо бояд ҳама чизро таҳти танқид қарор диҳед, то ки муносибати манфии худро ба ҳама чиз нишон диҳед. Тафаккури интиқодӣ шуморо водор месозад, ки арзиши далели муаллифро бо дарназардошти заминаҳо, ғаразҳо ва ҳар гуна сабабҳои эҳтимолии ишғол кардани мавқеи муайян зери шубҳа гузоред. Шумо ҳар як гуфтаҳои муаллифро кӯр-кӯрона қабул намекунед, балки далелҳои ӯро месанҷед, то бовар ҳосил намоед, ки ин далелҳо бо бурҳонҳои эътимодбахш тасдиқ шудаанд. Танҳо дар ҳамин ҳолат шумо муайян карда метавонед, ки бо ақидаҳои нависанда розӣ ҳастед ва ё нуқтаи назари шумо бо ӯ мувофиқат намекунад.





**КАЪБА**
Зиёратгоҳи мусулмонон дар шакли мураббаъ, дар саҳни масҷиди ал-Ҳаром дар Макка

# МУҲАММАД АРКУН ИСЛОМИ МУОСИР: ДАР РӮЁРӮИ СУННАТҲОИ ХЕШ



Муҳаммад Аркун (1928-2010) муҳаққиқи классикии ақоиди исломӣ, исломшиноси бузург ва эҳтимолан, яке аз мутафаккирони асили ислом дар таърихи он мебошад. Решаи авлодиаш барбарӣ аст. Аллакай, дар кӯдакиаш ӯ бо шаклҳои зиёди табъиз, ки дар он вақт нисбат ба барбарҳо вуҷуд дошт, рӯ ба рӯ омада буд. Аркун забонҳои фаронсавӣ ва арабиро хеле барвақт омӯхт, ки он то андозае барои ба муҳити иҷтимоӣ ворид шудани ӯ кумак кард. Маълумоти олиро дар Донишгоҳи Алҷазоир (дар риштаи адабиётшиносӣ) ва сипас, дар Сорбонна (Париж, забон ва адабиёти арабӣ) гирифтааст. Соли 1956 Аркун ба Страсбург (Фаронса) рафта, дар мактаб ва донишгоҳи он дарс медиҳад. Дар ин давра ӯ ҳамчун мутафаккире ташаккул мёёбад, ки то андозае бо фазои интеллектуалии фаронсавии солҳои 1950-1960 иртибот дошт. Аркун соли 1970 рисолаи доктириро дифоъ карда, пас аз фаъолият бурданаш ба ҳайси муаллими калон дар Сорбонна ва дотсент дар Лион, соли 1980 ба ӯ дар Донишгоҳи Сорбоннаи Нав вазифаи профессорӣ ва инчунин, вазифаи декани факултети таърихи ақоиди арабӣ ва исломӣ пешниҳод шуд. Дар солҳои охири ҳаёташ инчунин, ходими калони илмӣ ва узви Шурои роҳбарони Институти тадқиқотии исмоилия (IIS) буд. Дар IIS ӯ тақрибан даҳ сол курсҳои мухталифи докторантура, аз ҷумла доир ба масъалаҳои мушкилоти тафаккури исломии муосир, бознигарии тафаккури исломӣ, чолишҳои муосир ба ҷаҳон ва суннатҳои мусулмониро дарс додааст.

Методологияи плюралистие, ки Муҳаммад Аркун коркард намудааст, равишҳои анъанавии таърихӣ ва илоҳиётшиносиро бо равишҳои навоваронаи илмҳои инсоншиносии нимаи дуюми асри XX муттаҳид мекунад. Лоиҳаи эпистемологии Аркун барои интиқоди ақли исломӣ ва бозбинии афкори исломӣ бунёдитарин шакли тафаккури навмодернии исломӣ мебошад. Он дар заминаи буҳрони экзистенсиалии муосир ва бо дарназардошти дарки амиқ аз бархӯрди фоҷиавии байни маънӣ ва қудрат мураттаб шудааст. Лоиҳаи Аркун дорои қувваи бузурги зеҳнӣ, тадқиқотӣ, озодихоҳӣ ва, ҳатто, инқилобӣ мебошад, ки на танҳо ба ҷомеаҳои мусулмонӣ, балки ба тамоми инсонияти муосир дахл дорад.

## 1. БОЗНИГАРИИ СУННАТҲОИ ИСЛОМӢ БО ТОМИЯТИ КУЛЛИ ОН

Бознигарии суннатҳои исломӣ имрӯзҳо як фаъолияти зеҳнии таъхирнопазир ва зарурӣ, аз нигоҳи сиёсиву фарҳангӣ тахрибкунанда ва аз нигоҳи равоншиносию иҷтимоӣ нозук ба шумор меравад. Аслан, мо вазифадорем, ки дар муқоиса бо интиқоди классикӣ вазифаҳои идеологӣ, суистифода аз маънохо, гусастагиҳои фарҳангӣ ва номутобиқатиҳои зеҳниро, ки барои аз ҳукми қонун хориҷ кардани ҳар он чизе муттаҳид мегарданд, ки тули садсолаҳо бароямон аз баҳри пазируфтани он ҳамчун ифодакунандаи иродаи илоҳӣ, ки дар ваҳӣ илоҳӣ зоҳир шуда, тибқи он ҳаёт ба сар бурданамон пешкаш гардидааст, боз ҳам дақиқтар бикушоем. Бознигарии

суннатҳои исломӣ – маънои нақзи маҳрумиятҳои расмии гузаштаю имрӯза ва ҳамчунин, маҳкумсозиҳои иҷтимоие мебошад, ки барои роҳ надодан ба саволҳои *ғайри қобили тафаккур* афсунгарӣ гардида, дар марҳилаи аввали ислом пешкаш мегардиданд, аммо таҳқиқи онҳо бо пирӯзии равияи суннатгарои расмӣ, ки бар матнҳои классикӣ асос ёфта буд, қатъ меёбад.

Аммо чӣ гуна бояд суннатро дар шакли мусбати он мавриди бознигарӣ қарор диҳем, яъне тавассути интиқоди созанда ба он чунин имкон диҳем, ки дар заминаи иҷтимоӣ-таърихие, ки дар муддати сӣ соли охир бакуллӣ тағйир ёфтааст, вазифаҳои навро анҷом дода тавонад?[1] Бешубҳа, мо набояд аз сарнавишти суннат ба таври беандоза нигарон бошем: он ҳамеша интиқоди қотеътарин ва инқилоби хушунатомезро аз сар мегузаронад. Он ҳамчун қувваи асосии ҳаракатдиҳандаи ягонагӣ ва муттасилӣ тули садсолаҳо эҳсос ва хотираи гурӯҳиро ташаккул додааст.

Аз ин рӯ, мо бояд аз тарзҳои муосири тафаккур, ки аз ҷониби илмҳо дар бораи инсон ва ҷомеа кашф шудаанд, иқтибос намоем. Ин матлаб, пеш аз ҳама, ба *қироати* навиштаҳо (*Қуръон ва ҳадис*) дахл дорад, барои ҳамин, мо корамонро аз баррасии саволе шуруъ менамоем, ки чаро беҳтар аст, ки тадқиқотамонро бояд бар пояи намодшиносӣ (семиотика) бунёд намоем. Сипас, мо тазкираҳои таърихӣ ва ҷомеашиносиро боз хоҳем кард, аммо аз нуқтаи назари як таҳқиқоти васеътари антропологии суннатҳо ва муосир. Дар асоси маълумоте, ки ба ин васила аз нав бо ҳам пайванд шудаанд, ба таври асоснок ба омӯзиши мақоми нави муқарраротӣ илоҳиётшиносӣ шурӯъ карда метавонем.

Худ аз худ маълум аст, ки ин гуна масири ҳаракатро то ба охир тай намудан имкон надорад; сухан дар бораи он меравад, ки дар ин кӯшиши аввал зарурати он матлабро муайян кардан лозим аст, ки тафаккури исломӣ бояд анъанаеро эҳё намояд, ки сарвати зотиашро дар таърифи зерин ҳифз намояд:

*«Суннат ҳомили чизе бештар аз ғояҳоест, ки қобилияти ҳосил намудани шаклҳои мантиқиро дорад: он ҳаётеро таҷассум мекунад, ки дар айни замон эҳсосот, андешаҳо, эътиқодот, саъю талошҳо ва фаъолиятҳоро дар бар мегирад. Саъю кӯшишҳои инфиродӣ ва дастаҷамъӣ метавонанд аз суннат то ба беҳудудӣ, бидуни тиҳӣ сохтани вай сарчашма гиранд. Пас, суннат мулоқоти руҳонии нафсҳоро, ки эҳсос доранд, андеша мекунанд ва дар ягонагӣ бо чунин ормони ватандӯстӣ ё динӣ иродаашонро ба кор мебаранд, дар назар дорад; он дар як вақт шарти пешравӣ ба ҳадде ҳисоб меёбад, ки ба баъзе порчаҳо аз ғӯлаҳои ҳеҷ гоҳ комилан сикканашуда имкон намедиҳад, ки аз ҳаёти ғайриошкоро ба дониши ошкоро гузарад; зеро суннат – сарчашмаи ягонагӣ, давомнокӣ ва самаранокӣ буда, дар айни замон ибтидо, оянданигарӣ ва интиҳоест, ки муқаддам аз ҳама гуна омезиши ақоиди созанда буда, аз ҳар як таҳлили худшиносӣ дар нисбати дигарон (рефлескӣ) бартарӣ дорад».*[2]

---

[1] Буҳрони демографӣ, дунявигароӣ, милликунонӣ, иваз кардани иқтисоди фоиданок ва маҳсулнокӣ бо ахлоқи фақр ва нафрат нисбат ба олам, қолаби ғарбии истеъмол ва ғайра.

[2] Ба ду сабаб ин матнро дар ин ҷо меоварам: аввалан, бо гуфтаҳои И.Конгар дар бораи мувофиқ будани сухан ва муносибати ӯ ба суннатҳое ҳамфикрам, ки бо интиқоди мусбатгароӣ (позитивӣ) дар шароити буҳрони модернизм, ба он чизе қаробат дорад, ки имрӯзҳо ислом аз сар мегузаронад, бархӯрд намудааст; сониян, ҳадафи ман ин аст, ки бо мисоли ислом ба ду сатҳи тафаккуре роҳ кушоям, ки то имрӯз хеле кам ё ҳеҷ гоҳ мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст: коркарди консепсияи суннат бо томияти он барои се дини ваҳйӣ (аҳл-ул-китоб) ) ва кушодани роҳ ба антропологияи суннат ва замони муосир.

## 1. АФЗАЛИЯТИ РВИШИ СЕМИОТИКӢ

Имрӯзҳо ба хубӣ маълум аст, ки таҳлили семиотикӣ тамринҳои ивазнашавандаро дар худмуназзамсозии зеҳнӣ тақозо дорад ва агар сухан дар бораи қироати матнҳое равад, ки тули умри наслҳо ҳассосияту тахайюлоти инфиродӣ ва гурӯҳиро ташаккул додаанд, он ба арзиши бештар соҳиб мегардад. Мо ворид намудани масофаи методологиро нисбат ба матнҳои «муқаддас» (нохунакҳо ифодагари ин масофа мебошанд)-ро бидуни талаффузи ягон ҳукмҳои илоҳиётшиносӣ ё таърихие меомӯзем, ки дарҳол садди роҳи муошират мешаванд. Маҳз ҳамин нуқтаро интиқоди шарқшиносии таърихӣ дар мавриди *Қуръон* ва *ҳадис* ҳеҷ гоҳ дарк накарда, то ба ҳол равиши семиотикӣ ва антропологии онро намефаҳмад. Дар бораи ин асари Г.Ҳ.А. Ҷуйнболл[3], ки ба таҳқиқи масъалаи пазириш бахшида шудааст, шаҳодат медиҳад.

Матнҳое, ки нуқтаи ибтидоӣ ва сарчашмаи тамомнашавандаи суннат мебошанд, хамчун мавзуи мукаммали фарҳангӣ пешниҳод мешаванд.

Ин объекти фарҳангӣ таърихан тавассути қироат-ширкати муъминон фаъол буда, ба субъекти зинда табдил ёфтааст. Дар раванди интихоб, деконтекстуализатсия, реконтекстуализатсия, пешгӯии гузаштанигар (ретроспективӣ) ва дурнамо, тафсири таҳтуллафзӣ (зоҳирӣ) ё ботинӣ, тақвияти семантикӣ ё устуравӣ қироати муъминон дар эҷоди объектҳои фарҳангии дуюмдараҷа беҳудуд давом меёбад ва дар айни ҳол аз объекти ибтидоӣ ба далели иртиботи забонӣ, таърихӣ ё иҷтимоӣ-фарҳангии он бо фазо ва замони ягона дур меравад. Маҳз маҷмуи умумии ин амалиёт суннати зиндаро ташаккул медиҳад. Самаранокии таҷрибавии ҳаёти ҳаррӯза аз ҷанбаҳои маърифатии ҳолати инсон вобаста аст. Бо тағйири гуфтаи М. Блондел, [иброз медорем, ки] *ҳаёти ботинӣ ё маҷозӣ* саъю талошашро барои он сарф мекунад, ки ба *дониишҳои зоҳирию аёнӣ* дастрасӣ дошта бошад.

Чӣ тавр ба объекти ибтидоӣ дар сарчашмаи пайдоиш (генезис), қисмҳои таркибӣ ва омилҳои муайянкунандаи худи он руҷуъ карда метавонем? Ин руҷуъ ба сарчашма ангезаи асосии суннат аст, аммо таҳти он маънии бозгашт ба давраи бунёди устуравӣ, ба фазо ва вақт нуҳуфтааст, ки тавассути қироатҳо ва василаҳои рафтори анъанавӣ табдил меёбад. Семиотика ба сӯи интиқоди маҷмуӣ саъй мекунад, ки якбора ҳам аз ҳудуди объекти қироатшуда ва ҳам аз ҳудуди тамоми ашёи дуюмдараҷае, ки аз ҷониби суннат тавлид меёбанд, фаротар аст. Аломатҳое, ки дар матнҳо истифода мешаванд, чӣ маъно доранд? Кадом механизмҳои забоншиносӣ барои тавлиди маҳз ҳамин маъно ва на маънои дигар истифода мешаванд? Чунин маънои мушаххас барои кӣ ва дар кадом шароит пайдо мешавад? Ин саволҳо на хусусияти ваҳйи илоҳӣ, на қуввабахшии муқаддасӣ ва на натиҷаи

[3] G. H. A. Juynboll, *Muslim Tradition* (Cambridge: Cambridge University Ptess, 1983).

аҳамияти руҳонии онҳоро барои муъминон доранд. Баръакс, онҳо ба таснифҳо ва вазифаҳо ҳамчун моҳияти шартии руҳонӣ барои муъминон муаталлиқанд, ки мақоми маърифатиашон бояд дар чаҳорчӯбаи муносибати ҳамаҷониба ба ҳар чизе, ки аҳамият дорад, муқаррар гардад.

Чунин бармеояд, матнҳое, ки мо қироат мекунем, ба ҷудо кардани *дониш* аз *эътиқод* дахле надоранд[4]. Баръакс, онҳо таълим медиҳанд, ки аввал *имон доштан* – қалбҳоро кушодан (ба маънои дар Библия ва Қуръон омада) лозим аст, то ки ба донишҳои комил, том ва мутлақо ҳақиқӣ дастрасӣ пайдо шавад. Суннат маҳз дар лаҳзае ташаккул мeёбад, ки аъзои гурӯҳ (ба монанди аввалин гурӯҳи асосии муътақидони дин, ки *муъминин* ном гирифта буданд, [бо муттаҳидӣ] дар атрофи Муҳаммад дар Макка ва баъд Мадина) ба низоми умумии идроку тасаввурот дастрасӣ пайдо мекунанд.

Агар аз нуқтаи назари семиотика ҳарф занем, ҳамаи ҳадисҳо ва ҳар як ҳадис ҳамчун навиштаи бунёдие фаъолият мекунанд, ки бо таҷрибаи назарраси гурӯҳ ё ҷомеа ҳамеша ғанӣ мегардиданд.[5] Ба шумораи бештари одамон таваҷҷуҳ намуда, ҳадис тамоюл бар он дорад, ки ҳамчун намунаи қолабии аввал фаъолият намуда, ба номи суннатгароӣ касрати маъниҳоеро инкор намояд, ки ботингароён ва мактабҳои мухталифи дигар дар мисоли маъниҳои қувваю қудрат, ки ҳанӯз дар натиҷаи қироатҳои нави Китоби муқаддас мубрамият пайдо накарда буданд, пешниҳод менамуданд. Ман, аллакай, нишон дода будам, ки чи гуна муносибати муосир ба маҷоз, рамз ва устура, ки аз ҳамаи он чизҳое комилан фарқ мекунанд, ки суннати тафсири ботинӣ васият кардааст, иҷозат медиҳад.[6]

## 2. РАВИШИ ТАЪРИХӢ ВА ҶОМЕАШИНОСӢ

Чи тавре ки мушоҳида намудем, ҳадис робитаи тафаккурро бо забон дар назар дорад ва ҳамон тавр биниши таърихро бо чаҳорчӯбаҳои [шаръӣ] ва навиштаҳо, ки барои ифодаи он мутобиқ шуда буданд, таҳмил менамояд.

Муаллифони муосир, ҳатто, мусулмононе ба мисли Таҳо Ҳусейн, ки ба эҳёи интиқодии суннатҳои динӣ ва ё фарҳангӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир менамуданд, намедонанд, ки чи гуна баҳсро ба маҷрои таҳқиқоти қаблӣ, ки дар муддати ду асри аввали ҳиҷрӣ дар истилоҳоти ҷомеашиносии дониш ба қолаб даровварда мешуданд, интиқол бидиҳанд. Хотиррасон намудан кофӣ нест, ки интиқоли шифоҳӣ нисбат ба интиқоли хаттии он бартарӣ дошт. Агар боз ҳам амиқтар ҷӯем, бояд нишон дод, ки чи гуна дар ташаккул ёфтан ва фаъолият намудани *тасаввуроти* иҷтимоӣ андозагирии [падидаҳо]-и муъҷизавӣ, устуравӣ, рамзӣ ва маҷозӣ бар мақулаҳои ақлонӣ ва расмиёти мубоҳисавие бартарӣ дошта буд, ки дар робита бо ихтирои қоғаз, такмил ёфтанду паҳншавии хатти арабӣ ва густариши каломмаркази (логотсентризм)-и юнонӣ рушд мeёфтанд. Тамоми таърихи фарҳангии арсаи араб ва исломро бояд аз нигоҳи ин дурнамои дуҷонибаи рақобати байни [суннатҳо]-и шифоҳӣ ва хаттӣ, *асотир* ва *каломи муқаддас (логос)*, [суннатҳо]-и муъҷизагароӣ ва таҷрибавӣ, муқаддас ва куфромез бозбинӣ кард. *Таърихан,* суннатҳо ҳамчун шакл ва мазмуни матнӣ зери таъсири ин рақобат қарор дорад; маҳз ҳамин нукта имрӯзҳо бознигарии шакл ва

[4] Ниг.: A. J. Greimas. *Du sens* II (Paris: Seuil, 1983), pp. 115-133.
[5] Ниг.: Ricoeur, *Temps et lecit* (Paris: Seuil, 1983).
[6] Ниг.: M Arkoun, *Lectures du Coran* (Paris: Maisonneuve-Larose, 1982).

маъниро зарур месозад, зеро тамоми мафҳумҳои муайянкунандае, ки дар ҳаёти ғайриошкоро (ботини)-и муъминон (муқаддас, муъҷизавӣ, устуравӣ, шифоҳӣ, хаттӣ, хаёлӣ, ақлонӣ ва ғайриақлонӣ) дар назар дошта мешаванд, ба фазли таҳқиқоти нави илмҳо дар бораи инсон ва ҷомеа дар раванди гузариш ба *дониши зоҳирӣ* қарор гирифтаанд.

Ин мавқеъ нав аст, зеро он бароямон имкон медиҳад, ки назарияи умумиеро коркард намоем, ки мехостам онро *ҷомеаҳои Китоб* ном гузорам. Консепсияи ҷомеаи Китоб ба мо имкон медиҳад, ки ба ду андозагирии суннат, ки ба ҳадди камтарин расонда шуда ва ё бо пайдоиши илоҳиётшиносии догматикӣ шакли нав гирифтааст, ҳусни таваҷҷуҳ варзем: *таърихияти* ҳамаи равандҳои фарҳангӣ ва шаклҳои амалии рафтору кирдор, ки тавассути онҳо Китоб ба ҷисми иҷтимоӣ ворид карда мешавад: *ҷомеашиносии пазириш (ресептсия)-и* суннат аз ҷониби гурӯҳҳои аз ҷиҳати қавмӣ-фарҳангии мухталиф. Мафҳуми пазириш мафҳуми таърихиятро такмил медиҳад; дар ин ҷо ман мафҳуми мазкурро аз нуқтаи назари дурнамои назариявии он ба кор мебарам, ки аз ҷониби Ҳанс Р. Яусс, яке аз роҳбарони «Мактаби Константс» дар асараш *Pour une esthetique de la reception* муайян гардидааст, истифода мебарам. Ғараз ин аст, ки асари адабӣ ё асари ҳунарҳои зебо, умуман, танҳо бо иштироки фаъолона ва дахолати доимӣ дар сатҳҳои гуногуни ноширони минбаъдаи онҳо вуҷуд дошта, пойдор буда метавонад. Ин нукта барои он асарҳои адабӣ ва бадеӣ, ки матнҳои динӣ мебошанд, ба ҳадди зиёд *a fortiori* ҳақиқат аст. Ба ин маъно, суннат дар ҷомеаҳои Китоб на танҳо «маҷмуаи андӯхтаи шаҳодатҳоест, ки аз ҷониби ҳамаи мо, ки тули таърих зери таъсири Руҳи ваҳйи илоҳӣ қарор дорем», боқӣ мондааст. Ин эҷоди гурӯҳии ҳамаи афродест, ки аз он ҳувияти ишон ғизо мегирад ва дар истеҳсол-бозистеҳсоли он ҳисса мегузоранд.

Ҳамин тавр, акнун на танҳо муносибатҳои байни Китоб, ваҳй ва ҳадис бояд аз нуқтаи назаре мавриди таҷдиди назар қарор гиранд, ки нисбат ба панду насиҳат, балки бештар ба шоистагии шарҳу тавзеҳ дахл доранд; онҳо, инчунин, ба ҳузури имон дахл доранд, ки дар моҳият ва вазифаҳое мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, ки дар онҳо «шоҳидоне, ки лаззати руҳи ваҳйро чашидаанд», эътироф гардидаанд. Бе ягон шубҳаи куллӣ нисбат ба қувваи таҳрикдиҳандаи ин руҳ, мо гуфта метавонем, ки онро ҳамеша василаҳои иҷтимоӣ, яъне изофахоҳӣ, таҳрифҳо, манипулятсияҳои семантикӣ ва матнӣ, инҳирофҳо, афсонаҳо, хаёлбофиҳо ва идеологиясозӣ, ки аз пазириш ва бозистеҳсоли суннат мерос гирифтаанд, миёнаравӣ мекунанд.

Чӣ тавр замони муосир бояд ба чунин таҳаввулоти суннат ворид карда шавад? Оё шаклҳо ва мазмунҳое вуҷуд доранд, ки нисбат ба дигарон ба шаклҳои маъмултарини анъанавии рафтор осонтар мувофиқат шуда метавонанд?

Аввалан, мушоҳида мекунем, ки имрӯзҳо сухан на дар бораи он меравад, ки чи тавр замони муосирро, ки абадӣ ва комилан мусбат буда, дар паҳлуи пешравӣ қарор дорад, ба суннат, ки ҳамчун гузаштаи дур, кухнашуда, маҳдудкунанда ва манфӣ инкор мешавад, муқобил гузорем. Баръакс, илоҳиётшиносиро ба суннат, ки охириро дар доираи мазмуни мутлақ, моварouттабиӣ, муқаддас ва зоҳирӣ мегузорад, мувофиқ донистан мумкин нест. Омӯзиши ҷомеаҳои кунунӣ се қувваи бо ҳам дар рақобатбударо ошкор мекунад:

- Суннат ба маънои умумӣ ва қадимӣ, ки дар ҳамаи ҷомеаҳо ва суннатҳои қабл аз китобҳои муқаддаси динҳои ваҳйии илоҳӣ ҷой дошт.
- Суннати китобҳо, ки то ба ҳол моро иҳота намудааст.
- Замони муосир, ки гусастагиро бо қувваҳои собиқ иҷозат додааст, аммо ба пуррагӣ ба он муяссар нагардидааст. Ҳақиқатан, ин се қувва вобаста ба муҳити иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва шароити таърихӣ бо таваҷҷуҳ ба бартарии бештари яке бар дигари онҳо диалектикаи ҳар гуна ҷомеаро ғизо мебахшад.

Суннати муқаддас, ки дар се дини яккахудоӣ тавлид ёфта буд, ҳамчун замони муосири *par excellence* зоҳир мегардад, зеро суннатҳои пешинро ба торикии нодонию бенизомӣ (*ҷоҳилия*) қафо партофтааст.[7] Замони муосир бо таҷаммуъ ҳангоми зуҳури ҳодисаҳо, асарҳо, арзишҳо, комёбиҳо ва озмоишҳое, ки барои субъекти гурӯҳӣ аҳамият доранд, ба суннат мубаддал мегардад. Шуруъ аз солҳои 1950, тағйирот ончунон босуръат, амиқ ва умумӣ буд, ки суннат пароканда ва аз байн рафт. Дар ҷомеаҳои ба истилоҳ ақибмонда ё суннатӣ дар муқоиса бо ҷомеаҳои саноатӣ ё пасосаноатӣ, вуҷудият ва оқибатҳои замонаи муосири моддӣ нисбат ба вуҷудият ва оқибатҳои ақлонии онҳо бештар равшану возеҳ ба назар мерасанд. Ман фарқияти байни ин ду ҷанбаи замони муосирро такрор намекунам;[8] тамаркуз ба шароити таърихии истеҳсол ва саркӯб намудани замони муосир дар Ғарб ва Ислом муфидтар хоҳад буд.

Дар Ғарб замони муосири моддӣ ва замони муосири ақлонӣ ё маърифатӣ вобаста ба шароити таърихӣ ба аҳамияти гуногун доро шудаанд.

Ҷамъияти олимон, мутафаккирон ва рассомон дар ягон ҷое ба хотири иҷро намудани нақши миёнаравӣ синфи алоҳидаи иҷтимоии якхела ва хеле бонуфузро дар шароити буҳрони намунаҳои қолабии рушд сознон надода, барои он саъю кӯшиш менамояд, ки замони муосири ақлониро ҳамчун лоиҳаи маърифатии рух болотар аз ҳама гуна сохторҳои идеологӣ гузорад, ки онҳо дар доираи чаҳорчӯбаҳои миллӣ ё иҷтимоӣ ва ё, ҳатто, дар доираи як синфи иҷтимоӣ, ки то ҳол даъвои таҷассумгари таърихи умумии башариятро доранд, фаро гирад.[9] Ин орзуи нави замони муосир, ки ба рушди ҷомеаи олимони ҷаҳон иртибот дорад, дар ҳама ҷо бо вазни бузурги таърихӣ ва иҷтимоию фарҳангии ҳар як *шароити миллӣ* бархӯрд мекунад. Ба ғайр аз тафриқаҳои идеологӣ, ки ҷаҳони муосирро аз ҳам ҷудо мекунанд

[7] Дар масеҳият истилоҳи *модернус* (замони муосир) бори аввал тақрибан солҳои 480-500 барои ишора ба гузариш аз замони қадимии Рум ба дини Масеҳӣ истифода шудааст). Ниг.: гузориши хуби таърихӣ дар бораи замони муосир дар H.R. Jauss, *Pour une esthlitique de la leception* (Paris: Gallimatd, 1978) ва гуфтаҳои ман дар бораи мавзуи баҳси ислом дар *L'Islam, hieк, demain,* 2nd ed (Paris: BuchetChastel, 1982), pp. 120-137 гуфтам.

[8] Ҳамон ҷо.

[9] Семиотика дар замони имрӯза ба назарам фаннест, ки аз ҳама муассиртар ҳудуди миллӣ, идеологӣ ва анъанавиро ба воситаи дониши онҳо убур мекунад.

ва минҷумла барои дарки манфии ислом мусоидат менамоянд, бетаассубтарин донишмандон асири дидгоҳи хатти рост, мубоҳисавӣ ва ҳатто, илоҳиётшиносии Ғарб боқӣ мемонанд. Биниши шабеҳи хатти рост, ки аз тасвири қадимаи юнониву римӣ бармеояд, онро аз «Шарқи мусулмонӣ» ҷудо карда, таҳаввулоти давомдорро то замони мо баррасӣ менамояд ва дар айни замон тавлиди одии нақши исломро танҳо дар давоми асрҳои VII ва XII тавсиф медиҳад. Биниши мубоҳисавӣ бошад, то ҳоло исломро, қабл аз ҳама, ҳамчун монеае қабул дорад, ки бояд коҳиш ва ё чунон шакл дода шавад, ки барои империяии Ғарб роҳ кушода шавад. Биниши илоҳиётшиносӣ ба илоҳиётшиносии масеҳии ваҳйи илоҳӣ ва ҳақ баровардани давлати Исроил вобаста карда шудааст, ки он низомҳои куҳнаи истиснoии мутақобилаи тарафайнеро эҳё мекунад, ки аз замони пайдоиши ислом дар арсаи баҳри Миёназамин дар тамоми таърихи ҷомеаҳои Китоб ҳукмрон буданд.

Дар қайду басти ин дидгоҳҳо, ки ҳама гуна тахайюлоти эҳтимолии гурӯҳӣ, нақшаҳои куҳнашудаи фарҳангӣ ва монеаҳои эпистемологиро устувор намуда, тақвият мебахшанд, замони муосири маърифатӣ саъй мекунад, то маърифати барқароршудаи ҷанбаеро, ки онро фазои юнонӣ-семитӣ номидаам, ба даст оваранд.

Ман нишон додам, ки ин фазо ҳақиқатан аз Ҳинд то Атлантика тул мекашад ва ислом набояд дубора ба қаъри як навъ «Шарқ»-и романтикӣ, хаёлпарастӣ, бадавӣ, таҳаммулнопазирӣ ва ё бардурӯғи руҳонӣ андохта шавад.[10] Баръакс, он бояд ҳамчун яке аз омилҳои таърихие, ки ба пайдоиши консепсияи фарҳангии Ғарби муосир мусоидат кардааст, дубора ворид карда шавад. Ҷудошавии фазои юнонию семитӣ ба Ғарби муосир ва Шарқ, ки ба суннат, суннатгароӣ ва такрори шаклҳои қадимаи рафтору кирдор бахшида шудааст, аз Эҳё ва Ислоҳотгароии [Ғарб] оғоз меёбад.

Суннати исломӣ, тавре ки онро тасаввур мекардам, шуруъ аз асри XVI аз саргузашти ғарбии инсон қотеан ҷудо боқӣ мемонад ва муҳимтар аз он, дар ин саргузашт сарнавишти инсонро ба маънои аслии он дар бар мегирад. Ҳамчунин, мехоҳам қайд кунам, ки тафаккури исломӣ, ки аз эътироф ва *бознигарии* сабабҳо ва оқибатҳои ин роҳи халосӣ аз таърих бо шумули ақл ва шуур фарсаххо дур буд, шуруъ аз асри XIX мутлақо бо ҳимояи ҳаққонияти суннатҳо, баҳсу мунозира ба муқобили Ғарби мустамликавӣ ва империалистӣ ва бо устурасозии таърихи худ машғул мегардад.

Бо ин ҳама, ман тасдиқ намекунам, ки Ғарби муосир, чуноне ки синфҳои ҳокими он даъво мекунанд, намунаи қолабии шуур ва фаъолияти таърихиеро сохта бошад, ки ба тамоми ченакҳои инсонӣ эҳтиром гузошта

[10] M. Rodinson, *La fascination de l'Islam* (Paris: Maspero, 1980).

тавонад. Аммо замони муосир ба тағйир додани андозагириҳо, орзуҳои олӣ ва уфуққо машғул гардида, фазои нави фаъолияти ақлонӣ ва таърихиеро мекушояд, ки дар он на танҳо суннатҳои ҷомеаҳои Китоб дар шакли дастаҷамъиашон дубора муттаҳид шуда метавонанд, балки дар он маҷмуи таърихӣ бо тамоми шаклҳои фарҳангии ифодаи фикр дар олам метавонанд аз ҷониби антропологияи фарҳангӣ, ки ба ягон маркази ягона маҳдуд нест, мавриди таҳқиқ ва бозбаёнӣ қарор гиранд.

Маҳз аз ҳамин нуқтаи назар, лоиҳаи ҷустуҷӯ ва бознигарии суннатҳои исломӣ бо томияташ аҳамияти хешро ҳам барои ҷомеаи мусулмонӣ ва ҳам барои тафаккури муосир, ки ба таҳқиқи олам, сайёраи мо ва ҳолати инсонӣ машғуланд, ҳосил мекунад. Суннат, дар маҷмуъ, беруншавӣ аз чаҳорчӯби тафаккури бидъатшиносиро, ки дар *ҳадиси* фавқуззикр оварда шудааст, дар назар дорад. Ҳамаи мафҳумҳои маъмулии мубоҳисаҳои илоҳиётшиносӣ ба қисматҳо ҷудо шуда, бидуни аз даст додани вазифаи интиқодиашон дар нисбати суннатҳои ҳам схоластикӣ ва ҳам музофотӣ, қавммарказӣ, ягонагарой ва ё мусбатгароии замони муосир ба ченакҳои нав соҳиб мешаванд. Дар байни ин мафҳумҳо дин ва хосагиҳои диниро ба ҳадде номбар мекунам, ки он ба сиёсат ва ҷаҳони дунявӣ (*дин, давлат, дунё*), ваҳйи илоҳӣ, Китоб, навиштаҳо, муқаддас, руҳонӣ, моварои уттабиӣ ва инчунин, тамоми вожаномаи метафизикаи классикӣ, илми ахлоқ, ҳуқуқ, психология ва иқтисоди сиёсӣ иртибот доранд. Оё суннатҳои маҳаллӣ чӣ гунаанд, дар ҳоле ки онҳо бо боқимондаҳо ва ё осори муқаддаси мазҳаби суннатгаро ва пас аз он ба замони муосири ягона мутобиқ шудаанд?[11] Чӣ тавр худи анъанаи мазҳаби суннатгаро дар сурати вуҷуд надоштани замони муосири ақлгаро, ки қобилияти бознигарии онро дорад, ҳамчун суннати кухнашуда, номувофиқ ва қадим зери фишор мегирад? Худи суннатҳои мазҳаби суннатгаро бо нобуд кардани мактабҳо, осори таҳқиқотӣ, мутафаккироне, ки дар ислом зуҳур карда буданд, аммо носолими каҷрав ё «бидъат» на аз ҷониби маҳкамаи таълимоти шаръӣ, балки ашхоси дар рақобати байни қишрҳои касбӣ, қавмӣ-фарҳангӣ ва ё дар биниши олам фаъолиятдошта чӣ қадар ба хештан ҷароҳат зада буданд?

Нахуст, ба ин саволҳо бояд аз нигоҳи таърихӣ посух дод ва ҳар гуна ҳукмҳои ақидавиро ба канор гузошт.[12] Ин ки ҷомеаҳои кунунии мусулмонӣ суханронии интиқодии муаррихро қабул карда наметавонанд, маънои онро надорад, ки он объекти илмиеро созмон додааст, ки ба ҳадди таҷридӣ (абстракт) рушд ёфта, монанди забоншиносҳо *ҳадисҳои* машкукро мавриди таҳқиқ қарор медиҳад. Омӯзиши суннат бо ҳамаи томияташ ба он маъное, ки дар ин ҷо ишора мекунам, мустақиман мубориза бурдан бо решаҳои бадӣ аст, ки онҳо ҷомеаҳои эътирофгари гуноҳҳо (конфессионали)- ро, ки фақат дар ҳар чизи фақат ба суннатҳояшон мувофиқ сахт печидаанд, вайрон месозанд. Вазифаи таърих ва антропологияи фарҳангӣ фош кардани

[11] Таҳти мафҳуми замони муосири ягона ман раванди таърихию фарҳангиеро дар назар дорам, ки дар ҷараёни он тафаккури Ғарб ибтидо аз асрҳои XIII-XVIII қолаби намунавии ҳам тафсирӣ ва ҳам фаъоли таърихиеро таҳмил намуд, ки ҷудошавии субъектро аз ҷисми он иҷозат дода, маҷмуи муқаррарот ва консепсияҳоеро тасдиқ мекунад, ки дар метафизикаи классикӣ ба шаклҳои зерин ҷамъбаст шудаанд: онтологияи моварои уттабиӣ; замони прометейии пешравӣ ва таҳаввулот ва сипас рушд; фазои мушаххаси маҳсулнокии истеҳсол, ба ҳукми қонун даровардан аз тариқи ақли дунявӣ, тақаллубкории золимона нисбати гурӯҳҳо ба воситаи сохторҳои шаффоф, ки барои зуҳурёбии «одамони бузург» имкон медиҳад: давлат; миллат; демократия; куллият; ҳуқуқи интихобот; дунявисозӣ ва тақсимоти қудратҳо; баробарӣ; озодӣ; бародарӣ; ҷаҳиши бузург ба пеш ва ғайра.

[12] Ин нукотро кӯшиш намудам, ки дар якчанд эссеҳоям дар *Pow une critique* ба иҷро расонам.

воқеияте мебошад, ки аз ҷониби мутақаллибони тахайюлоти динӣ таҳқир карда мешаванд.[13]

Оё мафҳуми суннат, ки ҳоло бо ҳамаи томияти он муаррифӣ намудем, барои илоҳиётшиноси суннатгаро дар чаҳорчӯбаи илоҳиётшиносиҳои дар асоси Китоб ба мерос монда имкони истифодабарӣ дорад? Муқаррароти илоҳиётшиносӣ дар заминаи нав, ки дар натиҷаи фишорҳои муштараки таърихи имрӯза ва стратегияҳои маърифатие бунёд ёфтаанд, ки онҳоро илмҳо дар бораи инсон ва ҷомеа таҳмил карда, худашон маҳсули ин таърих ва посуххо ба чолишҳои он мебошанд, кадом чиз шуда метавонад?

### 3. РАВИШИ ИЛОҲИЁТШИНОСӢ

«Роҳҳои зиндагӣ кардан ва тағйир додани ҷаҳон»: чунин аст унвони хеле олии бахши аввали *Initiation a la pratique de la theologie* («Ибтидо ба амалияи илоҳиётшиносӣ»), ки дар Фаронса ба табъ расидааст.[14] Ин унвон ва тамоми китоб нишонаи таҳаввулотест, ки монанди замони муосир дар Ғарб рух додааст, вале дар ислом то ба ҳоло ҳам вуҷуд надорад; таҳаввулот бо ин ҳама маҳдуд аст, зеро ки истилои тафаккур дар бораи воситаҳои ҳаёт ба сар бурдан ва тағйир додани ҷаҳон қотеан аз «фаҳмиши имон ба маҷмуи ниҳодӣ дар калисо (қонунҳои навиштаҳо, суннатҳо, роҳибони дин) ва доираи донишгоҳ (тахассусҳои гуногун, марказҳои таълимӣ ва ғ. побандӣ дорад)» вобаста аст.[15] Психолог ва психоаналитикҳо ба мо нишон додаанд, ки таҳти имон номутаваққифтарин ангезаҳои ҳавасу хоҳиш, мураккабтарин ҳифзкуниҳои хотира, бузургтарин ангезаҳои тахайюлот, шадидтарин хуруҷҳои қалб ва қотеътарин талаботи ақл нуҳуфтаанд. Иктисоби ин воситаҳои гуногун аз шаклҳои низому тартиби тарбияи руҳе вобаста аст, ки онро ҳар як фарҳанг эътироф намуда, дар амалия ба кор мебаранд. На камтар аз он, илоҳиётшинос дар ҳукмрониҳояш вуҷудият ва умумӣ сохтани имони диндоронро тахмин задан мегирад, ки он бо қонуни Худо, ки дар ваҳйи илоҳӣ зоҳир меёбад, ҳамчун ризоият, пешорӯӣ ва созгор маҳсуб меёбад. Фарз кардан мумкин аст, ки илоҳиётшинос талош меварзад, ки имони ормонии мазкурро бо кумаки педагогикаи бошууронаи ҳамаи монеаҳое асоснок намояд, ки онҳоро бояд паси сар кард, аммо касе наметавонад ӯро барои маҳдудиятҳо ва ҳараҷу мараҷҳое бахшида тавонад, ки ҳамоно бар гардани руҳи инсонӣ, ки гӯё ӯро ба сӯи мутлақ мебарад, партофта шудаанд.

---

[13] Ман байни тақаллубкории идеологӣ ва семиотикӣ фарқ мегузорам: аввалӣ онҳо хусусияти тактикӣ, стратегӣ, беҳаёӣ дорад; он тамоми стратегияҳои тасаллутро дар ҳаёти байналхалқӣ ва бозиҳои сиёсӣ барои ба даст овардан ё нигоҳ доштани ҳокимият дар соҳаи миллӣ назорат мекунад; дуюми онҳо бошад, амалиёти интихоберо ифода мекунад, ки онро ҳар як сухангӯ дар забон иҷро мекунад.

[14] Зери таҳрири Б. Лаурет (B. Lauret) ва Ф. Рефуле (F. Refoule), дар 5 ҷилд (Paris: Cerf, 1982-1983).

[15] *Initiation,* vol 1, p 12

Агар возеҳтар баён кунем, тафаккури динӣ як навъ ҷустуҷӯи мутафаккирони мустақили баъди давраест, ки тули садсолаҳо ин тафаккур ё монополияи ходимони ҳасуди дин ва ё ҳадафи мубоҳисагароне будааст, ки ҳадафҳои дигарро думболагирӣ менамуданд.

Умедворам фаҳмо хоҳад буд, ки ман илоҳиётшиносиро аз соҳаи таҳқиқоти инсон ва ҷомеа ихроҷ намекунам; аммо илоҳиётшиносӣ бояд ба қоидаҳое, ки барои ҳар як ташаббусҳои маърифатӣ умумӣ мебошанд, итоат кунад. Барои ин дар пояю асосҳои нав он бояд тамоми масъалаи зуҳури илоҳиро дубора ба миён гузорад. Ин на танҳо масъалаи ҳамзистии *таҳаммулпазиронаи* мубоҳисаҳо аст, ки ҳар як суннат дар бораи худ баён мекунад; пеш аз ҳама, шароити таърихӣ, психологӣ ва антропологии пайдоиш ва фаъолият намудани ин ё он суннат ва сипас, се суннати динҳои яккахудоиро шарҳ додан лозим аст. Дар он вақт имкон пайдо мешавад, ки дар доираи илоҳиётшиносӣ муносибатҳои байни навиштаҳо, ваҳй ва ҳадисро дар ҷомеаҳои Китоб тасаввур намуд.

**Манбаъ:** M. Arkoun, Aspects d'Islam (Brussels: Facultes Universitaires, Saint Louis, 1985)

**САВОЛҲО БАРОИ МУҲОКИМА:**

1. Ҷойгоҳи расму ойин дар баҳсҳои динии исломӣ чӣ мавқеъ доранд?
2. Миёни анъанаи зиндаи динӣ ва идеология чӣ тафовут аст?
3. Оё дар омӯзиши анъанаҳои динӣ дар Ислом ворид намудани усулҳои илмӣ имкон дорад?
4. Бо кадом мушкилот муҳаққиқони муосир зимни омӯзиши анъанаҳои динӣ рӯ ба рӯ мешаванд?
5. То кадом андоза одамони ба ҳаёти динӣ ва фарҳангу амалия ҷалбгардида зимни таъсиси анъанаҳои Ислом ширкати воқеӣ меварзанд?
6. Аз диди М.Аркун бархурди анъанаҳо дар исломи муосир бар чӣ асос аст?
7. Ҳаёти дунявӣ дар анъанаҳои динии исломӣ кадом ҷойро ишғол мекунанд?

**САВОЛҲО БАРОИ ТАКРОР:**

1. Аз нуқтаи назари М.Аркун кадом усулҳои илмӣ дар ифшои табиати анъанаҳои динии Ислом нисбатан самараноктар мебошанд?
2. Усули таърихӣ дар таҳқиқи матн ва суннати ислом чӣ гуна мавқеъ дорад?

# ХОНИШИ ИНТИҚОДӢ





Маркази захиравии БИО, Душанбе, Тоҷикистон

Хонандае, ки ба матн муносибати интиқодӣ надорад, метавонад китобро мутолиа намуда, аз он далелҳои ҳодисаҳои муайянро дар хотир гирад ва шарҳи аз ҷониби умум қабулшудаи ин ҳодисаро дарёбад. Хонандае, ки нисбат ба матн муносибати интиқодӣ дорад, метавонад ҳамон як асарро бихонад, аммо бидуни таҳлили қаблӣ ва ё ҷустуҷӯи минбаъдаи исботҳои нав, барои тасдиқи онҳо, далелҳо ва ғояҳои пешниҳодшударо қабул карда наметавонад.

Тафовут байни сарчашмаҳои асили диние, ки аз ҷониби Суннати бузурги ислом дода шудааст ва далелҳое, ки ба равишҳои пажӯҳишҳои илмӣ асос ёфтаанд, барои тафсири онҳо дар асари Муҳаммад Аркун «Исломи муосир: дар рӯёрӯи суннат» як майдони мубоҳисавӣ фароҳам меорад, ки барои дарки вижагиҳои муносибатҳои интиқодӣ, ки нисбат ба донишҳои инсоншиносӣ истифода мешаванд, муҳим мебошанд.

Барои хонандагоне, ки нисбат ба матн муносибати интиқодӣ надоранд, асари Муҳаммад Аркун асосан дар мавриди омӯзиши Суннати бузурги ислом ва тафсири он бар асоси заминаи муосир ва захираҳои илмии донишҳо ва методология дар робита бо таҳлили матнҳои муқаддас, равишҳои гуногуни назариявиро пешниҳод мекунад.

Барои хонандагоне, ки нисбат ба матн муносибати интиқодӣ доранд, Аркун маҷмӯи равишҳои назариявии гуногунро барои омӯзиши суннати динии исломӣ пешниҳод мекунад, ки на ҳамеша дар ин мубоҳисаи илмӣ шомил мегарданд. Муҳаммад Аркун на танҳо чаҳор равиши асосиеро пешниҳод мекунад, ки ба фаҳмиш ва тафсири матнҳо ва суннатҳои асили динӣ таъсир мерасонанд, балки мушкилот ва масъалаҳоеро низ ошкор мекунад, ки табиати бештар куллӣ дошта, аксаран дар нодида гирифтани мубоҳисаҳои зеҳнии мусалмонон ва ба канора бурдани он дар пажӯҳишҳои муосир баён мешаванд. Донишҷӯён бояд дарк кунанд, ки тафсири ягона ва саҳҳеҳи воқеиятҳову ғояҳо вуҷуд надорад, балки гуногунрангии пурраи роҳҳои имконпазир ва қобили қабули шарҳу тафсири онҳо вуҷуд дорад;

бо баъзеҳояшон онҳо (донишҷӯён) розӣ шуда, аммо баъзеи дигарашонро қабул карда наметавонанд. Хонанда бидуни муносибати интиқодӣ ба матн танҳо бо дарк ва тавсифи мушкилоте, ки дар асари Аркун нишон дода шудааст, қаноатманд аст. Хонандае, ки ба матн муносибати интиқодӣ дорад, барои дарки бештари он талош меварзад. Ҳамин тариқ, бо фаҳмидани он ки Аркун дар бораи чи ҳукм меронад, хонанда, инчунин, ба он таваҷҷуҳ зоҳир мекунад, ки матни додашуда бо таҳлили худ чиро ба даст меорад. Қабл аз ҳама, ӯ чунин саволҳоро мегузорад: Оё муаллиф мисолҳо ва далелҳо меоварад? Ӯ дар бораи чӣ баҳс мекунад? Оё Аркун қаноатмандии хонандагонро ҳосил мекунад? Худи Аркун дар ин асар асосан ба кӣ муроҷиат мекунад? Оё ӯ барои беҳтар шарҳ додани нуқтаи назари худ муқоисаҳоро ба кор мебарад? Ниҳоят, дар асоси чунин таҳлили амиқ хонандаи дорои муносибати интиқодӣ ба чунин хулосаи умумӣ дар бораи матн мерасад, ки тамоми моҳияти он аз чи иборат аст.

Дар поён марҳилаҳо ва усулҳои таҳлил оварда мешаванд, ки дар шаклҳои гуногуни хониш ва муҳокимаҳо инъикос ёфтаанд:

- Матни интихобшуда дар бораи чӣ баҳс мекунад – он бозхонии қисса – сӯҳбат ё таҳлил аст? Ҳадафи матни интихобшуда дар чист – тавсиф ё муҳокимаи худи мубоҳисае, ки дар матн оварда шуда аст.
- Матн чиро ифода мекунад: тафсир, таҳлил ё мазмуни матн?

Савол: Оё асари Муҳаммад Аркун «Исломи муосир: дар рӯёрӯи суннат» бозхонии қисса, таҳлил, тавсиф ё тафсир аст?

### ҲАДАФИ ХОНИШИ ИНТИҚОДӢ

Хониши интиқодии матн вуҷуд доштани ҳадафҳои муайянеро дар назар дорад, ки дар назди донишҷӯён гузошта шудаанд:

- муайян кардани ҳадафҳои муаллиф;
- идроки руҳия ва унсурҳои истидлолии он;
- ошкор намудани нишонаҳои таассуби муаллиф;
- шояд ба муаллиф савол дода шавад;
- ба таври истидлолӣ муайян кардани мавқеи худ нисбат ба матни хондашуда;
- банди матн, ки барои хонанда аз ҳама муҳим аст, шарҳ дода шавад.

Савол: Оё таассубҳои Муҳаммад Аркун дар асараш «Исломи муосир: дар рӯёрӯи суннат» бароятон қобили мушоҳидаанд?

## ТАФАККУРИ ИНТИҚОДӢ

Тафаккури интиқодӣ – ин «эҳтиёткорона, мулоҳизакорона муайян намудани матлабест, ки онро мехоҳем бипазирем, инкор намоем ва ё муваққатан ҳукмро дар бораи ин қазия ҳазф намоем; он – сатҳи итминони мост, ки тавассути он ин қазияро қабул ё рад мекунем” (аз асари Мур ва Паркер «Тафаккури интиқодӣ»).

## СТРАТЕГИЯҲОИ ХОНИШИ ИНТИҚОДӢ:

Пас аз мутолиаи «Исломи муосир: дар рӯёрӯи суннат»- и Аркун ба худатон саволҳои зеринро диҳед:

1. Мавзӯи асосии ин асар чист?
2. Аркун дар асари худ ба кадом хулоса омадааст?
3. Сабабҳои имони динӣ ва эътиқоди илмии Аркун чӣ гунаанд? (Аз ҳукмҳои пастсифат ҳазар кунед: таассуф, тарс, истифодаи нодурусти омор ва ғайра).
4. Оё Аркун далелҳо ё андешаҳоро мавриди истифода қарор додааст?

• Далелҳоро тасдик кардан мумкин аст;
• Андешаҳо на ҳамеша тасдиқ мешаванд;
• Онҳо на ҳамеша бар пояи далелҳои арзанда бунёд ёфтаанд.

5. Оё Аркун калимаҳои бетараф ё эҳсосиро ба кор бурдааст? (Хонандагоне, ки нисбат ба матн муносибати танқидӣ доранд, барои санҷиши возеҳияти ҳукмҳо на танҳо забони истифодашударо ба назар мегиранд).

## ТАВСИФИ ХОНАНДАИ ДОРОИ МУНОСИБАТИ ИНТИҚОДӢ:

1. Онҳо нисбат ба худ ростқавланд
2. Онҳо фиребу найрангро рад мекунанд
3. Онҳо каҷфаҳмиҳоро бартараф мекунанд
4. Онҳо саволҳо медиҳанд
5. Онҳо ҳукмҳояшонро дар асоси далелҳо месозанд
6. Онҳо муносибатҳои байни мавзуъҳо (объектҳо)-и баҳсро меҷӯянд
7. Онҳо аз нигоҳи зеҳнӣ озоданд.

**Сарчашма:** Adapted from Joe Landsberger, “Thinking Critically,” The Study Guides and Strategies, St. Paul, Minnesota: University of St. Thomas (UST ), April 2003.



**ЛЮТЕР ДАР ВОРМС: «ДАР ҲАМИН ИСТОДААМ ...»**
Рассом – Антон фон Вернер (1843-1915)

# МАРТИН ЛЮТЕР
# ПЕШГУФТОР БА ОСОРИ ЛОТИНӢ



Мартин Лютер (1483-1546) профессори илоҳиётшиносии Донишгоҳи Виттенберги Олмон буд. Ӯ соли 1517 ба муқобили фурӯши индулгенсия эътирозҳои оммавӣ ташкил кардааст. Индулгенсия, маънои аслиаш, – бахшидани гуноҳҳо ва озод кардани гунаҳкорон аз ҷазои калисо мебошад, ки аз ҷониби роҳбари калисои католикии Рим – Папа муқаррар мегардад. Аммо дар замони Лютер индулгенсияҳоро дар бозорҳо дар шакли шаҳодатнома мефурӯхтанд. Маблағҳое, ки барои шаҳодатнома пардохта мешуданд, покшавиро аз тамоми гуноҳҳо таъмин менамуданд. Бори нахуст Лютер дар «95 тезис»- и худ соли 1517 зарурати ислоҳоти калисоро зикр намудааст. Ӯ тезисҳои худро дар деворҳои калисое, ки дар он ҷо мавъиза мехонд, часпонда буд. Ин тезисҳо далелҳои Лютерро дар баҳсҳо оид ба тафсири Библия ва расму одатҳои гуногуни динӣ дар бар мегирифтанд. Ҳарчанд Лютер ҳеҷ гоҳ Папаро ошкоро танқид накарда, ҷудошавии пурраро аз калисои католикӣ пуштибонӣ намекард, аммо фаъолияти ӯ барои рушди як ҷунбиши пурқувват дар ҷаҳони масеҳияти ғарбӣ замина гузошт, ки бо номи «Ислоҳоти протестантӣ» маъруф аст. Он бар се принсипи асосӣ бунёд ёфта буд: хусусияти истисноии Каломи Библия, наҷот тавассути имон ва имкон доштани робитаи мустақими байни инсон ва Худо бидуни миёнаравии калисо. Дар матни зерин, ки аз ҷониби Лютер ҳамчун пешгуфтор ба осори худ ба забони лотинӣ навишта шудааст, Лютер барои хонанда дар бораи тағйироти таърихии он замон ба таври муҷаз маълумот медиҳад. Ӯ интиқоди худро аз амалҳои ноодилонаи калисо шарҳ медиҳад ва инчунин, дар бораи рушди фаҳмиши худаш дар бораи эътиқоди масеҳӣ андеша меронад.

Хонандаи азиз!

Ман ба муқобили ҳамаи онҳое, ки мехостанд китобҳои маро ба табъ расонанд, ё шояд беҳтараш онҳоро маҳсули ошуфтагии таҳқиқоти шабонаи ман ном гузоранд, устуворона муқовимат мекардам. Аввалан, мехостам, ки осори муаллифони қадим зери асарҳои нави ман нопадид нашаванд ва барои хонанда дар мутолиаи осори қадима халал нарасонанд. Сониян, айни ҳол, шукри Худо, шумораи зиёди китобҳои ба таври муназзам созмонёфта вуҷуд доранд, бахусус монанди «Ҷамоатҳои Лочи», ки аз ҷониби **Филипп** навишта шуда, дар онҳо илоҳиётшинос ё **усқуф** барои мутолиаи таълимоти накукорӣ маълумоти кофӣ пайдо карда метавонад. Сеюм ва муҳимтар аз ҳама, Библия ҳоло қариб ба ҳамаи забонҳо дастрас аст. Силсилаи ҳодисаҳои номунтазам ба он оварда расонд, ки осори ман ба бесарусомонии ваҳшиёна ва бетартибона монанд буда, ки онҳоро, ҳатто, дар ҳоли ҳозир ҳам ба низом оварда наметавонам.

Аз ин сабаб ман мехостам, ки ҳамаи китобҳоям дар фаромӯшхонаи абадӣ гӯр шаванд, ки он фазоро барои мавҷудияти китобҳои беҳтар васеъ мекунад. Аммо одамони дигар бо далелҳои бебокона ва раднашавандаи худашон маро маҷбур карданд, ки барои нашри китобҳоям розӣ шавам. Онҳо исрор мекарданд, ки агар нашри осорамро ҳангоми дар қайди ҳаёт буданам ба онҳо иҷозат надиҳам, ба ҳар ҳолат, баъди маргам, бе он ки аз тартиби ҳодисаҳою сабабҳои думболагири онҳо хабаре дошта бошанд,

**Филип** –
Филип Меланхтон – олими юнонӣ ва ҳамкори Лютер дар Виттенберг

**усқуф (епископ)** –
роҳиби асосии калисо

онҳоро ба нашр мерасонанд, ки ин боиси нофаҳмиҳои боз ҳам бештар хоҳад гашт. Бароям, ҳамчунин, зарурате пеш омад, ки хоҳиш ва амри шоҳзодаи машҳури интихобшудаи мо, Иоанн Фредерикро низ ба назар гирам. Ӯ амр дод, аниқтараш, ноширонро маҷбур кард, ки ин асарро на танҳо ба табъ расонанд, балки онро дар муҳлати кӯтоҳтарин ба анҷом расонанд.

Ба ғайр аз ҳамаи ин нуктаҳо, ман аз хонанда ба номи Наҷотдиҳандаи мо – Исои Масеҳ тавалло мекунам, ки ба ин осорам дақиқкорона ё шояд бигӯям – «бо ҳамдардӣ» муносибат намояд. Хонанда бояд донад, ки ман як вақтҳо роҳиб (монах) ва аз шадидтарин пайравони Папа, ҳангоме ки ба ин шуғл даст задам, маҳсуб меёфтам. Ман ончунон сармасти таълимоти Папа шудам, ки омода будам онҳоеро бикушам ва ё дар қатлашон ширкат варзам, ки агар, ҳатто, андаке паст шудани сатҳи итоат ба Папаро ҷонибдорӣ мекарданд. Чунин **саул** ман будам ва афроди зиёд то ба ҳоло ҳам чунин боқӣ мондаанд. Ман дар дифоъ аз Папа мисли **эпикуриҳо** ва ашхоси амсоли ӯ, ки ба назари ман, Папаро бештар на барои уҳдадориҳои ҷиддӣ, балки фақат барои қонеъ кардани нафсашон дифоъ мекарданд, муносибати сард доштам. То ҳоло ба назарам чунин менамояд, ки онҳо мисли эпикуриён ба ҳоли Папа механданд. Ман ин матлабро ҷиддӣ қабул карда будам, зеро аз рӯзи Қиёмат хеле метарсидам ва бо ин ҳама мехостам нафсамро наҷот бидиҳам.

Ҳамин тавр, шумо хоҳед дид, ки ман дар асарҳои нахустинам фурӯтанона, бо тамоми шавқу ҳаваси хоссаам, бисёр чизҳои муҳимро барои Папа фидо мекардам, ки онҳоро баъдтар, то ба имрӯз ҳамчун куфр ва зишткории бузург эътироф мекунам. Аз ин рӯ, хонандаи азиз, лутфан, ин иштибоҳ ва ё ба қавли туҳматгаронаам, – ин тазодро ба замон ва таҷрибаи ман нисбат диҳед. Дар ибтидо ман танҳо будам ва албатта, хеле камақл ва камсавод будам, то ки бо чунин масъалаҳо сарукор дошта бошам. Оре, худи Худо шоҳиди ҳол аст, ки на хоҳиши худам, балки тасодуфи мутлақ маро то ба ширкат дар ин ҳараҷу мараҷ оварда расонд. Ҳангоме ки соли 1517 индулгенсияро ба маблағи ночиз мефурӯхтанд (ман гуфтан мехостам: ҳамчун мукофот тақдим мегардид), ман роҳиб, доктори ҷавони илоҳиётшиносӣ, чуноне ки онҳо маро меномиданд, будам. Ман ба боздошти таваҷҷуҳи одамон аз доду фарёди фурӯшандагони индулгенсия шуруъ намудам. Ба онҳо мегуфтам, ки онҳо корҳои беҳтаре доранд ва бовар доштам, ки дар ин масъалаҳо Папа ҷонибдори ман аст. Ба эътимоднокии ӯ бештар такя доштам, зеро ӯ дар қарорҳои хеш шумораи аз ҳад зиёди руҳониёнеро, ки гуноҳҳоро афв менамуданд, ошкоро маҳкум мекард.

Дере нагузашта, ман ду нома навиштам, яке ба номи Алберт – усқуф аз **Майнс**, ки нисфи даромади аз фурӯши индулгенсияҳои бадастомадаро мегирифт (нисфи дигарашро Папа соҳиб мешуд, ки дар он вақт аз он хабар надоштам) ва номаи дигарро ба Ҷером, усқуфи **Бранденбург.** Аз онҳо илтиҷо кардам, ки ба куфри бешармона, ки роҳибон аз тариқи фурӯши афви гуноҳҳо мефурӯхтанд, хотима бахшанд, аммо онҳо ба хоҳишам эътиборе надоданд. Каме баъдтар, «Тавзеҳот»- амро ба табъ расондам, ки дар он ба хотири эҳтиром ба Папа тасдиқ менамудам, ки афви гуноҳҳо набояд маҳкум карда шавад, аммо фаъолияти хайрхоҳона барои афви гуноҳҳо бояд ба афзалияти бештар доро гардад.



**Фурӯши индулгенсия**

**саул –**
дар давраи пештар мухолифи масеҳиён, сонитар пайрави дини масеҳӣ, ки бо номи Павели муқаддас маъруф мегардад

**эпикурӣ (пайрави Эпикур) –**
касе, ки аз лаззат қаноатмандӣ дорад

**Архиепископ –**
аға епископ

**Майнс -**
шаҳр дар Олмон

**Бранденбург -**
шаҳр дар Олмон

*Осмонро афкандам ва заминро оташ задам. Маро Папа маҳкум мекунад, ба ман амр доданд, ки ба Рим биёям ва тамоми папагароён бар зидди мани танҳо бархостанд ...*

[Дар идомаи он Лютер воқеаҳои солҳои 1518 ва 1519-ро, вақте ки муборизаи ӯ бо Калисо авҷ гирифта буд, муҳокима мекунад. Қисми навбатӣ аз посухи Лютер ба як ашрофзодаи олмоние, ки ҳама бояд ба Папа итоат кунанд, изҳор намуда буд, иборат мебошад].

Шумо аз таҷрибаи ман дармеёбед, ки бе содир кардани хато, мубориза бурдан то чи андоза душвор аст, ки онро мувофиқи меъёрҳои ягона ислоҳ кардан мумкин аст ва он ба фазли одатҳои дарозумр, табиӣ шуда метавонад. Ифодаҳои рехтаи «Аз одатҳо халос шудан душвор аст» ва «Одат – табиати ботинии дуюм аст» чи гуна дуруст будаанд. **Августин** бо гуфтори зеринаш ҳақ буд: «Агар ба одат муқобилият накунанд, он ба зарурат табдил меёбад». Дар муддати ҳафт сол ман навиштаҳои муқаддасро ба хотири он ки тақрибан ҳамаи онҳоро азёд донам, бодиққат омӯхта, таълим дода будам. Дар он вақт ман тамоми донишҳои асосиро дар бораи Масеҳ ва имон ба ӯ – дар бораи имон ба Масеҳ, ва на балки ба корҳое, ки моро ҳақ мебароранд ва наҷот медиҳанд, аз худ намудам. Ниҳоят, дар ҳамон вақт ман, аллакай, ошкоро ба ҳимояи фарзияам дар бораи он ки Папа тибқи ҳуқуқи илоҳӣ роҳбари калисо нест, оғоз карда будам. Аммо ман то ба ҳол, ба хулосаи дуруст омада натавонистам, ки Папа бояд фиристодаи шайтон бошад, зеро ҳар чизе ки аз ҷониби Худо нест, аз шайтон аст.

Тавре ки, аллакай, изҳор намудам, ман ба мазмуни намунаю унвони Калисои муқаддас ва тафаккури маъмулии худ чунон ғарқ шуда будам, ки бартарияти Папаро бар калисо ҳамчун яке аз ҳуқуққои инсон қабул мекардам. Аммо агар ин ҳуқуқ аз ҷониби қудратҳои илоҳӣ дастгирӣ наёбад, он дурӯғ хоҳад буд ва аз шайтон бармеояд. Дар ниҳояти кор мо ба волидайн ва ҳокимияти шаҳрвандиамон на барои он итоат мекунем, ки онҳо иҷрои ин корро ба мо фармудаанд, балки барои он ки, он хости Худо аст. Аз ин рӯ, ман метавонам бо нафрати камтар тоқати онҳоеро дошта бошам, ки ба Папа мечаспанд, хусусан онҳое, ки навиштаҳо ва дигар асарҳои муқаддасро нахондаанд, зеро худи ман, гарчанде ки солҳои зиёд Навиштаҳои муқаддасро бодиққат мутолиа карда бошам ҳам, то ҳоло ба папагароӣ часпидаам...

[Баъд аз муҳокимаи ихтилофоти дигар бо калисо, Лютер пешгуфторашро бо нақл дар бораи он ки ч тавр калисо ба эътиқоди таъсир расондааст, ҷамъбаст мекунад].




**САРЛАВҲАИ БИБЛИЯ**
Нашри аввали матни пурраи Библия дар Олмон, асри XVI

**Августин** (354-430 гг.) – яке аз асосгузорони дини масеҳӣ

**ғолатиён** – яке аз қабилаҳои келтӣ

Соли 1519 ман боз ба тарҷумаи Забур шуруъ кардам. Ба иллати таҷрибаи калонам, эътимоди бештарро эҳсос менамудам, зеро дар донишгоҳ бароям лозим омада буд, ки бо «Нома ба римиён», «Нома ба **ғолатиён**» ва «Нома ба Ибриён» (ниг. Аҳди Ҷадид), ки аз ҷониби Павели муқаддас навишта шуда буданд, сару-кор дошта бошам. Дар вуҷудам хоҳиши пуртуғёне барои фаҳмиши он матлаб пайдо шуд, ки дар бораи он Павели муқаддас дар номаи худ ба римиён баён намуда буд, аммо то ин дам дар пеши ман як монеа – не, хунсардии ман, балки як калима дар қисми аввал ҷой дошт: «Адолати Худо дар ӯ ифшо мешавад». Ман ин ифода – «адолати Худо»- ро чашми дидан надоштам, ки дар истифода ва мувофиқи одати устодонам ман онро аз нигоҳи фалсафӣ ҳамчун истинод бар як навъ адолати расмӣ ва фоил мефаҳмидам, яъне адолате, ки тибқи он Худо одил аст ва аз ин рӯ, гунаҳкорон ва беадолатонро ҷазо медиҳад.



Аммо, чун роҳиби бегуноҳе, ки худамро меҳисобидам, ҳис мекардам, ки дар назди Худо ман гунаҳкори дорои виҷдони хеле музтариб ҳастам. Бовар надоштам, ки Худо аз қаноатмандии ман ором шуда бошад. На танҳо он Худои одилро, ки гунаҳкоронро ҷазо медод, дӯст намедоштам, балки, ҳатто, нисбати Ӯ нафрат ҳам доштам. Дар ҳолати оромиам агар куфр нагуфта бошам, аммо дақиқан сахт нолаю шиква мекардам ва ба Худо хашм мегирифтам. Ман гуфтам: «Оё кифоя нест, ки мо, гунаҳкорони бадбахт, ки барои гуноҳи нахустин ҷовидонӣ буданамонро аз даст дода, таҳти ситами ҳамаи мусибатҳое, ки дар Даҳ Аҳком оварда шудаанд, қарор гирем? Чаро Худо дар Инҷил як бадбахтиро аз паси дигаре мерезад ва дар Инҷил бо адолат ва ғазаби Худ ба мо таҳдид мекунад? Ҳамин тавр, ман ба хашм омадам, виҷдонам ваҳшисифат ва озурда буд. Пайваста ба он порчаи «Румиён 1», ки аз ҷониби Павели муқаддас навишта шудааст, бармегаштам ва бисёр мехостам бидонам, ки ӯ дар он чӣ маъноро нуҳуфтааст.

Шабу рӯзро барои фаҳмиши он суханҳо мегузарондам, то даме ки ниҳоят бо лутфи Худо ба мазмуни матн мутаваҷҷеҳ гаштам: «Адолати Худо дар худи Ӯ ифшо мешавад». Чуноне ки навишта шудааст: «Одами одил бо имонаш умр ба сар мебарад». Ман фаҳмидан гирифтам, ки дар ин сатр адолати Худо чунин аст, ки инсони одил бо атои Худо, яъне бо имонаш, зиндагӣ мекунад. Ман фаҳмидан гирифтам, ки моҳияти ин сатр дар он ифода меёбад, ки адолати Худо маҳз дар Инҷил кушода мешавад, аммо ин адолат ғайрифаъол аст, яъне Худои бахшанда онро барои ҳақ баровардани имони мо истифода мебарад. Чунон ки гуфта шудааст: «Инсони одил бо имонаш зинда аст». Ногаҳон эҳсос намудам, ки гӯё аз нав таваллуд ва аз дарвозаи кушода вориди биҳишт шудаам. Дар он лаҳза Навиштаҳои муқаддасро бо як навъ нури нав дидам. Дар хотираам матни Китоби муқаддасро варақ задам ва дар он саҳифаҳои дигарро бо ҳамон моҳият ёфтам, яъне гуфтор дар бораи он ки офаридаи Худо чизест, ки онро дар вуҷуди мо офаридааст. Қудрати Худо дар он ифода меёбад, ки Ӯ моро тавоно мегардонад. Ҳикмати Худо дар он ифода меёбад, ки Ӯ моро доно месозад. [Ҳамаи ин] қудрати Худо, наҷоти Худо, азамати Худо аст.

Барои худам ширинтарин вожа – «адолати Худо»-ро бо ҳамон ишқи пуршӯру шавқ ба андозае, ки ҳангоми нафратам нисбат ба Ӯ пуршӯру шавқ буд, ситоиш менамудам. Ин суханони Павели муқаддас бароям дарвозаи биҳишт буданд. Баъд аз он, ман китоби Августинро «Дар бораи руҳ ва

**Чарлзи V –** шоҳи Испания

**анабаптистҳо –** баъзе мазҳабҳои мухолифназари протестантӣ, ки бар он қоиланд, ки таъмиди кӯдак аз ҷониби Библия иҷозат нест

нома» хондам, дар он ҳар чизеро, ки умед доштам, пайдо намудам. Ман дарк намудам, ки шарҳи ӯ дар бораи «адолати Худо» ҳаммонанди шарҳи ман аст. Бароямон адолати Худо чизест, ки онро бароямон Худо ҳангоми ҳақ бароварданамон ато мекунад. Ҳарчанд Августин андешаашро нокомил баён намуда, ба таври муфассал шарҳ нададааст, ки чи гуна Худо бароямон адолат ато намудааст, ба ҳар ҳол аз он хушҳолам, ки ӯ дар бораи адолати Худо, ки ба ҳамаи мо ато шудааст, сухан рондааст.

Бо ин андешаҳо мусаллаҳ шуда, ман бори дигар ба тафсири Забур машғул шудам. Ин корам метавонист ба тафсири ҳаҷман калон табдил ёбад, аммо соли оянда маро ба шӯрое даъват карданд, ки онро император **Чарлзи V** даъват карда буд ва аз ин рӯ, маҷбур шудам, ки кори оғозкардаамро дубора қатъ намоям.

Ман ба шумо, хонандаи азиз, ҳамаи инро аз он сабаб нақл мекунам, ки агар шумо барои хондани асари ман камар бандед, бояд ба назар гиред, ки ман, чуноне ки қаблан мутазаккир шудам, аз ҷумлаи ашхосе мебошам, ки онҳо, чуноне ки Августин дар бораи худаш навишта буд, ҳангоми навиштан ва [таҳияи] таълимоташон ба пешравӣ муваффақ мешаванд. Фақат ман аз он шахсоне нестам, ки ногаҳон шахси ормонӣ (ҳарчанд дар асл ин тоифаи одамон аҳамияте надоранд) шуда, кор намекунанд, даъвогари чизе нестанд, таҷриба надоранд, аммо аз ҷумлаи ононам, ки як бор ба Навиштаҳои муқаддас назар афканда, тамоми руҳияи ин навиштаҳоро аз худ мекунанд.

Фурӯши индулгенсияҳо то солҳои 1520-1521 идома дошт. Пас аз ин мушкилоти мавуҷудияти асрори муқаддас ва **анабаптистҳо** ба миён омаданд, ки дар бораи онҳо ман дар муқаддимаи яке аз асарҳои дигарам сухан хоҳам ронд, ба шарте ки, агар то ба он рӯз умр насибам гашта бошад.

То боздид, ба номи Худо, хонандаи азиз! Барои зиёд шудани қувваатон бар зидди шайтон дуо кунед, зеро вай қавӣ ва хашмгин аст. Ҳоло бошад, ӯ махсусан зишткор ва жаёнсифат аст, зеро медонад, ки вақти кам монда, шоҳигарии Папаи ӯ дар хатар аст. Худованд он чиро, ки бароямон ато намудааст, тақвият диҳад ва бигзор фаъолияташ, ки дар вуҷуди мо оғоз гардидааст, ривоҷ ёбад. Омин.

**Сарчашма:** Luther, Martin. “Preface to the Latin Works,” Readings in the Humanities: Second Year Program. S aint Anselm College, Massachusetts: Copley Custom Publishing Group, 1997, pp. 44—51.

**САВОЛҲО БАРОИ МУҲОКИМА:**

1. Чӣ Лютерро ба боварие водор кард, ки Папа тибқи ҳуқуқи илоҳӣ роҳбари калисо буда наметавонад? Агар он ҳуқуқи илоҳӣ набуда, балки як ҳуқуқи одии маъмулие бошад, ки ба Папа қудрат медиҳад, пас, чаро мо бояд ба ӯ пайравӣ кунем? Оё ҳатмӣ аст, ки Папа тибқи ҳуқуқи илоҳӣ роҳбари калисо бошад?
2. Чаро Лютер бо Худо барошуфта буд? Кадом чиз Лютерро бо Худо ба созиш овард?
3. Ба ақидаи Лютер, кадом чиз муъмини ҳақиқиро одил карда метавонад? Лютер ҳаёти одами одилро чӣ гуна шарҳ медиҳад? Лютер мегӯяд: «Инсони одил бо имонаш зинда аст». Пас, оё дар ин ҳолат инсони одил ба калисо ва Папа ниёз дорад, то суханони Худоро бишнавад ва ба онҳо пайравӣ кунад?
4. Лютер «адолати Худо»- ро чӣ гуна шарҳ медиҳад? Тафсири Лютер дар бораи Библия аз тафсири Библия аз ҷониби пайравони индулгенсия чӣ фарқият дошт?
5. Чаро, ҳатто, пас аз машҳур шуданаш, Лютер аз нашри асарҳояш даст мекашад? Ӯ ба танқиди фаъолияташ аз ҷониби дигарон чӣ гуна муносибат мекунад?
6. Лютер дар бораи одатҳо чӣ мегӯяд? Чаро, ба гуфтаи Лютер, одатҳо хатарноканд?

**САВОЛҲО БАРОИ ТАКРОР**:

1. Ба назари шумо мақоми Лютер дар баҳси байни олимоне, ки тафсири суннатӣ ва ҷадиди навиштаҳои муқаддаси динӣ исрор мекунанд, чӣ гуна аст?

**МАРДУМ**



# МИХАИЛ БАКУНИН
# ОЗОДӢ, МАРКСИЗМ ВА ДАВЛАТДОРӢ

Михаил Бакунин (1814-1876) нависандаи маъруфи сиёсӣ ва мубаллиғи асосии анархизм буд. Соли 1849 барои фаъолияти сиёсӣ ҳабс шуда, солҳои зиёд дар зиндонҳои Олмон, Австрия ва Русия умр ба сар бурдааст. Дар ибтидо ӯро ба марг маҳкум кардаанд, аммо, баъдан, ин ҳукм бознигарӣ шуда, ба ҳабси абадӣ иваз гардид. Ӯ соли 1861 аз зиндон гурехта, дар Аврупо паноҳгоҳ меҷӯяд. Бакунин дар натиҷаи баҳсу мунозирааш бо Карл Маркс шуҳрат пайдо кардааст. Вай исбот мекард, ки аз тарафи пролетариат истифода шудани давлат барои сознон ёфтани сотсиализм ба диктатура оварда мерасонад. Бакунин дар порчаи зерин овардааст, ки ҳукмронии зиёиён боиси зулми оммаи мардум мегардад. Давлат дар фаҳмиши анархист, ба зоти худаш маҷбурӣ аст. Бо мутолиаи матн андеша кунед, ки тафсири Бакунин дар бораи нақши давлат аз тафсири марксистии он чи фарқ дорад.



## БОБИ III. ДАВЛАТДОРӢ ВА МАРКСИЗМ

Барои ахлоқи шахсии инсон хавфноктар аз одати фармонфармоӣ чизе нест. Инсони беҳтарин, соҳибмаърифат, беғараз, саховатманд ва поксират дар ин шароит ногузир вайрон мешавад. Ду эҳсосе, ки ба қудрат хос аст, ҳамеша ногузир боиси ин фасод мешавад: ***нафрат нисбат ба оммаи мардум ва муболиға кардани хидматҳои худ***.

Омма нотавонии худро дар худидоракунӣ дарк намуда, маро роҳбари худ интихоб карданд. Ба ин васила, онҳо ошкоро ***ҳақирии*** худашон ва ***бартарии*** маро эътироф кардаанд. Аз байни ҳамаи ин издиҳоми одамон, ки танҳо чанд нафарашонро бо худам баробар ҳисоб мекунам, фақат ман корҳои ҷамъиятиро идора карда метавонам. Мардум ба ман эҳтиёҷ доранд, онҳо наметавонанд бе хидматҳоям фаъолият намоянд, дар ҳоле ки ман аз худам қаноатмандам, пас ин маънои онро дорад, ки мардум ба хотири беҳбудии аҳволашон, бояд ба ман итоат кунанд ва то ба роҳбарии онҳо расида, ман бояд эшонро хушбахт гардонам.

Магар дуруст нест, ки барои чӣ инсон саргумӣ мезанад ва аз ғурур асабонӣ мешавад? Ҳамин тавр, қудрат ва одати фармонравоӣ, ҳатто, барои равшанфикртарин ва бофазилаттарин одамон низ ҳамчун як сарчашмаи таҳрифи зеҳнӣ ва ҳамзамон ахлоқӣ мегардад.

Аммо, дар давлати оммавии ***Маркс***, чуноне ки ба мо гуфтанд, синфи ҳукмрон умуман вуҷуд нахоҳад дошт. Ҳамаи одамон на танҳо аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ва сиёсӣ, балки аз нигоҳи иқтисодӣ ҳам баробар хоҳанд буд. Ҳадди ақал ҳамин матлабро ваъда медиҳанд, гарчанде ки ман, бо дар назардошти шеваи анҷом додан ва масире, ки онҳо пеш гирифтаанд, шубҳа дорам, ки ин ваъда ягон рӯзе ба иҷро мерасад. Дигар синфи ҳукмрон вуҷуд нахоҳад дошт, аммо ба ҷои он ҳукумате сознон мейбад ва зимнан, андеша намоед, ҳукумати басо мураккабе ба миён меояд, ки монанди ҳукумати имрӯза бо идоракунии одии маъмурию сиёсии омма қаноатманд буда наметавонад,

**Маркс, Карл** (1818-1883) – сотсиолог ва файласуфи олмонӣ, муаллифи асосии назарияи сотсиализм ва коммунизми муосир

аммо он ҳам мардумро аз ҷиҳати иқтисодӣ идора намуда, дар дасташ истеҳсол ва тақсими баробари сарват, киштукори замин, ба кор даровардан ва рушди корхонаҳои истеҳсолӣ, ташкил ва идоракунии тиҷорат ва ниҳоят истифодаи сармояро дар истеҳсолот аз ҷониби як бонкдори ягона, яъне давлат мутамарказ хоҳад намуд. Ҳамаи ин дар ҳукумати мазкур донишҳои бузург ва зиёдии «каллаҳои пурмағз»[1]- ро тақозо мекунад.

Ин ҳокимияти **зиёиёни илмӣ**, ҳукмронии ашрофтарин, истибдодтарин, мағруртарин ва аз байни ҳамаи ҳокимиятдориҳо нафратангезтарин хоҳад буд. Синфи нав, силсилаи маротиби нави олимон ва муҳаққиқони воқеӣ ва хаёлӣ ба миён меояд ва олам ба ақаллияти бо номи донишҳо, фармонраво ва теъдоди бузурги аксариятҳои бесавод тақсим мешавад. Пас, ин оммаи бесавод ба чӣ ҳолате хоҳад расид?





**КАРЛ МАРКС**
(1818-1883) - мутафаккири барҷастаи инқилобӣ ва яке аз асосгузорони шуури сотсиалистӣ

Чунин режим дар байни ин омма норозигии зиёдеро ба вуҷуд наоварда наметавонад ва барои дар зери назорат нигоҳ доштани онҳо ба ҳукумати равшанфикр ва озодихоҳи Маркс ташкили қувваҳои ҳарбии теъдодашон на камтар лозим меояд. Ҳамаи ин, ба қавли **Энгелс**, барои он зарур аст, ки тартибу низомро дар байни ин миллионҳо бесаводҳо, ки исёни бераҳмонаашон ҳама чиз, ҳатто ҳукуматеро, ки майнаҳои пур аз мағзи сар сарварӣ мекунанд, харобу вайрон карда метавонанд, бояд таъмин намояд.

Шумо равшан мушоҳида мекунед, ки дар паси ибораҳо ва ваъдаҳои демократӣ ва сотсиалистии барномаи марксистӣ боз ҳам тамоми матлабе нуҳуфтааст, ки табиати ҳақиқатан истисморгар ва ғайриинсонии ҳамаи давлатҳоро, новобаста аз аз шакли идоракунии онҳо ташаккул медиҳад ва дар ниҳояти кор, давлати мардумие, ки онро Маркс боисрор таърифу тавсиф менамояд ва давлати ашрофию шоҳигарие, ки онро **Бисмарк** пуштибонӣ менамояд, ҳам аз нигоҳи ақлонӣ ва ҳам аз нигоҳи қувваю қудрат ҳам, дар муносибатҳои дохилӣ ва ҳам байналхалқӣ комилан якхелаанд. Дар муносибатҳои байналхалқӣ интишор додани қувваҳои ҳарбӣ айнан шабеҳи истилогарӣ аст; дар корҳои дохилӣ чунин истифода аз қувваҳои мусаллаҳ далели охирини тамоми қудратҳои сиёсии тахти таҳдид қароргирифта бар зидди оммаи халқ аст, ки аз боварӣ, умед ва итоату фармонбардории бепоён монда шуда, исён бардоштаанд.

**Энгелс, Фридрих**
(1820-1895) ҷомеашинос ва файласуфи олмонӣ, яке аз асосгузорони коммунизми муосир

**Бисмарк, Отто фон**
(1815-1889) – асосгузори империяи Немис, ки ҳамчун «Канслери оҳанин» маъруф буд

Идеяи коммунистии Маркс дар ҳамаи асарҳои ӯ ба назар мерасад; он, ҳамчунин, дар пешниҳодҳои Шӯрои умумии Иттиҳодияи байналхалқии коргарон, ки қароргоҳаш дар Лондон буд, дар Конгресси Базели соли 1869 баргузоршуда ва инчунин, дар нақшае, ки ӯ мехост моҳи сентябри соли 1870 ба Конгресс пешниҳод кунад, мушоҳида мешавад, аммо ин Конгресс бо сабаби шуруъ гардидани ҷанги байни Фаронса ва Олмон бекор гардид. Маркс ҳамчун узви Шӯрои умумӣ дар Лондон ва ҳамчун котиби масъул ва намояндаи Олмон дар Шӯро, чунон ки маълум аст, таъсири бағоят калон ва бояд эътироф кард, ки қонунӣ дошт ва аз ин рӯ, пешниҳодоте, ки аз ҷониби Шӯро дар Конгесс ба миён гузошта шуда, қисмате аз онҳо, маҳз аз доираи низом ва ширкати худи Маркс қабул гардиданд. Ба ҳамин васила, шаҳрванди Англия Лукрафт, узви Шӯрои умумӣ дар Конгресс, дар Базел чунин ақидаро ба миён гузошт, ки тибқи он, тамоми замини мамлакат бояд ба моликияти давлат гузарад ва амалдорони давлатӣ ба киштукори замин роҳбарӣ намоянд. «Ин, – илова мекунад ӯ, – танҳо дар давлати демократӣ

[1] Ишораи ҳазломези вакилони немисию амрикоӣ ба Маркс дар конференсияи Гаага-Сорже

ва сотсиалистӣ имконпазир аст, ки дар он халқ бояд идоракунии сазовори давлатро бодиққат назорат кунад».

Чунин парастиши давлат, умуман, хосияти асосии сотсиализми олмонӣ мебошад. Лассал ҳамчун бузургтарин мубаллиғи сотсиалистӣ ва асосгузори ҳақиқии Ҳаракати иҷтимоӣ дар Олмон, барои андеша намудан дар ин бора вақти зиёдашро сарф мекард. Ӯ барои коргарон ба ғайр аз қувваи давлат, ки дар он коргарон, ба ақидаи ӯ, мебоист худашон ба василаи овоздиҳии умумӣ идора менамуданд, наҷоти дигареро намедид.

**Сарчашма**: Bakunin, Mikhail. “The State and Marxism.” Marxism, Freedom and the State. Translated by K.J. Kenafick. Freedom Press: London, 1950. Online version. Bakunin Reference Archive (marxists.org), 1999.

URL : http://www.marxists.org.

**САВОЛҲО БАРОИ МУҲОКИМА:**

1. Чаро Бакунин моро аз «одати фармонфармоӣ» ҳушдор медиҳад?
2. Оё ӯ бовар дорад, ки дар давлати марксистӣ синфи имтиёзнок вуҷуд нахоҳад дошт?
3. Ҳукумате, ки аз афроди «майнаашон пури мағзи сар» иборат аст, чӣ хатар дорад?
4. Чӣ тавр, ба андешаи Бакунин, дар давлати марксистӣ оммаи бесавод зери истибдоди ақаллияти зиёиён қарор мегирад?

**САВОЛҲО БАРОИ ТАКРОР**:

1. Кӣ ва чаро, ба ақидаи Бакунин, дар шарҳу эзоҳи давлат аз ҷониби Маркс қудрат дорад?
2. Аз нигоҳи шумо оё Бакунин бо Ибни Ҳанбал дар масъалаи он ки «ҳар кас бояд дар баробари фармудаҳои Худо босабр бошад», розӣ шуда метавонист? Агар не, чаро?
3. Дар пешгуфтор ба «Осори лотинӣ» Лютер кӯшиш мекунад, ки одамонро аз харидани индулгенсияҳо боздорад ва мегӯяд, ки онҳо бар зидди тафсири ҳақиқии динӣ қарор гирифтаанд. Оё шумо розӣ шуда метавонед, ки Бакунин низ дар асараш одамонро барои нагаравидан ба идеологияи марксистӣ даъват мекунад? Тафсир дар асарҳои Лютер ва Бакунин чӣ нақш дорад?



**ТАСВИРИ ДОХИЛИИ МАЪБАДИ МАСЕҲИИ КАПЕЛЛА**
Жан Огюст Доминик Ингрес, рассоми фаронсавӣ (1780-1867)

# ШӮРОИ УМУМИИ КАЛИСОИ ВАТИКАН ҚАРОР ДАР БОРАИ МАЪСУМИЯТИ ПАПА

Шӯрои I умумии калисои Ватикан (Шӯрои XX ҷаҳонии католикӣ) 8 декабри соли 1869 оғоз шуда, 20 октябри соли 1870 ба анҷом расид. Барои ширкат дар ин он аз кишварҳои мухталифи Аврупо ба Рим илоҳиётшиносҳо ва фақеҳон, ки ба рӯҳониёни дунявӣ ва муқаррарӣ тааллуқ доштанд, даъват шудаанд. Сарфи назар аз он ки, қарори Шӯро қисми асосии ҷаҳони католикиро руҳбаланд намуд, дар Англия, Германия ва Франсия ихтилофи назарро ба миён овард. Бахусус, масъалаи маъсумияти Папа, яъне дар бораи он ки Папа аз хатоҳо орӣ ва ё ҳифзшуда аст, ихтилоф дошт. Матни навбатӣ, ки соли 1870 нашр шудааст, маъсумияти Папаро шарҳ медиҳад. Ба қудрате, ки роҳбари Калисо барои тафсири навиштаҳои динӣ ба даст овардааст, таваҷҷуҳ намоед.

Дар асоси бурҳонҳои аз Навиштаҳои муқаддас гирифташуда ва бо риояи фармонҳои одӣ ва возеҳи ду пешгузаштаи мо – Папаи Рим ва **Шӯрои умумӣ**, мо таърифи **Шӯрои умумиҷаҳониро** дар Флоренсия таҷдид мекунем, ки ба шарофати он ҳар як масеҳии муъмин бояд ба накӯкорӣ боварӣ дошта бошад, ҳамон тавре ки ӯ эътиқод бар он дорад, ки тахти муқаддаси Папа ва худи Папа бар тамоми ҷаҳон бартарӣ дорад ва Папаи Рим пайрави **Пётри** муборак – шоҳзодаи тамоми ҳавворийён, – ноиби ҳақиқии Масеҳ, сарвари тамоми Калисо, падар ва муаллими ҳамаи масеҳиён мебошад ва эътиқод бар он ки ин қудрати пурра ба ӯ аз ҷониби Пётри муборак дода шудааст, то ки Калисои Умумиҷаҳониро ба номи Исои Масеҳ, ҳокими мо, чуноне ки дар ҳуҷҷатҳои консулгарии умумӣ ва **қонунҳои муқаддас** зикр шудааст, идора кунад, ғизо диҳад ва роҳбарӣ намояд.

Ҳамин тариқ, мо эълом медорем ва эълон мекунем, ки бо таъйини Худованди мо, **Калисои Рим** дар қудрати ҳокимият ба таври «муқаррарӣ» бар ҳамаи калисоҳои дигар бартарӣ дорад ва ин қудрати воқеан усқуфии Папаи Рим салоҳияти фавқулодаи ӯст. Вазифаи итоаткорӣ аз рӯи **силсилаи мартабаҳо** ва фармонбардории ҳақиқӣ, новобаста аз он ки онҳо чи гуна расму ойин ва фазилат доранд, – хоҳ пасторҳо ё диндорон, хоҳ афроди алоҳида ё гурӯҳи одамон, ба ин қудрат итоат мекунанд. Онҳо бояд на танҳо дар масъалаҳои имон ва ахлоқ, балки ҳамчунин дар масъалаҳои интизом ва ҳокимияти калисо дар саросари ҷаҳон итоат кунанд, то ки калисои Масеҳ бо нигоҳ доштани ягонагии эътиқод ва имони ягона бо Папаи Рим таҳти роҳбарии як пастор ба рамаи ягона мубаддал гарданд. Ин таълимоти ҳақиқати католикӣ аст, ки ҳеҷ кас наметавонад бидуни аз даст додани имон ва эътиқод ба наҷот аз он даст кашад.

Гузашта аз он, аз ин қудрат, ки ба Папаи Рим дар ҳукмронии Калисои умумиҷаҳонӣ таалуқ дорад, бармеояд, ки вай ҳақ дорад бо пасторҳои тамоми Калисо ва рамаи онҳо, ки метавонад онҳоро дар руҳияи наҷот тарбия кунад, озодона ҳамкорӣ намояд. Аз ин рӯ, мо ақидаи онҳоеро маҳкум ва рад мекунем, ки тибқи он, муоширати байни ин роҳбари ҳокимро бо пас-

**Шӯрои умумӣ –**
шӯрои олии калисо

**Шурои экуменикӣ –**
маҷолиси қонунӣ даъватшудаи ходимони калисо ва мутакаллимони масеҳӣ

**Пётр –**
яке аз маъруфтарин ҳавворийёни дувоздаҳгона, ки дар сархати аввал, дар Инҷил зикр шудааст

**қонун –**
қонунҳои Шӯрои калисо

**Калисои Римӣ –**
калисои насронӣ таҳти роҳбарии Папа, усқуфи Рим

**Силсилаи маротиб –**
мансабҳое, ки аз рӯи дараҷаи рутбаҳои фаъолият ташкил карда шудааст



ПОП ҶОН ПОЛИ II ДАР ВАТИКАН

торҳо ва рамаҳои онҳо ба таври қонунӣ мутаваққиф кардан мумкин аст ва инчунин, онҳое, ки мехоҳанд ин мулоқотро ба мавзуи хости ҳокимияти дунявӣ таҳвил диҳанд ва он ҳам ба хотири исботи матлаби зерин, ки ҳар гуна фаъолияте, ки мансаби Папа ва ё ваколатдорони ӯ барои роҳбарии Калисо ба иҷро мерасонанд, то даме ки аз ҷониби ҳокимияти дунявӣ эътироф наёбад, на қувва ва на ҳуқуқи қонунӣ дошта наметавонад.

Ба иллати он ки ҳуқуқи илоҳии волоияти ҳаввории Папаи Рим аз Калисо болотар аст, мо эълом медорем ва қароре мебарорем, ки ӯ қозии олии муъминон аст ва қароре, ки калисо ба тасвиб мерасонад, барои баррасӣ ба ӯ пешниҳод шуда метавонад ва ҳеҷ кас, ки дар муқоиса бо ӯ ваколати бузургтаре надорад, ҷуръат пайдо намекунад, ки қарори воломақомро рад кунад ё ба таври қонунӣ онро мавриди бознигарӣ қарор диҳад. Ана дар ҳамин ҷо онҳое, ки тасдиқ мекунанд, ки бознигарии қарорҳои Папа дар Шӯрои умумиҷаҳонӣ, ки нисбат ба қудрати Папа салоҳияти бештар дорад, қонунист, – аз масири дуруст берун рафтаанд.

Ва агар ҳоло ҳам касе барои эълом намудан ҷуръат пайдо кунад, ки дафтари кории Папа барои тафтиш ва тасвиб вуҷуд дорад ва он қудрати олии салоҳияти қонунгузориро бар Калисои умумиҷаҳонӣ на фақат дар масъалаҳои эътиқод ва ахлоқ, балки дар масъалаҳои тартибу низом ва роҳбарии калисо, ки дар саросари ҷаҳон ҷойгир аст, низ надорад ё эълом доштани он ки Папа на соҳиби ҳокимияти олии комил, балки танҳо қудрати асосӣ буда, ҳокимияти ба ӯ тааллуқдошта бар ҳар як фард ва ҳамаи калисоҳо, ҳар як пасторҳо ва муъминон дар маҷмуъ фавқулода ва фаврӣ нест ва пас, ба сараш лаънату нафрин хоҳад борид.

Бинобар ин, ба суннатҳое, ки ҳамзамон бо эътиқоди масеҳӣ ба вуҷуд омадаанд, содиқ монда, барои ҷалоли Худо, Наҷотдиҳандаи мо, боло бардоштани нуфузи дини католикӣ ва наҷоти масеҳиён, бо иҷозати Шӯрои муқаддас, мо таълимоти нозилшудаи илоҳиро дар бораи он эълон мекунем, ки ҳангоме ки Папа аз болои тахти худ сухан меронад, дурусттараш, ҳангоме ки ӯ вазифаи худро ҳамчун ҳаввор ва муаллими тамоми масеҳиён тарк мекунад, ки барояш қудсияти ҳокимияти ҳаввории ӯро иҷозат медиҳад , то ки бо кумаки муқаддаси Пётри муборак таълимотеро эълон кунад, ки ба эътиқод ва ахлоқи Калисои умумиҷаҳонӣ тааллуқ дорад ва пас ӯ ҳамон маъсумиятро доро хоҳад гашт, ки Наҷотдиҳанда ба Калисои хеш ато кардааст, зеро маҳз он таълимоти эътиқод ва ахлоқро муайян мекунад. Аз ин рӯ, тағйир додани чунин таърифи Папа на аз қудрати ин таъриф ва на таҳримҳои калисо вобаста аст.

Аммо агар касе ҷуръат кунад, Худо аз он нигоҳ дорад, ки ба ин таърифи мо мухолифат варзад, бигзор таҳти лаънату нафрин қарор гирад.

**Сарчашма**: The Vatican Council. “Papal Decree of Infallibility, 1870.” Readings in Modern European History. Translated and edited by James Harvey Robinson and Charles A. Beard, vol. 2. Boston: Ginn & Company, 1909, pp. 180-182.

**САВОЛҲО БАРОИ МУҲОКИМА:**

1. Чаро Папа «бар тамоми ҷаҳон соҳибихтиёрӣ» дорад?
2. Итоат накардан ба таълимоти Папа чӣ оқибат дорад?
3. Оё қудрати Папа аз ҳукумат болотар аст? Фарқи байни ваколатҳои онҳо чӣ гуна аст? Ҳокимияти Папаро кӣ муқаррар мекунад ва оё он қонунӣ аст?
4. Тафсири анъана ва фарҳанги масеҳӣ дар ҳокимияти Папа чӣ гуна нақш мебозад?
5. Тибқи матн ҳар касе, ки қудрати Папаро инкор мекунад, бояд таҳти лаънату нафрин қарор гирад. Оё шумо бо ин изҳорот розӣ ҳастед? Шумо метавонед далелҳои худро дар асоси матнҳои қаблан омӯхташуда бунёд созед.

**САВОЛҲО БАРОИ ТАКРОР**:

1. Бакунин ба қарори Шӯрои Ватикан дар бораи он ки «Папа қозии олӣ бар муъминон аст» чӣ гуна муносибат мекард?
2. Шӯрои олии калисои Ватикан ба саволҳои фалсафии Лютер дар бораи шахсият, калисо ва имон чӣ гуна ҷавоб дода метавонист? Аз нуқтаи назари шумо, оё Лютер бо Шӯрои олии калисои Ватикан розӣ мешуд ё на ва чаро? Аз нигоҳи шумо мавқеи Шӯрои олии калисои Ватикан бо баҳс дар бораи тафсири ақлонӣ ва адабии Қуръон, ки дар осори Лестер зикр шудааст, чӣ иртибот дорад?



**ЛЕНИН ҲАМЧУН ДОҲӢ**
Бо гузарондани қисмати зиёди умраш дар бадарға, ба Ленин муяссар гардид, ки барои ИнқилобиИнқилоби Кабири Сотсиалистии Октябр ба шахсияти ҳаётан муҳим табдил ёбад. Ин сурат нишон медиҳад, ки ӯ чи тавр дар намоиши Май ба омма муроҷиат карда истодааст. 1 майи соли 1919.

# ВЛАДИМИР ИЛИЧ ЛЕНИН ЧӢ БОЯД КАРД?



В. И. Ленин (1870-1924) роҳбари ҳаракати болшевикӣ ва Инқилоби Сотсиалистии соли 1917 дар Русия буд. Вай ҳамчун раиси **РСДРП (б)** (Ҳизби сотсиал-демократии коргарии Русия (болшевикӣ)) ба рушди ибтидоии давлати сотсиалистии Русия таъсири калон расондааст. Азбаски асарҳои Маркс ба сохтмони ҷамъияти сотсиалистӣ бевосита дахл накарда, бештар бо танқиди капитализм иртибот дошт, Ленин дар бораи бо роҳи аз сотсиализм ба коммунизм пеш бурдани омма фаҳмиши худро пешниҳод намуд. Консепсияи вай, ки бо номи марксизм-ленинизм машҳур аст, чунин талқин мекунад, ки гурӯҳи одамоне, ки аз байни пролетариат интихоб шудаанд, ҳизби ҳукмронро ташаккул намуда, пролетариатро роҳбарӣ мекунанд. Аммо бар хилофи фаҳмиши марксистӣ дар бораи ҷамъияти синфӣ, ҳизби пешрави ленинӣ пешкаш намуд, ки ҷомеа ба фармонравоён ва фармонбардорон тақсим карда шавад. Дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ ҳукуматҳои баъдӣ бо истифода аз ғояҳои ӯ режими худкомаи Ҳизби коммунистиро таъсис доданд, зеро ҳадафи он раҳнамоӣ кардани мардум ба сӯиояндаи муқарраршуда буд. Дар порчаи поён Ленин ба шароите таваҷҷуҳ меварзад, ки дар он Ҳизби сотсиал-демократии коргарии Русия (болшевикӣ) фаъолият мебурд, сабабҳои маҳдуд кардани озодии баён ва асоснокие, ки дар ин ҳизб вуҷуд доштани танҳо доираи танги инқилобгаронро тавсиф мекунад, тавсия меёбанд. Баъди мутолиаи матн андеша кунед, ки чи тавр рад кардани танқид ба Ленин имкон дод, ки ҳокимияти худро мустаҳкам намуда, ҳокимияти сиёсиро барқарор кунад.

«Озодии танқид» дар замони мо, бешубҳа, шиори маъмултаринест, ки бештар дар баҳсҳои байни сотсиалистҳо ва демократҳои ҳамаи мамлакатҳо истифода мешавад. Дар назари аввал чизи аҷибтареро дар муқоиса бо ин ишораҳои мутантани яке аз ҷонибҳои вориди баҳс ба озодии интиқод тасаввур кардан душвор аст. Наход аз миёни аҳзоби пешбар садоҳо бар зидди он қонуни конститутсионии аксарияти кишварҳои аврупоӣ, ки озодии илм ва пажӯҳишҳои илмиро таъмин мекунад, шунида шавад? «Дар ин ҷо ягон гапе ҳаст!» – чунин хитоб мекард ҳар як одами бегона, ки дар тамоми чорроҳаҳо шиори маъмулшударо такрор ба такрор шунида бошад ҳам, вале ҳанӯз ба моҳияти ихтилофи афкори байни мубоҳисагарон сарфаҳм нарафтааст. «Ин шиор, возеҳ аст, яке аз он вожаҳои шартист, ки ба мисли лақабҳо аз тариқи истифодаи онҳо бо номҳои манфӣ хусусияти қонунӣ касб менамоянд». [...]

Озодӣ мафҳуми бузург аст, вале дар зери ливои озодии саноат ҷангҳои аз ҳама ғоратгарона бурда, дар зери ливои озодии меҳнат – меҳнаткашон ғорат карда мешуданд. Ба ҳамин монанд, дурӯғи ботинӣ дар истифодаи имрӯзаи калимаи «озодии интиқод» ба кор меравад. Одамон дар ҳақиқат мутмаин бар он ки онҳо илмро ба пеш бурдаанд, на озодии ақоиди навро дар баробари ақидаҳои куҳна, балки иваз кардани назари куҳнаро бо нави он талаб менамуданд. Ва нидоҳои замонавии «Зинда бод озодии интиқод!». аз ҳад зиёд афсонаи хумдони холиро ба хотир меорад.

Мо дар як тӯдаи зич бо роҳи пурпечутоб ва мураккаб даст ба даст гирифта, роҳ мепаймоем. Моро аз ҳар тараф душманон иҳота кардаанд ва

**РСДРП (б) –**
Ҳизби сотсиал-демократии коргарии Русия (болшевикӣ), номи Ҳизби коммунистӣ дар солҳои 1917-1918.

бароямон лозим меояд, ки мо бояд тақрибан ҳамеша дар зери оташи онҳо қадам занем.

Мо бо як қарори озодона қабулшуда маҳз барои он муттаҳид шудем, ки бо душманон мубориза барем ва ба ботлоқи ҳамсоя, ки сокинонаш аз аввал моро барои он сарзаниш мекарданд, ки мо ҳамчун гурӯҳи махсус ҷудо шуда, на фармонбардорӣ, балки роҳи муборизаро интихоб намудем, ғӯта нахӯрем. Ва инак, баъзе аз аъзои мо фарьёд мезананд: биёед ба ин ботлоқ равем! – ва ҳангоме ки онҳоро мазаммат мекунанд, онҳо эътироз баён мекунанд: шумоён ин қадар одамони ақибмондаед! Ва чи қадар бевиҷдонона моро аз озодии даъват кардани шумо ба роҳи беҳтаре маҳрум месозед! – «Ҳа, ҷанобон, шумо на танҳо дар роҳи даъват озод ҳастед, балки ба ҳар ҷое, ки бароятон созгор бошад, ҳатто, ба ботлоқ ҳам рафта метавонед; мо, ҳатто, дармеёбем, ки ҷои аслии шумо маҳз дар ботлоқ аст ва мо омодаем ба шумо барои интиқол ёфтанамон ба он ҷо ҳамаҷониба кумак расонем. Аммо баъд танҳо дастҳои моро ба ҳолаш бигузоред, ба домани мо начаспед ва калимаи бузурги «озодӣ»- ро ифлос накунед, зеро мо ҳам озодона ба ҳар ҷое, ки хоҳем, меравем, озодона на фақат бар зидди ботлоқ, балки ба муқобили онҳое, ки ба сӯи ботлоқ рӯ меоваранд, мубориза мебарем! [...]

Мо гуфтем, ки коргарон шуури сотсиал-демократӣ дошта наметавонанд. Онро танҳо аз берун ворид кардан мумкин буд. Таърихи ҳамаи мамлакатҳо шаҳодат медиҳад, ки синфи коргар қотеан тавассути қувваи хеш шуури **тред-юнионистӣ**, яъне бовар ба зарурати дар иттифоқҳо муттаҳид шудан, ба муқобили хоҷагонашон мубориза бурдан, водор сохтани ҳукумат барои тасвиби қонунҳои муайяне, ки барои коргарон зарур аст ва ғайраро коркард намуда метавонад. Таълимоти сотсиализм бошад, аз ҳамон назарияҳои фалсафӣ, таърихӣ ва иқтисодӣ тавлид ёфтааст, ки онҳоро намояндагони табақаҳои бомаърифати доро ва зиёиён таҳия намудаанд. Асосгузорони сотсиализми илмии имрӯза Маркс ва Энгелс низ аз нигоҳи мавқеи иҷтимоиашон ба зиёиёни **буржуазӣ** тааллуқ доштанд. Айнан, ҳамин тавр, дар Русия таълимоти назариявии сотсиал-демократия комилан мустақил аз афзоиши бенизоми ҳаракати коргарӣ ба миён омада, он ҳамчун натиҷаи табиӣ ва ногузири инкишофи афкори зиёиёни инқилобии сотсиалистӣ зуҳур намуд. [...]

**буржуазӣ –** мутааллиқ ба табақаи миёнаҳоли ҷомеа

Вале тайёр набудани аксарияти инқилобгарон, ки ҳодисаи комилан табиӣ буд, ба ягон хел хатари махсус мусоидат карда наметавонист. Азбаски гузориши вазифаҳо дуруст буд ва азбаски барои кӯшишҳои такрории анҷом додани ин вазифаҳо қувваи зарурӣ вуҷуд дошт, – нокомии муваққатӣ танҳо нисфи мушкилот маҳсуб меёфт. Соҳибтаҷрибавии инқилобӣ ва маҳорати созмондиҳӣ чизҳое мебошанд, ки онҳоро бояд ба даст овард. Фақат хоҳиши дар худ инкишоф додани хислатҳои зарурӣ муҳим буду бас! Фақат дарки камбудиҳое зарур буд, ки дар фаъолияти инқилобӣ ба бештар аз нисфи ислоҳ баробар аст!

Аммо нисфи бадбахтӣ, ҳангоме ба бадбахтӣ табдил ёфт, ки шуур ҷило медод (ва он дар вуҷуди роҳбарони гурӯҳҳои номбаршуда хеле фоил буд), ҳангоме ки одамон ва, ҳатто, мақомоти сотсиал-демократӣ, ки омода буданд аз нигоҳи назариявӣ *фармонбардории кӯр-кӯрона* ва *тобеияташонро дар пеши бенизомӣ* асоснок намоянд, ба майдон омаданд. [...]

Азбаски дар бораи идеологияи мустақил, ки аз ҷониби оммаи коргарон дар масири ҳаракати онҳо коркард мешавад, сухане ҳам рафта наметавонад, пас ягона масъала чунин хоҳад буд: идеологияи буржуазӣ ё сотсиалистӣ. Дар ин ҷо мавқеи мобайнӣ ҷой надорад (зеро инсоният ягон хел идеологияи «сеюм»- ро ба вуҷуд наовардааст ва умуман, дар ҷомеае, ки бо зиддиятҳои синфӣ аз ҳам ҷудо шудааст, ҳеч гоҳ идеологияи беруназсинфӣ ё фаросинфӣ вуҷуд дошта наметавонад). Бинобар ин, ҳар гуна паст задани идеологияи сотсиалистӣ, ҳар гуна *хориҷшавӣ* аз он маънои тақвият ёфтани идеологияи буржуазиро дорад. Дар бораи бенизомӣ ҳарф мезананд. Аммо рушди *бенизоми* ҳаракати коргарӣ маҳз ба сӯи тобеияти он ба идеологияи буржуазӣ мерасонад...

Ман метавонистам таҳлили намунавии ойинномаи худро давом диҳам, вале ба фикрам, гуфтаҳо кофианд. Як гурӯҳи бунёдии боэътимодтарин, пуртаҷриба ва обутобёфтатарини коргарон, ки дар ноҳияҳои асосӣ дорои одамони боваринокаш буда, мувофиқи тамоми қоидаҳои махфии қатъитарин бо ташкилоти инқилобӣ алоқаманд аст, комилан метавонад, ки бо ёрии васеи омма ва бе ягон расмиёт ҳамаи вазифаҳоеро, ки ба зиммаи ташкилоти ҳирфаӣ гузошта шудааст, ба иҷро расонад ва зиёда аз он, маҳз тарзе ба иҷро расонад, ки барои сотсиал-демократия матлуб бошад. Фақат бо ҳамин роҳ, сарфи назар аз хоҳиши ҳамаи жандармҳо, ба *мустаҳкам шудан* ва инкишоф ёфтани ҳаракати иттифоқҳои касабаи социал-демократӣ ноил шудан мумкин аст.

Ба ман эътироз мекунанд, ки созмон то ба дараҷае **lose** аст, ки умуман ба расмият дароварда нашудааст, ҳатто, дар он ягон аъзои маъруф ва ба қайд гирифташуда вуҷуд надоранд ва пас, ташкилот ном гирифта наметавонад. Шояд. Ман аз қафои ном намедавам. Аммо ҳар чизе, ки лозим бошад, ин «ташкилоти беаъзо» аз худи ибтидои он робитаи устувори тред-юнионҳои ояндаи моро бо сотсиализм таъмин мекунад. Аммо ҳар касе, ки талабгори ташкилоти васеи коргарон бо интихобот, ҳисобот, интихоботи умумӣ ва ғайра дар ҳадди мутлақи онҳо бошад, ӯ хаёлпарастиислоҳнашаванда мебошад.

Моҳияти ин кор одӣ аст: агар мо аз созмондиҳии устувори ташкилоти қавии револютсионерон шуруъ кунем, дар он сурат устувории ҳаракатро умуман таъмин намуда, ҳам ҳадафҳои сотсиал-демократӣ ва ҳам ҳадафҳои хоссаи тред-юнионҳоро ба иҷро хоҳем расонд. Агар мо аз ташкилоти васеи коргарон, ки гӯё бештар «дастрас»- и омма аст (дар ҳақиқат бошад, он барои жандармҳо дастрастар буда, инқилобгаронро барои политсия дастрастар мегардонад), шуруъ намоем, дар он сурат мо на ба ин ва на ба он ҳадаф хоҳем расид...

**lose –**
озод, васеъ (франс.)

**тред-юнионизм –**
равияе дар ҳаракати коргарӣ ва иттифоқҳои касабаи кишварҳои капиталистӣ, ки гузарондани ислоҳоти маҳдудро дар доираи сохтори ҳукмрони мавҷуда пайгирӣ мекунанд.

**Сарчашма**: Ленин, Владимир. Что делать? Наболевшие вопросы нашего движения // М.: Издательство политической литературы, 1976. С. 6-9, 28-30, 36-37, 108-109.



**САВОЛҲО БАРОИ МУҲОКИМА:**

1. Чаро Ленин мутмаин аст, ки интиқоди идеологияи сотсиалистӣ имконнопазир аст?
2. Чаро, ба қавли Ленин, «озодии танқид» ба идеологияи сотсиалистӣ хатар дорад?
3. Кӣ шуури сотсиал-демократиро ба коргарон ато мекунад? Оё он аз берун таҳмил карда мешавад?
4. Идеологияи сотсиалистиро кӣ бояд дастур диҳад ва чаро?
5. Чаро, ба андешаи шумо, Ленин тайёр буд, ки «озодӣ»- ро ба хотири «субот» қурбон кунад?

**САВОЛҲО БАРОИ ТАКРОР**:

1. Чаро Ленин бо «озодии танқид» розӣ нест? Ба фикри шумо, оё далели Ленинро дар бораи озодии интиқод бо ревизионизм ва тафсирҳое, ки аз ҷониби мутафаккирони либерали ислом, ба мисли Аркун, Ҳусайн ва Абусаид дар китоби Лестер бо номи «Қуръон чист?» оварда шудаанд, муқоиса кардан мумкин аст?
2. Ба андешаи шумо, оё Шӯрои Ватикан ва Ленин дар масъалаи инкор кардани тафсири радшуда ва душманона дар бораи нуфузи мутлақи идеологӣ [динӣ, дар мисоли Шӯрои олии Ватикан] ҳаммонанданд?
3. Тафовути тафсири Бакунин ва Ленин дар бораи «давлати одамон» дар чист?
4. Чӣ тавр ҳокимият барои муқаррар намудани қоидаҳои муайяни сиёсӣ дар ҷомеа кумак мерасонад?
5. Ба фикри шумо, Бакунин ба ғояи Ленин дар бораи «муттаҳид кардани гурӯҳи кӯчак, маҳдуд ва бонуфуз, ки аз коргарони боэътимодтарин ва пуртаҷрибатарин иборат аст... бо ҳадафи ба иҷро расонидани тамоми вазифаҳои ташкили мардуми омма чӣ тавр ҷавоб дода метавонист?

# АБДУЛЛОИ БУБӢ
# ОЁ ЗАМОНИ ИҶТИҲОД ГУЗАШТААСТ?

Абдуллои Бубӣ (1871-1922) омӯзгори маъруф ва илоҳиётшиноси ислоҳотхоҳи Тотористон буд. Абдулло ва бародараш, ки дар миёни ҷадидон бо номи бародарони Бубӣ маъруфанд, дар зодгоҳашон мактаби ислоҳоти исломиро таъсис доданд. Бо вуҷуди дар масофаи дур ҷойгир будани деҳаашон, ин мактаб бо муносибати хоссаааш ба таълими динӣ дар байни мусулмонони саросари империяи Русия машҳур гашта буд. Дар мактаб ба ҷуз дарсҳои муқаррарии исломӣ, фанҳои гуногуни дунявӣ, аз ҷумла омӯзиши забонҳои хориҷӣ низ пешниҳод мегардиданд. Дар баробари омӯзгориаш, Бубӣ ақидаҳои либералии исломии худро дар Конгресси мусулмонон инкишоф дод. Вай ҳуқуқҳои демократӣ ва ҳуқуқи овоздиҳии занонро ҷонибдорӣ мекард. Соли 1911 бародарон Бубиро ба кирдорҳои зиддиҳукуматӣ муттаҳам намуда, мактабашонро бастанд. Ҳукумати Русия исрор мекард, ки фаъолияти онҳо ғайриқонунӣ буд, зеро бародарон бо ҳизби пантуркистии усмонӣ робитаи наздик доштанд ва онҳо ақидаҳои панисломиро тарғиб намуда, мехостанд ба низои таърихии байни шиаҳо ва сунниҳо хотима бахшанд. Абдулло Бубӣ на танҳо ба омӯзгорӣ машғул буд, балки якчанд асарҳои динӣ низ навиштааст. Бубӣ дар порчаи пешниҳодшудаи зерин ба ҷуз ақидаҳои ислоҳотпарастӣ тасдиқ мекунад, ки ислом бояд барои тафсир кушода бошад ва одамон набояд бо ҳукмҳои уламое, ки дар асрҳои гузашта мезистанд, маҳдуд гарданд. Бубӣ мегӯяд, ки озодии баён бо қудрати Қуръон таъмин аст.




**АЙБДОРКУНӢ ДАР БИДЪАТ**
Муллоҳо ба Исмоил-бей Гаспринский бо иттиҳоми ӯ ба бидъат ва пайравӣ аз усулҳои нав, ки хилофи шариатанд, ҳуҷум мекунанд

Тафаккури инсон рӯз ба рӯз инкишоф меёбад ва оқибати ин пешравиро, ҳатто, одамони бесаводтарин ва аблаҳтарин ҳам нодида наметавонанд. Имрӯзҳо тасдиқи матлабе, ки тибқи он, «фаҳмиши Қуръон фақат барои касоне имкон дорад, ки дар гузашта умр ба сар бурда, мурдаанд ва то интиҳои вақт дигар таваллуд нахоҳанд шуд», содалавҳона аст. Инчунин, аблаҳона барои посух додан ба чунин изҳорот вақти гаронбаҳоро сарф кардан аст. Аммо вақте ки ҳама чиз тавре рух медиҳад, ки мутобиқ ба хоҳиши шумо аст? Ман мехостам, ки ҳақиқат дар байни ҳар гуна хаёлҳо гум нашавад. То ки ин гуна иштибоҳҳо бо номи илм эҷод нашаванд ва мо маҷбур нашавем, ки барои онҳо раддияю инкор ҷустуҷӯ намоем.

Кӣ тасаввур мекард, ислом, ки пояи он ақлу тафаккур аст ва дар ҳар як қарораш ба ақлу тафаккур руҷуъ менамояд, дар бораи ҳар пешниҳодаш аз озодии **иҷтиҳод** маҳрум ва зери юғи **тақлид** андохта мешавад? Кошкӣ ҳамаи ин фақат маҳсули тахайюл мебуд. Он гоҳ мусулмонон бо ин гуна мушкилот рӯ ба рӯ намеомаданд. Аксаран, кӯдакон мафтуни фаъолияти калонсолон шуда, кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки дар ҳама чиз ба онҳо тақлид кунанд, ҳатто, агар рафтори калонсолон дар мисоли истеъмоли машруботи спиртӣ бад ҳам бошад. Ҳамин тавр, баъзе аз мусалмонони муосир аз гузаштаи ҳақиқии мусалмонон надониста, ба асли ҳастии онон сарфаҳм нарафта, аз пайи равиши онҳо мераванд ва, ҳатто, баъзе амалҳои онҳоро, ки марговаранд, кӯр-кӯрона такрор мекунанд. Мутаассифона, фақат инҳо мушкилоти ягона нестанд. Истифодаи тақлид то ба ҳадде интишор ёфтааст, ки сохтори худи исломро вайрон карда, дар натиҷа ислом аз роҳи ҳақиқии худ дур афтодааст. Зери тозиёнаи зулм нури ислом қариб хомӯш

**иҷтиҳод –**
саъю кӯшиш барои ташаккул додани оро ва ё содир намудани хулосаҳои фиқҳӣ дар бораи ягон масъалае, ки дар бораи он дар Қуръон ё суннат ишораи возеҳ ҷой надорад

**тақлид –**
пайравӣ ба фақеҳони бузург

мешавад. Маҳз тақлид уламои муосири фиқҳи исломро водор кардааст, то дар бораи ҳайзи занон садҳо саҳифа бинависанд ва он мавзуест, ки, ҳатто, дар Қуръон зикр нашудааст, дар ҳоле ки ахлоқ, ки ба он бахши аъзами Китоби муқаддаси мусалмонон бахшида шудааст, умуман мавриди таваҷҷуҳи эшон қарор нагирифтааст. Беҳтар мебуд, ки агар онҳо ба ҷои тамринҳо бо қонунҳои динӣ, ақаллан, даҳяки вақташонро ба баррасии арзишҳои ахлоқии Қуръон сарф мекарданд. Агар онҳо ин маслиҳатро думболагирӣ менамуданд, шояд ҳоло мусалмонон дар ҳолати ҷаҳолат ва ранҷу азоб боқӣ намемонданд. Агар мусулмонони муосир мисли гузаштагони худ бар асоси ҳукмҳои мантиқиашон хулоса мебароварданд, эҳтимолан, иттиҳоми куфр ва на ягон сухани бадбинона ҷой намедошт. Танҳо шайтон бар зидди меҳрубонии Худо исён кард. Чаро шумо бародаратонро танҳо ба хотири он ки ақидаи ӯ аз ақидаи ту фарқ дорад ва ё он ки ӯ андешаи мусалмонони гузаштаро интиқод мекунад, ба куфр ва бидъат муттаҳам мекунед? Чаро ба ӯ мегӯӣ: «Туро ба биҳишти Худо роҳ нахоҳанд дод?». Воқеан, дар байни асҳоби Паёмбари ислом Муҳаммад ((с) 570-632) ва асосгузорони чор мактаби суннатгарои мусулмонӣ низ дар масъалаҳои зиёд ихтилофҳо сар зада буданд. Аммо онҳо ҳаргиз ҳамдигарро ба куфр ва гумроҳӣ муттаҳам нанамуда, душман ҳисоб намекарданд. Ҳамин тавр, ихтилофи байни **Шофеӣ** ва **Абу Ҳанифа** назар ба ихтилофи байни **Абу Юсуф** ва **Муҳаммад** камтар буд.

Азбаски набудани ягонагӣ дар афкор озодии андеша ва суханро таъмин мекард, он барои **уммат** судманд буд. Замоне фаро расид, ки мусалмонон ба тақлиди кӯр-кӯрона ба гуфтаҳои гузаштагонашон шуруъ карданд. Ҳар як гурӯҳ ифротгароёна ба раҳбарии як имом пайравӣ мекарданд, дар ҳоле ки Худо [барои чунин падида] нисбат ба яҳудиён ва насрониён бо ин ибора норозигӣ баён карда буд: «Онҳо аҳбор ва роҳибонашонро... ба ҷои Худо ба улуҳият гирифтанд» (Қуръон, сураи 9, ояти 31).

Гурӯҳҳое, ки ақидаҳояшонро таблиғ намуда, танҳо дар бораи пур кардани сафи пайравони худ фикр мекарданд, ба адовати байни ҳамдигар, куфр ва бадном кардани ҳамкешонашон шуруъ намуданд. Дар баробари баҳсу ихтилофҳо, худпарастӣ ҳам меафзуд. Ягон гурӯҳе кӯшиш намекард, ки ҳақиқатро ба даст оварад. Ба ҷои ин, ҳар як гурӯҳ саъй меварзид, ки аввалин бошад ва исбот кунад, ки танҳо он ҳақ аст. Ин баҳсҳо на танҳо ба нафъи ҷомеаи мусулмонӣ набуданд, балки онро ба ҳадди ниҳоят сусту заифӣ расонданд. Чунин ба назар мерасид, ки суханони зерини Худо махсус барои эшон гуфта шудааст: «Аҳли китоб роҳи ихтилоф напаймуданд, магар пас аз огоҳӣ ба ҳаққонияти он ва ин хилофро аз роҳи ҳасад дар миён оварданд» (сураи 3, ояти 19).

Дар ҳама ҷо [дар Қуръон] Худо мардумро ба андешаронӣ даъват мекунад ва ин маънои онро дорад, ки ислом бар тафаккури мустақил поя гирифтааст. Тақлид ва ислом мафҳумҳои ба ҳам мутазоданд. Агар пояи тафаккури мустақил рушд ва тақвият меёфт, одамон ҳақро аз ботил фарқ карда метавонистанд ва аз тақлид дурӣ меҷустанд. Аммо ҳол чунин сурат нагирифт. Қуръон аҳли Китоб (яҳудиён ва масеҳиён)- ро барои ворид кардани тағйирот дар Китоби муқаддасашон барои беохир нусхабардории суханони мутафаккирони динӣ ва барои омезиш додани ҳақ ва ботил мазаммат кардааст. Айнан, ҳамин тавр, ҳакимони динии мо низ дар гу-

**ал-Шофиӣ**
(767-820) -
дар таълимоти фиқҳ (ҳуқуқ) инқилоб кардааст; асосгузори мазҳаби шофеии фиқҳи суннӣ

**Абу Ҳанифа**
(699-767) – асосгузори фиқҳ (ҳуқуқи исломӣ) ва ва фиқҳи мазҳаби Ҳанафия

**Абу Юсуф –**
шогирди Абу Ҳанифа, соли 798 вафот кардааст

**Муҳаммад ибн ал-Ҳасан ал-Шайбонӣ –**
шогирди Абу Ҳанифа, дар соли 805 вафот кардааст

**уммат –**
ҷомеаи мусулмонӣ

**мазҳаб –**
таълимоти фиқҳӣ ва равияи динӣ

**ҳадис –**
ҳикояҳо дар бораи ҳаёти Муҳаммад ва асҳоби ӯ

зашта гуфтаҳои мутафаккиронеро, ки пеш аз онҳо умр ба сар бурдаанд, кӯр-кӯрона нусхабардорӣ мекарданд. Онҳо тасдиқ мекарданд: «Мо бояд бо дастурҳои асосгузорони **мазҳабҳо** амал кунем. Суханони онҳо бояд афзалтар аз муқаррароти Қуръон ва **ҳадисҳо** бошад».

Аз ҷониби дигар, ҳангоме ки суханони бузургони динии он замон мухолифи гуфтаҳои асосгузорони чаҳор мазҳаб мебаромад, ба суханони асосгузорони онҳо гӯш дода, тасдиқ мекарданд, ки «дар қиёс бо каломи Қуръон, ҳадис ва муассисони мазҳабҳо гуфторҳои ин бузургони динӣ дорои маълумоти равшантар буданд. Аз ин рӯ, зиддиятҳои зоҳирӣ дар гуфторашон танҳо натиҷаи нофаҳмӣ аст. Ҳамин тавр, пайравони ҳар гурӯҳ танҳо дар ҳолатҳое ба гуфторҳои асосгузорони чор мазҳаб гӯш медоданд, ки агар аз ҷониби устодони мазҳабиашон иҷозат дода мешуд ва аз ин ҷо, онҳо новобаста аз он ки тақлид бечунунчаро ғалат маънидод мешуд, роҳи тақлидро интихоб намуданд. Ба ин васила, ислом «дар чаҳорчӯбаҳои ноаён ҷойгир карда шуд», ҳарчанд дар Қуръон омадааст: «Худо намехоҳад, ки зиндагии шуморо душвор созад» [сураи 2, ояти 6], «Худо беҳбудӣ ва на балки душвориҳои шуморо мехоҳад» [ сураи 2, ояти 185]. Бо тақлид онҳо роҳи васеи иҷтиҳодро барои ҳаллу фасли масъалаҳои зиёде бастанд, ки роҳи ҳалли онҳоро на дар китоби Худо ва на дар суханони Паёмбар (с) ёфтан имкон дорад. Азбаски онҳо саъю кӯшиш намекунанд, ки андешаронӣ намоянд ва ба иллати ҷаҳолаташон ба ҳукмҳои ақлонӣ муқобилият мекунанд, муколама бо онҳо ғайриимкон мегардад. Беҳтараш, аз чунин одамон ҳазар бояд кард. Мушкилоте, ки мусалмонон бо айби ин бузургони динӣ рӯ ба рӯ мешаванд, аз кори хайр бештаранд. Онҳо фақат барои ҳокимон ва султонҳои мустабид муфид буданд.

Золимон ва истибдодгарон ҳамеша дар ҷаҳолат нафъ меёбанд ва кӯшиш мекунанд, ки онро ба манфиати худ истифода баранд. Гузашта аз ин, онҳо аз донишу омӯзиш ҳазар мекунанд. Ва ҳеҷ чиз ба ғайр аз тақлид наметавонад ба муқобили дониш ба ин дараҷа муассир муқобилиятт намояд. Қадами аввал дар роҳи фармонбардор ва зулм намудани одамон барҳам додани озодии андеша ва иҷтиҳод аст. Аз ин ҷо, золимон дар баробари тахти фишор қарор додани олимони муосир, ба фатво бағоят майл намуда, тасдиқ мекунанд, ки «вақти иҷтиҳод гузаштааст».

**Сарчашма**: Bubi, Abdullah. Zaman-i Ijtihad Munqariz mi, Dagil mi? (Is the Period of Ijtihad Over or Not?) Translated by Ahmet Kanhdere. Kazan, Tatarstan, Russia: Millat Kiitiibkhana'si, 1909, pp. 2-13. In Charles Kurzman, Modernist Islam 1840-1940: A Sourcebook. Oxford: Oxford University Press, 2002, pp. 232-237.

**САВОЛҲО БАРОИ МУҲОКИМА:**

1. Оё фаҳмиши Қуръон, ба гуфтаи Бубӣ, аз ҷониби онҳое, ки дар гузашта зиндагӣ мекарданд, маҳдуд аст? Ҷавобатонро шарҳ диҳед.
2. Фарқи байни иҷтиҳод ва тақлидро чӣ гуна мефаҳмед?
3. Тафаккур дар ислом чӣ гуна мавқеъ дорад?
4. Тақлид чӣ гуна ба густариши ҷоҳилият ва хурофот мусоидат мекунад?
5. Бубӣ кадом нависандаро, ки дар ин қисмат осори ӯро омӯхтаед, ба ёди шумо меорад? Нуқтаҳои асосии андешаҳои онҳоро муқоиса кунед.



**САВОЛҲО БАРОИ ТАКРОР**:

1. Далелҳои Бубӣ бо далелҳои Абу Саид ва Аркун, ки дар китоби Лестер «Ислом чист?» оварда шудаанд, то чӣ андоза мувофиқат доранд?
2. Бубӣ дар бораи озодии андеша чӣ мегӯяд? Муносибати Ленин ба далели Бубӣ дар бораи он ки мо бояд озод бошем, то андеша карда тавонем, чӣ гуна буда метавонист?
3. Ба назари шумо, Бакунин ва Бубӣ дар баҳсҳои худ дар бораи озодии тафсир ба ҳам монананданд?
4. Ҳамчун намунаи тафсири мазҳабии мазҳаби тафсири Бубӣ ба андешаҳои Лютер дар бораи имон, ки дар пешгуфтораш ба «Осори лотинӣ» оварда шудааст, монандӣ дорад?
5. Ба фикри шумо, оё Бубӣ бо Шӯрои Ватикан дар бораи он ки Папа нуфузи раднашаванда ва маъсумият дорад, розӣ буда метавонист? Агар не, чаро?

# АЗИМ НАНҶӢ
# ҚОНУНҲОИ ИЛОҲӢ/ ВАҲЙИ ИЛОҲӢ: АСОСИ АХЛОҚ ДАР СУННАТҲОИ ҒАРБӢ: НАЗАРИ МУСАЛМОНӢ



Профессор Нанҷӣ дар пойтахти Кения – шаҳри Найроби ба дунё омада, дар мактабҳои Кения, Танзания ва Донишгоҳи Макеререи Уганда таҳсил кардааст. Дараҷаи магистр ва доктори илмҳои исломиро дар Донишгоҳи МакГилли Канада гирифтааст.
Доктор Нанҷӣ дар донишгоҳҳои мухталифи ИМА ва Канада дар вазифаҳои академикӣ ва маъмурӣ фаъолият намудааст. Соли 1988 ӯ профессори даъватшуда дар Коллеҷи Ҳаверфорд, Пенсилвания, то соли 1998 вазифаи профессор ва мудири кафедраи дин дар Донишгоҳи Флорида ва солҳои 1998-2004 ҳамчун профессори даъватшуда дар Донишгоҳи Стэнфорди ИМА ифои вазифа мекард. Аз соли 1998 то соли 2008 директори Институти таҳқиқоти исмоилии Лондон буд, ки дар он ҷо роҳбарии таҳқиқот ва омӯзиши фарҳангҳо ва ҷомеаҳои мусулмониро ба манзури расидан ба дарки беҳтари ислом ва равобити он бо фарҳангҳо ва халқҳои дигар бар дӯш дошт.
Профессор Нанҷӣ ҳамраиси бахши исломии Академияи таҳқиқоти дини ИМА ва узви ҳайати таҳририяи маҷаллаи ин Академия, инчунин узви Кумитаи хайрияи Шурои хазинаҳо, барандаи ҷоизаҳои Хазинаи Рокфеллер, Шурои Канада ва Хазинаи Миллӣ буд. Дар доираи Шабакаи рушди Оғохон, профессор Нанҷӣ узви кумитаи роҳбарӣ ва доварони асосии Ҷоизаи Оғохон дар соҳаи меъморӣ, инчунин, узви гурӯҳи кории Пажӯҳишгоҳи омӯзиши тамаддунҳои мусулмонӣ (AKU-ISMC) ва ҳамчун муовини раиси Барномаи таълими барвақтии кӯдакон дар мадрасаи Африқои Шарқӣ кор кардааст.
Азим Нанҷӣ дар ҳоли ҳозир мушовири вижаи ноиби ректори Донишгоҳи Оғохон ва узви Шурои мудирони Маркази ҷаҳонии плюрализм дар Оттава мебошад, ки он лоиҳаи ҳамкории волоҳазрат Оғохон ва ҳукумати Канада мебошад. Ӯ дар вазифаҳои баландпояи илмӣ ва маъмурии зиёд кор кардааст.

Дар мақолаи зер, ки ба қалами ӯ тааллуқ дорад, тасдиқ мешавад, ки решаҳои ахлоқии анъанаҳои томуосири ғарбӣ фақат ба меъёрҳои Библия асос наёфтаанд. Муаллиф ба масъалаи пайдоиш ва решаҳои пайдоиши ахлоқи мусулмонӣ аз давраи нузули ваҳӣ то ташаккул ёфтани қонуни ҳуқуқи мусулмонӣ амиқан ҳусни таваҷҷуҳ зоҳир намуда, иртиботи қавии байни арзишҳои ғарбӣ ва мусулмониро, ки дар асрҳои миёна ба фазли азхудкунии лотинизабонон аз таҳқиқоти арабии фалсафаи классикӣ рушд ёфта буд, пешниҳод мекунад. Дар мақола, инчунин, зарурати ҳаллу фасли мушкилоти умумии замони муосир, аз қабили камбизоатӣ, тавассути мавқеи муштараки ахлоқӣ ба мушоҳида мерасад.

Фарзияи маъмул дар бораи решаҳои ахлоқии анъанаҳои томуосири ғарбӣ дар он ифода меёбад, ки ин решаҳо, асосан, аз меъёрҳои библиявӣ ва инчунин, анъанаҳои ахлоқии давраи атиқаи классикӣ бармеоянд. Аммо чунин нигоҳ нақши муҳим ва иртиботро бо ислом, ки дар давраи ташаккулёбиаш манобеи зеҳнӣ ва фарҳангии давраи атиқаро истифода бурдааст ва ҳамчун кӯпруке барои интиқоли фалсафаи юнонӣ ба Аврупои асримиёнагӣ, ки тавассути тарҷумаҳои лотинӣ аз матнҳои арабӣ ба кор рафтааст, сарфи назар мекунад. Тамаддуни исломӣ, ки бо маҷмуи суннатҳо муаррифӣ мешавад, ин мероси афкори фалсафӣ ва ахлоқиро бо илҳом аз фаҳмиш ва тафсири мусулмонии Қуръон парварида, бознигарӣ намуд ва густариш дод.

**Фома Аквинас**
(1225-1274) – Файласуф ва мутакаллими итолиёӣ, Аз ҷониби калисои католикӣ муқаддас шинохта шудааст. Худихтиёри нисбии ҳастии табиӣ ва ақли инсонро эътироф мекард.

**Маймонид, Мусо**
(1138-1204) – Файласуф ва теологи машҳури яҳудӣ, хохом (раввин), пизишк ва олим ҳамадони даврони хеш

Тарҷумаҳои лотинӣ ва то ба ҳадде тарҷумаҳои яҳудӣ аз забони арабӣ бағоят гуногун буданд; ба воситаи онҳо мутафаккирони масеҳию яҳудӣ, шуруъ аз Аквинский то ба Маймонид, асарҳои зиёди файласуфони Юнонро барояшон кашф намуданд. Ҳамин тавр, мафҳуми суннати сирф ғарбӣ бояд дар партави ин манзараи космополитикии таҳқиқот ва дониш, ки аз марзҳои динӣ ва фарҳангӣ убур мекунад, бознигарӣ шавад.



### ВАҲЙ ВА НУБУВВАТ

Мусалмонон худро дар миёни як хонаводаи эътиқодот ба ваҳйи илоҳӣ, ки паёми онҳо аз ҷониби Худои ягона, холиқ ва ҳофизи тамоми махлуқот нозил шудааст, охирин мешуморанд:

> *«Машриқу мағриб аз они Худост, пас ба ҳар сӯ рӯй оваред, он ҷо рӯй ба сӯи Худост, оре Худо кушоишгари доност» (2:115).*

Ваҳйе, ки ба Муҳаммад (с) тавассути илҳоми илоҳӣ нозил шудааст, ба андешаи мусалмонон, дар Қуръон, ки таҳтуллафзӣ маънои «хониш»-ро медиҳад, китобат шудааст. Консепсияи ваҳйи мусулмонӣ ваҳйҳои пешинро дар бар мегирад:

> *«Мо ба ту (Муҳаммад) ваҳй овардем, чунон ки ба Нуҳ ва паёмбарони баъд аз ӯ ва ҳамчунин, ба Иброҳиму Исмоил ва Исҳоқу Яъқуб ва наводагони ӯ (дорои мақоми нубувват) ва Исо, Аюб, Юнус, Ҳорун ва Сулаймон ваҳй овардем; ва ба Довуд ҳам «Забур»-ро ато кардем. [Инҳо] паёмбароне ҳастанд, ки шарҳи ҳоли онҳоро аз пеш бар ту ҳикоят кардем ва онҳоеро, ки зикр накардем» (Қуръон 4:163-4).*

Ҳамин тариқ, Муҳаммадроба қатори шахсиятҳои нубуввате мансуб донистан мумкин аст, ки бо талош барои ислоҳи ҷомеаашон аз таҷрибаи мовароуттабиӣ илҳом гирифтаанд.

Воқеияте, ки Муҳаммад аз сар гузаронда, ба ӯ илҳом бахшидааст, то ки онро ба ҳамватанонаш аз Макка расонад, набояд тибқи Қуръон, ки аз воқеияти рӯзмарраи ҳаёти ҷомеа дур аст, дарк кард.

Дар асл, «ваҳй» фавран аҳамият пайдо кард, зеро он дар бораи заруратиі бозсозӣ намудани ҷаҳони ахлоқӣ ва иҷтимоии он замон ҳарф мезад. Ваҳйҳое, ки ба Муҳаммад дар шакли илҳоми илоҳӣ омадаанд, ба андешаи мусалмонон, дар Қуръон ҷой доранд. Қуръон таҳтуллафзӣ маънои «хониши ифоданок ё қироат» аст ва ӯ маҳз дар ҳамин шакли хониши ифоданок онро ба пайравонаш расондааст. Ваҳй барои Муҳаммад тули тақрибан бисту ду сол дар шакли изтироботи шадид ва ҳавлангез нозил шудааст. Раванди ваҳй ҳам биниш ва ҳам шунавоиро дар бар мегирифт. Миёнарави ваҳй ҳамчун «Руҳ ул-қудс» тавсиф шудааст (Қуръон 16:102). Фаришта Ҷабраил миёнарави нузули ваҳй буд. Нишонаи Аллоҳ ба таври рамзӣ ҳамчун «пайкар дар уфуқи равшан» тасвир ёфтааст (Қуръон 81:20), ки паёмро барои Паёмбар Муҳаммад нозил кардааст. Ҳамин тариқ, таҳти консепсияи қуръонӣ дар бораи ваҳй *танзил* ҳамчун раванди куллӣ дар назар дошта мешавад, ки ба воситаи он тамоми ваҳйҳои пештар нозилшуда ба ин олам ворид гардида, бо мурури замон аз ҷониби пайравони он дар шаклҳои му-

шаххаси матн ё *китоб* навишта шудаанд. Ҳамаи онҳо, аз ҷумла Қуръон, сарчашмаи аслӣ доранд, ки *Ал-Умм-ул-китоб* («Модари китоб») номида мешавад (Қуръон 43:1-5).

Ҳамин тавр, ҳамаи ваҳйҳо аз як сарчашмаи ибтидоии мовароуттабиӣ реша мегирад, ки тавассути илҳом ба инсоният дастрас мегарданд. Таҷрибаи ваҳйи Муҳаммад олами моувароуттабииро бо аъмоли инсонӣ мепайвандад, соҳибихтиёрии Худо, воқеияти олами ғайримоддӣ ва ғояи масъулият барои амалҳои инсониро таъкид мекунад. Ҳамин тариқ, байни он чизе, ки метавон ҳамчун соҳаи эътиқод (*дин*) ва соҳаи аъмоли инсонӣ (*дунё*) тасаввур кард, ҳамбастагии тарафайни мутаҳаррик вуҷуд дорад, ки фаҳмиши умумифарогири мусалмононро дар бораи робитаи байни ҷанбаҳои руҳонӣ ва моддии ҳаёт таъкид мекунад. Қуръон дар забони арабӣ нуқтаи авҷи ин раванд аст, ки тули бисту се соли охири ҳаёти Муҳаммад дар фосилаҳои муайяни замонии ҳаёти Муҳаммад кушода шудааст. Ӯ ваҳйро ба пайравонаш ба таври шифоҳӣ интиқол медод, ки онҳоро аз ёд мекарданд ва котибон онҳоро таҳти роҳбарии ӯ китобат менамуданд. Баъзе ашхоси алоҳида ҳам бо қудрати қироаташон ва ҳам қобилияти дар хотир нигоҳ доштани матн зикр шудаанд.

То вафоти Муҳаммад дар соли 632-и милодӣ, Қуръон ҳам дар шакли шифоҳӣ ва ҳам хаттӣ вуҷуд дошт. Пас аз марги ӯ, матни пурраи хаттӣ мураттаб гардид, то ки дар фаҳмиши мундариҷаи он ва хатари халалдор сохтани навиштаҳои муқаддас ихтилофе сар назанад. Мусулмонон бар ин боваранд, ки матни Қуръон бетағйир нигоҳ дошта, ба низом даровардa шудааст ва ҳамчун як матни хаттӣ бар асоси дастурҳои Муҳаммад ва дорои паёми комиле, ки ба ӯ нозил шудааст, мураттаб гардидааст.

Уламои мусалмон дар бораи ду марҳилаи таърихии ҳаёти Муҳаммад ва инчунин, нузули ваҳй ҳарф мезананд: марҳилаи нузул дар Макка ва марҳилаи нузул дар Мадина. Маҳз дар Мадина дар замони Паёмбар ҷамоат ба озодии хеш доро буд, то худро созмон диҳад ва дар ҳаёти ҷамоат ваҳйи илоҳиро пурратар амалӣ гардонанд. Маҳз дар ҳамин замина ваҳйҳоеро дарёфт кардан мумкин аст, ки бо ҳаёти оилавӣ, фаъолияти иқтисодӣ, бо ҷамоатҳои динии дигар, муқобилат ва низоъ бо неруҳои Макка, ки қасди нобудии ҷомеаро доштанд, иртибот доштанд. Олимони баъдӣ онҳоро шартҳое меноманд, ки сабабҳои нузул (асбаб ун-нузул)-ро тавлид намуда буданд. Ҳамин тавр, илҳоми ахлоқӣ ва маънавии давраи аввали ваҳй дар шароити мушаххасе амалӣ мегардид, ки бо он ҷамоати афзоянда рӯ ба рӯ омада, барои пойдор сохтани ҳувияташ талош меварзид.

### ИНСОНИЯТ ВА ИНТИХОБИ АХЛОҚ

Гарчанде ки иродаи Худо дар Қуръон ифшо меёбад ва бо фаъолияти Паёмбар, ки бо номи *Сунна* маълум аст, мукаммал мешавад, мусалмо-

нон, инчунин, даъват ба ҷо меоваранд, ки дар дарки ваҳӣ ақлро истифода бурда, дар бораи интихоби инсон андеша намоянд. Дар ривоят дар бораи хилқати инсоният, чуноне ки дар Қуръон омадааст, Одам аз гил сохта, бо руҳи илоҳӣ зинда мешавад ва ба ӯ тавоноии «номгузории ашё» ато мегардад (Қуръон 2:31). Ин нукта мавҷуди мураккаб ва гуногунҷиёсеро дар назар дорад, ки дар он тамоюлҳои моддӣ, маънавӣ ва фикрӣ ба ҳам мепайванданд. Одам *халифа* ё ноибе зикр мегардад, ки ба ӯ ҳуқуқи парастории Замин дода шуда, бо роҳнамоиии Худо бояд шароитеро фароҳам оварад, ки барои ҳаёти бошараф ва тибқи ҳадафҳои ахлоқӣ мусоидат намояд. Ҳамин тавр, инсон, ба маънои васеи он, дар офариниш мақоми вижа ва ҳатто, имтиёзнок дошта, тибқи Қуръон (95:4), масъулиятро барои интихобе, ки дар таърихи хилқат нишон дода шудааст, бар дӯш мегирад.



Консепсияи ҳисобу китоб низ ба эътиқод ба зиндагии охират ва мафҳуми рӯзи қиёмат марбут аст. Аз ин рӯ, уламои мусулмони давраи қаблӣ ақл ва ҳукмҳояшонро барои коркарди василаҳои дарки принсипҳо ва арзишҳои ислом истифода мебурданд. Ин усулҳои таҳқиқ ва татбиқи онҳо гуногун буданд, аммо дар асоси эътиқодҳо ва амалияҳо омезиши ваҳӣ ва ақл ҷо мегирифт.

Дар давоми интишор ёфтани ислом дар гӯшаҳои гуногуни олам, мусулмонон саъю талош меварзиданд, ки дар манотиқи гуногун он чизеро, ки онҳо арзишҳои илҳомбахши таҷрибаи аслии ваҳйӣ меҳисобиданд, ҷорӣ намоянд. Он ба раванди ташаккули фанҳои алоҳида дар мисоли ҳуқуқ, илоҳиётшиносӣ ва тафсири Қуръон такон дод, зеро мусулмонон бо дигар анъанаҳои зеҳнӣ ва масъалаҳои муҳими он замон низ машғул буданд. Таҳқиқоти мусулмонон дар бораи ахлоқ амалҳои инсонро ба ду ҷониби ба ҳам мухолиф ҷудо накардаанд, балки онҳо кӯшиш мекарданд, ки ин таҳқиқотро дар доираи як диди фарогир ҳамоҳанг созанд. Ҳамин тавр, «мусулмон» будан (яъне, мувофиқи иродаи Худо), ба андешаи онҳо, воридшавӣ ба ҳам ҷанбаи моддӣ ва ҳам маънавии ҳаёт ва талош варзидан барои ба даст овардани тавозуни байни ду ҷанба – имон ва эътиқод ва инчунин, замина ва шароити ҳаррӯзаи ҳаёти маънӣ мебошад.

Ин раванди қатънашаванда вобаста ба тағйир ёфтани шароитҳои таърихӣ ва ҷуғрофӣ рушд ёфта, ҷамоатҳои мусулмонӣ дар минтақаҳои гуногуни олам пайдо мегардиданд. Бо ин матлаб ҳам гуногунрангие, ки ба миён меомад ва ҳам гуногунандешии низомҳоро, ки бо мурури замон рушд меёфт, шарҳ додан мумкин аст. Тамаддунҳои мусулмонӣ, ки дар минтақаҳои гуногун инкишоф меёфтанд, тули асрҳои миёна ва қабл аз асрҳои миёна дар соҳаҳои фалсафа, илм ва ҳунарҳои зебо дастовардҳои намоён ба даст оварда, савдогарӣ ва тиҷоратро низ дар миқёси васеъ рушд медоданд. Он як ҷанбаи муҳими ширкати доимии мусулмонон дар равандҳои миқёсан бузургтари иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад.

Тибқи ривояти Қуръон дар бораи хилқат, ба инсоният тавоноии фарқ гузоштан байни хайр ва шарр ато шудааст. Худо, инчунин, ба воситаи паёмбаронаш ҳидоят дод, то «меъёре», ки барои инсон дар расидан ба роҳи дуруст ва мувофиқи он амал карданро имкон додааст, равшану возеҳ бошад.

Дар яке аз бахшҳои Қуръон, ки «Фурқон» (Фурқон: сураи 25) ном дорад, ваҳй – барои тамоми инсоният нуқтаи ибтидоии тамизи хайр ва шарр аст. Баъдтар, дар ҳамин бахш мисолҳои пайғамбарони гузаштаи Библия

ва нақши онҳо ҳамчун миёнаравҳои каломи Худо дар ҷомеаҳои мутобиқ ба эшон оварда мешаванд. Монанди динҳои яҳудия ва масеҳият, дар таълимоти ислом ғояи ваҳйи илоҳӣ ҳамчун асос барои муқаррар намудани тартиботи ахлоқӣ тавассути саъю кӯшишҳои инсон ҷо дода шудааст. Ҳангоме ки ин истилоҳ дар ҷои дигари Қуръон ба чашм мерасад, он, ҳамчунин, ба консепсияи ахлоқи нозилшуда ишора мекунад, ки инсониятро бо тавоноии фарқи байни хайр ва шарр муаррифӣ мекунад. Бо асоснок кардани қоидаи ахлоқии иродаи илоҳӣ, инсон имконият пайдо мекунад, ки тавассути бунёди тафаккури ақлонӣ, ки ҳаққонияти ваҳйро пуштибонӣ менамояд, ба он посух гӯяд. Маҳз дар ҳамин сурат барои фаъолияти инсон заминаи васеътар имконпазир мегардад, ба шарте ки агар ақлоният дар натиҷаи нузули ваҳй барои коркарди меъёрҳое ба кор равад, ки тамоми маҷмуи фаъолиятҳо ва тасмимҳои инсониро дар бар мегирад. Ин мавзуъҳо дар баёни достони офариниши Одам ва паст рафтан [хулқ]-и Одам дар Қуръон садо медиҳанд.

Одам, инсони аввалин, аз фариштагони мавҷуда фарқ мекунад – аз онҳо хоҳиш карда шуда буд, ки ба инсон саҷда намоянд ва он ҳам бошад, ба сабаби аз ҷониби Худо ба инсон ато шудани қобилияти «ном мондани ашё», яъне тасаввур кардани донише буд, ки инсон қодир аст аз ҷиҳати забонӣ тавсиф дода, ба ин васила, рамзгузорӣ намояд ва он қобилият барои фариштагон дастрас нест, зеро ки онҳо ҳамчун мавҷудоти якченака баррасӣ мешаванд. Аммо ин қобилияти эҷодӣ бар уҳдадорие водор месозад, ки тибқи он, инсон аз ҳадди муқарраршуда набояд гузарад.

Шайтон дар Қуръон намунаи ифротравиро нишон медиҳад, зеро ӯ аз фармони Худо дар бораи иззат ва саҷда ба Одам саркашӣ намуда, ба ин васила, табиати фитрӣ ва ҳудуди худро инкор мекунад.

Бо мурури замон, Одам низ дар доираи ҳудуди муқарраркардаи Худо зиндагӣ карда наметавонад ва мақоми шарафманди худро аз даст медиҳад, аммо бе ягон ишора бар он ки ин матлаб таълимот дар бораи гуноҳи нахустини ӯро дар назар дорад. Минбаъд, ба инсон лозим меояд, ки мақомашро бо мубориза ва бартараф кардани беадолатиҳояш дар рӯи Замин, ки майдони нави ҳаёти ӯ буда, барои интихоб ва фаъолият фароҳам омадааст, барқарор намояд. Дар ниҳояти кор, ӯ мақоми пештараи худро бо нишон додани қобилияташ барои баргаштан ба роҳи дурусти фаъолиятҳояш тавассути дарк намудани иштибоҳоти худ барқарор месозад. Ҳамин тавр, ривояти Одам тамоми қувваҳои хайр ва шарр, ки дар вуҷуди инсон ворид гардидаст ва ривояти густурдаро дар бораи вокуниши инсон ба ваҳйи пайвастаи илоҳӣ дар таърих инъикос мекунад. Фаротар аз он, ин таърих ба ҳайси намунаи муборизаи давомдор дар дохили [фаъолиятҳои] инсоният барои дарёфти мувозинате ба кор меравад, ки имкон медиҳад, то амалҳои мутавозин ва итоат ба меъёрҳои илоҳиро ба иҷро расонад.

## ВАҲЙ, ХИРАД ВА ҚОНУН

Қонун дар афкор ва амалияи мусулмонон мавзуи муҳим ва дорои аҳамияти марказӣ буд. Уламои мусалмон бар пояи лексика ва меъёрҳои ҳуқуқии ҳидоятҳои Қуръон ва меъёрҳои ахлоқӣ фарҳанги ҳуқуқии ниҳоят фарогиреро созмон доданд, ки аксаран ҳамчун яке аз дастовардҳои бузурги тамаддуни мусулмонӣ маҳсуб мешавад.

Муҳим аст, ки дар бораи рушди таърихии қонун дар ислом тасаввуроте ҳосил кард, ки барои аз байн бурдани ду фарзияи дурӯғин кумак расонда метавонад. Аввали онҳо чунин аст, ки ҳуқуқи мусулмонӣ як низоми собит ва бетағйири асри ҳафтум аст ва дуюм он ки, ислом аз рӯи ҷаҳонбиниаш хеле маҳдудкунанда, асримиёнагӣ ва мухолифи ниёзҳои ҷомеаи муосир аст.

Истилоҳе, ки барои ифодаи ҳуқуқи мусалмонӣ ба кор меравад, *шари'а* ном дорад. Маънои нуҳуфтаи ин мафҳум дар он ифода меёбад, ки Худо мехоҳад инсон роҳи муқарраркардаи илоҳиро риоя намояд, гарчанде ки чунин роҳ дар гузашта барои дигарон низ ошкор шудааст. Қуръон ба таври равшан мефармояд:

*Мо ин китобро ба дурустӣ ва ростӣ ба сӯи ту нозил кардем... Агар Худо мехост, ҳамаи шуморо уммати воҳид қарор медод, вале мехоҳад шуморо дар он чи ба шумо додааст, имтиҳон кунад. Пас, ба корҳои нек сабқат бигиред, ки бозгашти ҳамаи шумо ба сӯи Худост ва Ӯ дар он чи ихтилоф менамоед, шуморо ба (ҳақиқат)-и он огоҳ хоҳад сохт* (Қуръон 5:48).

Мактабҳои ҳуқуқии мусулмонӣ тули садсолаҳо дар посух ба саволҳое, ки дар баробари густариши ҷамоат ё уммати мусулмонӣ ба миён омада, бо халқҳо ва фарҳангҳои дигари дорои низомҳои эътиқодот ва қонунҳои тағйирнаёфта рӯ ба рӯ омаданд, рушд меёфтанд. Бо мурури замон, методологияи таҳлил ва татбиқи он таҳия гардид, ки тавассути он гирифтани ҷавобҳо имконпазир гашт. Ин методология бо номи *фиқҳ* (илми ҳуқуқшиносӣ), принсипҳои бунёдии он *усул ул-фиқҳ* ва маҷмуи қонунҳое, ки ин методология бунёд намудааст, дар маҷмуъ *шари'а* номида мешаванд. Аммо, ба маънои муайян, шариат нисбат ба фаҳмиши маҷмуии қонунгузори қазоӣ чизе бештар аст. Он меъёрҳои ҳуқуқиеро ифода мекунад, ки роҳнамоиро барои ҳаёти инсон мувофиқи аҳкоми ахлоқӣ таъмин менамояд.

Мактабҳои гуногуни фиқҳ дар атрофи марказҳои ҷуғрофии салтанати исломӣ ва бар пояи тафовутҳои мазҳабӣ ба вуҷуд омада, ба шаклгирии як низоме ноил гардиданд, ки дорои хусусиятҳои муштараки зиёд буданд. Ин мактабҳо кӯшиш мекарданд, ки тартиботи чаҳорчӯбавиро барои муайян намудани фаъолиятҳои инсон созмон дода, онҳоро бо истилоҳоти ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ тасниф диҳанд. Ин мақулаҳои ҳуқуқии муайян қонунҳои ба таври муқаррарӣ созмонёфтаро, ки дар раванди муомилот бекор эълон нашуда буданд, муттаҳид сохтанд. Аммо дар байни мусалмонони муосир, монанди уламои пешина, дар масъалаи тафсири баъзе аз ин гуна мақулаҳо бо дарназардошти шароити имрӯзаи ҳаёт дар гӯшаҳои гуногуни олам ихтилофоти назаррас вуҷуд доранд.

Уламои мусалмон ҳангоми коркарди *шари'а* саъй мекарданд, ки онро бар пояи Қуръон, намуна ва рафтори Паёмбар Муҳаммад асоснок намоянд, вале маҳз одамон тавассути тафаккури ахлоқӣ ва абзори ақлонӣ бояд

ҷузъиёти қонунро кашф ва коркард менамуданд. Амалан, маҳз афзоиши босуръати сарзаминҳои мусулмонӣ дар садаҳои аввали таърихи ислом таконе бар он гардид, ки барои сарзаминҳои босуръат афзояндаи мусулмонон фарҳанги ҳуқуқии умумиро тақозо менамуд. Тафовут дар муносибатҳояшон барои эҷоди анъанаи гуногунандешии ҳуқуқӣ дар байни мусулмонон бо таваҷҷуҳи гуногун ба методологияи ташаккул додани низомҳои ҳуқуқӣ кумак расондааст.

Чаҳор мазҳаб [фиқҳ]-и асосии суннӣ *Ҳанбалия, Моликия, Шофеия* ва *Ҳанафия* мебошанд, ки ба номҳои уламои асосгузори онҳо номгузорӣ шудаанд. Онҳо дар қисматҳои гуногуни олами суннӣ зуҳур намуда, сарфи назар аз ихтилофот дар баъзе ҷузъиёти таълимоташон, асоси муштарак доранд. Шиа, ки мактаби ҳуқуқии он *Ҷаъфарӣ* ном дорад, бар асоси низомсозии қонунҳо, ки аз ҷониби имомҳо Ҷаъфари Содиқ (ваф. 765 милодӣ) ва Муҳаммад ал-Боқир (ваф. 743 милодӣ) анҷом дода шудааст, бештар ба нақши имом дар роҳнамоии рушди ҳуқуқӣ таваҷҷуҳи хоса дода, раванди тафаккур (*иҷтиҳод*)-ро ҷузъи ҷудонашавандаи қонун медонад. (Мафҳуми имом дар ибтидо маънои «алгӯ» ё «намуна»-ро дошт. Ниг. Қуръон 2:118, 17:73, 36:11, 15:79, 25:74). Дар шиъа имом пешвои мазҳабист, ки аз авлоди Паёмбар ба воситаи духтараш Фотима, ки бо амакбачааш имом Алӣ издивоҷ кардааст, баромада, дорои қудрати руҳонӣ мебошад ва ин мавқеъ меросӣ буда, бар пояи таъиноти илоҳӣ асос меёбад.

Таҷрибаҳои мусулмонон нишон медиҳанд, ки яке аз ҳадафҳои қонун эҷоди низомҳои расман ташаккулёфта буд, ки метавонистанд дар саросари ҷомеа татбиқ ёбанд ва инчунин, эътирофи гуногунандешӣ буд, ки дар он ҳамзистии ҷамоатҳои гуногун дар асоси анъанаҳои гуногун таъмин мегардид. Ин гуногунандешӣ гуногунрангии пайдоиш ва заминаи ҳастии фарҳангҳои зиёди инсониятро инъикос мекунад ва ҳарчанд ки онҳо арзишҳои куллиро дар асоси ваҳйҳо таҷассум мекунанд, аммо ба ҷомеаҳои мухталифе табдил ёфтанд, ки ин арзишҳоро ба ҳолатҳои мушаххас ва шароити таърихӣ мутобиқ мекарданд. Бо ҳамаи ин чунин равиш ба баъзе аз олимон монеа эҷод накард, ки онҳо нисбат ба он ки чи гуна бояд ҳуқуқ татбиқ ёбад, бархӯрдҳои сахттар гиранд. Ҷомеаҳое ба мисли Индонезия ва кишварҳои мухталифи Африқо, ки шумораи бештари аҳолии мусалмон доранд, суннатҳо ва расму одатҳои ҳуқуқи мусулмони мутааллиқ ба ҷомеаи ишонро пазируфта, дар замони муосир ба онҳо қонунҳои шаҳрвандиро аз суннатҳои ҳуқуқии ғарбӣ илова кардаанд. Умуман, дар ҷаҳони мусулмонӣ қонунҳои гуногунранги ҳуқуқӣ вуҷуд доранд ва амалан дар ҳар кадоми онҳо низомҳои мухталифи ҳамзистӣ доранд, зеро ин қонунҳои ҳуқуқӣ ба ҳаёти муосир мутобиқ шудан мегиранд.

## ҲУҚУҚ ВА ВАЗЪИЯТҲОИ ТАҒЙИРЁБАНДА



Раванди рушди ҷомеа дар таҷрибаи мусулмонӣ нишон медиҳад, ки тағйирот танҳо ҳангоме сурат гирифта метавонанд, ки агар одамон қобилияти бунёди муассисаҳоеро дошта бошанд, ки аз ҷиҳати фарҳангӣ устувор гашта, ба иродаи нек ва дастгирии ҳамаи ҷонибҳои мутасаддӣ такя карда тавонанд. Масалан, дар он ҷое, ки камбизоатӣ ва қафомондагӣ ба таври қатъӣ реша давондааст, ҷомеаҳо аксаран ҳавасмандӣ ва воситаҳои тағйир додани шароити худро аз даст медиҳанд. Дар Қуръон омадааст: «*Худо ҳоли ҳеҷ қавмеро дигарун нахоҳад кард, агар худи он қавм ҳолашонро тағйир надиҳад*» (Қуръон 13:11).

Имон, гарчанде ки умед мебахшад, аммо бояд дар фаъолиятҳои иҷтимоӣ, дар ҷое илова гардида, таҷассум ёбад, ки ашхос дар ниҳояти кор манфиат мегиранд, барояшон имконияти пайвандшавӣ ба ҷонибҳои манфиатдор пешниҳод гардида, ба ин восита, тағйиротро на танҳо ҳамчун таъсир ба ҳаёти иқтисодии онҳо, балки ҳамчун унсуре тасаввур намоянд, ки эҳсоси худшиносӣ ва арзишҳои динии онҳоро амиқтар ва мустаҳкамтар мекунад.

Аз ин рӯ, забони Қуръон, ки дар он масъалаҳои камбизоатӣ баррасӣ мешаванд, инчунин, дар бораи масъалаҳое ҳарф мезанад, ки, ҳамзамон, оқибатҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ доранд. Ҷомеа ва пешвоёни он бояд ҳамчун нигаҳбони ин арзишҳо баррасӣ шаванд ва барои он масъулиятро бар дӯш гиранд, ки давлат ва қишрҳои калидии ҷомеа бояд ниёзҳои камбизоатонро назорат кунанд. Чунин дилсӯзӣ ва ғамхорӣ аз тарафи роҳбарон ё давлат, ки аз ҷониби баъзе мутафаккирон ва пешвоёни мусалмон ба риояи он даъват шудааст, аз ҷониби онҳо ҳамчун калиди барпокунии тартиботи одилона ва судманд дар ҷомеаи онҳо арзёбӣ мешавад.

Аммо, дар шароити бағоят зарурии ҳаллу фасли масъалаи камбизоатӣ, дар замони мо мусулмонон низ бояд бо дигарон ҳамкорӣ кунанд, то ки барои бунёд намудани шароити мусоид дар қисматҳои нисбатан камбағалтари олам саҳм гузоранд, зеро ҳоло забон ва фаҳмиши умумиинсоние вуҷуд дорад, ки онҳоро барои пешравӣ ва барангехтан ба фаъолиятҳои ахлоқии ҳамаи онҳое, ки дахлдоранд, ташвиқу тарғиб мекунад. Вобаста ба ин, мусалмонон илҳомашонро, аксаран, аз сураи «Ал-Балад» (Қуръон, 90), ки метавонад маънои «шаҳр», «ҷамоа», «деҳа» ва «макон» ва ҳатто, ба маънои васеътар, «замин»-ро дошта бошад, гирифтаанд.

Оятҳо ба Паёмбар нигаронда шудаанд ва дар бораи ҳаққи инсони озод будани ӯ дар фазое шаҳодат медиҳанд, ки ба он ҳамчун ҳалқаҳое пайвастагӣ дорад, ки кӯдак ва волидайн (яъне, ворис ва нигаҳбон)-ро бо ҳам мепайванданд. Ваҳй ба ӯ хотиррасон мекунад, ки инсон барои он офарида шудааст, ки доимо дар мубориза бошад, аммо имкони интихоберо дорад, ки Худо барояш ато намудааст. Аз ин интихобҳо, дар идомаи оятҳо гуфта мешавад, мушкилтарин роҳ«он бандаро озод кардан аст» ва «ё таом додан дар рӯзи қаҳтию гуруснагӣ аст» (Қуръон, ояти 90:13). Онҳое, ки чунин роҳро интихоб мекунанд, «саҳобагони дасти рост» номида, сазовори мақоми волои хеш мешаванд, зеро дар амалашон хислатҳои «шафқат ва ғамхорӣ»-ро таҷассум хоҳанд кард.

Дар байни таълифоти ахлоқии яке аз файласуфони аввалини мусулмон Ал-Форобӣ (ваф. 970 милодӣ) асари “*Мадинаи фозила”* вуҷуд дорад. Камоле, ки дар ин гуна шаҳрҳо таҷассум ёфтааст, ба ақидаи Форобӣ, бар робитаи мутавозини байни фазилатҳои шаҳрвандон, хислатҳои ҳоким ва ахлоқ асос меёбад ва набояд бар рӯйдодҳои тасодуфӣ ё ногаҳонӣ, ки танҳо аз шароити нигаҳдории зист ва суботи сиёсӣ бармеоянд, бунёд гирад. Масъалаҳои саодати инсон барои Ал-Форобӣ ҷанбаҳои шаҳрвандӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқӣ-диниро дарбар мегиранд. Ҳамаи онҳо як ҷузъи олами ахлоқии олӣ ҳастанд ва агар саъю кӯшиш барои ҳосил намудани ҳадафи ниҳоӣ дар ҳар яке аз ин соҳаҳо ба харҷ диҳанд, он гоҳ шароити хуби мадинаи фозила имконпазир хоҳад гашт.

Дар оламе, ки вожаҳое ба мисли «буҳрон», «низоъ» ва «гуруснагӣ» хеле маъмул шуда истодаанд, шояд ба худ тазаккур додан лозим аст, ки ормони мадинаи фозила бояд дар *балад*, ҷаҳони воқеие, ки кураи Замини мост, ба даст оварда шавад ва он ки ҳамчун шаҳрвандони он мо дар рӯёрӯи интихоби душвор қарор дорем: бояд талош баҳри камоли инсон тавассути ширкати муштараки ахлоқӣ варзид, то ки шартҳои низоъ ва ранҷу азобҳоеро, ки аз чолишҳои ҷаҳоншумулии замони мо ба миён омадаанд, сабук намоем.

**Манбаъ:** Azim Nanji. Divine Law/Divine Command: The Ground of Ethics in the Western Tradition – Muslim Perspectives // Studies in Christian Ethics, SAGE Publications Ltd. Vol. 23, No. 1 Feb 2010.

**САВОЛҲО БАРОИ МУҲОКИМА**

1. Чӣ гуна дар ин мақола алоқамандии байни ваҳй, ақл ва ахлоқ нишон дода шудааст?
2. Фарқи миёни ҳуқуқ, қоида ва ахлоқ дар чист?
3. Ғояи умумият ва интихоби инсон дар сохтори ахлоқи ғарбӣ ва исломӣ аз куҷо сарчашма мегиранд?
4. Ба фикри Шумо, муколамаи байни мазоҳиби расмии фиқҳ ва намояндагони фарҳанги чандандешии мусулмонон оид ба масъалаи ахлоқи инсонӣ чӣ гуна бояд бошад?
5. Кадом чиз сохтори алоқии Ғарб ва олами исломро муттаҳид месозад?
6. Ба қавли Форобӣ, асоси усули ахлоқии инсон аз чӣ иборат аст?

## САВОЛҲО БАРОИ ТАҲЛИЛ

1. Мақсади асосии мутолиа ва тафсири матнҳои муқаддаси динӣ аз нигоҳи Лютер, Бубӣ Аркун ва Нанджӣ чист?
2. Далелҳои пешниҳодкардаи Шӯрои Ватикан, аз як тараф ва Лютер, Буби, Аркун ва Нанҷӣ, аз тарафи дигар, муқоиса кунед. Ҷавоби худро дар шакли баҳс байни «тафсири оқилона» ва «тафсири адабӣ» тартиб диҳед.3. Пайравони зиёди Лютер барои таълимоти ӯ истифодаи сиёсӣ ва иҷтимоӣ пайдо кардаанд. Ба назари шумо, оё даъват ба тафсири ҷадиди ислом ба ҳамин тарз дар ҷаҳони ислом ба кор рафта метавонад ё на?
3. Ленин ва Бакунин дар бораи хокимияте сухан меронанд, ки ба он ё итоат кардан ё аз он даст кашидан лозим аст. Фаҳмиши шумо дар бораи қудрати динӣ ё дунявӣ чӣ гуна аст? Оё шумо дар баёни на танҳо он назарҳое, ки мақомот бар дӯшатон таҳмил мекунанд, балки андешаи худатон озод ҳастед? Далел биёред.
4. Дар моҳияти тафсирҳои динӣ ва иҷтимоӣ чӣ тафовут ҷой дорад? Кадоме аз ин тафсирҳо, аз нигоҳи шумо ба шахсият ва ҷомеа таъсири бештар дорад?
5. Ба мавзуи асосии ин қисм бармегардем. Ба фикри шумо, кӣ бояд ҳуқуқи тафсирро дошта бошад? Ҳудудҳои тафсир дар куҷоянд? Оё тафсир ғаразнок буда метавонад? Ва ё он ҳамеша айнӣ аст? Оё тафсир, ақаллан, ягон бор айнӣ буда метавонад?

# БОБИ IV
# ТАФСИРИ ФАЗО

## САРСУХАН

Дар ин боб мавзуи тафсир нисбат ба фазо татбиқ мегардад. Хонандаро лозим меояд, муоина намояд, ки фазо чи гуна ташкил шуда ва чи тавр мавриди истифода қарор мегирад. Рӯи он биандешед, ки чи гуна меъморон фазоеро, ки мутобиқ барои зинадагии инсон аст, эҷод мекунанд ва ё наметавонанд онро эҷод намоянд. Чаро фазое ба ҳамкории иҷтимоӣ мусоидат менамояд, дар ҳоле, ки фазои дигаре би ин амал монеъ мешавад? Чӣ гуна меъморӣ ба тарзи зиндагии мо таъсиргузор аст ва, баръакс, чӣ тавр зиндагии мо ба меъморӣ таъсир мерасонад?

Дар ин боб шумо рӯнамоии «Саҳнҳои Империя»-ро аз тариқи аксҳои саҳни хавлиҳои мухталиф муоина хоҳед кард. Ҳангоме ки шумо ба ин слайдҳо назар меандозед, биандешед, ки чаро саҳнҳо аз фарохнои фарҳангу замонҳо гузар намуда, дар маконҳои мухталиф пайдо шудаанд?

Муаллифони рӯнамоӣ чунин фарз мекунанд, ки густариши саҳнҳо дар ҷаҳони ислом ва мутобиқати он ба ин ҷаҳон метавоснист ба унвони истиорае барои густариши ислом дар ҷаҳон хидмат намояд.

Ин боб низ хонандаро водор месозад, ки роҷеъ ба тақисми нобаробари фазо, махсусан тақсими нобаробари фазои гуворо, пок, бехатар, ва орому роҳат, ки дар олам вуҷуд дорад, андеша намояд. Чӣ гуна дар Иттиҳоди Шӯравӣ ба ин навъи нобаробарӣ метавноситанд муқобилият кунанд? Мо имрӯз бояд бо ин навъи нобаробарӣ чӣ гуна рафтор намоем? Оё моликияти хусусӣ метавонад василаи раҳоӣ аз ин вазъ бошад? Кӣ ва чӣ чизе метавонд мушаххас намояд, ки инсонҳо бояд дар куҷо зиндагӣ кунанд ва чӣ миқдоре аз фазоро метавонанд соҳиб шаванд?

Ин боб ҳамчунин хонандаро водор месозад, то роҷеъ ба он биандешад, ки кадом фазоҳое барои оммаи мардум боз буда, чӣ гуна фазоҳое қаблан барои истфодаи шахсӣ муқаррар шудаанд? Вақте ки ҳуҷум ба фазои хусусии инсонҳо сурат мегирад, онҳо чӣ гуна вокуниш нишон медиҳанд? Кӣ ва чӣ чизе метавонад мушаххас намояд, ки ин марз аз куҷо мегузарад?



**САҲНИ МАСҶИДИ ТУЛУН ДАР ҚОҲИРА. Миср (870-879)**

## РӮНАМОИИ «САҲНҲОИ ИМПЕРИЯ»



Барои муоина ва муҳокимаи рӯнамоии «Саҳнҳои Империя», ки саҳни ҳавлиҳоро дар саросари ҷаҳони ислом ба намоиш мегузорад, омода бошед.

Рӯнамоӣ аз тарафи Archnet омода шуда, тарҳ дар Донишкадаи технологии Массачусетс (мактаби меъморӣ ва барномарезӣ) пайрезӣ гардидааст. Ин рӯнамоӣ меъморон, муаллимон, донишҷӯён, олимон ва мутахассисони ҳирфаиро дар «ҷомеа»- и шабакавӣ (online) ба ҳам овард. Archnet теъдоди хеле зиёди мақолаҳо, эссеҳо, нақшаҳо ва тасвирҳои гуногуни марбут ба меъмории ҷаҳони исломро аз тариқи торномаи (вебсайти) www.archnet.org пешниҳод менамояд. Ҳар нафаре метавонад аз захираҳои ин торнома истифода намуда, аз тариқи он ба ҷомеаи Archnet бипайвандад.



ТАБИАТ ҲАМЧУН ЯКЕ АЗ УНСУРҲОИ САҲН



**САҲНИ КАЛИ МАСҶИД ДАР ДЕҲЛӢ. ҲИНДУСТОН (1370)**



**МАСҶИДИ СУЛТОН АҲМАД,** ки бо унвони Масҷиди кабуд низ маъруф аст. Истамбул, Туркия. Бо супориши Султон Аҳмади I (1603-1617 сохта шудааст). Ин бино яке аз беҳтарин намунаҳои меъмории Усмонӣ маҳсуб меёбад.

## ТАВСЕА ВА СОЗМОНДИҲИИ ҒОЯҲО



### МАРҲАЛАҲОИ ТАВСЕАИ ҒОЯҲОИ ШУМО:

1. Муайян намудани ҳадаф, гуруҳи шунавандагон ва мавзӯъ;
2. Ғояҳои умумӣ;
   а) тартиб додани харита дар зеҳн;
   б) ҳуҷуми фикрӣ.
3) Ҷамъоварии иттилоот;
   а) китобҳо;
   б) мақолаҳо;
в) рӯзномаҳо.
4) Созмондиҳии ғояҳо.

### СОЗМОНДИҲИИ ҒОЯҲОИ ШУМО:

Ашёи зиёде мавҷуд аст, ки дар бораи он метавон навишт, аммо ба шумо лозим аст, ки доираи интихоби худро тангтар намоед. Маслан, мумкин аст мавзуи шумо «тафсири фазо» бошад. Дар ин сурат шумо ва хонандаатон ҳамон як саволро матраҳ мекунед: «Ин чист?» Чаро шумо бояд дар ин хусус нависед ва чаро каси дигаре бояд ин навиштаи шуморо бихонад?

1. Аз худ бипурсед, ки хонандаи шумо чӣ чизеро қаблан медонад?
2. Оё зарурат дорад, ки шумо бифаҳмонед, ки зери мафҳумҳои «фазо» ва «тафсир» чиро дар назар доред?
3. Оё мехоҳед таъкид кунед, ки чаро таҳлили фазо муҳим аст ва чӣ гуна он ба зиндагии инсонҳо таъсир мерасонад?

### ҶУСТУҶӮИ ТАМАРКУЗ:

1. Танг намудани доираи мавзӯъ барои ба даст овардани тезис;
2. Предмет, мавзӯъ, савол, тезис;
   а) сатҳи аввал: минтақаи васеи муҳтавои предмет;
   б) сатҳи дуюм: барои таҳқик дар минтақаи муҳтавои предмет;
   в) сатҳи сеюм: масъалаи асосӣ, ки шуморо ба ташвиш овардааст;
   г) сатҳи чаҳорум: тезиси шумо (тасдиқи далел аз ҷониби шумо ё ғояи асосии шумо роҷеъ ба ҷавоб ба ин савол). Аксаран, қабл аз он ки ба ин нуқтаи назар бирасед, ба шумо лозим меояд, ки маводи зиёдеро бихонед ва бинависед.

**ТАҲИЯИ ТЕЗИСИ КОРӢ:**

- мавзӯи шуморо то ҳадди як ғояиасосӣ, ки мехоҳед ба хонанда пешниҳод намоед, маҳдуд месозад;
- дар ҳаҷми як ё ду ҷумла мавқеъгирии шуморо дақиқан эълом мекунад;
- на танҳо воқеият, балки далелро баён менамояд.



**Манбаъ:** Adopted from Evelina Dimitrova-Galaczi, Writing skills Workshop. Sept 2000.



**Скваттер**
(қароргоҳи ғайрирасмии)ҷамоат дар Деҳлӣ. Акси Коррад.

# ЧАРЛЗ КОРРЕА
# СОХТМОНИ МАНЗИЛҲОИ ШАҲРӢ ДАР КИШВАРҲОИ ҶАҲОНИ СЕЮМ: НАҚШИ МЕЪМОР



Чарл Корреа соли 1930 дар Ҳиндустон таваллуд шудааст. Ӯ дар Донишгоҳи Мичиган ва Донишкадаи фановарии (технологии) Массачусетси ИМА таҳсил намудааст. Соли 1958 Корреа ба Ҳиндустон баргашта, дар шаҳри Бомбай (Мумбай) ба фаъолияти меъморӣ шуруъ мекунад. Корҳои Корреа оид ба рушди шаҳрдорӣ, дар мавриди истифода аз усули модернизм дар фарҳанги шарқӣ, қобили қабул дониста шудаанд. Корҳои Корреа оид ба барномарезии истифода аз замин ва тарҳҳои иҷтимоӣ, ки бо баҳрабардории навоварона аз биноҳо ва фазоҳои марбута фарқ мекарданд, аз назари корбурдӣ в намодӣ (символикӣ) муҳим арзёбӣ мешуданд. Дар матни зер Корреа мефаҳмонад, ки чаро тарҳҳои манзилӣ барои ҷомеаи камбизоати шаҳрӣ дар гузашта муваффақ нашуданд, ва ҳамзамон роҳҳои дигари ҳалли ин масъаларо пешниҳод менамояд.

Меъмор ба он масъала рӯ ба рӯ мешавад, ки сарфи назар аз саъю талошҳояш, наметавонад нархи манзилро то сатҳе, ки барои табақаи камбизоати шаҳрӣ дастрас бошад, поён бубарад. Воқеан ин афрод метавонанд, танҳо ба он биноҳои одии яктабақае, ки барои худ чунин моҳирона ва зебо месозанд, дастрасӣ дошта бошанд. Барои ин кор онҳо аз маводи маҳаллӣ, мисли гил ва бамбук истифода намуда, қуттиҳои тунукагии консерва ва баргҳои дарахти хурморо низ истифода мебаранд; ва бо баркати ихтирокорӣ ва таҷрибаашон ба онҳо муяссар мешавад, ки зинда бимонанд.

Аммо агар роҳи ҳалли масъалаи манзил мавчуд бошад, пас чаро ин миқдор инсонҳо чун пештара дар пиёдароҳҳои (тротуарҳои) шаҳрҳои мо зиндагӣ мекунанд? Ба ин савол ду посухи ҳалкунанда вуҷуд дорад. Аввал, миқиёси талабот тақозо мекард, ки қисми зиёди беҳтарин заминҳо барои ниёзҳои дигар ҷудо карда шавад; ва ҳ амин тавр теъдоди бештари он манзилҳои худсохт ба заминҳои нодаркори канорҳои шаҳр ронда мешуданд. Фақирон, ки дур аз роҳҳои асосии ҳамлу нақл ва дигар инфрасохтори шаҳрӣ қарор доранд, бо сабаби дастрасӣ надоштан ба васоити нақлиёти шаҳрӣ наметавонанд озодона ҳаракат кунанд, аз имкони интихоби шуғғл ва умуман пайдо намудани кор маҳруманд. Маҳз барои ҳамин дар бисёре аз шаҳрҳо муҳоҷирини ғғайриқонунӣ дар баробари кӯчондани онҳо ба минтақаҳо ва тарҳҳои хидматрасонии дур аз инфраструктураи асосии шаҳрӣ, муқовимат мекунанд. ҒБисёр маврид чунин минтақаҳо таҳти фишори тоҷиронy соҳибкорони маҳаллӣ ба як макони қувваи кории арзон табдил мёбанд. Табиист, ки камбизоатон, ҳадди ақал қисми ботадбиртарини онҳо, боз ба ҳамон пиёдароҳҳои маркази шаҳр бармегарданд. Манзили зист дар рӯйхати ниёзҳои ҳаётии онҳо аз бартарии камтаре бархурдор буда, баъд аз хӯрок, либос, саломатӣ ва ғғайра қарор мегирад.

Ин матлаб моро ба сӯи сабаби дуюм раҳнамоӣ мекунад, ки дар асоси он баҳрамандӣ аз «нӯшдорӯ»- и манзил дар зиндагӣ ғайриимкон аст. Ҳарчанд бисёре аз лоиҳагарон ва масъулини тасмимгиранда дар шаҳрҳои ҷаҳони сеюм, бо камоли майл бартарии манзилҳои худсохтро эътироф мекунанд, вале онҳо эҳсос менамоянд, ки аз ҳисоби нархи беҳтарин замини шаҳрӣ дар сурати дараҷаи пасти зичии аҳолӣ, тамоми фоидаҳои иқтисодӣ аз даст мераванд. Ҳамин гуна тасвири манфӣ дар мисоли Сингапур ё Ҳонконг, дар ҳолати ба назар гирифтани маҳдудият нисбат ба истифодаи замини шаҳрӣ шакл мегирад, зеро ин гуна заминҳоро набояд барои бунёди сохтмонҳои яктабақа сарф кард.

Ин ақидаи гусутурдае буда, ниёз ба таҳлили ҷиддӣ дорад. Манзили шаҳрӣ масъалаи ҷудогона нест; арзиши умумии он барои ҷомеа нисбат ба хароҷоти сохтмонҳои дигар хеле гаронтар мебошад. Чунин вазъият натиҷаи як силсила тасмимҳои дигар доир ба ҷойгиршавии сохтмони манзил, тақсими ҷойҳои корӣ, хатҳои масрафкунанда, масирҳои ҳамлу нақл ва ғайра, мебошад. Мо моҳиятан як мувофиқати беҳтарин миёни хароҷоти сохтмонӣ (ки вобаста ба зичии аҳолӣ тағйир меёбанд) ва арзиши қобили қабули замини шаҳриро ҷустуҷӯ мекунем.



**Кӯчи ғайриқонунии аҳолии** Куалла Лумпур дар Малазия. Акс аз В.Лима

Барои он ки дар ин созиш беҳтарин ҳадди миёнаро пайдо кунем, ба мо лозим аст, ки таърифи дақиқи манзил ва моҳияти аслии онро пешниҳод намоем. Мафҳуми манзил мазмуни фарохтар аз биноро ифода мекунад. Ҳуҷра, ҷузъи таркибии низоми умумии фазост, ки барои зиндагии инсонҳо зарур мебошад. Дар маҳаллаи шаҳрии ҳиндӣ чаҳор адад чунин унсурҳои зарурии фазоӣ вуҷуд доранд. Дар иерархияи пайдарпаи онҳо чунинанд: фазое, ки барои истифодаи хусусии хонавода (масалан, барои пухтани хӯрок, хоб кардан, нигоҳдории ашё ва ғайра) зарур аст; фазое, ки барои муоширату иртиботи наздик лозим аст (масалан, айвоне, ки дар он кӯдакон бозӣ ва бузургсолон бо ҳамсояҳо суҳбат мекунанд); ҷои мулоқоти ҳамсояҳо (маслан, назди ҷумаки қубури об дар шаҳр ва назди чоҳи об дар рустоҳо), ва ин маконест, ки дар он ҷо инсон як қисме аз ҷомеаи худ мегардад; ва ниҳоятан, қаламрави асосии шаҳр, ки тамоми шаҳриён аз он истифода мекунанд. Дар дигар ҷомеаҳо миқдори ин гуна унсурҳо ва иртибот миёни онҳо метавонад дигаргун бошад; аммо равшан аст, ки маконҳои иқомати инсонҳо дар ҳама ҷо – аз шаҳрчаи хурд то бузург – сохтори бо ҳам шабеҳ доранд. Чунин шабоҳат вобаста аз иқлим, даромади молӣ ва суннатҳои фарҳнгии ҳар ҷомеа тағйир меёбад.

Мо метавонем ду хусусияти муҳими ин низомро ҷудо созем. Аввало, бархе аз ин унсурҳо аз фазои баста ва ё фазои боз иборатанд. Ин маталаб барои кишварҳои рӯ ба тараққӣ аҳамяти бунёдӣ дорад, зеро қариб аксари онҳо дар минтақаи тропикӣ воқеъ шудаанд, ки дар он ҷо бештари фаъолияти инсон дар хиёбон ба амал меояд. Маслан, пухтани хӯрок, хоб, саргармиҳо, бозиҳои кӯдакон ва ғайра, ниёз ба майдону фазои баста дар дохили биноҳо надоранд, ва ин гуна амалҳо бо ҳамон маром метавонанд дар саҳни кушод сурат гиранд. Тасаввур кунед, ки дар муҳити хоси фарҳангӣ, ба фарзи мисол наздики ҳафтоду панҷ фоизи ин амалкардҳои асосии зиндагонии шаҳрӣ метавонанд дар ҳавои кушод анҷом ёбанд. Шароити носозгори иқлимро (мавсими боришот ва ғайра) сарфи назар намуда, чун пештара чунин мешуморем, ки вазъи мазкур тақрибан ҳафтод фоизро дар даво-

ми сол ташкил медиҳад. Дар ин замина коэффисиенти истифодаи саҳни кушода нисбат ба истифодаи дохили бештар аз нисфро ташкил медиҳад (0,75x0,70=0,525). Масканҳои миллӣ– аз қасабаҳои Алҷазоир то хоначаҳои коғазии Ҷопон – натиҷаи муросои ҳамоҳангшудае миёни нархи сохтмони бино ва нархи замин барои майдончаи зист дар зери ҳавои кушод, мебошад. Ҳар ҷомеа ва ҳар хонавода дар дохили он тавозуни хусусии худро пайдо мекунанд.

Хусусият дуюм ва моҳиятан муҳим дар ин иерархияи фазои зист иборат аз он аст, ки тамоми унсурҳои он ба ҳамдигар иртибот доранд; норасогии фазо дар яке аз минтақаҳо метавонад аз ҳисоби пешниҳоди фазои бузургтар дар минтақаи дигар ҷуброн шавад. Маслан, хурд будани манзил дар бино метавонад ба воститаи фазои бузург ва бози ҷамъиятӣ дар ҳамсоягӣ ҷуброн шавад ва баръакс. Баъзан метавон носозгории таасуфбореро мушоҳида намуд; масалан, дар Деҳлӣ ба ҳар як хонавода тақрибан ҳафтоду панҷ метри мураббаъ

фазои ҷамъиятӣ рост меояд. Ин низом метавонист беҳтар амал намояд, агар мисли Исфаҳону Банорас, ин қисми фазои умумӣ ба саҳни ҳавлии хурде барои ҳар хона (шояд барои ҳар кадоме ба андозаи даҳ метрии мурабаъ) иваз карда мешуд.

Ин иерархияро мушоҳида намудан ва табиати чунин муросоҳоро дарк кардан, қадами аввал барои таъмин намудан бо манзили зист мебошад. Рад намудани чунин арзёбӣ мӯҷиби дар миён гузоштани масъалаҳои нодуруст мегардад. Маҳз барои ҳамин, ҳалли масъалаи манзил имрӯз асосан ба маънии ҷойгир намудани шумори ҳар чи бештари ҳуҷраҳо дар қаламрави маҳдуд, бидуни дарназардошти дигар ниёзҳои зиндагӣ дар фазо, фаҳмида мешавад. Дар натиҷа муҳити атроф амалан барои зиндагӣ номуносиб мегардад; биноҳо ҳар чи баландтар қомат афрозанд, ҳамон қадар фазои боз аз лиҳози амалкард маҳдудтар мешавад. Саҳни ҳавлӣ, ки бо биноҳои яктабқа иҳота шудааст, барои хоб муносиб аст; дар иҳотаи биноҳои дутабақа метавон ҳӯрок пухт; дар назди хонаи панҷтабақа саҳни ҳавлӣ метавонад нақши майдончаи кӯдаконро иҷро намояд; дар назди хонаи даҳтабақа саҳни ҳавлиро метавон танҳо барои таваққуфгоҳи мошинҳо истифод бурд. Нишонгари (индикатори) пешина ҷиҳати мушаххас намудани фазои боз барои 1000 нафар – ченаки хеле дағалест, зеро фазо бояд ҳам аз ҷиҳати миқдор ва ҳам аз ҷиҳати сифат фарқ кунад.

Аз нақши меъмор дар кишварҳои ҷаҳони сеюм натиҷагирӣ намуда, мо дарк мекунем, ки камбизоатон ба шаҳрҳо на барои ба даст овардани манзил, балки барои пайдо намудани кор меоянд. Бинобар ин, саволи «чӣ гуна бояд сохт?»- ро матраҳ намуда, мо ҳамзамон саволи «дар куҷо бояд сохт?»- ро низ ба назар гирем. Майдончаҳо ва тарҳҳои хидматрасонӣ танҳо қисме аз ҷавобанд, аммо онҳо худ ба худ наметавонанд роҳҳалли



**Маскани кӯчиёни ғайриқонунии шаҳрӣ дар дохили қубур.**
Акс аз В.Лима

ҳама гуна мушкилот бошанд. Вуҷуди муқаррарии чунин майдончаҳо тақозо менамояд, ки онҳо бо унсурҳои асосии инфрасохторҳои шаҳрӣ пайваст бошанд. Миқёси талабот зарурати бозсозии ҷиддии шаҳрҳои моро ба миён меорад. Дарки зарурати ин гуна бозсозӣ ва тезондани он: чунин аст вазифаи асосии меъмор дар кишварҳои ҷаҳони сеюм. Дар сатҳи хурдтарин дар муайянсозии тарҳи шаҳр меъмор бояд ширакт дошта бошад, мисли мистрисҳо, ки дар гузашта чунин амале анҷом медоданд; ӯ бояд ҳамеша дар хотир дошта бошад, ки ӯ ва дигар инсонҳо дар як тарафи мизи гуфтугӯ қарор доранд. Агар меъмор аз уҳдаи ҳалли ин масъалаҳо баромада тавонад, пас, вақте ки кор то ба сохтани хона мерасад, ӯ бояд ташвиш дар дил надошта бошад.



**Манбаъ:** Correa, Charles. "Urban Housing in the Third World: The Role of the Architect." Housing Process and Physical Form. Aga Khan Award for Architecture, 1980, pp. 45-49.

## САВОЛҲО БАРОИ МУҲОКИМА

1. Чаро фақирон барои зиндагӣ роҳравҳои шаҳрҳоро аз хонаҳои канори шаҳр авлотар медонанд? Фазои иқоматии шаҳрӣ чӣ гуна тақсим мешавад? Чаро ҳазинаи сохтмони манзилҳои шаҳрӣ барои шаҳр гарон меафтад?
2. Созмондиҳии манзилҳо, ба гуфтаи Корреа, бояд чӣ гуна сурат гирад? Ду омили муҳим дар созмондиҳии иқоматгоҳ кадомҳоянд? Иқлим, фарҳанг ва даромади молӣ мавриди истифодаи фазо дар хонавода чӣ гуна таъсир доранд?
3. Чӣ гуна зимни тақисми фазои иҷтимоӣ ва шахсӣ, метавон тавозун барқарор кард? Дар таъмин намудан бо маскан кадом омилҳои муҳим бояд мавриди таваҷҷуҳ қарор гиранд?

## САВОЛҲО БАРОИ ТАКРОР

1. Аз диди Корреа барои саҳни ҳавлӣ кадом функсияҳо зарур дониста мешаванд? Миёни функсияи саҳн дар рӯнамоии «Саҳнҳои Империя» ва дидгоҳи Корреа, ки саҳни ҳавлии дохилиро унсури фазо медонист, чӣ тафовуте вуҷуд дорад?
2. Аз диди Корреа саҳни ҳавлӣ чӣ аҳамияте дорад? Чуноне ки дар рӯнамоии «Саҳнҳои Империя» нишон дода шудааст, чаро ин масъала чанд аср пеш то ин андоза муҳим буд?
3. Корреа мефаҳмонад, ки чӣ гуна саҳне, ки бо биноҳо иҳота шудааст, барои пухтани хӯрок, хоб ё бозии кӯдакон мувофиқ аст. Оё шумо метавонед, ки аз рӯнамоии «Саҳнҳои Империя» саҳнеро интихоб намоед ва нишон диҳед, ки он барои кадом ҳадафҳо беҳтар хидмат мекунад?

# ҶОН Ф.Ч. ТЕРНЕР
# ТАЪМИНИ МАНЗИЛ: БАХШЕ АЗ ОН ДАР РАВАНДИ ДИГАРИ ПЕШРАФТ

Ҷон Фрэнсис Чарлвуд Тернер соли 1927 таваллуд ёфта, бештар бо таълифоти худ роҷеъ ба масоили манзил, ки таъсири чашмгире ба сиёсати манзил дар тамоми ҷаҳон доштаанд, маъруф аст. Тернер соли 1954 Иттиҳодияи меъморонро дар Лондон хатм намуд. Ӯ дар Британияи Кабир, Перу (1957-1965), Иёлоти Муттаҳида ва кишварҳои рӯ ба тараққӣ роҷеъ ба масоили назария, амалия ва василаҳои худидоракунии хонаҳо ва иншоотҳои маишӣ фаъолият кард. То соли 1983 Тернер дар Донишкадаи технологии Массачусетс (1965-1973), Донишгоҳи Ҳарвард, ва Коллеҷи донишгоҳии Лондон машғули тадрис буд. Қисми матне, ки дар зер меояд, аз суханронии ифтитоҳии Ҷон Тернер, ки соли 1979 дар семинар роҷеъ ба раванди сохтмон ва шакли физикии манзил, ки ӯ барои ин сазовори ҷоизаи Оғо Хон дар бахши меъморӣ гардида буд, мебошад. Ҷон Тернер таъйид мекунад, ки манзил худ як мафҳуми хеле густурдаест ва дар назар гирифтани он ба унвони як моли истеъмоли густурда муҷиби сар задани мушкилоти зиёде чи барои фарди ҷудогона ва чи барои ҷомеа мегардад. Ӯ, ҳамчунин, нақши аҳолӣ ва ҷамоатҳои маҳаллиро баррасӣ намуда, бархе василаи калидии ҳалли мушкилоти манзилро дар ҷаҳони муосир пешниҳод месозад.

## МАНЗИЛ – ИН ФАЪОЛИЯТ

Манзил на танҳо василаи хариду фурӯш мебошад. Ин раванди хеле печидаи ҳамкории мутақобили теъдоди зиёди инсонҳо ва созмонҳост, ки ашёи зиёдеро истеҳсол мекунанд, то ки натиҷаҳои гуногуни воқеӣ ва ё мавриди интизорро ба даст оранд. Вақте ки вожаи «манзил»-ро танҳо барои ифодаи бозори манзил истифода мекунанд, доираи тобиши маънoии он хеле танг мешавад; дар ин ҳол, шояд, амалҳои марбута камтаъсиртар ва камравнақтар шаванд. Назарҳои яктарафа ва маҳдуди истеҳсолкунандагони умумӣ ва ё хусусӣ, ки манфиати худро танҳо дар маҳсулоти ниҳоӣ мебинанд, ҳеҷ гоҳ муҷиби роҳандозии сиёсати созандаи иқтисодӣ ва иҷтимоии манзил нагардидаанд; онҳо ба усулҳо ва воситаҳое, ки аз тариқи онҳо молҳо ва хадамоти манзилӣ истеҳсол мешаванд ва дастгирӣ меёбанд, кам таваҷҷуҳ доранд ва ё, аслан, ба онҳо таваҷҷуҳе намекунанд. Ҳеҷ як иҷорагири воқеӣ ё эҳтимолӣ танҳо ба миқдор ва сифати маводи барои сохтмони манзил зарурӣ таваҷҷуҳе зоҳир намекунад. Ӯ аз ҳама бештар ба макони ҷойгиршавии манзил, муҳлати иҷора ва хароҷоти мустақим ва ғайримустақим барои зиндагӣ намудан дар он таваҷҷуҳ мекунад.

Мушкилоти вобаста ба манзил ба таври маъмулӣ аз ҷониби бисёр коршиносон ҳамчун масъалаҳои камбуди ададӣ ва стандартҳои физикӣ баррасӣ мешаванд: макони ҷойгиршавӣ танҳо ҳамин ҳоло ба унвони омили муҳим эътироф мешавад. Умдатарин роҳҳои ҳалли умумии ин гуна мушкилот иборат аз он буданд, ки ба мошини истеҳсол ҳарчи бештар пул рехта шавад ё ки аз тариқи он аз ҳисоби ҳамон буҷа ҳарчи бештар пул ситонда шавад ва ҳамзамон, беҳтарин созмондиҳии истеҳсолот (истифода аз фа-



новариҳои муосир, мисли рушди системаҳои саноатӣ, ки чанде пеш дар кишварҳои мутараққӣ одӣ маҳсуб мешуданд ё ки навовариҳо дар соҳаи идоракунӣ, мисли киро кардани оилаҳое, ки даромади андак доранд, то ки онҳо битавонанд манзили шахсии худро созанд) интихоб карда шавад. Ҳангоме ки аз мафҳуми «манзил» бардошти нодуруст ё таҳрифшуда сурат мегирад ва он ҳамчун мавод ва мол тафсир мешавад, роҳҳо ва воситаҳои истеҳсол ва нигоҳдории он маъмулӣ дониста мешаванд ва одатан, ба ҳисоб гирифта намешаванд.

Ҳадафи мустақими сиёсати манзил аз такмилу беҳбуди хонаҳо ва фазои атрофи онҳо иборат аст, ки ҳамагӣ ба унвони маҷмуи фазои манзилҳои шахсӣ, нимшахсӣ, нимдавлатӣ ва давлатии сектори корхонаҳои коммуналӣ ва навъҳои таъсисоти тиҷоратӣ, ҳукуматӣ ва ғайритиҷоратию ғайриҳукуматӣ муайян карда мешаванд. Барои тамоми ҷузъҳои таркибии манзил – тамоми сохторҳо ва бахшҳо, тамоми зерсохтор ва тамоми хадамоти коммуналӣ ва хоҷагии коммуналӣ – вуҷуди замин, неруи корӣ ва васолили техникӣ (асосан маводи сохтмонӣ ва олоту абзорӣ, об ва неруи барқ ) талаб карда мешавад. Ин унсурҳо васоиле ҳастанд, ки тавассути онҳо манзил сохтаву нигаҳдорӣ мешавад. Дастрасӣ ба ин гуна унсурҳо ва ё захираҳои асосӣ аз се омили асосӣ вобаста аст: аз равишҳое, ки барои амалӣ шудани тасмимҳо ба кор гирифта мешаванд ва василаҳои идоракунӣ (яъне, ки ҳал мекунад ва ки амалӣ месозад); аз роҳҳое, ки тавассути онҳо қоидаҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ қабул карда мешаванд, ки барои танзими воситаҳо ва амалҳо заруранд; ва аз василаҳое, ки тавассути онҳо

табодул сурат мегирад, сарфи назар аз он ки мубодилаи мол ё хадамот ва ё мубодилаи бартерӣ дар назар аст ва сарфи назар аз он ки ин муомила бо пули нақд ё аз тариқи қарздиҳӣ, ё аз роҳи сармоягузорӣ ва муқаррар намудани андоза анҷом мешавад.

Миқдори моддӣ ё сифати молҳо ва хадамоти марбут ба манзил аз дастрасӣ доштан ба захираҳо ва истифода аз онҳо ва ҳамчунин, аз муассисоти иҷтимоӣ, ки дарстрасӣ ва истифода аз ин захираҳоро муқаррар мекунанд, вобаста аст. Аз ин рӯ, барои сохтмони манзил тағйироти ниҳодӣ ё тағйири воситаҳои таъминоти манзил; тағийрот дар интихоб ва истифодаи захираҳо ё василаҳои сохтмони манзил; тағйирот дар шаклҳои таҳияшуда ва натиҷаҳои бевоситаи раванди сохтмони манзил дар авлавият қарор доранд. Аммо миёни осон сурат гирифтани ин тағйирот ва самарабахшии онҳо таносуби баръакс вуҷуд дорад. Тағйироти лоиҳавӣ, ки дар ороиши биноҳо, гурӯҳбандии онҳо, чашмандоз (ландшафт) ва сохторҳои вобаста сурат мегиранд, самари камтаре ба бор меоранд. Бо вуҷуди ин, баъзе шаклҳо нисбат ба дигарашон бештар ба тағйироти захиравӣ ва ниҳодӣ мутобиқат доранд. Ҳамин тавр, тарҳ метавонад тағйиротро осонтар созад, ҳатто, агар аҳёнан боиси сар задани онҳо гардад.

Тағйирот дар истифода аз замин, созмондиҳӣ ва идоракунии корҳо ва дар намудҳои истифода аз мавод ва масолеҳи сохтмонӣ – ҳамаи ин таъсири имконпазири бузургтаре ба ҷомеа дорад, магар ки тағйирот танҳо дар шакли табиӣ; аммо онҳо, маъмулан, аз лиҳози амалӣ шудан мушкилтаранд; ин гуна тағйирот ба таври маъмул ба гурӯҳҳои аз лиҳози алоқамандӣ бештар муташаккилтар ва муассиртаре таъсиргузор мебошанд. Тағйирот дар сохтори ҳокимият, ки ба таври мустақим ва ё тавассути тағйири қоидаҳои бозӣ ё низоми баҳодиҳӣ амалӣ шудаанд, яқинан, нисбат ба ҳамаи дигар намуди тағйирот мушкилтар мебошанд. Дурустии ин матлаб замоне комилан дуруст дарк карда мешавад, ки амалкардҳои бозорро давлат ба худ мегирад ё замоне, ки дар ҳукумат монополияҳои хусусии сармоядорӣ бартарӣ доранд. Ҳарчанд авлавиятҳо дақиқан мушаххас шудаанд, вале фаъолият дар ҳар арсае метавонад аз лиҳози тактикӣ барои ба даст овардани имконот ҷиҳати тағйироте хидмат намояд, ки дар навбати худ метавонанд бахше аз стратегияи дарозмуддат бошанд.

## МАСЪАЛАҲОИ МАНЗИЛ: ҲАЛЛИ ОН ЧИ НАТИҶА ХОҲАД ДОД

Аҳамияти таъмини манзил – ба унвони роҳҳо, василаҳо, инчунин ба унвони маҳсули ниҳоӣ – дар он зуҳур меёбад, ки он барои ҳамаи афроди марбута ва қабл аз ҳама барои истифодабарандагон, чи маънӣ дорад. Наметавон гуфт, ки кадом навъи хоси манзил ва ё макони ҷойгиршавии он барои инсонҳо бештар мақбул ва мусбат ё манфур ва манфӣ аст. Милли-

онҳо нафар одамон аз вайрон кардани хонаҳои куҳна ва нақшаи бозсозии онҳо шадидан азоб мекашанд, сарфи назар аз он ки дар натиҷа афроди зиёде манзили «беҳтаре» ба даст овардаанд. Фурӯпошии оилаҳо ва ҷомеаҳои шаклгирифта, бекорӣ дар маҳалҳо ва хароҷоти зиёд ҷиҳати сафарҳои тулонӣ ва гаронҳазина барои даромад, нархи аксаран гарони манзил ва камбуди воситаҳои маишӣ, аз даст додани имкони ивази манзил ё набуди замонат роҷеъ ба риояти муҳлати муқарраршуда ҳангоми иҷораи манзил ва албатта, бенизомӣ ва ноумедӣ, ки аз он теъдоди зиёди одамон бар асари аз даст додани муҳити барояшон ошно ранҷ мекашанд, – ҳамаи ин натиҷаи таъсири сиёсати манзил дар даврони муосир мебошад.



Қотеонатар бигӯем, ба ғайр аз иртиботи манзил ба инсон, ҷиҳатҳои дигари зарурати он муҳим ба назар намерасанд. Азбаски вазъи ҳар инсон вижагии худро дорад ва бо мурури замон тағйир меёбад, пас истифода аз ҷанбаҳои физикӣ ба унвони чораҳо дар иртибот бо «мушкилоти манзил» вазъиятро печидатар месозад. Таконҳои шахсӣ ва иҷтимоӣ, ки бар асари сиёсати носозгори манзил аз сари мо мегузаранд, аксаран, натиҷаи мустақими камбуди масоҳати манзил ва хадамоти марбута ва ҳамчунин, ихтисори мунтазам ё набудани имкони интихоб мебошанд. Иқдоми бузургу таскинбахш ҷиҳати ҳалли ин мушкил, таъмини миқдори зарурии манзил ё хадамоти коммуналӣ ва ё ҳам ину ҳам он мебошад. Сиёсати стандартии манзил, яқинан, ҳам аз лиҳози хароҷоти моддӣ ва ҳам аз ҷиҳати захоири инсонӣ теъдоди мушкилотро нисбат ба ҳалли онҳо бештар кард. Акнун, замоне ки ин матлаб ба таври расмӣ эътироф мегардад, «бозии рақамҳо дар иртибот бо манзил» торафт ботил будани худро бештар собит месозад. Дар тафовут бо ниёзмандон, неруҳои сиёсӣ ва ҳукуматҳо то кунун роҳҳои қонеъ намудани ин эҳтиёҷотро дарк накардаанд.

Инсонҳо бар асари натиҷаҳои мустақими тамоюлот, василаҳо ё ҳадафҳои вобаста ба манзил, ки бо се сабаб ба вазъи онҳо созгор нестанд, азият мекашанд; зеро онҳо таҳти хатари кӯчондан қарор доранд ва зимни интихоби гузинаҳои имконпазир вазъи мушкиле хоҳанд дошт, – дар ин ҳолат барномаи манзилии онҳо бояд моликиятро бо ҳаққи иҷора гирифтан таъйид намояд; зеро хонаҳои онҳо ва фазои атрофи хонаҳо, моҳиятан, вазъи номувофиқ доранд, оё замонате ҷиҳати муддати зиндагӣ дар онҳо мавҷуд аст ё не, – дар ин ҳолат барномаи онҳо бояд он чиро ки доранд, беҳтар намояд; зеро ки шароити мавҷудаи манзилии онҳо созгору муносиб нест ё куллан чунин шароит вуҷуд надорад ва гузинаҳои дастрас ва мақбулу мавриди ниёз, махсусан дар хонаҳои нав ва маҳаллаҳои нав, кофӣ нестанд. Дар ин ҳолат ҳадаф иборат аз он аст, ки сифати хонаҳои нав ва атрофи онҳо беҳтар карда шавад. Ҳар гуна вазъияти вобаста ба манзил аз тариқи яке аз «барномаҳои асосии манзил», ки дар боло зикрашон рафт, қобили тавсиф аст ё он метавонад таркибе иборат аз ҳар се омили номбурда бошад. Тамоюлоти муосир дар сиёсати манзил дар ҳамин самт пеш меравад. Ҳоло дар бораи камбуди манзили зист, назар ба ҳифзу рушди иншооти истиқоматӣ ва дастгирии иттиҳодияҳои онҳо, метавон камтар шуниду мутолиа кард. Дар кишварҳое, ки афзоиши аҳолии шаҳрҳояшон нисбатан устувор ё суст аст, таваҷҷуҳи бештар ба нигоҳдорӣ ва истифодаи самараноки фондҳои манзили мавҷуда дода мешавад.

## ҲАЛЛИ МАСЪАЛАИ МАНЗИЛ БАРОИ МАҚОМОТИ МАРКАЗИИ ҲОКИМИЯТ ХЕЛЕ МУРАККАБ АСТ

Ҳал намудан ва таҳти назорат қарор додани ҳар гуна барномаи сохтмони манзил барои ҳар гуна созмони бузург басо мушкил аст. Ҳар андоза, ки созмон бузург ё техноглогияе, ки барои он созмони бузург зарур аст, мураккабтар бошад, ҳамон андоза мол ва хадамоти тавлиднамудаи он аз истеъмолкунанда дуртар мешаванд ва ба ҳамон андоза талабот нисбат ба стандартӣ намудани ин молҳо ва хадамот меафзояд. Мудириятҳои мутамарказ – корпоратсияҳои тиҷоратӣ, намояндагиҳои давлатӣ ё пайвастагиҳои онон – таъминкунандагони маъмулии манзили муосир мегарданд. Якнавохтии афзояндаи сохтмони манзили муосир бо меъмории хоси он, ки аксаран дар ду тарафи уқёнус дар он фарқе ба назар намерасад, нишонаи хоси ин равиш мебошад. Тамаркуз (мутамарказ сохтан) тафовутҳои беохири миёни одамон, хонаводаҳо ва ҷомеаҳоро дар чаҳорчӯби ҳамон як намуна ҷой медиҳад ва аз ин тариқ, табиати онҳоро фавқулода таҳриф месозад ва саҳми худро дар саркӯб намудан ва беназм сохтани фаъолияти шахсии онҳо мегузорад.

То даврони ниёзмандӣ ба мухторият дар тамоми сатҳҳои ҷомеа, ки нисбатан ба наздикӣ оғоз ёфт ва вақте ки иштиёқ ба саноатисозии ширкатҳои бузурги шаҳрӣ дар авҷ буд, зарурати қобили тасаввури истеҳсоли оммавӣ дар тамоми соҳаҳо, аз ҷумла сохтмони манзил, падидаи аз тарафи умум эътирофшуда буд. Эътиқод ба илм ва техникаи индустриалӣ то андозае буд, ки «мушкили вобаста ба манзил» ба «ақибмондагии» саноати сохтмони манзил нисбат дода мешуд; фарз бар ин буд, ки замоне ки иқдомоти зарурӣ роҷеъ ба сарфаҷӯӣ, ки аз афзоиши миқёси истеҳсолот вобаста мебошанд, бо истифода аз мутамарказ намудани тарҳрезию тақсимот ба даст меоянд, ҳамаро метавон дар манзилҳои дорои шароити муносиб маскун сохт. Аммо ҳоло маълум мешавад, ки ба чунин иншоотҳои аз лиҳози техникӣ одӣ ва аз диди ҷуғрофиёӣ собит (мисли хонаҳо ва хиёбонҳо), ки истифода ва нигоҳдориашон ниҳоят мураккаб аст, наметавон мисли мошинҳои ҳаракаткунандаи аз лиҳози техниқӣ мураккаб, вале дорои ҳадафҳои одӣ (мисли автомобилҳо) муносибат кард. Торафт бештар рӯшан мегардад, ки сохтмони манзил аз тарафи омма нисбат ба бунёди оммавии манзил бамаротиб сарфаҷӯёнатар ва аз лиҳози иҷтимоӣ устувортар аст ва миқёси иқтисодӣ барои тарҳрезӣ, сохтмон ва идоракунии манзилгоҳҳо бояд калон набуда, балки хусусияти маҳаллӣ дошта бошад.

Инчунин, равшан мешавад, ки беҳтарин захираҳои барои сохтмони манзил муқарраршуда – замин, корҳои сохтмонӣ ва маводи қобили дастрасӣ – хусусияти маҳаллӣ ва фавқулода тағйирпазир доранд; онҳо метавонанд аз ҷониби ашхоси ҷудогона ва созмонҳои хурди маҳаллие ба таври зарурӣ

истифода шаванд, ки бо онҳо ошноӣ доранд ва метавонанд онҳоро барои манфиатҳои шахсӣ ва маҳалли худ мутобиқ гардонанд. Сохтмони манзил, ки ба таври мутамарказ идора мешавад, дар истифода аз захираҳои моддӣ ва инсонӣ тамоюл ба исрофкорӣ дорад ва аз ин рӯ, он хеле серхароҷот буда, аз лиҳози иқтисодӣ муҷиби таваррум мегардад. Созмонҳои бузург танҳо бахши ночизи захираҳои маҳаллиро истифода мекунанд ва шеваҳои стандартӣ ва шартҳои техникиро бор мекунанд; онҳо бояд маводи овардашударо бо маводи маҳаллӣ иваз намоянд ва ҳамчунин, бояд аз кирояи бенизоми неруи корӣ бо сатҳи пасти тахассус ва пардохти соатбайъи музди меҳнат даст кашида, ба истихдоми афрод бо ихтисоси озод ва ширкатҳои хурди оилавӣ рӯй оранд. Эҳтиёҷ ба таҷҳизоти истеҳсолии серхароҷот ва истифода набурдан аз захираҳои маҳаллӣ боиси бештар афзудани арзиш ва нархи манзил нисбат ба дигар молҳо ва хадамот мегардад. Равшан аст, ки озмоиши даврони муосир марбут ба сохтмони оммавии манзил ба нокомӣ дучор шуд ва ҳарчи зудтар бояд аз ин ақида даст кашид. Сохтмони манзил, чуноне ки пеш буд, бояд дар бахши зиёде аз ҷаҳон аз нав дорои назорати маҳаллӣ ва низоми худидоракунӣ гардад (сарфи назар аз таҳрифҳое, ки аз тарафи бозори бартаридошта ва сохти давлатӣ таҳмил шуда буданд).

Шарти аввал барои тағйири сохтори сиёсати манзил ҳимояи доимии ҳуқуқи мардум дар заминаи муайян намудан ва амалӣ сохтани ниёзҳо ва авлавиятҳои онҳо мебошад. Мудирон ва мутахассисони ҳирфавӣ, ки дар фосилаи дур қарор доранд, наметавонанд ба унвони коршиносон дар бахши ниёзҳо ва авлавиятҳои мардум амал намоянд ва гузашта аз ин, онҳо қодир нестанд бидонанд, ки чи тавр он теъдоди зиёду гуногуни авлавиятҳо ва ниёзҳо бо истифода аз захираҳои маҳаллӣ ба наҳви беҳтарин қонеъ гардонда шавад. Одамон бояд ҳуқуқҳои худро дар иртибот бо захираҳо ва озодии худро дар иртибот бо истифода аз ин захираҳо бо наҳви барояшон дилхоҳ ҳимоя намоянд ё дар акси ҳол сохтмони манзил бори гароне барои хонаводаҳо ва куллан, барои ҷомеа хоҳад шуд. Фаъолияти ҷамъиятӣ, ки дар кишварҳои сарватманди аз лиҳози саноатӣ пешрафта торафт маъмултар мегардад, мисли шаҳрҳои васеъшаванда, ки аҳолияшон даромади кам дорад, бояд талаботи худро дар заминаи дастрасӣ ба захираҳо густурдатар намояд. Вақте ки ташаббусҳои маҳаллӣ таҳриф мегарданд ва мубаддал ба талаботи ба андозаи зиёд мутамарказ сохтан ва таъмин намудани манзилҳои аллакай омода ва «молҳо»-и манзилии тайёр мешаванд, ин боиси шикасти тамоми корҳо хоҳад шуд.

## СОХТМОНИ МАНЗИЛ МАЪМУЛАН ВА БА ТАВРИ ҲАТМӢ ФАЪОЛИЯТИ МАҲАЛЛӢ АСТ

Тарҳрезӣ, бунёд, мукаммал намудан ва идора кардани хонаҳо ва зерсохтор вазифаи ҷомеаҳои маҳаллӣ аст, на вазифаи давлат ё бозор. Бахши «мушорикат» аз бахшҳои ҷамъиятӣ ё хусусӣ, ки маъмулан ҷомеа ба онҳо тақсим мешавад, фарқ мекунад; ин бахш на ғолибан тиҷоратӣ аст ва на расман давлатӣ. Зеро бисёр омилҳо баёнгари онанд, ки ҷомеа ва иқтисоди он наметавонанд танҳо тавассути мафҳумҳо, ки ангезаашон амалҳои



даромаднок ва ҳукми амалиёти давлатӣ мебошад, ба таври бояду шояд фаҳмида шаванд. Дар кишварҳои ҷаҳони сеюм бештари кӯшишҳо, ки аз тарафи одамон анҷом дода мешаванд, асосан, аз қонеъ сохтани ниёзҳои рӯзмарраи худи онҳо ба ғизо, пӯшок, манзил ва ишқ иборат мебошанд. Дар ҳоле, ки унсурҳои тиҷорат ва сиёсат дар фаъолияти бештар созмонёфтаи марбут ба манзил, ки «истеҳсол ва тақсими молҳо ё идоракунии хадамот»-ро дар бар мегиранд, ба назар мерасанд; фаъолияте, ки дар миқёси хурд ва хусусӣ анҷом мешавад, маъмулан, ғайрисармоядорӣ ва ғайридавлатӣ аст.

Тафовутҳои ноҳамвор, вале ҳоло ҳам фоиданок миёни аҳолӣ, бозор ва бахши давлатӣ баҳси бефоидаи «намояндагони ҷомеа» ё давлатро ба муқобили «моликони хусусӣ» ё пешниҳоди бозаргонии манзил боз медоранд. Бахши сеюм (бахши иқтисод, ки созмонҳои хусусии ғайритиҷоратиро муттаҳид месозад; ба он таааллуқ доранд созмонҳои ихтиёрӣ ва маҳаллӣ, фондҳои хайрия, корхонаҳои иҷтимоӣ; кооперативҳо ва ғайра) қабл аз ҳалли ихтилофи ногузири миёни ҳомиёни бозор ва давлат бояд комилан ва

ба таври мушаххас эътироф карда шавад. Замоне, ки созмонҳои ҷамъиятӣ ба унвони бахши бартариноки иқтисоди манзил эътироф хоҳанд шуд, навъҳои ғанитар ва мутобиқтари гузинаҳо метавонанд ба гуногунрангии сершумори матнҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ мувофиқат намояд. Сарфи назар аз он ки, ҳадафи бартари иҷтимоӣ иборат аз маҳдуд намудан ва зери назорат гирифтани истисмори сармоядорӣ ё тамаркузгароии бюрократӣ аст, эҷоди тавозун дар сиёсати манзил метавонад – ё эҳтимолан – бахши асосии ҳар гуна стратегияи чунин тағйирот гардад. Яқинан, масъала сари он нест, ки оё таъмини манзил бояд маҳсули ҳар гуна бахше бошад, ки он ба таври ҳатмӣ ягона аст; куллан таҷриба баёнгари он аст, ки ба таври ниҳоӣ ин матлаб ғайриимкон аст. Мушкили воқеӣ иборат аз тафовут миёни сатҳҳои мухталифи фаъолият ва ҳокимият куллан дар раванди сохтмони манзил аст.

Барои дарки дурусти ин масъала бояд ҳадди ақал се навъи асосии «сатҳи фаъолият» ва се навъи «сатҳи ҳукумат»-ро дар бахши манзил фарқ кард. Се сатҳи фаъолият метавонанд ҳамчун ҷамъоварии тамоми ҷузъҳои шароити манзил, таъмини ҷузъҳои ҷамъоваришаванда ва таъмини дастрасӣ ба унсурҳое тавсиф шавад, ки аз онҳо ин ҷузъҳо истеҳсол ва ҷамъоварӣ карда мешаванд. Унсури охирин захираҳо ва созмонҳои асосиеро дар бар мегирад, ки аз онҳо раванди истеҳсолот вобаста аст. Ҷамъоварӣ, моҳиятан, ин тарҳрезӣ, сохтани биноҳо, хидматрасонӣ ба ин биноҳо ва минтақаи атрофи онҳо мебошад. Ин амал ба унвони фаъолияти маҳаллӣ тавсиф мешавад, вале ба ғайр аз ҳолатҳое, ки блокҳои истиқоматӣ қаблан ҷамъоварӣ карда мешаванд; дар ин гуна ҳолатҳо онҳо ба унвони ҷузъҳо тавсиф гардида, мисли дигар мавод ба минтақаи сохтмон оварда мешаванд. Муттаҳид намудани тарҳҳои манзилгоҳҳо ё такмили минтақаи наздики онҳо метавонад аз тарафи сатҳҳои мухталифи ҳукумат, бевосита аз тарафи мардум, созмонҳои тиҷоратии сатҳи минтақавию байналмилалӣ ё ки аз тарафи сатҳҳои мухталифи муассисаҳои давлатӣ анҷом дода шавад.

Ин кор масъулияти ҷомеаҳои маҳаллиро вобаста ба сатҳи зикршудаи фаъолият ва вобаста ба амалисозии марҳалавии тарҳҳо ва барномаҳои сохтмони манзил, ки аз марказ танзим мешаванд, тақозо дорад. Аммо ин маънои онро надорад, ки ҷузъҳои мазкур бояд аз тарафи бахши ҷамъиятӣ таъмин карда шаванд. Бисёр ҷузъҳо, аз қабили системаҳои лӯлаҳои обрасонӣ ва заҳкашӣ, аз лиҳози миқёс вобаста ба шаҳрдорӣ ва ё пойтахт мебошанд ва онҳо ниёз ба сатҳи мувофиқи ҳокимият барои барномарезӣ, татбиқ ва идоракунӣ доранд. Ҷузъҳои номбурда ва бисёр дигар ҷузъҳо аз тарафи ҳукумати марказӣ ё намояндагиҳои байналмилалӣ ва ширкатҳои бузурги фаромиллӣ беҳтар таъмин карда мешаванд. Агар мақомот ва ташкилоти маҳаллӣ аз уҳдаи таъмини зерсохтор ва дигар унсурҳо набароянд, маъмулан, он аз ҷониби созмонҳои васатӣ ё шаҳрдорӣ сурат мегирад. Таъмини унсурҳо ва захираҳои асосӣ, инчунин, истифода аз созмонҳое, ки дастрасӣ ба онҳоро муайян месозанд, то ҳадди зиёде аз ҳукумати марказӣ ва мақомоти давлатӣ вобаста аст. Захираҳое, ки миқдорашон дар миқёси маҳаллӣ ё ҷаҳонӣ нокофӣ аст, метавонанд танҳо аз тарафи ҳукуматҳои марказӣ назорат ва ба таври одилона тақсим шаванд.

Инчунин, ҳамин нуктаро метавон дар мавриди қоидаҳоеин, истифода аз созмонҳое, ки дастрасӣ ба онҳоро муайян месозанд, то ҳадди дастрасӣ ба захираҳо ё наздикии онҳо муассиранд; ва арзёбӣ аз нокифоя будани захираҳо танҳо аз тарафи ҳукумати марказӣ метавонад ба таври самаранок назорат шавад.

Хоҷагии манзил, ки ба таври мутамарказ идора мешавад, аз ҳар ҷиҳат хеле серхароҷот аст: ҳам аз лиҳози мавод ва ҳам аз лиҳози захираҳо; замоне, ки камбуди захираҳо ҷанбаи маҳаллӣ ё вижагии инҳисори хусусӣ дорад, тақрибан ба таври ногузир тақсимоти номуназзам ва истифодаи нодуруст сурат мегирад. Ба таври назаррас ҳамдигарро мукаммал намудани бозор, давлат ва созмонҳои ҷамъиятӣ танҳо замоне равшан дарк мешавад, ки марзҳои миёни сатҳҳои фаъолият ва давлат ба таври бояду шояд муайян шуда бошанд. Бахши созмонҳои ҷамъиятӣ бояд ғолибан барои тарҳрезӣ, сохтмон ва хидматрасонии хонаҳо ва фазои атрофи онҳо масъул бошанд; бахши давлатӣ бояд барои «қонун дар бораи замин» ва тақсимоти захираҳои ғайрикофии маҳаллавию минтақавӣ эҳсоси масъулият намояд. Нақш ва масъулияти созмонҳои васатии давлатӣ ва тиҷоратӣ ниҳоят гуногунҷанба буда, аз шароити маҳаллӣ вобаста мебошанд.

Дар кишварҳои то ҳадди зиёд шаҳришудаи саноатӣ бо сатҳи болои даромад ва дар кишварҳои дорои идоракунии мутамаркази бюрократӣ бахши созмонҳои ҷамъиятӣ махсусан заиф аст. Вазифаи пурзӯр намудани ҳуқуқ ва озодиҳои шахсӣ ва маҳаллӣ дар сиёсати марбут ба манзил ё ҳар соҳаи дигари фаъолият, эҳтимолан, бе мушорикати созмонҳои маҳаллии ҷамъиятӣ иҷронашаванда аст. Бисёр иттиҳодияҳои маҳаллии хоҷагиҳои оилавӣ дар кишварҳои ҷаҳони сеюм, ки даромади ночиз доранд, дастовардҳои назаррасе ба намоиш мегузоранд. Ин матлаб дар он зуҳур меёбад, ки одамони одӣ аз тариқи амалиёти дастаҷамъона, ки дар миқёси маҳдуд созмон ёфтааст, метавонанд сатҳи чашмгири назоратро бар сифати зиндагии хеш дар ихтиёр дошта бошанд; ва махсусан ҳангоме ки ин иттиҳодияҳои маҳаллӣ дар чаҳорчӯби федератсия муттаҳид мешаванд. Нишондодҳои баъзан оммавӣ роҷеъ ба фаъолияти **скваттерҳо** барои тағйири чашмгир дар сиёсат ва нафъи аксарият мусоидат намуданд. Дар шумори афзояндаи кишварҳои бештар сарватманд ва бештар ниҳодӣ (институтсиализатсия) шуда, фаъолияти созмонҳои ҷамъиятӣ низ саҳми худро дар пешрафти сиёсат роҷеъ ба ҳифозати муштарак, рушди фазои атроф ва иттиҳодияҳои мавҷуда, ки он дур аз тарҳрезии мутамаркази дигаргунсозиҳо мебошад, мегузорад.

**Скваттер –** шахсе, ки дар бино ва ё дар қитъаи замин бе иҷоза ё бидуни пардохти ҳаққи иҷора зиндагӣ мекунад.

## СОХТМОНИ МАНЗИЛ БОЯД БА ТАВРИ МУТАМАРКАЗ ПУШТИБОНӢ ШАВАД, АММО НА БА ТАВРИ МУТАМРКАЗ ТАЪМИНШАВАНДА БОШАД

Системаҳои манзилӣ, ки аз одамон пуштибонӣ мекунанд ва барои рушди маҳаллӣ ва иҷтимоӣ монанди қаторахои ҳаракаткунанда амал менамоянд, мисли шабакаҳои намояндагии худкоре (автоматие) ташкил шудаанд, ки салоҳият доранд барои гирифтани унсурҳо, ҷузъҳо ва воҳидҳои васлкунии манзил музокирот анҷом диҳанд. Тамоми ашхоси тасмимгиранда – молики хона, бинокор, таъминкунандаи мавод, соҳиби замин ё моликият, намояндагиҳои мухталифи давлатӣ ё мутахассисони миёнарав – масъулият ва нақши мухталиф, вале якдигарро такмилкунанда доранд. Дар низоми худкор натиҷаи ниҳоӣ – ин масъули музокирот миёни ҳамаи онҳоест, ки бархе тасмимҳо ё амалиётро назорат мекунанд. Дар низомҳои силсиламаротибӣ (иерархиявӣ), аз дигар тараф, намояндагии вижа ё гурӯҳи маҳдуду пӯшида дорои бартарӣ аст, ки он тавони тасмимгирӣ роҷеъ ба тамоми муҳимтарин масъалаҳоро дорад; ҳамин тавр, иштирокдорони дигар дар мақоми поёнии мизоҷҳо, ходимон ё истеъмолкунандагони ғайрифаъоли молу хадамот, ки барояшон муқаррар шуда ва дар байнашон тақсим мешавад, қарор дода шудаанд. **Гетерономия** низомест, ки дар он ҳама, ба ҷуз аз афроде, ки дар болотарин нуқтаи ҳарами (пирамидаи) иҷтимоӣ қарор доранд, аз тасмими касоне, ки болои онҳо фармонраво таъин шудаанд, вобастаанд.

**Гетерономия –** пайрвӣ аз меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки аз тарафи дигарон барқарор шудаанд.

**Автаркия –** ҳолат ва ё эҳсоси кофӣ будани худмухторӣ.

Худмухторӣ вобастагии мутақобилро дар назар дорад. Намояндагиҳое, ки гиреҳҳои шабакаи худмухтор мебошанд, на танҳо аз якдигар, балки аз дастрасӣ ба захираҳои мавриди эҳтиёҷашон ва ҳамчунин, аз озодӣ дар заминаи ба таври муносиб истифода бурдан аз ин захираҳо вобастагӣ доранд. Шабакаҳои маҳалливу минтақавӣ то ҳадде аз шабакаҳои марказӣ вобастаанд, ки ҳукуматҳои марказӣ дастрасӣ ба захираҳои маҳдуди маҳаллиро идора намуда, истифодаи шахсӣ ва маҳаллиро аз онҳо таҳти ҳимоя қарор медиҳанд. Вобастагии бахши созмонҳои ҷамъиятии маҳаллӣ ё бозороҳои марбут ба ширкатҳои бузург аз ҳукумати марказӣ ва давлат наметавонад пурра бошад; агар чунин бошад, пас дастгирӣ ёфтани худмухторӣ ба гумон аст, ҳатто, агар ин худмухторӣ ба даст оварда шуда бошад. Агар шабакаҳои маҳаллӣ то он ҳадди зарурие қаламрави васеъ дошта бошанд, то битавонанд дастрасӣ ба захираҳои асосии барои зиндагӣ заруриро дар ихтиёр гирифта ва онҳоро ҳифз намоянд, он гоҳ ҷомеаҳои маҳаллӣ метавонанд мустақил бошанд. Ин ягона роҳест, ки шабакаҳои маҳаллӣ бо истифода аз он метавонанд дар баробари бозори бераҳм ва системаҳои давлатӣ ба таври самарабахш муқовимат кунанд ва ба ин васила, онҳоро идора намоянд. Дар ҳоли набудани созмони муносиби маҳаллӣ гегемонияи бозор ва ё давлат ва саркӯб шудани ҷомеа ногузир ба назар мерасад.

Дар ҷомеаи муосир ҳам давлат ва ҳам бозор зарурӣ мебошанд; ҳамин тавр, вокунишҳои гузинавӣ нисбат ба фаъолияти ҷамъиятӣ бояд дақиқан таҳия карда шаванд. Низомҳои итоаткешагӣ (гетерономӣ) ва гегемонӣ аз мутамарказсозӣ аз гирдоварии сарват ва амалӣ сохтани қудрат вобаста мебошанд. Бо вуҷуди ин, онҳо ба манзил ҳамчун ба моле нигоҳ мекунанд, ки онро метавон идора кард ва аз он ба унвони василае ҷиҳати

ҳимояи манфиатҳои худ истифода намуд. Эҳсоси кофӣ будани худмухторӣ (**автаркия**) метавонад ба ин раванди мутамарказсозӣ мусоидат намуда, фишори талаби васеъро камтар намояд; аммо, ба эҳтимоли зиёд, талаби нодурусти имтиёзҳои шаҳрвандӣ дар шакли молҳо ва хадамоти ба таври мутамарказ таъминшаванда ба он хотир сурат мегирад, то ки ин тамоюли сармоядорӣ ва оморӣ (статистикӣ) бештар карда шавад. Ҳадди миёнаи эҳсоси кофӣ будани худмухторӣ (автаркия) ва худи худмухторӣ (автономия) васеъ ва амиқ аст ва ниёзҳои одамони одӣ нисбат ба ҷузъу унсурҳое, ки камбудашон эҳсос мешавад ва онҳо худашон наметавонанд мустақилона худро бо ин ҷузъу унсурҳо таъмин намоянд, дар баъзе кишварҳо тайи чандин даҳсолаҳо вокуниши мусбат ба бор овард. Ниёзҳо нисбат ба таъмини об, беҳтар шудани вазъи нақлиёти оммавӣ, неруи барқ ва мактабҳо, масалан, дар бисёр кишварҳо, ки шумори зиёди аҳолӣ бо сатҳи пасти даромад доранд, аз тарафи муассисаҳои давлате қонеъ гардонда мешуданд, ки ба ҳисоби ҳар сари аҳолӣ нархи зиёд надоштни ин хадамотро мефаҳманд.

Таъминоти зарурии давлатӣ бояд дар шакли қисмҳои васлшаванда ва бастаҳои на чандон маҳкам анҷом шавад. Ниёзи бештар самарабахш ва созанда – ин ниёз ба молҳои такмилкунанда, яъне ба молҳое аст, ки истифодаи захираҳои пурра ва қисман истифоданашуда ё нодуруст истифодашавандаро мумкин мегардонанд ва ё танзим менамоянд. Вақте ки одамон дорои замин ҳастанд, онҳо ба мавод, таҷҳизот, малакаҳои нав ва аз ҳама муҳимтар, ба об ниёз доранд ва онҳо ҳеҷ гуна имконият надоранд, ки онро ба таври аз ҷиҳати иқтисодӣ мустақил ба даст оранд; таъмин бо об аз тариқи лӯлаҳо метавонад дар муддати кӯтоҳ муҷиби ҳаҷми зиёди сохтмон шавад, ки ин раванди сохтани манзилгоҳҳоро мушкил мегардонад. Дар равиши одии сохтмони оммавии манзил таъсири баръакс низ мушоҳида мегардад. Вокуниши расмӣ ба ниёзҳо нисбат ба манзил ҳадди ақали шакли хонаҳои маъмулиро дар назар дошта, ба фарзияи хаёлӣ дар он хусус, ки танҳо бозор ва давлат захираю қобилияти таъмини манзилро доранд, мусоидат мекунад.

Омодагӣ ба ин кор, эҳтимолан, чанд солро талаб мекунад. Стандартҳои ба истилоҳ минималӣ, ки аз тарафи мансабдорони сатҳи миёна муқаррар мешаванд, тамоюл ба гаронқиматӣ доранд ва дар якҷоягӣ бо хароҷоти изофӣ ва бо назардошти сохтмони ба таври мутамарказ идорашавандаю шатрномавӣ нархи манзил бамаротиб болотар аз он аст, ки бештари хоҳишмандон тавони пардохти онро дошта бошанд. Аз ин рӯ, вақте ки ҳукумати кишварҳое, ки буҷаашон хеле кам ва даромади шаҳрвандонашон ночиз аст, барои сохтмони манзил ёрона (субсидия) пешниҳод мекунанд, теъдоди манзилҳои сохташуда куллан коҳиш меёбад. Ва он чизе ки дар ин замина пешкаш мешавад, тақрибан ҳамеша ба таври расмӣ ё ғайрира-

смӣ ба нафъи табақаи сарватмандтари аҳолӣ тақсим мегардад; захираҳои ҷамъиятҳои аввалия то сатҳи зиёд беҳуда сарф мешаванд ва ба гардани ҳукумат хароҷоти даврии вазнин ва қарзҳо бор мешавад, ки баргардондани онҳо ба гумон аст. Метавон аз ин ва дигар хароҷотҳо канорагирӣ кард, агар ҷузъҳои зарурӣ тавре таъмин карда шаванд, ки истеъмолкунандагон имкон дошта бошанд онҳоро аз тариқи махсус гардондани ин ҷузъҳо барои ба даст овардани ҳадди аксари фоида ба захираҳои худ мутобиқ гардонанд ва ба ин роҳ, сатҳи озодии маҳаллии марбут ба васлкуниро боло баранд. Равшан аст, ки бояд нақшаҳои марбут ба сохтмони манзил ё тарҳҳо ва барномаҳои табақабандишуда дар ин росто батадриҷ кам ва бо системаҳои кушодаи хидматрасонӣ иваз карда шаванд.

## ҶАНБАҲОИ ФАЪОЛИЯТИ МАНЗИЛ: ШАКЛҲО, ЗАХИРАҲО ВА СОЗМОНҲО

Ҳар гуна стратегияи дарозмуддати тағйирот иборат аз маҷмуи фаъолиятҳои кӯтоҳмуддати тактикӣ аст. Ин бахши ниҳоӣ маҳдудаи соҳаҳои ҷудогонаи фаъолиятро муайян месозад, ки ҳар кадоме аз онҳо метавонад нуқтаи оғоз барои тағйирот бошад. Теъдоди зиёди таркибот ва ҷобаҷосозиҳои гуногуни имконпазир вуҷуд дорад ва хеле каманд ҳолатҳое, ки коре анҷом додан мумкин набошад ва ё ҳадди ақал чорае андешидан ғайриимкон бошад. Мо, қаблан, ҷузъиёти марбут ба тафовути чашмгир ва то ҳадде тағйирпазирии мустақили ин се ҷанбаро баррасӣ намудем: шаклҳое, ки молҳо ва хадамоти манзилӣ ба худ мегиранд; василаҳо ё захираҳо ва асбобҳое, ки тавассути онҳо ин молу хадамот истеҳсол шудаанд ва роҳҳо ё созмонҳое, ки ин захираҳоро идора мекунанд. Ҳар кадоме аз ин ҷанбаҳои умумӣ бояд ба соҳаҳои мушаххаси амалиёт ҷиҳати барномарезӣ ва амалисозии барномаи мазкур тақсим шавад.

Тарҳи манзил ва мавзеъҳои назди он ҷанбаи нисбатан камтаъсири фаъолият аст, зеро шаклҳо то ҳадди зиёде натиҷаҳо ва инъикосҳои роҳҳо ва воситаҳои истеҳсоли онҳо мебошанд. Ҳарчанд ки тағйироти тарҳ метавонанд равиш ва ҳатто, идоракуниро тағйир диҳанд, вале дар асл ин тағйирот, маъмулан, бо тарҳҳо ё барномаҳои мухсус маҳдуд мешаванд. Тағйироти услуб ё шакл ба маънии нисбатан амиқтар, эҳтимолан ва баъзан, ба таври ҳатмӣ метавонанд натиҷаҳои ҷиддитаре ба дунбол дошта бошанд, аммо ин натиҷаҳо ҷанбаи ғайримустақим доранд. Таъсири мустақим ба тақсими захираҳо ё ба созмонҳо, аксаран, аз лиҳози сиёсӣ амали созгор нест, зеро тарҳ ба таври маъмул аз ҷиҳати сиёсӣ бетараф мебошад; ин ғолибан ягона соҳаи фаъолият аст, ки дар он неруҳои мансуб ба бозор ва ё давлат метавонанд кӯшиши тағйироти сохториро саркӯб намоянд. Масъалаи калидӣ дар меъмории сохтмони манзил ин иртиботи байни се шарти асосии сохтмон – марзҳо, шабакаҳо ва ҳаҷмҳо – мебошад. Марзҳо ин ҳудудҳои ниҳодӣ (институтсионалӣ) миёни истифодабарӣ, муддати иқомат ва масъулият ҷиҳати идоракунӣ ва хидматрасонӣ мебошад. Марзҳо, маъмулан, бо монеаҳои табиӣ, мисли деворҳо ё тағйири сатҳи моддӣ (мисли он чи байни хиёбон ва боғ аст), мувофиқ афтода, бо онҳо аломатгузорӣ мешаванд. Марзҳо, сарфи назар аз он ки вижагиҳои физикӣ надоранд, ағлаб худ ба худ ба унвони унсури шакл

амал мекунанд; тағйирот дар марзҳо хеле мушкил сурат мегирад ва онҳо умри хеле тулонӣ доранд.

Шабакаҳо зерсохторҳое мебошанд, ки минтақаҳоро васл намуда, ба онҳо хидмат мерасонанд, аммо ҳаҷмҳо ба воситаи марзҳо ва иншоотҳо муайян карда мешаванд. Шабакаи роҳҳои ҷамъиятӣ ва гузаргоҳҳо ба таври ҳатмӣ бо марзҳои муайян мувофиқ меояд. Дастрасии нимахусусӣ ва шабакаҳои коммуналӣ ҳатман бо марзҳо пайваст намешаванд, зеро хоҷагиҳои коммуналии мухталиф метавонанд шабакаҳои тақсимкунии мухталиф дошта бошанд.

Ҳаҷмҳо фазоҳои сеченакие мебошанд, ки бо зерсохтор, меъмории чашмандозӣ (ландшафтӣ), кабудизоркунӣ ва баъзан, бо марзҳое таъмин шудаанд, ки фазои бозро мебуранд, ҷудошуданӣ ва мустақилан тағйирпазир мебошанд. Онҳо то метавонанд, то ҳадди зиёде мустақил бошанд, чуноне ки дар ҳолати рушди иншоот бо тарокуми (зичии) кам, ки аз биноҳои ҷудогона дар ҳудуди маҳал иборатанд, дида мешавад; ё онҳо метавонанд ҷудоношуданӣ бошанд, чуноне ки дар иншоотҳои баланд ва бузурги якпорча ба назар мерасад.

Дараҷаи тағйирпазирӣ ва вобаста ба он алоҳидагии марзҳо, шабакаҳо ва ҳаҷмҳо ҳарчи болотар бошад, ҳамон қадар муҳити табиӣ ба тағйиротҳо ҳассостар мебошад. Аммо парокандагии аз ҳад зиёд, мисли мутамарказияти аз ҳад зиёд, робитаи миёни ҳамсояҳоро суст ё халалдор месозад. Чуноне ки мушаххас гардид, шароити бадтарин дар иншоотҳои бузургу якпорчае дида мешавад, ки мансуб ба мақулаи марзҳо ва шабакаҳо мебошанд; зеро қисми зиёди онҳо аз худи иншоот ҷудонашаванда буда, тағйир дар ҳар кадоме аз ин қисмҳо умуман бе тағйири қисмҳои боқимонда муяссар намешавад. Шакли бартаридоштаи маскунсозӣ, чуноне ки таърих нишон дод, ҳамон формулаи «камошёнаӣ/зичии зиёд» мебошад. Навъҳои хеле зиёди шаклҳои хос, ки дар доираи ҳамаи навъҳои имконпазири рушд мутамарказ шудаанд ва дар бисёр мавридҳо хусусиятҳои амиқи атиқии онҳо баёнгари онанд, ки то чи андоза онҳо метавонанд мутобиқ шаванд. Шаклҳои якпорчаи муосир ва шаклҳои густурдаи маҳалҳои атрофи шаҳрҳо, ки аз онҳо илҳом гирифтаанд, шаклҳои анъанавиро иваз месозанд, ҳарчанд ки ин тамоюл дар бархе аз кишварҳо рӯ ба тағйир овардааст. Шаклҳои муосир, сарфи назар аз тафовутҳои иқлимӣ ва фарҳангӣ, дар тамоми ҷаҳон ба таври ғайриодӣ ба якдигар монанданд. Онҳо то ҳадди зиёде нисбат ба хусусиятҳои маҳаллӣ бетафовут ва бепарво мебошанд ва шакли якпорча махсусан ба таври фавқулода инъитофнопазир ва ғайри қобили истифода аст. Ин шакл, аллакай, осебпазирӣ ва сатҳи болои серхароҷотии худро аз лиҳози сохтмон ва хидматрасонӣ исбот намудааст.

Пажӯҳишҳо ва арзёбиҳое, ки чанде пеш анҷом шуданд, баёнгари онанд, ки шаклҳои мутамарказ, ки ба таври бояду шояд таҳия шудаанд, бешубҳа,

сарфаҷӯёнатарин интихоб маҳсуб мешаванд; гузашта аз ин, онҳо идоракунии муштарак ва масъулиятнок ва инчунин, хидматрасониро аз тарафи худи сокинон ба назар мегиранд ва ҳатто, онро таҳрик намуда, аз ин тариқ фазои рафоқатро дар муҳити атроф таъмин месозанд.

Чуноне ки зикр намудем, захираҳои асосӣ иборат аз замин, корҳои анҷомшуда ва техника мебошанд. Замин дар ҳоли ҳозир мушкили аз тарафи умум эътирофшуда аст ва ҳатто, дар сурате, ки баъзе ҳукуматҳо фаъолона иқдомоте ҷиҳати татбиқи принсипҳои мувофиқашуда анҷом медиҳанд. Дигар зарурате надорад, ки ба ҷанбаҳои комилан равшан, яъне роҷеъ ба он ишора намоем, ки ин заминро наметавон мисли мол бе зарари ҷиддӣ ва халалдор шудани адолат ба фурӯш гузошт; ё ин амалро наметавон ба он хотир анҷом дод, ки замин ғайриманқул аст ва дар ин сурат пешниҳод мутаносибан ба талабот намеафзояд. Мушкили бартаридошта ҳамоно марбут ба ихтилоф миёни моликияти хусусиву давлатӣ аст. Ҳарчанд ки таҷрибаи қарни XX бартарии зиёди моликияти давлатиро тасдиқ мекунад, инҳисори (монополизатсияи) давлатӣ ё ҳатто, шаҳрӣ метавонанд заминро барои шаҳрвандон ва корхонаҳои маҳаллӣ аз тариқи боло бурдани нарх то ҳадди нархи бозори озод гарон намоянд. Лекин мушкиле, ки ба таври таъҷилӣ ниёз ба омӯзиш дорад, масъалаи моликияти ҷамъиятҳои маҳаллӣ (сарпарастӣ), моликияти бонкҳои муштараки замин ва гузинаҳои алтернативии давлатию хусусӣ (ё нимахусусӣ) мебошад. Мулоҳизаи аввал дар мавриди корҳо ва созмондиҳии онҳо марбут ба татбиқшавандагӣ ё истеҳсоли ҳаҷмҳои мавриди истифода, фоидаовар ва ё зараровар будани онҳо ва истеҳсоли молҳо бо истифодаи озод аст. Дар натиҷа, ҳам тағйироти созмонӣ ва ҳам пешрафти техникӣ шохиси (индекси) таҷриба мебошанд. Навъҳои бештар муфид, эҷодӣ ва лаззатбахши корҳо ҳамонҳоеанд, ки дар раванди онҳо коргар сатҳи баланди масъулиятшиносӣ ва имкони татбиқ намудани малакаи худро дорад. Ин гуна корҳо, инчунин, дар мавриде, ки сухан аз навъоварӣ ва ситондани фоидаи бештар аз чизи нисбатан камтар равад, шартҳои умумӣ барои сарфаҷӯӣ мебошад. Созмон ҳарчи бузургтар ё асбобҳо ҳарчи мураккабтар бошанд, ҳамон қадар таъмини сатҳи баланди масъулиятшиносӣ ё малакаҳо дар соҳаи муайян ё маҳалли кор, дар паси лавҳаи нақшакашӣ ё мизи корӣ мушкилтар мегардад.

Тавре ба ширкатҳои бузург аён гардид, ҳатто, барои ба даст овардани ҳадди камтарини самара ва маҳсулнокӣ, бояд аз мутамарказӣ канора гирифт ва худмухтории хеш ва гурӯҳҳои хурдро тавсеа бахшид. Сармоягузориҳои азим дар бахши автоматисозии хатҳои истеҳсолӣ ва интизориҳои марбут ба «инқилоби микрочипӣ» дар кишварҳои аз лиҳози саноатӣ хеле пешрафта ва умуман, дар кишварҳои саноатӣ инъикоси норозигии афзоянда аз меҳнати ба таври одию рӯзмарра механикишуда ва аз лиҳози инфиродӣ бемаънӣ мебошад. Аҳамияти ин фановариҳои (технологияҳои) ниҳоят мураккаб барои кишварҳои фақир ва аз лиҳози саноатӣ дар ҳоли рушд қарордошта, аз ҷумла, аз он вобаста аст, ки ин фановариҳо то чи андоза ба унвони роҳҳо ва воситаҳои бартараф намудани мушкилоте хидмат мекунанд, ки бештари кишварҳои ҷаҳони сеюм ҳанӯз бо онҳо рӯ ба рӯ нашудаанд ва метавонанд аз онҳо канораҷӯӣ намоянд.

**Институтсионализатсия –** чизеро бахши низоми муташаккил, ҷомеа ё фарҳанге намудан ба тавре ки ин амал меъёр шуда бошад.

Ин кор аз лиҳози идорӣ бояд чунон роҳандозӣ шавад, ки он барои боло бурдани масъулияти шахсӣ ва имкони рушди малакаҳо мусоидат намояд.

Аз ҷиҳати фановарӣ (технологӣ) кор бояд иборат аз истифода аз хусусияти мавод, асбобҳо ва шаклҳои энергия бошад, ки метавонанд аз ҷониби шахсони ҷудогона ва гурӯҳҳои камшумор коркард шаванд. Барои ин афзун намудани сохторҳои шабакавӣ ва фановариҳои миёндавраии истеҳсолкунандагону таъминкунандагони маводи сохтмонӣ ва асбобҳое лозим аст, ки метавонанд ба миқдори кам ва бо харҷи ками энергия мавриди истифода қарор гиранд. Онҳо, ҳамчунин, ниҳодҳоеро талаб доранд, ки дастрасии фардӣ ва маҳаллиро ба замин бештар намуда, истифодаи озоди усулҳоеро фароҳам оранд, ки аз лиҳози иҷтимоӣ фаъол буда, вобастагиро аз низоми мутамаркази бонкӣ ва молиявӣ коҳиш диҳанд.

Барои муқовимат нишон додан ба таъсири таваррум, мутамарказсозӣ ва тобъегардонии фановариҳои сохтмонии дар ҳоли ҳозир истифодашаванда, бештар намудани истифодаи маводе зарур аст, ки захираи фаровон доранд ё ба таври осон таҷдид мешаванд; хароҷоти ками энергияро (ё ҳароратро) талаб дошта, аз лиҳози экологӣ тоза мебошанд; ба миқдори ками хидматрасонӣ ниёз доранд ё умуман надоранд ва метавонанд коркард шаванд; захираҳои маҳаллӣ буда, аз ин рӯ, хароҷот барои кашондани онҳо кам мешавад, худмухтории маҳаллӣ, минтақавӣ ё миллиро афзун намуда, вижагиҳо ва танаввуи миллӣ-фарҳангиро бештар месозанд; ва ниҳоятан, барои онҳо танҳо асбобу олоти одӣ ё сабук лозиманд, ки метавонанд аз тарафи коргарони касбӣ ва созмонҳои на чандон бузург идора шаванд. Авлавияти болотарин дар бисёр ҳолатҳо иборат аз он аст, ки истеҳсолоти хурди маҳаллӣ, ки ниёзро ба сӯзишвории органикӣ коҳиш медиҳад, босуръат афзун карда шавад. Коҳиш додани ҳаҷми кашондан бо истифода аз нақлиёт на танҳо эҳтиёҷро ба сӯзишворӣ кам мекунад, балки талафоти вобаста ба боркунию борфарорӣ, дуздӣ, анборкунӣ ва каму зиёд будани суфоришҳоро аз миён мебарад. Ҳам семент ва ҳам маҳсулот аз гили пухта, масалан, метавонанд бо сатҳи баланди сарфҷӯӣ дар корхонаҳои хурди маҳаллӣ истеҳсол шаванд, ки аз корхонаҳои бузурги мутамарказшуда, ки онҳоро низоми бозор ва марказгароии бюрократӣ таҳмил мекунанд, бамаротиб коромадтаранд. Корхонаҳои хурди маҳаллӣ метавонанд маводи сифатан пасттаре истеҳсол намоянд, – махсусан семент ва пӯлод, – аммо онҳо тамоми хусусиятҳоро барои қонеъ сохтани талаботи иншоотҳои на чандон бузург ва миёнаро доро мебошанд.

Тамоми навъҳои фаъолият, мисли бозӣ, аз се дастур вобастаанд: тарафе, ки одамон интихоб менамоянд ва салоҳияте, ки онҳо барои тасмимгирӣ дар ихтиёр доранд; қоидаҳое, ки дар ҳудудашон онҳо амал мекунанд; ва холҳое, ки барои амалҳои мухталиф ба даст меоранд. Дастури аввал – сохтори ҳукумат – дар боло аз дидгоҳи созмонҳои ҷамъиятӣ, бозор ва бахшҳои давлатӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта буд. Мушкили асосӣ иборат аз он аст, ки кӣ ҳал мекунад? Дар ҷавоб бояд гуфт, ки инҳо

одамоне мебошанд, ки дар ҷомеаҳои худ ба сар мебаранд ва онҳо бояд қудрати онро дошта бошанд, ки тасмим бигиранд, ки оё таъминоти манзил бояд воситаи қаноатбахш ва самарабахше барои рушди шахсӣ ва иҷтимоӣ бошад. Чуноне ки зикр намудем, ин амал ҳам худсозӣ ва ҳам пуштибонии давлатии сохторҳои васатиро тақозо дорад. Ин, дар навбати худ, таъмини молҳо ва хадамотеро талаб дорад, ки онҳоро бояд созмонҳои бузурги ба таври мутамарказ идорашаванда дар шакли қисмҳои васлшаванда пешниҳод намоянд, ки онҳоро созмонҳои хурди маҳаллӣ метавонанд ба тарзи худ истифода ва васл намоянд.



«Қоидаҳои бозӣ» ҳудудҳоеро муқаррар менамоянд, ки дар онҳо бахшҳо ва сатҳҳои мухталифи ҳукумат метавонанд амал кунанд: онҳо наметавонанд равишеро муқаррар созанд, ки аҳолӣ ва созмонҳои маҳаллӣ онро пайгирӣ кунанд. Қонуни мамнуъкунанда озод месозад, қонуни таъинкунанда саркӯб мекунад. Аксари навъҳои манзили муосир, сохтмон, қоидаҳо ва дастурҳои фановариро (технологиро) шароитҳои техникӣ ташкил медиҳанд; дар ҳақиқат, бисёр қонунҳо тавсифи ҷузъии барномаҳои қатъӣ мебошанд, ки дар онҳо эълом шудаст, ки кӣ ва чи ва ҳатто кай, дар куҷо ва чи гуна бояд бастаи ин ё он хадамот ва молҳоро ба даст орад. Қонун, барномарезӣ ва тарҳрезӣ торафт бештар ба якдигар қарин ва печидатар шудаанд; аз ин вазъ танҳо онҳое фоида бурдаанд, ки дар истеҳсолот, тақсимот в идоракунии мутамарказ ҳаққи моликият доштанд. Ҷанбаи назарраси навъи дигари рушд ва ҷанбаи махсусан муҳим дар сохтмони манзил тағйироти зикршудаи усул ва амалкарди ҳуқуқӣ мебошад.

Пешрафти муайяне дар бахши стандартҳои сохтмонӣ ба даст оварда шуд. Стандартҳои сифати корҳои анҷомшударо, ки ҳудудҳои корбурдии унсурҳои сохтмонӣ ва сифати физикии фазоҳои бастаро мушаххас месозанд, стандартҳои шароити техникӣ иваз менамоянд, ки онҳо шаклҳоро аз пеш таъин мекунанд. Ибораи «рушди пешраванда», ки ҳоло дар гуфтори умум истифода мешавад, ишора ба қабули он далелро дорад, ки иншоотҳо ва шароити муҳити истиқоматӣ бояд тайи даврони тулонӣ рушд намоянд, вале агар онҳо қобили сарфаҷӯӣ ва нисбат ба афзоиш ва тағйироти ҷомеаҳои маҳаллӣ ҳассос бошанд. То кунун кори на чандон зиёде дар ростои муайян намудани нисбати миёни муддати дар ихтиёр доштани моликият ва сармоягузорӣ, [ва, билъакс,] нисбати миёни сатҳи сармоягузорӣ ва замону муддати дар ихтиёр доштани моликият (масалан, танзими истифода аз иншоотҳои муваққатӣ, анҷомнашуда ва ба таври табиӣ харобшуда) ба сомон расонда шудааст. Арзёбӣ ва ба кор гирифтани таҷриба дар ин соҳаҳо хеле муҳим аст.

Чуноне ки зикр намудем, на пул, на васоили молиявӣ ва на дигар шаклҳои мубодила ба маънии воқеии ин вожа захира маҳсуб намешаванд. Мубодила ин низоми нишондодҳои миқдорӣ аст, ки дар асоси он тасмим гирифта мешавад; ин низом ба таври комил аз тарафи ҷомеа ва мувофиқан аз тарафи созмон тавлид мегардад. Одате, ки дар асоси он пул мансуб ба захираҳо дониста мешавад, хатарнок аст; ин матлаб метавонад минбаъд ҳам манфиатҳои касонеро, ки дорои пул мебошанд, ҳимоя намуда, мафҳумеро, ки дар асоси он касони бепул беҳуқуқанд, ворид месозад ва онро тақвият менамояд. Ин гуна навъи тафаккур бояд бо он фарзия пурра карда шавад, ки ҳадди аксари ифодаи пулӣ (монетаризатсия) зарур ва матлуб

аст, он беназмиро дар бозор афзун намуда, истифода аз арзишҳоро ҳамчун василаи таҳкими ҷудосозии миёни гурӯҳҳои синнӣ ва ҷинсӣ (гендерӣ) ва байни синфҳои иҷтимоию иқтисодӣ роҳандозӣ месозад. Таваҷҷуҳи дар даврони мо афзоянда ба «иқтисоди тақдим», «бахши ғайрирасмӣ», иқтисоди хоҷагидорӣ ва нақши ҷинсҳо атрофи масъалаи ифодаи пулӣ ва ҳамчунин, ниҳодӣ (**институтсионализатсия**), касбисозӣ ва саноатисозӣ давр мезанад.

Дастрасии афзоянда ба пул ва қарзҳо барои шахсоне, ки даромади кофӣ надоранд, хеле муҳим аст. Ҷойгузинҳо барои низоми бонкию қарзӣ ҳам зарурӣ ва ҳам бо масъалаи замин алоқаманд мебошанд. Истифода аз захираҳои маҳаллиро метавон ба ҳадди ақал расонд, агар замин дар ихтиёри ҷамоатҳо бошад ва дар шакли гарави дастаҷамъии амвол мавриди истифода қарор гирад. Боло бурдани сатҳи таъмини захираҳои пулӣ дар иқтисоди бозорӣ тамоюл ба афзудани нарх дорад. Дар иқтисоди ба таври мутамарказ барномарезишуда мушкил бештар марбут ба роҳҳои истифода аз пул аст, на дар тақсими пул. Маълум аст, ки дар кишварҳои ба ном «сотсиалистӣ» талаб ба захираҳое, ки дар инҳисори давлат қарор доранд, афзоянда аст ва ин ҳолат, зоҳиран, муҷиби афзудани ниёз ба гирифтани қарзҳо мешавад.

Ба даст омадани тавозуни зарурӣ ё мувозинат миёни қарзҳои пулӣ ва системаҳои қарзии мубодилавии ғайрипулӣ, миёни иқтисоди бозорӣ ва иқтисоди тақдим ё байни бахшҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ аз сиёсати давлатии андозбандӣ, назорат аз болои шаклгирии нархҳо ва воситаҳои назорат бар даромадҳо ва ёронаҳо (субсидияҳо) вобаста аст. Басо зиёд, аммо на ҳамеша, ин ҷанбаҳо ба таври таркибӣ барои пешгирӣ аз ибтикори шахсию маҳаллӣ, барои монеа эҷод кардан дар роҳи иқтисоди воқеӣ ва мусоидат ба исрофкорӣ истифода мегарданд. Ин хусусиятҳо дар сохтмони манзил роиҷ шудаанд. Агарчи дар ҳамаи заминаҳо набошад ҳам, вале дар аксари онҳо чи хароҷоти нисбӣ ва чи хароҷоти мутлақ барои воҳиди манзил дар таносуби баръакс бо даромадҳо қарор доранд. Таъсири бевосита ба ин беадолатӣ метавонад тавассути табодули ғайрипулӣ сурат гирад. Танҳо тавассути андозбандӣ, додани ёрона ва танзими нарх, ки ҳатталимкон бо роҳҳои озмудашуда анҷом мешаванд, метавон майдони мубодилаи ғайрпулиро васеъ кард.

Бидуни мубодилаи таҷриба ва муҳокимаи андешаҳои марбута, ҳар гуна мақолае дар ин росто сарфи беҳудаи вақту коғаз аст. Тақрибан бахшида ба ҳар мавзуъ теъдоди хеле зиёди адабиёти мунташиршуда мавҷуд аст; аммо шумори ин гуна адабиёт дар рафи дуконҳои рӯзномафурӯшӣ, дар чорроҳаҳои маркзии шаҳр зиёд буда, дар маҳаллаҳои атрофи шаҳр ғайрикофӣ аст. Ахиран, рӯй овардан ба хабарномаҳо, ки миёни мардум ва созмонҳои хурд паҳн карда мешаванд, муҳимтарин манбаи иттилооти му-

фид мегардад. Шабакаҳое, ки аз тарафи шахсони ба табодули иттилоот алоқаманд ва ба дигар намуди рушд машғулбуда, истифода мешаванд, назорати инфиродӣ ва маҳаллиро бештар месозанд; системаҳои иттилооти мутамарказ бо истифода аз таҷҳизоти мураккаб ва дастнорас ваколатҳои ақаллиятҳои «коршиносӣ» ва корфармоёни кооперативии онҳоро пурзӯр намуда, вобастагии шахсӣ ва маҳаллиро бештар месозанд.



Яке аз вазифаҳои муҳим иборат аз он аст, ки монеаи дутарафаи мубодила ва омӯзиш бартараф карда шавад. Дар як тараф одамоне қарор гирифтаанд, ки ба он чи ки мавриди ниёзшон аст, ҳадди ақали дастрасӣ доранд ё умуман надоранд; дар тарафи дигар онҳо бо иттилооти асосан бефоида таъмин гардидаанд ва вақтро барои талаботи афроди фиребхӯрда ва бадхоҳ сарф намудан бефоида аст. Танҳо аз тариқи шабакаҳо ва чунин иқдомот, мисли семинарҳо, ки ин мақола ҳамчун ҳиссаи муаллиф барои онҳо навишта шудааст, мо метавонем ба таври васеъ ва босуръат донишҳоямонро мубодила намоем, то ки рушди дигарро татбиқ созем.

## ХУЛОСА

Мақолаи мазкур бо дарназардошти он навишта шудааст, ки миёни иқтисод, ахлоқ ва зебоишиносии (эстетикаи) манзил ё ҳар соҳаи дигари муҳими фаъолият ҳеҷ гуна ихтилофе вуҷуд надорад. Таҳлил ва тафсире, ки муҳокимаи қаблӣ ба он асос ёфта буд, баёнгари он аст, ки иқтисод ва ҳидматрасонӣ ба истеҳсоли манзил, қабл аз ҳама, аз маҳорати афроди манфиатдор ва пеш аз ҳама аз истеъмолкунандагон вобаста аст. Ҳатто, замоне, ки молҳо ва хадамоти бозори манзил дар ибтидо зери назорати маҳаллӣ қарор надоранд, равшан аст, ки хидматрасонӣ ба онҳо бештар аз ғамхории сокинон вобаста аст, на аз каси дигар. Истеҳсоли сарфаҷӯёна, хидматрасонӣ ё навсозӣ куллан аз мутобиқати зеҳнӣ, истифода аз маводи маҳаллии қобили интихоб ва захираҳои инсоне вобастаанд, ки битавонанд ба талаботи тағйирёбандаю дигаргуншаванда ва авлавиятҳои истеъмолкунандагон, ки, маъмулан, бояд нархи молу хадамотро бипардозанд, мувофиқат намоянд. Аз ин ҷо бармеояд: вақте ки сокинон тасмими асосӣ мегиранд ва метавонанд дар тарҳрезӣ, сохтмон ё идоракунии манзили худ саҳмгузор бошанд, ҳам раванди истеҳсолот ва ҳам муҳити атроф ба некуаҳволии шахсӣ ва иҷтимоӣ мусоидат мекунанд. Аз тарафи дигар, дар сурате, ки одамон ҳеҷ гуна назорат ва масъулияте барои тасмимгирӣ роҷеъ ба масъалаҳои калидӣ дар раванди сохтмони манзил надошта бошанд, шароити марбут ба манзил метавонад садде дар роҳи баёни шахсияти хеш ва бори гароне бар дӯши иқтисодиёт гардад (Тернер ва Фитчер, Озодӣ дар амри сохтмон, 1972).

Бояд дар назар дошт, ки матлаб роҷеъ ба он ки ҳама бояд худашон манзили хешро созанд, аксаран нодуруст тафсир мешавад, аз ин рӯ, бояд аз мафҳумҳои калидӣ ёдовар шуд, – яъне аз «назорат», аз масъалаи бо қувваи худ ҳал накардани мушкилоти худӣ, ҳамчунин, аз баррасии масъалаи худмухторӣ ё итминон ба неруи хештан ва худидоракунии мутақобилан вобаста, – ки инҳо аз кофӣ будани худмухторӣ (автаркия) ё худкифоии мустақил куллан фарқ доранд.

Фарз бар ин аст, ки ахлоқ масъулияти шахсӣ ва маҳаллиро барои масъалаҳои шахсӣ ва маҳаллӣ тақозо дорад, зеро дар акси ҳол корҳо бесару сомон гардида, хароҷоти зиёдатӣ сурат мегирад, ки ҳамаи ин муҷиби афзудани фақр ва ранҷу азоб мегардад. Ҳамчунин, фарз бар ин аст, ки инсон бе маҳорати тасмимгирӣ ва тавони масъулиятшиносӣ наметавонад камол ёбад ва шахсияти комил шавад. Назорати шахсӣ мисли дигар ниёзҳо хеле муҳим аст, бидуни он дигар ниёзҳо қонеъношуда боқӣ мемонанд. Ниҳоятан, фарз бар он аст, ки ин назорати муҳими шахсӣ ва маҳаллӣ ба ҳар гуна маънои воқеӣ ва аслӣ манбаи фарҳанг мебошад. Адолат ва ҳамоҳангии ашё, ки бо назардошти навъе таносуб бо инсонҳо ва табиат эҷод шудаанд, аз моликияти ҷудонопазир будани абзорҳо ва озодии истифода аз онҳо вобаста аст. Вазъи нафратовари муҳитҳои саноатии шаҳрҳо ва омилҳои ифлоскунандаи онҳо натиҷаи мустақим ва ногузири ҷудосозии роҳҳо ва василаҳо ё тарзу олоти истеҳсолот мебошанд.

Баръакси ин, шаклҳои олии манзили анъанавӣ ва сохтмони маҳаллӣ – дилпазиртарин «меъморӣ бо меъморон» – ҳамроҳ бо сохтусозҳои бузург ва ташкилкунандаҳои ҳирфавии кор ё меъморон ба маънои аввалияашон бештар натиҷаи тасмимҳое мебошанд, ки аз тарафи аҳолии маҳаллӣ гирифта шуда, тавассути корхонаҳои маҳаллӣ амалӣ мешаванд. Сохтмони анъанавӣ натиҷаи тартибу интизоме буд, ки онро низомҳои нави истеҳсолот аз байн бурданд, ҳадди ақал барои афроде, ки метавонанд ба худ иҷозаи чунин амалеро диҳанд; ҳамоҳангии дилангезтарин ҷойҳои сохтмон то андозаи зиёд аз маҳдуд намудани истифодаи мавод ва анъанаҳои дар маҳалли сохтмон дастрас вобаста аст, ки тайи муддати тулонӣ ташаккул ёфтаанд.

То даме, ки бинокорон бо даромади кам дар ҷойҳои босуръат шаҳришаванда хусусиятҳои ҷомеаи тиҷоратишударо, ки ба сӯи он майл доранд ё, воқеан, мансуб ба онанд, нусхабардорӣ мекунанд, метавон таъйид кард, ки ин ибтидои услуби меъмории нави маҳаллӣ мебошад, ки ҳадди ақал дар шакли ноҳамвор, тухми фарҳанги воқеиро бо худ дорад. Дуруст аст, ки баъзе аз нақшаҳои манзил, ки мафтункунанда мебошанд, маҳсули созмонҳои корпоративие мебошанд, ки ба моҷароҳои густурдаи судҷӯёна, мисли он чи бо Бат, Нютаун дар Эдинбург ва мулки Бедфорд дар Лондон рӯй дод, мусоидат менамоянд. Аммо ҳамаи ин ва шояд бештари чунин гузинаҳо (агар ҳамаи онҳо набошанд) барои бахшҳои сердаромад бо ҷомеаҳои ба онҳо мувофиқ сохта шуда буданд. Инчунин, метавон тасдиқ кард, ки чунин ҳолатҳо, воқеан, намунаҳои такмилшудаи гузинаҳо ё навъҳои анъанавӣ мебошанд. Муаррифии комили рушди фарҳангӣ, ки дар ин мақола инъикос ёфтааст, иборат аз он мебошад, ки раванди муқаррарӣ ва назаррас шабеҳи поксозӣ аз поён ба боло аст,

на нусхабардорӣ ва полоиш аз боло ба поён. Аз ин ҷо метавон чунин натиҷа гирифт, ки тухмиҳо бояд ҳатталимкон ҳифз шаванд ва қобили истифода бошанд; рустанӣ метавонад замоне ба худ нигоҳубин намояд, ки камол ёфта бошад.



**Манбаъ:** Turner, John F. C. “Housing: Its Part in Another Development” Housing: Process and Physical Form. Ed. Linda Safran. Philadelphia: The Aga Khan Award for Architecture, 1980, pp. 9-19.

**САВОЛҲО БАРОИ МУҲОКИМА**

1. Тернер вожаи «манзил»-ро чӣ гуна мефаҳмад?
2. Хатари арзёбӣ намудан аз манзил танҳо ба сифати моли мавриди истеъмол аз чӣ иборат аст?
3. Чӣ гуна ва тавассути чӣ чизе манзил сохта ва дар ҳоли муқаррарӣ нигоҳ дошта мешавад?
4. Чаро Ҷон Тернер роҷеъ ба гуногуншаклии навъҳои мавҷудаи фаъолият, воситаҳо ва натиҷаҳои ниҳоии сиёсати мавҷудаи манзил далелҳо меорад?
5. Оё сохтмони оммавии манзил муҷиби бартараф шудани мушкилоти вобаста ба манзил мешавад ё не?
6. Миёни сохтмон аз тарафи омма ва сохтмони оммавӣ чӣ тафовуте мавҷуд аст?
7. Кадом мушкилоти марбут ба манзил натиҷаи тағйирот ва тасмимҳо аз тарафи ҳукумат ва сиёсатмадорон дар даврони муосир мебошанд?
8. Чаро баъзе аз тарҳҳои муосири манзил бо тарзи зиндагонӣ ва эҳтиёҷоти мардум созгор нестанд?
9. Чаро сиёсати оммавии манзил барои табақаҳои гуногуни ҷомеа дар саросари ҷаҳон созгор нест? Ҷон Тернер ба ивази он чӣ гузинаеро пешниҳод менамояд?
10. Зери пардаи камбуди фонди манзил дар кишварҳои даромадашон кам чӣ нуҳуфта аст?
11. Ҷон Тернер ба масъалаи масъулияти одамон ба унвони таъминкунандагони захираҳо дар раванди сохтмони манзил ба таври махсус таъкид мекунад. Оё ин матлаб дар ҷомеаҳое, ки ҳукуматҳояшон аз ҳад зиёд бюрократӣ шудаанд ва низомҳояшон дараҷаи баланди инҳисорот доранд, қобили иҷро аст?
12. Чаро шаклҳои бузургу яклухти маскан бояд ба «хонаҳои камошёна бо зичии зиёд», шакли иншоотҳои андозаашон миёна иваз карда шаванд? Ин изҳороти худро Ҷон Тернер бо чӣ асоснок мекунад?

## САВОЛҲОИ ТАШРЕҲӢ

1. Ҷон Ф.С. Тернер иддао мекунад, ки, ҳукумат натавонист аз роҳи афзоиши теъдоди манзил баъзе аз талаботи муҳими одамонро қонеъ намояд. Бо назардошти он ки, дар шаҳрҳои Тоҷикистон, хусусан Душанбе, фондҳои нави манзил дар сохтмонҳо аз худ карда мешаванд, оё ин навъи биноҳо мушкили аҳолии маҳаллиро роҷеъ ба манзил ҳал карда метавонад? Оё онҳо аз лиҳози арзиш ва хароҷот барои сохтмони манзил дар ҳақиқат барои ҳамаи одамон дастрасанд?
2. Оё Ҷон Ф.С. Тернер ва Корреа аз лиҳози дидгоҳашон ба масъалаи манзил ба ҳам наздиканд? Аз матни мазкур мисолҳо биёред.
3. 3. Оё Ҷон Тернер ба фикри Чарлз Корреа дар он хусус, ки нақши меъмор дар такмили манзил ниҳоят муҳим аст, розӣ мешуд? Ҷавобатонро асоснок кунед.

## САВОЛҲО БАРОМ ТАҲЛИЛ

1. То чӣ андоза мардумони одӣ қодиранд ба меъморӣ ва сиёсати манзил дар ҷомеаи худ таъсир расонанд ё онро тағйир диҳанд?
2. Дар кишвари шумо чӣ гуна мушкилоте дар робита бо манзил вуҷуд дорад? Оё миёни мушкилоти марбут ба манзил дар ҷомеаи шумо ва он чӣ, ки дар ин мақолаи Ҷон Тернер оварда шудааст, шабоҳате вуҷуд дорад? Ба фикри шумо, ин мушкилотро чӣ гуна бояд ҳал кард?



**МАҶМААИ «ВОҲИДИ ЗИСТ» ДАР МАРСЕЛ АЗ РӮЙИ ПРУЖАИ ЛЕ КОРБЮЗЕ**

# ЛЕ КОРБЮЗЕ
# БА СӮИ МЕЪМОРИИ НАВ



Чарлз Эдвард Жанере (1887-1965), ки бо номи Ле Карбюзе низ маъруф аст, зодаи кишвари Швейтсария мебошад. Силсилаи маколаҳои ӯ таҳти унвони «Ба суи меъмории навин» муҳиматрин асари роҷеъ ба меъморӣ дар асри XX маҳсуб меёбад. Ле Корбюзе нақши меъмориро вобаста ба талаботи даврони баробарҳқукии саноатию иҷтимоӣ моҳирона ислоҳу тақсимбандӣ кард. Ба андешаи ӯ, дар сохторҳои меъморӣ бояд ороиши камтаре ба кор бурда, онҳоро аз лиҳози ҳандасӣ (геометрӣ) соддатар кард. Баъди мамнуъ таҳри навини ӯ аз тарафи маркази **Лигаи милал** дар соли 1927 (зеро он бо сиёҳии муқарраршуда таҳия нашуда буд) Кунгураи байнмалмилалии меъмории муосир ташкил шуд, то ки амали **авангардии** Ле Корбюзе ҳимоят карда шавад. Дар порчаи зерин Ле Корбюзе дар бораи ташаббуси худ роҷеъ ба таъсири ҷиддии манзилхои истеҳсоли оммавӣ ба меъморӣ ва ҷомеа нақл мекунад. Ҳоло андеша кунед, ки оё бисёранд одамоне, ки ташаббуси ӯро дар мавриди ин навоварӣ тарафдорӣ мекунанд?

## ИСТЕҲСОЛИ ОМАВИИ ХОНАҲО

Даврони бузург оғоз шуд.

Рӯҳи навине арзи вуҷуд мекунад.

Саноат (индустрия) чун маҷрое, ки сӯи ҳадафи таиншуда равон аст, вазъи моро дигаргун намуда, моро бо абзорҳои навине, ки бо даврони рӯҳияи болдор мутобиқ аст, таъмин намуд.

Қонунҳои иктисодӣ ногузир кору андешаҳои моро идора мекунанд.

Масъалаи манзил – масъалаи муҳиму тақдирсоз аст. Таносуби ҷомеа имрӯз аз он вобаста мебошад. Вазифаи сатҳи аввали меъморӣ дар марҳалаи навсозӣ, ин азнаварзёбии арзишҳо, азнаварзёбии биноҳои таркибӣ.

Истеҳсоли оммавӣ дар заминаи таҳлил қарор дорад. Саноати миқиёсан бузург бояд ба кори сохтмон машғул шуда, истеҳсоли оммавии ҷузъҳои таркибии иншоотро ба роҳ монад.

Мо бояд рӯҳияи истеҳсоли оммавиро ба вуҷуд орем.

Рӯҳияи сохтани хонаҳои истеҳсоли оммавӣ.

Рӯҳияи зиндагӣ кардан дар хонаҳои истеҳсоли оммавӣ.

Рӯҳияи дарки хонаҳои истеҳсоли оммавӣ.

Агар мо ҳамаи консепсия куҳнашударо бо хонаҳо алоқаманд бударо аз қалбу хотирамон дур сохта, ба масъала аз нуқтаи назари интиқодӣ ва воқеъбинона назар андозем, он гоҳ мо ба сӯи «хона-мошин», ба сӯи хонаи истеҳсоли оммавӣ моем, ки он солим (аз ҷумла аз ҷиҳати маънавӣ) ва зебост, чуноне ки лавозимоти корӣ ва абзорҳое, ки мавҷудияти моро ҳамроҳӣ мекунанд, зебо мешаванд.

Онҳо инчунин дар ҳар гуна ҳаракати худзебоянд, ки ҳассосияти рассомро нисбат ба унсурҳои муназзам ва сирф корбурдӣ илова мекунад.

**Лигаи милал**
(1919-1945) – созмоне, ки қабл аз Созмони милали муттаҳид ташкил шуда буд.

**авангард –**
идеяҳои нав, муосир ва ғайриодӣ (дар соҳаи ҳунар, мусиқӣ ва адабиёт).



Бустонсарои Савойе, яке аз шоҳасарҳои беназири Ле Корбюзе

## МЕЪМОРӢ Ё ИНҚИЛОБ

Дар ҳар соҳаи саноат мушкилоти нав пайдо шуда, воститаҳои нави ҳалли ин гуна мушкилот эҷод карда шуданд. Ин воқеиятро агар ба даврони пешин муқобил гузоред, инқилоб ҳосил хоҳед кард.

Истеҳсолоти оммавӣ дар бахши сохтмон аллакай шуруъ шудааст. Бинобар зарурати иқтисодӣ блокҳои истеҳсолии оммавӣ эҷод шуданд ва натиҷаҳои муайяне ба даст омаданд. Ин воқеиатро агар ба даврони пешин муқобил гузоред, инқилоб ҳосил хоҳед кард: чи дар усули истифодашуда ва чи дар миқиёси бузурги мавриди истифода.

Таърихи меъморӣ батадриҷ аз қаъри садсолаҳо дар шакли тағйири сохтор ва нақшу нигор зоҳир мешавад; аммо тайи panҷоҳ соли охир пӯлод ва бетон пирӯзиҳои нав бо худ ҳамроҳ доштаанд, ки ин нишондиҳандаи имконоти бештаре дар бахши сохтмон ва меъморӣ буда, дар онҳо қоидаҳои пешин рад карда шудаанд. Агар мо ба гузашта нигоҳи интиқодӣ кунем, он гоҳ дарк хоҳем кард, ки дигар «услубе» барои мо вуҷуд надорад; ва услубе пайдо шудааст, ки хоси даврони мост ва инқилоб ба вуқуъ пайвастааст. Ақлҳои мо огоҳона ва ғайриогоҳона ин рӯйдодҳоро қабул намуданд, ва огоҳона ё ғайриогоҳона ниёзҳои нав ба вуҷуд омаданд.

Механизми ҷомеа кулан аз кор монд ва миёни беҳбудӣ, муҳим будан аз лиҳози таърихӣ ва фоҷеа дар ҷустуҷӯи тавозун аст.

Ғаризаи аввалияи ҳар инсон – ғамхорӣ барои ба даст овардани сарпаноҳ аст. Табақаҳои гуногуни коргарон дар ҷомеаи имрӯз аз манзиле, ки ба талаботашон мутобиқ бошад, маҳруманд; ҳоли косибону зиёиён низ ҳамин аст. Масъалаи сохтмон решаи асосии мушкилоти имрӯзаро ташкил мекунад. Аз ин лиҳоз меъморӣ ва инқилоб бо ҳам тавъаманданд.

**Манбаъ:** Le Corbusier, from “Towards a New Architecture.” From Modernism to Post-Modernism: Anthropology, edited by Lawrence Cahoone. Oxford: Black Publishing Ltd.,2003, pp. 132-134.

**САВОЛҲО БАРОИ МУОҲОКИМА:**

1. Он руҳияи навине, ки Ле Корбюзе дар борааш сухан меронад, чист?
2. Зери мафҳуми «хонаҳои истеҳсоли оммавӣ» шумо чиро мефаҳмед? Чӣ гуна истеҳсоли оммавӣ боиси сар задании инқилоб дар соҳаи меъморӣ мегардад?
3. Чӣ гуна, ба гуфтаи Ле Корбюзе, меъморӣ инсонҳоро водор месозад, ки ба тарзи нави зиндагии иҷтимоӣ мутобиқ шаванд?

**САВОЛҲО БАРОИ ТАКРОР:**

1. Оё Чарлз Корреа ва Ле Корбюзе дар масъалаи созмондиҳии сохтмони манзил ҳамфикранд? Ҷавобатонро асоснок кунед.
2. Оё ғояиЛе Корбюзе дар бораи хонаҳои истеҳсоли оммавӣ бо намуди хонаҳои истиқоматӣ, ки дар рунамоии «Саҳнҳои Империя» пешниҳод гардидаанд, мухолиф аст?




**МАРКАЗИ МИЛТОН КЕЙНС**



**МИЛТОН КЕЙНС**

# БИЛЛ БРАЙСОН
# ЁДОШТҲО АЗ ҶАЗИРАИ ХУРД

Билл Брайсон соли 1951 дар шаҳри Де-Мойн (иёлати Айова, ИМА) таваллуд ёфтааст. Тули бист сол дар Англия зиндагӣ намуда, барои рӯзномаҳои «Таймс» ва «Индепедент» кор мекард ва ҳамзамон барои нашириёҳои мухталифи англисӣ ва амрикоӣ матлаб менавишт. Ҳоло ӯ дар шаҳри Ҳанновер (иёлати Ню-Ҳемпшир, ИМА) ҳамроҳ бо ҳамсар ва чаҳор фарзандаш умр ба сар мебарад. Брайтон дар соли 2004 ба гирифтани ҷоизаи **Авентис** барои китоби илмӣ-оммавиаш таҳти унвони «Қиссаҳои кӯтоҳи таърихӣ роҷеъ ба ҳама чиз» сарфароз гардид. Дар китобҳои худ роҷеъ ба мусофиратҳояш маконҳоеро, ки худ дидааст, ба таври одӣ, ҷолиб ва самимӣ чунон тасвир мекунад, ки хонанда мехоҳад ҳар чи зудтар ба он ҷойҳо сафар кунад ё аз сафар ба он маконҳо ҳазар намояд. Дар матни зер Брайтон тасаввуроти худро роҷеъ ба рушди муосири манзил дар шаҳри Милтон Кейнси Англия нақл мекунад.



Бадбинии ман нисбат ба Милтон Кейнс, ки фикр мекунам, ба ҳамон андозае зебост, ки метавонед интизор дошта бошед, якбора сурат нагирифт. Замоне, ки аз станция ба самти майдони кушод, ки аз се тараф бо қатори хонаҳои шишагини инъикоскунандаи нур иҳота шудааст, қадами аввал мегузоред, фавран ба шумо эҳсоси як фазое даст медиҳад, ки вуҷудаш дар дигар шаҳрҳои Англия ба гумон аст. Ин шаҳр дар нишебии як теппаи на чандон бузурге, дар фосилаи ним милл болотар аз нақбҳои пиёдагузар, рӯи фазои бузургу кушодае қарор дошт, ки бо тавақкуфгоҳҳои мошинҳо ва бо ин дарахтони аҷибу ғариби шаҳрҳои нав, ки гумон мекунед, аслан нашъу намо намекунанд, пӯшида шуда буд. Маро эҳсоси равшане даст дод вақте ки ман дафъаи дигар ин фазои азими сабзаву асфалтро бурида мегузарам, он бо иншооти хиштии идораҳо бо шишаҳои рангашон мисӣ пӯшида хоҳад буд.

Ман вакти зиёдеро сарфи сайру гашт дар шаҳрҳои нав намудаам, то тасаввур кунам, ки эҷодкунандагони онҳо дар чи хусус фикр мекарданд; бо вуҷуди ин, то кунун ҳеҷ гоҳ сафаре ба Милтон Кейнс надоштам. Милтон Кейнс аз бисьёр ҷиҳат нисбат ба ҳар кадом аз шаҳрҳои нав, ки ман аз онҳо дидан кардаам, бартарӣ дошт. Гузаргоҳҳои зеризаминиаш бо санги хорои сайқалдодашуда ороиш ёфта, дар зиёде аз онҳо деворнавиштаҳо ва кулмакҳои чиркине, ки корти визити **Базингсток ва Бракнелл** буданд, ба назар намерасиданд.

Шаҳр аз худ як омезиши аҷиби услубҳоро ба намоиш мегузошт. Наворҳои тирaранг дар шафати маркази хиёбони асосӣ, ки бо сабза пӯшонида нашуда буданд, ба он як намуди фаронсавӣ мебахшиданд. Паркҳои истеҳсолии равшан дар канорҳои шаҳр намуди олмонӣ доштанд. Тарҳи ростхаттаи шаҳр ва хиёбонҳои рақамдор намуди амрикоӣ доштанд. Ноҳамоҳангии хонаҳо терминали фрудгоҳҳоро ба хотир меовард. Умуман шаҳр ҳар гуна ба назар мерасид, аммо на дар шакли англисӣ.

**Авентис –** ҷоизаи бонуфузест, ки ҳамасола аз тарафи Ҷомеаи илмии шоҳи Британияи Кабир ба ду нафар муаллифони беҳтарини китобҳои илмӣ-оммавӣ супурда мешавад.

**Базингсток ва Бракнелл –** шаҳрҳо дар ҷануби Англия.

Аз ҳама аҷибтар он буд, ки дар атроф на фурӯшгоҳҳо ба назар мерасиданд ва на одамон. Ман каме дар маркази шаҳр, дар як кучабоғе қадам зада, бо кӯчабоғи дигар, ки дар дар тарафи дигари хиёбони тирарангг воқеъ буд, баргаштам. Ҳар кадоме аз таваққуфгоҳҳо пур аз мошин буд, ва аз паси тирезаҳои кушода нишонаи ҳаёт мушоҳида мешуд, вале ҳаракат дар роҳ қариб тамоман ба назар намерасид ва дар идомаи кӯчабоғҳои тӯлонӣ бештар аз як ё ду роҳгузар дида намешуд. Ман медонистам, ки дар дар он ҷо бояд як маркази бузурги савдо мавҷуд бошад, зеро дар ин хусус, дар китоби Марк Лоусон «Набард барои хидмати утоқҳо» хонда будам; аммо бо вҷуди майлу хоҳиши зиёд натавонистам онро пайдо кунам ва натовонистам касеро пайдо намуда аз ӯ бипурсам. Мутаасифона қариб ҳар кадоме аз ин биноҳо он гуна намуде доштанд, ки гӯё метавонанд маркази савдо бошанд. Ман ҷустуҷӯи бинои муносибтареро давом додам, то баррасӣ карда ва маълум намоям, ки ин идораи марказии ширкати суғурта аст ё чизи дигари ба он монанд.

Дар охир ман барои сайр ба маҳалҳои истиқоматӣ, яъне ба ҷое монанд ба як Бовисвили беохир рафтам, ки дорои биноҳои мураттаби хиштӣ ва кӯчаю пиёдароҳҳои печдарпеч буд, ки ягон дарахти нашунамодошта онро иҳота намекард ва дар он ҷо низ касе ба назар нарасид. Аз баландии теппа ман бомҳоеро мушоҳида намудам, ки ба масофааи се чаҳоряки милл тӯл мекашиданд, фикр кардам, ки ин метавонад маркази савдо бошад ва ба сӯи он равон шудам. Роҳҳои пиёдагард, ки дар назари аввал комилан дилангез менамуданд, ба дил задан гирифтанд. Онҳо танбалона аз болои обравҳо тӯл мекашиданд, сохташон зебо буд, аммо чунин эҳсос мешуд, ки ин роҳҳо намехоҳанд, туро ба манзиле бирасонанд. Яқин аст, ки ин роҳравҳоро одамоне сохтаанд, ки мехостанд аз онҳо бо ҳадафи тамрини дуҷониба истифода намоянд. Ин роҳҳо дар масири ҳалқашакл ва беҳадафе тӯл мекашиданд, ки шояд дар рӯи коғаз ҷолиб ба назар расад вале он матлабро ба ҳисоб нагирифтаанд, ки одамоне, ки аз манзил то фурӯшгоҳ сайри тӯлонӣ мекунанд, яқинан мехоҳанд то он ҷо бо роҳи наздиктаре раванд. Бадтар аз он, бо сабаби набудани нишонаҳои дидашавандаи роҳ, эҳсоси роҳгум задан дар ҷаҳони нимазеризаминӣ имкон дошт. Ман зуд-зуд ба болои хокрезаҳо мебаромадам, то бифаҳмам, ки дар куҷо қарор дорам ва маълум мешуд, ки ҳануз ба он маҳаллаи мехостаам чандон наздик нестам.

Дар натиҷа, зимни яке аз чунин кушишҳоям ошкор намудам, ки наздик ба роҳи мошингарди пурҳаракате қарор дорам.

**Манбаъ:** Bryson, Bill. Notes from a Small Island. Reading. Black Swan, 1998, pp. 176-177.

## САВОЛҲО БАРОИ МУҲОКИМА:

1. Таасуроти аввалияи муаллиф аз Милтон Кейнс чӣ гуна буд? Оё он бо дигар шаҳрҳои Англия монанд буд? Роҷеъ ба меъмории шаҳр дар гузашта чӣ фарзе метавон кард?
2. Чӣ чизе дар Милтон Кейнс муаллифро бештар мутаассир кард? Чаро мушоҳидаҳои муаллиф дар Милтон Кейнс уро нороҳат кардаанд?
3. Чаро дар хиёбонҳо пиёдагардон мушоҳида намегардиданд? Муаллиф ба ин ҳол чӣ гуна вокуниш нишон дод? Шумо зимни сайру гашт дар хиёбонҳои беодами шаҳр чӣ эҳсосе хоҳед дошт?
4. Муллиф сабаби ороиши дилгиркунандаи шаҳрро дар чӣ мебинад? Меъморон зимни тарҳрезии фазои умумӣ дар Милтон Кейнс чиро аз мадди назар дур гузоштаанд?

## САВОЛҲО БАРОИ ТАКОР:

1. Ле Корбюзе дар порчае аз асари худ «Ба сӯи меъмории навин» мегӯяд, ки «тайи панҷоҳ соли охир пӯлод ва бетон пирӯзиҳои нав бо худ ҳамроҳ доштаанд, ки ин нишондиҳандаи имконоти бештаре дар бахши сохтмон ва меъморӣ аст, ки дар онҳо қоидаҳои пешин рад карда шудаанд. Агар мо ба гузашта нигоҳи интиқодӣ кунем, он гоҳ дарк хоҳем кард, ки дигар «услубе» барои мо вуҷуд надорад ва услубе пайдо шудааст, ки хоси даврони мост». Чӣ гуна омезиши услубҳо, ки дар Милтон Кейнс пешниҳод шудааст, далели болоиро рад ё тасдиқ мекунад?
2. Оё Корреа ва Билл Брайсон дар мавриди нақши меъморӣ дар таъмин намудани аҳолӣ бо фазои умумии роҳату корбурдӣ ҳамақидаанд?



**ТОҶ МАҲАЛ**
Тоҷ Маҳал дар Ҳиндустон яке аз зеботарин иншооти ҷаҳонӣ



**ҲАГИЯ СОФИЯ**
Бомбаи нейтронӣ метавонад чунин асари олии инсоният, мисли Ҳагия Софияро аз нобудӣ наҷот диҳад (дохили толори марказӣ ҳамроҳ бо айвони табақаи дуюм), намунаи олии меъмории Византия.

# АЗИЗ НЕСИН
# БОМБАИ НЕЙТРОНӢ ТАМАДДУНРО НАҶОТ МЕДИҲАД



Азиз Несин (1915 – 1995) нависандаи маъруфи турк буда, осораш дар бахши адабиёти бадеӣ шомили китбҳои ҳаҷвӣ ва мақолоти ҳазломез барои маҷаллаҳо мебошанд. Мисли дигар нависандагони турк Азиз Несин низ маҳкум ба зиндон шуд, вале сарфи назар аз шароити мавҷуда, ӯ тавонист осорашро ба табъ расонад ва нависандаи хеле муваффақе шавад. Дар соли 1972 Азиз Несин бунёде ба унвони Институт ҷиҳати пуштибонӣ аз тифлони мухтоҷ ва кӯмак барои таҳсили онҳо таъсис дод. Бунёди ӯ имрӯз низ хеле фаъол буда, роҳбарии онро писараш бар уҳда дорад. Дар ҳикояи Азиз Несин, ки тарҷумааш дар зер оврда шудааст, далелҳои тамасхуромез дар он хусус, ки бомбаи нейтронӣ нисбат ба силоҳи маъмулӣ башардӯстонатар аст, зеро он танҳо одамонро мекушад, дар ҳоле, ки силоҳи маъмулӣ инчунин офаридаҳои машҳури тамаддунро низ аз миён мебарад, оварда мешаванд.

Мо дарси ваҳшатноки Ҷанги якуми ҷаҳонро ва пас аз он Ҷанги дуюми ҷаҳонро омӯхтем. Мо дидем, ки бар асари ҳар ду ин ҷангҳо ёдгориҳои таърихӣ, ки офаридаи бузурги тамаддун – биноҳои олӣ, ибодатгоҳҳо, пулҳо, осорхонаҳо, ки тамаддунро машҳур менамуданд, корхонаҳо, ки ҳамзамон маҳсул ва эҷодкунандаи пешрафти техникии мо буданд, тамоми биноҳои мактабу донишгоҳҳо, китобхонаҳо, ки санадҳои таърихии тамаддунро нигоҳдорӣ мекунанд ва тамоми шаҳрҳои бузург харобу аз миён бурда шуданд.

Барқарор намудан, таъмиру навсозии ин ёдгориҳои тамаддуни башарӣ, ки бар асари Ҷангҳои ҷаҳонии якуму дуюм харобу валангор шуда буданд, кори басо мушкил ва аз лиҳози арзиш хеле гарон буд. Саъю талош ва пажӯҳишҳои хеле зиёде ба ҳалли ин масъалаҳо бахшида шуданд. Зарур аст чунин силоҳе бояд сохта шавад, ки душманонро аз байн барад, аммо ба сангу бетон, хок, оҳан ва семент зараре нарасонад. Воқеан, бетон, оҳан ва санг душмане надоранд.

Бечора сангҳо, семент, оҳан, чӯб ва ё ёдгориҳои тамддун чӣ гунохе кардаанд, ки мо бояд онҳоро хароб кунем? Дар натиҷаи тамоми таҳқиқҳо одамон дар сохтани бомбаи нейтронӣ муваффақ шуданд. Бомбаи нейтронӣ силоҳест, ки тамаддуни моро наҷот медиҳад, аз он ҳимоя мекунад, ва муъҷизаи бузурги даврони мост. Тасаввур кунед, ки бомбаи нейтронӣ аз тамоми сӯрохиҳои биноҳо, ёдгориҳои тамаддун гузар намуда, тамоми мавҷудоти зиндаро дар онҳо нобуд мекунад, вале, ҳатто, андоваи ин биноҳоро вайрон намекунад, ранги дару тирезаю фаршҳо, банди пардаҳо, зарҳали атрофи қолаби оинаҳо, қоғаздеворҳо ва ранги мебелҳоро аз байн намебарад ва, ҳатто, тиразаҳоро намеларзонад. Оё шумо метавонед силоҳе инсонитар ва мутамаддинтар аз ин тасаввур кунед? Ва пас аз чунин ҷанге дар ихтиёри мо, яъне ононе ки зинда мемонанд, шаҳроҳои комилан холӣ ва аз вайронӣ наҷотдодашуда, манзилҳои холӣ ва пур аз мебел,

киштиҳо дар бандарҳои беодам, музейҳо, мактабҳо донишгоҳҳо ва китобхонаҳои беодам боқӣ мемонанд. Барои ононе ки моликони ин ёдгориҳои тамаддун мешаванд танҳо кори начандон зиёде боқӣ мемонад: бояд аз ҷасадҳои нолозими одамон, устухону хокистар, ки аз ҷасадҳо боқӣ мемонад, халос шуд; ва бояд ҷаҳони зебои моро, ки бо офаридаҳои тамаддун оро ёфтааст, поксозӣ кард.



Кӣ метавонад зидди бомбаи атомӣ, зидди ин бузургтарин муъҷизаи даврони мо, ки инсонҳоро нобуд карда, аз ин тариқ тамаддунро наҷот медиҳад, садо баланд кунад? Мо бояд фаромӯш накунем: чӣ манфиате дорад он бомбае, ки одамонро намекушад ва шаҳрҳоро хароб намесозад? Баъзеҳо бомбаро бо чангпуфкунаке барои нобуд кардани ҳашарот муқоиса мекунанд. Бомбаи нейтронӣ чангпуфкунаки доруи зидди магас нест!

**Манбаъ:** Nesin, Aziz. Notron Bombasi Uygarli i Kurtaracaktir" from Sanat Dergisi. "The Neutron Bomb Will Save Civilisation." Turkish Stories From Four Decades. T ranslated from Turkish by Louis Mitler. Three Continents Press, 1991. pp. 169-170.

**САВОЛҲО БАРОИ МУҲОКИМА:**

1. Оё шумо чунин мешуморед, ки суханони Азиз Несин ҷиддианд? Истеҳзоомезанд? Ё шояд онҳо бадбинонаанд? Тамаддун чист ва кӣ онро эҷод мекунад?
2. Оё биноҳо ҳамчун омили тамаддун аз инсонҳо муҳимтаранд? Оё шумо бо гуфтаҳои Несин дар он хусус, ки бомбаи нейтронӣ инсонитарин ва мутамаддинтарин силоҳ аст, розиед? Оё Несин воқеан истифодаи бомбаи нейтрониро нисбат ба силоҳи маъмулӣ авлотар медонад?
3. Шумо чӣ эҳсосе доред, вақте ки ин ибораро мехонед: «…бояд ҷаҳони зебои моро, ки бо офаридаҳои тамаддун оро ёфтааст, поксозӣ кард»?

**САВОЛҲО БАРОИ ТАКРОР:**

1. Маълум аст, ки барои нигоҳдории ёдгориҳои зебои меъмории исломӣ, ки дар рӯнамоии «Саҳнҳои Империя» нишон дода шудаанд, бомбаи нейтронӣ лозим набуд. Оё ин матлаб аҳамияти далелҳои Несинро камтар мекунад?

# МАРТА КОЛБРУН
# МАНЗИЛИ КӮЧИЁНИ АФҒОН

Марта Колбурн (соли таваллудаш 1971) мушовир оид ба масоили маориф дар созмони Корпуси шафқат аст, ки он дар Иёлоти Муттаҳидаи Америко ҳамчун созмони байналмилалии башардӯстона ташкил шуда, ҳадафаш сабук намудани таъсири ранҷу азоб, фақр ва зулм, кумак намудан ба инсонҳо барои созмондиҳии ҷомеаи бехатар, самарабахш ва боадолат мебошад. Матни зерин шакли меъмории юрта (хайма)- ро тасвир намуда, бартарии онро мавриди муҳокима қарор медиҳад. Хонанда бояд рӯи он андеша кунад, ки чӣ гуна ин сохтори меъморӣ услуби зиндагии ҷомеаҳои анъанавии Осиёи Марказиро инъикос мекунад ва оё ин сохтор метавонад бомуваффақият ба зиндагии ҷомеаи муосир мутобиқ карда шавад.

Барӯйхатгирии аҳолӣ, ки соли 1979 дар Афғонистон доир шуд, нишон дод, ки аз шумори умумии 16 миллион нафар аҳолии кишвар 2,5 миллион нафарашон бодиягардон мебошанд. Ин маънои онро дорад, ки аз ҳар шаш нафар сокини Афғонистон як нафараш ҳаёти кӯчиёна ба сар мебарад. Чӯпонон ба таври анъанавӣ дар қаламрави кишварҳои муосири Осиёи Марказӣ ҳаракат мекунанд. Иқлими сахт, норасоии замини чарогоҳҳо ва об барои рамаҳо дар миёни кӯчиёни он кишвар ва кишварҳои Осиёи Марказӣ як умумияте эҷод мекунад. Кӯҳистониёни минтақаҳои **Ҳиндукуш, Нуристон ва Бадахшон** тобистон барои чарондани чорвои худ дар баландкӯҳҳо ба сар бурда, бо фаро расидани зимистон поёнтар мефароянд. Манзили кӯчиён дар ин минтақаҳо аз масканҳои гуногуншакли мунтақилшаванда (мобилӣ) ва муваққатӣ иборат мебошанд, ки аз гил, қамиш, наххои пахта, намад ва пашм сохта шудаанд.

Юрта – ерга (бо забони дарӣ), ё оой (ба забони туркӣ) – яке аз чунин манзилҳои маъмулӣ дар миёни чӯпоноҳовуу соҳибкорони нимакӯчии шимоли Афғонистон аст. Ин як сохтори мунтақили, гирд ва гунбадмонандест, ки онро, асосан, бисёре аз мардумони турктабор, мисли туркманҳо, ӯзбекҳо ва қирғизҳо истифода мекунанд; дар миёни ҳамосяҳои араби онҳо, ки забонашон дарӣ аст ва бархе аз мардуми форсизабон низ ин навъи манзилро истифода мебаранд. Юртаро кӯчиён аз даштҳои Муғулистон ва куҳсорони Осиёи Марказӣ то даштҳои ҷануби Россия истифода мебурданд; марзи ҷанубии истифодаи юрта аз Туркия то шимоли Эрон ва шимоли Афғонистон тӯл кашид.

**Ҳиндукуш, Нуристон ва Бадахшон –** минтақаҳое дар қисмати шимолу шарқии Афғонистон.

Тарҳи хеле ҷолиби юрта аз тарафи муҳандисон, ҳамчун манзили мустаҳкам, ба заминларза тобовар ва василаи боэътимоде барои муҳофизати сокинонаш аз бодҳои тунд ва сардиҳо эътироф гардидааст. Юрта инчунин баландтарин нишондоди (коэфисент) фазои баста нисбати периметри деворро ифода мекунад. Ричард Бакминстер Фуллер, ихтироъкори маъруфи «гунбади геодезӣ», замоне истеҳсолии оммавии тарҳи фулузии монанд ба юртаро орзу мекард ва онро «димаксион» номида буд. Пас аз Ҷанги дуюми ҷаҳон ин тарҳ метавонист ба сифати манзили арзон хидмат намояд.

Имрӯз дар ИМА даҳҳо ширкат вуҷуд доранд, ки барои туристҳо ва ҷиҳати зиндагии рӯзмарра юртаҳои муосир истеҳсол мекунанд.

Юрта асосан аз девори панҷарашакли бо бом пӯшидашуда иборат аст ва бом аз бандҳои дарози пашмӣ иборат аст, ки дар фосилаи баробар бо девори панҷарашакл васл шуда, аз боло ба воситаи ҳалқаи фишордиҳанда маҳкам баста шудаанд. Пас аз он ҳамаи ин девор ва бом бо намад пӯшида мешаванд, ки барои тайёр намудани он 130-167 килограмм пашм зарур аст, ва сипас он намад бо танобҳои пашмин ба асоси юрта баста мешавад. Ҳалқаи фишордиҳанда дар маркази сақф барои берун рафтани ҳавою дуд ва ворид шудани рушноӣ, ҳамеша боз нигоҳ дошта мешавад. Дохили юрта дар бисёр мавридҳо бо сӯзандӯзиҳо, қолинҳо, оро дода мешавад ва ин ороишот бо тасмачаҳои махсус ба девораҳои юрта устувор махкам мешаванд; дар дохили юрта дигар лавозимоти зарурӣ – аз лавозимоти ошпазхона то радио ва дигар ашёи барои зиндагии муосир зарурӣ, гузошта мешавад. Фазои дохилӣ мутобиқ ба меъёрҳои иҷтимоӣ ва анъанаҳои хонаводае, ки дар он зиндагӣ мекунад, созмон дода мешавад.





**ЮРТАҲО БАРОИ МАРДУМИ** бодиянишини Осиёи Марказӣ ҳамчун як шакли қулайи манзилҳои мунтақил хизмат мекунанд.



**ЮРТАИ ҚИРҒИЗӢ**

Намад маводи нодирест ва дар бисёр ҳолатҳо барои дигар маводи ороишии анъанавӣ низ истифода мешавад. Намад тайи чадин садсолаҳо дар асоси ҳамон як нақшаи маъмул бофта мешавад: пашмро дар шакли бандҳои ғафс рехта, онҳоро бо сафҳои васею дароз болои матои дағале мегузоранд. Сипас ҳамаи инро лӯлапеч карда, бо оби гарм тар мекунанд, баъд аз ин, он лӯлапечро ба ду тараф муддати тӯлонӣ меғелонанд, то риштаҳо ба ҳам бипечанд.

**Манбаъ:** Colburn, Marta. Nomadic Dwellings in Afghanistan. Mercy Corps. URL: www.mercycorps.org.

### САВОЛҲО БАРОИ МУҲОКИМА:

1. Чӣ гуна услуби зиндагии кӯчиёни афғон барои муайян намудани макони ҷойгиршавии манзилгоҳу масканҳои онҳо кумак кард? Шумо чӣ назар доред, чаро юрта дар қаламрави васеи ҷуғурофӣ густариш намуд?
2. Чаро юртаро ба унвони тарҳи муносиби маскан, ҳатто, берун аз қаламрави Осиёи Марказӣ эътироф намудаанд? Хусусияти он аз чӣ иборат аст?
3. Сохтори дохилии юрта аз лиҳози таъмин будан бо тамоми васоили зиндагӣ аз манзили одии шаҳрӣ чӣ тафовуте дорад? Шумо, агар дар юрта зиндагӣ кунед, чӣ эҳсосе хоҳед дошт?

### САВОЛҲО БАРОИ ТАКРОР:

1. Функсияҳои манзил ва унсурҳои фазоии онро, ки Корреа номбар мекунад, ба хотир биёред. Оё метавон юртаро ҳамчун гузинаи идеалӣ ва аз ҳар лиҳоз ҳамоҳанг барои сотмони манзил пазируфт? Оё юрта метавонад махсусан дар шаҳрҳо ҳамчун навъи маъмулӣ ва ба таври васеъ густаришёфтаи манзил бошад? Ҷавобатонро асоснок кунед.

# ҶЕЙСОН Ф.МАКЛЕННАН МАҲСУЛНОКӢ ВА НЕКУАҲВОЛӢ

Ҷейсон Ф.Макленнан пешоҳанги дар ҷаҳон эътирофгардидаи ҷунбиши «сохтмони сабз» ва мудири Шурои минтақавии «Каскад» оид ба сохтмони сабз, ки дар шаҳри Сиэтли иёлати Вашингтон ҷойгир шудааст, мебошад. Ҷейсон дар шаҳри Онтарио (Канада) таваллуд шуда, ба воя расидаст. Таҳсилро дар Орегон (ИМА) ва Глазго (Шотландия) намуда, ҳоло дар ҷазираи Брейнбриҷ зиндагӣ менамояд.

Ӯ бо тахассуси меъмор таҳсилро анҷом дода, роҳбарии BNIM Architects-ро, ки таййи даҳсолаҳои гузашта нерӯи дигаргунсозандае дар ҷунбиши сохтмони сабз буд, бар уҳда дошт. Ӯ муаллифи китобҳои “Фалсафаи тарҳрезии устувор”, “Муҳандиси экологӣ ва зугенрухе” ва ғайра мебошад. “Фалсафаи тарҳрезии устувор” ҳоло дар бештар аз 60 донишгоҳу коллеҷҳо ба унвони китоби дарсӣ мавриди истифода қарор гирифта, дар Аврупо ва дар Америкои Шимолӣ ба таври васеъ паҳн шудааст. Матни мазкур бобе аз ҳамин китоб аст, ки дар он Макленнан масъалаи равобити мутақобли сохтмон, некуаҳволии инсон ва маҳсулнокиро мавриди муҳокима қарор медиҳад. Дар ин матн омилҳои мухталифи фазои маснуъ, ки ба саломатии инсон таъсиргузоранд ва, инчунин, усулҳои беҳтар кардани муҳити зисти инсон тавассути татбиқ намудани тарҳрезии устувор ва сохтмони сабз мавриди таҳқиқ қарор мегиранд.

## МУҚАДДИМАИ МАҲСУЛНОКӢ

Дар солҳои аввали татбиқи тарҳҳои сарфакунандаи энергия масъалаҳои марбут ба саломатии инсон мисли даврони муосир дар авлавият қарор надоштанд. Робитаи миёни саломатии инсон ва муҳити маснуъ то ҳадди зарурӣ омӯхта нашуда, ва нақши интихоби мавод ва сарфаи неру дар ин замина ҳанӯз ошкор нагардида буд. Дар воқеъ, чуноне ки баъзе тарроҳони неккхоҳ маълум намуданд, зичии конструксияи иҳотакунандаи иншоот нуруро сарфа намуда, баъзан муҷиби сар задани мушкилоти қобили мулоҳизае дар робита бо сифати ҳаво дар ҳуҷраҳо мегардад. Зеро ки одамон таҳти таъсири дараҷаи баланди гази карбон қарор гирифта, бо маводи олудакунанда, ки аз маводи сохтмонӣ хориҷ мешуданд, иҳота шуда буданд. Таъсири равоние, ки сохтмонҳо ба маҳсулнокӣ ва некуаҳволии мо мерасонанд, боз ҳам норавшантар буданд. Муҳити атрофи биноҳо ва дафтарҳои корӣ фарқи зиёдеро миёни қисми дохилӣ, рӯшноии рӯз ва фазои берун инъикос мекард. Дар баробари ин тафовутҳо, инчунин, аз даст рафтани масъулияти шахсӣ нисбат ба назорат аз болои шароити муносиб ба назар мерасид, зеро одамон аз истифодаи тирезаҳои лағжанда, имкони танзими гармӣ ва тоза намудани ҳаво дар биноҳо сарфи назар мекарданд.

Имрӯз бисёре аз америкоиён бо кори рӯзмарраи якнавохте машғуланд, ки онҳоро водор месозад, чандин соатро дар дохили як маҳдудаи мукааб, бидуни рӯшноии рӯз, бе баҳрагирӣ аз вижагиҳои меъморӣ ва имкони назорати шахсӣ аз болои меъёр ва ё поксозии ҳаво ба сар баранд. Бисёре аз ин дафтарҳои корӣ дар дохили қуттиҳои бузургу комилан шишагие ҷойгиранд, ки барои то ҳадди имкон зиёд намудани миқдори ин мукаабҳои корӣ,

ки метавонанд дар табақаи алоҳида мавҷуд бошанд, таъйин шудаанд. Баъдан хусусияти фарққунандаи ин ин муҳити корӣ равшансозӣ ва шароити гармидиҳии якнавохт, робитаи хеле кам бо ҷаҳони берунӣ ва дар аксар ҳолат сифати бади ҳаво дар дохили бино аст, ки бар асари услуҳои заҳрноки поксозӣ, маводи зарарноки хориҷкунандаи газ ва ҳолати бади тозакунии ҳаво ба вуҷуд меояд.Тафовути на чандон зиёд инчунин байни навъи кори иҷрошаванда ва муҳити корие, ки ба он мусоидат мекунад, мавҷуд аст, ки махсусан дар андозаи якхелаи биноҳо зуҳур мeёбад ва он ба тафаккури ҳамагон муносиб буда, аз нотакрории фардии инсонҳо ва хусусиятҳои раванди кор сарфи назар мекунад. Зимни баррасии миқдори вақте, ки мо барои кор ҷудо мекунем, саволҳои зерин пайдо мешаванд: ин муҳит чӣ таъсире ба саломатии мо, ба некуаҳволии мо ва, ҳатто, ба маҳсулнокию даромаднокии мо дорад? Агар ин муҳити зисти мо бошад, пас он барои чӣ гуна инсонҳо ва барои чӣ гуна кор созгор мебошад?

Биноҳое, ки мо дар онҳо зиндагӣ мекунем, таъсири бузурге ба саломатӣ ва маҳсулнокии мо доранд. Саломатии ҷисмонӣ ва некуаҳволии мо ба сифати муҳити атроф, ки мо вақти худро дар он сипарӣ мекунем, робитаи зич доранд. Имрӯз бисёре аз америкоиҳо бештар аз 90 фоизи зиндагии худро дар фазоҳои баста сипарӣ мекунанд. Ҷои тааҷҷуб нест, ки агар ин фазои баста солим набошад, пас он ба саломатӣ ва маҳсулнокии инсон таъсири манфӣ мерасонад. Бештари мо бо шароити номуносиби корӣ рӯ ба рӯ шудаем ва то андозае дарк кардаем, ки ин гуна шароит ба сифат ва суръати кори иҷронамудаи мо ва дар бисьер ҳолатҳо ба омодагии мо ҷиҳати идома додани кор ва иҷрои он чи гуна таъсир дорад. Дар ҳолатҳои истисноӣ дар чунин биноҳо, ки дар онҳо синдроми “биноҳои бемор” зуҳур мекунад, танҳо як муҳити манфӣ кофӣ аст, то инсонҳоеро, ки ҳуҷуми ҳавои носолим барояшон зараровар аст, барои муддати тӯлонӣ ба хонаҳояшон фиристад. Ин гуна таъсир дар бисёре аз биноҳо чандон фоҷиабор набошад ҳам, аммо аз нигоҳи куллӣ ба ҳар ҳол назаррас аст. Дар ҳоле ки диққати моро муҳити зист ба худ ҷалб менамояд, кори мо то чӣ андоза метавонад самарабахш бошад? Кори мо то чӣ андоза метавонад самарабахш бошад, дар ҳоле ки мо то ҳадди зиёд эҳсоси сардӣ мекунем? Дар ҳоле ки то ҳадди зиёд эҳсоси гармӣ мекунем? Ё дар ҳоли аз ҳад зиёд равшан будани экрани компютер? Таййи як рӯзи муқаррарӣ дар роҳи эҷодӣ муҳити муносиб ва бехатар барои инсонҳо ва дар роҳи даромаднокии ширкат чандин монеаҳои экологӣ вуҷуд доранд.

Манзили маъмулии америкоӣ, ки бештари мо боқимонади вақти худро дар он мегузаронем, ҳамчун макони зисти инсон чандон хуб нест. Ин гуна манзилҳо ҳамчун василаи ҷамъ намудани гард, олудагиҳо, аллергенҳо ва баъзан чун ҷои анбӯҳи зиёди мағорбастагӣ тарҳрезӣ шудаанд. Баъзан дар ин гуна манзилҳо ҳамшафат будани гараж бо он ҳама газҳои ихроҷшаванда ва ҳуҷраҳои зист ба назар мерасад, ин ҳолат одамонро бо хатари бузурги заҳролудшавӣ рӯ ба рӯ месозад. Тибқи маълумоти Иттиҳодяи америкоии зидди бемории шуш, дар хонаҳои маъмулӣ, ҳатто, дар шаҳрҳои саноатӣ сифати ҳаво нисбат ба берун бамаротиб бадтар аст. Ин вазъ ғайритабӣ буда, хонаҳои мо, ки бароямон бояд паноҳгоҳ бошанд, моро дучори беморӣ месозанд.

Тайи чанд соли охир яке аз бартариҳои муҳимтарини ҷунбиши тарҳрезии устувор он аст, ки сокинони биноҳои сабз нисбат ба онҳое, ки дар



биноҳои маъмулӣ истиқомат доранд, аз теъдоди камтари мушкилот дар робита бо муҳити зист хабар медиҳанд. Таҳқиқоти сершумор дар Иёлоти Муттаҳидаи Америко, Канада ва Аврупо нишон доданд, ки вобаста ба кӯчидани одамон аз биноҳои маъмулӣ ба биноҳои сабз шумори ба кор намомадан бо сабаби беморӣ камтар шуда, шикояти одамон дар робита бо нороҳатӣ дар заминаи ҳарорат рӯ коҳиш ёфт. Дар ҳоле ки ин натиҷа аз назари баъзе одамон аҷиб наменамуд, бисёре аз одамони ноогоҳ ва, махсусан, пуршуртарин ҷонибдорони сабзҳоро ба ҳайрат овард. Бисёр касоне, ки ба сохтмони биноҳои барои муҳити зист муносиб машғул буданд, дарёфтанд, ки ин омил ба инсонҳо низ таъсири мусбат мерасонад.

Бисёр иншоотҳое, ки истифодаи неру ва ё таъсиррасонӣ ба муҳити атрофро камтар мекунанад, ҳамзамон барои афзудани некуаҳволии мо низ кумак менамоянд. Масалан, мушкилоти марбут ба сифати ҳаво дар дохили биноҳо баъзан натиҷаи афзун шудани мағорбастагӣ аст, ки бо сабаби нодуруст сохтани деврҳо ба вуҷуд меояд. Бар асари чакидан ва конденсатсия деворҳо намнок мешаванд. Ин гуна деворҳои намонок аксаран хусусияти изолятсиякунии худро аз даст медиҳанд, зеро бисёре аз маводи изолятсиякунанда дар ҳолати намнокӣ вайрон мешаванд. Диққати ҷиддӣ додан ба деворҳои сарфакунандаи нерутайи муддати тӯлонӣ метавонад аз ду ҷониб фоидаовар бошад: таъмини сифати хуби ҳаво ва баръакс. Метавон ба таври осон тасаввур кард, ки мо аз муҳити зист ҷудоем ва фаромӯш мекунем, ки мухти зисти солим барои тамоми организмҳои зинда, аз ҷумла, барои мо фоидаовар аст.

Эҷоди беҳтарин ҷойҳои корӣ барои тиҷорат аз ҳар лиҳоз хеле муҳим мебошад.

Яке аз аввалин ва муҳимтарин таҳқиқот роҷеъ ба иртиботи миёни вазъи экологӣ ва маҳсулнокӣ тавассути Бонки ИНГ (ҳоло НМБ), дар атрофи Амстердам, аз тарафи Тон Албертс анҷом дода шуд. Дар соли 1978 бонки мазкур бинобар васеътар шуданаш, инчунин, барои муаррифии бештари симои худ тасмим гирифт, ки ба бинои нав кӯчад. Албертс ҷонибдори усту-



ворӣ ва ҳамзамон ҷонибдори фаласафаи маъруф ба унвони “антропози” буд, ки истифода аз шаклҳои даврӣ ва фурӯхамида, на шаклҳои ростхаттаи хоси саноатро таблиғ мекард. Ӯ ба бонк пешниҳод кард, ки шакли комилан ғайримаъмулии сохтмонро баррасӣ намояд. Ба иттилои Greening The Building and the Bottom Line, ахбори роҷеъ ба навоварии Институти Rocky Mountain, бонк тасмим грифт, биное созад, ки дар он “ҳунар, маводи табиӣ, нури офтоб, растаниҳо, сарфаи неру, садои паст ва об бо ҳам дар таносубу созгорӣ қарор дошта бошанд.” Дар тарҳ нақшаи теппамонанди табақаи бино оварда мешавад, ки дар атроф қаторе аз **атриумҳо** сохта шудааст. Ин атриумҳо бояд рӯшноии рӯзро ба дохили бино роҳ дода, ба фазои дохили бино рӯҳи тоза ворид намоянд. Тамоми кормандон дар ин бино тавассути атриумҳо ва тирезаҳо, ки ба берун нигоҳ мекарданд, аз рӯшноии табиии рӯз баҳраманд буданд.

**атриумҳо-атриум –** толори марказӣ, ки аксаран бо шиша пӯшонида шудааст, ва ин гуна шиша чанд табақаи ин биноро мепӯшонад; ин навъи пӯшиши шишаӣ масалан, дар марказҳои савдо ва ё меҳмонхонаҳо дида мешавад.

Хусусияти экологии бино қобили таваҷҷӯҳ буд. Бинои нав миқдори даҳ фоизи неруи бинои куҳнаи бонк ва танҳо аз панҷ як ҳиссаи неруи истеъмолнамудаи хонаҳои ҳамсояҳо, ки ҳамзамон бо он сохта шуда буданд, сарф мекард. Хароҷоти иловагӣӣ барои беҳтар намудани иншооти стандартӣ ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии бино танҳо ҳафтсад ҳазор долларро ташкил дод, дар ҳоле ки сарфаи ҳамасолаи неру (бо сабаби баланд будани нархҳои он да Аврупо) ба миқдори дуюним миллион доллар дар сол арзёбӣӣ шуд, яъне ҷуброни тамоми хароҷоти иловагии солона танҳо аз ҳисоби сарафаи неру тули се моҳ таъмин мегардад. Аммо ҷанбаи назаррастарин ҳамоно таъсири ин бино ба саломатӣӣ ва маҳсулнокии меҳнати одамон буд. Мизони бе сабаб ба кор наомадан коҳиш ёфта, аз нишондоди бинои пештараи бонк 15 фоиз камтар гардид, ки ин ба даромади соф таъсири бузург расонд. Имрӯз бино то ҳадде шӯҳрат ёфта аст, ки, ҳатто, барои гашту гузор дар он одамон як сол навбат мепоянд. Чунин маркетинг баҳо надорад.

Аз охири солҳои навадум зимни чандин таҳқиқот, аз ҷумла бар асари як зумра пажӯҳишҳо дар Иёлоти Муттаҳида, иртиботи мутақобил миёни сохтмони сабз ва афзудани маҳсулнокӣ ошкор гардид. Дар Рино мукаммалсозии одии низоми рӯшноидиҳӣ ва акустика дар шуъбаи асосии почта то ҳадде боиси беҳбуди шароити кор (ҳамзамон коҳиши сарфи неру) гардид, ки ин шуъба бехтарин муассисаи навъбандии фиристодаҳои почтавӣ дар минтақаи ғарбии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дониста шуд, зеро дар ин шуъба миқдори фиристодаҳои початавии навъбандишуда ба андозаи 6 фоиз афзуд. Бозсозӣ дар ҳаҷми 300 000 доллар боиси ҳамасола афзудани маҳсулнокии иқтисодӣӣ ба маблағи 400000 – 500000 доллар гардид! Дар “Боинг” беҳбуди низоми рӯшноидиҳӣ дар чорчӯбаи барномаи ихтиёрии Агентии ҳифзи муҳити зист ба унвони “Чароғи сабз” бо шарти маъмулии баргардондани сармоя ба андозаи 53 фоиз анҷом дода шуд, ки ин тадбир ҷуброни хароҷоти марбутаро дар давоми ду сол аз ҳисбои беҳтар шудани самарабахшии сарфаи неру таъмин менамояд. Муҳимтар он аст, ки мизони бехатарӣӣ дар корхонаҳо то ҳадди зиёд боло рафт, зеро кормандон метавонистанд ҳаҷми кори анҷомдодаи худро беҳтар мушоҳида намоянд. Ба гуфти намояндагони ширкат, тавони ошкор намудани нуқсонҳо дар кор, ба андозаи 20 фоиз беҳтар гардид. Беҳбуди одии хусусиятҳои экологӣӣ боиси ба даст омадани натиҷаҳои мусбат барои мусофирони хатҳои ҳавоӣ дар саросари кишвар гардиданд.

Якчанд мактаб дар миқиёси тамоми мамлакат тағйиротеро дар раванди иштирок дар дарсҳо, баҳогузорӣ барои таҳсил ва, ҳатто, дар сабти мизони



дарди дандон миёни хонандагоне ба мушоҳида гирифтанд, ки аз мактабҳои оддӣ ба мактабҳои дигаре интиқол ёфтанд, ки дар онҳо ҳамчун манбаи рӯшноии умумӣӣ аз равшании рӯз истифода мекарданд. Хонандагони мактабе дар Каролинаи Шимолӣ пас аз ба мактаби нав кӯчидан, сатҳи нишондоди таҳсили худро 15 фоиз беҳтар намуданд, мизони иштироки онҳо дар дарсҳо беҳтар ва сабти ҳодисаҳои дарди дандон дар байнашон хеле камтар гардид; дар ин мактаб аз манбаи табии рӯшноӣӣ истифода менамуданд. Қобилияти мо дар ҷодаи таҳсил аз шароити муҳити атроф, аз имкони мушоҳида намудани натиҷаи корамон, аз кам кардани монеаҳои садоӣ ва аз дастрасӣ ба ҳавои тоза вобаста аст, то ки аз ин тариқ заковат ва саломатии худро нигоҳ дорем. Солимии дандонҳо ҳам аз қобилияти витаминпи Е-ро ҷазб кардани мо вобаста аст; ин гуна қобилият танҳо бо иштироки нурҳои ултрабунафш, ки дар рӯшноии рӯз мавҷуданд, имконпазир мегардад. Кудаконе, ки тамоми вақти худро дар биноҳои баста мегузаронанд, солимии дандонҳои худро аз даст медиҳанд.

Таҳқиқоти мушобеҳ дар мактабҳои Калифорния ва Канада низ чунин натиҷа дод. Ҳақиқатан, таҳқиқот роҷеъ ба маҳсулнокӣ дар навъҳои гуногуни биноҳо дар саросари кишвар натиҷаҳои монандро ба бор оварда, нишон доданд, ки дар ин сурат маҳсулнокӣӣ аз панҷ то понздаҳ фоиз меафзояд, ки ин натиҷаи баланд аст. Ҷозеф Ромм менависад: “Навсозӣ, ки сарфи неруро ним баробар кам мекунад, метавонад аз миқдори хароҷоти солона барои неру аз ҳар фути мураббаъ як доллар сарфа намояд; ҳамчунин агар он маҳсулнокиро ақаллан панҷ фоиз афзунтар намояд, он гоҳ метавонад ҳамасола барои ҳар як фути мураббаъ дар ҳаҷми даҳ доллар фоидаи нав ба даст диҳад!”

Аз бисёр ҷиҳат масъалаҳои марбут ба маҳсулнокӣ метавонанд ба зудӣ муҳаррики асосие ҷиҳати қабули бисёре аз стартегияҳои сабз гарданд. Дар ҳоле ки қисми ками одамон омодаанд танҳо аз назари экологӣ тағйироте ворид созанд, тақирбан ҳама ба саломатӣ ва пул, ки ду ҷанбаи асосии марбут ба маҳсулнокӣ ва некуаҳволии сокинон мебошанд, манфиатдоранд. Теъдоди ширкатҳое, ки иритиботи миёни муҳити эҷодшуда барои кормандонашон ва некуаҳволии иқтисодии худро дарк мекунанд, рӯ ба афзоиш дорад. Аммо, агар иртибот миёни маҳсулнокӣ ва иқтисод то ин андоза қавӣ бошад, пас чаро он зудтар шуҳрат пайдо накардааст? Сабаб дар он аст, ки теъдоди зиёди одамон чунин мепиндоранд, ки таҳқиқот дар заминаи маҳсулнокӣ “илми заифест”, ки бино бар тағйирпазир будани рафтори инсонҳо иштибоҳои зиёди имконпазирро ба думбол дорад. Ин гуна интиқод то андозает асос дорад. Маҳсулнокии инсон аз маҷмуаи бузурги омилҳо вобаста аст ва андозагирӣ намудани таносуби миёни такмилсозии муҳити маснуъ ва баланд бардоштани маҳсулнокӣ мушкил мебошад.

Маҳсулнокӣ метавонад то ҳадди зиёде зери таъсири омилҳои мухталифе қарор гирад, ки рӯҳияи инсонҳо, муносибатҳои шахсии онҳо, муносибат дар маҳалли кор ва он чизе, ки онҳо вақти наҳор хӯрдаанд, аз ҷумлаи онҳоянд. Воқеан, маҳсулнокӣӣ то чӣ андоза аз муҳити корӣ вобаста аст? Ин саволро мураккабтар намуда, метавон гуфт, ки муайян намудани кадом самтҳои беҳтарсозӣ бештар таъсирбахшанд ва кадом самтҳо камтаъсиранд, хеле мушкил аст. Масъалаи равшании рӯз нисбат ба сифати ҳаво то кадом андоза муҳимтар аст? Оё дар ҳақиқат ҳаловат бурдан аз гар-

мӣ нисбат ба танзими рӯшноӣ муҳимтар аст? Дар чӣ ҳолате бояд раванди беҳтар намудани сифати ҳаворо боз дошт? Равнди танзими рӯшноиро чӣ? Ин саволҳо аз ҷумлаи ҳамон пурсишҳоеянд, ки ба онҳо бояд посухи сазовор дод. Ҳар чанд ки эҳтимолияти он, ки мо ба ин пурсишҳо битовнем посухи ниҳоӣ диҳем, хеле кам аст; дақиқтараш, мо бояд хати посухҳоеро фарз кунем, ки миёни онҳо сатҳи баланди робитаи мутақобил вуҷуд дошта бошад. Мушкили дигари марбут ба таҳқиқоти маҳсулнокӣ он аст, ки ҳанӯз барои анҷоми ин гуна таҳқиқот асоси мувофиқашуда вуҷуд надорад, яъне қоидаҳои муқарраршуда, ки ба унвони стандартҳои иқтисодӣ пазируфта шуда бошанд, мавҷуд нестанд. Ҳамин тавр, сифати таҳқиқот, ҳатто, миёни таҳқиқоти мавҷудаи маҳсулонкӣ то ҳадди зиёде мутафовит аст. Ҳатто дар сурате, ки андозагирии маҳсулнокӣ мушкил бошад, мо бояд исрор намоем; зеро, чуноне ки мушоҳида намудем, ин амал метавонад фоидаи зиёде дошта бошад. Муҳимтар он аст, ки ба моҳияти иртиботи маҳсулнокӣ бо муҳити табиӣ ҳанӯз сарфаҳм нарафтани мо маънои онро надорад, ки ба ин пурсиш посух умуман вуҷуд надорад.

Роҷеъ ба маҳсулнокӣ ду навъ таҳқиқот аст: таҳқиқот дар заминаи мушоҳидаи ашё, ки онҳоро метавон аз тариқи **эмпирикӣ** (таҷрибавӣ) пайгирӣ кард ва таҳқиқоте, ки ба иттилооти субъективӣ асос ёфтаанд. Тааҷҷубовар нест, ки таҳқиқотэмпирикӣ, бешубҳа, нисбатан муътабартар ҳастанд. Ин навъи таҳқиқот маълумотеро баррасӣ мекунанд ки маъмулан дар бисёре аз созмонҳо дастрасанд, аз ҷумла, ба кор, ҳозир нашудан бо сабаби бемориӣ ё теъдоди шикоятҳо. Дар корхонаҳои истеҳсолӣ метавон теъдоди маҳсулотеро мушоҳида намуд, ки аз тарафи як нафар як рӯз қабл ва баъд аз анҷоми такмили бино истеҳсол шудаанд. Сарфи назар аз он ки баъзан тақсим намудани нишондоди афзудани маҳсулнокӣ байни чанд адад биноҳои такмилшуда мушкил аст, вале натиҷаҳои умумӣ маълуманд. Таҳқиқоти субъективии маҳсулнокӣ ба гуруҳҳои ҳадафманд ва пурсишҳое асос ёфтаанд, ки ҳадаф аз онҳо муайян намудани он аст, ки одамон нисбат ба маҳалли кори худ қабл ва баъд аз сохтани иншооти нав ё тағйирдиҳӣӣ ва навсозии биноҳои корӣ чи гуна назар доранд. Ин таҳқиқот ризоиятмандии кормандонро инъикос намуда, мукаммал сохтани маҳсулнокиро асосонок ва тавсиф мекунанд. Натиҷаҳои ин тахқиқот нисбат ба таҳқиқотҳои эмприкӣ камарзиштаранд, аммо онҳо агар муътамад бошанд, аҳамяти бештаре касб хоҳанд кард.

**Эмпирикӣ** – он чи ки на ба назария, балки ба таҷриба аосос ёфтааст ё муносибате бо таҷриба ва мушоҳида дорад.

Шахсе, ки саъй мекунад он чиро ки “неруи нарм” номида мешавад ба неруи сахт табдил диҳад, Ҷуди Гееrваген ном дорад. Геерваген равоншиноси экологист, ки фаъолияташро ба масоили омӯзиши робитаҳои миёни маҳсулнокӣ, некуаҳволӣ ва меъмории сабз равона намудааст. Ин зан таҳқиқоти фаровоне барои мизоҷони дастаҷамъӣ ва ниҳодиӣ, мисли Sun Microsystems, “Боинг” ва GSA анҷом додааст, ва натиҷаҳои фаъолияти ӯ

низ ин робитаҳоро тасдиқ мекунанд. Ӯ аз тариқи таҳқиқоти муаддабонаи рафтори одамон, таҳқиқоти гурӯҳии ҳадафманд, пурсишномаҳо ва мусоҳибаҳо саъй мекунад дақиқан мушаххас намояд, ки кадом омилҳо ба рафтор ва натиҷаҳои кор бештар таъсигузоранд. Гееравген ба ин бовар аст, ки "биноҳо ба некуаҳволии инсон ва ба самарабахшии фаъолияти созмонёфтаи онҳо таъсири бузург мерасонанд". Ин муҳаққиқ ҳамчунин таъкид мекунад, ки "мо бояд дарки худро доир ба сохтмонҳо дигар намуда, онҳоро на ҳамчун хароҷот барои моликияти ғайриманқул, балки чун фоида барои кормандон бипазирем. Ин суд то ҳадди зиёд ба сломатию некуаҳволӣӣ ва садоқат ба созмон мусоидат менамояд".



## БИОФИЛИЯ – МАФҲУМИ НАВ

"Мо фаромӯш мекунем, ки дар садои бод ва об ҳикмати бештаре нуҳуфтааст, магар ки дар ҳар гуна ток-шоу, василаи худомӯзӣ ё суханронии сиёстамадор; фаромӯш мекунем, ки осмони шабҳангом ё субҳи меҳолуд ғизои рӯҳии бештаре доранд, магар ки калисои ҷомеи бошукӯҳ зиннатёфта ва ё мавъизаи ҷаззоб. Ҳамчунон дар парвариши боғҳо бештар ҳадафи зиндагӣ мавҷуд аст, магар ки дар бисьёре аз ҷоҳу манзалатҳо ва зимни таҳқиқи ботлоқҳо, обанборҳо ва даштҳо дониши бешатаре андухтан мумкин аст, магар ки тайи моҳҳои тӯлонии таҳсил дар синфхонаҳо".

**биофилия –**
Ишқи зотӣ ба олами табиӣ, ки гуё ҳамаи одамон онро якхела эҳсос мекунад.

## ФИЛИПП САТТОН ЧАРД. "THE HEALING EARTH "

Дар соли 1984 ду карат барандаи ҷоизаи Пулитсер, яъне Е. О. Уилсон барои баёни тамоюли табиии инсонҳо ба "тамаркуз доштан дар зиндагӣ ва равандҳои зндагӣ ибораи "биофилия"-ро пешниҳод кард. Теъдоди тарроҳоне ки сабаби норозигӣ ва вокуниши моро нисбат ба муҳити сунъии атроф натиҷаи вокунише медонанд, ки бар асари он мо ин тамоюли табииро рад мекунем, рӯ ба афзоиш дорад. Ширкати биолог зарур шуд, то ба хотир биорем, ки мо ҳам мавҷудоти биологӣ ҳастем. Буду боши доимӣ дар муҳити беҷон ва берӯҳ ниҳоятан ба некуаҳволӣ ва ахлоқи мо таъсир мерасонад. Мо дорои иқтисоди саноатӣ ҳастем, ки он танҳо якнавохтиро ташвиқ мекунад ва ин якрангӣ дар сохтори муҳити маснуъ амиқ реша давондааст. Мо замони зиёдеро дар иҳотаи бетон, пӯлод ва деворҳое бо рӯкаши сангӣ сипарӣ менамоем. Чуноне ки Филипп Чард менависад, "бисёре аз фарзандони мо мисли ҳубобҳо зиндагӣ мекнанд ва ҳамчун асирони фановарӣ ва модигароӣ ба воя мерасанд" . Бархе аз инсонҳо худро дар дом эҳсос мекунанд ва дар муҳити бетафовутӣ эҳсоси афсурдагӣӣ менамоянд ва ин ҳамон аломатест, ки онро метавон "асари биофилия" номид.

Вобаста ба афзоиши истифода аз фановарӣ мо эҳсоси ниёзмандӣ ба эҷоди минтақаҳои табиӣ дорем ва ба назар мерасад, ки ин афзоиш тағйир меёбад. Ба ҳар ҳол тули чанд ҳазрсолаи гузашта ниёзҳои асосии инсон ба биноҳо ва сарпаноҳ кам тағйир ёфтаанд ё умуман тағйир наёфтаанд. Мо ҳанӯз ҳам ҳамон гуна ниёзҳо ба амният ва осоиш дорем, танҳо таърифҳо ва стандартҳои мо нисбат ба он чизе, ки дар чаҳорчӯби ин ниёзҳо дар назар дорем, тағйир кардаанд. Фановарӣ бояд ба мо дар бароварда сохтани ниёзҳоямон кумак кунад, на ин ки моро аз он чи ки ба он эҳтиёҷ дорем,

дур созад. Ин фалсафа реша дар он падида дорад, ки инсон, мисли дигар мавҷудоти зинда, асири зиндагӣ ва вижагиҳои он мегардад ва ӯ ба қадри имкон саъй мекунад он чиро ки дар ин росто ба ҳадди кофӣ мавҷуд нест, дар хона ва ё дафтари кории худ роҳандозӣ намояд. Инсонҳо маконҳои худро бо растаниҳо ва гармхонаҳо, ҷӯю қубурҳои оби равон ва фавворaҳо пур мекунанд ва мо аксаран ба таври нохудогоҳ ин гуна ҷойҳоро меҷӯем. Ҷангалзорҳои бетонӣ наметавонанд ҷангалзорҳои воқеиро иваз намоянд. "Фановарӣ метавонад босуръат рушд намояд, иқтисод метавонад мавриди тағийроти муташанниҷе қарор гирад, аммо аз тарафи мо камоли беэътиноӣ мебуд, агар саъй кунем, ки табиати ҷомеаҳои худро бар пояи навтарин дастовардҳои фановарӣ ва иқтисодӣ қарор диҳем ва дар ин миён аз ниёзҳои табиии инсон сарфи назар намоем".

Он чи ки гуфта шуд, як изҳори назерест нисбат ба пешаи тарроҳоне, ки бештарашон эҳсоси нафрати зеҳнӣ нисбат ба эҷоди маконҳое доранд, ки пур аз зиндагӣ ва неруи табиӣ мебошанд. Гӯё ин пеша, ки ҳоло ҳам гирифтори шиканҷаи назарияи модернистӣ аст, дар ҳар қадам ниёзи шадиде ҷиҳати аз байн бурдани рӯҳи ғайри қобили пешбинии табиат ва фаро гирифтани қотеият ва неруи мошин эҳсос менамояд. Ҳамзамон ин тарроҳон ибрози тааҷҷуб менамяонд, агар шахси аз истилоҳот ва мубоҳисоти танзимгарии муосир бехабар ба таври ошкоро завқи зебоишинсоии (эстетикӣ) онҳоро эътироф накунад. Дар ҳақиқат, аҷиб он аст, ки дар аксари мавридҳо он тарроҳҳои меъморӣ, ки барандаи ҷоизаҳо мегарданд, дар миёни мардум чандон маъруфият надоранд. Ин вазъро метавон чунин арзёбӣ кард, ки ё оммаи васеи мардум беиттилоъ аст ва қодир нест он чиро, ки барояш муфид аст, дарк намояд ё ҷомеаи меъморон аз хоҳишу ниёзҳои мардум дур монда ва ё ин ҷомеа чандон мағрур аст, ки намехоҳад дар ин замина андеша намояд ва аз он нигаронӣ дошта бошад. Дар ин ҷо, чун дар ҷойҳои дигар, ҳақиқат дар васат қарор дорад. Мисоли классикӣ дар ин бобат ҳамон Пруитт Игое, бинои истиқоматӣ дар Сент-Луис аст, ки замоне, дар солҳое шастум, барои тарроҳӣ сазовори чандин ҷоиза гардида буд ва он намунаи равиши модернизма мебошад. Ин бино бо шароити бади иқтисодаш барои истиқомат макони ваҳшатноке буда, пас бист соли сохта шуданаш вайрон карда шуд. Чи ноустуворие!

Вақте аз одамони ба тарроҳӣ машғул набуда мепурсанд, ки дар биноҳо барои онҳо чӣ бештар писандида аст, онҳо маъмулан масъалаҳои марбут ба шакл, маводи сохтмонии гарм, рӯшноии бештар ва обро ба миён гузошта, шаклҳои амудии (**ортогоналӣ**) декартиро, ки аз пӯлоду оҳан сохта шудаанд, рад мекунанд. Вокуниши ҷамъияти тарроҳони нафратолуд буд – "онҳо намедонанд, ки чи беҳтар аст", эълом медорад тарроҳ. Ин матлаб то андозае дуруст аст (бисёр касон наметавонанд мисли тарроҳони ҳирфаӣ маконҳои зеборо тарроҳӣ кунанд ва бисозанд), вале бо вуҷуди ин, чунин

**Ортогоналӣ –** он чи нисбат ба асос таҳти кунҷи рост қарор гирифтааст; перпендикулярӣ

арзёбӣ бо дарназардошти тамоми ҷанбаҳо нодуруст аст, аммо, шояд, на дар ҷанбаҳои бунёдӣ. Шахси ғайриҳирфаӣ ҳар чанд ки на дар ҳамаи ҳолатҳо метавонад ба таври возеҳ арз намояд, ки чаро макону замони муайяне мусбат пазируфта шудаанд, вале ба ҳар ҳол ӯ то андозаи муайян бо ниёзҳои табиӣ, зиндагӣ ва равандҳои он бештар дар иртибот қарор дорад. Таҳсилот бо вуҷуди ҳамаи бартариҳояш, баъзан метавонад моро аз ниёзҳоямон дур созад.



Ҳақиқатан меъмории бузург, чи дар шакли муосир ва чи дар шакли анъанавӣ, теъдоди зиёди инсонҳоро ба худ ҷалб менамояд, аммо на ба он хотир, ки меъмор дақиқан он чизеро тарҳрезӣ намудааст, ки ҷомеа мехост. Ба ҷои ин меъмор усули қонеъ намудани ниёзҳои отифии инсонҳоро пайдо кард ва ин ниёзҳоро ба таври рамзӣӣ дар тарроҳии умумии бино муттаҳид сохт, ки ҳадафи он тавассути шаш принсипи асосии тарроҳии устувори бино танинандоз мешавад. Тарроҳи хуб андешаи биофилияро ба асос мегирад ва усули дар тарроҳии хеш ҷойгузин намудани ҳаёт ва равандҳои ҳаётиро пайдо менамояд. Ҳар кадоме аз мо то ҳадди муайян бояд эҳсос намоем, ки ниёзҳои асосии мо аз тарафи биноҳое, ки моро иҳота намудаанд, қонеъ карда шудаанд – ниёз ба сарпаноҳ, ба гармӣ ва зебоӣ ва ниёз ба ҳайратзадагиву ҳавою ҳавас. Дар сурате, ки тарроҳ аз ин ниёзҳо ва эҳсосот сарфи назар намояд, ӯ ноком хоҳад шуд. Таъсири биофилия бо асли эҳтиром гузоштан ба даврони зиндагӣ пайванди қавӣ дорад, зеро ин ҳамон пайвандест, ки ба мо кумак менамояд то инсон бимонем. Замоне ки мо аз табиат ҷудо мешавем, дар вуҷуди мо таъсири ҷанбаи равонӣ пайдо мешавад. Андеша дар мавриди биофилия он матлабро дар назар дорад, ки тамоми иншооти меъморӣ бояд органикӣ ва пӯшида аз **папоротникҳо** ва **филодендронҳо** бошанд. Воқеан дар вуҷуди мо чизе ҳаст, ки он тавозун ва сатҳи ҷудоӣ аз табиати ваҳширо тақозо дорад ва ин чиз ба мо имкон медиҳад, то андозае худро ҷудо тасаввур намоем, то ки инсон бошем.

**Папоротник –** растании бегул бо баргҳои бузург ва ба қисмҳо тақсимшуда, ки дар маконҳои соя ва рутубатнок мерӯяд

**Филодендрон –** растании дарахтмонанди тазйинӣ бо баргҳои муаллақ ва баргҳои пармонанди бузург, ки ватани аслиаш бешазорҳои тропикии Америка мебошад

Тарҳрезӣ аз дидгоҳи биофилия маънии тавозунро дорад. Вақте ки табиат мисли биёбон, бераҳму тахрибкунанда аст, инсонҳо ниёз ба паноҳгоҳе доранд, ки он оромтар, серун ва зоҳидона бошад. Дар муҳити зичи шаҳрӣ, ки инсонҳо танҳо бо бетону хиштҳо иҳота шудаанд, тарроҳон то ҳадди имкон бояд саъй намоянд, ки тарҳҳояшонро дар ҳаёт татбиқ созанд. Бинои бруталистии идорӣ бояд дорои боғҳое бошад, ки онҳо барои одамон ҳамчун паноҳгоҳе аз бетони сахт хидмат кунанд. Тарроҳи иношоотҳои бруталистӣӣ нисбат ба тарроҳони дигар биноҳо (ки бо истифодаи васеъ аз бетон ва набуди тазйинот фарқ мекунанд) бояд бо мафҳуми биофилия ошноӣ дошта бошад, то битавонад дар кори худ муваффақ гардад. Тарроҳ бояд зинадагиро на аз тариқи сохтори бино, балки бо усулҳои дигар мунъакис созад: аз тариқи эҳсоси тазодҳои шадид, ки нақши онро рӯшноии рӯз дар фазои дохилии бино иҷро мекунад ё аз тариқи эҷоди созгории бино бо макон ва намуди умумии он. Баракс, бошишгоҳи бешаӣ бояд дар ҷое воқеъ бошад, ки дар он ҷ муҳити табиӣӣ мавҷуд нест ва ин бояд макони бошад, ки он нишонаи дақиқ роҷеъ ба ҳузури фаъолияти инсон ва моҳиятан роҷеъ ба абзорҳою мошинҳои мо бошад. Яъне ҷойҳое, ки барои мо ба унвони паноҳгоҳ на аз якнавохтӣ, балки аз фаровонии табиати ваҳшӣ хидмат мекунанд.

Бешак, ин тавозун барои инсонҳои гуногун ба таври мухталиф мушаххас мешавад. Муҳимтарин дарси ибрат аз ин боб роҷеъ ба маҳсулнокӣ он

аст, ки инсонҳо ва ниёзҳои онҳо гуногунанд ва муҳити маснуъ мисли муҳити табиӣ, бояд эҳсосоти мухталифи моро ба назар гирад, то ки мо саломату пурмаҳсул бошем ва худро осуда эҳсос намоем.

**МЕЪМОРИИ ДАВРОНИ ОЯНДА- МАҲДУДАИ** Тайи ҳаёти чанд насли оянда мо омӯзиши роҳҳои эҷоди муҳитро, ки дақиқтар ба гуногунрангии ниёзҳои одамон равона шудааст, идома медиҳем. Мо аз табиат ишораҳо ва дармеёбем, ки муҳити корӣ ва хонаводагӣ ба мо беҳбудии мо ва, ҳатто, ба маҳсулнокӣӣ ва даромаднокии амали мо чи гуна таъсир мерасонад. Маҳдудаи зиндаи даврони оянда маънои анҷоми ҳаллу фасли қолабии масъалаи бароҳатӣ ва созгориро дорад ва он эҳтимолан муҳити маҷозиеро низ дар бар мегирад, ки ба одамон имкон медиҳад муҳити худро бо талаботи рӯ ба тағйири замон созгор намоянд.

Меъморон, бинокорон ва ва созандагони оянда масъулиятро роҷеъ ба фаъолият дар ростои навсозии маҳдудаи корӣ, ки онҳо дар он навъи заруриии корро аз тариқи таъмини тавозуни омилҳои табиӣ ва равонӣ роҳандозӣ мекунанд, бар душ хоҳанд дошт. Бо назардошти мисолҳое, ки аз табиат гирифта шудаанд, муҳити табии мо дар оянда яке аз омилҳои таъсири манфӣ ба муҳити зист ҳоҳад буд ва он, агар барои ҳамаи организмҳо набошад ҳам, ба ҳар ҳол, ба таври маҷозӣӣ ҳамчун **экотон** баҳри макони парвариши андешаҳои мутанавеъ хидмат хоҳад кард.

**экотон –** минтақаи интиқол байни ду ва ё якчанд навъҳои гуногуни муҳити экологӣ

Биноҳои оянда барои инсонҳо имконоти бештаре ҷиҳати иртибот бо муҳити берун фароҳам меоранд. Инчунин ҷойҳои корӣ барои инсонҳо дигар дар шакли мукааб сохта нахоҳанд шуд. Онҳо ба навъи кори иҷрошаванда мувофиқ шуда ва хароҷоте барои эҷоди фазои дохилии солим ва зебо ҳамроҳ хоҳанд дошт. Дастрасии муносиб ба рӯшноии рӯз ва ҳавои тоза низ, аз нишонаҳои маҳалли кори оянда хоҳад буд. Маҳалли кории даврони оянда бо назардошти дақиқан афзун намудани сармоягузории назаррас, барои одамоне сохта хоҳад шуд, ки дар ин маҳал кор мекунанд. Бисёре аз ширкатҳо, ки фикр мекарданд имкон надоранд чунин хароҷотеро бар дӯш бигиранд, зарурати ин гуна сармоягузориро дарк хоҳанд кард. Ширкатҳои мутараққӣ омода хоҳанд буд, ки маблағи зиёдеро барои таъмини некуаҳволии неруи кории хеш ва барои парвариши муҳити навоварӣ пешпардохт намоянд. Дар натиҷа, зимни сохтани чунин биноҳо маводи устувор истифода шуда, онҳо барои кору зиндагӣ мувофиқтар, барои муҳити зист безарартар буда, истифодаи неру дар онҳо камтар хоҳанд шуд. Ба ғайр аз ин фановариҳое, ки боиси сарфаи неру гардида ва осоиши истифодабарандагонро беҳтару идоракунии васоили асосиро осонтра месозанд, дар биноҳо бештар хоҳанд шуд.

**Манбаъ:** McLennan, Jason F., “Productivity and Well-Being”, The Philosofy of Sustainable Design: The Future of Architecture. Bainbridge Is, WA: Ecotone Publishing, 2004 pp. 151-171



**САВОЛҲО БАРОИ МУҲОКИМА:**

1. Муҳити табиӣ ба саломатӣ ва маҳсулнокии инсон чӣ таъсир дорад?
2. Ҷунбиш барои тарҳрезии устувор чӣ фоида ба бор дорад?
3. Тибқи назари Макленнан, барои эҷоди маконҳои муфид кадом меъёрҳо вуҷуд дорад?
4. Дар бинои нави Бонки НМБ кадом аломатҳо изофа шуданд ва ин амал чӣ таъсир ба фаъолияти кормандон дошт?
5. Ба андешаи шумо, барои назорат аз болои таъсири биноҳо ба вазъи инсон кадоме аз ду навъи зикршудаи таҳқиқот, муътамадтаранд?
6. Ниёзи инсон ба сарпаноҳ, амният ва осоиш бо мурури замон то чӣӣ андоза тағйир кардааст?
7. Миёни ниёзҳои табии мо ва биноҳое, ки мо дар онҳо зиндагӣ мекунем чӣ гуна иртибот мавҷуд аст?
8. Биофилия чист ва ин назария зимни сохтани биноҳо ҷиҳати беҳтар намудани некуахволӣ ва вазъи инсон чӣ аҳамият дорад?
9. Ба фикри шумо оё меъморон метавонанд миёни биноҳои маъмулӣӣ ва биноҳои сабз тавозуне пайдо намоянд?
10. Назари Макленнан роҷеъ ба биноҳои оянда, ки ҳам муҳити зинда ва ҳам маҳалли корӣ мебошанд, чӣ гуна аст?

**САВОЛҲО БАРОИ МУЛОҲИЗА:**

1. Оё далелҳои Ле Корбюзе ва Макленнан роҷеъ ба ниёзи инсон ҷиҳати сарпаноҳ ва меъмории замони оянда ба ҳам мувофиқат мекунанд?
2. Корреа таъкид мекунад, ки вазифаи меъмор дар кишварҳои ҷаҳони сеюм донистани на танҳо тарзи сохтан, балки, инчунин, донистани макони сохтан низ ҳаст. Ба андешаи шумо, далелҳои Макленнан роҷеъ ба маҳсулнокӣ ва некуаҳволӣ бо андешаҳои Корреа чӣ нисбат доранд?
3. Макленна мегӯяд: “Дар муҳити зичи шаҳрӣ, ки инсонҳо танҳо бо бетону хиштҳо иҳота шудаанд, тарроҳон ба ҳадди имкон, бояд саъй намоянд то тарҳҳояшонро дар ҳаёт татбиқ созанд”. Ин гуфтаҳо ба тавсифоти Билл Брайсон дар бораи меъмории Милтон Кейнс муфоқанд ё мухолиф?

# БОБИ V
# ТАФСИРИ ФАЗОИ ИҶТИМОӢ

## САРСУХАН

Дар ин боб мо мавзӯи тафсири фазоро идома дода, ин дафъа бевосита ба фазои иҷтимоӣ рӯй меорем. Фазои иҷтимоӣ ба мо роҷеъ ба худи ҷамъият метавонад иттилооти фаровоне диҳад. Вазъи куллӣ ва муҳити фазои иҷтимоӣ ба инсонҳое, ки онро мебинанд ва аз он истифода мекунанд, таъсири бузург мерасонад. Ин таъсир баъзан фавқулода мусбӣ ва гоҳҳо фавқулода манфӣ мебошад.

Масалан, фурӯшгоҳи ободу пуродам ё пули бузургу ба таври олӣ бунёдгардида, ё манзараи зебою назаррабои деҳа – ин ҳама метавонад манбаи илҳом, муҷиби ҳаловат ва василаи огоҳӣ бошад. Комилан баръакси он, масалан, хароб кардани майдони марказии шаҳр, вуҷуди қаҳвахонаи ифлосу вайрона, манзили зисти таҳти назорати доимӣ қарордошта, ҳамаи ин мумкин аст боиси афсурдагӣ, дилгирӣ ва шикасти маънавию ахлоқӣ гардад. Донишҷӯён бояд рӯи он андеша ронанд, ки чаро баъзе ҷойҳои ҷамъиятӣ сифати зиндагиро беҳтар намуда, базе ҷойҳои дигар онро бадтар месозанд.

Дар ин боб бештар ба он таваҷҷуҳ карда мешавад, ки чи гуна фазои иҷтимоӣ муносибати ҳукуматро ба мардум инъикос мекунад. Донишҷӯён бояд онро ба назар бигиранд, ки чи гуна боғи шаҳрии (парки) муназзаму мураттаб ва боғи дигаре, ки дар ҳолати вайрона қарор дорад, баёнгари онанд, ки ҳукумат дар ҳаққи мардуми худ то чи андоза ғамхорӣ мекунад ва чи гуна мунисбати мардум ба ҷойҳои ҷамъиятӣ аз муносибати онҳо нисбат ба ҳукумати кишварашон хабар медиҳад. Фикр кунед, ки ҳукумат чи гуна кӯшиш мекунад, ки бо истифода аз фазои ҷамъиятӣ шаҳрвандони худро таҳти назорат қарор диҳад. Чаро ҳукуматҳо муҷассамаҳои бузурги ёдгории қаҳрамонони миллиро месозанд? Ин амал ба тафсири мо дар хусуси саҳми ин шахсиятҳо дар пешрафти ҷомеа чӣ таъсире мерасонад?

Барои мубодилаи ақидаҳоятон омода бошед ва ба таври возеҳ мавриди таваҷҷуҳи омма қарор додани онҳоро биёмӯзед, махсусан, ба таваҷчуҳи онҳое, ки метавонанд ба ақидаи шумо розӣ набошанд. Бо ин мақсад боби панҷум машқе дорад вобаста ба рушди малакаи интиқодӣ, роҷеъ ба таҳияи нақшаи баҳс.



**ПАРЛАМЕНТИ МАҶОРИСТОН**
Ёдгории меъмории сабки неоготикии Маҷористон (дар ин ҷо пас аз бозсозии ҷиддӣ нишон дода шудааст).

# СЛАВЕНКА ДРАКУЛИЧ ДАР БОРАИ СИФАТИ РАНГИ ДЕВОРҲО ДАР АВРУПОИ ШАРҚӢ



Славенка Дракулич соли 1949 дар Хорватия (қисме аз Югословияи собиқ) таваллуд ёфтааст. Дракулич ҳамчун рӯзноманигор ва шореҳи масоилим фарҳангӣ дар Хорватия соҳибэҳтиром аст. Ӯ муассиси комиссияи иҷроияи нахустин созмони занони Аврупои Шарқӣ мебошад. Дракулич гирандаи стипендияи Фулбрайт барои нависандагон ва узви шурои машваратии Кунгураи IV баналмилалии байнифаннӣ аст. Се китоб роҷеъ ба масъалаҳои рӯзноманигорӣ («Мо чӣ гуна коммунизмро аз сар гузаронидем, ҳатто, хандидем», «Экспресси боронӣ», «Қаҳвахонаи Аврупо») ва чаҳор роман («Голограммаи тарс», «Пӯсти мармарин», «Салиқаи мард», «Мисли ин, ки ман ин ҷоям») таълиф намуда аст. Китобҳои ӯ ба беш аз понздаҳ забони дунё тарҷума шудаанд; ҳикоя ва эссеҳояш дар маъруфтарин рӯзномаю маҷаллаҳои аврупоӣ ва амрикоӣ мунташир мешаванд. Ҳамчун рӯзноманигор ва нависандаи мустақил ҳоло дар Стокголм (Шветсия) зиндагӣ мекунад. Дар эссеи кӯтоҳе, ки дар зер меояд, Дракулич сабаби навсозии шаҳрҳо дар солҳои ахири даврони сотсиалистӣ, дар Аврупои Марказӣ ва Шарқиро таҳқиқ менамояд. Дракулич дар он хусус менависад, ки чи гуна муносибати инсон ба фазои иҷтимоӣ аз дарки ин фазо вобаста аст.

Охири тобистони соли 1987 ман аз сафарам ба Амрико, ки ду семестр тӯл кашид, ба **Загреб** баргаштам, ва қариб буд, ки шаҳри худро нашиносам. Шаҳр намуди комилан дигаре дошт: хонаҳои панҷ ва шаштабақа дар майдони Ҷумҳурӣ, ки бо намоҳои зард, кабуди равшан, қаҳваӣ ва гулобӣ ранг карда шуда буданд, ҷило медоданд ва кулчақандҳоеро ба ёд меоварданд, ки бо қаймоқ ороста шуда бошанд. Шояд, барои авалин бор буд, ки ман тавонистам дар пешдевори биноҳҳо муҷассамаҳои **art deco**, манорачаҳои хурд, хотамкориҳо, муҷассамаҳои парии обӣ, ки айвони хонаҳоро болои сар мебардоштанд, тасвири гулдастаҳо дар баландии зери бомҳо, баргҳои тиллоӣ, ангур ва фариштачаҳои хурди аз гач сохташударо мушоҳида намоям. Сипас ман ба ёд овардам, ки замоне дар самти муқобили калисои ҷомеъ навиштае овезон буд: «Эҳтиёт бошед, сангҳо меафтанд!» (ин ҷо манзур пораҳое буданд, ки аз манорачаҳои **готикӣ** меафтиданд) ва ман он замон фикр мекардам вақти он расидааст, ки барои шаҳр коре анҷом дода шавад. Вале ба ҳар ҳол аз дидани ин манзараи нав ман ҳайрон шудам.

Тайи бист-сӣ сол ё шояд зиёда аз он – аз он муддате, ки ман худамро мешиносам – касе ба худ заҳмате надод, то дар ин росто коре анҷом диҳад. Пас чаро роҳбарони шаҳр ба чунин натиҷа расиданд, ки маҳз ҳамин ҳоло шаҳр ба таъмир эҳтиёҷ дорад?

То ҷое ки иттилоъ дорам, дар кишвари ман тавзеҳи мантиқӣ на ҳамеша корбурд дорад. Ин тасмим на ба он хотир гирифта шуд, ки шаҳр ифлос буда, ба рангу бори нав эҳтиёҷ дошт ва ҳар шаҳрванд, аз ҷумла роҳбарони шаҳр инро мушоҳида менамуданд. Ин кор бояд солҳо қабл анҷом дода мешуд. Ин кор на ба он хотири анҷом дода шуд, ки онро сокинон талаб доштанд; ҳоло ки парвои онро дорад, ки онҳо чи мехоҳанд ва ё намехоҳанд;

**Загреб –**
пойтахти Хорватия

**art deco –**
сабки ороишӣ, ки дар солҳои 1930 маъруф буд; бо рангҳои равшан ва шаклҳои ба он хоси ҳандасӣ (геометрӣ) фарқ мекунад.

**Готикӣ –**
сабки меъморӣ ва санъат, ки дар асрҳои XII-XVI дар Аврупои Ғарбӣ маъруф буд.

бехтараш, бигзор, сокинон ба кори худ машғул шаванд. Хуллоса ин ки чунин рангмолии оддӣ, ё нозуктар бигӯем, «навсозӣ», дар ин кишвар, мисли чизҳои дигар вобаста ба «ҳадафи олӣ» буд. Ман ба зудӣ фаҳмидам, ки ҳамаи ин ба хотири Универсиада, яъне бозиҳои олимпии донишҷӯён будааст, ки ҳамон тобистон Загреб мизбони онҳо буд. Сарфи назар аз чунин сабаби ночизе ҳукумати Ҷумҳурии Сотсиалистии Хорватия ва роҳбарони шаҳр, дар хусуси таассуроти «ҷаҳониён» аз Загреб ғамхорӣ намуданд. Эҳтимол дорад, ҷаҳон ба чунин шаҳри музофотии ифлос ташриф наорад ва бо ҳамин сабаб таъмири фаврии шаҳр шурӯъ гардид.



**МАЙДОНИ ҶУМҲУРӢ ДАР ЗАГРЕБ**

Аммо як чизе боиси ташвиши ҷиддии ман гардид ва он чиз «ҳадафи олӣ»- и тағйироти саросарӣ дар шаҳр набуд; зеро ман, мисли дигарон, ба чунинин «ангезаҳо» одат кардаам. Барои ман аз ҳама бадтар ҳамон ҳолати зеҳние буд, ки бар асари ҳамин «ҳадафи олӣ» эҷод мешуд ва ҳамчунин он тарзи тафаккуре, ки Загребро аҳмақона бо тамоми ҷаҳон муқобил мегузошт. Мо – шаҳрвандон эҳсос мекардем, ки тарзи амалӣ гардидани ин дигаргуниҳо барои мо як чизи шармовар ва, ҳатто, таҳқиромезе вуҷуд дошт; ин эҳсос бинобар сабаби нодурусте эҷод шуда, бо иштиёқи дуруғин ҳамроҳ буд. Агар зарур бошад ба ҷаҳон собит созем, ки шаҳр то ҳадде зебост, ки бояд аз он дидан кард, пас, эҳтимолан, дар он зистан ҷоиз нест. Тақрибан чунин ба назар мерасид, ки гӯё ҷаҳон домод асту, Загреб – арӯс; фақат ин, ки ин арӯс каме солхурдатар ва хеле бенаво аст ва мехоҳад ин айбҳояшро зери либосҳои дарбеҳшудаи наваш пинҳон намояд. Тафовут миёни «ҷаҳон» ва худи мо аламовар буд. Ман медонам, ки ин тафовутро роҳбарони шаҳр фикр накрдаанд – ин корро худи мо кардаем. Худи мо аксаран ин корро мекунем ва ин воқеан ҳамон тасаввурест, ки мо дар бораи худамон дорем. Вале мо одат кардаем, ки инро дар замири худ, ҳамчун сирри хурду касифе пинҳон дошта, мушаххасан намехоҳем, ки дигарон ва махсусан хориҷиён низ чунин фикре дошта бошанд. Сирро ошкоро дидан, мушоҳида намудани он, ки ин сирр ба воқеият табдил меёбад ва ошкоршуда эътироф мегардад, то як андозае таҳқиромез аст. Агар онҳо ҷаҳон бошанд, пас мо кӣ ҳастем? Чӣ чизе моро аз ҳам ҷудо месозад? Ин марзи ноаён куҷост? Дар замири мо, дар сатҳи пасти худшиносии мо, дар таърих ва дар бенавоии мо, дар низоме, ки мо дар он зиндагӣ мекунем? Чӣ чизе моро водор месозад, ки худро чунон дигаргуна эҳсос намоем, ки ба ҷаҳон аз поён ба боло нигоҳ карда, ҳамеша чунин эҳсос дошта бошем, ки ҷаҳон ба мо аз боло менигарад? Ё шояд ин марзи миёни мо ва онҳо диданӣ ва ламс карданӣ аст? Чанд бор мо воқеан ин марзро дидаем, вақте ки аз Итоли ё Утриш ба кишвармон меомадем ва малакаи ошкорои ғӯтавар шудан дар шароити дигареро дорем, бо роҳҳои бетаъмиру торик, ҳоҷатхонаҳои ифлоси ресторанҳо, бӯи намноки ҳуҷраҳои меҳмонхонаҳо, деворҳои харошида ва зағорбастаи биноҳо, бахши вурудии биноҳои истқоматӣ, ҳаммомҳо, ошпазхонаҳо. Мисли ин ки ҳамаи ин, аллакай, фаромӯш шуда бошад, сарфи назар аз он ки мо ҳоло ҳам чун пештара дар ҳамин вазъ зиндагӣ дорем. Мисли ин ки ин чизҳо дар воқеъ ҳеҷ рабте ба мо надоранд ва мо танҳо дар давраи гузариш қарор доштем. Ё мисли ин ки набард ба муқобили вақт ва табиат, ба муқобили нархи рангҳо ва сифати онҳо ҳанӯз дар пеш аст.

Шояд, ба ҳар ҳол ранги гуногунфом дорои аҳамият бошад. Имрӯз, бо гузашти камтар аз се сол ҳамаи он пешдеворҳои рангшуда, «кулчақандҳо»- и хеле зебо рангкоришуда, ки мо бо онҳо ифтихор дошетм, боз кӯҳна шудаанд;

онҳо ба худ рангҳои зарди хираву ифлос, қаҳваранг, чиркину хокӣ гирифтаанду аксҳои хеле куҳнаро ба ёд меоранд. Онҳо пур аз гарду чанг менамоянд ва бо лояи (қабати) тунуки сурху қаҳваранге фаро гирифта шудаанд, ки гӯё ба тирезаҳои фурӯшгоҳҳо, чароғҳо, дастаҳои дарҳо, мошинҳо, аломатҳои неонӣ, курсиҳо ва, ҳатто, дарахтон часпида бошад. Ин лоя (қабат) асари вақт гӯё имзои шахсии замон аст. Мо ин неруро дарк ва таъсири аҷиби онро дар худ эҳсос менамоем ва ба он таслим мешавем. Агар ҳамаи ин ва аз ҷумла ҳамон падидаи пешдеворҳои зуд тирашавандаро ман танҳо дар Югославия мушоҳида менамудам, гумон мекардам, ки ин бемории ирсӣ аст ё онро ба унвони таъсири равонӣ (психологӣ) маънидод мекардам, зеро ҳангоме ба кишвар ворид мешавед, шуморо як эҳсоси тирадилӣ (пессимизм) фаро мегирад ва ҳама чизро каме тирарангтар мебинед. Аммо ман ин падидаро дар Прагаи «навсозишуда», ҳангоми сайру гашт, дар кӯчаҳои Мжестаи кӯҳна, Парижск, Капров, Широка, Длоуха низ мушоҳида намудаам. Пешдеворҳои рангношуда дар пасманзари деворҳои наврангшуда боз ҳам чиркинтар менамуданд. Пешдеворҳои рангшуда батадриҷ, аммо бо таври қобили мушоҳида ранги сурхи қаҳварангро аз худи ҳаво ва аз нафаси раҳгузарон ба худ меҷабиданд.

Ман ин падидаро дар Будапешт ҳам мушоҳида намудам. Ба он шаҳр нимашаб расидам. Аз истгоҳи роҳи оҳан аз тариқи кӯчаи Ракотси ман ба самти поён роҳ гирифтам, сипас аз тариқи хиёбони Жозеф Корута ба меҳмонхонаи «Немзети» омадам. Хиёбон, маркази савдои шаҳр, на танҳо беодам, балки қариб тамоман торик буд. Ё шояд, ба назарам чунин намудааст, зеро ман таҳти таъсири рӯшноии хиракунанада қарор доштам ва ин ҳолатро ҳар нафаре, ки аз Ғарб ба як шаҳри Аврупои Шарқӣ меояд, эҳсос мекунад. Тафовут чунон аст ки як лаҳза чунин менамояд, ки дар шаҳр умуман барқ нест ё ба он хатари ҳуҷуми ҳавоӣ таҳдид мекунад. Чароғҳои сари роҳ дар Будапешт нури заифи зардранг мепошиданд ва гузашта аз он, аз ду чароғ яктоаш умуман кор намекард. Витринаи мағозаҳо умуман равшан карда намешуд, бештари овезаҳои нав бе рушноӣ буданд; дар ин ҳол аз наздик умуман мошинҳо намегузаштанд, ба истисноии як ё ду адад мошин. Шаҳри арвоҳ. Як ҳамкасби амрикоии мо дар ҳолати ҷӯши илҳом тасвири муташобеҳи Прагаро пешниҳод намуда буд: «Чароғҳои парокандаи шаҳр норанҷӣ буда, нури заифе мепошиданд, то ки ситораҳои осмон ва рақси абрҳо дар нури моҳ возеҳтару равшантар ба назар расад». Аммо дар он ҷое ки нури «чароғҳои пароканда» ӯро водор намуд, ки ба осмон назар андозад, ман чизе ба ин монандро мушоҳида накардам. Дар кишваре, ки тарзи ҳаёт дар он айнан мисли Прага буд, зиндагонӣ намуда, ман асосан сарфаҷӯӣ аз неруи барқи гарон, чароғакҳои сифатан хеле бад, ки зуд сӯхта вайрон мешуданд ва чароғакҳои шикастаро медидам, ки то иваз шуданашон солҳо мегузашт. Эътироф мекунам, ки ин вазъ метавонист боиси симои романтикӣ гирифтани шаҳр гардад, махсусан, агар шумо амрикоӣ бошед; аммо ин матлаб ҳадафмандона сӯрат нагирифта буд – оё касе ва замоне дар бораи низоми



Загребегі готикалық кафедралды соборды қайта қалпына келтіру кезінде

коммунистии романтикӣ чизе шунидааст? Субҳи рӯзи дигар аз қаҳвахонаи 130-солаи «Гербо» дар майдони Воросмарти шаҳри Будапешт намуди дигаре дошт. Рӯзи офтобӣ ва ба гуфти ҳамкори ман, «возеҳу равшане» буд, вале ба ҳар ҳол ман натавонистам аз он эҳсос халос шавам, ки майдон, биноҳои зебо дар Теппаи дарборӣ ё Белаварош, тамоми шаш пули болои руди Дунай ва куллан худи шаҳр, мисли шаҳрҳои Загреб, Прага ё Берлини ғарбӣ, бо ҳамон лояи (қабати) сурхи қаҳваранг пӯшида шудаанд, ва гӯё онҳо ранг мебозанд, каронаҳояшон аз ҳам мепошад ва нобуд мешаванд. Пораҳои чудогонаи пешдеворҳо, қисмҳои деворҳои дигар ва зинаҳо фурӯ рехтаанд. Ман муҷассамаҳои ғулҳои бебинӣ, пайкараҳои фариштагони бепар, муҷассамаҳои бесинаи занон, ки балконҳоро бар душ мебардоштанд ва муҷассамаҳои аспони пошикастаро мушоҳида менамудам – ҳамаи ин боғи ҳайвоноти ваҳшии замонҳои кайҳо фаромӯшгардидаро ба хотир меорад… Шаҳр батадриҷ вайрон мешавад ва ҳеҷ чиз, ҳатто, ҳукумат низ наметавонад пеши роҳи ин раванди бебозгаштро бигирад. Шоире аз Олмони Ғарбӣ бо номи Ҳанс Магнус Ентсенсбергер да эссеи худ таҳти унвони «Аврупо, Аврупо» тасдиқ мекунад, ки «фарсоиши (эрозияи) саросарӣ ҳам сирр, ҳам василаи террор ва ҳамчунин ҷаззобияти шаҳрҳои бузурги соҳили руди Дунай мебошад. **Энтропия** қудрати саркаш, худҷӯш ва олӣ аст. Наққоше, ки мӯқалами худро ба рангдон тар мекунад, медонад, ки кори ӯ пуч аст ва бояд танҳо ба як замони воқеан вуҷуддошта эътимод кард, ки ҳама чизро ба даст мегирад ва нигоҳ медорад, ҳатто, агар ӯ онҳоро поксозӣ ҳам намояд. Таърих ин раванди фарсоиш аст. Он чиро, ки мо сотсиализм меномем [дар ин раванд] барои он танҳо ноиби шоҳ мебошад».

Дар он ҷо, яъне дар Будапешт, ман манбаи ин неруи дохилиро ошкор намудам; манбаи неруеро, ки ҳар як шаҳри Аврупои шарқӣ, готика ё **барокко**, ё **декаденси** охири асри гузашта, лояи осудаи он, зебогии дилтангкунандаи онро мефарсояд ва фарсудагию ранги сурхи қаҳваиро ба махраҷи умумӣ табдил медиҳад. Агар бигӯем, ки ин нишони сифати пасти ранг дар замони социализм аст – дуруст мебошад, аммо ин ҳанӯз ҳамаи матлаб нест. Агар бигӯем, ки ин ҳама ба истифода аз ангишти битуминозӣ, олудашавии ҳаво, бензини сифатан бад, мошинҳои сифатан паст ва нарасидани пул вобаста мебошад, иштибоҳ намекунем, Аммо ин ҳанӯз тамоми қазия нест. Тамоми ин сабабҳо (ва шояд сабабҳои дигар низ) барои тавзеҳи ин нимвайронагӣ кофӣ нестанд. Ба фикри ман, сабаб дар худи мо нуҳуфтааст. Шаҳрҳоро даҳсолаҳои беэътиноӣ ва боварии мо ба он, ки каси дигаре – ҳукумат, ҳизб, яъне «аз боло» – барои ин масъуланд, хароб карданд. Аммо на мо. Охир чӣ гуна мо масъул бошем, дар сурате, ки, ҳатто, барои зиндагии шахсии худ низ посухгӯ нестем?

Ман дар табақаи якум зиндагӣ мекунам ва тирезаи хонаи ман ба самти хиёбони маркази шаҳр боз мешавад, ки равуои мошинҳо дар он хеле зиёд аст. Ман чунин мешуморам, ки дар ин табақа зиндагӣ кардан падидаи мусбат аст, зеро чизҳоеро мебинам, ки дар акси ҳол аз диданашон маҳрум мешудам. Ман кӯдакон, сагҳо, одамони мастро мушоҳида мекунам. Ман одамони асабониеро мебинам, ки дар муқобили тирезаи ман, дар бораи сиёсат баҳс мекунанд (ба ҳамин хотир ман медонистам, ки дар ин ҷумҳурии кучак кадом ҳизб дар интихоботи озод ғолиб мешавад) ва соҳибхоназанонеро мебинам, ки ба якдигар хабар медиҳанд, ки дар фурӯшгоҳе, ки дар кунҷи хиёбон қарор дорад, чи чизеро метавон харид кард (ё на-



Маъбади готикӣ дар Загреб зимни азнавсозӣ

**Энтропия –**
ба маънои васеъ меъёри беназмӣ дар низоми муайяне мебошад.

**Барокко –**
сабки меъморӣ ва санъати аврупоӣ дар асрҳои XVII-XVIII

**Декаденс**
(аз. фаронс. decadence – коњҳиш ёфтан) – як рӯҳияи муносибати ноумедона ба зиндагӣ, ки дар нимаи дуюми асри XIX ва аввали асри XX густариш ёфта, дар адабиёту санъат инъикоси худро ёфта буд.

кард). Ҳар пагоҳӣ ман, ҳанӯз аз ҷой барнахоста, иттилооти нав ба даст меорам. Ба ғайр аз ин аз ҳама бештар ман партовҳоро мушоҳида мекунам; метавонам бодиққат бубинам, ки чи гуна одамон дағалона, бепарвоёна, бефикрона рӯзномаҳо, халтаҳои пластикӣ, қуттии сигор, зарфҳои шишагӣ, чатрҳо, пойафзоли кӯҳна ва, ҳатто, яхдонҳои кӯҳнаро баровварда мепартоянд. Онҳо аз ин чизҳо халос мешаванд, онҳоро дур меандозанд, лагадкуб мекунанд ва барои ин аз тамоми роҳрав, қитъаҳои гул ва кӯча истифода мекунанд, гӯё хамаи ин як партовдони бузурге бошад ва фикр мекунанд, ки боз «кадом як шахси» номаълум дар ин хусус ғамхорӣ мекунад.

Ҳамаи ҷойҳои ҷамъиятӣ ба лавҳаи эълонҳо шабоҳат доранд, ки он пур аз иттилоот дар бораи шуури нохудогоҳи миллат аст. Дар он ҷо метавон беамалӣ, ғазаб, бепарвоӣ, тарсу ҳарос, стандартҳои дугона, эътироз, иқтисоди ақибмонда, таърифи вайроншудаи «иҷтимоот» ва тамоми идеология, ичунин як силсилаи комили эҳсосот ва муносибатҳоеро пайдо кард, ки ҷамъ шуда ба берун рехтаанд. Мо худ тавре рафтор мекунем, ки гӯё ҷойҳои ҷамъиятӣ ба касе тааллуқ надоранд. Ё ки, бадтараш он аст, ки гӯё онҳо ба душман тааллуқ доранд ва вазифаи муқаддаси мо иборат аз он аст, ки бо ин душман дар қаламрави худаш мубориза барем, ва, ҳатто, он қаламравро хароб намоем. Фазои ҷамъиятӣ берун аз ҳудуди манзили зисти мо шурӯъ мешавад. Аммо мушкил дар он аст, ки дар майнаи мо ҷанбаи иҷтимоӣ ба давлатӣ баробар карда мешавад, ки ин баробар донистан бо душман аст. Агар шумо натавонед, ки низомро тағйир диҳед, пас, яқинан, метавонед будкаи телфон, автомати билетфурӯшӣ, ҳисобкунаки таваққуфгоҳ ва гулҳоро дар боғ хароб кунед.

Дар ин ҷанги бесухан шаҳрҳои мо бозанда хоҳанд буд. Даромадгоҳҳои биноҳо на танҳо барои даромадан, балки ба унвони ҳоҷатхона ва маҳалли баён намудани эҳсосоти амиқи шумо хидмат мекунанд. Ин эҳсосот (агар ба шумо муяссар шавад, ки нисбат ба бӯи бад бепарво бошед) худ ба худ нафрат ва харобкорӣ ба бор меоранд. Шояд на ҳама вақт дар деворҳои даромадгоҳҳо паёмҳои кандакоришуда мавҷуд бошанд, зеро ин ҷо «беҳтарин» қисмати шаҳр аст (гарчанд ки дар ин ҷо низ дарҳои баста дер намепоянд, яъне хароб карда мешаванд), аммо нишонаҳои боз ҳам нозуктари ноумедкунанда арзи вуҷуд мекунанд: шишаҳои шикаста, чароғакҳои харобшуда, кунҷҳои пур аз партов, ҳотаҳои чӯбини шикаста, лифтҳое, ки кор наме кунанд, зангҳои шикста ва рабудашудаи дарҳо. Қисме аз мардум аз боғҳо бо мақсади истироҳат ва осоиш истифода мекунанд. Дигарон онҳоро барои эҳтиёҷоти худ мутобиқ месозанд. Маҳз барои ибрози қаҳру ғазаби худ курсиҳоро мешикананд, оҳани ҳотаҳоро каҷ мекунанд, дарахтонро мешикананд, аз қуттиҳои партов шаклҳои мавҳум месозанд ва ё аз боғ низ ҳамчун ҳоҷатхона истифода мекунанд. Танҳо ҳамин ки ин ҷо макони онҳо нест ва дар олам наметавон маблағе пайдо намуд, то ба воситаи он зараре, ки бар асари тағйири муносибатҳо ба амал меояд, ҷуброн карда шавад.



**НАВСОЗИИ КАЛИСОИ ҶОМЕЪ ДАР ЗАГРЕБ**

**Ҷорҷ Конрад –**
Нависандаи маҷористонӣ (1933)

Вақте ки ман дар Лондон бори нахуст ба Гайд-Парк омадам, маро аз ҳама бештар на гӯшаи суханрон, ки дар борааш қаблан хонда будам, балки одамоне ба ҳайрат оварданд, ки болои сабза нишаста, аз нури офтоб ҳаловат мебурданд, чизе мехурданд ва ё мехобиданд. Дар боғҳои мо ман ҳеч гоҳ чунин манзараеро мушоҳида накарда будам. Сабза барои он аст, ки ба он назар кунанд, на ин ки болояш нишаста аз он ҳаловат баранд.

Шояд, ҳамин ҳоло, пас аз дигаргуниҳои сиёсӣ дар Аврупои Шарқӣ мо имкон дорем, ки аз нав молики шаҳрҳои худ шавем, бори дигар онҳоро хусусӣ созем, ба онҳо ҳамчун ба ҷойҳое муносибат кунем, ки мо дар он ҷо ҳамчун сокин ба қайд гирифта шудаем ё аз аз он ҷо гузар мекунем. Аммо барои он ки ин корро анҷом диҳем, мо бояд куллан моҳияти ҷойҳои ҷамъиятиро дарк кунем – на танҳо пешдеворҳо, балки чароғҳо, пиёдароҳҳо, қуттиҳои партов, ҳоҷатхонаҳо боғҳо ва даромадгоҳҳои биноҳоро низ. Мо бояд дарк кунем, ки ҷойҳои ҷамъиятӣ дастмоли коғазии якбористифодабаранда нестанд, ки мумкин бошад пас аз истифода, онро ғиҷим карда партоем. Онҳо бештар ба дастмоли нозуку нафиси кисагии муди пешин шабоҳат доранд, ки қабл аз истифодаи навбатӣ бояд онро шуст ва дарзмол кард.

**Ҷорҷ Конрад** навишта буд, ки қатораҳо ва филмҳо дар ин чо хеле оҳиста ҳаракат мекунанд, зеро худи вақт оҳиста мегузарад. Ман фикр мекунам, ки вақт дар ин ҷо дигаргуна мегузарад. Ҳангоме ки лояҳои (қабатҳои) тасаввурот – тасаввури зебоӣ, қудрат, моҳият ва, ҳатто, тасаввури маънӣ – ба ҳам якҷо мешаванд, вақт дидгоҳи моро нисбат ба зиндагӣ комилан дигаргун месозад. Империяи Австро-Венгрия нишонаҳои сарватмандӣ ва тавоноии худро тайи чаҳорсад сол афзун намуд. Сипас тайи ним аср коммунистон саъй карданд, ки гузаштаи ин империяро нобуд сохта ва онро бо нишонаҳои худ иваз намоянд; аммо. худи онҳо боз зудтар маҳв шуданд. Дар ҳоли ҳозир ҳукуматҳои нав бори дигар номи хиёбонҳо ва майдонҳоро тағйир медиҳанд, муҷассамаҳои ёдгории пешинро хароб карда, ҳар чи зудтар ба ҷои онҳо муҷассамаҳои нав гузошта, ба таърих ва хотира ҳамчун ба майдончаи шахсӣ барои бозӣ нигоҳ мекунанд. Аммо шаҳрҳо ва мардум низ ҳамаи инро дар ёд доранд ва онро ба намоиш мегузоранд. Дилтангӣ ва навмедии рӯҳи Аврупои Марказӣ; андӯҳ ва бадбинии он ҳамаи ин аз ҳамон ҷо маншаъ мегирад. Барои ҳамин, ман фикр мекунам, ки мо чизи дигаре, умуман, чизи мушаххасан дигаре ҳастем. Дар шаҳрҳои мо «навсозӣ» чизи наве намесозад, он танҳо ишораест ба замони даргузар, ба он ки пешрафт вуҷуд надорад ва таърих ба таври беинтиҳо такрор мешавад.

Хонаҳо мисли симои одамонанд ва ҳамин матлабро дар онҳо ман беш аз ҳар чизи дигар мееписандам. Зебогии онҳо танҳо сатҳӣ нест. Ба ҳамин хотир аст, ки шаҳрҳо инъикоси «ман»- и ботинии мо мегарданд. Зебогии ҳақиқии онҳо дар ҳамин параметри инсоиниашон ва инчунин дар он зоҳир мешавад, ки шумо метавонед онҳоро идора кунед, на онҳо шуморо. Онҳо дорои марказ, нуқтаи гароиш, майдони асосӣ, хиёбонҳо ва биноҳои асосӣ мебошанд. Инсонҳо эҳтиёҷ ба тамаркузи рӯҳӣ ва маънавӣ доранд, ин матлаб барои онҳо эҳсоси амният эҷод мекунад. Шаҳр бидуни «шаҳри қадимӣ» мисли садафи бемарворид аст. Маҳз ба ҳамин хотирфикр мекунам, ки навсозии Шаҳри кӯхна дар Варшава баъди ҷанг ва ё навсозии қаср дар Будапешт дорои мазмуни дақиқест,ки бе ин амал шаҳри аврупоӣ ҷавҳари худро аз даст медиҳад. Ва дар итибот бо «ҷаҳон» бодя гуфт, ки агар фарз кунем, ки чунин тақсимоте чи аз дохил ва чи аз берун вуҷуд дошта бошад,



**Синизм –** ангезиши муносибати нафратангез нисбат ба меъёрҳои умумии қабулшудаи ахлоқӣ

**мовароуттабий –** таълимот дар бораи табиат ашё ва ақоид

пас бигузор он (яъне ҳамон «ҷаҳон») ба ин ҷо биёяд. Эҳтимолан, ин ҷо ягона маконест, ки дар он метавон дид, ки таърих моҳиятан категорияи **мовароуттабиӣ** (метафизики) аст.

**Манбаъ:** Drakulić, Slavenka. "On the Quality of Wall Paint in Eastern Europe." In 'How We Survived Communism and Even Laughed'. New York: Harper Perennial, 1993, pp. 159-168.

**САВОЛҲО БАРОИ МУҲОКИМА:**

1. Чӣ чизе дар рангу бор ва навсозии Загреб ба ақидаи Дракулич таҳқиркунанда буд? Чӣ гуна навсозӣ ба равшантар шудани фарқи хусусиятҳои Аврупои Шарқӣ аз Аврупои Ғарбӣ мусоидат кард? Дракулич дар бораи сабаби он ки пойтахтҳои кишварҳои Аврупои Шарқӣ пур аз гарду ғубор, ифлосу хокситарранг ва тирагун менамоянд, чӣ фикр дорад?
2. Ёддоштҳои ҳамкасби амрикоии Дракулич дар хухуси дарки мухталифи ҷаҳон ба мо дар чӣ хусус ҳикоят мекунанд? Ба ақидаи Дракулич, барои «нимвайрони»- и шаҳрҳои аврупоӣ кӣ посухгӯ аст?
3. Дар асоси ақидаи Дракулич мо фазои хусусӣ ва ҷамъиятиро чӣ гуна мефаҳмем? Ба фикри Дракулич, чаро одамон хоначаи телефон ва ё курсиро дар боғ шикастан мехоҳанд? То чӣ андоза чунин амал ба ҷойҳои ҷамъиятии шаҳрҳои шуравӣ зарар расонд? Даркулич дар ин эссе дар хусуси дарк ва маънии ҷойҳои ҷамъиятӣ чӣ паёмеро расондан мехоҳад?
4. Аз дидгоҳи Дракулич навсозии шаҳрҳо дар фаҳму дарки замон ва таърих чӣ нақше дорад?

**САВОЛҲО БАРОИ ТАКРОР:**

1. Дракулич ва Несин (боби чаҳорум) аз вазъи ҳифзи биноҳҳо ва макони таърихӣ изҳори нигаронӣ доранд. Онҳо дар хусуси ҳифз ё дигаргунсозии муносибати инсонҳо ба маконҳои таърихӣ чиро маслиҳт медиҳанд?
2. Дракулич нисбат ба далели Ле Корбюзе (боби чаҳорум) роҷеъ ба эҷоди василаҳои нав ба ҷои асбобҳои кӯҳна, яъне хонаҳои истеҳсоли оммавӣ чӣ вокунише метавонист нишон диҳад?
3. Сабаби рангу бор ва навсозии Загребро аз тарафи ҳукуматдорон шарҳ дода, Дракулич эҳсос мекунад, ки миёни «мо», мардумони Аврупои Шарқӣ, ва «онҳо», яъне ғарбиҳо як фарқияте эҷод мешавад. Ин фарқият ба шарҳи мафҳуми «дигарон» аз нуқтаи назари фарҳанг дар заминаи бобҳои дуюму сеюм чӣ иртиботе дорад?



**БА ТАРТИБ ОВАРДАНИ АФКОРИ ШУМО**
Акс: Созмондиҳии ғояҳои шумо (202)

# РУШДИ МАЛАКАИ ТАФАККУРИ



## НАҚШАИ ДАЛЕЛИ ШУМО

Нақша ин скелети эссе ва сохторест, ки дар атрофии онҳо ҷузъиёт ва тавзеҳот сознон ёфтааст. Зарур нест, ки шумо тамоми ҷумлаҳоро дар параграфҳо бинависед, овардани ғояҳоиасосӣ кофӣ аст.

**ТАҲИЯИ НАҚША:**

**1. Нақша чист?**

- тасвири умумии мантиқӣ;
- резюмеи схематикӣ;
- модели ташкилӣ;
- нақшаи визуалӣ ва консептуалии кори шумо.

**2. Ҳадафи нақша:**

- ба шумо барои ташкили ғояҳоятон ёрӣ мерасонад;
- маводи шуморо дар шакли мантиқӣ муаррифӣ мекунад;
- муносибати байни ғояҳоро дар кори шумо нишон медиҳад;
- назари муназзамеро ба кори шумо ба вуҷуд меорад;
- ҳудудҳо в гурӯҳҳоро муайян месозад.

**3. Намудҳо:**

- навишти авалия ва тақрибии нақша;
- нақшаи расмӣ.

**СТРАТЕГИЯҲО БАРОИ НАВИШТАНИ НАҚША:**

1. Нақшаатонро аз навиштани унвони мавзӯъ дар қисми болоии варақ шурӯъ кунед;
2. Сипас навиштаҳоятонро бо рақамҳои римии I, II, III рақамгузорӣ кунед;
3. Дар паҳлӯи рақамҳои римӣ ғояҳои асосиатонро рочеъ ба мавзӯъ, ё масъалаҳои асосиеро нависед, ки шумо мехоҳед баррасӣ намоед;
   а) агар шумо хоҳед бовар кунонед, пас беҳтарин далелҳои худро нависед;
   б) агар шумо хоҳед равандеро тавзеҳ диҳед, қадамҳоеро тасвир кунед, ки бояд дар ин роҳ гузошта шаванд;
   г) ба шумо лозим аст, ки онҳоро аз рӯи категорияҳо дастабандӣ кунед;
4. Дар зери ҳар рақами римӣ мувофиқан ҳарфҳои A, B, C– ро яке зери дигаре нависед;
5. Дар паҳлӯи ҳар адади римӣ ва ҳарфи калон далел ва ё иттилоеро нависед, ки ба унвони тасдиқи ғояи асосии шумо хидмат мекунад;
6. Шояд ба шумо зермавзӯъҳо (i, ii, iii; a, b, c) дар зери ҳар як ҳарфи калон лозим шаванд, ба шарте ки иттилооти махсусе пайдо шавад, ки ворид намудани он зарур бошад.

**Манбаъ:** Livingston, Kathy. “Organize your Ideas.” Basic Guide to Essay Writing.

URL: http://members.tripod.com

**НАМУНАИ НАҚША:**

Славенка Дракулич «Дар бораи сифати ранг дар деворҳои Аврупои Шарқӣ»



**Саволи тезисдор:**

«Чаро деворҳоро дар шаҳрҳои Аврупои Шарқӣ ранг мекунанд?»

**I. Шаҳр баногоҳ намуди дигар мегирад**

A) роҳбарони шаҳр инро «навсозӣ» меноманд;

B) «ҳадафи олӣ»;

C) талаби аҳолӣ нест;

D) вокуниш;

1. фарқ миёни «мо» ва «онҳо»;
2. ҷудосозии таҳқиромез;
3. зернависи муҳим;

**II. Рангҳои мухталиф аҳамияти бештар доранд**

A) рангомезии шаҳрҳои мо

1. Загреб;
2. Прага;
3. Будапешт;

B) Чаро шаҳрҳои Аврупои Шарқӣ батадриҷ хароб мешаванд?

C) Этропия: неруи худҷӯш ва олӣ.

**III. Барои ҷойҳои ҷамъиятии мо кӣ посухгӯ аст?**

A) олудашавӣ, истифода аз сӯзишвории сифатан паст;

B) даҳсолаҳои беэътиноӣ;

C) идеологияи сотсиалистӣ;

D) назорат дар муҳити атроф;

**IV. Ҷойҳои ҷамъиятӣ**

A) одамон партовҳоро дар хиёбон мерезанд;

B) ҷойҳои ҷамъиятӣ ҳамчун лавҳаи эълонҳо;

1. шуури нохудогоҳи дастаҷамъии миллат;
2. ҷаҳонбинӣ;
3. ҷойҳои ҷамъиятӣ ба кассе таллуқ надоранд;
4. хароб гардидани ҷойҳои ҷамъиятӣ.

C) ҷанг кардан бо низом;

1. нафрат ва харобсозӣ;
2. тағйири муносибатҳо зарур аст;
3. Гайд-Парк дар Лондон.

**V. Мо бояд чӣ гуна шаҳрҳоямонро наҷот диҳем?**

A) тағйироти сиёсӣ муҷиби тағйирот дар муносибатҳо мегардад;

B) аҳамияти ҷиддии ҷойҳои ҷамъиятӣ;

C) шаҳрҳо хотира ва таърихро инъикос мекунанд;

D) шаҳр инъикоси «ман»- и ботинии мо;

E) навсозии шаҳрҳои кӯҳна;

F) деворҳои бо навиштаҷоти хирашудаи худро пинҳон намоем, аммо шаҳрҳои зебои қадимиро ба намоиш бигзорем.

# АНРИ ЛЕФЕВР
# ИСТЕҲСОЛИ ФАЗО

Анри Лефевр (1905-1991) яке пурмаҳсултарин нависандаҳо дар миёни равшанфикрони марксисти Фаронса маҳсуб мешавад. Ӯ дар Париж ба омӯзиши фалсафа пардохтааст. Лефевр дар ҷомеашиносӣ майл ба баррасии заиндагӣ дар шаҳр ва русто дошта, назарияпардози масоили давлат, рушди байналмилалии сармоя ва фазои иҷтимоӣ буд. Дар даврони зиндагонии худ ӯ шоҳиди тағйироти навин дар зиндагии рузмараи фаронсавиён, саноатсозии иқтисод ва босуръат васеъ шудани шаҳрҳо аз ҳисоби маҳаллаи атроф гардид. Асари ӯ «Истеҳсоли фазо» дар соли 1974 ба забони фаронсавӣ мунташир шуд. Барои Лефевр бартарии фазо чизест, ки аз ҷониби инсонҳо бо ҳадафи махсус сохта шуда аст; фазои азхудшуда ин фазоест, ки аз тарафи одамон барои ҳадафҳои гуногуни шахсиашон гирифта шудааст. Зимни хондани қисмате, ки дар зер меояд, хонанда бояд дар он хусус фикр кунад, ки чи гуна метавон фазоро назорат кард ва аз он истифода бурд; чи гуна фазои табиӣ ва, ҳатто, маснӯӣ метавонад аз тарафи гурӯҳи одамон истифода шавад ё, ҳатто, ба онҳо тобеъ гардад.

Аз дидгоҳи Маркс, мафҳуми аз худ намудан, шадидан ба мафҳуми моликият дар тазод қарор дорад, аммо он ба пуррагӣ муайян карда нашудааст, баръакс. Аввало ин ки тафовути дақиқе миёни ин мафҳум ва тасаввуроти инсоншиносию (антропологию) фалсафӣ дар бораи табиати инсон (яъне он чи ки барои инсон «дуруст» шумурда мешавад) мавҷуд нест; Маркс аз ҷустуҷӯи табиати махсуси инсон комилан даст накашидааст, аммо ӯ ҳар гуна назарияро дар бораи он ки ин матлаб метавонад тавассути шухӣ, бозӣ, огоҳӣ аз марг ё «муддати буду бош» ба даст ояд, рад мекунад. Ин матлаб дар меҳнат (ҷамиятӣ), ва – ба таври ҷудонопазир – дар забон қарор дорад. Маркс ҳамчунин миёни азхудкардан ва бартарӣ доштан тафриқа намегузошт. Ҳамин тавр, барои ӯ меҳнат ва фановарӣ (технология) бар табиати моддӣ бартарӣ ҳосил намуда, ба таври фаврӣ онро мувофиқ ба эҳтиёҷоти инсонӣ (иҷтимоӣ) дигаргун месозанд. Ба ҳамин сабаб табиат ҳамоно аз душман ва моддаи бепарво ба «мол» мубаддал гардид.

**Эпифеномен** – падидаи фаръие, ки ба чизе ҳамроҳ меояд.

Воқеан танҳо бо ёрии омӯзиши интиқодии фазо метавон мафҳуми азхудкуниро тавзеҳ дод. Метавон гуфт, ки фазои табиӣ, ки барои қонеъ намудани эҳтиёҷот ва тавонои гурӯҳе дигаргун карда шуда буд, аз тарфи ин гурӯҳ азхуд карда шудааст. Моликият ба маънои доро будан дар беҳтарин ҳолат – муқаддимаи зарурӣ, ва аксаран, танҳо ***эпифеномени*** фаъолият барои азхудкунӣ мебошад, ки олитарин ифодаи он асари ҳунарӣ аст. Фазои азхудкардашуда асари ҳунариро ба ёд меорад, аммо наметавон гуфт, ки ин матлаб ба кадом як маъное танҳо нусхабардорӣ аз асари ҳунарӣ аст. Аксаран чунин фазо иншооте – муҷассамаи ёдгорӣ ва ё бино – мебошад, аммо на ҳамеша чунин аст: қитъаи замин, майдон ё хиёбонро ҳам метавон бо камоли боварӣ фазои азхудшуда номид. Мисолҳои марбут ба фазои азхудшуда хеле зиёданд, аммо на ҳамеша бо осонӣ метавон дарёфт, ки то кадом дараҷа, чи гуна, аз тарафи ки ва барои ки ин фазоро азхуд намудаанд.

Хонаҳои деҳқонон ва деҳаҳо ба таври худ сухан мегӯянд; бо дудилагӣ ва каме ошуфта онҳо дар бораи зиндагии шахсоне ҳикоят мекунанд, ки онҳоро сохтаанд ва дар онҳо зиндагӣ намудаанд. ***Иглу***, кулбаи хасини шарқӣ ё хонаи японӣ ба андозае роҳатанд ва эҳсосотро бармеангезанд, ки гӯё хонаҳои **норамандӣ** ва ё **провансалӣ** бошанд. Фазои хона метавонад барои як гурӯҳ (барои хонавода, аксаран барои хонаводаи хеле калон) ё барои як коммуна, (ҷамъият) ҳатто, агар он ба кастаҳо ё синфҳое тақисм шуда бошад, ки мехоҳанд онро вайрон кунанд, мутобиқ бошад. Фазои хусусӣ дар ҳақиқат падидаи олист, аммо он ҳамеша бо фазои ҷамиятӣ иртибот дорад. Дар беҳтарин ҳолат нисбат ба фазои берунии коммуна бартарӣ ҳосил мекунад, дар сурате ки фазои дохилии ҳаёти хонаводагӣ азхудкарда шудааст. Чунин вазъият ҳамчун мисол ҷиҳати истифода аз фазое хидмат мекунад, ки гарчандедар ҳамин ҷо ва дар ҳамин замон сурат мегирад, вале то ҳадди муайяне ба асари санъат наздик аст. Ҷаззобият ва қобилияти халалнопазири дилрабоии ин навъи хонаҳо маҳз аз ҳамин ҷо сарчашма мегирад. Ёдовар шудан зарур аст, ки гурӯҳи устувор, яъне хонавода, деҳа ё шаҳр азхудкуниро ба вуҷуд намеорад; дар ин раванд замон ширкат мекунад ва азхудкуниро воқеан бе дарназардошти набзи замон ва ҳаёт наметавон дарк кард.

Фазои афзалиятдошта ё фазои азхуднамуда метавонанд аслан бо ҳам пайваст бошанд ва ҳадди ақал дар ҳолати идеалӣ, онҳо бояд васл шаванд. Аммо таърихе, ки моҳиятан таърихи ҷамъшавӣ мебошад, ҳамзамон, таърихи ҷудосозӣ ва зиддияти мутақобил низ ҳаст. Гузашта аз он, дар ин рақобат бартарият ғолиб дониста шуд. Замоне азхудкунӣ бидуни бартарӣ вуҷуд дошт; шоҳиди ин матлаб ҳамон кулба, ё иглу ва ё хонаи деҳқонӣ аст, ки мо қаблан аз онҳо ёд кардем. Бартарият баробар бо нақши артиш, ҷангҳо, давлатҳо ва неруи сиёсӣ рушд кард. Ҳамин тавр, духурагӣ (***дихотомия***) дар байни бартарият ва азхудкунӣ бо сатҳи ақлоният (рационалӣ) ё муҳимият маҳдуд намешавад, зеро он духурагӣ муҷиби сар задани зиддият ва майл ба ихтилоф гардида ва таъсири худро то замоне нигоҳ медорад, ки як тараф (яъне бартарият) пирузии комил ба даст оварда, тарафи дигар (яъне азхудкунӣ) камилан ба он тобеъ шавад. Аммо ин маънои онро надорад, ки азхудкунӣ аз байн меравад, зеро ин амр ғайри имкон аст; ҳам назария ва ҳам амалия муҳим будани онро таъкид сохта, барқарор намуданашро талаб мекунад.

**иглу –**
манзили зимистонии эскимосҳои шимоли Канада.

**Нормандї –**
мансуб ба нормандињо, мардумоне, ки асолати скандинавї ва фаронсавї дошта, соли 1066 Англияро тасхир намуданд.

**Провансалї –**
мансуб ба Прованс, минтаќаи таърихие дар љанубу шарќи Фаронса.

**Дихтомия –**
таќсимшавї ба ду қисми ба њам муќобил

***Манбаъ:*** Лефевр, Анри. Производство пространства // Аз фаронсавӣ Доналд Николсон-Смит тарҷума намудааст. – Оксфорд. Блэквэлл Паблишинг, 1991. С. 165-166.

## САВОЛҲО БАРОИ МУҲОКИМА:

1. «Азхудкунӣ» чи маънӣ дорад? «Бартарият» чӣ маънӣ дорад? Метавонед дар ин хусус мисолҳо биёред?
2. Чаро Лефевр чунин мешуморад, ки барои тавзеҳи азхудкунӣ мо бояд фазоро биёмӯзем? Чаро аз дидгоҳи Лефевр фазои азхудшуда асари ҳунарӣ аст? Мисолҳо биёред.
3. Чӣ гуна фазои азхудшуда ба моликият мубаддал мегардад? Мо дар куҷо бояд миёни фазоҳои умумӣ ва хусусӣ, азхудшуда ва бартаридошта хати ҷудокунанда гузаронем?
4. Чаро Лефевр мехоҳад исбот кунад, ки миёни фазоҳои бартаридошта ва азхудшуда муборизаи доимӣ вуҷуд дорад? Агар мо дар бораи фазоҳои хусусӣ ва умумӣ дар шароити фазоҳои бартаридошта ва азхудшуда фикр кунем, кадоме аз онҳо зери кадоме қарор дорад?

## САВОЛҲО БАРОИ ТАКРОР:

1. Дракулич мегӯяд, ки сокинони Аврупои Шарқро лозим меояд, ки шаҳрҳои худро «аз нав хусусӣ» гардонанд, ё ки «такроран молики» ин шаҳрҳо шаванд, то битавонанд ба онҳо муносибати дуруст намуда, онҳоро беҳтар нигоҳбинӣ намоянд. Оё ибораи Славенка Дракулич «такроран молик шудан» мазмуни ибораи Лефевр «азхудкунии фазо»- ро инъикос мекунад?
2. Лефевр мегӯяд, ки фазои берунии коммуна (ҷамъият) қобили бартарӣ аст. Оё дар кишварҳои сотсиалистӣ фазоҳои иҷтимоии афзалиятдошта мавҷуд буданд?
3. Оё шумо чунин мешуморед, ки юртаро метавон азхудкунии фазо бидуни бартарӣ донист? Ҷавобатонро асоснок кунед.



**СТАНТСА ДЕЛЛА СЕНЯТУРА.**
Рафаэл. Мактаби шаҳри Афина. 1509. Рангомезӣ. ( Қасри усқуфи аъзам. Ватикан)

## АРАСТУ СИЁСАТ

Арасту (384-322 пеш аз милод) яке аз маъруфтарин файласуфони Юнони Бостон аст ва то ҳадде маъруфият дорад, ки аз ӯ аксаран танҳо бо унвони Файласуф ёд мекунанд. Ӯ шогирди Афлотун буд, ва ба ғайр аз дарки фаласафаи Афлотун равиши танзимсозии тамоми донишҳоро эҷод кард. Аристотел барои мушоҳидаи табиат таваҷҷуҳи зиёд зоҳир менамуд ва муҳим будани шуурро таъкид мекард. Нуқтаи оғози муҳокимаҳои ӯ пеш аз ҳама иборат аз он буд, ки барои инсон хеле муҳим аст, ки дар шаҳр (полис) зиндагӣ кунад. Дар матни зер, ки аз китоби ӯ – «Сиёсат» гирифта шудааст, Арасту дар бораи он қазоват мекунад, ки чи гуна ҷомеа дар заминаи беҳтарин хислатҳо ва дарки ашё аз фард бартарӣ дорад. Зимни хондани матн роҷеъ ба он фикр кунед, ки чи гуна шаҳрҳо фазое мешаванд, ки дар он фардҳо дар ҷомеа ба якдигар мулоқот мекунанд, ва чунин фазо чи гуна функсияҳо дорад.



Роҷеъ ба масъалаҳои боқимонда дар дигар ҷой сухан хоҳад рафт. Он мавқеъ, ки афзалтар аст қудрат дар дасти аксарият қарор гирад, магар ки дар дасти ақаллият, ҳатто, агар ин ақаллият иборат аз беҳтаринҳо бошад, зоҳиран, метавонад қобили қабул гардад ва, ҳатто, ҳақиқатро дар бар гирад. Охир метавонад чунин бошад, ки аксарият, ки дар алоҳидагӣ наметавонад хуб бошад, якҷо шуда, беҳтар аз ҳар кадом мегардад, аммо на дар ҷудогонагӣ, балки дар маҷмуъ мисли он ки наҳорҳои дастаҷамъӣ беҳтар аз он наҳорҳое мебошанд, ки бо хазинаи як нафар ташкил карда мешаванд. Аммо азбаски аксарият одамони зиёдеро дар худ муттаҳид мекунад, пас мумкин аст, ки дар ҳар кадоме аз онҳо дар алоҳидагӣ ҳиссае аз фазилат ва фаросат мавҷуд бошад; аммо вақте ки ин одамон якҷо мешаванд, аз онҳо гӯё як инсоне ба вуҷуд меояд, ки шумори зиёди дасту поҳо ва идроки зиёд дорад; дар мавриди хислат ва фаҳмиш ӯ низ вазъ ҳамин гуна аст. Аз ин лиҳоз аксарият дар бораи осори шеърӣ ва мусиқӣ беҳтар қазоват мекунанд, баъзеҳо дар бораи як тараф, дигарон дар бораи тарафи дигар ва ҳама дар якҷоягӣ дар бораи чизе ба таври куллӣ қазоват менамоянд. Одамони нек аз ҳар кадом шахси аз миёни омма дар алоҳидагӣ гирифташуда ба ҳамон чизе фарқ мекунанд, ки афроди зебо аз афроди зишт ё мусавварои наққош аз манзараи табиат фарқ мекунанд: маҳз бо он ки дар онҳо чизе муттаҳид карда шудааст, ки дар ҷойҳои гуногун пароканда шуда буд ва вақте ки он чизи муттаҳидшуда ба қисмҳои таркибӣ ҷудо карда мешавад, метавон дид, ки чашми як нафар ва қисми дигари бадани нафари дигаре аз он чи ки дар мусаввара дида мешавад, зеботар ба назар мерасад.

Аммо равшан нест, ки оё мумкин аст барои ҳар халқе ва барои ҳар гуна оммаи мардум чунин муносибате миёни аксарияту ақаллият барқарор карда шавад? Савганд ба Зевс барои баъзеҳо ин матлаб ғайри имкон аст (ҳамин мулоҳиза метавонист нисбат ба ҳайвонот татбиқ гардад, дар воқеъ, баъзе халқҳо чи фарқе аз ҳайвонот доранд?). Аммо нисбат ба аксарияти мушаххас чизе халал намерасонад, ки матлаби арзшударо ба уновони ҳақиқат эътироф кунем.

Маҳз бо ҳамин роҳ ҳалли мушкили қаблан зикршуда ва ҳамчунин мушкили дигари марбут ба он имконпазир мегардад: оммаи шаҳрвандони озод таваллудгардида, яъне онҳое, ки сарват надоранд ва аз ҳеҷ як фазилати барҷастае бархурдор нестанд, бояд махсусан бар чӣ қудрати олӣ дошта бошанд? Ба чунин афроде иҷозаи ишғоли вазифаи баланд бехатар нест, азбаски барои онҳо ҳисси адолат ва мулоҳизаи доварӣ бегона буда, метавонанд гоҳ ба беадолатӣ ва гоҳо ба иштибоҳ роҳ диҳанд. Аз тарафи дигар, онҳоро аз қудрат дур намудан ҳам хатарнок аст: дар сурате ки агар дар кишвар теъдоди зиёди одамон аз ҳуқуқи сиёсӣ маҳрум буда, дар он шумори зиёди фақирон мавҷуд бошанд, чунин кишваре ба таври ногузир пур аз одамоне мегардад, ки ба давлат муносибати душманона хоҳанд дошт. Як илоҷ боқӣ мемонад: ба онҳо иҷозаи ширкат дар қудрати машваратӣ ва довариро бояд дод. Бино бар ин, ҳам Солон ва ҳам баъзе аз дигар қонунгузорон ба онҳо ҳаққи ширкат дар интихоби шахсони мансабдор ва қабули ҳисоботро роҷеъ ба фаъолияти ин шахсон медиҳанд, аммо онҳоро намегузоранд, ки мансабҳои давлатиро ишғол намоянд; дар як ҷамъияти воҳид бо беҳтаринҳо ҳамроҳ шуда, онҳо ба давлат манфиат меоранд, мисли ҳамон маводи ғизоии пӯстнокарда, ки ҳамроҳ бо маводи пӯсткарда таъомро хушмаззатар мекунанд. Шахси ҷудогона бошад, зимни муҳокимаи масъалаҳо дур аз камол аст.

**Манбаъ:** Аристотель. Политика. Афинская полития / М. Мысль, 1997, с. 111.

**САВОЛҲО БАРОИ МУҲОКИМА:**

1. Шумо ба андешаи Арасту дар бораи он ки ҷамъи одамон из лиҳози хислатҳои нек ва дарки ашё нисбат ба фарди ҷудогона бартарӣ доранд, розӣ ҳастед?
2. Арзиши шаҳрҳо ҳамчун маҳалли воҳӯрии одамон чӣ гуна аст? Чаро гуногунии фардҳо куллан барои шаҳр фоиданок аст?
3. Оё шумо метавонед аз дигар ҷойҳое ёд кунед, ки воҳӯрии фардҳо дар он ҷойҳо натиҷаҳои мусбат ва ё манфӣ ба бор доранд?

**САВОЛҲО БАРОИ ТАКРОР:**

1. Мо чӣ гуна метавонем фалсафаи Арасту дар бораи ҷанбаи дастаҷамъӣ ба унвони ҳолати мухолифи инфиродиро нисбат ба дидгоҳи Дракулич дар бораи фазои иҷтимоӣ татбиқ намоем?
2. Чӣ гуна як инсон ва гурӯҳи одамон арзёбии мухталифе аз ашё ва аз ҷумла, аз фазо доранд. Ин матлаб чӣ нисбате ба бардошти Дракулич аз истифодаи фазо дар ҷаҳони шуравӣ дорад?
3. Аз дидгоҳи Лефевр, «хонаҳои деҳқонон ва деҳаҳо ба таври худ сухан мегӯянд; бо дудилагӣ ва каме ошуфта онҳо дар бораи зиндагии шахсоне ҳикоят мекунанд, ки онҳоро сохтаанд ва дар онҳо зиндагӣ намудаанд». Аз дидгоҳи Арасту, шаҳрҳо дар хусуси чӣ таърихе метавонанд қисса кунанд?

# ХАЛИЛ ИНАЛЧИК
# ИМПЕРИЯИ УСМОНӢ: АСРИ КЛАССИКӢ

Халил Налчик дар Истамбул (Туркия) ба дунё омадааст. Ӯ аз слои 1952 то соли 1972 дар донишгоҳи Истамбул аз таърихи Империяи Усмонӣ дарс мегуфт, сипас ба сафи устодони донишгоҳи Чикаго пайваста, дар он ҷо то соли 1986, яъне то замони бознишастагӣ кор кард. Ҳамчун донандаи маъруфи таърихи Империяи Усмонӣ, ӯ ба таснифи ҷомеаи усмонӣ ва таърихи он машғул шуд. Дар матне, ки ин ҷо пешниҳод мешавад, Налчик дар он хусус муҳокимаронӣ мекунад, ки чи гуна ду тариқати мухталифи динӣ аз фазои шаҳр истофода менамуданд, то пайравони наверо, ки ба давлат дар мухолифат қарор доштанд, ба худ ҷалб созанд.

Ҳамин тавр тариқатҳои диниро дар Империяи Усмонӣ метавон ба ду гурӯҳ ҷудо кард. Гурӯҳи якум иборат аз тариқатҳое аст, ки бо фирқаҳои аз ҳисоби даромади **вақфҳо** амалкунанда мавқеияти худро мустаҳкам кардаанд; ин вақфҳо тавассути султонҳо ва мардони бузург ташкил шуда, созмондиҳии дақиқ, расму таомули муайяну бетағйир доштанд. Маъруфтарини ин тариқатҳо **нақшбандия**, **мавлавия**, халватия ва шохаҳои мухталифи онҳо буданд. Онҳо маъмулан дар шаҳрҳо амал намуда, пайравони навро аз ҷумлаи намояндагони табақаҳои болои ҷомеа ба худ ҷалб мекарданд. Ҳар тариқат меъёрҳои мушаххас, кулоҳ, тарзи гуфтор ва ойинҳои худро дошт. Ҳар кадоме аз онҳо, мутобиқ ба эътиқодоти хеш як суфии маъруф, авлиё ё саҳобаи Паёмбарро ба унвони шофеъ ва пир эътироф намуда, шаҷаранома и худро таъсис медод. Тариқати дуюм, ки бо номи **маломатия** маъруф буд, аз гурӯҳи дуюм намояндагӣ мекард. Дар назари мардум намояндагони ин тариқат на обрую эҳтиром, балки нисбат ба худ мазамату, накуҳиш ва маломат меҷустанд ва унвонашон ҳам ба ҳамин матлаб вобаста аст. Онҳо аз ҳар гуна худситоӣ, худнамоӣ ва аломатҳои зоҳирбинонаи дин ҳазар мекарданд ва тарзи ибодати онҳо ботингароёна (**эзотерикӣ**) буда, махфӣ нигоҳ дошта мешуд. Онҳо хеҷ иртиботе бо давлат барқарор намекарданд ва то андозае бо ҳукумат мухолифат доштанд. Пайравони ин тариқат танҳо аз ҳисоби маҳсули меҳнати худ зиндагӣ намуда, ҳеҷ гуна пешкаш ва садақаеро аз давлат ва аз мардуми одӣ қабул намекарданд. Ин гурӯҳ шомили дарвешони сайёр буд, ки бо номҳои қаландарӣ, ҳайдарӣ, абдолӣ ё бобоӣ ва **ҳамзавӣ** арзи вуҷуд намуда, ба таври махфӣ ба ҳайати аъзои гурӯҳҳои пешаварии (касбии) шаҳрҳо ворид мешуданд. Ҳамаи инҳо тариқатҳое буданд, ки аз тарафи гурӯҳҳои муайяни иҷтимоӣ, ки бо низоми сиёсӣ дар мухолифат қарор доштанд, пазируфта шуданд. Дар ҳақиқат, шиаҳо ва ҷунбишҳои ботингароии динӣ дар ҷаҳони ислом ҳамеша тариқатҳоро хислатан ҷудоихоҳу ситезаҷӯ దониста, аз ҷунбишҳои динию сиёсӣ пуштибонӣ мекарданд. Мазҳаби шиа аслан ҳамчун ҷунбиши низомию сиёсие арзи вуҷуд кард, ки Алӣ, писари амак ва домоди Паёмбар ва авлоди ӯро ба унвони сарони ҷомеаи исломӣ эътироф менамуд. Баъдан он шомили ҷунбишҳои иҷтимоию

**Вақф –**
замине, ки онро соҳибаш бо ҳадафҳои динӣ ва хайрия тақдим намудааст.

**Нақшбандия –**
тариқати дарвешон, ки асоси он аз тарафи орифе бо номи Мухаммади Нақшбанд (1317-1389) гузошта шуда буд.

**Мавлавия –**
тариқати дарвешони рақси само мекарда, ки ба он Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ асос гузошта буд. i

**ҳамзавӣ –**
Ҳамаи ин фирқаҳо аз номи бунёдгузоронашон унвон гирифтаанд

**Маломатия**
(аз арабӣ – «маломат» – накуҳиш), тариқати дарвешон, ки нисбат ба ҷанбаҳои зоҳирии дин бепарво буданд

**Эзотерикӣ –**
пинҳонӣ, махфӣ, танҳо барои роздорон



РАҚСИ САМО ДАР ИҶРОИ ДАРВЕШОН

**Қизилбошҳо –** аъзои фирқаҳои шиа дар Анатолия (Туркия)

**Байрамӣ –** тариқати дарвешон, ки ба он Ҳоҷӣ Байрам асос гузошта буд

**ҳуруфӣ –** Фирқаи ботинии динӣ, ки аз тарфи орифе бо номи Фазлуллоҳ бунёдгузорӣ шуда буд

**бектоширо –** Тариқае, ки пайравонаш бо размоварӣ ва садоқати бепоён маъруф буда, онро орифе бо номи Ҳоҷӣ Бектоши Валӣ бунёд гузошта буд

**Қутб –** пешвои маънавии тариқати динию ирфонӣ

**Фатво –** ҳукми мақоми баландпояи динӣ, фаққиҳ (донандаи илми ҳуқуқи исломӣ) роҷеъ ба масъалаи мушаххаси ҳуқуқӣ, ки иҷрои он ҳатмӣ буд

**Шайхулислом –** унвони ифтихории фақиҳони (ҳуқуқдонони) исломӣ . Аз асри XVI ба баъд ин унвон мансуб ба сарвари рӯҳониёни мусулмон аст, ки аз тарафи султон (дар Туркия) таъин карда мешуд.

**Монизм –** ибораест, ки тамоми падидаҳоро бо як асли муттаҳидкунанд а маънидод мекунад

динии мухталифе гардид, ки ҳар кадоме аз онон рақиби синфи ҳукмрони суннӣ буд. Дар бисёре аз кишварҳои исломӣ, аз ҷумла дар Империяи Усмонӣ, кор ба эътирозоти мухолифин бар зидди низоми сиёсии мавҷуда, бар зидди ҳукумати мутлақи суннӣ, ки аз исломи суннӣ намояндагӣ мекард, анҷомид. Хислатҳои фавқуттабиӣ, ки ба Алӣ ва авлоди ӯ нисбат дода мешуданд, дар асоси назарияи ирфонӣ тафсир гардида ва бисёре аз афрод боварӣ доштанд, ки Нури Худовандӣ, ки аз Алӣ илҳом мегирад, ба авлоди ӯ интиқол ёфта ва дар натиҷа, онҳо метавонанд мазмунҳои ботинии Куръонро тафсир намоянд. Ин боварҳо, ки то андозае барои тамоми тариқатҳои Империяи Усмонӣ хос буданд, дар ҷунбиши **қизилбошҳо** то дараҷаи ифрот расиданд. Дар қарни XVI ҳамзамон бо равнақи сулолаи Сафавӣ дар Эрон, ки пайрави чунин эътиқодоте буд, ин ҷунбиш ба мушкили асосии Империяи Усмонӣ табдил ёфт. Аммо мо дар ибтидо тариқаҳои **байрамӣ**, **ҳуруфӣ** ва **бектоширо** баррасӣ мекунем, ки дар асри XV дар Империяи Усмонӣ ташкил шуда буданд.

**Акс: Рақси само дар иҷрои дарвешон**

Маломатиён ба унвони фирқаҳое, ки ҳамеша дар кишварҳои исломӣ, берун аз назорати давлат вуҷуд доштанд, аъзои худро аз миёни пешаварон, яъне косибон ҷалб менамуданд. Давлат ба онҳо ҳамеша бо шубҳа менигарист. Дар асри XVI вақте ки маломатиён мисли қизилбошҳо дар деҳот тамоюл ба Сафавиҳо нишон доданд, ҳукумат онҳоро бераҳмона таҳти фишору таъқиб қарор дод. Дар соли 1529 **қутби** маломатиён, Исмоил Машукӣ боздошт гардида, бар асоси **фатвои шайхулислом** ҳамроҳ бо дувоздаҳ нафар аз шогирдонаш дар Айтмайдон ба қатл расонда шуд. Пас аз маргаш баъзе аз мардуми кишвар ӯро ба унвони авлиё мепарастиданд ва лозим омад, ки фатвои наве содир карда, ин амалро макруҳ ва қатли ӯро амали дуруст донанд. Соли 1561 дар асосӣ фатвои шайхулислом Абусууд маломатии дигаре бо номи Ҳамза Балӣ аз Босния бо гуноҳи куфр ва содир намудани амали зидди дин ба қатл маҳкум шуд. Ӯ бидуни тарс ҳамеша дар назди мардум эътиқоди худро ба **монизм** ошкор мекард ва чунин мешуморанд, ки дар ватани худ, дар Сарайбосния чандин ҳазор нафар пайравонро дар атрофи худ ҷамъ намуд. Қатли ӯ таъсири амиқе бар шуури мардум гузошт, пас аз ин тамоми мардум ба ду гурӯҳ – пайравон ва мухолифони ӯ – ҷудо шуданд. Ҳамза шофеи муқаддаси маломатиёне гардид, ки онҳоро аз ҳамон даврон то кунун «ҳамзавиён» меноманд. Дар асри XVII ҳамзавиён дар Босния бераҳмона таъқиб мешуданд. Бо вуҷуди ин эътиқодоти маломатия дар миёни аҳолии шаҳрҳои бузурги империя, мисли Истамбул ва Эдирне ва баъдтар, ҳатто, дар миёни намояндагони синфи ҳоким низ гаустариш пайдо карданд.

**Манбаъ: :** Inalcik, Halil. The Ottoman Empire: the Classical Age 1300-1600. London: Phoenix, 1995, pp. 190-193.

**САВОЛҲО БАРОИ МУҲОКИМА:**

1. Чаро маломатиён тариқати махфии дарвешон буданд? Ҳадафи онҳо иборат аз чӣ буд? Дарвешон аз тариқатҳои худ чӣ гуна пуштибонӣ мекарданд?

2. Ба андешаи Иналчик, ҷунбиши шиа дар ислом бо фирқаҳои махфии динӣ, мисли тариқати дарвешон чӣ гуна муносибат мекард?
3. Шаҳрҳо чӣ гуна аз густариши тариқатҳои дарвешон истиқбол менамуданд?

**САВОЛҲО БАРОИ ТАКРОР:**

1. Оё тариқатҳои дарвешон ғояиАрастуро дар бораи зарурати фазлу ҳикмат ва ба дигарон расондани он инъикос мекарданд?
2. Ҳам Арасту ва ҳам Иналчик таъсири маҷмуи одамонро, ки дар як макон ба ҳам омадаанд, баррасӣ менамоянд. Оё давлатро зарур аст, ки барои назорати ин гуна маконҳо кӯшиш ба харҷ диҳад? Агар зарур бошад, пас он бояд чӣ гуна амалӣ шавад?
3. Аз дидгоҳи Иналчик, шаҳрҳо ҷое ҳастанд, ки одамон дар он ҷамъ меоянд ва ба мубодилаи иттилоот мепардозанд. Оё шумо метавонед аз маконҳои дигаре ном бубаред, ки он ҷо мардум метавонанд мубодилаи иттилоот намоянд?



Жорық кезіндегі дәруіштер қауымы мүшелері



Қаҳвахонаи асрҳои XI-XII дар Истамбул, ки дар ин ҷо ба унвони макони маъруфе барои истироҳат ва муҳокимаи корҳои рӯзмарра муаррифӣ шудааст.

# ОРХАН ПАМПУК
# НОМИ МАН СУРХ

Орхан Памук соли 1952 дар Истамбул ба дунё омадааст. Пас аз иштирок дар лексияҳои сесолаи барномаи меъморӣ дар Донишгоҳи техникии Истамбул, донишакдаи рӯзноманигории Донишгоҳи Истамбулро хатм намуд. Памук муаллифи шаш роман аст, ки чаҳортои он ба забони англисӣ тарҷума шудаанд. Романи ӯ «Маро Сурх меноманд» соли 1998 дар Туркия ба табъ расида, бо 160 ҳазор нусха ба фурӯш рафт. Роман воқеаҳоеро тасвир мекунад, ки дар соли 1590 рӯй додаанд. Бобе, ки дар зер меояд, андешаҳои қаҳрамони асосиро роҷеъ ба эътирози рӯҳониён бар зидди тариқаи дарвешон ва қаҳвахонаҳо муаррифӣ мекунад. Ба хонанда пешниҳод карда мешавад, ки ин фазоҳоро аз дидгоҳи як нафар рӯҳонӣ тавзеҳ диҳад.

**Ман сагам**

Мебинед, дандонҳои ман чунон каҷ ва дарозанд, ки базур дар даҳонам меғунҷанд. Медонам, онҳо шакли маро ваҳшатангез нишон медиҳанд, аммо ин ба ман писанд аст. Боре қассоб ба дандонҳои ман нигариста гуфт:

- Бубинед, охир ин на саг, балки хук аст!

Ман чунон аз пояш газидам, ки – аз қабати гӯшти фарбеҳ – сахтии устухонашро эҳсос кардам. Барои саг ҳеҷ чиз лаззатбахштар аз он нест, ки имкон дошта бошад дар ҳолати қаҳру ғазаби самимӣ, дандонашро ба бадани душмани ғаддор бихалонад. Замоне, ки чунин имкон даст медиҳад ва қурбоние, ки сазовори газидан аст, бехабар аз ҳама чиз, бепарво аз наздики ман мегузарад, чашмони ман аз таъсири лаззат тира мешаванд, дандонҳоям садо медиҳанд ва аз гулуям садои ғурриши ваҳмангез берун меояд.

Ман сагам; шумо, инсонҳо, ки баробари ман ақл надоред, чунин мешуморед, ки саг наметавонад сухан гӯяд. Ҳамзамон шумо бовар доред, ки мурдаҳо метавонанд сухан гӯянд ва шумо афсонаҳоеро, ки мазмунашон бароятон нофаҳмост, ҳақиқат мепиндоред. Огоҳ бошед, саг метавонад сухан гӯяд, аммо танҳо бо касе, ки тавони гӯш крдан дорад.

Муддати зиёде қабл аз ин, дар замонҳои хеле қадим ба масҷиде, ки дар яке аз пойтахтҳо воқеъ буд, – фарз мекунем, ки он масҷиди Боязид ном дошт – аз музофоте воизи ҷавону навкоре омад. Шояд ӯ номашро низ пинҳон намедошт: масалан, гуфт, ки ӯро Хусрат-Хоҷа меноманд. Ӯ, яъне ин воиз дуруғгӯй ва кундзеҳн буд. Худованди таоло маро бубахшад, аммо ӯ дар сухан тавонотар буд, магар ки бо ақл! Ҳар рузи ҷумъа ин воиз ҳозиронро дар масҷид чунон ба ваҷд меовард, ки мардум гиря мекарданд ва беҳуш мешуданд. Гиряи тудаи мардум ӯро ба илҳом меовард ва ӯ ба фошсозии ҷиддитаре иқдом мекард. Шояд ба сабаби ҳамин фошсозиҳояш буд, ки сабзавотфурӯшон, мулозимони султон, ошпазҳо, шаҳриёни одӣ ва, ҳатто, теъдоди зиёде аз воизон, ғуломони ин шахс шуданд. Умуман ӯ тамоман ба саг шабоҳат надошт ва зодаи воқеии инсон буд. Аз муҳаббати мардум нисбат ба худаш хушаш меомад; ӯ зуд дарк кард, ки ба гиря овардан ва баъзан тарсондани муъминон кори басо осон ва гуворо буда, даромади хубе низ дар пай дорад. Ӯ ба садои баланд дар масҷид хабар медод:

- Мо исломи замони Паёмбари аъзамро фаромӯш карда, ба дуруғ бовар мекунем. Мо китобҳои бегонаро писандида, онҳоро мусулмонӣ меномем. Гаронии нархҳо, вабо ва мағлубиятҳо аз ҳамин ҷо сарчашма мегиранд. Оё дар замони Паёмбари мо, Муҳаммад барои мурдагон ибодат мекарданду дуо мехонданд? Оё чиҳилрузагии пас аз маргро қайд мекарданду шириниҳо тақсим менамуданд, то рӯҳи мурдаро шод созанд? Оё бо оҳангҳои гуногун ва бо садои баланд Қуръон мехонданд? Оё мусулмонон болои манора баромада, бо садои худ ноз мекарданд, мисли он ки гӯё нақши занеро иҷро мекарда бошанд ва оё бо донистани забони арабӣ ифтихор менамуданд? Мусулмонон ба гӯристон мераванд то аз мурдагон мадад ҷӯянд, мисли бутпарастон ба санги мазорҳо саҷда мекунанд, латтапора мебанданду орзуи худро иброз медоранд, савганд ёд мекунанд. Оё дар замони Паёмбар Муҳаммад фирқаҳое бо чунин таълимот мавҷуд буданд? Пешвои фирқагароён (сектантҳо) Ибни Арабӣ вақте ки савганд ёд кард, ки Фиръавн боимон мурд, гунаҳкор шуд. Маълум аст, ки аъзои тариқаҳои мавлавия, халавтия, қаландария ҳамроҳ бо кӯдакони ҷинси мард ҷамъ меоянду, таҳти садои созҳои мусиқӣ рақсида, Қуръон мехонанд. Охир онҳо кофиранд! Бояд хонақоҳҳои онҳоро хароб кард ва заминҳои зери ин хонақоҳҳоро то жарфои ҳафт **аршин** кофта, хокашро ба баҳр андохт; танҳо дар ҳамин сурат дар он чойҳо намоз хондан ҷоиз аст.

**Аршин** – ченаки қадимии дарозӣ дар кишвари Русия, баробар ба 0, 71 метр

Хусрат – Хоҷа ба шавқ меомад ва кафки даҳонашро пош дода мегуфт:

- Эй мусулмонон, нӯшидани қаҳва гуноҳ аст. Паёмбари бузургвор фармудааст, ки қаҳва ақлро тира месозад, меъдаро дардманд намуда, муҷиби пайдо шудани чурраи сутунмуҳра ва безурётӣ мегардад.

Ва мусулмонон дигар қаҳва наменӯшиданд: онҳо фаҳмида буданд, ки қаҳва васвасаи шайтон аст. Хусрат – Хоҷа ба суханаш идома медод:

- Қаҳвахонаҳо макone ҳастанд, ки дар он ҷо дӯстдорони шодмонию сурур, сарватмандоне, ки ба айшу ишрат одат кардаанд, ҷамъ меоянд; дар он ҷо онҳо ба ҳар гуна корҳои ғайри алоқӣ машғул мешаванд. Қаҳвахонаҳоро қабл аз хонақоҳҳо бастан зарур аст. Оё бенавоён барои нӯшидани қаҳва пул доранд? Одамон қаҳва нӯшида, дигар ба воқеият сарфаҳм намераванд ва бовар мекунанд, ки саг сухан мегӯяд, аммо саги манфур маро ва дини моро таҳқир мекунанд.

**Сарчашма:** Памук, Орхан. Меня зовут Красный / Тарҷума аз туркӣ В. Фонова. – СПб: Амфра, 2006, с. 16-18.

### САВОЛҲО БАРОИ МУҲОКИМА:

1. Чаро Хусрат – Хоҷа таъкид мекунад, ки тамоми дарвешон кофиранд ва бояд тариқати онҳо нобуд карда шавад?
2. Чаро Хусрат – Хоҷа қаҳваҳонаҳоро маконе барои равнақи «амалҳои манфур» медонад? Чаро онҳоро ҳам бояд мамнуъ кард?

### САВОЛҲО БАРОИ ТАКРОР:

1. Оё ин матн ба шумо кумак кард, то дарк кунед, ки чаро Хусрат – Хоҷа тариқати дарвешонро ҳамчун ҷамъомади кофирон маҳкум менамояд? Чаро ҳа ва чаро не?
2. Оё тариқати дарвешон ба он маъное, ки Лефевр дар назар дорад, «фазои азхудшуда» ҳаст? Ҷавобатонро тавзеҳ диҳед.

# АЛЕКСИС ДЕ ТОКВИЛ ДЕМОКРАТИЯ ДАР АМРИКО

Алексис де Токвил 29 июли соли 1805 дар Париж таваллуд шудааст. Ӯ дар Париж ба омӯхтани ҳуқуқ машғул шуда, дар шаҳри Версал муовини қозӣ буд. Дар соли 1831, дар сини 26- соглагӣ сафаре ба Амрико дошт. Чанд муддат вазири корҳои хориҷӣ буд. Баъдтар асари дуҷилдае дар бораи мардумони Амрико ва ниҳодҳои сиёсии онҳо бо унвони «Оид ба демократия дар Амрико» таълиф намуд. Асари таҳқиқии «Оид ба демократия дар Амрико» ба масъалаҳое мудохила мекунад, ки имрӯз низ чун пештара, хеле муҳиманд. Таърихнигорон ин китобро комилтарин ва амиқтарин асари таҳқиқӣ дар бораи Иёлоти Муттаҳида Амрико медонанд. Зимни хондани матни интихобии зерин ба он масъала таваҷҷуҳ кунед, ки де Токвил таъсири фазоро дар рушди Амрико чи гуна тафсир мекунад.



**ПЕНН, ДАР ҲОЛИ МУОШИРАТ БО ҲИНДУВОН.**
Расм, муносибати хуби миёни ҳиндувон ва бунёдгузори иёлати Пенсилвания, Вилям Пеннро нишон медиҳад.

**Боби XVII. Сабабҳои асосие, ки ҷумҳурии демократиро дар Иёлоти Муттаҳида дастгирӣ мекунанд**

Дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ҷумҳурии демократӣ арзи вуҷуд мекунад ва ҳадафи асосии ин китоб тавзеҳи сабабҳои вуҷуд доштани ин ҷумҳурӣ аст. Бархе аз ин сабабҳо тасодуфан аз доираи таваҷҷуҳ берун мондаанд ё ба онҳо як ишораи гузарое карда шуд, зеро ман танҳо бо мавзӯи худам маҳдуд шуда будам. Ман тамоман имкон надоштам, ки мавзӯҳои дигарро баррасӣ намоям ва он мавзӯҳое, ки ман рӯи онҳо муфассалтар таваққуф кардаам, ҳамон тавре ки қаблан буд, дар зери ҷузъиёти мавзӯи асосиам мондаанд. Аз ин рӯ, фикр мекунам, ки қабл аз он ки ба баррасии масъалаи оянда бипардозам, бояд тамоми сабабҳоеро, ки замони ҳолро равшан месозанд, гирдоварӣ намоям. Дар ин боб, ки назар ба гузашта дорад, ман кӯтоҳ сухан ҳоҳам ронд, саъй мекунам ба хонанда ба таври умумӣ он чизҳоеро ёдоварӣ намоям, ки худаш онҳоро қаблан медонист ва зимнан равшантарин далелҳоеро интихоб мекунам, ки худам ба онҳо то кунун таваҷҷуҳи хосе надоштаам. Тамоми сабабҳое, ки ба ҳимоя аз ҷумҳурии демократӣ дар Иёлоти Муттаҳида мусоидат менамоянд, ба се масъалаи асосӣ бармегарданд:

I. Вазъи истисноӣ ва тасодуфие, ки бо амри тақдир амрикоиҳо дар он қарор гирифтаанд.

II. Қонунҳо

III. Расму суннатҳои мардумӣ.

Сабаҳои тасодуфӣ ё пешбинишуда, ки ба ҳимоя аз ҷумҳурии демократӣ дар Иёлоти Муттаҳида мусоидат мекунанд.

Иёлоти Муттаҳида на ҳамсоя дорад ва на шаҳрҳои марказӣ; ба амрикоиҳо имкон даст дода буд, ки бо хоҳиши худашон таваллуд шаванд, Амрико – кишвари ғайримаскунӣ аст: ҳамин вазъ ба таври ҷиддӣ ба ҳимоя аз ҷумҳурии демократӣ дар Амрико мусоидат менамояд.

Дар биёбонҳои Амрико одамон маскун мешаванд – англо-амрикоиҳо талош мекунанд, ки маконҳои беодами **Ҷаҳони Навро** соҳиб шаванд – беҳбуди вазъи моддӣ ба афкори сиёсии амрикоиҳо таъсир мерасонад.

Ҳазорон шартҳо, ки аз иродаи инсон вобаста нестанд, ба ҳимоя аз ҷумҳурии демократӣ дар Иёлоти Муттаҳида мусоидат мекунанд. Бархе аз онҳо маълуманд, ба бархи дигаре метавон ба осонӣ ишора кард, аммо ман дар ин ҷо бо зикри шартҳои асосӣ иктифо мекунам…

Шарти асосие, ки барои барқарории ҷумҳурии демократӣ ва ҳимоя аз он дар Иёлоти Муттаҳида мусоидат намуд, табиати минтақаест, ки аз тарафи амрикоиён маскун шудааст. Аҷдодашон ба онҳо муҳаббат ба озодиро ба мерос гузошта буданд, аммо Худованд низ онҳоро дар қитъаи бекаронае ҷойгир намуда, барояшон василае фароҳам овард, то ки озоду баробар бошанд. Шукуфоии умумӣ барои пойдории ҳамаи ҳукуматҳо созгор аст ва махсусан барои ҳукуматҳои демократӣ, ки аз иродаи аксарият, махсусан аз иродаи муҳтоҷтарин қисми ҷомеа вобаста мебошанд. Вақте ки инсонҳо идора мекунанд, бояд подоши муносибе ба даст оранд, дар акси ҳол онҳо ҳукуматро сарнагун месозанд ва фақр онҳоро ташвиқ ба ҳама гуна суистифодае мекунад, ки шоҳон ба он бар асари шуҳратпарастӣ даст мезананд. Сабабҳои моддӣ, ки сарфи назар аз қонунҳо ба шукуфоии умумӣ мусоидат мекунанд, дар Амрико аз ҳар гуна кишвари дигари ҷаҳон ва аз ҳар марҳалаи дигари таърихӣ бештаранд. Дар Иёлоти Муттаҳида на танҳо қонунгузорӣ, балки табиат низ ба орзую омоли инсонҳо мусоидат мекунад.

Дар кадом қисми таърихи инсоният метавон боз падидае монанди он, ки мо дар Амрикои Шимолӣ мушоҳида мекунем, пайдо кард? Ҷомеаҳои маъруфи даврони атиқа дар миёни қавмҳои душмане бунёдгузорӣ шудаанд, ки онҳоро мебоист мағлуб карда, дар макони онҳо шукуфоӣ ба даст овард. Ҳатто, муосирони мо ошкор намудаанд, ки дар бархе аз қисмҳои Амрикои Ҷанубӣ дар минтақаҳои бузург мардумоне маскун гардидаанд, ки дар сатҳи пасти тамаддун қарор дошта, сарфи назар аз ҳама чиз, ин қаламравро ишғол намудаанд ва машғул ба кишоварзӣ мебошанд. Барои бунёд кардани давлатҳои нав ба онҳо лозим омад, ки аҳолии зиёдеро нобуд ё тасхир намоянд ва онҳо тамаддунро водор намуданд, ки аз пешрафти худ хиҷолатманд шаванд. Амрикои Шимолӣ танҳо аз тарафи қабилаҳои бодиянишине маскун гардида буд, ки аз сарватҳои табиии замин фоида намеҷустанд; ин қаламрави бузург чун пештара моҳиятан минтақаи ишғолнашуда, замини биёбоние мебошад, ки дар интизори сокинон аст.

Дар Амрико ҳама чиз шигифтангез аст: чи шароити иҷтимоии сокинон ва чи қонунҳо; аммо замине, ки ҳамаи ин ниҳодҳо дар он эҷод шудаанд, аз ҳама чизҳои дигар шигифтангезтар мебошад. Вақте ки Офаридгор заминро ба инсон ато кард, он имконоти номаҳдуд дошт; аммо инсонҳо заифу ҷоҳил буданд ва замоне ки онҳо фоида ҷустанро аз сарватҳои заминӣ ёд гирифтанд, сатҳи онро пӯшонда буданд ва дере нагузашта ба онҳо лозим омад, ки бо шамшер маконе барои истироҳат ва озодӣ ба даст оранд. Маҳз дар ҳамин замон Амрикои Шимолӣ кашф шуд; гӯё ки Худованд ин сарзаминро барои эҳтиёт захира карда буд ва ҳамин ҳоло онро аз зери обҳои туфони азим берун овард.

Ин сарзамини бузург (қитъа), чун даврони аввалия, дорои рудҳое, ки аз сарчашмаҳои хушкнашаванда оғоз мешаванд, минтақаҳои сабзу руту-

батноки беодам, майдонҳои васеъ ва инчунин дорои заминҳое буд, ки хеҷ гоҳ шудгор нашудаанд. Ва дар ҳамин ҳолат ин сарзамин ба инсоне вогузор карда мешавад, ки чун аҷдоди пешинаш ваҳшӣ, ҷоҳил ва маҳдуд набуда, аз муҳимтарин асрори табиат огоҳ асту онҳоро бо ҳамқавмонаш бо ҳам мебинад ва бо таҷрибаи панҷоҳасра мусаллаҳ мебошад. Дар ин даврон сездаҳ миллион аврупоиёни мутамаддин дар саросари даштҳои ҳосилхез ба таври сулҳомез пароканда мешуданд, дар ҳоле ки аз захираҳо ва масоҳати ин даштҳо ҳанӯз иттилои комиле надоштанд. Се ё чаҳор ҳазор сарбоз пешопеши онҳо мавҷи оворагонро аз ҷумлаи мардумони бумӣ таъқиб менамуданду меронданд; аз паи ин сарбозон пешгомон (пионерҳо) меомаданд, ки аз миёни ҷангалзорҳо гузашта, ҳайвонҳои ваҳширо ром менамуданд, маҷрои дарёҳоро таҳқиқ намуда, барои ҳузури пирӯзмандонаи тамаддун дар даштҳо шароит фароҳам меоварданд.

Аксар вақт зимни ин таҳқиқ ман ба масъалаи таъсири мусбати шукуфоии моддӣ ба ниҳодҳои ин кишвар таъкид мекардам. Ин сабабро қабл аз ман низ бисёр касон дар миён гузоштаанд ва он дар зоти худ ягона, қобили фаҳм ва барои аврупоиён ошно мебошад. Ба ҳамин хотир аз ин бештар ба таҳқиқи ин мавзӯи равшан ва такроршаванда напардохта, танҳо аз ду далел ёдовар мешавам. Маъмулан чунин ақидаи нодуруст роиҷ аст, ки гӯё минтақаҳои биёбонии Амрико аз тарафи муҳоҷирони аврупоие маскун карда мешаванд, ки ҳамасола ба соҳилҳои Ҷаҳони Нав меоянд, дар ҳоле ки аҳолии амрикоӣ дар заминҳое афзоиш меёбанд, ки онҳоро аҷдодашон барои кишт омода сохтаанд. Муҳоҷири аврупоӣ одатан ба Амрико бе дуст ва бе василаи зиндагӣ меояд; ӯ маҷбур аст, ки барои хӯрок ба таври иҷора кор кунад ва хеле кам мешавад, ки ӯ аз минтақаи сукунати аҳолии заҳматкаш, ки наздик ба уқёнус аст, дуртар равад. Замини биёбонро бе сармоя ва бе дарёфти қарзи бонкӣ таҳқиқ кардан мумкин нест; бадан низ, пеш аз он, ки дар бунбасти ҷангалзор бо хатар рӯ ба рӯ гардад, бояд ба шароити сахти иқлими нав одат кунад. Ин худи амрикоиҳо ҳастанд, ки ҳамарӯза макони зисти худро тарк менамоянд, то ки минтақаҳои васеи сарзаминҳои дурро тасарруф намоянд. Ҳамин тавр, аврупоӣ манзили роҳати худро ба хотири соҳилҳои он тарафи уқёнуси Атлантик тарк менамояд, аммо амрикоӣ, ки дар ҳамин соҳил ба дунё омадааст, дар навбати худ ба даштҳои ваҳшии Амрикои Марказӣ сафар мекунад. Ин муҳоҷирати дугона доимӣ аст, он дар маркази Аврупо оғоз шуда, аз уқёнуси Атлантика мегузарад ва дар маконҳои беодами Ҷаҳони Нав идома меёбад. Миллионҳо нафар ҳамроҳ ба сӯи уфуқҳои ягона қадам мениҳанд; забон, дин ва урфу одатҳои онҳо гунгун, вале ҳадафашон ягона аст. Ба онҳо дар макone, ки дар Ғарб воқеъ аст, сарват ваъда кардаанд ва онҳо мераванд, то онро пайдо намоянд.

**Ҷаҳони нав** – номи Амрико

**Манбаъ:** De Toqueville, Alexis. Democracy in America. Translated by Henry Reeve. Online version. ASGR P, the American Studies Program, University of Virginia. URL : http://xroads. virginia.edu/~HYPER/DETO C/1_ch17.htm.



**САВОЛҲО БАРОИ МУҲОКИМА:**

1. Оё де Токвил дар назар дорад, ки амрикоиён дороитеъдоди муайяни арзишҳои хосе мебошанд, ки ба онҳо кумак мекунанд, то аз замин ба таври лозимӣ истофда баранд ва ҷумҳурии шукуфои демократӣ бунёд намоянд? Чӣ чизе мардуми Амрикоро дорои чунин сифати хос намудааст? Ҷавоби худро асоснок кунед.
2. Чӣ гуна табиат ва қаламрави кишвар ба ақидаи де Токвил ба амрикоиён кумак намудад, то роҳи рушди кишвари худро муайян созанд?
3. Шумо ба ақидаи де Токвил дар он хусус розӣ ҳастед, ки мардуми бумӣ аз сарватҳои табии замини кишвар фоидае ба даст наовaрданд? Оё Амрико, чуноне ки де Токвил мегӯяд, «замини биёбоние буд, ки дар интизори сокинон аст»? Ҷавобатонро асоснок кунед.

**САВОЛҲО БАРОИ ТАКРОР:**

1. Дракулич дар эссеи худ «Дар бораи сифати ранг дар деворҳои Аврупои шарқӣ» мегӯяд, ки фазои иҷтимоӣ дар даврони социализм ба давлат баробар дониста мешавад, ки он дар навбати худ, ба душман баробар тасаввур карда мешавад. Муносибат ба ҷойҳои чамъиятӣ дар мисоли муҳити зист дар Амрико чӣ гуна гуногун мешавад?
2. Лефевр мегӯяд, ки «фазои табиӣ», ки бо мақсади қонеъ намудани эҳтиёҷоти гурӯҳе дигаргун карда шудааст, аз тарафи ин гурӯҳ азхуд карда мешавад. Оё ин далел барои тавзеҳи сабабҳои эҷоди демократияи амрикоӣ, ки дар борааш де Токвил сухан меронад, мувофиқ аст?
3. Чӣ гуна тасаввури де Токвил дар бораи аврупоиён аз дарки «дигарон» дар матнҳои Клим, Калам ва дигарон, ки шумо дар боби сеюм бо онҳо ошно шудед, фарқ мекунад?
4. Ба фикри шумо тасаввури де Токвил роҷеъ ба халқҳое, ки то омадани аврупоиён дар қитъаи Амрикои Шимолӣ сукунат доштанд, чӣ муносибате бо баҳсҳо дар бораи ориентализм дорад?

# ФИЛИПП МАНСЕЛ
# КОНСТАНТИНОПОЛ

Филипп Мансел донандаи таърихи дарборҳо ва сулолаҳои ҳукумрон аст. Муаллифи тарҷумаи ҳоли Луи XVIII ва шоҳзода де Лин, инчунин китобҳои «Дарборҳои ҳукмронони Фаронса дар солҳои 1789-1830» ва «Султонон дар ҳоли азамат: солҳои охири Империяи Усмонӣ» мебошад. Ӯ узви Анҷумани шоҳии таърихнигорон (Британияи Кабир) ва муҳаррири хабарномаи Анҷуман доир ба омӯзиши дарборҳои ҳукмронон таҳти унвони «Таърихи дарборҳои ҳокимон» аст. Китоб бо унвони «Константинопол» роҷеъ ба таърихи ин шаҳр ва султонҳои сулолаи усмонӣ, ки дар ин шаҳр ҳукумат мекарданд қисса мекунад. Ба ақидаи Мансел равобити мутақобили хонадони ҳоким ва шаҳр мисли дигар ҷанбаҳои таърихи Истамбул муҳим мебошад.

Маркази шаҳр пуле дошт бо дарозии як километр, ки аз болои халиҷи **Шоҳи Заррин** мегузашт. Пул дар соли 1845 сохта шуда, тудаи серғавғои савдогарони хиёбонӣ ва ҳаммолонро аз масҷиди боҳашамат ва сокиту ороми Волида – Султон дар самти Константинопол ҷудо мекард. Зарбулмасали усмонӣ «Ҷаҳон ин пул аст»- ро каме тағйир дода, метавон гуфт, ки «Пул ин ҷаҳон аст». Рушди василаҳои иртиботӣ дар асри XIX ба он оварда расонд, ки шумори зиёди миллатҳо ба таври бесобиқа ба Константинопол ҷалб шуданд, ва ҳамаи онҳо аз болои пули Галата убур менамуданд. Барои сайёҳони японӣ он «пули даҳ ҳазор миллат» буд.

Юнониён бо пероҳанҳои сафеди доманкушод дар паҳлӯи курдҳо, ки нимтанҳои гулдузӣ доштанд ва арабҳо, ки абоҳои кулоҳдор ва **куфияҳо** доштанд қадам мезаданд. Албаниҳо бо шалворҳои сафед, ки миёнбандҳояшон аз таъсири вазни туфангчаҳо каме хамида буданд, ба лазҳо – мусулмонони гурҷитабор аз соҳилҳои Баҳри Сиёҳ, ки либосҳои тангу сиёҳ ба бар ва кулоҳҳои нуғтез ба сар доштанд, лимонад ё **буза** мефурӯхтанд. Ҳаммолон бо нимтанҳои қаҳваранг зери бори гарон дуқат шуда мегузаштанд (баъзан як ҳаммол метавонист пианино ва ё як арроба борро пуштбора намояд). Гадоёни нобино, вақте ки аврупоие либосҳои муди навтарин бар тан ё аробаи сафире бо пешхидмати либоси расмипуш аз наздашон мегузашт, косаҳои филизиашонро ба ҳаракат доровардa, «Аллоҳ! Аллоҳ!» гуфта, садо баланд менамуданд. Дар соли 1847 намуди афсарони сиёҳи усмонӣ, ки савори асп мерафтанд ва аз акибашон хидматгорони сафедпӯст қадам мезаданд, амрикоиҳоро хиҷолатзада мекард.

Либосҳои суннатии усмонӣ як чизи нодире гардиданд, онҳоро танҳо дар балҳои мудшуда ба бар мекарданд ва ё (мисли либоси кулҳаи яничарӣ) дар музеи Айтмайдон ба намоиш мегузоштанд (баъзе аз намунаҳои онро имрӯз ҳам метавон дар музеи Истамбул мушоҳида кард). Ҳукуматдорони усмонӣ либоси дӯхти ғарбӣ ба бар мекарданд ё баъзан стамбулин, яъне порчаи матоеро бар китф мегрифтанд, ки шабеҳи либоси рӯҳониёни даврони **Виктория** буд. Аммо туркҳои музофотӣ ва кӯҳнапараст абоҳои дароз бар тан ва салла бар сар мекарданд, ки бо нақшу нигоре аз гулҳо оро дода

**Шохи заррин –** халиҷест, ки қисмати нави Истамбулро аз бахши қадимии он ҷудо месозад

**Куфия** (аз арабӣ, «куфия») – сарбанди мардона, ки дар кишварҳои арабӣ маъруф буда, ҷузъе аз либоси миллии онҳо махсуб мешавад

**Буза –** навъе нӯшокии сабуки спиртӣ дар Империяи Усмонӣ

**Виктория –** Давраи ҳукмронии маликаи Британияи Кабир, Ирландия ва императори Ҳиндустон Виктория (1837 – 1901). Ба ин даврон тағйироти босуръате дар тамоми соҳахои ҳаёти ҷомеа, пешрафтҳои технологӣ ва демографӣ, дигаргуниҳо дар бахши фарҳангӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ хос аст

мешуд. Дар тафовут аз занони аврупой, ки бар сар кулоҳ мегузоштанд, занони усмонӣ дар сар руймолҳое бо рангҳои равшани сабзи себгуна, гулобӣ ва кабуд доштанд, ки онҳо таҳти таъсири салиқаҳои нуфузкунандаи аврупой ба рангҳои муътадилтаре, мисли тиллой, биринҷӣ ё арғувонӣ иваз шуданд. Таъсири иқтисодии Аврупо, новобаста аз ранг, чунон зиёд буд, ки пас аз соли 1850 тамоми ин чизҳо хориҷ аз кишвар истеҳсол мешуданд.



Пул равнақ ва суқути империя, тағйири соатҳо ва фаслҳои солро инъикос мекард. Ф. Марион Кроуфорд навиша буд: «Дар тамоми ҷаҳон, аз Сан Франсиско то Пекин, чизе мисли ин дурахшон, зинда, гуногунранг, аҷиб ва мафтункунанда нест. Нисфирӯзӣ он пур аз одам, аммо нимашаб холӣ буд. Дар даврони Ҷанги Қрим, дар солҳои 1854-1856, вақте ки Импреияи Усмонӣ, Фаронса ва Британияи Кабир бар зидди Россия дар набард буданд, пул пур аз сарбозони англис ва фаронсавӣ буд (ки онҳоро савдогарони хиёбонии шаҳр «Ҷони» ва «**ди донк**» меномиданд)». Нигоҳи сарде, ки онҳо аз аробаҳои худ ба занони мусулмон меандохтанд, бисёре аз хоҷасароҳои хидматгорро водор менамуданд, ки «кофир!» гуфта, садо диҳанд ва даст ба тозиёна баранд.

Черкасҳо, дар сар кулоҳҳо аз пӯсти барра, ки баландиашон баробар ба кулоҳҳои муҳофизон буд ва либосҳои танг ба бар, дар хиёбонҳои Истамбул аз пешрафти неруҳои низомии рус дар Кавказ гувоҳӣ медоданд ва ё майли худро ҷиҳати дар беҳтарин бозорҳо фурӯхтани духтарону хоҳаронашон нишон медоданд. Ихтирои киштии буғӣ боиси афзудани теъдоди зиёраткунандагоне гардид, ки аз шаҳр убур мекарданд. Дар мавсими ҳаҷ ба шаҳр форсҳо ва бухороиён, бо ҷомаҳои рангин меомаданд; онҳо ба Макка раҳсупор буданд. Қиссаҳои онҳо дар бораи муқовимат дар баробари ҳамлаи русҳо ба Осиёи миёна қаҳвахонаҳоро дар ҳолати ҳаяҷон нигоҳ медошт. **Тиккаи** чӯбини дарвешони узбек дар болои теппаи **Ускудар**, ки дар асри XVIII бунёд шуда буд, ҳам ба унвони қароргоҳи зоирон ва ҳам ба унвони сафорати Бухоро дар Константинопл хидмат мекард. Ҳар сол қабл аз фаро расидани Пасха дар роҳи сафарашон ба Байтулмуқаддас зоирони рус вориди шаҳр мешуданд; баъдтар, дар ҳамон аср, бо фармони Николаи II барои онҳо дар Галата меҳмонхонаи панҷошёна сохта шуд, ки гунбаде мисли бехпиёз дошт. Ҳаракт дар пули Галата Чунон зиёд буд, ки дар солҳои 1863 ва 1878 онро васеътар намуда, зери он як сисилсила фурӯшгоҳҳо ва тарабхонаҳо сохтанд; охирин маротиба онро дар соли 1912 бори дигар васеъ намуданд.

Тудаи мардум дар болои пул рамзи рӯҳияи ҳукмронии султон **Абдул – Маъҷид** буд. Ӯ май, занон ва ислоҳотро дуст медошт. Дар соли 1847 бозори ғуломфурӯшии шаҳр баста шуд, барои ҳамин ғуломонеро, ки шабона ба соҳилҳои баҳри **Мармар** меоварданд, дар манзилҳои шахсӣ, дар атрофи Тофайн ва **Сулаймонӣ** мефурӯхтанд. Фармони султон дар бораи ғуломдорӣ, ки дар соли 1851 ба таваҷҷуҳи мутарҷими британиягӣ, Фредерик Писани расонда шуд, дигаргуниҳои равшанеро дар дидгоҳҳои давлати усмонӣ инъикос мекард: «Ин барои одамони оқил амали бешармона ва ваҳшиёна аст, ки ҳамтоёни худро бихаранд ва бифурӯшанд. Ҳар чанд ки дар Туркия нисбат ба ҳар ҷои дигаре бо ғуломон рафтори беҳтар доранд, вале дар ҳар сурат баъзан бо онҳо рафтори ношоистаро раво медонанд. Оё мо ва ин махлуқҳои бечора дар назди Худованд баробар нестем?» Аммо

**Ди донк –**
Dis donc – фаронсавӣ. «Бигу, ки» «Эй ту»

**Гявур –**
номи таҳқиромез барои туркон дар байни ғайримусулмонон

**Тикка –**
қароргоҳи дарвешон

**Ускудар –**
минтақаест дар Истамбул

**Абдул-Маҷид**
(1823-1861) – султони усмонӣ

**Баҳри Мармар –**
баҳрест, ки бо гулӯгоҳҳои Босфор ва Дарданел маҳдуд шуда, байни Осиё ва Аврупо қарор дорад

**Тофэйн ва Сулаймонӣ –**
ноҳияҳое дар шаҳри Истамбул

ғуломдорӣ то рӯзҳои охири вуҷуди империя ҳамчунон боқӣ монд. Ва султон аз хариди канизон барои ҳарами худ сарфи назар накард, ҳарчанд ки барои онҳо озодиҳои фавкулоддае ато карда буд: чодарҳои ин занон дар шаҳр аз ҳама тунуктар буданд ва онҳо метавонистанд аз аробаҳои худ ё аз тирезаҳои қаср бо ҷавонон «бо зиндатарин наҳв» суҳбат дошта бошанд. Дӯстдоштаи султон, Сафиноз Хонум ошиқи махфии худро дар боғи императории Йилдиз, болои тепа дар қасри Кираган пинҳон карда буд. Вақте ки султон аз ин воқеа огоҳ шуд, ҳукми қатли он марди ошиқро содир накарданд ва ӯро ба шаҳри Бурса бадарға намуданд.



ТОФЕЭЙН ДАР БАНДАР

**Манбаъ:** Mansel, Philip. Constantinople: City of the World's Desire, 1453-1924. Harmondsworth: Penguin Books, 1997, pp. 262-264.

**САВОЛҲО БАРОИ МУҲОКИМА:**

1. Шумо зарбулмасали «Ҷаҳон ин пул аст»- ро, ки аз тарафи Мансел дар шакли «Пул ин ҷаҳон аст» баён гардида аст, чӣ гуна мефаҳмед? Чӣ гуна пули Галата дар Константинопол ба унвони макони мулоқоти шаҳрвандон хидмат мекард?
2. Чӣ гуна пул «равнақу суқут»- и империя ва таърихи Константинополро инъикос мекард? Аз назари шумо, чаро пул рӯзона ҳамеша пуродам буд?
3. Мансел чӣ гуна ба тасвири равшани гунгунрангии инсонҳое, ки мусофирону сокинони Константинопол дар миёнаи асри XIX мебошанд, муваффақ мешавад ?

**САВОЛҲО БАРОИ ТАКРОР:**

1. Фикри шумо чист, оё Хусрат – Хоҷа, ҳамон рӯҳонӣ аз китоби Иналчик, пули Галатаро макони гуноҳ медонист ва талаб мекрд, ки он низ, мисли қаҳвахонаҳо мамнуъ элон карда шавад?
2. Чӣ гуна тасвири ҷойҳои ҷамъиятӣ дар асарҳои Дракулич ва Мансел ба мо роҷеъ ба зиндагии намояндагони фарҳангҳои гуногун дар даврони мухталиф ҳикоят мекунанд?




Плакат барои романи маъруфи Джордж Оруэлл «1984»

# ҶОРҶ ОРУЭЛЛ
# 1984



Ҷорҷ Оруэлл (1903-1950; номи ҳақиқиаш Эрик Блер) дар Банголаи Ҳиндустон таваллуд шудааст. Ӯ донишомӯзи донишгоҳ нашуд ва чун имкони давом додани таҳсилро надошт, ба Бирма (Мянмаи кунунӣ) сафар намуда, аз соли 1922 то соли 1927 дар идораи политсияи Ҳиндустони империявӣ хидмат карда, бо сабаби нафрати рӯзафзунаш нисбат ба империализми Британия истеъфо дод. Дар даврони Ҷанги дуюми ҷаҳон Оруэлл дар қисмҳои низомии муҳофизони маҳаллӣ хидмат карда, ҳамзамон ба унвони рӯзноманигор фаъолият дошт. Наздик ба даврони охири ҷанг асари худ «Қалъаи ҳайвонот»- ро навишт, ки он як ҳаҷвияе нисбат ба инқилоби болшевикӣ дар Россия буд. Асари дигараш, ки ба ӯ шуҳрати ҷаҳонӣ овард романи «Ҳазору нуҳсаду ҳаштоду чаҳор» буда, онро Оруэлл бо мақсади «тағйир додани андешаҳои одамони дигар, дар хусуси ҷомеаи нав, ки бояд инсонҳо барои расидан ба он талош кунанд» таълиф кард. Порчае, ки дар зер оварда мешавад, ҷаҳони қаҳрамони асосии асарро тасвир месозад. Зимни хондани он шумо ба масъалаи тақсими фазо ба ду навъ – хусусӣ ва ҷамъиятӣ – таваҷҷуҳ намоед.

Рӯзи сарду мусаффои моҳи апрел буд ва соат занги ёздаҳро зад. Уинстон Смит барои аз сардӣ наҷот ёфтан манаҳашро ба синааш пахш карда, зуд дари шишагии хонаи истиқоматии «Пирӯзӣ»- ро боз намуда, ворид шуд, аммо ӯ аз паси худ тунбоди барфолудеро низ ба хона овард.

Дар даромадгоҳи васеъ бӯи карами пухта ва қолинчаҳои кӯҳна ба машом мерасид. Дар девори самти муқобили даромадгоҳ плакати рангае овезон буд, ки масоҳаташ барои чунин хона хеле калон ба назар мерасид. Дар он плакат як чеҳраи бузурги паҳноияш аз як метр зиёд, тасвир ёфта буд: чеҳраи инсоне, ки чиҳил ё панҷсола менамуд ва мӯйлабҳои ғафсу сиёҳе дошта, дағал, вале ба таври мардона ҷаззоб ба назар мерасид. Уинстон ба самти зинапоя роҳ гирифт. Ба лифт наздик шудан беҳуда буд. Он, ҳатто, дар беҳтарин давронҳо на ҳамеша кор мекард, ҳоло бошад, рӯзона баркро тамоман хомӯш мекунанд. Режими сарфаҷӯи амал мекарад, ба Ҳафтаи нафрат омодагӣ сурат мегирифт. Уинстон бояд ҳафт қабат қатори зинаҳоро тай мекард; ӯ чиҳил сол дошт, дар буҷулакҳои пояш захми варикоз мавҷуд буд; оҳиста аз зинаҳо боло баромада, чанд бор истод, то нафас рост кунад. Дар ҳар майдончаи байни қатори навбатии зинаҳо ҳамон чеҳра аз девор ба ӯ менигарист. Портрертро навъе сохта буданд, ки дар ҳар ҷое, ки меистодӣ, чашмҳо туро раҳо намекарданд. «Бародари бузуруг ба ту нигоҳ мекард» – буд дар навиштаҷоти он.

Дар ҳуҷра овози марғуладоре роҷеъ ба истеҳсоли оҳан хабар медод ва рақамҳои марбутаро мехонд. Садо аз лавҳаи филизии дарозрӯяе меомад, ки дар девори тарафи рост часпонда шуда, оинаи тирашударо ба хотир меовард. Уинстон гӯшаки он лавҳаро тоб дод, садо пасттар шуд, аммо суханҳо чун пештара дақиқу бурро буданд. Садои ин дастгоҳро (он телеэкран ном дошт) пасттар кардан мешуд, аммо пурра хомӯш намуда-

ни он, номумкин буд. Уинстон ба назди тиреза рафт; ӯ, ки қомати баланд надошт, дар либоси кабуди расмии узви ҳизб, лоғартару заифтар ба назар мерасид. Муйҳояш комилан маллаNone буда, чеҳраи гулобирангаш бар асари истифода аз собуни сифатан паст, теғҳои ришгирии кунд ва сардии зимистон, ки ҳоло поён ёфта буд, пуст зада буд.

Олами берун, дар паси тирезаҳои баста нафаси сард мекашид. Бод гарду ғубор ва пораҳои қоғазро дар ҳаво тоб медод ва гарчанде ки офтоб намоён ва осмон кабуди равшан буд, ҳама чиз, ба ғайр аз плакатҳои дар ҳар ҷои шаҳр часпондашуда, беранг меамуд. Аз ҳар кунҷе чеҳраи ҳамон марди мӯйлабсиёҳ нигоҳ мекард. Аз хонаи самти муқобил низ ҳамон навиштаҷот, – «Бародари бузург ба ту нигоҳ мекард», – мегуфт, ва чашмони сиёҳ ба рӯи Уинстон дӯхта шуда буданд. Дар поён дар болои роҳрав як плакате бо кунҷҳои дарида ягона калима, АСОТС «ангсотс»- ро гоҳ пинҳон ва гоҳҳо намоён мекард. Дуртар аз миёни бомҳо чархболе парида гузашт ва лаҳзае мисли магаси рӯи мурда, таваққуф намуда, сипас бо хатти каҷе ҳаракат карда, аз назар ғоиб шуд. Ин пулиси посбон буд, ки аз тиреза ба хонаи мардум менигарист. Аммо посбоноҳо муҳим набуданд. Танҳо пулиси андеша муҳим буд.

Дар пушти сари Уинстон садо аз экрани телевизор ҳанӯз дар бораи гудохтани оҳан ва барзиёд иҷро гардидани нақшаи сесолаи нуҳум ҳарф мезад. Он экрани телевизион мавҷро ҳам қабул мекард ва ҳам онро интиқол медод. Ӯ ҳар калимаро, агар он бо садои хеле паст талаффуз нагардад, ба худ қабул мекард; гузашта аз он, то даме ки Уинстон дар майдони диди ин лавҳаи тираранг қарор дошт, ӯро на танҳо медиданд, балки садояшро низ мешуниданд. Албатта, кассе намедонист, ки дар ин лаҳза аз қафои ӯ назорат мекунанд ё не. Кадом вақт, то чи андоза ва ё тибқи кадом як ҷадвале пулиси андеша ба кабели ту пайваст мешавад, – ин чизе буд, ки онро метавон танҳо тахмин кард. Аз имкон дур нест, ки аз қафои ҳар нафар дар давоми тамоми шабонарӯз назорат мекарданд. Ба ҳар ҳол метавонистанд кадом лаҳзае, ки хоҳанд, васл шаванд. Лозим меомад, ки зиндагӣ намоӣ ва ту зиндагӣ мекардӣ, тибқи одате, ки он ба ғариза мубаддал шуда буд, бо дарки он ки ба ҳар сухани ту гӯш медиҳанд ва ҳар як ҳаракати ту, то даме ки чароғ хомӯш нашудааст, зери назорат аст.

Уинстон пушт ба тарфи телеэкран гардонда истод. Ин тавр бехавфтар менамояд, ҳар чанд ӯ медонист, ки пушташ низ шинохта аст. Як километр дуртар аз тирезаи ӯ, дар баландии ин шаҳри ифлос бинои бузургу сафеди вазорати ҳақиқат, ҷои кори ӯ, қомат афрохта буд. Ана он, бо нафрати номафҳуме фикр кард Уинстон, ана он, Лондон, шаҳри асосии Майдони парвоз, сеюмин шаҳри Океания аз лиҳози шумораи аҳолӣ. Ӯ ба хотироти даврони кӯдакӣ руй овард, саъй кард ба хотир биёрад, ки оё Лондон ҳамеша чунин буд? Оё ҳамеша қатори хонаҳои фарсудаи қарни XIX бо такяҳои чӯбин, бо тирезаҳои бо картон дарбеҳшуда, бомҳои аз пораҳои ҷудогона сохташуда, деворҳои калавандаи атрофи ҳавлиҳо вуҷуд дошт? Ё ин ҷойҳои бар асари бомбаборон намудан, ки аз он гарди гач ба ҳаво бармехезад, ва алафҳои бегона аз миёни харобазор сабзидаанд ва майдончаҳои бузург, ки дар он ҷо бомбаҳо барои сохтани кулбаҳои вайронаи замбуруғшакл ва монанд ба мурғхонахо ҷой холӣ намудаанд? Аммо ин кӯшиши беҳӯда буд, ӯ натавонист чизеро ба ёд биорад, аз замони кӯдакиаш чизе

боқӣ намонда буд, ба истиснои саҳнаҳои пароканда, равшану якнавохт ва аксаран бемаънӣ.

Вазорати ҳақиқат – ба забони **новояз**: **вазҳақ** – аз тамоми чизҳое, ки дар атроф ба назар мерасид, хеле фарқ мекард. Ин бинои бузургу аҳромшакле буд бо деворҳои бетонии ҷилодор; он зина ба зина, то баландии сесад метр қад меафрохт. Аз тирезаи хонаи худ Уинстон тавонист дар пешдевори сафед се шиори ҳизбиро бихонад, ки бо ҳарфҳои зебо навишта шуда буданд: «Ҷанг ин сулҳ аст»; «Озодиин ғуломӣ аст»; «Нодонӣ неру аст»

**Новояз –** тибқи тахайюли нависанда, забони мардуми Океания

**вазҳақ –** Ин ҷо ба тоҷикӣ шакли ихтисоршудаи иборои «вазорати ҳақиқат» аст

**Манбаъ:** Оруэлл, Джордж. 1984 г. / Пер. с англ. В.Голышева. – М.: Прогресс, 1989. С.22-24.

**САВОЛҲО БАРОИ МУҲОКИМА:**

1. Уинстон дар куҷо зиндагӣ мекунад? Магар танҳо буд?
2. Чеҳраи мӯйлабдор нишонаи чист? Чаро он дар ҳама ҷо ба назар мерасад: дар майдончаи миёни зинаҳо, дар ҳуҷра, дар плакатҳои хиёбонҳо?
3. Амалкардаи телеэкран аз чӣ иборат аст? Аз он ки телеэкран дар хонааш ҷойгир шудааст, Уинстон чӣ эҳсосоте дорад?
4. Ба андешаи шумо «вазорати ҳақиқат», «пулиси андеша» ва «Бародари бузург ба ту нигоҳ мекунад» чӣ маънӣ доранд?
5. Чаро «пулиси андеша» мехоҳад ба кабели ту пайваст шавад? Оё Уинстон аз он ки дар хонаи худаш танҳост, лаззат мебарад?

**САВОЛҲО БАРОИ ТАКРОР:**

1. Дракулич дар китоби худ мегӯяд, ки дар замони сотсиализм, дар Аврупои Шарқӣ «фазои ҷамъиятӣ берун аз маҳдудаи хонаи мо шурӯъ мешавад». Ин фазо дар ҷаҳони Уинстон дар куҷо шурӯъ мешавад?
2. Агар бо ибораи Лефевр бигӯем, оё давлат дар манзили Уинстон бартарӣ ҳосил намуд?

## САВОЛҲО БАРОИ ТАҲЛИЛ:

1. Марз миёни фазои хусусӣ ва ҷамъиятӣ аз куҷо мегузарад? Дарки мо аз фазои хусусӣ ва муносибати мо ба он бояд чӣ гуна фарқ кунад? Оё умуман зарур аст, ки онҳо фарқ дошта бошанд? Ҷавобатонро асоснок кунед.
2. Чӣ гуна Лефевр метавонад муҳим будани далели Токвилро дар бораи нирумандии мардуми Амрико ночиз нишон диҳад? Ба ин масъала аз нуқтаи назари фазои ишғолшуда, ки ба мафҳуми фазои азхудшуда мухолиф аст, нигоҳ кунед.
3. Ба андешаи шумо, Дракулич нисбат ба фазои ҷамъиятие, ки дар романи Оруэлл «1984» тасвир шудааст, чӣ гуна метавонист вокуниш нишон диҳад?
4. Дракулич дар бораи ҷойҳои ҷамъиятӣ мегӯяд, ки онҳо ба «лавҳаи эълонҳо шабоҳат доранд, ки он пур аз иттилоот дар бораи шуури нохудогоҳи миллат аст». Оё шумо чунин мешуморед, ки пули К, ки онро Мансел тасвир намудааст, ба мафҳуми Славенка Дракулич дар бораи фазои чамъиятӣ мутобиқат дорад? Мавқеиятҳои Мансел ва Дракулич роҷеъ ба дарки фазои ҷамъиятӣ чӣ шабоҳат ва тафовутҳое доранд?

# БОББИ VI
# ТАФСИРИ ТАЪРИХ

## САРСУХАН

Дар боби шашум мо ба мавзӯи ташреҳи таърих рӯ меорем. Ба хонанда лозим меояд масъалаи мубрам – мавҷуд будани тараққиётро (прогресс) дар таърихи башарият баррасӣ намояд. Оё ба инсонҳо дар раванди таърих муяссар гардид, то ки ҷомеаеро эъмор намоянд, ки бо мурури замон сарватманд ва осудаҳол гарданд ва баръакс ё мо доим дар ҳолати таназзул қарор дорем. Имкони вуҷуди ҷогузини сеюмиро ба назар гирифта оё мо байни ин ду ақидаи ифротӣ, дар доираи пасту баландиҳо ҳаракат дорем?

Бархе аз афрод иброз доранд, ки комёбӣ дар илм ва технология ифодагари тараққиётаст, ҳол он ки дигарон бар он ақидаанд, ки баъзе аз ҷомеаҳои "баркамол" ҷиноятҳои ниҳоят даҳшатнокро содир менамуданд. Чӣ гуна рушди тамаддун ба тараққиёт ё суст шудани ҷомеаи мо мусоидат намуданд? Хонанда бояд доир ба меъёрҳои ҷомеаҳои "пешрав" ҳаматарафа фикр кунад, оиди он мулоҳиза намояд, ки оё ҳаводиси мубрами таърихи башар ба ташреҳи мутараққӣ ишорат мекунад.

Омӯзиши таърих кори саҳл набуда, танҳо аз ҳифз намудани омилҳои таърихӣ, ба мисли сана, ном ва макон иборат нест. Мо ин омилҳоро ҳамчун олот барои ташреҳи беҳтари ҳаводиси муҳими таърихӣ истифода намуда, умед аз он мекунем, то тавонем аз иштибоҳҳои худ сабақ гирем ва ба ин васила тавонем эҷоди ояндаи беҳтари худро таҳти назорат қарор диҳем. Дар саъйи эъмори ҷомеаҳои баркамол хонанда бояд он нақшеро, ки маориф, санъат ва илм, ақл ва дин дар рушду инкишофи он мебозанд, ба эътибор гирад.

Баҳри кӯмак дар роҳи пиёда намудани андешаҳо ва мавқеи шуморо ба тарзи возеҳу қотеъ арзёбӣ намудан, фасли VI, боби "Рушди малакаҳои интиқодӣ" машқҳо доир ба навиштани очеркҳои бурҳонӣ ва инкишофи ҳукмҳои тасдиқиро фаро мегирад. Он инчунин фасли оид ба плагиатро дар бар мегирад, ки аз он шумо ҳатман дурӣ меҷӯед.



**РИСОЛАИ «БАРОДАРОНИ ПОК» (ИХВОНУССАФО) –** дастхати арабии асри XII

# АЗИЗ ИСМОИЛ
# ЧАРО МАҲЗ ТАЪРИХ?



Доктор Азиз Исмоил файласуф ва мутафаккири маъруф буда, алъон дар Британияи Кабир ба сар мебарад. Доктор Исмоил, аслан, таҳсилкардаи бахши фалсафа, адабиёт ва дин буда, дар донишгоҳҳои мухталифи Амрико ва Донишгоҳи Найробии Кения лексияҳо мехонд ва пажӯҳишҳо мегузаронд. Ӯ, ҳамчунин, ба ҳайси декан ва раиси Институти пажӯҳиши исмоилия кор кардааст. Вай бо Кумитаи тафаккури иҷтимоии Донишгоҳи Чикаго, инчунин бо Маркази омӯзиши динҳои ҷаҳонӣ дар Донишгоҳи Ҳарвард ва Мактаби таҳсилоти олии таълимӣ ҳамкорӣ дошт. Доктор Исмоил, аз ҷумла мушовири шуъбаи гуманитарии Бунёди Рокфеллер буд. Ба ҷуз аз мақолаҳои нашршудааш дар маҷаллаҳо, ба қатори асарҳои ӯ «Поэтикаи таҷрибаи динӣ: Контексти исломӣ» ва «Бӯи сандалӣ: Матнҳои динии ҳинду-исмоилӣ» дохил мешаванд.

## МУҚАДДИМА

Аз ҳамаи фанҳое, ки дар донишгоҳҳои мо таълим дода мешаванд, таърих нисбатан камтар фаҳмидашуда мемонад. Моҳ ба моҳ шумо мушоҳида мекунед, ки чи гуна селаи китобҳои дарсии таърих – бисёрҷилда ва арзон – бозорро пур мекунанд. Бар замми ин, фанни мазкур, чи миёни зиёиён ва чи миёни мардуми одӣ, ба қадри кофӣ ба гумон, ки дарк шуда бошад. Ин махсусан тааҷҷубовар аст, зеро омӯзиши таърих як шуғли хеле қадимист. Аммо маҳз кадимӣ будани он ниҳояти камарзиш ва нофаҳмии он гардидааст. Ин номувофиқатӣ ва номутаносибӣ бо роҳҳои гуногун зоҳир мегардад. Баъзе одамон нисбат ба таърихшиносони касбӣ таҳаммулпазиранд. Зумрае дигар дар назди онҳо ҳамчун одамони дорои "хотираи фавқулода" сари таъзим фуруд меоранд. Дар ин мақола баррасии табиати таърих ва истифодаи онро пешниҳод мекунам. Ҳамин тариқ, ман кӯшиш мекунам, ки ба ду саволи муҳим ҷавоб диҳам. Таърих чист? Инчунин, омӯзиши таърих ба ин ё он гурӯҳи муайяни одамон дар ҳар лаҳзаи вақт чӣ манфиат оварда метавонад? Мисолҳо, пеш аз ҳама, аз таърихи ислом оварда мешаванд. Дар охир чанд мулоҳизаи умумӣ дар бораи он ки чаро омӯзиши таърих дар замони ҳозира дар ҷомеаи мо мавқеи хос дорад, баён мекунам.

## ҶАНБАҲОИ ТАЪРИХ

Аввалан, ин табиати таърих аст. Таърих чист? Ҷавобе, ки мо ба ин савол медиҳем, ҳамчун шарҳ хидмат хоҳад кард ва он аз рӯи маъное, ки мо ба таърихи зиндагии худ маънӣ медиҳем, муайян мешавад. Ин, дар навбати худ, тамоми он ақидаҳои умумифалсафие, ки ҳаёти моро танзим мекунанд, равшан месозад. Айни ҳол ҷавоби бисёриҳо ба ин савол чунин аст: «Таърих – ин омӯзиши «далелҳо дар бораи гузашта» аст». Ва бояд гуфт, ки

аксарият ин ҷавоброро ҷиддӣ қабул хоҳанд кард. Ҳоло бигзоред фаҳмонам, ки феълан барои ман ва бисёриҳое, ки метавонанд каме андеша кунанд, чунин таъриф ва муайянсозӣ нодуруст, номувофиқ ва гумроҳкунанда аст. Он дорои ду тасаввуроти нодуруст мебошад. Онҳо мутаносибан бо ду истилоҳ, "далелҳо" ва "гузашта" алоқамананд. Ҳардуи ин мафҳум моро ба гумроҳӣ мебаранд ва аз ин рӯ, ҳар яки онҳоро банавбат баррасӣ хоҳам кард.



### ОҒОЗИ ИСЛОМ: НАМУНА

Қаблан, дар бораи мафҳуми "далел" андеша мекунем. Барои шахсе, ки дар назар дорам (фаҳмиши таърихии нафареро, ки интиқод мекунам) "далелҳо"-и таърихӣ мафҳумҳои ҳамон тартибанд, ки масалан, вақте мегӯянд: нафаре ин қадар сол дораду ҷанобе президенти фалон кишвар аст; танҳо тафовут дар он аст, ки далелҳои таърихӣ ба гузашта ишора мешаванд, на ба имрӯз. Ин мардум чуноне ки як муаррихи инглис нуктасанҷона гуфтааст, ба воқеиятҳои таърихӣ чун «моҳӣ дар рафи моҳифурӯш» менигаранд. Бадон маънӣ, ки ишон ба рӯйдодҳои таърихӣ баҳои зоҳирӣ медиҳанд. Яъне, моҳиҳо дар раф бо тартиб гузошта шудаанд, дар назари ома ҳастанд, онҳоро метавон ҳисоб кард; аён аст, ки чӣ гунаанд ва танҳо бояд онҳоро интихоб карду халос. Вале боиси таъкид аст, ки далелҳои таърихӣ аз он ки мо мепиндорем, аксар вақт хеле мураккаб, норавшан ва номуайянанд. Гузашта аз ин, бояд гуфт, ки ҳар қадар китобҳои таърихиро зиёд мутолиа кунед, ҳамон қадар дарк мекунед, ки ҳар муаррих ҳангоми навиштани ҳамон воқеа ё ҳодиса далелҳои гуногун меоварад. Зеро як муаррих нисбат ба дигараш бештар ё камтар далелҳоро медонад ва дар баробари ин, онҳо ба далелҳои гуногун маъноҳои гуногун медиҳанд. Охир, муаррих бисёр маврид бо селаи далелҳо дучор мешавад. Аз ин лиҳоз, таърихнигор баҳри кӯтоҳбаёнӣ ва ё бо ягон сабабе баъзе санадҳоро сарфи назар мекунад. Дар ин росто, тавзеҳи ғаразноки ӯ ба раванди интихоби далелҳо ногузир таъсир мерасонад. Намунаи хеле ҷолиби инро метавон дар таърихи Паёмбари ислом (с) пайдо кард.

Маълум аст, ки рисолати Паёмбари акрам (с) дар Макка оғоз гардид. Чаро дини нав на танҳо мавқеи қабилаҳои бутпарастро танг, балки онҳоро аз байн бурд? Бешубҳа, посух ба ин савол барои муаррихон, ки мехоҳанд аз пайдоиш ва рушду инкишофи ислом бохабар бошанд, хеле муҳим аст. Бархе аз муаррихон ба ин назаранд, ки эътиқоди қадимӣ дигар ба ниёзҳои маънавии қабилаҳои бодиянишин ҷавобгӯ набуд. Онҳо ба дине ниёз доштанд, ки барояшон илҳоми тоза ва ахлоқи навро диҳад ва маҳз Ислом ба онҳо чунин маънӣ ва ҳадафҳоро бахшид. Ба ақидаи муаррихони дигар бошад, сабаби болоравии нуфузи дини ислом арҷгузории он ба маросим ва анъанаҳои миллати араб, ки дар шеъри пешазисломӣ ба мушоҳида мерасад, ба ҳисоб меравад. Ва боиси тазаккур аст, ки ин ашъори ватандӯстона дар он замон чун ҷавоб ба ҳамлаҳои пайдарпайи аҷнабиён ба арабҳо эҷод шуда буданд.

Муҳаққиқи муосири ислом Монтгомери Уотт як ҷанбаи дигари ин вазъиятро таъкид мекунад. Ӯ зикр мекунад, ки дар Маккаи пеш аз ислом савдои

корвонӣ роиҷ буд, ки дар натиҷаи он синфи нави тоҷирон ташаккул ёфт. Ин як гурӯҳи тамоман нави иҷтимоӣ буд, ки аз бодиянишинон ҷудо буд. Тиҷорат ба афзоиши индивидуализм мусоидат мекунад ва ба гуфти Уотт, дар муҳити тоҷирони Макка тарзи зиндагии индувидуалӣ ҳарчи бештар мустаҳкамтар мешавад, ки тазодро дар ростои этикаи анъанавии қабилавӣ, ки ба дастгирии якдигар ва ҳамраъйии гурӯҳӣ тамаркуз дошт, ба вуҷуд овард. Тавре мебинед, чунин тафсирҳои гуногун метавонанд ба тамаркуз ва интихоби далелҳои гуногун оваранд. Барои муаррихе, ки тантанаи дини навро натиҷаи харобшавии шаклҳои пешинаи ибодати динӣ мешуморид, ба далелҳои эътиқодоти тоисломӣ ва бахусус, ба ҳар гуна ишораи норозӣ ба ин эътиқодҳо дар байни арабҳо таваҷҷуҳ кардан бамаврид аст. Муаррихи дигаре, ки майли бештарро ба таваҷҷуҳ додан ба шуури араб чун ҷузъи асосии ислом дорад, табиист, ки эҳсоси ифтихореро, ки дар ашъори тоисломӣ садо медод, таъкид хоҳад кард. Ҳамчунин, ба он таваҷҷуҳ мекунад, ки ба Арабистон борҳо румиҳо, форсҳо ва қӯшунҳои шоҳигарии Аксум ҳуҷум кардаанд. Гузашта аз ин, вай тамоюли аҳамият доданро ба мулкҳои мустақили арабҳо, аз қабили шоҳигариҳои Ал-Анбот ва Тадмур (Палмира), ки ба гуфтаи ӯ, дар байни арабҳо хеле пеш аз замони ислом хоҳиши ба даст овардани истиқлолиятро доштанд ва барои онҳо, ки ислом ибтидои тараққиёт шуд, пайдо мекунад. Аз тарафи дигар, мо мебинем, ки Монтгомери Уоттро, бахусус он далел ба тааҷҷуб меовард, ки қисми аввали хутбаи Паёмбар Муҳаммад (с) аз истинодҳои такрорӣ ба ахлоқи оммавӣ, аз қабили ростқавлӣ дар тиҷорат, ба қавл вафо кардан, рафоқат ва бародарӣ ва ғайра иборат буд. Далели он, ки дар Қуръон такрори арзишҳои дар сурудҳои маккавӣ буда, омадааст, барои Монтгомери Уотт як далели таърихист, ки барои тақвияти тезиси ӯ маҳз доир ба авҷ гирифтани индивидуализми тиҷоратӣ дар Макка, ки омили муҳими болоравии нуфузи ислом буд, хидмат мекунад. Ҳамин тариқ, муаррихони гуногун далелҳои ягона ва ҷудогона ё мухталифро интихоб намекунанд, на барои он ки лаёқати онҳо дар интихоби далелҳо аз ҳам фарқ мекунанд, балки, барои он ки тафсирашон гуногун аст.

**Шоҳигарии Аксумут** – давати бостонии Ҳабашистон, ки дар асрҳои I-X дар сарзамини Ҳабашистони муосир, Эритрея, Судон, Яман ва ҷануби Арабистони Саудӣ арзи вуҷуд намудааст.

**Монтгомери, Вотт** (1909-2006) – исломшиноси британиёӣ, таърихчӣ-шарқшинос, арабист, муаллифи асарҳои сершумор дар бораи таърих, фалсафа ва фарҳанги ислом

## ИСТИЛОИ ИСЛОМ: МИСОЛИ ДИГАР

Ташреҳ як ҷузъи зарурӣ ва ногузири тамоми нигоштаҳо доир ба таърих мебошад. Муҳим он аст, ки ҳама дарк кунанд, ки таърих аз далелҳо ва ташреҳ иборат аст (далелҳо, тавре ки мо дидем, селексия шуда, барои дастгирии ин ё он тафсир интихоб мешаванд). Ба фарзи мисол, нақши як ташреҳро рӯшан мекунем. Дар бахши исломшиносӣ як падидаи вижае, ки ҳамеша муаррихонро ба ташвиш овардааст, ин суръат ва миқё-

си аввалин истилои сарзаминҳо мебошад. Тули даҳсолаҳо пас аз марги Паёмбар Муҳаммад (а) арабҳо, ки то зуҳури Расули акрам (с) дигарон аз онҳо ҳамчун бодиянишинҳои ғоратгар дурӣ меҷустанд, заминҳои ниҳоят фарохро, ки қаблан таҳти тасарруфи Византия ва Форс қарор доштанд, забт намуданд. Онҳо ба зудӣ Фаластин, Сурия ва Мисрро ба итоати худ дароварда, вилоятҳои Ироқ ва баъдтар Хуросонро аз салтанати пурқудрати Форс (Сосониён) гирифтанд. Ҳамин тариқ, ду салтанати бузург дар назди онҳо ба зону заданд. Ин ҳодисаҳои ногаҳонӣ чӣ гуна ба амал омаданд? Чӣ боиси ин гуна истилогариҳои фавқулода шуд? Ба ин рӯйдодҳои азим чӣ мусоидат намуд?

Муаррихон ҷавобҳои гуногун медиҳанд. Яке аз ташреҳот ҳамчун далел танҳо унсури диниро мисол меоварад. Чунин таъкид мешавад, ки хусусияти асосии барҷастатарини истилогариҳо ангезаи динӣ буд. Қуръон муъминонро даъват мекард, ки барои паҳн намудани динашон саъй кунанд ва арабҳо ба ин амр итоат намуда, барои иҷрои он шуруъ карданд. Таърихнигорони дигар бар ин назаранд, ки забткориҳо бештар идомаи тарзи зиндагии маъмулии онҳо буд. Ба андешаи онҳо, бодиянишинҳо аксар вақт дар ҷустуҷӯи сайд заминҳои дигарро тасарруф менамуданд. Онҳо таъкид месозанд, ки ин тохтутозҳо ба хотири тасарруф намудан, аммо дар миқёси васеътар зери ливои дини нав буд. Як идда муаррихон бештар ба таъкиди он майл доранд, ки ташвишҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии Арабистон дар арафаи истилоҳо, ки боиси хуруҷи мусулмонон аз нимҷазира ба сарзаминҳое, ки қаблан давлатҳои бузург онҳоро ишғол намудаанд, гардид. Тавзеҳоти дигаре то андозае фарогиртар буданд. Ҳамин тариқ, муаррихон таваҷҷуҳро ба он ҷалб карданд, ки давлатҳои бузурге чун салтанати Рум (Византия) дар ғарб ва салтанати Форс (Сосониён) дар шарқ, ки аз ҷониби арабҳо тасарруф шуданд, сабабаш ин буд, ки дар натиҷаи ҷангҳои тулонӣ ин давлатҳо заиф шуда, аз тарафи дигар андозбандии аз ҳад зиёд ва таъқиботи динӣ мардуми одиро ба ошӯб бархезонд; арабҳо аз неруи эътиқоди нави худ илҳом гирифта, ба ин абарқудартҳо зарбаи марговар заданд. Ҳамин тариқ, мо тафсирҳои муҳими фарқкунанда дорем, ки пайомадҳои муҳими ҳаётӣ доранд. Тамоми таърих, аслан, аз машқҳои барои тафсири ин ё он амали одамон иборат аст. Аммо, тафсир на танҳо як нуқтаи назари субъективӣ, балки бештар аз ин аст. Муаррихи ҳирфавӣ андешаҳои худро дар холигоҳ ташаккул намедиҳад. Ин доварӣ ҳамеша сохтани далелро қадам ба қадам дар бар мегирад. Муаррих, мисли қозии парванда, барои ҳукм бароварданаш, бояд санадҳои дар ихтиёраш бударо ба тартиб оварад, ки ин вазифа аз ӯ ҳам ҷиддият, ҳам фаросатро талаб мекунад. Меъёри эътимоднокӣ дар таърих бо он, ки чи гуна муаррих ба далелҳо истинод карда ва чи гуна ӯ барои тасдиқи кори худ аз онҳо истифода мебарад, муайян карда мешавад. Ҳатто, ин ҷо ҳам ҳудудҳо вуҷуд доранд, зеро метавонад як тафсир вуҷуд дошта бошад, вале раванди таҳқиқот ва тасмимҳои таърихӣ ҳеҷ гоҳ хотима намеёбанд.

## ТАЪСИРИ ЗАМОНИ ҲОЗИРА

Ин моро мустақиман ба фарзияи дувум меорад, ки ман онро дар ибтидо ҳамчун гумроҳкунӣ муайян кардам, яъне, дар омӯзиши таърих танҳо гузашта мувофиқ ва муҳим аст. Равшан аст, ки агар тафсир ҷанбаи муҳими таърих бошад, пас он ногузир зери таъсири вазъияти замони зиндагие, ки худи муаррих онро аз сар гузарондааст, мемонад. Муаррих маҳсули замони худ аст ва пайдост, ки андешаронии ӯ, чун дигарон, зери таъсири вазъи иҷтимоӣ ва маънавию маърифатии замонаш мебошад. Назари муғризона дар бораи он ки, чи барои мо муҳим асту чи не, таносуби шахсу ҷомеа ва ба ҳамин монанд мавзуъҳо кори муаррихро асоснок карда, ранг медиҳад. Боз ҳам, агар муаррих поквиҷдон ва нисбат ба хеш сахтгир бошад, ба қадри имкон кӯшиш мекунад, то ҳар гуна ғарази зиёдатиро, ки дар асараш пайдо мекунад, аз байн барад. Бо вуҷуди ин, танҳо аз он сабаб, ки дарки мо дар бораи ҳозира бо мероси гузаштаамон вобаста аст, мо гузаштаро бо назардошти таҷрибаи ҳозираамон дарк мекунем. Боз ба таърихи ислом рӯ оварда, баррасии баъзе ақидаҳои бузургтарин муаррихи ислом Ибни Халдун, ки дар асри XIV милодӣ зиндагӣ кардааст, ҷолиб мебошад. Ба фикри ӯ, тамаддун натиҷаи муттаҳидаи гурӯҳҳо мебошад ва вақте ки он ба ин васила пойдор мешавад, ногузир рӯ ба таназзул меорад. Ҳамин тариқ, ӯ ба консепсияи давравии таърих пайравӣ мекард. Ин ҷо қобили зикр аст, ки дар замони Ибни Халдун салтанати воҳиди исломӣ аллакай пароканда шуда буд. Шуруъ аз IX ва баъдан, дар қисматҳои гуногуни салтанат аморатҳои мустақил ба вуҷуд омада, ҳокимияти марказиро дар Бағдод суст карданд. Ҳуҷуми муғулҳо дар асри XIII дар дили мусулмонон доғи хунин гузошт. Ибни Халдун худ замони хизматаш дар дарбори мамлукҳо шоҳиди шикасти султони мамлуки Фараж аз тарафи туркҳо гардид. Фарз кардан бамаврид аст, ки консепсияи даврагии Ибни Халдун дар бораи таърих, бештар аз хотира ва таҷрибаҳои таназзул ва шикаст, ки мусулмонони он замон бо он хуб огоҳанд, асос ёфтааст.

Муроҷиат ба таърихи аврупоии давраи муосир, таъсири вазнини ҳамон замонро ба муаррих дар асараш аён месозад. То чанде пеш Англия дар маркази диққати муаррихони англис буд. Умуман, қисми зиёди муаррихони англис танҳо ба Аврупо таваҷҷуҳ доштанд. Ба дигар қисмати ҷаҳон, хусусан кишварҳои Осиё ва Африқо, танҳо мавриде таваҷҷуҳ зоҳир мешуд, ки агар воқеаҳои он ҷо воқеаҳои Аврупоро инъикос кунанд ё бо он алоқаманд бошанд. Чунин буд натиҷаи табиии замони империализм. Зеро дар давраи экспансияи мустамликадорӣ Аврупо, махсусан, ба ҳукмронии ҷаҳонӣ майл дошт ва аз ин ҷо чунин фарзияе ба миён омад, ки гуё ҷаҳони боқимонда таърихи алоҳидаи худро надорад. Дар натиҷа, муаррихони ан-

глис ба ин кишварҳо ҳамчун қисматҳои Аврупо менигаристанд. Аммо, бо пошхӯрии салтанат таваҷҷуҳ ба таърихи Осиё ва Африқо, яъне халқҳои сокиншудае, ки дар ин мамлакатҳо бо гузаштаи худ мисли Аврупо соҳибихтиёрӣ ва истиқлолият доштанд, зиёд шуд. Дар натиҷа, ҳоло мо шумораи муаррихонеро пайдо мекунем, ки дар нигоштаҳои онҳо таърихи ҷаҳонӣ, агар рост бошанд, ба ҷаҳонбинии афзалиятдоштаи замони салтанат, қатъиян тобеъ нестанд. Чи гунае ки ба назар мерасад, таваҷҷуҳи ҷиддӣ ба таърихи халқҳои ғайриаврупоӣ меафзояд.

## СИМОИ ОЯНДА

Танҳо ҳамин ду мисол нишон медиҳанд, ки чи гуна навиштани таърих бо вазъияти бартаридоштаи замон сахт алоқаманд аст. Аз ин рӯ, ҳар як порчаи асари таърихӣ ба мо дар бораи замони муаррих ба андозае, ки давраи объекти тавсифкарда дар он ташаккул ёфтааст, нақл мекунад. Аммо ин на охири кор аст. Аксарияти одамон нақша доранд ва умедворанд, ки онҳоро дар оянда амалӣ мекунанд. Ваояндабинӣ, чи гунае, ки ба назар мерасад, як хусусияти муҳими тахайюлоти инсон мебошад ва муаррихон на камтар аз одамони дигарояндабинии хоси худро доранд. Тасаввуроти онҳо дар бораи он ки чи "бояд" бошад ва чи "метавонад" будан, фаҳмиши онҳоро дар бораи он чизе, ки рух дода истодааст, муайян мекунад. Ҳамин тариқ, фикри ҳозира ноаён аз интизориҳои алоқаманд ба оянда вобастагӣ дорад. Эҳтимол, Ибни Халдун ба андешаи он, ки муттаҳидии гурӯҳҳо ба рушди тамаддун такон дод, ҳангоми мулоқоташ бо Темурланг расида бошад. Зеро чуноне таърих гувоҳ аст, ӯ сарварии қабилаеро бар дӯш дошт, ки басе муттаҳиду муташаккил буд. Гузашта, ҳозира ва оянда категорияҳои гузарандаи замонанд ва ҳеҷ як шуғли инсонӣ инро равшантар аз навиштани таърих инъикос намекунад.

## МАНФИАТҲОИ ТАЪРИХ

Ҳоло мо бояд ба саволи дуюм, яъне арзиши омӯзиши таърих, ки дар оғози ин мақола зикр намудем, рӯ орем. Омӯзиши таърих барои ҷомеа ё миллат чӣ суд дорад? Оё ин танҳо барои онҳое, ки кори дигаре надоранд, машқи зеҳнӣ мебошад? Ба ибораи дигар, ин ягон навгонии зеҳнӣ маҳсуб меёбад ё ин ки ба олимону хонандагон манфиат меорад?

Дар боло кӯшиш кардам нишон диҳам, ки омӯзиши таърих интизоми ҷиддии зеҳниро тақозо дорад. Худи ҳамин, аллакай, яке аз бартариҳои шуғл мебошад. Таърих, мисли дигар илмҳои гуманитарӣ, тасаввуротро инкишоф дода, мисли илмҳои дақиқ ақлро сайқал медиҳад. Аниқтараш, таърих ба маънои васеътар ҳамчун роҳнамо барои амал дар замони ҳозира ва оянда хизмат мекунад. Бо омӯхтани он, ки одамони гузашта чи гуна захираҳои муҳити зист ва неруи маънавии худро истифода мебурданд, бо таҳдидҳо рӯ ба рӯ шуда, тамаддунҳо эҷод мекарданд, мо метавонем барои ҳалли мушкилоти имрӯзаи худ, инчунин, амалӣ кардани дидгоҳи худ дар оянда, маслиҳатҳои муфид ба даст орем.

Аҳамияти ҳаётан муҳим ва функсионалии таърих аз он бармеояд, ки фаҳмидани замони ҳозираро дар алоҳидагӣ аз гузашта номумкин мебошад. Ин далелро дар мисоли фарди алоҳида нишон додан осонтар аст. Одамро аз гузаштаи худ ҷудо тасаввур кардан душвор аст. Дар ҳар лаҳзаи ҳаёти инсон дид, ғояҳо ва андешаҳои ӯ аз силсилаи тулонии таҷрибаҳо ва таъсироти падидаҳои берунӣ дар тули ҳаёти ӯ бармеояд. Мо – ҳама, ҳангоми гузашти вақт дар ҷараёни ташаккулем ва дар ин раванд ҳар як марҳилаи ҳаётамон ба марҳилаи ояндаи зиндагиямон таъсир мерасонад. Ҳамин тариқ, ҳар шахс гузаштаи худро дорад. Ин маънӣ ба гурӯҳи одамон низ тааллуқ дорад. Ҷомеа ё миллат маҳсули неруҳоест, ки нахуст онҳоро офарида ва тули мавҷудият ташаккул додаанд. Барои фаҳмидани он, ки динҳо, созмонҳо ва миллатҳое, ки мо бо онҳо робита дорем, чи гуна пайдо шудаанд, яке аз ҳадафҳои бузурги таърих аст.

## БЕРУН АЗ ДОИРАИ ЗАМОНИ ҲОЗИРА

Тавсеаи доираи шуури инсонӣ бо мурури замон, ҳисси таърих, дарки он қобилияти одамро барои берун баромадан аз замони ҳозира қувват мебахшад. Эҳсос намудани гузаштаи аз хокистар бархостаро, ба ноумедиҳои ноаёни бо маҷрои вақт омада, дастболо баромадан- ин як ҳисси фавқулодаи ҳаяҷоновар аст. Дарки анъана, ҷараёни ҳамешагӣ ҷоришудаи таърих, ки дар он инсон дар ҳама давру замон мисли одамони дигар барои ба даст овардан, дарк кардани маъно ва ҳадаф мубориза ва саъй мекунад, хусусан вақте муҳим аст, ки шахс дар зеҳни худ аз доираи маҳдудиятҳои лаҳзаи ҳозира бояд берун барояд, мебошад. Таърих ҳисси умумиятро бо наслҳои гузашта ба вуҷуд меорад ва одамони гузашта тавассути таърих зинда мегарданд. Он, ҳамчунин, нӯшдоруе барои табобати ғолибияти аз ҳад зиёди замони ҳозира хизмат мекунад, ки метавонад шахсро барои раҳо ёфтан аз вобастагии барзиёдаш ба замони ҳозира кумак кунад. Дар исмоилия, ки Имом суннати замонҳои дурро таҷассум менамояд, барои чунин имтиҳон шароит фароҳам меорад. Имом бо фарогирии гузашта дар вуҷуди худ, ба истилоҳ, ҳамчун таҷассумгари таърих баромад мекунад. Ба ин маъно, ки таърих на танҳо "мавриди омӯзиш қарор мегирад", балки тавассути инкишофи тасаввуроти зеҳнӣ ва ахлоқии худ «бо роҳи таҷриба дарк мегардад».

**ТАЪРИХ ВА АЙНИЯТ**

\Ниҳоят, таърих дар нигоҳдорӣ ва таҳкими дарки айнияти худ нақши беҳамто дорад. Барои он ки, шахс як фардияти ба осонӣ шинохташаванда дошта бошад, он – ин фардият, шахсияти ӯ- бояд «доимият» дошта бошад. Шахсият метавонад тағйир ёбад, аммо он бояд дар доираи муайяне тағйир ёбад, ки доимӣ боқӣ монад. Хотира ҷузъи ҷудонашавандаи шахсият маҳсуб меёбад. Шахсе, ки ногаҳон аз гузаштаи хеш канда шавад, ба нокомӣ дучор мегардад. Ҳамин гуна, ҷомеа барои давомнокии мавҷудияти худ гузаштаи хешро ҳифз мекунад. Тағйирот ваислоҳот танҳо дар робита ба доимият, давомнокӣ аҳамият доранд. Аз ин сабаб, мазмуни давомдорӣ муҳим буда, таърих таҷассумгари он аст. Унсури устуворӣ бо мурури замон дар давраи гузариш аҳамияти махсус пайдо мекунад. Дар давраҳои тағйирёбии босуръат ё бунёдӣ рӯ овардан ба гузашта талаботи муҳими маънавӣ маҳсуб меёбад. Ин ба одамоне, ки тағйиротро аз сар гузарондаанд, дарки айниятро, ки метавонад як навъ субот дар миёни ҷараёни тағйирот бошад, медиҳад. Ҷамоаҳои исмоилӣ дар Африқои Шарқӣ давраи дигаргуниҳои назаррасро аз сар мегузаронанд. Фурӯпошии ҳукмронии мустамликавӣ ва омадани истиқлолият барои баъзе гурӯҳҳои этникӣ ва мазҳабӣ, аз қабили исмоилия, зарурати мутобиқсозии бунёдиро ба вуҷуд овард. Агар ин санҷиш бомуваффақият паси сар шавад, агар он чизе, ки мо, маъмулан, онро ҳамгироӣ меномем, анҷом дода шавад, пас дарки айният аҳамияти аввалиндараҷа пайдо мекунад. Дар назари аввал, ин метавонад чун зиддият ба назар расад. Оё мо бояд ба хотири ҳамгироӣ айниятамонро аз даст диҳем? Ҷавоби ман чунин мебуд, ки ин имконнопазир аст. Ҳамгироии эҷодӣ тақозо дорад, ки ҷонибҳои манфиатдор айнияти худро пурра татбиқ намоянд. Масалан, одамоне, ки якдигарро дӯст медоранд ё ки бо шаклу усулҳои гуногун бо ҳамдигар ҳамкорӣ мекунанд, ҳар яки онҳо айнияти худро нигоҳ медоранд.

Барои он ки ҷамоат ё гурӯҳ бо ҷамоат ё миллатҳои дигар ҳамкориро ба роҳ монад, муҳим аст, ки айнияти онҳо низ комилан татбиқ шавад. Бадастоварии худбаҳодиҳии ҳаётан муҳим, худшиносӣ тавассути фаҳмидани гузаштаи таърихии худ барои тасҳеҳ ва ислоҳсозии оянда кумак мекунад. Барои исмоилия ниёз ба чунин таҷрибаи озодихоҳ ва созанда имрӯз аз ҳарвақта муҳимтар аст. Дар қонеъ гардондани ин талаботи ҳаётан муҳим таърих нақши бебаҳо мебозад.

**Манбаъ:** Esmail Aziz. «Why History?» Africa Ismaili (1970): 20–27.

## САВОЛҲО БАРОИ МУҲОКИМА:

1. То чӣ андоза далелҳо объективӣ будани тасвир ва тафсири таҷрибаи таърихии моро инъикос мекунанд?
2. Азиз Исмоил кӯшиш мекунад исбот кунад, ки муайян намудани таърих ҳамчун «далелҳо дар бораи гузашта» ба мо дуруст тавзеҳ додан наметавонад, ки таърих чист. Ӯ ба унвони изофа ба таърифи таърих чӣ пешниҳод мекунад ва шумо бо ӯ розӣ ҳастед?
3. Муваффақияти паҳншавии ислом дар мақола чӣ гуна шарҳ дода шудааст ва чаро муаллиф инро яке аз роҳҳои фаҳмидани таърих медонад?
4. Кадом омилҳо аз нигоҳи муаллифи мақола ба тафсири воқеаҳои таърихӣ таъсир мерасонанд?
5. Муаррихон дар интихоби далелҳои таърихӣ ва тафсири онҳо то чӣ андоза аз шароити иҷтимоии замони худ озоданд?
6. То чӣ андоза андешаҳои муаррихон дар бораи «оянда бояд чӣ гуна бошад» ба шарҳи далелҳои таърихӣ таъсир мерасонанд?
7. Ба вуҷуд омадани консепсияи давравии муаррихи барҷастаи исломӣ Ибни Халдун то кадом андоза аз хотироти таҷрибаи ӯ дар мавриди таназзул ва шикасти тамаддуни як замон бузурги исломӣ, вобаста буд?
8. Ба ташаккули шахсият бештар чӣ таъсир мерасонад: таърих ё замони муосир?



**ТАҶАССУМИ НАМОИШКОРОНАИ ТАМАДДУН**
Питер Боэл, рассоми фламандӣ (1626-1674). Натюрмор (табиати беҷон) – «Ҳаёҳу аз ҳаёҳу». Осорхонаи ҳунарҳои зебо. Лилл

# ЖАН-ЖАК РУССО
# МУЛОҲИЗАҲО ОИД БА ИЛМ ВА САНЪАТ



Жан-Жак Руссо (1712-1778) дар Женева (Швейтсария) таваллуд шудааст. Дар овони хурдсолӣ аз волидайн маҳрум гашта, ҷавонии пурисён ва ногуворро паси сар намуд. Ақли интиқодӣ ва мизоҷи фавқулода сабаби мушкилоти файласуфи ҷавон бо оила ва ҷомеа гардид. Ӯ эътиқоди қавӣ дошт, ки барои таъмини рӯзгораш бояд заҳмати зиёд кашид ва аз ин ҷиҳат дар 16-солагӣ тарки манзил намуд. Асарҳои машҳури ӯ: “Оид ба шартномаи ҷамъиятӣ”, “Эмил” (1782), “Рисолаи тарбият” мебошанд. Ҳукуматдорон мекӯшиданд асарҳои Руссоро манъ намоянд, чунки андешаҳои иброз намудаи эшон дар рафти инқилоби Фаронса ва баъдан, таъсири бузург мерасонд. Аммо шиносоии нахуст бо Руссо аз рӯи асари ӯ “Мулоҳизаҳо оид ба илм ва санъат” (1750) оғоз гардид. Руссо иброз медорад, ки саъю кӯшиш ба санъат ва илм ба танбалӣ ва харобӣ мусоидат намуда, нобаробарии сиёсии баъдина ба бегонашавӣ водор мекунад. Руссо фазилат ва озодиро чун ҷаҳолати олиҳимматона арзёбӣ мекунад. Руссо, чун шахсияти мустақил ва мутафаккири озодандеш, зуд-зуд бо мутафаккирони анъанавӣ баҳс менамуд ва бо зимомдорони замонааш дар бархӯрд қарор дошт.

## ПЕШГУФТОР

Ана яке аз он масоили бузург ва зебое, ки он ҳеҷ гоҳ баррасӣ нашуда буд. На нозукиҳои метафизикӣ, ки ба тамоми навъҳои адабиёт ворид шудаанд ва аз он на ҳамеша барномаҳои таълимӣ озоданд, чун мавзӯи ин муҳокимарониҳо хидмат мекунанд; на сухан дар бораи яке аз он ҳақиқатҳое меравад, ки аз вай саодати башарият вобаста аст.

Пешбинӣ мекунам, гумон аст, ақидаҳоеро ки ман дар ин ҷо нотарсона дифоъ мекунам, бахшанда бошанд. Ошкоро ба ҳама он чизе ки алъон мардум мафтуни онанд, ҳуҷум намуда, аҷаб не, ман танҳо ба таънаю сарзаниши (маззамати) умум дучор гардам, агар теъдоде аз оқилони хос ҳурмату эҳтироми маро ба ҷо оварда, изҳори таҳсин кардаанд, ин маънои онро надорад, ки ман бояд ба умеди таҳсини мардум бошам. Вале ман алҳол ба қарор омадам; ман парвои онро надорам, ки ба зарифон ва ё ба одамоне, ки ҳариси муд ҳастанд, маъқул гардам. Ҳамеша мардуме ёфт мешаванд, ки ба ақоиди қарни хеш, кишвар ва ҷомеаи хеш ғуломвор тобеъ бошанд. Оне ки имрӯз саъй дорад чун озодандеш ва файласуф маъруф гардад, шояд ки дар даврони **Лигаи Католикӣ** мутаассиб арзёбӣ шавад. Касе, ки мехоҳад қадру эътибораш баъди вафот боқӣ монад, асло набояд барои чунин хонандагон таълиф намояд.

Боз як ишораи охирон. Ба хотири шаъну шараф нашуда, банда ин мулоҳизаро, алакай баъди он ки онро ба озмун фиристодам, азнав такмил намудам. Тавре тағйир додам, ки он ба як маънӣ, асари дигар шуд. Акнун дар назди худ муваззаф ҳастам онро дар он шақле, ки сазовори ҷоиза гардида буд, барқарор намоям; аз ин рӯ ман танҳо баъзе эзоҳотро илова намудам ва ду иловаро, ки шинохтани он осон аст ва онҳоро шояд ки Академия маъқул нашуморад, нигоҳ доштам. Ҳисси адолат, эҳтиром ва қадрдонӣ маро вазифадор мекунад, ки ин огоҳиро ба ҷо орам

**Лигаи католикӣ –** (1510-1511) иттиҳод, аз ҷониби Папа Юлийи II ҷиҳати рондани шоҳи франсавӣ Луи XII аз Италия бо мақсади муттаҳидии ҳокимияти Папа

## МУЛОҲИЗА

***Мо инсонҳои ростқавл, аз симои зоҳирӣ ба доми фиреб меафтем[1].***

Оё эҳёи улум ва санъат ба беҳтар шудани ахлоқ мусоидат кардааст ё ба харобии онҳо мадад намудааст? Ана он масъалае, ки мавриди таҳқиқот қарор гирад. Ҳангоми баррасии он, ман бояд кадоме аз ин нуқтаи назарро интихоб намоям? Онеро ки, ҷанобони олӣхоси инсони боинсоф, ноогоҳ буда, вале бо вуҷуди он худро эҳтиром мекунад.

Эҳсос мекунам, мурофиае ки ман омода ҳастам ба он ҳозир шавам, мушкил аст бо он чизе, ки ман нияти баён кардан дорам, розӣ шавад.Чи гуна ҷасорате лозим аст, то ки илмҳоро дар назди яке аз дорулфунунҳои бонуфузи Аврупо маҳкум намуд ва ё ҷаҳолатро дар Академияи шинохта тавсиф намоем, ва нафратро нисбати таълимот (назария) бо эҳтироми олимони асил оштӣ намоем. Ман ин тазодҳоро пешбинӣ намудам, вале онҳо маро наҳаросонданд, зеро ман ба худ гуфтам: "На илмро ман таҳқир мекунам, балки фазилатро назди шахсони нексиришт дифоъ мекунам, ки ба эшон бошарафӣ азизтар аст, нисбати олимоне, ки маълумотро бартар медонанд." Аз чӣ ман дар ҳарос бошам? Аз маърифати сомеони маҷлисе, ки маро гӯш мекунанд? Розӣ ҳастам, вале он на ҳисси нотиқро дахл дорад, балки танҳо сохтори нутқро баррасӣ мекунад, ҳукуматдорони одил ҳаргиз барои ҳукми шифоӣ ба худ дар баҳсҳои шаккокона дудила намешуданд, ва аз рӯи адолат гирем, ҳеҷ чизи муфиде нест, чун дифоъ дар назди тарафи боинсоф ва маорифпарвар, ки дар кори худ қобилияти доварӣ дошта бошад.

Ба ин далел, ки маро рӯҳбаланд мекунад, далели дигари барои ман ҳалкунанда, ҳамроҳ мешавад: ба кадом тарзе ки оқибати кор нааннҷомад, ман ҳақиқатро тибқи неруи ақлониам наметавонам бе мукофот бимонам, чаро ки бешак вайро дар умқи қалби худ дарёфт мекунам.

### Қисми якум

Зеботарин ва муҳташамтарин манзараест инсон, ки аз нестӣ бо саъю кӯшиши худ, агар чунин ифода кардан мумкин бошад, падид меояд ва бо нури хирад зулмотро, ки ӯро табиат печонидааст, пароканда менамояд, то ки ба болои худ иртифоъ гардида ва бо рӯҳи хеш ба сӯи коинот раҳсипор гардад. Бо тезии шуълаи офтоб инсон фикран фазои азими оламро тай менамояд. Боз рисолати бузургтар ва мушкилтаре, ки бар дӯш дорад, аз он иборат аст, ки бар умқи хеш ғӯтавар гашта, то ин ки инсонро омӯзад, тинат, вазифа, ва рисолати ӯро дарк намояд. Ҳама ин муъҷизот бо наслҳои пешин такрор ёфтаанд.

Чанд қарн пештар Аврупо аз нав ба ҳолати ҷоҳилии ибтидоӣ мубтало гашт. Халқҳои ин қисмати олам, ки ҳоло чунон бомаърифатанд, он замон дар бадтарин ва ҷоҳилтарин ҳолат қарор доштанд. Як навъ кори қалбакие, аз ҷаҳолат ҳам манфуртар, зери пардаи илм, номи донишро аз они худ кардааст, ки ба баргашт ахирин монеаҳои рафънопазир мегузошт. Инқилобе лозим буд, то ки ақли солимро ба мардум баргардонанд ва он билохира аз он ҷое омад, ки онро камтар интизор буданд. Мусалмони аблаҳ, душмани ашадии санъати хаттотӣ , онро дар мо эҳё намуд. Пас аз афтодани тахти **Константин** ба Итолиё боқимондаҳои фарҳанги Юнони Бостон

---

[1] Горатсий, Санъати шеър, суруди 25

– мероси гаронбаҳо ворид гардид, ки бо он дар навбати худ Фаронса низ ғанӣ гардид. Пас аз санъати хаттотӣ дере нагузашта илмҳои дигар пайравӣ намуданд: ба санъати хаттотӣ санъати фикрронӣ ҳамроҳ гардид. Дар назар ин гузариш аҷиб намояд ҳам, вале он шояд табиитар бошад. Он замон бартарияти асосии хидмат ба Олиҳаи санъат **(Муза)** нақши бориз дошт, зеро мардум зери таъсири санъат муоширати бештаре ба ҷо оварда, хоҳиши унси ҳамдигар мекунанд ва асарҳое меофаранд, ки шоистаи таҳсини тарафайн бошад.

Мисли ҷисм, рӯҳ ҳам ниёзҳои хешро дорад. Ниёзҳои ҷисмонӣ асоси ҷомеа буда, вале ниёзҳои рӯҳонӣ онро орову торо медиҳанд. Дар мавриде ки ҳукумат ва қавонин амнияти ҷамъиятӣ ва некӯаҳволии шаҳрвандонро ҳимоя мекунад, аммо илм, адабиёт ва санъат – каме истибдодӣ, вале шояд бештар тавоно буда – занҷирҳои оҳанине ки одамонро бо чанбари гулҳо занҷирбанд кардаанд, дар онҳо ҳисси табии озодиро, ки бо он одамон зода шудаанд, хомӯш менамоянд ва онҳоро маҷбур мекунанд ғуломии худро дӯст доранд ва ба ном ҳалқҳои мутамаддинро эҷод мекунанд. Зарурат тахтҳоро эъмор намуд – илм ва санъат онҳоро тасдиқ кард. Ҷаҳондорони давр, шахсони соҳибистеъдодро дӯст доред ва соҳибони онро парасторӣ бикунед!

Халқҳои мутамаддин эшонро навозиш кунед. Ғуломони хушбахт, шумо аз табъи нозук ва мукаммал, ки бо он фахр мекунед, аз хулқи нармин ва сиришти ҳалим, аз онҳо сипосгузор бошед, ки ба муоширати бештару зич ва осон мусоидат мекунанд, – хулоса, ба ҳамаи аломатҳои ботинии фазилатҳо мусоидат мекунанд, ки аз онҳо шумо маҳрумед.

Бо чунин навъ эҳтиром, зиёда аз он гуворо, ки он камтар ба намоиш гузошта мешуд, Афина ва Рум дар даврони ниҳоят машҳури ҳашамат ва дурахши худ, тафовут доштанд; ва бо вай, бешубҳа, қарни мо ва халқи мо бар ҳамаи дигар қарн ва халқҳо пирӯз мешаванд. Лаҳни пурмаънӣ вале озод аз педантизм (расмиятпарастӣ), рафтору кирдори табиӣ ва ҳамзамон огоҳикунанда, ва дар ҳамин росто ба дағалии тевтонӣ ва нозунузҳои итолиёвӣ бегона – чунин аст самараизавкҽ,ки бо тарзи маълумоти хуб ва такмили ҳаёти дунявӣ ба даст омадааст.

Чи хуш буд дар байни мо зиндагӣ кардан, агар намуди зоҳирӣ ҳамеша инъикоси ҳолати рӯҳӣ мебуд, агар хушахлоқӣ низ фазилат мешуд, агар андарзҳои хирадмандонаи ахлоқӣ барои мо чун дастур хизмат менамуд, ва билохира, агар фалсафаи аслӣ бо унвони файласуф ҷудо намебуд! Вале ҳамзамон ин қадр манзалат кам ба назар мерасад ва ҳеҷ гоҳ фазилат дар чунин либоси боҳашамат қадамзанӣ намекунад.

Сару либоси карруфар шаҳодати сарватмандии одам аст, вале латофат – завқи хуби ӯст. Инсони солим ва тавоно аз рӯи нишонаҳои дигар шинохта мешавад ва неруи ҷисмонӣ на зери либоси зардӯзии дарборӣ, балки зери либоси дағали кишоварз пинҳон аст. На камтар аз ин либос ва фазилатҳое бегонаанд, ки тавоноӣ ва матонати (устуворӣ) нафсро ифода

**Константин –**
(с. 274-337) – Императори румӣ

**муза –**
худованд аз асотири Юнони бостон, ки ба назм, мусиқӣ, санъат ва ғ.-ро ҳидоят мекунад.

мекунанд. Инсони наку – ин варзишгар, касест, ки бараҳна разм карданро дӯст медорад, ӯ ҳама он ороишҳои ҳақиронаро, ки зуҳуроти тавоноиро танг мекунанд, нафрат дорад, ки қисми зиёди онҳо танҳо барои он ихтироъ шудаанд, то ки ягон гуна зиштиро пинҳон намоянд.

То он замоне, ки чун санъат ба рафтору кирдори мо ҷило бахшид ва шаҳвонияти моро ба забони нарм ҳарф задан омӯзонид, хулқу атвори мо дағал, вале табиӣ буданд ва аз рӯи фарқияти рафтор мумкин буд, аз як нигоҳ тафовути хислатро муайян намуд. Мизоҷи инсонӣ, моҳиятан аз ҳозира дида, беҳтар набуд, аммо бовари одамон аз ҳамдигарфаҳмии сабук маншаъ мегирифт ва ин имтиёз, ки арзиши онро мо аллакай ҳис намекунем, онҳоро аз бисёр нуқсонҳо ҳимоят менамуд.

Алъон, вақте ки назокат ва табъи нозук санъатро ба писанд кардани қоидаҳои муайян оварда расонд, дар ахлоқи мо якрангии фасод ва фиребанда ҳукмрон шуд ва ба назар кулли ақлҳо аз як қолаб рехта шудаанд. Хушмуомилагӣ талаботи беинтиҳоро пешкаш мекунад, аммо одоби муошират ҳукмронӣ мекунад; мардум доимо на ба ақли шахсии худ, балки урфу одатро думболагирӣ мекунанд ва ҷуръат намекунанд, ки мисли оне бошанд, ки дар асл мавҷуданд. Ба ин маҷбуркунии абадӣ мутеъ шуда, одамон он рамаеанд, ки бо номи ҷомеа барпо шуда, дар шароити баробар қарор доранд ва агар онҳоро аз ин майлу хоҳишҳои боз ҳам қавитар нигоҳ надоранд, кирдорҳои баробар содир мекунанд. Бинобар ин, ҳеҷ гоҳ фарзан намедонӣ, бо ки сару кор дорӣ ва барои ҳамдигарро фаҳмидан, лозим аст ҳодисаҳои барҷастаро интизор шуд, яъне замонеро ки, он вақт аллакай дер мешавад, зеро ба ин намуд ҳаводис низ муҳим аст донистан, ки дӯсти ту кист.

Кадом силсилаи нуқсонҳо ин нобовариро ҳамроҳӣ мекунад! Ҳеҷ гуна дӯстии сидқан, на ягон эҳтироми аслӣ, на боварии пурра мондааст ва дар зери ниқоби одобонаи якранг ва хиёнаткорона, зери ин эҳтироми таърифӣ, мо аз маорифи асрамон миннатдор ҳастем, шубҳа, ҳарос, нобоварӣ, дилсардӣ, фикрҳои паси парда, нафрат ва хоинӣ ниҳон аст. Мардум номи Офаридгорро беҳуда талаффуз намекунанд, аммо ба ӯ чунон фаввораи ғайбатро оташфишонӣ мекунанд, ки сомеаи боадаби мо таҳқир намешавад. Онҳо ба худтаърифкунии эътибори худ машғул намегарданд, вале хидмати дигаронро паст мезананд. Аз таҳқири дағалонаи душмани хеш канораҷӯӣ мекунанд, вале моҳирона ӯро мавриди тӯҳмат қарор медиҳанд. Низои миллӣ қатъ мегардад, вале меҳри ватан низ аз байн меравад. Ҷоҳилияти манфур бо **пирронизми** хатаровар иваз мешавад. Бархе аз ифроткорӣ ва нуқсонҳо ронда ва маҳкум карда мешаванд, аммо дигарӣ бо номи фазилат ороиш меёбад ва лозим мешавад ё соҳиби онҳо бошем ё вонамуд кунем, ки соҳиби он ҳастем. Бигузор касе хоҳад, қаноатпешагии ҳакимони даврони моро мадҳ намояд, вале ман дар он танҳо ифроти нафисро мебинам, ки он инчунин ба таърифи ман шоиста бошад, мисли маккории соддалавҳонаи онҳо.

**пирронизм –** скептисизм – муносибати шаккокона ба ҳама чиз; усули фалсафӣ, ки аз ҷониби файласуфи юнонӣ Пиррон аз Элида (тахминан 360- 270 т.с. м.) пешниҳод шудааст.

Чунин аст тозагии ахлоқе, ки мо ба даст овардем; мо инсонҳои поквиҷдон шудем ва ба адабиёт, илм ва санъат қоил шудан даркор: онҳо ба ин кори хайр хеле мусоидат намуданд. Танҳо фақат як мулоҳизаеро илова мекунам: агар сокини ягон кишвари дур ба худ тасаввуротеро оид ба ахлоқи аврупоӣ аз рӯи ҳолати улуми мо, камолоти санъати мо, боадабии намоишҳои мо, рафторҳои эҳтиромонаи мо, баромадҳои меҳрубонаи мо, аз рӯи зуҳуроти доимии хайрхоҳонаи мо ва аз рӯи сабқати пурмағал дар пурилти-

фотии одамони синнусоли гуногун ва ҳолат, ки онҳо дар назар аз субҳ то шом фақат дар ғами онанд, ки ба ҳамдигар хизмат намоянд, созмон медод – чунин хориҷӣ доир ба ахлоқи мо ақидаеро эҷод мекард, ки куллан зидди он аст, ки дар асл бошад.

Ҷое ки ҳеҷ гуна натиҷа нест, дар он ҷо зарурати ҷустани сабаб низ нест, аммо дар ин ҷо натиҷа аён аст – фосиққунии воқеии ахлоқ. Нафсҳои мо, ба андозае фосиқ мегардиданд, ки илму санъат такомул меёфт. Шояд ба ман гӯянд, ин бадбахтист, ки танҳо хоси давраи мост? На, ҷанобони олиқадр, бадие, ки аз кунҷкобии серташвиши мо ҳосил мегардад, мисли олам қадим аст. Мадду ҷазри обҳои уқёнус начандон сахт ба ҳаракати моҳи тобон тобеъ мебошанд, назар ба тақдири ахлоқ ва росткорӣ – аз комёбиҳои илм ва санъат. Ба он андозае, ки онҳо нишебии осмони моро нурафшонӣ мекунанд, фазилат нест мешавад ва ин ҳолат дар ҳар давру замон ва дар кулли мамолики дунё ба назар мерасад.

Нигаред ба Миср, ин мактаби нахустини Коинот, ин кишвари машҳур, ки дар зери осмони беғубор доман паҳн кардааст ва бо иқлими файзбор ато гардида, ба ин диёре ки як замон аз он ҷо **Сезострис** баромад, то ки оламро тасхир кунад. Дар ин мамлакат фалсафа ва санъати нафис тавлид шуданд, ва дере нагузашта, он аз ҷониби **Камбиз**, баъдан юнониён, румиён, арабҳо ва билохира туркон забт гардид.

Нигаред ба Юнон, замоне бо қаҳрамонҳояш маскун гардида буд, ки ду маротиба бар Осиё ғолиб омад: нахуст дар наздики Троя, сониян – дар ватани худ. Хаттотии тозатавлид ҳоло ба дили сокинони ин мамлакат харобие ворид накарда, аммо дере нагузашта аз паси он комёбиҳои санъат, таназзули ахлоқ, асорати мақдунӣ содир гардид ва Юнони ҳамеша донишманд, ҳамеша нозпарварда ва ҳамеша мутеъ аз ин пас сар карда, танҳо фармофармоёни худро иваз менамуд. Тамоми суханпардозии Демосфен қодир набуд, ки ба ҷомеае, ки бар асари ҳашамат ва санъат заиф гардида буд, нафаси рӯҳафзо бахшад.

Рум, ки тавассути чӯпон ва зироаткорон бунёд ёфта, шуҳратёр гардидааст, дар даврони **Энния** ва **Теренсия** ба эҳёшавӣ шуруъ намуд. Вале баъди **Овдивий, Катулла, Марсиала** ва бисёри муаллифҳои қабеҳ, танҳо номҳои онҳо алҳол фазилатро ба ҳарос овардааст. Рум, замоне собиқ ибодатгоҳи фазилат башумор рафта, ба саҳнаи ҷиноят, бешарафии мардум ва ҷои майдончаи бозии барбарҳо мубаддал гашт. Билохира ин пойтахти олам, ки ин қадар ҳалқҳоро мутеъ кардааст, худ низ дучори истило гардида, дар рӯзе вафот кард, ки он замон яке аз шаҳрвандонаш чун қонунгузори санъати нафис эътироф гардид.

Чи гуям оиди он метрополияи империяи Шарқӣ, ки ба шарофати мавқеи ҷойгузини худ, дар назар мебоист метрополияи умумиҷаҳонӣ мешуд, яъне оиди ин паноҳгоҳи улум ва санъат, аз ҷаҳолат дида, бештар барои ҳикматаш аз қисмати дигари Аврупо ронда шуд. Фисқу фасоди шармандавор, хоинии разил, куштор ва заҳролудкунӣ, бадкирдории мудҳиш – ана аз чи



**ЛАЙОНЕЛ РОЙЕР. ВЕРСИНГЕТОРИК АСЛИҲАРО ДАР ЗЕРИ ПОЙИ ҚАЙСАР МЕПАРТОЯД** (1899). Таслими варварҳо (ваҳшиён) зери фишори Қайсар. Варварҳо императории ҷавони Римро забт намуданд, ки ҳанӯз аз талош барои илму ҳунар заиф нагашта буд.

**Сезострис –** (1300 – 1230 т.с.м.) – фиръавни Мисри Қадим

**Камбиз –** шоҳ аз сулолаи Ҳахоманишиҳо дар Форс

**Энний –** (239-169 т.с.м.) шоир ва драматурги румӣ

**Теренсий –** (тахминан 190-159 т.с.м.) комедиографи румӣ

**Овидий** (43-18 пеш аз мелод) – шоири Рими қадим

**Катулл Гай Валерий** (тах. 87 – тах. 54 т.с.м.) – шоири румӣ

**Марсиал** (40-104 т.с.м) – шоири румӣ

таърихи Константинопол бофта шудааст, мана он сарчашмаи тозаи маориф, ки бо он қарни мо машҳур аст.

Ба чӣ хотир дар давраҳои дуродур тасдиқи ҳақиқатро меҷӯем, дар ҳоле ки исботи он дар пеши назари мост? Дар Осиё кишвари паҳноваре мавҷуд аст, ки дар он донишмандӣ қадрдонӣ мешавад ва ба мансабҳои баланди давлатӣ ҳидоят мекунад. Агар улуми ахлоқро пок мекарданд, агар онҳо одамонро барои ватан хуни худро дареғ надоштан, меомӯзонданд, агар онҳо парчами руҳбаландиро ихтиёр мекарданд, пас ҳалқҳои Чин мебоист хирадманд, озод ва мағлубнопазир мебуданд. Вале агар нуқсе нест, ки бар болои онҳо ҳукмфармоӣ намекарда бошад ва ҷиноятe нест, ки барои онҳо муқаррарӣ намебуд, агар на соҳибмаърифатноии вазирон, на хиради рӯякии қавонин, на сершумории сокинони ин империяи васеъ натавонистанд вайро аз юғи тоторҳои ҷоҳил ва дағал эмин нигоҳ доранд, пас баҳри чӣ кулли олимонаш ба вай хизмат намуданд? Чӣ гуна самараҳоро ба ӯ ба бор оварданд он иззату эҳтироме, ки ин олимон сафароз гардида буданд? Охир, хизмати онҳо магар дар он нест, ки ин кишвар бо ғуломон ва золимон маскун шудааст?

Биёед ба ин тасвирҳо тасвири ахлоқи баъзе ҳалқҳоро муқобил гузорем, ки онҳо аз васваса ба илмҳои беамал мубтало нашудаанд, бо фазилатҳои хеш саодати шахсиашонро таълиф карда ва барои дигар ҳалқҳо намунаи ибрат шуданд. Чунин буданд порсиёни қадим – ҳалқи аҷоиб, аз оне ки фазилатҳоро омӯхтанд, мисле ки аз мо – улумро, ҳалқе, ки бо саҳланкорие Осиёро тасхир намуд ва бо муассисаҳои беҳамтояш чунон шуҳратёр гардид, ки таърихи эшонро чун романи фалсафӣ мепазируфтанд. Чунин буданд **саккоиҳои қадим**, ки то мо бисёр шаҳодатҳои васфкунанда омада расиданд. Чунинанд олмониҳо, ки соддалавҳӣ, бегуноҳӣ ва фазилатҳои онҳоро нависанда бо як ҳисси тасаллиомез тасвир менамояд ва аз таҳқиқи ҷиноят ва рафтори қабеҳ, аз ҷониби ҳалқи бофарҳанг, сарватманд ва нозук эҷод мешаванд, хаста шудааст. Ҳатто, Рум ҳам дар давраи ҷоҳилият ва бенавоиаш чунин буд. Билохира, чунин то замони мо ҳалқи белаёқат боқӣ монд, align ончунон барои мардонагиаш ва ба рафторҳои бад дода нашуданаш мадҳу сано намуданд, ки онро гардиши фалак натавонист шикаст диҳад.

Ин мардумро на соддалаҳвӣ маҷбур намуд, ки дигар машғулиятҳоро аз фалсафафурӯшӣ афзал донанд. Онҳо медонистанд, ки дар дигар кишварҳо ҳаёти одамони беғам дар баҳсу мунозира оиди хайри олӣ, роҷеъ ба фисқу фуҷур ва фазилат мегузарад. Лаққиҳои ботакаббур, ки беш аз ҳама ба худтаърифкунӣ машғуланд, ба кулли ҳалқҳои боқимонда номи уммии нафратангези барбарҳоро медиҳанд, вале онҳо ба ахлоқи эшон чашм дӯхта, нисбати донишмандии онҳоро омӯхтанд, нафрат карданд.

Оё метавон фаромӯш намуд, ки дар худи Юнон давлате пайдо шуд, ки бо ҷаҳолати саодатмандонаи шаҳрвандонаш, ҳамчунин бо қонунҳои ҳакимонааш, яъне ҷумҳурият арзи вуҷуд намуда, дар назар аз одамон дида, аниқтараш бо нимхудоён маскун шудаанд ва бо фазилаташон бар кулли насли башар то дараҷае бартарӣ доштанд! Оҳ, **Спарта** – шармсории абадии донишмандии беамал! Замоне, ки нуқсонҳо ҳамроҳи санъат ба Афина роҳ ёфтанд, ки дар он ҷо тиран бо як диққкати тамом асари шоири бузургро ҷамъоварӣ менамуд, ту (яъне Спарта) аз деворҳои хеш санъат ва рассомон, илм ва уламоро мерондӣ.

Минбаъд ин тафовут возеҳан ошкор гардид. Афина маскани хушмуомилагӣ ва табъи хуш, ватани наттоқон ва файласуфон гардид: ҳусни имо-

**скифҳо (саккоиҳо)** қабилаҳое, ки дар минтақаҳои аз Дунай то Чин (VII-IV т.с.м.) маскун буданд

**Спарта (номи дигараш Лакедемон) –** шаҳрест дар Юнони Бостон, пойтахти Лакония

ратҳо дар он ҷо ба ҳусни сухан мутобиқат мекард, дар ҳама ҷо мармар ва **катон** (сурат, лавҳа) намудор буда, бо дастони аз ҳама моҳири ҳунармандон руҳбаланд карда шудаанд. Маҳз аз Афина ин асарҳои ҳайратангез арзи ҳастӣ намуда, дар тамоми давраҳои фосиқ ҳамчун намуна баҳри тақлид хизмат намуданд. Лакедемония манзараи на чандон зебоеро зоҳир менамуд. Дар он ҷо халқҳои дигар сухан мекарданд, одамон бофазилат (некӯманд, нексиришт) тавлид мешаванд ва дар назар ҳаст, ки худи боду ҳавои ин кишвар фазилатро талқин мекунад. Аз сокинони он, то мо, танҳо ривоятҳо оиди амалҳои қаҳрамонона омада расидаанд. Оё чунин ёдгориҳо аз муҷассамаҳои мармарӣ дида, ки ба мо Афина ба мерос гузоштааст, камарзиштаранд?

Ростӣ, бархе аз ҳукамо ба маҷрои умум фирефта нашуда, худро аз нуқс, ҳатто, дар худи маскани Муза эмин нигоҳ доштаанд. Аммо бишнавед ҳукмеро, ки аз болои олимон ва рассомони он давра яке аз ҳамин ҳакимони шаҳир ва бадбахт эълом дошт.

“Ман, – қайд намуд ӯ, – шоиронро омӯхтам ва ба онҳо чун ба одамоне нигоҳ мекунам, ки истеъдодашон худи онҳо ва дигар мирандагонро ба иштибоҳ меандозад, чун ба одамоне, ки худро ҳаким метарошанд ва мутафаккир меҳисобанд, вале дар амал чунин нестанд.

Аз шоирон, – давом медиҳад **Суқрот**, – ман ба рассомон гузаштам. Ман санъатро аз дигарон дида камтар медонистам ва касе аз ман дида бештар боварӣ надошт, ки рассомон дорои розҳои муъҷизаовар мешаванд. Аммо ман дида мондам, ки рафтори онҳо низ аз шоирон беҳтар нест ва ба ину он як хурофот хос мебошад: азбаски моҳиртарини аз онҳо дар риштаҳои худ беҳамто ҳастанд, онҳо худро донотарине аз одамон вонамуд карданд. Ин худписандӣ куллан дониши онҳоро дар назди чашми ман паст намуд. Ҳамин тавр, аз худ, ҳамчун пешгуйкунанда (оракул), пурсидам: ман чи шудан мехоҳам” – оне ки ман ҳастам ё оне ки онҳо ҳастанд, – донистани он ки чиро онҳо азхуд намуданд, ё донистани он ки ман ҳеҷ чизро намедонам, – ман ҳам ба худ ва ҳам ба Худо посух додам: “Ман мехоҳам худам бошам”.

На софистҳо, на шуаро, на рассомон, на ман – ҳеҷ кас намедонад ҳақиқат, хубӣ ва зебоӣ чист. Вале миёни мо фарқият ҳаст, иборат аз он ки ҳамаи ин одамон, гарчанде чизеро намедонанд, худро воқиф меҳисобанд, ҳол он ки ман ҳеҷ чизеро надониста, ба ҳар ҳол, ба ин шубҳа надорам. Ҳамин тавр, кулли бартариҳо дар дониш, ки онро пешгуйкунанда баъд аз ман эътироф намуд, танҳо чунин маънӣ дорад: ман қатъиян медонам, ки ман чизеро намедонам”.

Ана чунин аст **Суқрот** – бохирадтарин аз мардум, тибқи тавсифи худоён ва донишмандтарин аз афинагиён, аз рӯи эътирофи кулли Юнон, ки ҷаҳолатро васф мекунад. Тасаввур кунем, ки агар ӯ дар даврони мо эҳё мегардид, пас олимон ва рассомон метавонистанд ӯромаҷбур созанд, то ақидаашро тағйир диҳад? На, ҷанобони олиқадр, ин марди адолатпеша нафраташро ба илмҳои беамали мо идома медод ва ҳаргиз кӯшиш ба харҷ

**Суқрот**
(470- 399 т.с.м) – файласуфи Юнони Бостон дар Афина

**Катони Калонӣ**
(234-149 т.с.м.) – Нависанда,консули румӣ с. 195

намедод, то ки ғарами китоб зиёд гардад, ки бо онҳо моро аз ҳар тараф “гулӯлаборон” намоянд ва ба шогирдон ва авлодони хеш метавонист ва ӯ чунин ҳам кард, андарзеро оиди намунаи ҳаёти наҷибонаи худ, боқӣ гузорад. Ана ба чунин тарз бояд мардумро бомаърифат кард.

Нахуст Суқрот дар Афина, баъдан **Катони Калонӣ** дар Рим юнониёни шайтон ва маккорро фош менамуданд, ки онҳо фазилатро васваса мекарданд ва шуҷоати шаҳрвандони худро суст менамуданд. Аммо илм, санъат ва диалектика дастболо шуданд. Рим бо файласуфон ва суханварон саршор гардида, ба фанни ҳарбӣ беэътиноӣ намуда, ба зироаткорӣ нафрат мекарданд ва бо таълимоти ботил машғул буда, ватанро ба гӯшаи фаромӯшӣ монданд. Суханҳои муқаддас: озодӣ, беғаразӣ, итоат ба қавонин – бо номҳои **Эпикур, Зенон, Аркесилай** иваз шуданд.

Тавре худи файласуфон иброз медоранд, аз он вақте ки дар байни мо уламо пайдо шуданд, одамони некусиришт ғайб заданд. То он замон римиҳо бо иҷроиши қоидаҳои накукорӣ қаноат мекарданд, вале ҳамин ки онҳо ба омӯзиши он машғул шуданд, ҳама чиз гумном шуд.

Оҳ **Фабритсийи** бузург! Оиди чӣ ту фикр мекардӣ, агар бадбахтона, боз зинда мешудӣ ва шаҳомати Римро медидӣ, ки бо дасти ту наҷот ёфта ва бо номи ту, назар ба ҳамаи музаффариятҳояш дида, бештар шуҳрат ёфта? “Худоён, – агар ту сухане мегуфтӣ – ба чӣ кулбаҳои оддӣ дар зери боми кохӣ мубаддал шуданд, ки он ҷо қаноат ва фазилат сукунат доштанд. Чист он карру фарри марговар, ки хоксории римиро иваз намуд?” Чист он забони бегона? Чист он ахлоқи нозук? Чӣ маъние доранд ҳама ин муҷассамаҳо, мусавварахо, иморатҳо? Беақлон? Шумо чӣ кор кардед? Фармонфармоёни ҳалқҳо, шумо ғуломи мардумони соддалавҳе гардидед, ки аз ҷониби шумо мағлуб шуда буданд! Шуморо лофзанон ҳукмфармоӣ мекунанд! Наход шумоён бо хуни худ Юнон ва Осиёро обёрӣ мекардед, танҳо ба хотири он ки меъморон, рассомон, ҳайкалтарошон ва масхарабозонро ғанӣ гардонед? Харобаҳои **Карфаген** туъмаи найнавоз гардид! Римиён! Зудтар ин амфитеатрҳоро вайрон кунед, бишканед муҷассамаҳои мармариро, расмҳоро бисӯзонед! Ғуломонро, ки шуморо мутеъ мекарданд, пеш кунед, зеро илмҳои марговари онҳо шуморо фасод намуданд. Бигузор ҳалқҳои дигар бо истеъдодҳои бефоидаашон шуҳрат ёбанд: ягона истеъдод, ки шоистаи Рум ҳаст, – қобилияти тасхир кардани олам ва дар он фазилатро таҳким бахшидан аст. Замоне Киней сенати моро чун ҷаласаи шоҳон қабул намуд, вай бо шукӯҳу шаҳомат ва шуҳрат, нафосати ҷаззоби онҳо мафтун нагардид, дар он ҷо ӯ лофзании холиро нашунид, ки одамони разилро мафтун мекунад ва бо ҳасад онро меомӯхтанд. Чист он ҳашамате, ки Киней дарк намуд? Оҳ шаҳрвандон! Назди ӯ намоише ҳувайдо гардид, ки ба шумо на боигарии шумо, на санъати шумо чунин ҳаловат мебахшад, – зеботарине аз намоишоте, ки назирашро дунё боре ҳам надидааст, ҷаласаи дусад марди нексиришт, ки шоистаи идора кардани Рум ва фармонфармоии оламро ба ӯҳда доранд”.

Аммо биёед тавассути фазо ва вақт убур намоем ва нигарем, чи ҳаводисе дар мамлакатҳои мо ва дар назди чашмони мо ба вуқӯъ омаданд... Ё на, биёед беҳтар мусавварахои зиштро як сӯ гузорем, ки ҳиссиёти моро хароб менамуданд ва худро аз ранҷи такрор кардани иштибоҳҳои якранг дур сохта, фақат тағйири ном мекунем. Ман беҳуда рӯҳи Фабритсийро падид наовардам: оё ман қодир будам ба вирди забони **Людовики XII** ё **Генрихи IV** ҳамаи он суханҳоеро, ки аз номи Суқрот гуфта шудаанд, иҷборан ворид



**НАТЮРМОРТ (ТАБИАТИ БЕҶОН)**
Питер Клас (1597-1661)

**Эпикур –** (341-270 т.с.м.) – Файласуфи қад.юнонӣ, Моддигаро

**Зенон аз Китион** (тах.336-264 т.с.м.) файласуфи қад.юнонӣ, асосгузори мактаби равоқиён (стоикҳо)

**Зенон аз Элея –** (тах.490-430 т.с.м.) – файласуфи қад.юнонӣ

**Аркесилай –** (316-241 т.с.м.) – файласуфи қад.юнонӣ

**Фабритсий** (ваф. 250 т.с.м) – сарлашкари румӣ; консул дар Рум (282- 278 т.с.м.)

**Карфаген –** шаҳр-давлат дар ғарби баҳри Миёназамин, ки дар асри XI т.с.м таъсис ёфтааст.

**Людовик XII (Луи XII)** (1462 – 1515) шоҳи Фаронса

**Генрих IV** (1553-1610) – шоҳи франсавӣ аз с. 1589, якумин аз сулолаи Бурбонҳо

намоям? Агар Суқрот дар замони мо зиндагӣ мекард вай ростӣ сикутийро наменӯшид, вале ӯ боз ҷоми талхи нафрат ва таҳқирҳои писхандомези сад маротиба бадтар аз маргро "нӯши ҷон" мекард.

Ана ба ҳамин васила ҳашамат, фосиқӣ ва ғуломӣ дар ҳар давру замон қасосе буд барои саъйи мағрурона баромадани мо аз ҳолати ҷоҳилияи босаодат, ки ба он хиради абадӣ моро маҳкум намуд.

Дар назар гӯё пардаи ғафс, ки вай аз паси он ҳамаи роҳҳои худро пинҳон намуда, бояд онеро ба мо ишора мекард, ки мо аз ҷустуҷӯйҳои бемаънӣ худдорӣ намоем. Вале магар аққалан як сабақи ӯ мавҷуд аст, ки аз он мо битвонем истифода намоем ва аққалан як сабақе ҳаст, ки ба он мо беҷазо хунукназарӣ намудем? Ҳалқҳо! Аз абад бидонед, табиат хост шуморо аз илм паноҳ кунад, мисли оне ки модар аз дасти тифлаш яроқи хатарнокро мегирад. Ҳамаи сирру асроре, ки ӯ аз шумо пинҳон мекунад шарр мебошанд ва ӯ шуморо аз он ҳифз мекунад ва мушкилии омӯзиш яке аз накукориҳои муҳими вайро ташкил медиҳад. Одамон бадахлоқанд, вале онҳо аз ин ҳам бадтар мебуданд, агар ба бадбахтии худ олим таваллуд мешуданд.

Чи гуна ин мулоҳизот барои башарият таҳқиромезанд! То чи андоза бояд ба иззати нафси мо таъсир расонда шавад! Пас, бошарафӣ– духтари ҷаҳолат аст? Илм ва фазилат номутобиқанд? Чӣ гуна хулосаҳоеро метавон аз ин гуна хурофот баровард? Аммо барои ба мусолиҳат овардани ин тазодҳои хаёлӣ, кофист, ки ботилӣ ва разилии он номҳои такаббуриро бодиққат биомӯхт, ки онҳо моро кӯр мекунанд ва онҳоро мо чунон беасос ба донишҳои инсонӣ медиҳем.

Биёед бубинем ба ном илм ва санъатро: бубинем, чи бояд аз такомули онҳо ҳосил гардад ва бе ҳеҷ дудилагӣ, ҳамаи он дастурҳои адолатонаро, ки мулоҳизаҳои мо ба он мееоранд ва бо хулосаҳои таърихӣ мутобиқанд, эътироф мекунем.

**Қисми ду**

Ривояти қадиме ҳаст, ки аз Миср ба Юнон гузаштааст, оиди он ки илмҳоро яке аз худоён, душмани оромии одамизод, ихтироъ кард. Чи гуна ақидае, ки бояд худи мисриён роҷеъ ба улум медоштанд дар миёни онҳо он арзи ҳастӣ намуд? Охир вайҳо сарчашмаи онҳоро аз наздик дидаанд. Оё мо ба кофтукови солномаҳои таърихи умумиҷаҳонӣ даст мезанем ё солномаҳои шубҳаоварро як сӯ гузошта, ба таҳқиқоти фалсафӣ мурохиат мекунем, – мо сабабҳои пайдоиши донишҳои инсониро пайдо намекунем, ки ба тасаввуроти оддии мо ҷавобгӯ бошанд. Манбаи нуҷумшиносӣ хурофот аст, ҳусни сухан – шуҳратпарастӣ, нафрат, тамаллуқ, дурӯғ аст; геометрия – манфитҷӯӣ; физика – кунҷковии зиёдатӣ; кулли илмҳо, ҳатто, ахлоқ низ – нишонаи такаббури инсон аст. Хуллас, илм ва саноеи мо аз рӯи пайдоишашон аз нуқсонҳои мо миннатдоранд; мо ба ин васила ба афзалиятҳои илм ва санъат шубҳа намеовардем, агар онҳо аз фазилатҳои мо тавлид мешуданд.

Пайдоиши фосиқонаи онҳо аз таъиноташон ошкоро маълум аст. Ба чи хотир саноеъ барои мо лозиманд, агар онҳо аз шукуҳу ҳашамат маншаъ намегирифтанд? Агар беадолатии инсоният намебуд, магар илми ҳуқуқ (юриспруденсия) лозим буд? Ба чӣ таърих мубаддал мешуд, агар на мустабид, на ҷанг, на сӯиқасдкунандагон намебуданд? Сухан кӯтоҳ, кӣ мехост ҳаёташро дар мусобиқаи бесамар гузаронад, агар ҳар касе боназардошти ӯҳдадории инсон ва талаботи табиат ҳамаи вақти худро ба ватан, мардуми бенаво ва дӯстони худ мебахшиданд? Наход мо барои он офарида шудем, ки дар назди чоҳ, ки дар он ҳақиқат пинҳон аст, аз ташнагӣ бимирем? Алҳол танҳо ҳамин фикр бояд, ки аз ибтидо, ҳар нафареро, ки ҷиддан ният дошт худро бо омӯзиши фалсафа бомаърифат кунад, нигоҳ дорад.

Чи қадар сангҳои зериобӣ, чи қадар роҳҳои фиребанда дар таҳқиқоти илмӣ мавҷудуанд! Ҳақиқат бо нархи иштибоҳҳои зиёде ба даст меояд ва хатари ин иштибоҳот садҳо карат аз фоидаи ин ҳақиқатҳо баландтар аст. Бенафъии он возеҳ аст; зуҳуроти дурӯғ – беинтиҳо гуногун аст, ҳол он ки ҳақиқат – яктост. Илова бар он, – кӣ онро сидқан меҷӯяд? Ҳатто, бо ҳамаи он ниятҳои самимӣ, аз рӯи кадом аломатҳо онро метавон бехато шинохт? Оё аз рӯи ақидаҳои гуногуни гӯшхарош, ки онро мо чун меъёри ҳақиқат қабул намоем? Аз ҳама мушкил: агар, хушбахтона мо дар ниҳояти кор чунин меъёрро дарёфт намоем, кадоме аз мо қодир аст аз ин истифода намояд?

Агар ҷиҳати ба он мақсад расидан, ки онро илмҳои мо дар назди худ мегузоранд, бесамар бошанд, пас, аз рӯи амале, ки онҳо иҷро мекунанд, боз хатарноктаранд. Илмҳое, ки зодаи ҳавою ҳавасанд, онҳо дар навбати худ сарманшаи вай мебошанд; нахуст хисороте ки онҳо ногузин ба ҷомеа мерасонанд, ин вақтиислоҳнашаванда ва барабас рафта мебошад. Дар сиёсат, ҳамчунин дар ахлоқ, некӣ накардан маънои бадӣ карданро дорад ва ҳар як шаҳрванди бесамар чун шахси барои ҷомеа зараровар баррасӣ карда шавад. Инак, файласуфони машҳури замон, ба шарофати шумо мо қонунҳои ҷозибаи мутақобилаи ҷисмҳоро дар ҳалоъ медонем; дар кадом муносибат, ҳангоми гардиши сайёраҳо, масофаи тай кардаи онҳо дар вақти ягона қарор доранд, чи гуна хатҳои инҳирофшударо нуқоти вобаста, каҷ ва қатшуда доро мебошанд; чи тарз инсон худовандро дарк мекунад; чи тарз нафс ва ҷисм байни ҳамдигар алоқа надошта, бо вуҷуди он мисли соатҳои деворӣ ва қалъагӣ, ки вақти ягонаро нишон медиҳанд, ба ҳам мутобиқанд; кадоме аз нуҷум маскунанд; кадоме аз ҳашарот ба тарзи ғайриоддӣ афзоиш меёбад, шумо ба ман посух диҳед аз ки мо он қадар донишҳои олӣ ба даст овардем, , магар мо камаҳолие мебудем, магар моёнро бадтар идора мекарданд, магар душманон аз мо камтар хавф мебурданд, магар мо ба камолоти кунунӣ ноил намешудем ё жарфтар ба ботлоқи фасод фурӯ мерафтем, агар шумо ҳеҷ гоҳ моро ба ҳамаи ин чизҳо намеомӯзондед? Чандон фаъолияти хешро муҳим нашуморед, ҳатто, агар заҳматҳои олимони бомаърифат ва беҳтарини шаҳрвандон ба мо чунон манфиати ночиз меоранд, пас мо оид ба издиҳоми нависандагони ҷоҳил ва олимони ҳавоӣ, ки ширaи давлатро макида, ба ивазаш ба вай чизе намедиҳанд, бояд чӣ афкоре дошта бошем?

Чӣ ҳарфе занам нисбати одамони “бекор”? Оҳ, агар бо илтифоти Худованд онҳо ҳамту амал намекарданд! Он вақт урфу одат низ мебуд ва ҷомеа оромтар мебуд. Вале ин лаққиҳои пуч ва манфур, ки бо тазодҳои хисоротовар мусаллаҳанд, аз ҳар ҷо ҷамъ шуда, асосҳои имон ва фазилатро нёсту нобуд мекунанд. Онҳо бо табассуми нафратангез чунин суханонро, ба

мисли меҳан ва дин пешвоз мегиранд ва истеъдодҳои худро дар фалсафа ҷиҳати вайрон ва таҳқири ҳамаи он чизе ки барои мардум муқаддасанд, истифода мекунанд. На аз он ҷиҳат, ки онҳо воқеан ба фазилат ва аҳкоми дин нафрат доштанд, онҳо зидди афкори умум аз рӯҳи мутазод баромад мекунанд. То ки онҳоро ба пештоқи меҳроб баргардонем, басанда аст онҳоро ба қатори атеистон номнавис кунем. Ба чи корҳое моро хоҳиши худнамоӣ тела намедиҳад!

Шарри бузург – ин исрофи бемаънии вақт буда, аммо улум ва саноат боз шарри аз ин бузургтар – шукӯҳу ҳашаматро ба бор меоварад, ки он назири худашон, аз бекории мардум ва шуҳратпарастӣ ҳосил шудааст. Кам ҳолатҳое мешаванд, то ки шукӯҳу ҳашамат ба илм ва санъат ҳамраҳӣ накунад, охирин бошанд ҳеҷ гоҳ бидуни он анҷом намеёбад. Ман медонам, ки фалсафаи мо ба одоби муоширати аҷиб сахӣ буда, мухолифи таҷрибаи асрӣ қайд менамояд, ки дабдаба ба давлат ҷило мебахшад; вале, оиди зарурати қонунҳоро зидди ҳашамат фаромӯш карда оё вай иловатан ҷуръат мекунад он ҳақиқатеро инкор кунад, ки тибқи он хулқу атвори хуб ба таҳкими давлат мусоидат мекунад ва карруфар бо ахлоқи ҳамида созгор нест. Агар эътироф намоем, ки ҳашамат аломати муҳими сарват аст ва ӯ, ҳатто, то як андоза, ба афзоиши он мусоидат мекунад, пас, чӣ гуна аз ин муаммо хулоса баровардан лозим аст, ки шоистаи даврони мо бошад? Ва фазилат ба чӣ табдил меёбад, агар мардум пеши зарурати сарватманд шудан, ба чӣ тарз ки набошад, гузошта шаванд? Сиёсатмадорони қадим оид ба ахлоқ ва фазилат холисона сухан меронданд, ҳозирини мо бошанд танҳо роҷеъ ба савдо ва пул. Нафаре ба шумо мегӯяд, ки инсон дар ин мамлакат он қадар арзиш дорад, ки ҳамон қадар нархи вай дар Алҷазоир бошад, дигарӣ мутобиқи ин ҳисоб кишварҳоеро пайдо менамояд, ки дар он ҷо инсон тамоман қадру қимат надорад. Вале барои сеюмӣ, кишварҳое ҳастанд, ки дар он ҷо арзиши инсон аз ин ҳам пасттар аст. Онҳо инсонро чун рамаи ҳайвон нархгузорӣ мекунанд. Тибқи ақидаи онҳо, қимати ҳар як инсон барои давлат танҳо ба сифати истеъмолкунанда арзёбӣ мегардад: дар ин асос арзиши як сибаритӣ на камтар аз сӣ лакедемонӣ арзиш дошт. Бигузор дарёбанд, кадомин аз ин ду давлат – Спарта ё Сибарис – аз ҷониби як гурӯҳи хурди деҳқонон фатҳ гардид ва дар тамоми Осиё изтироб ба вуҷуд овард.

**Хонаи Бургундӣ –** ҳизби сиёсии франсавии асримиёнагии Бургундия (минтақа) дар ғарби Фаронса

Монархияи Курушро подшоҳе бо қӯшуни сиҳазорнафарӣ фатҳ намуд, ки ӯ аз ҳама сатрапҳои форсҳо бенавотар буд, скифҳо (сакҳо) бошанд, яке аз бенавотарин ҳалқҳо, бар зидди тавонотарин подшоҳони олам истодагарӣ намуданд. Аз ду ҷумҳуриҳои машҳур, ки ҷиҳати ҳукмронии ҷаҳон бо ҳам рақобат доштанд, яке ниҳоят доро буд, дуюмӣ чизе надошт ва маҳз ҳамин охирин пирӯз гардид. Империяи Рум, дар навбати худ, ҳамаи боигарии ҷаҳонро ғасб намуда, туъмаи мардуме гардид, ки онҳо, ҳатто, намедонистанд, ки сарват чист. Франкҳо Галлияро фатҳ намуданд, аммо саксҳо Англияро, гарчанде ки на ину на он ягон ганҷе, ба ҷуз шуҷоат ва бенавоӣ,

чизи дигар надоштанд. Издиҳоми кӯҳистониёни камбағал, ки хоҳишашон бо нияти ба даст овардани чанде аз пӯстҳои гӯсфанд маҳдуд буд, такаббури австриягиашонро фурӯ нишонда, баъдан **Хонаи Бургундҳои** пуркарруфар ва бадҳайбатро сарнагун намуд. Билохира, тамоми тавоноӣ ва хиради вориси Карли V, ки бо ҳамаи ганҷҳои Ҳиндустон тавоно шуда буд, аз гурӯҳи хурди моҳигирон, сайёдони шӯрмоҳӣ шикаст хӯрданд. Бигузор сиёсатмадорони мо, марҳамат карда, ҳисоботи худро мавқуф гузоранд ва доир ба ин мисолҳо мулоҳиза кунанд ва бигузор қатъиян донанд, ки ба пул, ба ҷуз ахлоқи ҳамида ва шаҳрвандон, дигар ҳама чизро харидан мумкин.



Асли масъалаи шукӯҳу ҳашамат дар чист? Дар он аст, ки равшан шавад, чи барои давлат муҳим аст: ҳастии зудгузари боҳашамат, ё ҳастии бофазилати бардавом. Ман мегӯям ҳастии боашамат, вале сухан роҷеъ ба кадом ҳашамат рафта истодааст? Майлу рағбат ба ҳашамат ба ҳеҷ ваҷҳ бо шарафмандӣ ҳамзист нест ва тамоман ғайриимкон аст оқилон, ки зери ташвишҳои зиёди фориғболона мондаанд, то ба ягон бузургие иртифоъ намоянд: агарчи ҷиҳати ин тавоноиашон ҳам кофӣ буд, – аммо ҷасоратташон басанда набуд.

Ҳар як рассом ташнаи эътироф аст ва аз ҳама тӯҳфаи арзанда барои ӯ тавсифи ҳамасронаш мебошанд. Вале ӯ чи кор ҳам мекард, то ки ин тавсифҳоро ба даст оварад, агарчи ӯ бадбахтона ба халқи мутамаддин мансуб буд ва дар чунин замонае зиндагӣ дорад, вақте олимони ба мӯд даромада ба ҷавонҳои соддалавҳ дар ҳама чиз пешоҳанг буданро фароҳам меоваранд, вақте ки мардон ба хотири кумирҳои худ шавқу завқи худро қурбон мекунанд, ҳангоме як ҷинс тасмим мегирад танҳо он чизеро маъқул шуморад, ки ба беҷуръатии ақли каси дигар хос аст, мутобиқ бошад. Дар натиҷа асарҳои оламшумули назми драматикӣ ба нокомӣ дучор шуда, муъҷизаҳои мавзуният рад карда мешаванд? Чӣ иқдомеро чунин рассом пеш мегирад, ҷанобони олӣ? Вай нобиғаи худро то сатҳи қарни худ фароварда, асарҳои маъмулӣ меофарад, ки бо онҳо одамон дар қайди ҳаёт будани ӯ мафтун мегарданд, чунин шоҳасарҳое меофарад, ки бо онҳо танҳо пас аз гузашти солҳо, баъди марги ӯ бо шавқ ёд мекунанд.

Ба мо бигӯед, **Аруэи** шуҳратёр, чи қадар зебоиҳои далер ва тавоноро шумо баҳри нафосати дурӯғи мо қурбон намудед ва чи қадар ҳақиқатҳои муҳимро ба рӯҳияи такаллуф, ки танҳо барои чизҳои касиф коршоям аст!

Инак, фосиқии ахлоқ – натиҷаи ногузири карру фарр – оқибат, дар навбати худ, ба фосиқии табъ меорад. Агар тасодуфан дар байни одамон, ки бо истеъдодҳои худ фарқ мекунанд, нафаре пайдо шавад, ки соҳиби хулқу атвори устувор буда, то ки ба рӯҳияи замона тобеъ набошад ва то ба чизҳои хурд худро беқадр накунад, вой бар ҳоли ӯ: вай дар қашшоқӣ ва фаромӯшӣ мемирад. Ман пешгӯӣ намекунам, дар асоси таҷриба мегӯям. **Карл, Пйер**, рӯзе мерасад мӯқалам, ки ба он рисолат шудааст бо офаридаҳои баланд ва муқаддас ибодатхонаҳои моро шукӯҳ бахшад, аз дасти шумо меафтад ё худро бо он палид мекунад, ки дарҳои фойтуни дукасаро бо расмҳои шаҳватангез оро медиҳад. Ту, **Пигали** беҳамто, рақиби **Праксител** ва **Фидий**, теғи ту дар қадим метавонист худоёнро биофарад ва мо онҳоро назорат карда, қодир ҳастем будпарастиро сафед кунем; ту ё ҷуръат мекунӣ машғули сохтани ҳайкалчаҳое барои будуарҳо шавӣ, ё бекор бимонӣ.

Оид ба хулқу атвор мулоҳиза намуда, бе қаноатмандӣ наметавон доир ба оддияти урфу одати қадимиён хотирнишон кард. Ин соҳили аҷибест,

**Франсуа Мари Аруэ**
(1694-1778) – нависанда ва файласуфи франсавӣ

**Ван Лоо, Карл**
(1705-1765) – рассоми франсавӣ, ҳамасри Руссо

**Пйер, Жан-Батист-Мари**
(1714 – 1789)
рассоми франсавӣ, ҳамасри Руссо

**Пигал, Жан-Батист**
(1714 – 1789)
ҳайкалтароши франсавӣ

**Праксител**
(370-330 т.с.м.)
ҳайкалтароши шинохтаи аттиқа

**Фидий**
(500-432 т.с.м.)
ҳайкалтароши юнонӣ

**коринфӣ –**
яке аз намудҳои классикии орододашудаи меъмории ( Юнон қадим)

**Готҳо –**
иттиҳоди қабилаҳоии олмониҳои қадим

танҳо бо дастони худи табиат ороиш ёфтааст, ки ба он бемайлон чашмони мо мӯроҷиат мекунанд ва аз он мутаассифона, мо кайҳо дур ҳастем. Ҳангоме ки мардум бегуноҳ ва нек буданд, мехостанд то худоён шоҳиди аъмоли онҳо бошанд, онҳо бо эшон дар зери як бом дар кулбаҳои фақири худ мезистанд, аммо дере нагузашта шарр ба қалбҳои онҳо маскан гузида онҳо хоҳиши аз ин шоҳидони нобоб ҷудо шуданро намуданд ва онҳоро ба ибодатгоҳҳои боҳашамат баровада пеш карданд. Охируламр, мардум онҳоро аз ибодатхонаҳо низ дур намуданд, то ки худашон маскуни он шаванд. Дар ҳар ҳол, манзили худоён аз хонаҳои шаҳрвадон тафовуте надошт. Ин пурра фосиқии ахлоқ буд ва фисқу фуҷур аз пешина дида, бештар реша давонд, аз он даврае, ки онҳоро ба минбари сутунҳои мармарӣ, дар назди даромади қасрҳои ашрофон шинонданд ва дар капителҳои (сари сутун, боша) **коринфӣ** таҷассум намуданд.

Ба андозае ки лавозимоти зиндагӣ меафзояд, санъат низ тараққӣ ёфта, ҳашамат доман паҳн мекунад, аммо ҷасорати асил нотавон мегардад, шуҷоати ҳарбӣ нест мешавад. Ҳамаи ин самараи улум ва санъат мебошад, ки аз хомӯшии кабинетҳо баромаданд. Ҳангоме ки готҳо Юнонро талаю тороҷ намуданд, пас ҳамаи китобхонаҳои он аз сӯхтор наҷот дода шуданд, танҳо ба хотири он ки яке аз ғолибон маслиҳат медиҳад, то ки ин вайронаҳо ба ихтиёри душманон монда шавад, ки он чунон хуб онҳоро аз корҳои ҷангӣ дур месозад; ба онҳо вақтхушӣ расонда ва ба зиндагии камҳаракат маҳкум мекунад. Карли VIII **Тоскана ва шоҳигарии Неаполитаниро** қариб, ки шамшерашро аз ғилоф набароварда, тасхир намуд ва ҳамаи муқаррабони ӯ ин сабукии ногаҳониро ба он нисбат доданд, ки шайхон ва дарбориёни Италия назар ба оне, ки муқтадир ва ҷанговар бошанд, бештар ҷиҳати ҳашамат ва маърифат ғамхорӣ менамуданд. Ҳақиқатан, ба ин ду мисол истинод карда, як шахси солимфикр иброз намуда, ки таҷриба моро сабақ медиҳад, ки дар арсаи ҳарбӣ ва ба ин монанд арсаҳо таълимоти улум аз фоида дида, бештар ҳалокатовар аст, зеро он инсонҳоро на обутоб медиҳад, балки нарм ва нозук мекунад.

Римиҳо эътироф мекарданд, ки шуҷоатҳои ҳарбии онҳо ба андозае хомӯш мегардид, ҳангоме ки онҳо ба сарфаҳмравии расмҳо, кандакорӣ, маҳсулоти ҷавоҳиротӣ шурӯъ намуда, санъати нафисро пайгирӣ мекарданд. Ба ин мамлакати машҳур як навъ тақдир шуда буд, ки чун намунаи абадӣ шуда барои ҳалқҳои дигар хидмат кунад; иртифо и Медичи ва эҳёи азнави илмҳо ва мумкин аст, абадан шарафи ҳарбиро нобуд намуданд, ки он аз афташ Италияро якчанд аср пеш аз ин, азнав фаро гирифт.

Ҷумҳуриҳои Юнони қадим, бо он хирадмандӣ, ки бо вай қисми зиёди қонунҳояшон ҷило медиҳанд, ба шаҳрвандони худ бо ҳунарҳои ором ва беҳаракат машғул буданро манъ мекарданд, ки онҳо баданро суст ва вайрон намуда, бардамии рӯҳро ба тезӣ барбод медиҳад. Дар ҳақиқат, чӣ навъ одамон метавонанд ба гуруснагӣ, ташнагӣ, хастагӣ, хатар ва марг муносибат кунанд, ки ба онҳо ҳар гуна талафот мушкил ва майдатарин меҳнат ҳа-

**Токсана –** вилоят дар Итолиёи марказӣ

**шоҳигарии Неаполитани –** давлате, ки дар ҷануби Итолиё ҷойгир аст

**Ганнибал** (247 – 183 т.с.м.) Сарлашкари карфагенӣ, душмани оштинопазир ва мудҳиши Рум

**Тразимен –** кӯл дар. Итолиё

**Сезар, Юлий** (100-44 т.с.м.)- сарлашкар ва ходими давлатии румӣ

**Рубикон –** дарёчаи хурд, ки ба баҳри Адриатикӣ мерезад соли 49 т.с.м. Сезар қонуншиканӣ карда, бо қӯшун Рубиконро убур намуда, ҷанги шаҳрвандиро оғоз кард. “Убури Рубикон” ҳозир маънои қадами баргаштнопазир дорад.

**Алпҳо –** қаторкуҳ дар дар Аврупо

росангез аст? Магар сарбозон қодиранд меҳнати сангинро, ки ба он эшон одат накардаанд, рӯҳбаландона пушти сар кунанд? Магар онҳо маршҳои босуръатро дар зери роҳбарии афсарон метавонанд боғайратона содир намоянд, ки онҳо қодир нестанд, ҳатто, саворӣ ҳаракат намоянд? Бигузор ба ман, дар шакли эътироз нисбати шуҷоати овозадор ва сарбозони ҳозираи хуб таълимгирифта ва боинтизом, ишора нанамоянд. Ҷасорати онҳоро дар рӯзҳои набард таъриф намуда, одатан оиди он ки, чи гуна онҳо меҳнати тоқатфарсоро паси сар мекунанд, чи гуна онҳо сардӣ, гармии тафсон ва обу ҳавои бадро бардошт мекунанд, чизе намегӯянд. Сармои нарм ё гармӣ, ё, ҳатто, набудани баъзе аз лавозимоти зиндагӣ кофист, ки дар муддати чанд рӯз, яке аз беҳтарин артиши моро суст ва хароб гардад. Ҷанговарони шуҷоъ! Пуртоқатона ҳақиқатро бишнавед – ба шумо оиди он чунон аҳёнан ҳарф мезананд. Ман медонам, ки шумо ҷасур ҳастед: бо шумо **Ганнибал** шояд, ки назди **Канна** ва **Тразимен** пирӯз мегардид, **Сезар** бошад **Рубиконро** убур карда, кишвари худро мутеъ мекард, аммо якуми бо шумоён **Алпро** фатҳ намекард, дуюми бошад аҷдодони шуморо тасхир намекард.

Дар набард на ҳамеша оқибати ҷанг ҳал мешавад ва барои сарлашкарон аз малакаи ғолибият дар набард дида, санъати боз ҳам баландтар мавҷуд аст. Ба ном афсаре нотарсона худро ба оташ меафканад, аммо бо вуҷуди ин ниҳоят ӯ қумандони бад боқӣ мемонад. Барои сарбоз бошад, захираи нерӯ ва ҳушёрӣ нисбат ба далерӣ дида зарууртар аст, ки ӯро аз марг ҳифз намекунад. Барои давлат фарқ надорад аз чи қӯшунҳои вай нобуд мешаванд, аз табъларза ва сардӣ ё аз яроқи душман.

Агар машғулшавӣ бо илмҳо ҳалокатовар барои шуҷоати ҳарбӣ бошад, пас он аз ин бештар ҳалокатовар барои ахлоқ аст. Тарбияи бемаънӣ, ки аз ҷавонӣ ақли моро ороиш дода, мулоҳизаро фосид мекунад. Дар ҳама ҷо ман адади зиёди муассисаҳоеро мебинам, ки дар он бо хароҷоти зиёд ҷавонҳоро ба ҳама чиз таълим медиҳанд. Фарзандони шумо, забони модариро надониста, ба забонҳои дигар ҳарф мезананд, ки дар ҳеҷ куҷо истифода намешаванд; онҳо шеър эҷод мекунанд, ки тақрибан аз дарки он маҳруманд; ҳақиқатро аз иштибоҳ фарқ накарда, онҳо санъати гумроҳ кардани мардумро бо муаммоҳои холӣ касб менамоянд, бо вуҷуди ин, онҳо маънии чунин вожаҳоро, ба монанди олиҳимматӣ, адолатпарварӣ, қаноат, одамгарӣ, мардонагӣ дарк намекунанд, номи азизи ватан барои сомеаи онҳо бегона хоҳад буд, агарчӣ онҳо оид ба Офаридгор сухане ҳам гӯянд, бештар на аз эҳтироми зиёд, балки аз рӯи тарси хурофот аст. “Ман афзал медонам ки, иброз дошт як ҳаким, шогирди ман вақти худро бо тӯббозӣ гузаронад, дар ҳар ҳол ӯ чобуктар мебуд. Ман медонам, ки хатари бештареро барои тифлон беҳудагардӣ ташкил мекунад ва онҳоро бояд ба чизе машғул кард, вале ба чӣ, билохира, бояд онҳоро омӯзонд? Саволи хуб! Бешубҳа, ба чизе ки онҳо, ҳангоме ба камол бирасанд, бояд бикунанд, вале на оне ки оқибат фаромӯш хоҳанд кард.”

Ба фикри шумо, чиро ҳайкалҳое, ки дар боғҳои мо барои тамошои умум гузоштаанд, инъикос мекунанд, ва расмҳоро дар нигористонҳо – ин беҳтарин асарҳои санъат? Муҳофизони ватан ё шояд шахсони бузургро – онҳоеро ки бо фазилатҳои худ онро ғанӣ намуд? Оҳ на, ин тасвирҳои тамоми иштибоҳҳои дил ва ақл аст, ки боғайратона аз асотирҳои куҳан кашида баровадаанд ва ниҳоят барвақт ба таваҷҷуҳи фарзандони мо пешкаш намудаанд, то ин ки, пеш аз он ки онҳо қироат карданро азхуд намоянд, бешак, пеши чашми онҳо намунаҳои аъмоли зиште ҷамъоварӣ карда шаванд.

Аз чӣ ҳамаи ин сӯистеъмолҳо ба вуҷуд меоянд, шояд аз нобаробарии ҳалокатбори байни одамон бошад, ки аз тавсифи истеъдодон ва таҳқири фазилатҳо пайдо шудааст? Ин аст натиҷаи ниҳоят воқеии тамоми машғулиятҳои илмии моён ва самараи ниҳоят хатарноки он. Аз инсон ҳоло намепурсанд,оё вай одам аст, аммо оё ту истеъдод дорӣ, оиди китоб ҳам намепурсанд оё вай муфид аст, вале намепурсанд оё он хуб нигошта шудааст. Мукофотҳоро барои заррофат масраф мекунанд, вале фазилат бе қадр мемонад. Ҳазорон мукофот ҷиҳати суханҳои зебо мавҷуданд, вале ягонто ҳам барои рафтори хуб нест. Аммо ба ман бигӯед, наход шуҳрате ки бо мулоҳизаи беҳтарин марбут аст ва он бо ҷоиза дар ин Академия сарфароз мегардад, метавонад бо хидмати оне ки ин мукофотро таъсис намуд, баробар бошад?

Одами бохирад аз қафои сарват давутоз намекунад, аммо вай ба шуҳрат бепарво нест ва ҳангоме ки вай мебинад, чи тарз он беадолатона тақсим мешавад, пас фазилати ӯ, ки онро сабқат метавонист ҳавасманд намояду барои ҷомеа муфид гардонад, заиф шуда, ба камбағалӣ ва фаромӯшӣ мувоҷеҳ мегардад. Ана ба чӣ дер ё зуд, дар ҳама ҷо афзал донистани истеъдодҳои марғуб назар ба истеъдодҳои муфид, бояд оварда расонад, тавре ки он дар таҷриба аз замони эҳёи улум ва санъат борҳо тасдиқ ёфта буд. Дар мо ҳаст физикон, , аҳли кимиё ва ҳандаса, нуҷумшиносон, шоирон, мусиқидонҳо, рассомон, вале мо шаҳрвандҳоро надорем, агар онҳо ҳоло боқӣ монда бошанд ҳам, пас дар гӯшаҳои хилватҷои бекаси деҳот, дар бенавоӣ ва нафрат ҳалок мешаванд. Мана дар кадом ҳолат онҳо расида, мана чунин ҳиссиётро аз ҷониби мо вомехӯранд онҳое ки ба мо нон медиҳанд, ба фарзандони мо бошад – шир.

Бо вуҷуди ин, ман эътироф мекунам, ки бадӣ, тавре ки буданаш имкон дошт, ҳоло на чандон бузург аст. Тақдир, ки дар бари растаниҳои заҳролуд гиёҳҳои шифобахш шинонда ва бисёр ҳайвонҳои зарароварро бо позаҳр ато карда, то ки аз газиданҳои худ эмин дорад, ба зимомдорон, ба намояндагони заминии худ талқин намуд, ки саъйи тақлид ба хиради вай намоянд. Аз худованд ибрат гирифта, монархи бузург, ки шуҳрати вай асрҳо хомӯш намегардат, ҳатто, аз илм ва санъат – манбаи ҳама гуна шарр, метавонад суд ба даст оварад, ҷамъиятҳои номдор созмон диҳад, ки ба онҳо ҳамзамон бовар карда хазинаи хатарноки донишҳои инсонӣ ва ғамхории муқаддас бобати ҳифзи ахлоқи ҳамида супорида шуд, ки онҳо боистӣ тозагии маҳзро риоя карда, аз дигарон низ онро талаб намоянд.

Ин муассисаҳои бохирад, ки аз ҷониби ворисе августӣ мустаҳкам гардида, барои кулли подшоҳони Аврупо чун намуна хизмат намуд, дар ҳар ҳол барои нависандагон ҷилав хоҳанд шуд, ки онҳо шарафи ба академия қабул шуданро ноил гашта, аз болои худ поида мегардан ва мекӯшанд бо асарҳои муфид ва хулқу атвори писандида сазовори ин шараф гарданд. Бо ҷоизаҳо хизматҳои адабиро сарфароз гардонда, ва барои озмун мавзӯҳоеро интихоб намуда, ки қодиранд дар қалбҳои шаҳрвандон меҳри фа-

зилатро (накукор Римиро) барангезанд, чунин муассисаҳо собит мекунанд, ки ин меҳр дар деворҳои онҳо ҳукмронанд ва ба ҳалқҳо лаззати нодир ва ширини дидани ҷамъиятҳои олимон ато мекунанд, ки онҳо на танҳо худро барои паҳн намудани маориф дар байни башарият мебахшанд, инчунин ба ӯ пандҳои наҷотбахш низ медиҳанд.

Бигузор ба ман эътироз накунанд, ки он барои ман танҳо исботи нави ҳаққонияти ман мегардад. Ин қадар огоҳиҳо нишон медиҳанд, ки онҳо боиси пайдо шудани зарурияте мебошад, аз касалиҳои мавҷуднабуда, дору намеҷӯянд. Чаро боз лозим, ки ахирин аз рӯи ноқаноатмандии худ соҳиби хосиятҳои оддии доруҳо гарданд?

Ин қадар муассиса, ки ба манфиати олимон эъмор шудааст, зиёда аз он қодиранд нақши илмро баланд бардоранд ва ақлҳоро ба омӯзиши онҳо равона созанд. Аз рӯи чораҳои қабулкардаи эҳтиётӣ, метавон хулоса кард, ки дар мо миқдори ниҳоят зиёди заминдоронанд, вале файласуфон камшуморанд. Ман ба ҳеҷ ваҷҳ даъвои муқоисаи зироаткориро бо фалсафа надорам: ин кор норавост, вале ман танҳо мепурсам худи фалсафа чист? Дар осори файласуфони шинохта чӣ маҳфуз аст? Чӣ навъ сабаққоро ин дӯстони ҳикмат таълим медиҳанд? Магар онҳо ба издиҳоми лӯттиҳо монанд нестанд, ки дар майдон яке пеши дигаре фарёд мекунад “Назди ман оед! Танҳо ман фиребгар нестам”. Яке аз онҳо тасдиқ мекунад, ки аҷсом вуҷуд надоранд, танҳо тасаввурот оид ба онҳо мавҷуд аст, дигарӣ бовар мекунонад, ки ба ҷуз материя дигар ҳеҷ гуна ҷавҳаре нест ва ба ҷуз олам, дигар ҳеҷ худое нест. Якумӣ эълом мекунад, ки на фазилат ва на нуқс вуҷуд дорад ва он ки хайру шарр, тавре ки онҳоро ахлоқ дарк мекунад хаёли хом мебошад; они дигар арз мекунад, ки мардум гурганд ва метавонанд бо виҷдони пок якдигарро бихӯранд. Оҳ файласуфони бузург! Хуб мешуд агар шумо ин сабаққои муфидро барои дӯстон ва фарзандонатон ҳифз мекардед. Шумо дере нагузашта аз рӯи хизмататон подош мегирифтед, мо бошем, ба ҳар ҳол, хавотир намешудем, ки дар оилаи мо тарафдорони шумо пайдо мешаванд.

Инак, он мардуми сара, ки дар зиндагӣ ба чунин ҳурмату эҳтироми ҳамзамонҳо қадрдонӣ мешаванд ва ба онҳо баъди фавташон ҷовидонӣ ато мешавад! Ана он ҳақиқатҳои ҳикматона, ки аз онҳо мо дарк намудем ва ба авлодонамон аз насл ба насл мегузарад! Будпарастӣ, ки дар кулли иштибоҳҳои хиради башарият қайд шуда, ба авлодон чизе боқӣ нагузоштааст, ки тавонад бо ёдгориҳои нангин қиёс карда шавад, ки бо баробари китобчопкунӣ дар давраи ҳукмронии **Инҷил** эҳёд гардиданд. Навиштаҳои касифи **Левкип** ва **Диагор** бо ҳамроҳии онҳо ҳалок гардиданд, зеро ки дар он замон тарзи ҷовидонӣ гардондани афкори девонаавзоъ ҳоло ихтироъ нагардида буд, лекин ба шарофати санъати китобчопкунӣ ва тарзи истифодабарии он, ҳазёнҳои хатарноки **Гоббс ва Спиноза** абадан маҳфуз мемонанд. Бигузор навиштаҳои машҳур, ки ба он аҷдодони ҷоҳил ва дағали мо қодир набуданд, ба авлодони мо ҳамроҳи асарҳои аз ин ҳам хавфнок интиқол ёбанд, ки вайронии ахлоқи муосирро мунъакис намуда, ба қарнҳои оянда таърихи ҳақиқии прогрессро хабар дода, ки он аз афзалияти илм ва санъати мо гувоҳӣ медиҳад. Агар онҳо ин асарҳоро мутолиа намоянд, барои онҳо ҳеҷ шубҳае дар масъалае боқӣ намемонад, ки онро мо ҳоло баррасӣ мекунем ва агар онҳо аз мо дида бештар беандеша набошанд, пас, даст ба осмон кашида, онҳо бо дарди дил хитоб мекунанд: “Худованди бузург! Ту, ки дар дастат нафси мост моро аз илм ва санъати ҳалокатбори

**Инҷил –**
шарҳи ҳоли Исои Масеҳ

**Левкипп -**
Файласуфи Юнони қадим, асри V т.с.м.

**Диагор –**
файласуфи Юнони қадим, асри V т.с.м.

**Гоббс, Томас**
(1588- 1679) – файласуфи англис

**Спиноза, Барух**
(1632-1677) – файласуфи ҳолландӣ

**Бэкон, Френсис**
(1561-1626) – файласуфи англис

**Декарт, Рене**
(1596-1650) – файласуфи франсавӣ, риёзидон ва физик

**Нютон, Исаак**
(1642-1727) – риёзидон ва физики англис

падарони мо раҳоӣ намо ва ба мо ғафлат, бегуноҳӣ ва бенавоиро, ки онҳо ягона неъматанд баргардон; эшон метавонанд моро хушбахт гардонанд ва онҳо дар чашмони ту арзиштаринанд!”

Агар пешрафти илм ва санъат, чизе ба некӯаҳволии аслии шумо изофа нанамуд, танҳо хулқу атворро хароб карда ва агар вайронии ахлоқ табъи моро таҳриф кард, пас, чӣ гӯем роҷеъ ба тӯдаи нависандагони маъмулӣ, ки ҳамаи монеаҳоро, ки роҳи ибодатхонаҳои санъатро (Муз) ба онононҳо банд карда буданд, рафъ намуда, монеаҳое, ки худи табиат барои санҷиши нерӯ гузошта буд, ташнаи вориди он шаванд? Чӣ гӯямат оиди компиляторҳо, ки онҳо густохона дарҳои ибодатхонаҳои илмро воз намуда, ба ҳарами муқаддастарин авоми ношоистаро ворид намуданд, ҳол он ки лозим буд, то ҳамаи онҳое ки наметавонад дастовардҳои назарраси худро дар илм зуҳур намояд, мутлақан бо онҳо машғул нашаванд ва ҳаёташонро ба ҳунарҳои барои ҷомеа муфид бахшанд.

Шояд, аз он ки касе тамоми умри худ шоири ҳақир ё риёзидони омӣ бимонад, аҷаб не аз ӯ фабриканти олӣ мебаромад. Касе ки барои омӯзондан офарида шуда, ба ҳеҷ омӯзгор ниёз надорад. **Бэконҳо, Декартҳо ва Нютонҳо,** ин мураббиёни насли башарӣ, худашон муаллим надоштанд, ва кӣ онҳоро метавонист ба ин қуллаҳо бирасонад, ки он ҷо онҳоро нобиғаашон меъроҷ намуд? Муаллимони оддӣ метавонистанд танҳо тафаккури онҳоро танг сохта, онро бо чорчӯбаҳои танги қобилиятҳои худӣ маҳдуд намоянд. Танҳо монеаҳои дар ибтидо вохӯрда онҳоро ба ҷидду ҷаҳд одат кунониданд, ки бидуни он эшон наметавонистанд фазои беинтиҳоро рафъ намоянд. Агар ба касе рухсати лозима дода шавад, то машғули омӯзиши илм ва санъат шавад, пас, танҳо ба онҳое ки дорои қувваи лозима буда, то ки на танҳо аз паи пешгузаштагони худ равона гарданд, балки аз онҳо пеш гузарад. Бигузор баъзеи онҳо муҷаассамаҳоеро ба шарафи хиради инсонӣ бино кунанд. Лекин агар хоҳанд, ки ҳама чиз ба нобиғаи онҳо иҷозат бошад, пас бигузор ба чӣ онҳо метавонанд умед доштан, рухсат бошад, он ҳавасмандии ягона, ки онҳо ба он мӯҳтоҷанд. Рӯҳ ноаён ба ашёҳои ба ӯ ҷолиб мувофиқат мекунад, ва ҳодисаҳои бузург одамони бузургро ба вуҷуд меоранд. Шайхи суханварӣ консули Рим шуд, ва бузургтарине аз файласуфон канслери Англия гардид. Агар аввалӣ танҳо фақат роҳбари кафедра дар ягон донишгоҳе мебуд ва дувумӣ танҳо аз нафақаи ночизи академӣ истифода менамуд, пас, магар ба эҷодиёти онҳо ҳолати хоксоронаи эшон таъсир намекард? Бигузор подшоҳон аз даъвати одамон ба шӯроҳои таъсисёфтаи худ, ки дорои қобилияти бештари маслиҳатгарӣ доранд, ҳазар накунанд, бигузор онҳо аз хурофоти қадимӣ, ки аз ҷониби ифтихори аъёну ашроф эҷод шудааст, даст кашанд, гӯё идора кардани халқ аз маърифат намудани вай дида мушкилтар аст. Аниқ бовар кунондани мардум аз рӯи иродаи нек рафтор намудан, назар ба зӯран маҷбур кардани онҳо ба ин, осонтар аст! Бигузор олимони сатҳи олӣ дар дарбори шоҳон сарпаноҳи ифтихориро биёбанд; бигузор онҳо дар он ҷо ягона мукофоти

ба худ шоистаро дарёб намоянд, махсусан бо таъсири худ ба беҳбудии он ҳалқе хидмат намоянд, ки онҳоро ба ҳикмат омӯзонда буданд. Танҳо дар он вақт мебинанд, ки чиро фазилат, илм, ва ҳокимият метавонанд ба иҷро расонанд, ки бо сабқати олиҳимматона рӯҳбаланд шуда ва дастҷамъона ба беҳбудии насли башар кор кунанд. Аммо то он вақте қудрат, аз як тараф, маориф ва ҳикмат аз тарафи дигар ба иттифоқ қадам наниҳанд, олимон аҳёнан доир ба корҳои давлатӣ фикр нахоҳанд кард, зимомдорон бошанд аз ин ҳам камтар амалҳои зебоpo ба иҷро мерасонанд ва ҳалқҳо манфур, фосиқ ва бебахт боқӣ мемонанд.

Мо мирандагони оддӣ, – киро осмон истеъдодҳои бузург ато накард ва ба кӣ сарнавишт шуҳратеро насиб надид, дар соя қарор хоҳем монд. Аз паи шуҳрат беҳуда нахоҳем давутоз кард, ки дар ҳолати кунунӣ, ҳатто, агар мо шоистаи он мешудем ҳам, саъю кӯшиши мо бенатиҷа мебуд. Чӣ суд аз он ки хушбахтиро дар афкори дигарон меҷӯем, дар ҳоле ки онро дар худи мо ёфтан мумкин аст? Биёед ғамхории сабақ додани ҳалқро оиди вазифаҳои вай ба ихтиёри дигарон гузорем ва бо иҷроиши вазифаҳои худӣ қаноат кунем. Ин ҳама чизе ки аз мо талаб карда мешавад.

Оҳ накукор, илми олии нафсҳои соддадил! Наход ин қадар заҳмат ва ҷаҳд лозим аст, то ки худро бишносем? Магар дастури ту дар ҳамаи қалбҳои одамон нақш набастаанд? Магар ҷиҳати аз худ кардани қонунҳои ту, дарки умқи худ кофӣ нест ва шаҳватро ба хомӯшӣ водор карда, ба овози виҷдони худ гӯш диҳем? Маҳз дар ин фалсафаи аслӣ маҳфуз аст. Биёед қаноати он мекунем ва ба шуҳрати одамони машҳур ҳасад набурда, ки худро дар ҷодаи адабиёт ҷовидон намуданд, саъй кунем миёни онҳо ва худамон тафовути шаҳирро ҷорӣ намоем, ки замоне байни ду ҳалқи бузург ишора шуда буд, яке малакаи хуби ҳарф задан дошт, дигарӣ – хуб рафтор кардан.

**Эзоҳ:**

1. Давлатдорон ҳамеша бо камоли майл ба паҳншавии миёни тобеони худ майле, ки ба онҳо танҳо вақтхушӣ ба санъат ва дигар зиёдатиҳо мерасонад – агар он танҳо бо интиқоли пул ба хориҷа вобаста набошад, – назора мекунанд, зеро ғайр аз оне ки бо чунин тарз онҳо дар тобеони худ майда-чуйдаи рӯҳӣ тарбият мекунанд, ки барои ғуломӣ ниҳоят қулай мебошад, эшон ниҳоят хуб медонанд, ки ҳар гуна талаботи нав ҳамзамон барои ҳалқ занҷири иловагие мебошад, ки ӯро занҷирбанд мекунад. Искандар азм дошт **ихтиофагҳоро** дар тобеияти худ нигоҳ дорад ва онҳоро маҷбур намуд аз моҳидорӣ даст кашанд ва он ғизоеро истеъмол намоянд, ки дигар ҳалқҳо истифода мекунанд. Ваҳшиҳои америкоӣ, ки чи будани либосро намедонанд ва фақат танҳо бо шикор машғуланд, мағлубнопазир мебошанд. Дар ҳақиқат, чи тавр юғеро ба одамон вогузоштан мумкин аст, ки онҳо ҳеҷ гуна ниёз надоранд. (эзоҳ Руссо).

2. “Ман дӯст медорам,- мегӯяд **Монтен** – баҳс ва мулоҳиза карданро, аммо на бо ҳама кас ва танҳо барои худ, зеро ки шод кардани зимомдорони ҷаҳон ва ба намоиш гузоштани ақлу ширинсухании худ, фикр мекунам шоистаи ҳунари марди бошараф нест”. (кит.III, боби 8). Ин ҳунари кулли зарофатгӯёни мост, ба ҷуз як нафар. (эзоҳ Руссо).

3. Ман ҷуръат намекунам оиди ҳалқҳои саодатманд ҳарф занам, ҳатто, аз рӯи номҳое ки нуқсонҳояшонро намедонанд, ки онҳоро шумо бо як мушкилӣ ҷилавгирӣ мекунед, оид ба одами ваҳшии америкоӣ, ки сохти оддӣ ва

**ихтиофагҳо –** халқҳое, ки ғизои асосиашон моҳӣ мебошад.

**Монтен, Мишел** (1533-1592) – файласуфи франсавӣ

**Прометей –** қаҳрамони асотирӣ, ки аз худоён оташро дуздида, ба одамон онро дод

**машшоиён** пайравони Арасту

табиӣ онҳоро Монтен бедудилагӣ бартар аз на танҳо қонунҳои Афлотун, балки аз он беҳтарин чизе, ки фақат фалсафа қодир аст як замоне ҷиҳати идораи одамон, ихтироъ намояд. Вай теъдоди зиёди мисолҳоеро меорад, ки барои ҳар нафаре, ки қобили тааҷҷуб кардан дорад, ҳайратангез аст. “Андеша намоед – мегӯяд ӯ –охир онҳо, ҳатто, эзор намепӯшанд.” (эзоҳ Руссо).

4. Бигузор эшон аз рӯи инсоф гӯянд, ки худи афинагиҳо чи ақида доштанд оид ба санъати суханварӣ, ҳангоме ки онҳо чунон боғайратона онро аз додгоҳи содиқ бадар мекарданд, қарори онҳоро, ҳатто, худоён мавриди баҳс қарор намедоданд. Чи андешае римиҳо роҷеъ ба тиб доштанд, вақте ки эшон онро аз ҷумҳурии худ пеш карданд? Ва чи гуна мафҳуме оид ба ҳуқуқшиносӣ бояд испаниҳо медоштанд, вақте, онҳо бо ҳидояти боқимондаҳои одамгарӣ, онҳо ба қонунгузорони худ ворид шуданд ба Амрикоро манъ намуданд, гӯё умед доштанд бо ин иқдом кулли бадиҳоро, ки ба ҳиндуҳои бадбахт боис шудан, ислоҳ намоянд? (эзоҳ Руссо).

5. Осон аст фаҳмидани рамзи гуфтор дар бораи **Прометейро** ва гумон аст, ки юнониён ӯро дар қуллаи Қафқоз занҷирбанд кардаанд, аз муносибати мисриён ба худои худ Тоту дида, накукорона ба ӯ муносибат кардаанд. Дар як гуфтори қадим омадааст, ки нахуст оташро дида, вай хост оноро ба оғӯш гирад ва бӯса намояд, вале Прометей ба ӯ гуфт: “Сатир, ба ту лозим меояд риши худро сӯгворӣ кунӣ, зеро ки оташ, вақте ба вай даст занӣ, месӯзонад”. (эзоҳ Руссо).

6. Чи қадаре ки мардум камтар донанд, ҳамон қадар дар назарашон дониш васеътар менамояд. Магар **машшоиён** ба чизе шубҳа мекарданд? Магар Декарт Коинотро аз куб ва гирдбод насохт? Магар дар даврони мо дар Аврупо аққалан як физик ёфт мешавад, ки ҷуръат кунад, то асрори барқро баён намояд, ҳарчанд он розу асрори жарфнок аст ва шояд барои файласуфони асил доимо чун мавзӯи маъюсӣ хизмат мекунад. (эзоҳ Руссо).

7. Ман дур аз он андешаам, ки ин таъсири занон худ шарр аст. Ман ба он ҳамчун ҳадя, ки табиат онҳоро, ба хушбахтии тамоми насли одамизод ато намудааст, зеро, агар он беҳтар равона гардад, ин таъсирот он қадар некиро эҷод мекунад, ки ҳоло вай ҳамон қадар шарр меорад.

Мардум ҳоло пурра дарк накардаанд, чи гуна фоида ҷамъиятро тарбияи беҳтари ин нимаи насли башар интизор аст, ки бар нимаи дуюм фармонфармоӣ мекунад. Мардон ҳамеша чунин мешаванд, ки чи гуна онҳоро занон дидан мехоҳанд ва агар шумо аз онҳо азамати рӯҳонӣ ва фазилатро хоҳон бошед, пас занонро ба дарки фазилат ва азамати рӯҳонӣ чист, омӯзонед. Мулоҳизаҳо оид ба ин мавзӯъ, ки як вақтҳо аз ҷониби Афлотун навишта шудааст, шоистаи боз ҳам муфассали рушди он мебуд, лекин онро он касе ба ӯҳда гирифта метавонист, ки ӯ баъд аз чунин устод шоистаи навиштани он бошад ва чунин кори бузургро дифоъ намояд. (эзоҳ Руссо).

8. “Афкори фалсафӣ” (эзоҳ. Руссо).

**Ликург**
(396-325 т.с.м.) ходими давлатӣ ва суханвар

**Астиаг**
(VI т.с.м.) – шоҳи мидиягӣ

**Ксенофонт**
(430-355 т.с.м.) таърихшиноси Юнони қадим

**Куруш**
(ваф. с. 529) – асосгузор ва шоҳи империяи Форс

**аорист –**
шакли феъле, ки амали дар гузашта ба итмом расидаро ифода мекунад

**тупто –**
калимаи юнонӣ – задан; зад

9. Тибқи шаҳодати бузургтарин аз подшоҳони онҳо партаниҳоро чунин тарбия мекарданд: “Хеле шоёни диққат аст, – мегӯяд Монтен, – дар низоми олии давлатии **Ликург** ҳақиқатан ҳайратовар аз рӯи камолоти худ, ки он чунин ғамхорие на танҳо оиди хӯроки кӯдакон, чун вазифаи асосии худ, балки, ҳатто, манзили олиҳаи санъат (Муз) – қариб ки оид ба таълимот хотирнишон намекунад. Гӯё ки назди ҷавонҳои шуҷоъ ва озодихоҳи спартанӣ ба ҷои муаллимони илмии мо, танҳо муаллимони далер, бохирад ва боадолат ҳузур доштанд”.

Бибинем, чи тавр ҳамон муаллиф оид ба порсиёни қадим ибрози ақида намуд: “Афлотун доир ба тарбияи вориси тахти порсиён чунин нақл намуда: “Ҳамоно пас аз тавлид вайро на ба занон балки ба хоҷасарой супориданд, ки ба шарофати фазилати худ, сазовори боварии калони подшоҳ гардида буд. Бар дӯши онҳо вазифаи солим ва бақувват ба воя расондани кӯдак меистод. Дар ҳафтсолагӣ ӯро аспсаворӣ ва шикорро таълим медоданд, дар чордаҳсолагӣ вайро ба чор беҳтарин шахсони кишвар супурданд: аз ҳама хирадмандтарин, аз ҳама боадолаттарин, аз ҳама қаноатпеша ва аз ҳама далертарин. Якумӣ ба вай динро меомӯзонд, дуюмӣ – ҳамеша ростқавл будан, сеюмӣ – шаҳвати худро ҷилавгирӣ кардан ва чорумӣ – аз ҳеҷ чиз ҳарос накардан”. Ҳама, – илова мекунам ман, – саъй мекарданд ӯро бофазилат бикунанд ва на ягон-тои онҳо – олим”.

**“Астиаг**, – мегӯяд **Ксенофонт**, – аз **Куруш** оиди сабақи ахирини ӯ пурсон шуд. Дар мактаби мо, посух дод вай, писарчаи баландқомат, ки соҳиби абои кӯтоҳ буд, онро ба дусти пастқоматаш дод ва аз ӯ абои дарозашро кашида гирифт. Мураббии ман хоҳиш намуд, то ки ин ҳодисаро ҳаллу фасл намоям ва ман қарор кардам, ки инро чи тавре ки ҳаст, ҳамин тавр боқӣ бимонам ва аз чунин табодул ҳар ду ғолиб меоянд. Ба ин вай ишора намуд, ки аз нуқтаи назари хушодобӣ ман нодуруст ҳукм кардам, зеро ки қабл аз ҳама бояд адолатро дар назар дошт, ки он талаб мекунад, аз ҳеҷ кас бо зӯрӣ, чизеро ки ба вай мансуб аст, кашида гирифта нашавад. Ва Куруш гуфт, ки ӯро айнан латукӯб кардан, мисле ки дар деҳоти мо кӯдаконро, вақте ки онҳо **аористи** якумро аз феъли **тупто** фаромӯш мекунанд, латукӯб мекунанд. Ба муаллими ман, – илова мекунад Ксенофант, – лозим меомад сухани хуберо дар **in genere** demonstrativo” талаффуз кунад, пеш аз он ки вай маро бовар кунонад, ки мактаби мо метавонад бо он баробар бошад.

10. Бесарусомониҳои мудҳишро мушоҳида карда, ки пештар бо китобчопкунӣ дар Аврупо расонида шуд ва оиди оянда, аз рӯи он комёбиҳое, ки он рӯз аз рӯз ба даст меорад, мулоҳиза намуда, метавон ба осонӣ пешбинӣ намуд, ки ҳукуматдорон фавран ин санъати мудҳишро аз ҳудуди давлати худ пеш мекунанд, саъю кӯшиши зиёдеро да ин роҳ ба ҷо оварда, назар ба оне ки барои ворид намудани он эшон сарф намуданд. Султон Аҳмад, ба талабҳои боисроронаи ба ном мардуми нозуктабъ гузашт карда, розӣ шуд дар Константинопол типографияро бунёд намояд, вале дар арфаи ба кор даромадани он фармон дод онро вайрон карда, асбобҳояш ба чоҳ партофта шаванд. Ривоят мекунанд, ки халифа Умар ба саволи, чӣ бояд кард бо китобхонаи Александрӣ, чунин ҷавоб дод: “Агар дар ин китобҳо чизҳое маҳфузанд, ки хилофи Қуръонанд, пас онҳо баданд ва онҳо бояд сӯзонда шаванд, агар дар онҳо танҳо он чизест, ки дар Қуръон мумкин аст онро дарёфт намуд, пас онҳоро низ лозим аст сӯзонд, зеро онҳо зиёдатианд”. Олимони мо ин мулоҳизаро оварда, онро камоли бемаънигӣ арзёбӣ намуданд.

**genere** –
жанр

**Григорий Великий**
(540-604) – Папаи румӣ, ки мероси ғании адабӣ аз худ боқӣ гузошт

Дар зимни он, агар ба ҷои Умар Григорийи Бузург мебуд ва сухан аз боби Қуръон не, балки бобати Инҷил мерафт, китобхона инчунин сӯзонда мешуд ва шояд, ин беҳтарин аъмол дар ҳаёти ин кашиши шинохта мебуд. (Эзоҳ. Руссо).

**САВОЛҲО БАРОИ МУҲОКИМА:**

1. Маънои "ҷараёни таърихии тамаддуни башар" чист, ки онро Руссо дар кори худ "Мулоҳизаҳо оид ба илм ва санъат" пешниҳод менамояд?
2. Чаро Руссо арз мекунад, ки ҳамеша робита байни тараққиёт дар илм, санъат ва таназзули тамаддун мавҷуд буд? Баён намоед.
3. Чӣ, мувофиқи суханҳои Руссо, мардумро водор мекард мисли гузашта дар ҳолати нодонии саодатмандона бо тараққиёт дар санъат ва илм, қарор монад?
4. Тафовути байни тамаддунҳо ва ҷомеаҳо, қадимиён ва муосиронро тавсиф намоед, ки онҳоро Руссо дар қисмми аввал овардааст. Дар қисми дуввум байни ин таърихи қиёсӣ ва тавсифи аъмоли инсонии ӯ чӣ гуна робита мавҷуд аст?
5. Чӣ тарз, тибқи ақидаи Руссо, соддагӣ (бетакаллуфӣ), ҳашамат, фазилат бо ҳамдигар алоқамананд?
6. Чӣ тарз, тибқи ақидаи Руссо, ҳашамат заволи сутунҳои ахлоқӣ ва фазилатҳои моро ҳамроҳӣ мекунад? Чӣ гуна санъат ва илм бо ин вобастаанд?
7. Дар асл Руссо тараққиёти ҷамъиятиро рад мекунад, махсусан дар охири асари хеш "Мулоҳизаҳо оид ба илм ва санъат"? Ҷавоби худро баён намоед.

**САВОЛҲО БАРОИ ТАКРОР:**

1. Дар қисми якуми "Мулоҳизаҳо..." Руссо қайд мекунад, ки "Анфоси мо, ба андозаи такомул ёфтани илму санъат, фосиқ мегардиданд." Ба андешаи шумо, оё ин фикр ба тасаввуроти хонум Хоупвел оид ба мардуми хуби деҳотӣ мувофиқ аст? Ба хонум Хоупвел мардуми хуби деҳотӣ маъқул буданд, чунки онҳо ба фисқу фасоди илм гирифтор набуданд? Ба як иқтибос диққат диҳед, ки онро хонум Хоупвел аз як китобе ба духтари худ қироат намуд.
2. Бакунин (нафарест, ки дар бобби якум бо ӯ шинос шудед) зиёиёни илмиро аз ҳама асилзодатарин, истибдодитарин ва мутакаббиртарин тоифа меномад. Оё ин огоҳии Руссоро доир ба дониш ва илм хотирнишон намекунад?



**МАРГИ СУҚРОТ**
Жак Луи Давид (1748-1825)

## ТАҲИЯИ ЭССЕИ АСОСНОК



Мо на эссеи **тавсифӣ** балки эссеи **далелӣ** менависем. Эссеи тавсифӣ ба саволи “чӣ” посух медиҳад. Он воқеа, макон, ташкилотро тавсиф мекунад. Эссеи далелнок ба суоли “чи гуна?” ё “чаро” посух медиҳад. Он на ҳамту тасвир мекунад, ки **чи** ба вуқӯъ омад, балки мефаҳмонад, ки **чаро** он воқеъ шуд.

**Эссеи асоснок аз якчанд қисм иборат аст.**

**Муқаддима** ба шумо имконият медиҳад хонандаро бо савол шинос намоед, ки он дар кори шумо баррасӣ хоҳад шуд, ва ин чи гуна ба мавзуъ ё омӯзиш мутобиқат дорад. Кулли суолҳо шавқоваранд. Дар сарсухани худ шумо ба хонанда нишон медиҳед, саволи шумо чи гуна манфиатовар аст. Сарсухан саволи таҳқиқотиро дар бар мегирад, ки ба он кори шумо посух медиҳад. Саволи хуби таҳқиқотӣ – онест, ки шумо ҳоло ҷавобашро намедонед. Кор оид ба навиштан ва таҳқиқот ба шумо ҷавоб ба ин саволро талқин мекунад. Аз саволҳое худдорӣ кунед, ки он ба тавсифи оддӣ (чӣ, дар куҷо, кай) равона шудаанд ва саволҳоеро ҷустуҷӯ намоед, ки онҳо ба шумо шарҳ доданро имконият медиҳанд (чаро ё чӣ гуна).

Шумо инчунин бояд аз саволҳое худдорӣ намоед, ки ба онҳо ҷавоб нест. Ин саволҳои умумӣ ва саволҳоеро дар бар мегиранд, ки ба низоми муайяни эътиқод асос ёфтаанд. Саъй намоед суоли худро ба қисми муайяни проблема мутамарказ намоед ва андеша кунед, оё шумо қодир ҳастед, ки бурҳон ҷиҳати дастгирии посухи худ дарёфт намоед.

Ҷавоби кӯтоҳ ба суоли таҳқиқотии шумо **тезиси тасдиқӣ**, яъне,тафсири кӯтоҳи (на зиёда аз як абзатс) бурҳони шумо, хизмат мекунад. Тезиси тасдиқӣ на танҳо сохтори кори шуморо тавсиф менамояд, балки мустақиман ба саволи таҳқиқотии шумо посух медиҳад. Тезиси тасдиқӣ аз маҷмӯи дастурамалҳо иборат аст. Тасдиқҳои кӯтоҳ, ки онҳо қисман ба саволи таҳқиқотии шумо “чаро” ё “чи гуна” ҷавоб медиҳанд. Ин мулоҳизаҳо бояд байни худ алоқаманд бошанд. Агарчи шумо гуфта наметавонед, чӣ гуна ин мулоҳизаҳо алоқаманданд, пас онҳоро дар як кор истифода намудан лозим нест.

Аксарияти қисмати кори шумо аз **исбот** иборат аст, ки онҳо тезисҳои тасдиқии шуморо дастгирӣ мекунанд. Ба шумо зарур аст, ки ба ҳар як қоида дар тезиси тасдиқии худ, исбот пешниҳод кунед. Чӣ гуна омилҳо ё далелҳоро ба шумо ва хонанда нишон медиҳанд, чаро ин қоида дуруст аст? Барои ҳар як қоида ба шумо зарур аст, ки беш аз як исбот биёред. Агар шумо далели қавӣ дошта бошед, пас бе ҳиҷ мушкилӣ миқдори зиёди исботи онро дарёфт хоҳед кард.

Ҳамаи қоидаҳои шумо ва исботҳои онҳоро ҳамраҳӣ кунанда бояд ба ҳамдигар пайваст бошанд, то ки бурҳони пайдарҳамии мантиқиро созмон бидиҳад. Чӣ гуна қоидаи ибтидоии шумо бо дуюмӣ марбут аст вадуввумӣ бо савву мӣ? Якумӣ бо саввумӣ? Ба шумо лозим аст ин б ҳам алоқамандиро нишон диҳед.

Шумо бояд манбаъҳоро барои кулли исботҳои худ нишон диҳед. Дар куҷо шумо ин омилҳо ё ин далелҳоро дарёфт намудед? Агар шумо манбаъҳоро нодуруст ишора намудед, шуморо дар **плагиат** айбдор мекунанд ва ин маънои онро дорад, ки кори шумо ғайриқаноатбахш аст.

Дар кори сара инчунин **далелҳои бархилоф** баррасӣ ва рад карда хоҳанд шуд. Ҳамеша беш аз як баёноти имконӣ ёфт хоҳад шуд. Имкониятҳои дигар чи гунаанд ва чаро баёноти шумо аз ҳама беҳтар аст. Ба шумо лозим аст нишон диҳед, ки чи гуна исботҳои пешниҳод намудаи шумо нишон медиҳанд, ки далели шумо ба кулли бурҳонҳои мавҷуда мутобиқ аст. Бидуни ин, далели шумо баҳсталаб аст, чунки он дигар ҷавобҳои имкониро ба саволи шумо ба инобат намегирад.

**Таҳлил** мефаҳмонад, хулосаҳое ки аз далели шумо бармеояд, чи гунаанд. Агар далели шумо дуруст аст (ва шумо инро тавассути исбот ва рад кардани **далелҳои бархилоф нишон додаед**), пас ин чӣ маънӣ дорад? Чӣ гуна он метавонад ба ҳаёти мо ё ба фаҳмиши олами мо асар кунад? Ин иқдом шуморо аз як кори сара ба кори олӣ оварда мерасонад.

Ниҳоят, шумо корро бо **хулосаи** қавӣ хотима мебахшед. Хулоса бо иттилооти нав шинос намекунад, аммо ба хонанда он чиро хотирнишон менамояд, ки шумо дар кори худ муҳокима намудед ва чаро далели шумо муҳим аст. Тезиси тасдиқии хешро такрор накунед. Роҳи нави баёни он чизеро дарёб намоед, ки онро шумо комёб шудед.

**Манбаъ:** Чад Томсон//CEP

## МАШҚ ОИД БА ТАҲИЯИ ТЕЗИС

<table>
<tr><td colspan="3">Пешгуфтор: “Ана яке аз он масоили бузург ва зебое, ки он ҳеҷ вақт баррасӣ нашуда буд. На нозукиҳои метафизикӣ, ки ба тамоми навъҳои адабиёт ворид шудаанд ва аз он на ҳамеша барномаҳои таълимӣ озоданд, чун мавзӯи ин муҳокимарониҳо хидмат мекунанд; на, сухан дар бораи яке аз он ҳақиқатҳое меравад, ки аз вай саодати башарият вобаста аст”.<br>Саволи таҳқиқӣ: “Оё эҳёи улум ва санъат ба беҳтар шудани ахлоқ мусоидат кардааст ё вай ба харобии онҳо мадад кардааст?”</td></tr>
<tr><td colspan="3">Тезиси тасдиқӣ: “Дар ин ҷо натиҷа аён аст – фосидкунии воқеии ахлоқ. Нафсҳои мо, ба андозае фосиқ мегардиданд, ки илму санъат такомул меёфт. Мадду ҷазри обҳои уқёнус начандон зич ба ҳаракати моҳи тобон тобеъ мебошанд, назар ба тақдири ахлоқ ва росткорӣ – аз пешравиҳои илм ва санъат.</td></tr>
<tr><td>Исбот:<br>Вазъият:<br>1. Ба хотир биёред тамаддунҳоеро, ки дар он нестшавии фазилат ба андозаи рушди илм ва санъат мушоҳида мегардид</td><td>Исботҳо:<br>а) Миср<br>б) Юнон<br>в) Рум<br>г) Византия</td><td>Робитаи мутақобила:<br>а) Дар Миср фалсафа ва санъати нафис тавлид шуданд ва дере нагузашта пас аз ин он аз ҷониби Камбиз забт гардид.<br>б) Юнон – ҳамеша донишманд, ҳамеша нозпарварда ва ҳамеша мутеъ...Ҷомеае, ки бар асари ҳашамат ва санъат суст гардида буд<br>в) Рум... ки тавассути зироаткорон шуҳратёр гардидааст... Пойтахти олам, ки ин қадар халқҳоро мутеъ карда, худ низ дучори истило гардид...<br>г) Паноҳгоҳи улум ва санъат... Фисқу фасоди шармандавор, хоинии разил...– ана аз чӣ таърихи Константинопол бофта шудааст, мана он сарчашмаи мусаффои маориф, ки бо он қарни мо машҳур аст</td></tr>
</table>

| | | |
|---|---|---|
| 2) Ба хотир биёред Осиёи муосир ва Аврупои қадимро ва таъсири прогресси санъат ва илмро қиёс кунед дар ҷойҳое ки он ҷо онҳоро эҳтиром мекунанд, он ҷо, ки илмҳои пучро рад мекунанд. | а) Чин<br>б) Форс<br>в) скифҳо<br>г)Олмониҳо<br>д) ваҳшиёни амрикоӣ | а) Донишмандӣ қадрдонӣ мешавад... Вале агар нуқсе нест, ки болои онҳо ҳукмфармоӣ намекард...<br>б) Аз васваса ба илмҳои беамал мубтало нашудаанд, бо фазилатҳои хеш саодати шахсиашонро созмон дода, барои дигар ҳалқҳо намунаи ибрат шуданд<br>в) Халқи аҷоиб<br>г) Содагӣ, бегуноҳӣ ва фазилатҳои онҳоро васф мекарданд<br>д) Дар давраи бенавоӣ ва ҷаҳолат бо ҷасорати худ шуҳратёр буданд.<br>е) Фақат танҳо бо шикор машғуланд, мағлубнопазир мебошанд |
| 3) Аммо бишнавед ҳукмеро, ки яке аз ҳамин ҳакимони шаҳир ва бадбахт аз болои олимон ва рассомони он давра эълом дошт | а) Суқрот<br>б) Катони калонӣ<br>в) Фабритсий | а) Агар ӯ дар даврони мо эҳё мегардид, пас... ин марди адолатпеша нафраташро ба илмҳои беамали мо идома медод<br>б) Юнониёни шайтон ва маккорро фош менамуд, ки онҳо фазилатро васваса мекарданд<br>в) Вай шояд хитоб менамуд: Ба чӣ кулбаҳои оддӣ дар зери боми коҳӣ мубаддал шуданд..., ки он ҷо қаноат ва фазилат сукунат доштанд? |

| | | |
|---|---|---|
| 4) Илм ва саноеи мо аз рӯи пайдоишашон ба нуқсонҳои мо миннатдоранд бесамар бошанд, пас, аз рӯи амале, ки онҳо иҷро мекунанд, онҳо боз хатарноктаранд. | а) Бекорӣ<br>б)Ҳашамат<br>в) Косташавии часорати асил | а) Илмҳо ки зодаи ҳавою ҳавасанд, онҳо, дар навбати худ, сарманшаи вай мебошанд<br>б) Ба чӣ хотир саноеъ барои мо лозиманд, агар онҳо аз шукӯҳу ҳашамат маншаъ намегирифтанд?<br>в) Ҳамаи ин самараи улум ва санъат мебошад |
| 5) машғулшавӣ бо илмҳо ҳалокатовар барои ахлоқ аст. | а) таълим ва маълумоти тифлон<br>б) часорат; ватан<br>в) нобаробарӣ | а) Фарзандон... ҳақиқатро аз иштибоҳ фарқ нахоҳанд кард<br>б) Ҳозир барои кӯдакони мо ин калимаҳо бемаънианд<br>в) Аз тавсифи истеъдодон ва таҳқири фазилатҳо пайдо шудааст |
| **Далелҳои мутақобил**<br>“Чӣ гуямат оиди талфифгарон (компиляторҳо), ки онҳо густохона дарҳои ибодатхонаҳои илмро боз намуда, ба ҳарами муқаддастарин авоми ношоистаро ворид намуданд”...? | | **Алоқа бо исбот:**<br>“Касе ки барои омӯзонидан офарида шудаст, ба ҳеҷ омӯзгор ниёз надорад. Бэконҳо, Декартҳо ва Нютонҳо, ин мураббиёни насли башарӣ, худашон омӯзгор надоштанд...” |

**Мулоҳиза**

“Агар ба касе рухсат дода шавад, то машғули омӯзиши илм ва санъат шавад, пас, танҳо ба онҳое ки дорои қувваи лозима буда, то ки на танҳо аз паи пешгузаштагони худ равона гарданд, балки аз онҳо пеш гузаранд. Бигузор баъзеи онҳо муҷаассамаҳоеро ба шарафи хиради инсонӣ бино кунанд”

**Хулоса**

Бигузор подшоҳон аз даъвати одамон ба шӯроҳои таъсисёфтаи худ, ки дорои қобилияти бештари маслиҳатгарӣ доранд, ҳазар накунанд. Бигузор олимони сатҳи аввал дар дарбори шоҳон сарпаноҳи ифтихориро биёбанд; бигузор онҳо дар он ҷо ягона мукофоти ба худ шоистаро дарёб намоянд, махсусан, бо таъсири худ ба беҳбудии он халқе хидмат намоянд, ки онҳоро ба ҳикмат омӯзонда буданд. Танҳо дар он вақт мебинанд, ки чиро фазилат, илм, ва ҳокимият метавонанд ба иҷро расонанд, ки бо сабқати олиҳимматона рӯҳбаланд шуда ва дастҷамъона ба беҳбудии насли башар кор кунанд

# ПЛАГИАТ

## ПЛАГИАТ – ИН СУХАНҲО Ё ҒОЯҲОИ БЕГОНАРО АЗ НОМИХУД ПЕШНИҲОДНАМУДАН АСТ. БА ПЛАГИАТ МАШҒУЛ НАШАВЕД

Супоридани кореро, ки дар асл ҳамсояи шумо аз ҳуҷраатон навиштааст ва арз кардан: “Инро ман навиштам” – намунаи барҷастаи плагиат мегардид, баробари оне ки харидории кори курсӣ дар “фабрикаи корҳои курсӣ”.

Муҷозоти аз ҳама сабук ба чунин навъ плагиат баҳои “сирф” барои ин кор шуданаш мумкин буд. Дигар муҷозоти маъмул аттестатсия накардан барои гузаштан аз як курс ба курси дигар ё хориҷ намудан аз муассисаи таълимӣ метавон буд. Чуноне ки мебинед, плагиат – рафтори ношоям дар ҷаҳони илмӣ мебошад.

## ПЛАГИАТ АЗ РӮИ ЯКЧАНД САБАБ ВАЙРОНӢ МАҲСУБ МЕШАВАД.

Нахуст, ин фиреб аст. Агар шуморо хоҳиш карданд, чизе ҷиҳати исботи он чи ки шумо маводеро аз рӯи мавзӯъ дарк намудед, пас пешниҳод намудани кори ягон каси дигар ба сифати исбот – ин фиреб аст. Ин ҳамон аст, чун агар касе ба ҷои шумо имтиҳон месупорид.

Сониян, ин ранҷиш, ки ба ҳамкурсони шумо расонида шуд. Машғул шудан бо плагиат – ин ҳамон чизе, ки дар вақти имтиҳон аз касе кӯчонидан аст, яъне шумо беадолатона бо онҳое муносибат мекунед, ки аз рӯи қоида бозӣ мекунанд. Шумо имтиёзи ноҳақеро назди онҳо ҷустуҷӯ доред ва шумо ногузир аз боло ба поин ба онҳое нигоҳ хоҳед кард, ки вақти худ ва қувваҳоро барои иҷрои вазифа сарф намудааст ва нисбати он шумо қаллобӣ кардед.

Солисан, вақте ки шумо сухан ва идеяҳои дигар мардумонро бе иҷозати онҳо истифода мекунед, номи ин дуздӣ аст. Агар ба завод ворид шуда ва маҳсулоти дар як рӯз истеҳсолнамудаи он дуздида шавад, пас он ҷиноят мебуд. Дар ҷаҳони илмӣ сухан, ғояҳо, расмҳо, асарҳо, муҷассамаҳо, кашфиёт ва дигар корҳо – ин маҳз онест, ки мо истеҳсол мекунем. Онҳоро дуздидан ва арз кардан ки онҳо аз они шумост, нодуруст аст.

## ПЛАГИАТ “КОРИ КАЛОН” ДАР ҶАҲОНИ ИЛМӢ

Бисёр шаклҳои плагиат мавҷуданд, баъзе аз онҳо камтар даҳшатноканд, назар ба он намунаҳое ки аз онҳо ман оғоз намудам. Вале ба шумо лозим аст дарк намоед ва аз ҳама шаклҳои плагиат дар канор истед. Пешниҳод намудани суханон ё ғояҳои касони дигар, чун ғояҳои шахсӣ дар ҳар

шакл плагиат мебошад. Баъзе шаклҳои плагиат ба назари шумо начандон возеҳу равшан намудор шаванд. Бинобар ин, ман мехоҳам ба шумо онҳоро фаҳмо бо ҷузъиёташ баён намоям. Фикр мекунам, плагиат зуд-зуд ғайриихтиёр ва аз надонистан ба вуқӯъ меояд. Ман мехоҳам ба шумо кӯмак кунам, то ки аз ин имконияти бадномӣ дурӣ ҷӯед.

Фарз кунем, ки ба шумо лозим аст тақриз ба китоби Теодор М. Портер "Эътиқод ба рақам: саъй ба объективият дар илм ва ҳаёти ҷамъиятӣ". (Принстон, Ню Джерси: Принстон Юниверссити Пресс, 1995) нависед. Дар рафти тайёрӣ ба навиштани кори худ шумо тақриз ба китобро дидед, ки аз ҷониби Лиза Р. Стаффен навишта шуда, дар "Сотсиологияи муосир" ба табъ расидааст (марти, 1996, ҷилди 25, № 2, с. 154-156).



Тақризи Стаффен чунин оғоз мегардад: "Мӯд шудааст мафҳуми воқеияти мутлақро, дар асоси ҳамоне ки объективият сирф дастнорас аст, рад намоем ё, агар дастрас бошад ҳам, пас номатлуб аст".

Қисмати муқаддимавии Стаффен хуб, насри фаъол аст. Фарз кунем, ба шумо ин писанд омад. Зиёда аз ин, шумо тасаввур мекунед, ки ба устоди шумо ин **ниҳоят** маъқул мегардад. Шумо тасмим гирифтед, ки кори худро чунин оғоз намоед. **Плагиат**: Ман ҳис мекунам, ки мӯд шудааст мафҳуми воқеияти мутлақро, дар асоси ҳамоне ки объективият сирф дастнорас аст, рад намоем.

Ана ин сирфан плагиат аст, ва аз ин рӯ норавост. Илова кардани "Ман ҳис мекунам" дар оғоз – албат рафтори инсони меҳрубон аст, вале ин чизеро тағйир намедиҳад. Биёед ҳақиқатро бигӯем: шумо, эҳтимолан, миқдори зиёди вақти худро дар андешаҳои пуразият оид ба "мафҳуми воқеияти мутлақ" нагузарондед, боз аз ин камтар, хавотир аз он ки оё ин ғоyродигарон рад мекунанд ё онро бо рӯҳбаландӣ қабул мекунанд.

**Плагиат**: Ман ҳис мекунам, ки ғояи воқеияти мутлақ, дар асоси ҳамоне ки объективият сирф дастнорас аст, рад намоем, замонавӣ шудааст.

Ҳатто, таҳрири як порча, тавре ки ман дар боло иҷро кардам, ба плагиат баробар мешавад. Гарчанде шумо баъзе калимаҳоро– "замонавӣ" ба ҷои "мӯд", "ғоя" ба ивази "мафҳум" ва ғ-ра тағйир додаед, – ғояи ифодашуда, инчунин мисли ҳамин ибораҳои зиёде низ, бидуни хотирнишон кардани ин далел, аз каси дигар гирифта шудаанд.

Илова кардани **"**Ман ҳис мекунам" аз масъулият озод намекунад. Фарз аст, ки ҳамаи он чизе ки шумо дар кори курсӣ менависед, афкори шахсӣ ва ҳақиқии шумост, ба истиснои он ҳаводисе, ки шумо дигар хел ишора мекунед. Илова бар ин, афкори худро доштан – ин хеле хуб аст . Мо воқеан инро ҳавасманд мекунем. Мо ниҳоят саодатмандем, вақте ки ақида ва афкори шумо на ба овоза ва гумон, балки ба исбот ва баёният асос ёфтааст. Шумо фикр накунед, ки профессорони шумо аз нусхабардории бетҳаммули ғояҳо, ки онҳоро эшон алҳол медонанд, як навъ хурсанд мешаванд. (Ман медонам, баъзан ба назар ҳамин тавр аст).

**Плагиат:** Аксарияти мардум имрӯз ғояимавҷудияти чунин фан- воқеияти мутлақро рад мекунанд, зеро онҳо бовар надоранд, ки ба он ноил мегарданд.

Новобаста аз он ки ҳамагӣ якчанд калима аз сарчашмаҳо дар порчаҳои зикршуда боқӣ мондаанд, ғояи ифодашуда аз нависандаи дигар иқтибос оварда шуда, ҳамчун шахсӣ пешниҳод шудааст. Ҳатто, агар шумо, ягон калимаро аз кори Стаффен истифода набурда, тарзи ифодаи идеяи ӯро дарёб мекардед, ин мисли пештара плагиат мебуд. Охир мебахшед. Агар шумо тасмим гирифтед калима ё ғояи касеро истифода намоед, ба шумо лозим аст дар ин бора хабар диҳед. Калима ва ғояҳои бегонагонро истифода мекунед, пас – ба маҳбас раҳсипор шавед. Вале, дар асл вазъ он қадар ҳам бад нест, аммо академикон дар ҳақиқат дар масъалаи кӯчондан шӯхӣ намекунанд. Иқрор мешавам, ба ман писанд омад, ҳангоме ки донишҷӯ кори худро супорид, ки онро рафиқаш аз ҳамон як фан, як семестер пештар, навишт. Вай ҳамту номи рафиқи худро кӯр карда, аз болои он номи худро чоп намуд – шумо, ҳатто, метавонистед номи аслиро аз тарафи чаппаи варақ хонед. Вай маҷбур шуд ин фанро аз нав гузарад.

Агар мо калима ва ғояҳоро аз дигарон гирем, иқрор мешавем, ки мо ин корро кардем ва ба хонандагони худ маълумотномаи пурраи библиографиро медиҳем, то ки онҳо тавонанд аслро пайдо карда, бихонанд.

Ба шумо муфид мебуд баъзе мақолаҳоро дар маҷаллаҳои академикӣ аз назар мегузарондед. Фаҳмо мешуд, ки академикҳо истифодаи калима ва ғояҳои мардумони дигарро як чизи мақбул мешуморанд. Муҳим он аст, ки онҳоро дуруст истифода намуд. Онҳоро ҳамчун захира барои сохтмони ҳиссаи нотакрори шумо дар ҳамаи муколамаи бардавоми ғояҳо истифода намоед.

Шумо метавонистед хоҳиши сохтани муҷассамаи филро дошта бошед. Мушкиле нест. Хоросангро гирифта, ҳама он чизеро ки ба фил монанд нест шикаста гиред. Вале фақат вонамуд накунед, ки шумо хоросангро эҷод кардед. (Аммо агар шумо дар асл хоросангро эҷод кардед, пас узри маро қабул намоед).

Ана намунаи он ки, чи гуна шумо метавонед калимаҳои Стаффенро дуруст ба кори курсии худ бо маълумотҳои библиографӣ дар охири кор дохил намоед.

**Истифодабарии дуруст**: Лиза Стаффен (1996:154) тақризи худро ба китоби Портер оғоз мекунад аз ҷумлаи: “Мӯд шудааст мафҳуми воқеияти мутлақро, дар асоси ҳамоне ки объективият сирф дастнорас аст, рад намоем ё, агар дастрас бошад ҳам, пас номатлуб аст”.

Ин ба хонанда иттиолотеро медиҳад; ин бояд бо иқтибосҳои дурусти библиографӣ дар охири кор ҳамроҳӣ карда шавад.

**Библиография:** Лиза Стаффен. Мунтахаби эссе // Сотсиологияи муосир, март, 1996, ҷилди 25, № 2, саҳ. 154 – 156.

Ана тарзи дигари истифодаи порчаи Стаффен. Ҳар яки он бо иқтибосҳои дурусти библиографӣ дар охири кор ҳамроҳӣ карда мешавад.

**Истифодабарии дуруст**: Дар тақризи худ ба китоби Портер Лиза Стаффен (1996:154) мегӯяд, ки ғояи воқеияти мутлақ ҳоло куллан рад карда мешавад чунки дастнорас аст, ё, агар дастрас бошад ҳам, пас номатлуб аст".



**Истифодабарии дуруст:** мувофиқи ақидаи Лиза Стаффен(1996:154),

"Мӯд шудааст ғояи воқеияти мутлақро, дар асоси ҳамоне ки объективият сирф дастнорас аст, рад намоем".

Мухтасаран, дохил кардани ғояҳои дигарон дар кори курсии худ ин то дараҷае ҷоиз ва, ҳатто, матлуб аст. Ин метавон аломати хуби дониш бошад, инчунин низ итминони устоди шумо дар он ки шумо баъзе чизҳоро аз адабиёти иловагӣ барои фан пешниҳодшуда хондаед. (мо хушҳолем андеша кунем, ки шумо баъзе чизҳоро аз ин ба ҳар ҳол хондаед).

Бо вуҷуди ин, муҳим аст, ки шумо дуруст огоҳ карда истода, аз мавод иқтибос меовардед. Муҳим аст, то ки хонандагони шумо донанд, ки маҳз чиро шумо аз дигарон гирифтед ва дар куҷо сарчашмаҳоро кофтуков бояд кард.

Дарвоқеъ, агар устод шуморо хоҳиш кунад мақолаеро бобати плагиат нависед, шумо он чизеро ки навакак дар ин ҷо қироат кардед, ба он иқтибос наоварда, нусхабардорӣ накунед.

**Манбаъ:** Babbie, Earl. "Plagarism." *Teaching Resources Depository. Bakersfield*, California: California State University, Social Sciences Research and Instructional Council, 1998. URL: http://www.csubak.edu/ssric/Modules/Other/plagiarism.htm.

МӘТІН



# БОЭТСИЙ
# ТАСАЛЛОИ ФАЛСАФА (ПОРЧА)

Боэтсий Анитсий Манлий Северин (480 – 524) олими румӣ, файласуфи насронӣ ва ходими давлатӣ буд. Боэтсий забони юнониро хуб медонист. Асарҳои ӯ роҷеъ ба мусиқӣ ва арифметика ниҳоят ҳайратангез буданд. Айбдорӣ дар хиёнат, ки зидди ӯ пешниҳод гардид, бо айбдории минбаъда дар машғул шудан ба сеҳру ҷоду ё таҳқири муқаддасот ба айбдоршаванда инкори онҳо ниҳоят мураккаб буд. Дар маҳбас, дар интизори иҷрои ҳукм, Боэтсий асари беҳамтои худ "Тасаллобахшии фалсафа"- ро таълиф кард. Ин асар исботи асосии мавҷуд будани "бадахлоқии" вайро нишон медиҳад, вале тасаввуроти возеҳу равшанро оиди он ки дар чи ӯро воқеан айбдор намудаанд, намедиҳад. Дар ин асари машҳур Боэтсий саъю кӯшиш ба хирад ва ишқи Худоро чун сарчашмаи воқеии саодати башарӣ тавсиф менамояд.



## ТАҚДИР ВА ТАДБИР

– Розӣ, – гуфтам ман. – Вале азбаски кушодани сабабҳои ҳастӣ ва фаҳмондан [сохтори олам] вазифаи туст, ман дар зулмоти нодонӣ сарсону саргардон шудаам, дуо мекунам, ки ту ҷуръат бикунӣ ва ба ман онеро нағз фаҳмонӣ, ки чи ақли маро парешон мекунад. – Ба ин, каме табассум карда, ӯ иброз намуд: "Мавзуе, ки ту дар борааш он ҳарф мезанӣ, бо мураккабиаш фарқ мекунад ва ба гумон аст, ки ба он баёни пурра дод. Ана чунин аст табиати вай, ҳангоме ки як қазияро бартараф мекунӣ, хеле қазияҳои дигар пайдо мешаванд, то ки ҷои вайро ишғол намоянд ва тарзи дигари нобуд кардани он вуҷуд надорад, ба ҷуз бо оташи зиндаи ақл роҳи онро пешгирӣ кардан. Барои ин, лозим аст, доир ба кори саҳли сарнавишт, оиди хати тақдир, тасодуф, оиди дониши қаблии Худованд, қисмат, озодии ирода нақл намуд. То кадом дараҷа он мушкил аст, худат ҳал намо. Ҳарчанд мо бо ҳудуди вақт маҳдуд ҳастем, аммо саъй мекунем, чора андешем.

Ва он вақт вай сухани худро чи хел карда аз охир оғоз кард. "Пайдоиши кулли ҳастӣ, рушди ҳамаи ашё, ки онҳо тағйир меёбанду ҳаракат мекунанд, сабабҳои худ, тартиб, шаклҳои аз ақли тағйирнопазири илоҳиро доранд. Дар фазои одии худ маҳфуз буда, ин ақл тасвири гуногуншакли ҳастиро доро мебошад. Ин тасвир, ҳангоме ки дар намуди тоза, дар ақли худи илоҳӣ баррасӣ мегардад, сарнавишт ном дорад, агарчи он бо чизҳо пайваста буда, тобеи Худованд, пас, чуноне ки аз қадимиён омадааст, тақдир ном дорад. Ба осонӣ дарк намуд, ки агар танҳо ба маънии онҳо сарфаҳм равем, то чи дараҷа ин ду мафҳум фарқ мекунанд. Тадбир ин ақли илоҳист, ки болои ҳамаи чизҳо қарор дорад ва ҳамаи чизҳоро ҷо ба ҷо мекунад, тақдир бошад, макони пайвасткунандаи чизҳои тағйирёбанда мебошад, ки тавассути вай сарнавишт ҳастии онҳоро ба тартиб меорад. Тадбир ба мизони баробар ҳамаро,чи фард бошад, чи беинтиҳо, дар бар мегирад. Тақдир бошад, фардро бо ҳаракаташ мураттаб месозад ва бо макон ва шакл таъмин ва тақсим мекунад. Ҳамин тавр, ба шохаҳо тақсимша-

вии тартиботи вақтӣ, ки дар худи ақли илоҳӣ маҳфуз аст, дониши қаблии тадбир аст ва мустақиман дар вақт таҷассум ёфтани ин тартибот тақдир ном дорад.

Тадбир ва тақдир, гарчанде тафовут доранд, аммо байни худ алоқаманданд. Тартиботи тақдир аз бетакаллуфии сарнавишт маншаъ мегирад. Мисли оне ки усто алҳол шакли чизро дар ақли худ доро буда, нияти сохтани он аст ва гӯё онро ҳамаашро пеши назараш якбора нигоҳ дошта, ба амалӣ намудани он дар вақт шуруъ мекунад, Худованд низ дар пешбинии худ он чизи ягона ва бебаҳсеро доро мебошад, ки бояд ба вуқуъ ояд. Тақдир бошад, бо дастури тадбир амал карда, нисбати фазо ва вақт равона мекунад. Ва муҳим нест оё вай риштаи худро бо кумаки арвоҳҳо мебофад, ки ба сарнавишти илоҳӣ наздиканд, ё бо кӯмаки нафси [ҷаҳонӣ], ё табиати ба вай тобеъ тавассути ҳаракати чароғакҳои осмонӣ, ё неруи малоикаҳо, ё бо найранги девони мухталиф, бо ёрии яке аз инҳо, ё тавассути ҳамаи оне ки якҷоя гирифта шуда, аён аст, ки тадбир ин тасвири одӣ ва тағйирнопазири ҳамаи оне ки ба татбиқшавӣ қисмат шудааст. Тақдир бошад, иборат аст аз бемайлон ивазшавии печдарпечӣ ва тартиботи муваққатии он чизест, ки Худованд дар бетакаллуфии (одигии) худ ба пайдошавӣ мусоидат мекунад. Аз ин ҷо бармеояд: ҳама чизе, ки ба тақдир тобеъ, ба тадбир ҳам тобеъ аст, ки ба он худи тақдир ҳам тобеъ мебошад, вале баъзе чизҳое, ки зердасти тадбир, аз хати тақдир болотар қарор доранд.

Ҳақиқатан, чунин ҷавҳарҳое мавҷуданд, ки онҳо дар наздикии мустақим аз ҷавҳари илоҳӣ қарор дошта, аз тағйирёбии тартиботи тақдир канораҷӯӣ мекунанд. Ҳарчандаз чархҳои мутаддид, ки гирди ҳамон як меҳвар давр мезананд ва дар наздикии бевосита аз ӯ хобидаанд, дар навбати худ гӯё чун меҳвар нисбати он чархҳое, ки дар берун давр мезананд, ташаккул меёбад. Чархи берунӣ, ки аз доираи бузургтар давр мезанад, чанде ки фазои бештареро дарбар гирад, ҳамон қадар дуртар аз марказ ҷойгир аст. Агар яке аз ин чархҳо бо меҳвар васл ва якҷоя шавад, пас вай тақсимнопазир гашта, дар дохили худ маҳфуз доштани ҷойҳои зиёд ва фарохии фазоро қатъ мекунад. Инчунин, чизҳое, ки аз мабдаи худ – ақли илоҳӣ – дуртар ҷойгиранд ба нопойдории гардиши фалак мувоҷеҳ мебошанд, зеро фармонбардори тақдир будан аз дараҷаи дур шудан аз маркази кулли ҳастӣ вобаста аст. Он чизе ки беш аз ҳама ба хиради олии тағйирнопазир наздик шуда, аз ҳаракат озод гардид, аз зарурате, ки тақдир таҳмил намудааст, низ раҳо меёбад. Ҳамин тавр, хати тағйирпазири тақдир чунон ба тадбир тағйирнопазири одӣ муносибат дорад, мисле ки мулоҳиза ба фаҳмиш муносибат мекунад, мисли чизе, ки тавлид мешавад ба оне ки доимо вуҷуд дорад, мисли вақт ба абадият, мисли даври ҳаракаткунанда нисбати маркази ороми худ. Рафти тақдирро осмон ва ахтарон ба ҳаракат меоранд. Вай унсурҳоро бо зарурати мутобиқ ҷойгир намуда, силсилаи тағйиротҳоро ба ҷо меоварад. Вай ҳастии кулли мавҷудотро аз нав барқарор мекунад, тавассути бордоркунии тухмӣ ин тағйиротҳоро ато бахшида, таваллуд ва маргро пайи ҳам иваз мекунад. Ӯ амал ва рафти ҳаёти одамонро бо силсилаи безаволи сабабият пайваст мекунад, ки аз сарнавишти тағйирнопазир, инчунин аз зарурат, сарчашма мегирад, ки онҳо тағйирнопазиранд.

Ҳамин тариқ, олам бо тарзи беҳтарин идора карда мешавад – одигие, ки дар ақли илоҳӣ қарор дорад, аз худ тартиби тағйирнопазири сабабҳо-

ро кашида мебарорад ва ин тартибот олами тағйирпазирро дар тағйирнопазирии худ нигоҳ медорад ва кулли чизҳоро, ки дар ҳаракатанд, ба худ тобеъ мекунад. Аз ин ҷо бармеояд, ки ба шумо, фаҳмидани ин тартибот имконнопазир аст, чунин менамояд, ки ҳама чиз бетартиб ва бесару сомон аст, бо вуҷуди он, дар ҳама мавҷудот тартибот маҳфуз аст, ки вайро сӯи Хайрот равона месозад. Ва ҳеҷ чунин чизе нест, ки бо сабаби бадӣ ба вуқуъ омада бошад ё аз он ҷиҳат, ки вай аз худи нуқсонҳо тарҳрезӣ шудааст ва онҳо тавре, ки мо пештар ҳам дар боло ба пуррагӣ исбот намудем, аз хайроти матлуби ӯ, ба сабаби хато ё иштибоҳ дур мешаванд, ҳол он ки тартибот, ки он аз Хайри олӣ дар маркази ҷаҳон маншаъ мегирад, ҳеҷ касро наметавонад аз ташаббусҳои ӯ дур кунад.

Ту мепурсӣ, чаро чунин бетартибӣ ба вуҷуд меояд, ки дар ин ҳол нексириштон на танҳо хушбахтанд, балки бебахт низ мебошанд, фосиқон бошанд, баъзан, на он қадар нафрат (атрофиён), балки сарват ба даст меоранд. Магар чунон боадолатан мулоҳизаҳои мардум, касеро ки онҳо нек ё ноқис мешуморанд, дар асл чунонанд? Мулоҳизаҳои мардум ниҳоят тафовут доранд ва касонеро ки якеи онҳо лоиқи мукофот мепиндоранд, дигарон сазовори муҷозот меҳисобанд. Биёед тахмин кунем – касе метавонад некро аз нуқс фарқ намояд, вале магар ӯ қодир аст, ҳолати ботинии касеро чи гунае, ки ҳолати зоҳирии ӯро мебинад, дарк намояд? ... Магар солимии нафс метавон чизи дигаре бошад, ба ҷуз фазилат ва чӣ маризии вай, ба ғайри нуқс? Кӣ ғамхори нексириштон ва кӣ таъқибгарони бадахлоқон мебошад, ба ҷуз Худованд, подшоҳ ва шифогари нафс? Вай аз баландӣ бо чашми тадбир назора мекунад ва медонад, ки чи ба чи ягона мувофиқ аст ва дар мувофиқа ба ин ҳар касеро ато мебахшад. Аз Вай муъҷизаи олии тартиби тақдир маншаъ мегирад, ҳикмати илоҳӣ дарк мекунад ва он чизеро мекунад, ки инсон дар нодонии хеш ҳеҷ вақт наметавонад онро бо ақл дарк намояд.

**Эзоҳот:**

1. “Тадбир” – маънояш аз “пешбинӣ” дида, васеътар мебошад, он, инчунин, тобеиятро зимнан дар назар дорад. Аллоҳ на танҳо ҳамаро медонад, аммо боз ба як тарзе ҳамагонро тавассути силсилаи сабаби шартӣ идора мекунад.

2. Баъдтар, Боэтсий тасодуфро чун баёнияе, ки ба ҳар натиҷа дода шудааст, таъриф мекунад, ки он аз пайдарҳамӣ ҷорӣ шуда, мақсадҳои дигареро дар фикр доро мебошад. Масалан, касе, заминро шудгор карда, сандуқеро бо ҷавоҳирот дарёфт менамояд; аз он ҳолате, чун сандуқ бо ҷавоҳироташ дар фикри шудгоркун набуд, вақте ӯ ба коркарди замин шуруъ кард, вай ошкор шудани ганҷро ба “тасодуф” нисбат медиҳад. Сабабҳое мавҷуданд, ки онҳо “дар фавқ”аз сабабҳо мавҷуданд, ки оиди онҳо мо медонем ва ё фикр мекунем, – чунин асоснок хоҳад кард Боэтсий.

**Манбаъ:** Боэтсий. Тасаллияти фалсафа ва рисолаҳои дигар. -М.: Наука, 1990. С. 264-269.

**САВОЛҲО БАРОИ МУҲОКИМА:**

1. Чаро, ба ақидаи Боэтсий, ҳикмати илоҳӣ болотар аз мулоҳиза ва ақли инсонӣ? Чӣ гуна нақши неруи илоҳӣ дар ташаккули тақдир?
2. Чӣ гуна, ба ақидаи шумо, пешрафти инсонӣ мувофиқат мекунад бо он ки Худо тартиби ҳамаи чизҳоро ҳал мекунад? Оё он замон пешрафт дар таърих ба вуқуъ меояд? Агар таърих мафҳуми мутлақан метафизикист ва Худо тақдири инсонро пешакӣ муайян кардааст, пас барои чӣ инсоният бояд саъй намояд?
3. Чӣ тарз Боэтсий саъю кӯшиши инсониро баён менамояд, сарфи назар аз он ки Худованд биноан низ ҳамаро пешакӣ муайян кардааст? Чӣ тарз неку бад ба мувофиқа мерасанд ва чӣ гуна пешрафти ҷамъиятӣ метавонад ба ин муносибат дошта бошад?

**САВОЛҲО БАРОИ ТАКРОР:**

1. Барои Руссо вазъи ахлоқ бо пешрафти санъат ва илм муайян мешавад. Чӣ гуна ба он далелҳои Боэтсий оиди нишондоди қоидаҳои илоҳӣ муносибат доранд, ки аз рӯи он ҷомеа зиндагӣ мекунад?
2. Боэтсий, инчунин, эрод мегирад, ки тартиботе, ки Худованд ҷорӣ кардааст, ҳамаро ба беҳбудӣ равона мекунад. Дар чӣ ақидаҳои Боэтсий ва Руссо оиди фаҳмиши пешрафти ҷамъиятӣ ихтилоф доранд? Бо чӣ барои онҳо пешрафти инсонӣ муайян мешавад?
3. Руссо мегӯяд: “Ахлоқи мо бо пешрафт дар санъат ва илм касиф шудааст”. Дар чӣ Боэтсий манбаи наҷоти ахлоқ ва фазилати инсониро мебинад?
4. Дар “Мулоҳизаҳо оид ба илм ва санъат” Руссо савол мегузорад: “ Вале ҳаст магар, ақаллан, як сабақ [тадбир], ки аз он мо тавонистем истифода намоем?” Оё Боэтсий ба ин посух медиҳад? Агар ҳа, пас чӣ тарз?

# ОГЮСТ КОНТ
# ШАРҲИ УМУМИИ ПОЗИТИВИЗМ



Огюст Конт (1798-1857) дар Монпелйе (Фаронса) таваллуд шудааст. Ӯро мумкин аст, меросгари энсиклопедистони франсуз ҳисоб намуд; ба илм бо эҳтироми бузург муносибат намуда, вале динро рад мекард. Вай ҳамчун асосгузори позитивизм ва низоми афкори фалсафӣ шинохта шуда, ва мутаъқид бар он аст, ки мақсади дониш гузориши масъала доир ба ҳастии он набуда, балки тавсифи ҳодисаи дар таҷриба эҳсосшуда мебошад. Конт саъй дошт, усулҳои мушоҳида ва таҷрибаро истифода намояд ва он оғози истифодабарии ин усул дар илм гардида, соҳае, ки ҳоло чун сотсиология – илми инсоншиносӣ маълум аст. Ба андешаи Конт ҷомеа аз марҳалаи аввалияи теологӣ оғоз гардида, тавассути марҳалаи метафизикӣ ҳаракат мекунад ва оқибат, бо марҳалаи позитивӣ анҷом меёбад. Ӯ эътиқод дошт, ки ба ҳалли масоили доимии иҷтимоӣ ва пешрафти башарият тавассути илми сотсиология ноил шудан мумкин аст.

Позитивизм, асосан, аз фалсафа ва тарзи идоракунӣ иборат аст. Онҳо аз ҳамдигар ҷудо буда наметавонанд; якумӣ асос аст ва дуюмӣ анҷоми яке аз низоми ягонаи мураккабест, ки дар он қобилиятҳои ақлонӣ ва ҳусни таваҷҷуҳи ҷамъиятии мо бо якдигар зич пайванданд. Аввалан, илм дар бораи ҷомеа, ғайр аз он ки вай яке аз илмҳои муҳим мебошад, моро бо робитаи ягонаи мантиқӣ ва илмӣ таъмин мекунад, ки метавонад тамоми мушоҳида ва ҳодисаҳои гуногуни моро ба як томияти мураттаб гузаронад. Роҷеъ ба ин илм, назар ба ин ва ё он илми пешинаи дигар, бо бовари том тасдиқ кардан мумкин аст, ки хулқу хислати ҳақиқии онро бидуни баёни муносибати аниқи ӯро, бо тамоми хусусиятҳои умумиаш ба санъат, ки ба вай мутобиқ бошад, фаҳмидан номумкин аст. Дар ин мо мутобиқат омаданро ошкор мекунем, ки он бешак тасодуфӣ нест. Айни замон бо пайдоиши назария оид ба ҷомеа соҳаи васеи истифодаи ин назария кушода мешавад, аз ҷумла, ҷараёни эҳёи иҷтимоии Аврупои Ғарбӣ. Зеро агар мо нуқтаи назари дигарро баррасӣ намоем ва ба буҳрони азими таърихи муосир, бо он намуде, ки дар он хусусиятҳои ӯ дар ҳаводиси пайдарҳами табиӣ ифшо мешаванд, назар андозем, рӯз ба рӯз равшантар мегардад, то чи андоза бесамар аст, кӯшиши эҳёи институтҳои сиёсӣ бидуни тағйироти қаблии афкор ва ҳаёти мардум. Ҳамин тавр, ташаккули синтези қаноатмандонаи кулли мафҳумҳои инсонӣ аз ҳамаи ниёзҳои иҷтимоии мо оҷилтарин мебошад. Он ба як дараҷа ба хотири тартибот ва баҳри тараққиёт зарур аст. Ҳангоми мунтазам ноил шудан ба ин кори азими фалсафӣ дар тамоми Ғарб беихтиёр неруи нави ахлоқӣ пайдо мегардад, ки бо афзоиши таъсири худ асоси муайянеро барои азнавташкилдиҳии ҷомеа ҷорӣ мекунад. Вай низоми умумии маълумотро барои ҳамаи миллатҳои мутамаддин пешниҳод намуда, ҳамин тавр, кулли соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва шахсиро бо принсипҳои мулоҳиза ва адаб таъмин мекунад. Инак, ҳаракати ақлонӣ ва буҳрони иҷтимоӣ доим дар робитаи наздик бо ҳамдигар гузаронда мешавад. Онҳо ҳар ду муттаҳид мешаванд, то ки қисми пешрафтаи башариятро ба эътирофи неруи

ҳақиқии маънавӣ омода созанд – неруе ки, аз неруи олиҳимматона, вале иқдоми бошитоби католитсизми асримиёнагӣ дида, бештар пайваст аст, инчунин, бештар пешрафта мебошад.

Таълимоти таҷаддудӣ кори худро бе нафарони содиқ иҷро карда наметавонад; дар куҷо мо метавонем умеди ёфтани онҳо намоем? Ба истиснои фардии ниҳоят арзишнок, мо наметавонем тарафдоронеро аз ин ва ё он синфҳои болоии ҷомеа мунтазир шавем. Онҳо ҳамагон, дар ин ё он дараҷа, зери таъсири назарияҳои беасоси метафизикӣ, инчунин, дар ҷустуҷӯи ашрофонаи худ мебошанд. Онҳо ғарқи ташвиқоти кӯр-кӯронаи сиёсӣ ва баҳсҳо доир ба соҳиб шудан ба ҷасади бефоидаи низоми куҳнаи теологӣ ва ҳарбӣ мебошанд. Амали онҳо танҳо мекӯшад вазъи инқилобиро то беинтиҳоӣ дароз намуда, ҳеҷ вақт наметавонад ба навсозии аслии иҷтимоӣ ноил гардад.

Оё мо оиди шеваи ақлонии ё ҳадафҳои иҷтимоии он сухан меронем, позитивизм бояд ошкоро ҳимоятро боз дар ягон ҷое кофтуков намояд. Вайро танҳо он синфҳое қабул мекунанд, ки дар он ҷо хирад бо низоми фосиқи маорифи мо вайрон нашудааст ва меҳри босаховати онҳоро иҷозат аст инкишоф диҳем. Бинобар ин, маҳз дар байни занон ва намояндагони синфи коргар, метавон тарафдорони содиқи таълимоти навро дарёфт кард. Дарвоқеъ он, дар ниҳояти кор, барои кулли синфҳои ҷомеа пешниҳод шудааст. Вале вай ҳеҷ вақт таъсири воқеиро ба синфҳои болоӣ ба даст намеорад, то он замоне ки таваҷҷуҳи онҳо ба вай зӯран аз ҷониби ин сарпарастони тавоно ҷалб нашавад. Замоне ки кори азнавташкилдиҳии руҳонӣ хотима ёфт, дастгирии вай маҳз аз онҳо вобаста хоҳад буд, бинобар ин, саъю кӯшиши муштараки онҳо барои оғози вай зарур аст. Танҳо таъсири на чандон калонеро ба садорати сиёсӣ доро буда, онҳо аз каси дигар дида бештар зарурати идоракунии ахлоқиро қадр мекунанд, ки ҳадафи махсуси вай дифои онҳо аз фаъолияти хастакунандаи ҳокимияти муваққатӣ хоҳад буд.

Танҳо аз ҷониби зан метавон дар ҳақиқат ҳаёти инсонро дар умум дарк намуд, ки он фардӣ ё дастаҷамъӣ баррасӣ шудааст. Азбаски асоси ягонае, ки бар болои он метавон низомеро бунёд кард, ки воқеан ба ҳамаи талаботҳои зиндагӣ ҷавобгӯ аст, субординатсияи интеллект нисбати ҳисҳои иҷтимоӣ мебошад: субординатсияе, ки он возеҳан дар хислати зан пешниҳод шудааст ва аз нуқтаи назари шахсӣ ё муносибатҳои иҷтимоӣ баррасӣ шудааст.

Мақсади бузурге, ки позитивизм назди мо ба таври фардӣ ва иҷтимоӣ мегузорад, аз он иборат аст, то ки ҷидду ҷаҳд ба такомул кунем. Аз ин рӯ, дар ин ҷо қобилияти тахайюл нақши муҳим мебозад, зеро ки дар ҳар як соҳаи ҳаёт, куҷое ки он истифода нашавад, он ҳисси камолотро ҳавасманд мекунад. Новобаста аз он маҳдудиятҳои баёноти ман дар ин кор, қодир ҳастам ба шумо нишон диҳам, ки позитивизм риштаҳои нав ва васееро ҷиҳати таъминот мекушояд ва бо чунин усули ғайриихтииёр воситаҳои нави ифодакуниро низ ифшо мекунад.

Ҳамин тавр, дар чанд ҷузъиёт ман хусусияҳои аслии таълимоти таҷаддудиро тавсиф мекунам. Тамоми ҷиҳатҳои асосӣ ба инобат гирифта хоҳанд шуд. Аз бунёди фалсафии он сар карда, ман ба тарзи табиӣ ба ҳадафи сиёсии он мегузарам ва аз он ба асари он ба мардум, асари он ба занон

ва ниҳоят, ба неруи эстетикии он. Ин корро хотима бахшида, ки он фақат танҳо пешгуфтор ба рисолаи азиме мебошад, ман бояд оиди консепсияе гӯям, ки он кулли ин ҷанбаҳои гуногунро муттаҳид мекунад. Тавре ки дар шиори позитивистӣ хулосабандӣ шудааст: "Ишқ, тартибот, тараққиёт", – онҳо моро ба консепсияи башардӯстӣ" мебаранд, ки он ноаён ин ҳамаро ҷалб намуда, ба ҳар яки онҳо неруи нав мебахшад. Ин консепсияро дуруст шарҳ дода, мо позитивизмро, билохира, чун томи пурра ва мураттаб баррасӣ мекунем. Ин мавзуъ, табиатан, моро дар умум ба муҳокимаи пешрафтиояндаи эҳёи иҷтимоӣ меорад, то кадом андоза таърихи гузашта ба мо имкон медиҳад, ақаллан, ягон гуна пешгӯиро анҷом диҳем. Ин ҳаракат дар Фаронса маншаъ гирифта, дар ибтидо бо оилаи бузурги миллатҳои ғарб маҳдуд мегардад. Ман нишон хоҳам дод, ки дар мувофиқа бо қавонини муайян он оқибат таъсирашро ба кулли нажоди сафедпӯстон ва, ниҳоят, ба ду нажоди дигари башарӣ паҳн мекунад.

**Манбаъ:** Comte, Auguste. A General View of Positivism. London: Routledge and Sons, 1907, pp. 1-7. Online version. Internet History Sourcebooks: 1998. URL: http://www.fordham.edu/halsall/mod/comte-positivism.html

**САВОЛҲО БАРОИ МУҲОКИМА:**

1. Аз нуқтаи назари Конт, чӣ гуна он илми яккаву ягона қодир аст падидаи иҷтимоиро баён намояд, чаро?
2. Асоси позитивизм чист, ки ҳомии он Конт мебошад? Позитивизм моро ба чӣ равона мекунад?
3. Омили потенсиалии пешрафт ва дигаркуниҳо чист? Чӣ гуна бояд позитивизм тараққӣ кунад?
4. Тибқи мавқеи Конт, оё мо позитивизм ё зинаи позитивиро дар рушд ҳамчун сирф қазияи илмӣ дарк мекунем? Оё танҳо пешрафт дар улум ба пешрафти башарӣ мебарад? Чаро шумо чунин мешуморед?

**САВОЛҲО БАРОИ ТАКРОР:**

1. Чӣ гуна прогресс дар санъат ва улум ба ахлоқи мо, аз нуқтаи назари Руссо ва Конт, таъсир намуд?
2. Дар "Мулоҳизаҳо..." Руссо иброз дорад, ки "тақдири хулқу атвор ва поквиҷдонӣ ба комёбиҳои илм ва санъат [тобеъ] мебошанд?". Оё бо ин Конт розӣ шуда метавонист? Чаро ҳа ё чаро не?



**НЕРУ ВА ДАЪВАТИ РӮЗНОМАИ МУОСИР**
Мусулмонҳое, ки аз пешрафт ва саводнокӣ фирор мекунанд. Дар Бухоро. ("Мулло Насриддин", № 15 (1907))

# ЧОЛПОН
# ДОКТОР МУҲАММАДЁР

Абдулҳамид Сулаймон (1893 – 1938), ки зери тахаллуси Чолпон таълиф менамуд, яке аз асосгузорони адабиёти муосири ӯзбек буд. Шоир, драматург, нависанда ва тарҷумон, Чолпон дар ҳаракати ҷадидизм – таълимот доир ба ислоҳоти маориф дар Осиёи Марказӣ саҳми муҳим гузошт. Писари тоҷири сарватманди Андиҷон дар водии Фарғона буда, дар мактаби русӣ таҳсил мекард. Баъд аз инқилоби сотсиалистии 1917, Чолпон асари бузургтарини худро нашр намуд ва бо ин ҷонибдории худро ба миллатгароӣ намоиш дод. Ӯ ба ҳабс гирифта шуда, соли 1938 қатл шуд ва яке аз қурбониёни бешумори террори сталинӣ гардид. Дар баъзе аз шеърҳояш шабеҳияти назаррас бо Руссо дида мешавад. Дар “Асри XX” ном асараш асри мазкурро чун даврони тараққиёт ва илм, инчунин, асри пуризтироб ва фосиқ баррасӣ мекунад. Ҳикояи овардашуда соли 1914 дар шаш нашри рӯзномаи “Садои Туркистон” ба табъ расид, ки дар модернизми Осиёи Марказӣ нақши муҳим гузошт. Ин ҳикоя асари ҷавонии ӯст, чунки Чолпон онро дар овони наврасӣ навиштааст. Ба ҳар ҳол ҳикоя бисёр мавзуъҳои асосии риторикаи муосири Осиёи Марказиро ифшо мекунад: неруи дониш, арзиши меҳнати дастаҷамъона, ватандӯстӣ, мафтуни замони космополитизм ва майлу рағбат ба илмомӯзӣ.

Дар канори торики Туркистон, дар шаҳр, сартароши камбағали шастсола бо номи Ҳоҷӣ Аҳмад зиндагӣ мекард. Ҳамсари ӯ баъд аз нуҳ моҳи муборизаи мардонавор аз касалии сил вафот кард. Ӯ аз худ як фарзанд бо номи Муҳаммадёрро боқӣ гузошт. Ҳоҷӣ Аҳмад дар шаҳр чун Ҳоҷӣ-сартарош маълум буд, зеро дар синни понздаҳсолагӣ бо падараш сафари **ҳаҷ** намуд. Падари ӯ ҳангоми маросими ҳаҷ фавтид ва Ҳоҷӣ Аҳмад тули даҳ сол, то баргаштани худ ба Ватан саёҳати Миср, Истанбул, Форс, Марокаш, Балуҷистон, Бағдод, Эрон, Афғонистон ва Русияро анҷом дод. Дар натиҷа, дар охири саёҳати хеш ӯ ба забонҳои форсӣ, арабӣ, русӣ ва англисӣ ҳарф мезад. Вале ҳангоми саёҳат вай аз сабаби бесаводӣ мушкилиҳои зиёдеро аз сар гузаронд. Вақте ки писараш Муҳаммадёр ба синни муайяне расид, ӯ бо тамоми ҳастиаш аз пайи маълумоти писараш гардид.

**ҳаҷ** – зиёрати мусалмонҳо ба Макка (ба маъбади Каъба), мутобиқ ба иди қурбон. яке аз фарзҳои асосии мусалмонҳо маҳсуб меёбад

Замоне ки Муҳаммадёрдаҳсола буд, ба шаҳр муаллим аз Россия, хатмкунандаи семинарияи Бузурги шаҳри Уфа омад. Вай дар шаҳр ҳамагӣ як ё ду ҳафта таваққуф намуд ва вақте ки овозаи сартарошро шунид, ки ӯ рӯзнома мехонад ва ҳафтоду ду забонро медонад, ба сартарошхонааш барои вохӯрӣ бо ӯравон шуд. Муҳаммадёр низ он ҷо буд. Бо ишораи падар ӯ аз ҷой бархест ва бо эҳтироми беандоза муаллимро пешвоз гирифт. Ҳоҷӣ Аҳмад ва муаллим нишаста, дер суҳбат намуданд. Ҳангоми суҳбат Ҳоҷӣ Аҳмад гуфт: “Ман танҳо як писар дорам ва мехоҳам ба вай маълумот бидиҳам, ки ба талаботи замон ҷавобгӯ бошад. Агар шумо омода ҳастед, ба вай маълумоти хуби миллӣ бидиҳед, то ки, баъдан, ман тавонам ӯро ба мактаби давлатӣ супорам”.

Баъд аз каме ба андеша фурӯ рафтан, муаллим розӣ шуд. ҲоҷӣАҳмад мағозаи худро пӯшида, муаллимро ба хонааш таклиф намуд. Муҳамад-Ёри ҷавон бо шавқ аз муаллим сабақ меомӯхт. Вақти холии худро вай на дар чойхона, на дар шабнишиниҳои хоса ва фоҳишахонаҳо мегузаронд, тавре

ки ҷавонҳои бемаъмулот мекарданд, балки бо машқҳои ҷисмонӣ дар зери роҳбарии афсари рус машғул буда, китобҳои муфид мехонд. Дар ин муддат ӯ бо саъйи зиёд ислом, таърих ва ҷуғрофияро азбар намуд. Баъд аз як сол Ҳоҷӣ Аҳмад хоҳиши фиристодани писари дӯстдоштааш ба мактаби давлатӣ буд. Афсӯс! Ӯ дар ҷайбаш пул надошт. Ин қашшоқӣ ниҳоят азиятдиҳанда буд ва хатар дошт, ки кӯдаки фақирро бе ихтисос ва бе маълумот бимонад.



Роҳи дигар набуд ва Ҳоҷӣ Аҳмад ва муаллим барои кумак ба хонаҳои кулли шахсони шинохтаи ин шаҳр равон шуданд. Бархе аз тоҷирон, бо баробари дидани пироҳани [замонавии] муаллим, онҳоро ба хона роҳ намедоданд, дигарон бошанд, онҳоро қабул мекарданд, бархе, бо дидани симои зебои Муҳаммад-Ёр, ба ӯ ҷои котиб ва ёрдамчии шахсиро пешниҳод менамуданд. Аммо Ҳоҷӣ Аҳмади мо медонист, дар асл чи мехоҳанд ин одамон, бинобар ин, ба ихтиёри онҳо во гузоштани фарзанди дӯстдоштаи хеш худдорӣ менамуд. Бечора Ҳоҷӣ Аҳмад умедашро аз кумаки одамони сарватманд канда, ба ҷустуҷӯи роҳҳои дигар шуруъ намуд. Дар ин рӯзҳо дар шаҳр тӯйҳои зиёде барпо мегардид; ҳоло ки бозингарон ва шаробзадагон ба ҳамдигар теғ мекашиданд, хуни одамӣ мерехтанд ва садои: “Ҷаҳолат! Ҷаҳолат!” баланд мешуд. Хобгоҳҳои ҷамъиятии донишҷӯён пайи ҳам баста мешуданд.

Дар айни замон, муаллим нияти тарк кардани шаҳр дошт. Соати нуҳ Ҳоҷӣ Аҳмад ҳамроҳи писараш ба вокзал барои гусел кардани муаллим меоянд, дар бозгашт онҳо аз назди бозингароне мегузаштанд, ки бо ҳам барои пул ҷанг мекарданд. Ҳоҷӣ Аҳмад сӯи онҳо равон шуда, онҳоро аз ҳамдигар ҷудо карда насиҳат дод. Яке аз эшон наздик омада, Ҳоҷӣ Аҳмадро буғӣ ва Муҳаммадёрро маҷруҳ намуд. Ҳоҷӣ Аҳмад ҳангоми ҷон додан, ба писараш гуфт: “Писарам! Ба ҷои мерос ...ман...ба ту ... васиятнома... мегузорам... бихон...бихон...бихон...”.

Муҳаммадёртасмим гирифт, ки қотилони падарашро пайдо намуда, аз онҳо қасос гирад. Вале қотилони воқеии падари ӯ ин одамон набуда, балки ҷаҳолат буд, бинобар ин, вай оромона падарашро ба хок супурда, тасмим гирифт, ки бо ҷаҳолат мубориза барад. Яроқи мубориза бо ҷаҳолат, тавре ки падараш гуфта буд, на тӯб, на туфанг, на таппонча, на ханҷар, на камон ва тир, балки танҳо”хондан, хондан ва хондан” аст.

Куштори ваҳшиёнаи падараш ва ҳасрат аз дарки он ки ватани ӯ – Туркистон, ки замоне бо дониш ва маорифаш машҳур буд, – дар дарёи ҷаҳолат шино мекунад, оқибат Муҳаммадёрро касалии сил аз по афтонд. Маризӣ дар рухсори вай падид омада, вале он бадани ӯро пурра захмдор накард. Дар ин айём дар шаҳр сӯхтори шадиде барафрӯхт ва шаш-ҳафт ноҳияро хароб намуда, мусулмонҳоро дар кӯча дар ҳоли гуруснагӣ гузошт. Дар ин ҷо мағозаи арманӣ низ буд, вале аз он ки мағоза суғурта шуда буд, зарари он камтар буд, вале мусулмонҳо чӣ? Мусулмонҳо, ҳатто, намедонистанд, ки суғурта чист. Онҳое, ки медонистанд, фикр мекарданд, ки он манъ шуда буд ва аз ин ҷиҳат, онро надоштанд. Дар чунин вазъи кор чӣ гуна метавон бетараф монд? Вақте вай чунин вазъи ҳолро дид, саломатии бечора Муҳаммадёр бадтар шудан гиифт.

Дар шаҳри нав дар **агиттеатр** филми огоҳидиҳанда “Майнӯшӣ ва оқибатҳои мудҳиши он”-ро намоиш медоданд. Ҳарчанд худро бад ҳис мекард, наметавонист онро надида монад. Ӯ бетоқатона интизори шаб буд, то ки аз оқибатҳои ин майзадагии манфур хабардор гардад.

Охируламр, баъд аз намози хуфтан, вай пиёда ба сӯи агиттеатр равона шуд ва дар он ҷо [ҳангоми намоиш] аз ҳавлии театр овози тирпарронӣ шунида шуд. Филмро қатъ намуданд ва ҳамагон ба рӯи ҳавлӣ рехта омаданд. Муҳаммадёри камбағал ва лоғар низ дар ҳамон ҷо ҳозир буд. Ин чи манзара! Дар саҳни ҳавлии театри шаҳрӣ қартабозони майзада барои пулҳои на чандон зиёд баҳс менамуданд, яке аз онҳо милтиқро гирифта, дигариро парронд. Айбдоршавандаро дастгир намуда, ярадоршударо ба шифохона бурданд, вале дар роҳ вафот кард. Ҷинояткор, ки ҳадафи таъну маломат гардида буд, дар саҳни ҳавлӣ худро парронда кушт.

Ду мусулмони ҷавон бо сабаби ҷаҳолати худ оламро падруд гуфтанд. Оқибатҳои манфури майзадагӣ аён буд.

Чунин ҳолатро дида, Муҳаммадёр беҳуш гардид. Милиса вайро ба шифохонаи шаҳрӣ бурд. Муҳаммадёр на падар, на модар, на хешу табор дошт... Ҳеҷ кас аз ӯ ҳолпурсӣ намекард. Эй, вой танҳоӣ! Эй, вой қисмати ятимӣ! Эй вой, сабаби ҳамаи ин: Ҷаҳолат! Бирав! Нопадид шав! Бимур!!!

Муҳаммадёр баъд аз як моҳи дар шифохона буданаш, худро беҳтар ҳис намуд. Вақте ки ӯ шифохонаро тарк мекард, табибон маслиҳат намуданд, ки ба Қафқоз рафта, саломатиашро барқарор намояд ва ҳамзамон, дар он ҷо дониш андӯзад.

Муҳаммадёр ба табибон аз бепулии худ изҳор намуд. Табибон маслиҳат намуда, коғазеро ирсол намуданд, ки тибқи он, ба ӯ иҷозат дода шуд, ки ройгон дар кадом шифохонаи Қавқоз муолиҷаашро давом диҳад. Муҳаммадёр аз шифохона баромада, ба хонааш равон гардид. Дар он ҷо касе набуд: на падар, на модар... Чи гуна манзараи андӯҳгин! Вай хонаашро ба марди рус ба муддати шаш моҳ ба маблағи 225 сӯм ба иҷора супурд ва соати ҳафти бегаҳ ба вокзал раҳсипор шуд, то ки бисанҷад, поезд ҳаст ё на. Вале наздиктарин поезд танҳо рӯзи дигар соати нуҳи саҳар раҳсипор мегардид. Ҳолати ғамангез, вале ӯ маҷбур буд ба хона баргардад ва як шаб дар манзили худ меҳмон шавад.

**Агиттеатр –** коллективи ташвиқотии хурд, ки дар репертуараш миниатюрҳои драмавӣ, мусиқӣ ва хореографӣ, ки ба маводи рӯзмарра асос ёфтааст.

Саҳарии дигар вай, аллакай, дар вокзал дар интизори поезд буд. Ниҳоят, фирқ-фирқ кунон, мисли аждаҳор ба ҳар сӯ буғро фаввора занонда, аспи тамаддуни асри XX пайдо гардид. Муҳаммадёр тасмим гирифт ватани худро тарк намояд. Дар вокзал саҳнаи аҷибе ба вуқуъ омада, қалби Муҳаммадёр девонавор ба таппиш даромад.

Як мусулмон борхалтаи худро гум кард! Дигарӣ номи истгоҳро, ки он ҷо раҳсипор буд, намедонист ва аз ин ҷиҳат, чиптаҳоро то истгоҳи самти дигар харида буд. Инро дида, Муҳаммадёр шох шуд. Ниҳоят, баъди ҳуштаки дуюмӣ вай дохили поезд шуда, барои худ ҷоеро дар дараҷаи сеюм кофтуков намуд. Дар ин ҷо саҳнаҳои аз ин ҳам ғуссаоварро, ки дар боло ишора шуд, дидан мумкин буд. Аз як нафари мусулмон биниаш дар ҷанг шикаста буд, мусулмони дигариро хизматчиёни поезд баровари, латукӯб намуданд. Муҳаммадёр дар ҳайрат монд. Вай аз вагон баромад ва дар канор истода, атрофашро назора мекард. Армании аз канори музофоти

Қафқоз дар вокзал мағоза кушода, сарватманд шуд. Ду писари вай дар мактаби ҳукуматӣ таҳсил мекарданд. Мусулмонҳои таҳҷоӣ, аз дигар ҷониб, тамоми фоидаҳои худро барои хатнасур ва дафн сарф менамуданд ва ҳамагон дар ҳолати камбизоатӣ ва таҳқир қарор доштанд. Дили вай боз дар азият буд; боз асабоният... Вай ба фикр фурӯ рафта буд. Ҳуштаки сеюм садо дод. Аробаи беаспи асри XX барои раҳсипор шудани худ эълом намуда, шӯрангезона ба пеш ҳаракат кард. Ҳамин тариқ, Муҳаммадёр ватани муқаддаси худро тарк карда, ба минтақаҳои дигар равон буд, то ки аз ҷомеаҳои дигар воқиф бошад. Вай ба вагони сеюм ворид шуда, дар саҳни он беҳадаф гаштугузор мекард. Сари ӯро ғаму андӯҳи зиёд аз ҳоли Туркистон фаро гирифта буд. Ногоҳ касе ӯро фарёд кард: “Муҳаммадёр!”.

Муҳаммадёр сари худро бардошт. Ин Пётр, афсари рус, буд, ки роҳбарии машқи ҷисмонии ӯро ба уҳда дошт.

- Шумо куҷо равонаед? – пурсид Муҳаммадёр афсарро.

- Маро ба дигар базаи ҳарбӣ интиқол доданд. Ту куҷо раҳсипорӣ? – пурсид ӯ.

Муҳаммадёр каме фикр намуда, ҷавоб дод:

- Ба бадарға.

- Куҷо?

- Хондан – хондан – хондан.

- Падарат чӣ ҳол дорад?

Аз ин савол чашмони Муҳаммадёр пурашк шуданд .

- Вай вафот кард, – ҷавоб дод ӯ.

Вақте ки афсар инро шунид, чашмонаш аз ашки ҳамдардӣ пур гардид. Муҳаммадёр аз афсар муваққатан дурбинро гирифта, ба даҳлез баромад. Поезд беист дар ҳаракат буда, таваҷҷуҳи мусалмонҳои атрофро ба худ ҷалб менамуд. Муҳаммадёр рост истода, бо дурбин кӯҳҳои дурро назора менамуд. Чашмони ӯ пур аз ашк гардид ва ӯ ба ватан, ки онро тарк мекард, муроҷиат намуд: “Оҳ, ин кӯҳҳои сиёҳ, ки онро **Чингизхон** ва **Амир Темур** дидаанд. Оҳ, ин кӯҳҳои сиёҳ, ки онро давраҳои қадими ватани ман, Туркистон дидаанд! Алъон шумо тамаддуни қарни бистро мебинед! Мебинанд, ки ин “аспи тамаддуни” асри XX қодир аст, дар даҳ соат масофаи серӯзаро тай намояд, пас чаро ҳамватанони ман бо даҳони воз гирди ҳам истодаанд? Чаро эшон ҳеҷ коре намекунанд, то ки вориди тамаддун шаванд? То чанд онҳо боз ин аробаҳои дучархаро нигоҳ медоранд, ки ба кӯчаҳо мувофиқ нестанд? ”.Оҳ, ҳамватанон! Чӣ миқдор ҳоло ин ҷаҳолат аст? Ба чӣ хотир ин бедиққатӣ? Инсоф кунед, шумо ҳам одам ҳастед! Чаро шумо аз самараи дониш ва маълумот истифода намекунед, ки дар назди шумоянд? Чаро шумо дар ин ширкат намеварзед? Аз хоби ғафлат бедор шавед! Мубориза баред! Дониш, маълумот, малакаро ҷустуҷӯ намоед! Дар ҳақиқат чунин замона расид!”.

**Чингисхон** (вафот с.1227) – сарлашкар, хони муғулҳо

**Амир Темур** (1336-1405) сарлашкар дар Осиёи Марказӣ

**Боку –** пойтахти Озарбойҷони муосир

Соати ҳафт афсар ва Муҳаммадёр худоҳофизӣ карданд ва Муҳаммадёр ба ҷои худ баргашта, хуспид. Пас аз чанд рӯз Муҳаммадёр ба вокзали калони **Боку** омада расид. Бо бӯғчачаи худ ва дигар асбобу анҷоми зиндагӣ дар даст, вай зуд аз поезд фуромада, фойтунро то маркази шаҳр киро кард. Шаҳри Боку, ки бо мусалмонҳои миллионераш, тоҷирони сарватмандаш, бо ҷамоатҳои зиёди туркӣ ва фондҳои хайрия, ки дорои миллионҳо маблағи бешуморанд, машҳур аст, ба назари Муҳаммадёр зебо менамуд. Вай ба коргоҳи рӯзномаи ҳаррӯзаи даҳсаҳифадори шаҳрии “Қавқоз”, ки дар ҳар як шаҳри мусулмонӣ паҳн гардида буд, ворид шуд. Вай ба муҳар-

рир батафсил вазъи худро фаҳмонда, дар ҷавоб охирӣ гуфт: “Ман ягон илоҷе мекунам”.

Муҳаммадёр офисро тарк намуд, то ки шаҳрро гаштугузор кунад. Вай шабро дар меҳмонхонаи “Баҳри Каспий” гузаронд, ки бо усули меъмории шарқӣ аз ҷониби яке аз миллионерҳои шаҳрӣ [мусулмонӣ] сохта шудааст. Саҳар вай дар яке аз мағозаҳои шинохтаи китобфурӯшӣ рӯзномаи “Қафқоз”-ро бихарид. Дар он ӯ чунин эълонро дид:

*Эълон аз ҷамъияти хайрияи мусулмонӣ:*

*Мо хоҳони онем, ки ба мактаби давлатӣ аз ҳисоби мо Муҳаммадёри чордаҳсоларо, ки аз мазҳаби мост, фиристонем, ки аз Туркистони ҳамсоя баҳри ҷустуҷӯи дониш омадааст. Аз ин сабаб, дар ҷамъияти хайрия имрӯз соати 7:30-и бегоҳ ҷаласа барпо мегардад. Ҳамаи аъзоёни боэҳтироми ҷамъият бояд сари вақт сарҷамъ шаванд. Ҷаноби Муҳаммадёр низ бояд ҳозир бошад.*

*Бо эҳтиром, мудир.*

Ҳамон шаб соати ними ҳашт, баъд аз баҳсу мунозараи байниҳамдигарии кӯтоҳмуддати аъзоён, ҷамъият қарор кард, ки ба Муҳаммадёр идрорпулӣ дода мешавад, ба шарте ки баъди хатми таҳсил Муҳаммадёр муддати ду сол дар Боку ва атрофи он кор кунад. Ба Муҳаммадёр воқеан омад кард. Аз ин баъд ӯ метавонад самараи ҳамаи мушкилиҳои пушти саркадаашро чашад. Вай омода буд бо ҷону дил ба меҳан ва халқи худ хидмат кунад.

Муҳаммадёр, ки дар ватани модарии худ кумаке аз ҳамватанонаш нагирифт, умедҳои худро ба шарофати ёрии ҷавонҳои бокугӣ амалӣ намуд. Аз ҷумла, вай ба мактаби шаҳрӣ, ки мақсади аз ҳама деринаи ӯ буд, дохил шуд. Акнун, вай ба ватан ва ҳамватанони худ хидмат хоҳад намуд, ки ӯро таҳқир мекарданд. Муҳаммадёр сарзамин ва манзили худро ба ёд оварда, гирён шуд.

Як бегоҳ вай рӯзномаеро дар тахтаи боғи шаҳрӣ қироат намуда, сарлавҳаеро дид: “Нахустнамоиши театрӣ дар Туркистон.” Ҳангоме ки хондани мақоларо ба охир расонд, пас бо мушкилӣ тавонист дар ҷояш қарор монад ва аз шодӣ ба ҷастухез сар кард. Дар ин вақт яке аз дӯстонаш аз журналистони ҷавони бокугӣ наздаш омад ва бо таҳайюр нигоҳ мекард, ки чӣ гуна ӯ меҷаҳад. Вай ӯро аз пироҳанаш дошта, ба харак шинонда, пурсон шуд: “Муҳаммадёр, чаро ту ин қадр шодмонӣ?

Муҳаммадёр қодир буд фақат гӯяд: “Аввалин н..н.. намоиши театрӣ дар Т Тур..кис..тон”. Журналисти бокугӣ андаке нишаста, баъд аз ҷой хеста рафт. Ҳангоме ки Муҳаммадёр ба соат нигоҳ кард, аллакай, нимашаб буд. Ҳеҷ кас дар боғ намонда буд, бинобар ин, Муҳаммадёр низ аз ҷой бархеста рафт.

Бо наздикшавии давраи имтиҳон, Муҳаммадёр шабу рӯз кор мекард. Ҳамин ки имтиҳонот оғоз гаштанд, Муҳаммадёр байни ҳамсинфони худ аввалин шуда онҳоро бомуваффақият супурд. Аз сабаби сарбории зиёд боз

бемории пешинаи Муҳаммадёр зуҳур кард. Бо тавсияи табиби худ, вай ба муддати як моҳ барои муолиҷа ба обҳои Боржоми раҳсипор шуд. Баъдан, бо кумаки ҳамон ҷамъияти хайрия ба **гимназияи** Боку дохил шуд. Ба ӯ таҳсил чунон маъқул буд, ки вай, ҳатто, дар таътил низ тарки мактаб накард. Соатҳо, рӯзҳо, солҳо пайи ҳам мегузаштанд. Ниҳоят, Муҳаммадёр вақти ба итмом расондани гимназия ҳам фаро расид. Имтиҳонҳои хатмкунӣ оғоз шуданд. Муҳаммадёр ин бор низ дар супурдани имтиҳон пешсаф буд ва аз ин рӯ, бо медали тилло сарфароз гардид. Муҳаммадёр боз бо кумаки ҳамон ҷамъияти хайрия ва ғайрати тоҷирони бокугӣ ба факултети тиббии Донишгоҳи Петроград дохил шуд. Дар курси дуюм вай романи "Донишҷӯён баҳри ҳаёт"- ро навишт, ки ба ҳаёти донишҷӯёни **мадраса** дар Туркистони азизаш бахшида шудааст. Он аз дувоздаҳ боб иборат буда, то ин замон ягон романи калонҳаҷм мавҷуд набуд, ки ҳаёти халқро дар Туркистон тасвир намояд. Роман, ҳатто, ба забони русӣ тарҷума шуда, дар яке аз маҷаллаҳои Петроград нашр гардид. Ин роман то дараҷае хуб нигошта шуда буд, ки ҳеҷ кас, ҳатто, чил – панҷоҳ сол дар мадраса зиндагӣ намуда, наметавонист ҳаёти донишҷӯёни мадрасаро аз ин беҳтар тасвир намояд; чӣ гуна онҳо тамоми вақти холии худро ба ҷои таҳсил гирди самовор парвона шуда, мегузаронанд.

Як сол қабл аз итмоми таҳсил дар донишгоҳ, вай пйесаи "Меҳмонҳои пойтахт"-ро роҷеъ ба тоҷирони туркистонӣ дар Маскав ва Петроград навишт. Ин пйеса бо маҳорати мумтозона нишон медиҳад, то чи андоза тоҷирони камсавод дар меҳмонхонаҳои пойтахт танҳо бо сабаби надонистани забон ва илм ранҷу озор мекашанд. Китоби мазкурро худи Муҳаммадёр ба забони русӣ тарҷума намуда, ба нашр расонд. Ҳамроҳи чанде аз дӯстонаш Муҳаммадёр ин пйесаро дар Петроград бо мақсади пул кор кардан ба намоиш гузошт. Муҳаммадёр нақши асосиро худаш бозӣ карда, лоиқи таҳсину офарини зиёд гардид. Баъд аз ҳама масрафҳо, таҳиягарони намоиш боз соҳиби 3000 рубл шуданд.

Ниҳоят, мавсими имтиҳонот фаро расид. Муҳаммадёр боз дар сафи пешсафон буда, сазовори дипломи докторӣ гашт. Вале да он мавриди ҳам аз рафтан ба хона даст кашид. Бо кумаки филантропҳо-тоҷирони Боку ва пулҳои худ, ки дар театр кор кард, ин донишҷӯи туркистонӣ ҷиҳати касб кардани таҷриба ба Швейтсария сафар намуд.

Ҳамаи дӯстони мактабиаш дар вокзал ҷамъ омаданд, то ки ӯро ба поезди шабонарӯзӣ савор намоянд. Писарчаи камбизоати туркистонӣ, мактаби русиро хатм намуда, туфайли саъю кӯшиш ва неруи худ, омода буд ба яке аз давлатҳои мутараққии Аврупо раҳсипор шавад. Ана он самараҳои меҳнати ӯ, самараҳои меҳнати пурмашаққати вай, ҳосиле ки бо саъю ғайрат ба даст омадааст. Бигузор барои дигарон ин ибрат... ибрат.... ибрат... шавад. Ана он аст шаъну эътибори ҷамъиятҳои хайрия, маҳсули ҳамраъйӣ, самараи муттаҳидӣ.

Писари туркистонии мо ба пойтахти Швейтсария болои "аспи тамаддун" фуруд омад ва чун аудитор дар факултети тиббии донишгоҳ номнавис шуд. Ӯ ҳафт соли умрашро дар Швейтсария гузаронд ва бо таҳаммулу ғайрат тамоми мушкилиҳоро паси сар намуд. Ниҳоят, вай Швейтсарияро падруд гуфт. Саёҳати Италия, Туркия, Руминия ва Булғория намуда, то Одесса ва, баъдан, ба Боку расид.

Кулли зиёиёни ҷавон дар вокзал барои пешвозгирии Муҳаммадёр– "падари маънавии" онҳо, ҷамъ омада, барои ӯ шабнишиние барои

**гимназия –**
мактаби русӣ

**мадраса –**
мактаби рӯҳонии олии мусалмонҳо

**Улоқ –**
бозии анъанавӣ, ки дар он саворагон барои соҳиб шудан ба бузи мурда мусобиқа мекунанд; бузкашӣ

панҷоҳ-шастнафар оростанд. Ӯ дар курсҳои тиббии мусулмонӣ тадрис намуда, ки се сол қабл аз ин дар Боку ифтитоҳ ёфт ва баъд аз он ӯ омода буд ба ватани худ – Туркистон рахти сафар бандад. Ҳангоми хайрухуш бо устодаш, дар Боку вай аз ӯ иҷозати рафтан кард, то ки ба ватани худ, ки хаёлан дар баҳри ҷаҳолат шино мекунад, кумак намояд. Вақте ки устодаш иҷозати рафтани ӯро медиҳад, кулли ҷавонони соҳибмаърифати Боку бегоҳ дар бандар ҷамъ омаданд, то ки ӯро гусел намоянд. Устоди вай ба ӯ соати дастии тиллоиро, ки дар он "Армуғон аз Боку" ҳаккокӣ шуда буд, туҳфа намуд. Ҳамаи ҳозирин аз ӯ хоҳиш намуданд, ки сухане гӯяд. Муҳаммадёр дар саҳнаи киштӣ бо нутқи кӯтоҳе баромад кард. Мардум қарсак мезад ва ба вай гул мепошиданд. Ниҳоят, овози баромад ва киштӣ фазои баҳриро рахна карда, ба Туркистон равон гардид.

Ана он чизе ки Муҳаммадёр дар саҳни киштӣ иброз намуд:

"Оҳ, бародарони руҳонӣ! Оҳ падарони маънавӣ! Ба шаҳри шумо чун донишҷӯи камбизоат аз кунҷаки музофотии Туркистон омадам, ҷиҳати ҷустуҷӯи дониш ва маълумот. Бо саъю кӯшиши сокинони боғайрати шумо, ман дар роҳи ба даст овардани маълумот масофаи аз донишгоҳҳои рус то худи донишгоҳҳои Аврупоро тай намудам. Дарвоқеъ, ҳамаи ин натиҷаи кори ҷамъиятҳои хайрия ва хонаҳои нашриявӣ мебошанд. Ман ҳам миёнро маҳкам баста, ба сарзаминам кумак хоҳам кард, саъй хоҳам кард, ки бародарони худро, ки қафо мондаанд ва аз хоби гарон, аз ғафлат бедор кунам. Ман сидқан манзили руҳонии худ- Боку ва шумо -волидайни маънавиямро сипос мегӯям. Ман ниҳоят ҷиҳати кумаки шумо дар бедории моён, туркистониён, ки аждаҳор-моҳиро дар дарёи ҷаҳолат монад, аз хоби ғафлат, изҳори миннатдорӣ мекунам, шумо ба мо дар ҷустуҷӯи роҳи дуруст ёрӣ намудед". Дар ин лаҳза киштӣ оҳиста ба ҳаракат даромад. "Хуш бошед, падарон ва бародарони ман!" – видоъ намуд ӯ.

Моҳии механикӣ обро пош дода, хидматкори халқро ба ватанаш мебурд. Билохира, вай дар макони хилват лангар партофта, ба "аспи тамаддун" ҷой иваз намуд. Куҷо буданд баҳрҳо ва дарёҳо бо шамолаки нозуки онҳо? Куҷо буданд зебоии кӯҳҳои Алп, ки онро дар Швейтсария, Фаронса ва Итолиё дида буд? Куҷо буданд деҳотҳои хурдакаки швейтсарӣ, ки дар қуллаҳои Алп сохтаанд ва дар он ҷо мардум пулҳои худро на барои хушрӯзӣ, **улоқ** , писарчаҳои рақскунанда ё либосҳои қиматдӯхти ашрофон, муллоён ва дигар тоифаҳои шикамкалон, балки ҷиҳати соҳибмаълумот намудани фарзандони дӯстрӯяки худ сарф менамуданд? Ҳоло онҳо дар хотирот монданд! Ба ивази онҳо хоначаҳои пасти похсагӣ ва лойӣ ва мусулмонҳое буданд, ки дар ҳолати ятимӣ дар он зиндагӣ мекарданд. Ӯзбекҳо, қазоқҳо, туркманҳо ва дигар мусулмонҳо пулҳои коркардаи худро баҳри писарчаҳои раққос, улок, майнӯшӣ ё барои либосҳои гароннарх ва парча барои муаллимон ва аъёну ашрофу сарватмандон сарф намудаанд, ғуломи заминдорони худ гардиданд.

Оҳ! Оҳ!Оҳ! Муҳаммадёр, ки пешрафт ва тамаддунро дидааст ва оне, ки ҳамаро шинохт, бо дидани касифӣ дар ватани худ, дар байни халқи ху-

нии худ, ӯро амиқан мутаҳаййир намуд. Баъзан, аз чашмони ӯ ашк ҷорӣ мешуд. Гузашта аз ин, дар поезд мусулмонҳои ҷанҷолӣ бо шӯру шавқун хоб мерафтанд ва аз ҷониби кондуктор, аз он ҷиҳат ки чиптаҳояшонро гум кардаанд, мавриди латукӯб қарор ёфтанд. Муҳаммадёр дигар тоқати онро надошт. Вай ба даҳлез баромада, бо чашмони ашколуд ба кӯҳҳои муҳташами дур, – кӯҳҳои таърихӣ, ки дар болои онҳо, дар даврони аҷдодони вай қалъаҳои азим қарор доштанд, – ба қуллаҳои кӯҳӣ, дарёҳо, бешаҳо, регҳо чашм меандӯхт. Манзараҳои зебо, кӯҳҳои дур, баланд ва сабз аз Швейтсария дида, камтар набуданд. Оби дарё ва заминҳои ҳосилхез, ҳар он касеро ки онро шудгор мекард, самари хуб ато мекард ва бадтар аз Амрико набуд. Аз сабаби тоҷирони бемаърифат, олимони "ҷоҳил", аъёну ашрофи дурӯғин ва исрофкор ин ба ҳеҷ чиз монанд набуд. Ҳатто, чиниён то ба ин андоза танбал набуданд!

Чи қашанг мешуд, агар мардум дарк мекард, хайрот барои онҳо чис, агар мактабҳои миллӣ ва коллеҷҳо ифтитоҳ мекарданд, фарзандони худро ба донишгоҳҳои аврупоӣ мефиристоданд, то ки табиб, ҳуқуқшинос, рӯзноманигор, тоҷир ва муҳандис шаванд ва агар ҳар кадоме аз онҳо вазифаҳои худро иҷро намуда, саъй мекард танҳо чизи хуберо барои мардуми мо дарёфт намояд. Чунин буданд андешаҳои ӯ. Вале бовар надошт, ки ин ҳама амалӣ мешаванд. Дар гумон аст, ки чи қадаре ки дуртар равем, ба ҳамон андоза ба поин афканда мешавем. На, на! Агар як-ду равшанфикр, ба мисли Муҳаммадёр, дар ҳар як шаҳр пайдо мешуданд, ин то дараҷае кофӣ буд. Муҳаммадёр тамоми роҳ то расидан ба шаҳри худ ғарқи андеша буд.

Шаҳри ӯ наздик меомад. Аз вақти рахти сафар кардани Муҳаммадёр дар шаҳри ӯ панҷ-даҳ нафар равшанфикр пайдо шуданд. Эшон вайро пешвоз гирифтанд. Онҳо ба фойтун нишаста, ба шаҳри куҳна равон шуданд. Дар ҷониби россиягии шаҳр ҳар навъ тағйиротҳо ба вуҷуд омаданд: меҳмонхонаҳои нав, хонаҳо, боғҳо, мағозаҳо, театрҳо, макотиб, кӯчаҳо сангфарш шуда буд, гулгаштҳо васеъ буданд, лампаҳои барқӣ швейтсариро ёдоварӣ менамуданд! Аммо қисмати шаҳр, ки дар он ҷо мусалмонҳо иқомат доштанд, бе тағйир монд. Аз ин ҳам ғуссаовар... Муҳаммадёр аз наздики хонаи падараш баромад. Он бо усули аврупоӣ, аз тарафи ҳамон русе, ки ба ӯ як вақтҳо ин хонаро ба иҷора, ба муддати шаш моҳ, ба маблағи 225 рубл дода буд, аз нав сохта шуда буд. Муҳаммадёр ӯро дида, ба забони русӣ худро муаррифӣ кард.

Марди рус гуфт:

- Ман онро аз шумо ба иҷора ба муддати шаш моҳ гирифтам. Ҳеҷ кас на баъди шаш моҳ, на баъди як сол наомад. Дар соли сеюм ман ана ҳаминро сохтам. Хароҷоти хона барои ман ба маблағи панҷ ё даҳ ҳазор рубл афтод. Аммо се сол қабл аз ин хона пештар аз ин хароҷоташро бароварда буд. Дар се соли охир аз се ҳазор ман нуҳ ҳазор сӯм фоида дидам. Ба наздикӣ ман ин хонаро холӣ мекунам ва ба шумо панҷ ҳазор рублро бармегардонам. Илтимос, боқимодаашро гузашт кунед".

Мушаммадёр гуфт:

- Агар шумо макони дигар надоред, ҳамин ҷо бимонед. Ба ман ду ҳуҷра кифоят мекунад.

- Ман боз як хоначаи хубе дорам. Ман он ҷо мекӯчам. Ман метавонистам ба шумо нуҳ ҳазор рубл диҳам, лекин чор ҳазор барои таъмир сарф шуд.

Муҳаммадёр хурсандона розӣ шуд. Субҳи дигар рустабор хонаро холӣ карда, ба Муҳаммадёр панҷ ҳазор сӯмро баргардонд. Муҳаммадёр

бо шодмонӣ дар ин манзили васеъ зиндагӣ намуд. Вай қабати якумро ба иҷора чун мағоза дода, бо иҷозати ҳукумат дар боло шифохонаи шахсиро ифтитоҳ намуд ва дар он ҷо ба муолиҷаи мизоҷон шурӯъ кард: сарватмандонро – пулакӣ, камбизоатонро – ройгон. Танҳо дар амалияи тиббии худ вай рӯзе панҷоҳ-шаст рубл пул кор мекард.

Дар деҳот қитъаи на чандон калони заминро харид ва ба туфайли саъю кӯшиш ва иқболи худовандӣ , Муҳаммадёр дар ин ҷо нафтро иктишоф намуд . Ва он замон миллионерҳо назди Муҳаммадёр омада, то ки якҷоя бо ӯ кор кунанд. Аз як тараф, вай кори шахсии худро оғоз намуд, аз дигар – дар шаҳр якчанд равшанфикронро ҷамъ намуда, ҷамъияти хайрия ифтитоҳ намуд ва ба он саховатмандона хайрияҳо мекард. Дар шаҳр бошад, толори китобхонӣ кушод. Ҳамон сол Муҳаммадёр ба чоп кардани маҷаллаи тасвирии “Ватан” ва рӯзномаи “Ахбор” шурӯъ намуд. Вақте ки ӯ масъалаеро оид ба таҳсилоти касбӣ-техникӣ бардошт, бисёр эродгирон пайдо шуданд, бинобар ин, ба ивази вай Муҳаммадёр омӯзишҳои тобистона барои муаллимонро кушод, ки дар он ҷо ба онҳо лексияҳо доир ба принсипҳои таълим қироат мекард. Ҳамин тавр, шумораҳои хонаҳои таълимӣ дар шаҳрчаи хурдакак зиёд гардид, ки он ҳамчун намуна барои дигар шаҳрҳо гардид. Дар матбуоти туркӣ-тоторӣ Муҳаммадёрро “Доктор Муҳаммадёр–Хидматгори халқ” ном мебурданд.

### САВОЛҲО БАРОИ МУҲОКИМА:

1. Чолпон ҷаҳолатро чӣ гуна арзёбӣ мекунад? Чаро ин калима дар матн зуд-зуд вомехӯрад?
2. Тамаддун барои персонажи хаёлии Чолпон Муҳаммадёр чӣ маънӣ дорад? Чаро Муҳаммадёр андеша дорад, ки шаҳрвандони Туркистон ҷоҳиланд? То ки аз “баҳри ҷаҳолат” раҳо ёфтан, кӣ барои онҳо ибрат шуда метавонад?
3. Чӣ гуна Муҳаммадёр тамаддун ва пешрафтро аз худ менамояд?
4. Чӣ гуна маориф ба ҳамватанони Муҳаммадёр ҷиҳати ноил шудан ба пешрафти тамаддуни аврупоӣ ва ҷаҳонӣ метавонад кумак кунад?
5. Кадом муаллифро, ки шумо дар боби якум қироат кардед, беш аз ҳама Чолпон ёдоварӣ мекунад? Чаро?

### САВОЛҲО БАРОИ ТАКРОР:

1. Ҳам Чолпон ва ҳам Руссо ҷаҳолатро маҳкум мекунанд. Чӣ, ба ақидаи эшон, мардумро ба ҷаҳолат меорад ва чӣ метавонад барои аз он озод шудан кумак расонад?
2. Дар “Мулоҳизаҳо...” Руссо мегӯяд, ки “ Тарбия... ақли моро ороиш дода, мулоҳизаро фасод мекунад”. Оё Чолпон бо чунин фикр розӣ аст? Ҷавоби худро бо далел исбот кунед?




**ВИЛЯМ БЛЕЙК. КИТОБИ АВВАЛИ УРИЗЕН «ЛОС ДАР ВАҲШАТ», ҲАККОКӢ, 1794**
«Уризен» дар тафсири муаллиф ба маънои табодули ақли инсонияти ғуломгашта омадааст

# ТОМАС ЭЛИОТ
# МАРДУМИ ХАЛО



Томас Стернз Элиот (1888-1965) шоир ва мунаққиди амрикоӣ-британӣ дар Сент-Луис (иёлати Миссури, ИМА) таваллуд шудааст. Ӯ яке аз шахсони бузурги соҳаи адабиёт дар асри XX ба шумор меравад. Т.С.Элиот соли 1948 ба ҷоизаи Нобел дар соҳаи адабиёт сарфароз гардид. Ӯ дар Гарвард, Сорбонна ва Оксфорд таҳсил намудааст. Соли 1914 дар Лондон маскун шуд ва соли 1927 шаҳрванди Британияи Кабир гардид. Баъд аз кор ба ҳайси муаллим ва хизматчии бонкӣ, ӯ ба касби нашриётӣ оғоз намуд. Ӯ чун ёрдамчии муҳаррири "Эгоист" (1917-1919), муҳаррири маҷаллаи шахсӣ "Критерион" (1922- 1939) фаъолият намудааст. Соли 1925 ӯро хонаи нашриёти Фабер-Фабер ба кор қабул кард ва бо гузашти айём яке аз директорони он таъин шуд. "Мардуми хало" – ин достонест, ки диди оиндаро тавсиф мекунад.

I
Мо мардуми дарунхолӣ,
Мо хӯсаем, на мардум.
Сархам мешавем якҷоя –
Дар сар дорем гард,
Ғур-ғур мекунем якҷоя
Паст-паст ва хушк-хушк,
Бе ҳис ва бе маънӣ,
Чун бод дар алафи хушк
Ё калламуше дар сина
Чун шиша ва тунука.
Як чизест бе шакл, бе соя, беранг,
Мушак бе қувва, имову ишораи беҳаракат;
Анфоси ростнигаранда
Он тарафи дигари Шоҳигарии марг
Мебинанд, ки мо роҳгумзада нестем
Анфоси пурҷӯшу хурӯш – вале танҳо
Мардуми хало,
Хӯсаем, на мардум.

II
Ман аз чашмҳо дар хоб тарсонам,
Вале дар Салтанати марги шабаҳӣ
Онҳо ҳеҷ вақт нестанд:
Ин чашмон –
Нури офтобӣ дар сутуни шикаста,
Шохаҳои ларзон;
Ва овозҳо
Дар боди сурудхон
Ботантанатар ва дуродур,
Назар баситораи хомӯшшуда истода.
Албатта, наздик намеоям
Ба Водии хомӯшони тимсолӣ,
Бигузор беқадр мекунам худро,
Бо ниқоби дурӯғин вонамуд карда,
Дар либоси калламуш, дар пӯсти зоғ
Дар майдон бо ду шаст
Дар бод –
Бахри тарси гунҷишкон,
Фақат наздик не –
Фақат на ин вохӯрии ахир
Дар шоҳигарии тира.

III
Ин кишвари мурда,
Кишвари гули кактусӣ,
Ситораи хомӯш шудаистода
Мебинад, чун дастҳо ба дуо бардошта
Ба муҷассамаҳои сангин
Қабилаҳои мурда.
Субҳ низ чунин, ҳангоме
Мо шах шуда мондаем, ситонида
Нозукӣ –
Дар ин дигар шоҳигарии марг
Лабҳое, ки ба мо ато намудаанд
Бахри бӯса,
Пичир-пичир дуо мекунанд ба
сангҳои шикаста.

IV
Дар ин ҷо чашмҳо нест –
Чашмҳо нест дар ин ҷо.

Дар водии ситораҳои хомӯшшаванда,
Дар водии хало
Дар косахонаҳои сари гумшудаи шоҳигарии мо.
Назди пули вохӯрии ахир
Ҳақирона якҷоя зиста,
Ҳарос аз нутқ дорем
Дар соҳили дарёи сероб.
Нобино, ҳоло
Чашмон надурахшиданд.
Чун ситораи хомӯшнашаванда,
Чун гули ҳазорбарг
Гули садбарги тираи шоҳигарии марг.
Танҳо умед
Барои мардуми хало.

V
Мо мерақсем назди гули ханҷар,
Гули ханҷар, гули ханҷар.
Мо мерақсем назди гули ханҷар
Соати панҷи субҳ.
Байни мафкураҳо
Ва ташвиши рӯзмарра.
Байни андешаҳо
Ва аъмол –
Соя меафтад –
Зеро ҳаст шоҳигарии ту
Байни ҷанинӣ
Ва таваллуд.
Байни ҳаракат
Ва посух.
Соя меафтад –
Ҳаёт ниҳоят дароз аст
Байни майлу рағбат
Ва даҳшат.
Байни имконият
Ва воқеият.
Байни моҳият
Ва зуҳурот.
Соя меафтад –
Зеро ҳаст Шоҳигарии Ту,
Зеро аз Ту,
Ҳаёт ҳаст.
Зеро аз Ту – ҳаст.
Ана чи гуна олам ба итмом мерасад.
Ана чи гуна олам ба итмом мерасад.
Ана чи гуна олам ба итмом мерасад.
На таркиш, балки гиряи ҳиқ-ҳиқ.



**ЭДВАРД МУНК.**
Фиғон
Дар расми машҳури худ Мунк дару ғами рассомон ва зиёйёнро дар арафаи асри XIX баён мекунад.

**Манбаъ:** Элиот Т.С. Полые люди // Бесплодная земля. Избранные стихотворения и поэмы. / Пер. с англ. Андрея Сергеева. – М.: Прогресс, 1971. С. 67-70.

**САВОЛҲО БАРОИ МУҲОКИМА:**

1. Кист он одами хало? Чӣ маънӣ дорад “вохӯрии охирон дар Шоҳигарии тира”?
2. Чӣ гуна олам ба итмом мерасад аз нигоҳи Элиот?
3. Оё Элиот олами дигарро ё олами моро нишон медиҳад, тавре ки худ онро мебинад?
4. Шоҳигарии марг чӣ маънӣ дорад? Ин дӯзах аст? Чӣ маънӣ дорад ” Як чизест бе шакл, бе соя, бе ранг...?”
5. Оё шумо пешрафти башариро дар шеъри Элиот “Мардуми хало” мебинед?

**САВОЛҲО БАРОИ ТАКРОР:**

1. “Ана чи гуна олам ба итмом мерасад, / На таркиш, балки гиряи ҳиқ-ҳиқ. Чӣ гуна гиряи ҳиқ-ҳиқи Элиот бо фисқу фасоди ҷаҳони муосир, ки Руссо тасвир намудааст, алоқаманд аст? Шеъри Элиот ва суханҳои ӯро бо далели Руссо ҷиҳати он ки “пешрафти... санъат, ҳеҷ чизеро ба беҳбудии ҳақиқии шумо” муқоиса кунед?

2. Нақлкунанда Боэтсийро мепурсад: “Магар чунон боадолатан мулоҳизаҳои мардум, касеро ки онҳо нек ё ноқис мешуморанд, дар асл чунонанд? ” Чӣ гуна ин бо мисраъҳои Элиот мувофиқа мекунад: “Ана чи гуна олам ба итмом мерасад, / На таркиш, балки гиряи ҳиқ-ҳиқ” ва “Ғур-ғур мекунем якҷоя / Паст-паст ва хушк-хушк, / Бе ҳис ва бе маънӣ?”
3. Элиот ҳофизаи таърихиро дар маънои манфӣ шарҳ медиҳад: “Мебинанд, ки мо роҳгумзада нестем /Анфоси пурҷӯшу хурӯш – вале танҳо / Мардуми хало, / Хӯсаем, на мардум”. Инро бо шиори позитивии Конт муқоиса кунед: “ Ишқ, Тартибот, Пешрафт”.

## САВОЛҲО БАРОИ МУҲОКИМА:

1. Оё дониш ва омӯзиш метавонанд инсониятро аз таназзули ногузир, ки Руссо мушоҳида мекунад, эмин дорнад? Чӣ гуна шумо ба инкори Руссо ҷавоб медодед?
2. Ба фикри шумо, оё таърихи инсоният ба самти беҳтар ё бадтар ҳаракат мекунад? Чаро?
3. Ба қавли Руссо, сарчашмаи пешрафти инсоният чист?
    - Тамаддун
    - Хирад
    - Илм
    - Дин

Ҷавоби худро шарҳ дидҳед.

4. Руссо дар бораи дониши инсоният чӣ фикр дорад? Оё он моро ба ягон чизи нек мерасонад?
5. Огюст Конт бо кадом фикри Руссо аслан розӣ шудан наметавонист?
6. Чолпан ва Боэсий дар ҷавоб ба инкори Руссо аз пешрафти инсоният чӣ мегуфтанд?
7. Аз кадом лиҳоз ақоиди Руссо ва Элиот дар бораи пешрафти инсоният ба ҳам монанданд?
8. Фирки Азиз Исмоил дар бораи таърих ва нақши он дар зиндагии мо чӣ гуна аст?

# МИННАТДОРӢ АЗ ИСТИФОДАИ АКСУ РАСМҲО

## БОБИ ЯКУМ

http://collections.hermitage.ru/entity/OBJECT/922891
http://www.artic.edu/aic/collections/modern/73pc_wood.html
Amin Maalouf. Balthasar's Odessey. Harvill Press, 2002
Francis Robinson (ed.). Islamic World. Cambridge Illustrated History. Cambridge University Press, 1996, p. 205
National Gallery of Art, Washington. Harry N. Abrams, Inc. Publishers, 1984, p. 301
Virginia Woolf. URL: http://ourworld.compuserve.com/homepages/malcolmi/vwframe.htm
https://www.amazon.com/Ester-Ruzya-Grandmothers-Survived-Hitlers/dp/0385336055?asin=0385336055&revisionI d=&format=4&depth=1
World Book Multimedia Encyclopedia, CD-RO M. Disk I. IBM, Deluxe Edition, 1997
https://proza.ru/2011/07/17/1448

## БОБИ ДУЮМ

Friedrich, Caspar David. Der Wanderer ber dem Nebelmeer, ca.1818. http://en.wikipedia.org/wiki/Image:Caspar_David_Fried
Кадр из фильма «Белое солнце пустыни».
Кадр из фильма «Белое солнце пустыни».
Francis Robinson (ed.). Islamic World. Cambridge Illustrated History. Cambridge University Press, 1996, p. 205
http://archaeology.org/0407/abstracts/timbuktu.html
World Book Multimedia Encyclopedia, CD-RO M. Disk I. IBM, Deluxe Edition, 1997
Gloria K. Fiero. Medieval Europe and the World. Beyond The Humanistic Tradition. Vol. 2. Third Edition. Calmann & King Ltd., 1998, p. 51
http://www.boondocksnet.com/ai/kipling/index.html
https://ic.pics.livejournal.com/clara1302/86695697/1751/1751_original.jpg
https://en.wikipedia.org/wiki/Suez_Canal
https://www.nps.gov/stli/index.htm
World Book Multimedia Encyclopedia, CD-RO M. Disk I. IBM, Deluxe Edition, 1997

## БОБИ СЕЮМ

Bridgeman Art Library, London
Toby Lester. «What is the Qur'an?» The Atlantic Monthly. January 1999, p. 45
John Esposito (ed.). The Oxford History of Islam. Oxford University Press, 1999, p. 119
John Bowker. World Religions, Dorling Kindersley, 1997
https://en.wikipedia.org/wiki/Kaaba
https://en.wikipedia.org/wiki/Diet_of_Worms
Michael Holford Houghton Mifflin Company. McKay, A History of World Societies, Sixth Edition
Gloria K. Fiero. Medieval Europe and the World. Beyond The Humanistic Tradition. Vol. 2. Third Edition.
"The masses". URL: http://www.katardat.org/Stalin/visual/pictures/photos1926.html
World Book Multimedia Encyclopedia. CD-RO M. Disk 1. IBM, Deluxe Edition, 1997
John Walker (ed.). National Gallery of Art, Washington DC, 1984, p. 422, image 601
https://en.wikipedia.org/wiki/Vladimir_Lenin

Bertrand Russell. Wisdom of the West. Crescent Books, 1959, p. 270
World Book Multimedia Encyclopedia. CD-RO M. Disk 1. IBM, Deluxe Edition, 1997

## БОБИ ЧОРУМ

ArchNet.org. URL: http://archnet.org
ArchNet.org. URL: http://archnet.org
ArchNet.org. URL: http://archnet.org
https://en.wikipedia.org/wiki/Blue_Mosque,_Istanbul#/media/File:Istanbul_(34223582516)_(cropped).jpg
Photo: C. Correa. The Aga Khan Award for Architecture. Housing Process and Physical Form, Photo by W. Lim. 1980, p. 45
Charles Correa. URL: http://www.toto.co.jp/GALLERMA/hist/en/biogra/correa.htm
The Aga Khan Award for Architecture. Housing Process and Physical Form, Photo by W. Lim. 1980, p. 46
The Aga Khan Award for Architecture. Housing Process and Physical Form, Photo by W. Lim. 1980, p. 47
https://upload.wikimedia.org/wikipedia/commons/e/e4/54._Briey._Cit%C3%A9_Radieuse_%28102%29.jpg
https://en.wikipedia.org/wiki/Villa_Savoye#/media/File:VillaSavoye.jpg
https://en.wikipedia.org/wiki/Central_Milton_Keynes_shopping_centre
Milton Keynes. URL: http://www.mkweb.co.uk/futurecmk/home.asp
https://en.wikipedia.org/wiki/Taj_Mahal
https://www.pravoslavieto.com/poklonnichestvo/istanbul/images/hagia/interieur1.JPG
База данных иллюстраций ПАХЧ
Дизайн кыргызской юрты. Фрунзе: Издательство Кыргызстан, 1986

## БОБИ ПАНҶУМ

Slavenka Drakuli. How we Survived Communism and even Laughed. Harper Perennial, cover page. 1993
www.pbase/com/ralf/zagreb
www.pbase/com/ralf/zagreb
www.pbase/com/ralf/zagreb
URL: http://www.globalgeografia.com/album/ungheria/budapest.jpg
Istoriya Mirovogo Iskusstva, «History of World Art", BMM, 1998, p. 234
Dancing Dervishes. URL : http://www.zweitausendeins.de/index.htm?/displayV2.cfm?dsplnr=2661&language=1
Halil Inalcik.The Ottoman Empire: the Classical Age 1300-1600. Phoenix Paperback, 1973, pp. 132-133
Islam: Eyewitness Books. New Y ork: DK Publishing, 2002, p. 37
World Book Multimedia Encyclopaedia. CD-RO M. Disk 1. IBM, Deluxe Edition, 1997
Philip Mansel. Constantinople: City of the World's Desire, 1453-1924, Penguin Books, 1995, pp. 256-257
Big Brother is Watching You. URL: http://www.fantasticpromotionsinc.com/bigbrother.htm
George Orwell. URL: http://www.george-orwell.org/l_pictures.html

## БОБИ ШАШУМ

https://en.wikipedia.org/wiki/Brethren_of_Purity#/media/
File:Double-leaf_frontispiece_from_%22The_Epistles_of_the_Brethren_of_Purity%22.jpg
URL: http://gallery.euroweb.hu/tml/b/boel
URL: www.tesorillo.com/.../ljulio_cesar.htm
URL: http://www.artrenewal.org/images/artists/c/Claesz_Pieter/large/Vanitas_Still_Life_WGA.jpg
URL: http://humanities.edu.ru/db/msg/22774
Wikimedia Commons URL : http://commons.wikimedia.org/wiki/Image:David_-_The_Death_of_Socrates.jpg
Roy Porter. The Greatest Benefit to Mankind. Fontana Press, 1997, plates
Daniel Brower and Edward Lazzerini (ed.). Russia's Orient Imperial Borderlands and Peoples, 1700-1917, Indiana University Press, 1997, p. 192
Архив Блэйка www.blakearchive.org.uk
Blake: Urizen. URL: http://www.artchive.com/artchive/B/blake/blake_urizen_9.jpg.html
Wikimedia Commons. URL: http://en.wikipedia.org/wiki/Image:The_Scream.jpg

# МУҚАДДИМАИ ИНСОНШИНОСӢ

Муҳаррир: Моҳира Сангмамадова

ДОНИШГОҲИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ
**Барномаи «Инсоншиносӣ»-и Оғохон**
734013 Тоҷикистон, ш. Душанбе
К. Нисор Муҳаммад 61/2
Сомона https://akhp.ucentralasia.org